ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2020. №4

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2020. №4

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2020. No.4

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2020

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдучаббор Азиз — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хоҷаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2020. – №4. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).© ДМТ, 2020

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт — *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло — *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*

Юсуфзода Носирджон Салими — *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан*

Рахматуллозода Сахидод — *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан*

Назарзода Сайфиддин — *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*

Исмоилов Шамсулло Исмоилович — *Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. С. Улугзаде*

Абдуллозода Масрур Ахмад — *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*

Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*

Кучарзода Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондентАкадемии наук Республики Таджикистан*

Саидов Халимджон Азизович — *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*

Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*

Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*

Ходжаев Давлатбек — *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*

Дустов Хамрохон Джумаевич — *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2020. – №4. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2020

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY
Founder of journal: TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	*Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	*Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharzoda Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2020. – №4. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.© TNU, 2020

УДК: 491.71

РОБИТАИ МАЪНОИВУ СУВАРИИ ИШТИҚОҚУ МУШТАҚОТ

Кабиров Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи иштиқоқу муштақот, ки дар илми забоншиносии кунунӣ онҳоро дар бахши калимасозӣ вориду таҳқиқ мекунанд, ҳанӯз дар қуруни вусто аз назари донишмандон дар канор намондаанд. Лекин ҳаминро бояд гуфт, ки ҳангоми гурӯҳбандии улуми адабӣ, ки теъдоди онҳоро на камтар аз 15-то зикр кардаанд, иштиқоқ дар радифи онҳо низ сабт шудааст. То ҷое, ки огоҳӣ дорем ва чуноне ки забоншинос Д. Хоҷаев дар таҳқиқоти ҷиддиву арзишмандаш таҳти унвони «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» собит намудааст [ниг.: 14, с.2013] дар асрҳои миёна масоили марбути забоншиносӣ дар доираи илмҳои фалсафаву мантиқ ва мусиқӣ ё худ дар чаҳорчӯбаи улуми сегона (арӯз, қофия ва бадеъ) ва фарҳангҳо шарҳу тавзеҳ дода мешуд.

Тавре ки ишора кардем, аксари мутафаккирони асримиёнагӣ зимни баёни масоили илмҳои мантиқ, мусиқӣ ва фалсафа ҳамзамон перомуни илми забоншиносӣ, аз ҷумла иштиқоқ низ, яке андаке, дигаре бештаре маълумот додаанд, ки, хусусан, дар ин замина андешаҳои донишмандони фарзона Насируддинини Тӯсӣ, Маҳмуди Омулӣ, Воҷидалихони Муҷмалӣ қобили таваҷҷуҳанд.

Чунончи, Насируддини Тӯсӣ дар асари гаронарзишаш «Асос-ул-иқтибос» оид ба вижагиҳои вожагон таваққуф намуда, аз ҷумла, менигорад: «Ва бошад, ки миёни алфоз мушокилате афтад ва он аз ду навъ холӣ набувад: ё мушокилати лафз тобеи мушокилати маъно бувад ё набувад ва аввалро **асмои муштақа** хонанд, монанди **носир** ва **насир** ва **мансур**. Ва ҳароина ба аввали лафзе мавзӯъ буда бошад, то дигар алфоз аз ӯ **иштиқоқ** карда бошанд, монанди **наср** дар ин сурат. Ва иштиқоқро чаҳор шарти дигар бибояд: муносибати **лафзӣ** ва **маънавӣ** миёни **мавзӯъ** ва **муштақ** ва муғоират дар ҳар ду ва асмои мансуба чун арабӣ ва аҷамӣ низ аз ин қабил бувад» [8, с.9]. Профессор Д. Хоҷаев дар идомаи андешаи мутафаккир илова мекунад, ки: «Ин се калима (яъне насир, носир ва мансур – К. Ш.) бо маъниҳои гуногун меоянд. Чунончи, калимаи «насир» ба маънои «ёридиҳанда» буда, «носир» бошад, ба маънои «муҳофиз» меояд, аммо калимаи «мансур» «муҳофизатшуда»-ро мефаҳмонад. Ин се калима аз як решаи «наср» (ёрӣ) аст, бинобар ин, аз ҷиҳати шакл онҳо ҳамшакл ва аз ҷиҳати маъно низ вобастаанд» [14, с.116].

Шамсиддин Муҳаммад Маҳмуди Омулӣ яке аз донишмандони мумтози дигаре, ки дар асараш «Нафоис-ул-фунун фӣ-ароис-ул-уюн» (таълифаш 1342 ҳ.) илми адабиётро ба 15 қисмати ҷудо намудааст ва фасли чоруми онро ба илми иштиқоқ бахшидааст, мегӯяд: «Илми иштиқоқ иборат аст аз радди сиғаи мухталифа бо асли воҳид ҷиҳати иштироки эшон дар ҷомеи ҳуруфи усул ё аксари он ва таҳқиқи муносибат дар маънии ӯ. Дар иштиқоқ чаҳор чиз ночор бувад: асле, ки онро муштақ минҳу хонанд ва фаръе, ки онро муштақ хонанд ва муносибати миёни маъонӣ аз ҳар як ду. Ва иштиқоқ се навъ аст: **сағир** ва **кабир** ва **акбар**» [7, с.56]. Мавсуф ҳар навъи иштиқоқро бо ҷузъиёту нозукиҳояшон шарҳу тавзеҳ намуда, робитаи маъноӣ ва суварии (шаклии) вожаҳои муштақшударо (муштақотро) дар доираи тасрифи феъл нишон додааст. «Ҳамин равиши гурӯҳбандии улуми адабӣ дар асари донишманди асри XV Абдуқаҳҳор бинни Исҳоқ муқаллаб ва мутахаллис ба Шариф (ваф. 896ҳ.) «Арӯзи ҳумоюн» ё «Мизон-ул-авзон» риоя шудааст» [14, с.175-176]. Ӯ низ фасли сеюми асарашро ба илми иштиқоқ ихтисос дода, се навъи иштиқоқ: **сағир, кабир** ва **акбар**ро ба қалам додааст [14, с.176]. Воҷидалихони Муҷмалӣ ҳам дар асараш «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун», ки солҳои 1845-1846 дар Ҳиндустон таълиф шудааст, оид ба илмҳои гуногуни замонааш маълумоти муқаддимотӣ додааст, ки аз лиҳози маълумоти забоншиносӣ низ арзиши баланд дошта, тасрифи феълро (феълҳои тоҷикӣ) дар чаҳорчӯбаи иштиқоқ чунин тавзеҳ медиҳад: «Тамом шуд қоидаи иштиқоқи чиҳил сиға**ҳо**? (сиға – К.Ш.): бист сиға аз воҳиди ғоиби феъли мозӣ бад-ин тафсил, ки шаш сиғаҳои мозии мутлақ ва шаш сиғаҳои мозии истимрор ва шаш сиғаҳои феъли мустақбал ва ду сиғаҳои исми мафъул –ҳамагӣ бист шуданд. Ва бист сиғаҳо аз воҳиди феъли музореъ бад-ин тафсил…» [2, с.352-364].

Қобили зикр аст, ки оид ба иштиқоқ дар фарҳангҳои даврахои охир, аз ҷумла, дар «Ғуёс-ул-луғот» (ҒЛ), «Фарҳанги Амид» (ФА), «Фарҳанги Муин» (ФМ), «Мунтахаб-ул-луғот» (МЛ), «Фарҳанги форсии имрӯз» (ФФИ), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ФЗТ) ва ғ. сабт шудааст, ки муштақот ба асоси «шикастани решаи калима» ҳосил мешавад.

Тавре ишора шуд, иштиқоқу муштақот хосси вожаҳои арабӣ буда, тавассути шикастани решаи калимаҳо, ки аз ҳамсадоҳо ташаккул меёбанд, сурат гирифта ва ин маълумоти фарҳангҳои мазкур тақрибан яксон буда, чун намуна тавзеҳу ташреҳи муаллифи фарҳанги муътабари «Фарҳанги Амид» чунин аст: «Иштиқоқ-*а.* шикофтан, нимаи чезеро гирифтан, гирифтани калимае аз калимаи дигар ва дар истилоҳи илми бадеъ **иштиқоқ ё иқтизоб** он аст, ки шоир ё нависанда калимоте истеъмол кунад, ки аз як мода (реша – К.Ш.) муштақ шуда бошанд. Мисли: **азал** ва **маъзул, ифтихор** ва **тафохур, ҳикмат** ва **ҳаким**.

Мисол: **Ҳаким** он кас, ки **ҳикмат** нек донад,

Сухан **муҳкам** ба **ҳукми** хеш ронад [13, с.108].

Қобили зикр аст, ки маълумоти ФЗТ перомуни иштиқоқ аз лиҳози забоншиносиву адабиётшиносӣ сурат гирифтааст. Чунончи: «**Иштиқоқ** *а.* 1. г*рам.* Сохтани калимае аз калимаи дигар; калимасозӣ; *мач.* баромадан, ҳосил шудан.

Ҳам бад-он раҳ, к-иштиқоқи «феъл» аз «фоил» бувад,

Чарху саъд аз кунияту номи ту гиранд иштиқоқ (Мунучеҳрӣ).

2. адш. Яке аз санъатҳои бадеии лафзиест, ки нависанда якчанд калимаро зикр мекунад, ки аз як реша гирифта шудааанд, чунончи, дар мисоли зерин:

Ҳаким он кас, ки **ҳикмат** нек донад,

Сухан **муҳкам** ба **ҳукми** хеш ронад (Фарҳанги Дабиристонӣ)»… [13, Ҷ.1, с.517].

Адабиётшинос Холиқ Мирзозода низ чунин қайд мекунад: «Иштиқоқ – аз калимаи арабии «шақ» – шикофтан, чок кардан. «Иштиқоқ» овози калимаҳоро аз ҳам ҷудо карда, калимаи нав сохтан (калимасозӣ) – яке аз санъатҳои шеърӣ – лафзӣ буда, аз як решаи калима чанд калимаи наздикмаъно сохтан...» [6, с.48-49].

Олимони шинохтаи эронӣ Муҳаммад Ризо Ботинӣ [10, с.223-235] ва Мустафо Зокирӣ [3,с.372-435] оид ба нақши иштиқоқ батафсил таваққуф намуда, аз ҷумла, қайд мекунанд, ки иштиқоқ ин аз исм ё сифат феъл ва аз феъл исм ё сифат сохтан буда, аз як мақулаи (категория – К.Ш.) дастурӣ ба мақулаи дигар гузаштан аст ва Муҳаммад Ризо Ботинӣ ин қазияро дар доираи феълҳои басит (сода –К.Ш.) мавриди таҳқиқ қарор дода, феълҳои **намудан** – *намуд, намудор, намуда*; **фирефтан** – *фирефта, фирефтагӣ, фиреб, фиребо, фиребоӣ, фиребанда, фиребандагиро* далел меорад [7, с.225]. Мустафо Зокирӣ бошад, перомуни тафовути усули вожасозии арабӣ аз форсӣ андешаронӣ карда, зикр менамояд, ки: «Илми вожасозӣ дар арабӣ, яъне ба даст овардани луғоти ҷадид аз луғату решаҳои мавҷуд; ба даст овардани калимоти фаръӣ аз калимоти аслӣ ва ба ибороти дигар, таъйини муштақоти ҳар калима; таъйини ин ки як калимаи муайян аз чӣ асле ва мабное сохта ва гирифта шудааст». Ва идома медиҳад, ки модаи калимаҳои арабӣ аз се ҳарфи сомит (ҳамсадо –К.Ш.) дуруст мешавад, ки ҳомили маънои аслии калима аст ва дар форсӣ иштиқоқ бо ду роҳ сурат мегирад: яке бо роҳи ҳамнишинии ду ё чанд вожа ва падид овардани як вожаи мураккаб ва «… дигаре бо афзудани пешвандҳо ва пасвандҳо ба решаҳои калимот ва мо ин равиши дуюмро иштиқоқ меномем» [3, с.374].

Забоншинос А. Ҳасанов дар ҳамин равиш мақолаи муфассалу арзишманде таҳти унвони «Вижагиҳои ташаккули муштақот дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ» ба табъ расонида, муаллиф пешванду пасвандҳоро, ки шоир дар калимасозӣ корбурд намудааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст [15, с.290-302]. Маъмулан, муҳаққиқон иштиқоқу муштақотро хосси вожаҳои арабӣ эътироф намуда, зуҳури муштақотро аз иштиқоқ маҳз дар асари шикастани решаи вожаҳои арабӣ ба қалам додаанд. Аммо дар мақолаи зикршуда решаи вожаҳо осеб надида, танҳо бо ҳамнишинии вандҳо бо вожаҳои тоҷикию арабӣ калимаҳои ҷолибу нодир эҷодкардаи мавлои Румро баррасӣ намудааст.

Забоншиносон А. Зоҳидов [4, с.16-29] ва М. Олимҷонов [9, с.120-132] бошанд, калимасозии навъи мураккабро низ ҳамчун муштақот таҳлилу баррасӣ намудаанд. Бояд гуфт, ки, маъмулан, вожаҳои мураккаб аз решаҳои гуногун ташаккул меёбанд, яъне ҳамреша нестанд. Бинобар ин, вожаҳои мураккабро ба иштиқоқу муштақот мансуб донистан, ба андешаи инҷониб, баҳсангез буда, вале чун ҳадафи мо баррасии робитаи маъноӣ ва суварии иштиқоқу муштақот аст, аз ин лиҳоз, аз идомаи баҳс дар ин маврид канорачӯйӣ мекунем.

Аз забоншиносони тоҷик танҳо профессор М.Н. Қосимова иштиқоқу муштақотро, асосан, хосси калимаҳои арабӣ дониста, зуҳури муштақотро дар шикастани решаи (аслӣ) калимаҳои арабӣ ва ҳамреша будани онҳо мебинад, ки бо маълумоти донишмандони пешин мувофиқ аст. Чунончи, мавсуф перомуни истилоҳоти мансуби калимасозии ниёгонамон таваққуф намуда, илова ба маълумоти фарҳангномаҳо оид ба иштиқоқ, инчунин тавзеҳ медиҳад, ки муштақот ба асоси «шикастани решаи калима» ҳосил шуда, «Асосан, иштиқоқ аз калимаҳои **сеҳарфаи решагии арабӣ** (таъкиди мо), ки онро сулосӣ

мегӯянд, бештар иборат аст. Лекин калимаҳои дуҳарфаи решагӣ (саноӣ) ва чаҳорҳарфаи решагии (рубоӣ) арабӣ низ дар калимасозӣ иштирок мекунанд» [5, с.21-22].

Мусаллам аст, ки тахминан шаст-ҳафтод фоизи захираи луғавии забони тоҷикиро иқтибосоти арабӣ ташкил медиҳанд. Ҳатто, ба андешаи донишманди шинохта Зафар Саидзода, «… зиёда аз ҳаштод дарсади калимаҳои забони тоҷикӣ решаи арабӣ доранд» [11, с.120], ки шояд дар ин нукта (ба истиснои осори илмии асримиёнагӣ) зиёдаравӣ бошад, лекин воқеият низ дорад.Тавре зикр шуд, иштиқоқу муштақот хосси вожаҳои иқтибосии арабӣ буда, тавассути шикастани решаи калимаҳо, ки аз ҳамсадоҳо ташаккул меёбанд, сурат гирифта, ин навъи калимасозӣ ба забонҳои дорои сохтори флективӣ, аз ҷумла арабӣ, хос мебошад. Чунончи, аз феъли КаТаБа вожаҳои: КиТоБ, маКТаБ, маКоТиБ, маКТуб, КоТиБ(а), муКоТиБа, КиТоБат, КаТБӣ ва ё аз решаи ҲаКаМа вожаҳои: ҲуКМ, маҲКуМ, маҲКаМа, ҲоКиМ, ҲиКМат, ҲиКаМ, ҲоКиМ, ҲуКуМат, ҲоКиМият, ҲуККом, МаҲКам, таҲКиМ, истеҲКоМ ва ғ. муштақ, яъне ҳосил шудаанд.

Чуноне ки аз намунаҳои фавқ бармеояд, иштиқоқу муштақот ҳам аз **лиҳози маъноӣ** ва ҳам аз **лиҳози суварӣ** иртибот доранд. Яъне вожаҳои муштақшуда маъноҳоеро ифода мекунанд, ки бунёди ҳамаашон ба решаи ягона тааллуқ дошта, ё худ аз як реша маншаъ гирифтаанд. Лекин лозим ба зикр аст, ки наздикӣ ва иртиботи маъноии муштақот ва қаробату ҳаммаъноии муродифот дар як сатҳ қарор надоранд. Дар чаҳорчӯбаи **робитаи парадигматикӣ (интихобӣ, амудӣ)** барои муродифот дар занҷираи гуфтор **робитаи синтагматикӣ (ҷойнишинӣ, уфуқӣ**) қоидаи «ё ин, ё он» [1, с.296], «или-или» [12, с.227] ҷорӣ буда, лекин муштақот бо ифодаи маъно дар занҷираи гуфтор наметавонанд, ки ҷойи якдигарро иваз намоянд. Аммо аз лиҳози иртиботи шаклӣ (суварӣ) бошад, дар тамоми вожаҳои мисоли аввал ҳамсадоҳои **к, т, б** ва дар вожаҳои мисоли дуюм ҳамсадоҳои **х, к, м**, ки решаро ташкил додаанд, чун сутуни (склети) вожаҳои мавриди назар ҳатмӣ буда, аз ҳамшаклии онҳо далолат мекунанд, ки ин гуна робитаи суварӣ дар муродифот ба назар намерасад. Тавре ки аз баррасии иҷмолии масъалаи иштиқоқу муштақот бармеояд, андешаҳои донишмандони пешину имрӯз перомуни иштиқоқу муштақот мухталифанд.

Андешаҳои фарҳангнигорону донишмандони асримиёнагӣ, ки иштиқоқу муштақотро хосси калимаҳои арабӣ ба қалам додаанд, шояд ба иллати он бошад, ки он замон масоили баррасии сарфу наҳв дар доираи дастури забони арабӣ (вожаҳои арабӣ) сурат мегирифт ва калимасозии арабӣ (вобаста ба флективӣ будани сохтори ин забон) бо усули шикастани решаи (аслӣ) калима амалӣ мешуд.

Ҳамин тариқ, дар муродифот иртиботи суварӣ ба назар нарасида, танҳо ба асоси иртиботи маъноӣ силсилаи муродифиро ташкил намуда, муродифот дорои сарсилсила мебошанд. Аммо дар муштақот ҳам робитаи маъноӣ ва ҳам робитаи суварӣ ба мушоҳида расад ҳам, лекин силсилаи маъноӣ ва сарсилсила надоранд ва аз як калимаи решагӣ, аслӣ (иштиқоқ) маншаъ гирифта, ба асоси қолабҳои (вазнҳои) гуногуни калимасозии арабӣ вожаҳои нав сохта мешавад ва метавон гуфт, ки ин усул ё амалия назарияи шаҷарараро мемонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З.Мухторов. – Душанбе, 2016. - 428 с.
2. Воҷидалихони Муҷмалӣ. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун / Муҷмалӣ, Воҷидалихон. - Нувалкишвар, 1389ҳ.– С. 352-364.
3. Зокирӣ, Мустафо. Иштиқоқи омиёна ва вожасозии тафаннунӣ / Мустафо Зокирӣ // Маҷмӯаи мақолоти семинори забони форсӣ ва забони илм. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1373ҳ. – С. 372-435.
4. Зоҳидов А. Хусусиятҳои калимасозии Сайидои Насафӣ / А. Зоҳидов // Номаи Донишгоҳ. – 2014. - №3 (40). – С.16-29.
5. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2007. - 171 с.
6. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1992. - 238 с.
7. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ (Муин) / Муин, Муҳаммад. –Теҳрон, 1387ҳ. 1280 с.
8. Насируддини Тусӣ. Меъёр-ул-ашъор / Тӯсӣ, Насируддин. –Теҳрон, 1326ҳ. - 599 с.
9. Олимҷонов М. Мавқеи исмҳои хос дар ташаккули калимаҳои муштақ / М. Олимҷонов // Сухан аз гавҳариёни сухан. – Хуҷанд, 2017. – С. 120-132.
10. Ризо, Ботинӣ Муҳаммад. Истифода аз иштиқоқ дар вожасозии илмӣ / Ботинӣ Муҳаммад Ризо // Маҷмӯаи мақолоти семинори забони форсӣ ва забони илм. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1373ҳ. – С.223-235.
11. Саидзода З.Ш. Истиқлолияти давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ / З.Ш. Саидзода. – Душанбе, 2013. - 199 с.
12. Степанов Ю.С. Основы общего языкознания / Ю.С. Степанов. –М.: Просвещение, 1975. - 270 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энсиклопедия.Ҷ.1. - 1969. – 951 с.
14. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 343 с.
15. Ҳасанов А. Вижагиҳои ташаккули муштақот дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ / А. Ҳасанов // Ганҷинадори мероси ниёгон. – Хуҷанд, 2007. – С.290-302.

РОБИТАИ МАЪНОӢ ВА СУВАРИИ ИШТИҚОҚУ МУШТАҚОТ

Дар мақола назару андешаҳои мутафаккирону фарҳангнависони пешин оид ба иштиқоқу муштақот мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки эшон ин навъи калимасозиро хосси вожаҳои арабӣ ба қалам дода ва бо шикастани решаи калимаҳои арабӣ ҳосилшавии муштақотро аз иштиқоқ (реша ё модаи калима), ки хосси забонҳои флективӣ мебошад, қайд намудаанд. Як зумра муҳаққиқони муосир бошад, ташаккули муштақотро дар доираи вожаҳои тоҷикӣ тавассути вандҳо ва калимаҳои мураккаб низ манзур намудаанд, ки ихтилофи андешаҳо ба назар мерасад. Сониян, бо далелҳо дар мисоли ду вожаи арабӣ: **катаба** ва **ҳакама** ташаккули муштақоти ҳар ду вожа ва робитаи маъноӣ ва суварии иштиқоқу муштақоти ҳар яки онҳо муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: иштиқоқу муштақот, калимасозӣ, вожаҳои арабӣ, флексия, реша, вандҳо, вожаҳои мураккаб, робитаи маъноӣ, робитаи суварӣ, муродифот.

СМЫСЛОВОЕ И ФОРМАЛЬНОЕ ОТНОШЕНИЕ ИШТИКОК (КОРНЕВЫХ) И МУШТАКОТ (ПРОИЗВОДНЫХ СЛОВ)

В статье рассмотрены мнения и интерпретации средневековых мыслителей и лексикографов о словообразовании арабских слов путём слома корней слов и указывают, что такое правило словообразования относятся к корням арабских слов, т.е. к флективным языкам. Однако, некоторые нынешние языковеды правило словообразования, которые сугубо относятся к арабским словам (иштикок и муштакот), применяют также при словообразовании таджикских слов путём аффиксации и словосложения (сложных слов). Далее, на основе двух корней арабских слов: **катаба и ҳакама** определены смысловое и формальное отношение производных слов (муштакот) от указанных корней (иштикок).

Ключевые слова: иштикок, муштакот, словообразование, арабские слова, флексия, корень, аффиксы, сложные слова, смысловое отношение, формальное отношение, синонимы.

SEMANTIC AND FORMAL RELATIONSHIP OF ISTIK (ROOT) AND MUSTAKOT (DERIVED WORDS)

In the article, the opinions and interpretations of medieval thinkers and lexicographers about the word formation of Arabic words are considered by breaking the roots of words and it is indicated that such word-formation rule refers to the roots of Arabic words, i.e. to inflected languages. Some current linguists use the rule of word-formation also in word-formation of Tajik words by affixation and compounding (compound words), however it is strictly related to Arabic words (ishtikok and mushtakot). Further, based on the two roots of the Arabic words: **kataba** and **hakama**, it is determined the semantic and formal relationship of the derived words (mushtakot) from the indicated roots (ishtikok).

Key words: ishtikok, mushtakot, word-formation, Arabic words, inflection, root, affixes, compound words, semantic relation, formal relation, synonyms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кабиров Шаҳбоз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанб, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kabirovf@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Сведения об авторе: ***Кабиров Шахбоз*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **kabirovf@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-09-38-36**

Information about aphtors: ***Kabirov Shahboz*** - Tajik National University, professor, the Department of Tajik Languageand Methods of Teaching Tajik Language and Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pr. Rudaki, 17. E-mail: **kabirovf@mail.ru**. Tel.: **(+992) 904-09-38-36**

УДК: 811.21/.22+811.441

КАЛИМАСОЗИИ ЯКЧАНД ПАСВАНДИ ТОҶИКӢ БО ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳимми ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон калимасозӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун қисми алоҳидаи илми забоншиносӣ, сохти калимаҳо ва қонунҳои сохта шудани онҳоро меомӯзад. Меъёру қолабҳо, тарзу усул ва роҳҳои калимасозии ҳар забон дар ҷарёни ташаккули таърихии он шакл гирифта инкишоф меёбанд, ки забони тоҷикӣ низ аз ин истисно нест [ниг.: 6, с.17; 12, с.98-99]. Қолабҳои калимасозии забон нисбатан устувор буда, дар давоми садсолаҳо бетағйир боқӣ мемонанд. Дар заминаи ин қолабҳо калимаҳои нав сохта шуда, бо ин роҳ таркиби луғавии забон бою ғанӣ мегардад. Ҷараёни офаридани воҳидҳои нави лексикӣ дар забон интиҳо надорад ва ба таври беохир давом мекунад. Дар офаридани чунин воҳидҳои нави луғавӣ нақши пасвандҳои калимасоз калон мебошад.

Яке аз хусусиятҳои морфологии асарҳои Ҷомӣ калимасозии иқтибосоти арабӣ бо ёрии пасвандҳо мебошад, ки то ҳанӯз мавриди тадқиқоти ҷудогона қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, дар ин мақола мо тасмим гирифтем, дар бораи имконоти калимасозии

иқтибосоти арабӣ бо якчанд пасванд дар асарҳои насрии Мавлоно Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» изҳори ақида намоем.

Пасванди -ин. Бо ин пасванд аз зарфҳои *аввал, охир* сифатҳои нисбии ***аввалин*у *охирин*** сохта шудааст, ки аломати предметро нисбат ба замон ифода менамоянд:

Агар омадаӣ, ки илми ***аввалин****у* ***охирин*** *биёмӯзӣ, инро рӯй нест. Ин ҳама Холиқ донад* [14, с.61].

Дар забони арабӣ низ паванди ҷамъбандии **-ин** мавҷуд аст. Бо ин пасванд аз исму сифатҳо шакли ҷамъи солими ҷинси мардона сохта мешавад, ки ин гуна исму сифатҳо дар забони адабиёти классикӣ, ба хусус дар забони наср серистеъмол буданд. Дар асарҳои мавриди тадқиқӣ мо низ аз калимаҳои иқтибосии арабии *тобеъ, муқарраб, мутақаддим, мутаахҳир* бо пасванди **-ин** ҷамъ баста шудаанд: ***тобеин, муқаррабин, мутақаддимин, мутаахҳирин***:

Чун асри баъдӣ омад, он касон, ки бо эшон ҳамсуҳбатӣ карданд, номи ***тобеин****ро гирифтанд...* [14, с.53]; *Ҳаққ, субҳонаҳу, бар дил таҷаллӣ кард ва Расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бар дасти тоифа аз малоикаи* ***муқаррабин*** *ба маҳзари авлиёи* ***мутақаддимин*** *ва* ***мутаахҳирини*** *он ҷо ҳозир эҳё ба аҷсоди худ ва амвот ба арвоҳи худ хилъате дар вай пӯшониданд ва малоикаву риҷоли гайб маҷлиси вайро дар миён гирифта буданд* [14, с.629].

Пасванди -нок. Бо ин пасванд бештар аз исмҳои маънӣ сифати аслӣ сохта мешавад, ба маънои дар решаи калима омадагӣ ё бо аломати асосии калима доро будани предметро мефаҳмонад [ниг.: 2, с.141; 3, с.186]. Бо ин пасванд аз ҷумла аз исмҳои абстракти арабӣ низ сифатҳои аслӣ сохта мешавад. Ба монанди: ***воҳиманок, аламнок, шубҳанок, ҳайбатнок, ҳасратнок, зарарнок, шиддатнок, таҳлуканок, ҳикматнок, саводнок, тантананок*** ва ғайра. Дар асарҳои мавриди тадқиқи мо бо пасванди **-нок** калимаҳои ***қувватнок*** ва ***гамнок*** ба назар расиданду халос:

Солҳо ба Макка муҷоварат карда, бовараъ буда, ҳақгӯяндаи бебок ва голибу ***қувватнок*** [14, с.216]; *Яке аз асҳобро* ***гамнок*** *дид, фармуд: Ҳама дилтангиҳо аз дилниҳодагӣ бар ин олам аст* [14, с.567].

Дар мисолҳои боло калимаи қувватнок ҳамчун сифат ба вазифаи хабари номӣ омада, ***гамнок*** ба вазифаи зарфи тарзи амал истеъмол шудааст. Дар вожаи ***қувватнок*** пасванди **-нок** бо пасванди **-манд** ва пешвандҳои **бо-, ба-** қобилияти муродифшавӣ дорад: **қувватнок // қувватманд // боқувват // бақувват**. Дар вожаи ***гамнок*** бо сасванди **-гин** ҳаммаъно мешавад: ***гамнок // гамгин.***

Вожаи ***гамнок*** ҳамчунин ҷузъи маънодори феъли таркибии номӣ бо феъли ёвари ***шудан*** истеъмол гардидааст:

Ва дар марази ахир бо асҳоб гуфтааст, ки аз рафтани ман ***гамнок машавед****, ки нури Мансур, раҳимаҳуллоҳу таоло, баъд аз саду панҷоҳ бар рӯҳи Шайх Фаридуддини Аттор, раҳимаҳуллоҳу таоло, таҷаллӣ кард ва муршиди ӯ шуд* [14, с.569-570].

Пасванди -онӣ аз исмҳои арабии *раб(б), рӯҳ, ҷисм, наср, нур*, *ҳақ(қ), наср* сифатҳои нисбии ***раббонӣ, ҷисмонӣ, рӯҳонӣ, насронӣ*** ва сифатҳои аслии ***нуронӣ*** ва ***ҳаққонӣ*** сохтааст, ки ба аломату хосияти решаи калима молик будани предметро мефаҳмонад:

Ва ҳамчунин аз хидмати шайхи ***раббонӣ*** *Муҳаммад ибни ас-Сакарон ал-Багдодӣ Нуруллоҳи Нафаса ва аз суҳбати гайри эшон аз акобир тарбият пазируфт ва мунтафеъ гашт* [14, с.691]; *Шайх Рӯзбеҳон рӯй бо эшон карду гуфт: «Биёед, ки аз қайди ин ҳаёти* ***ҷисмонӣ*** *ва зиндагонии фонӣ берун оем ва ба ҳаёти абадии* ***рӯҳонӣ*** *мутассаф шавем!»* [14, с.340]; *Қорураи вайро гирифтем, ки ба табибе барем* ***насронӣ*** [14, с.340]; *Пире дид бо рӯйи* ***нуронӣ*** *ва мӯйи сафед ва хун аз дидаи вай давида ва бар рӯйи вай хушк шуда, аммо механдид* [14, с.447]; *...баъд аз он чун ба вуҷуди* ***ҳаққонӣ*** *ва бақои баъд ал-фано муҳаққақ гардад, дигар фонӣ нашавад* [13, с.344].

Сифатҳои нисбии ***ҷисмонӣ*** ва ***рӯҳони****ро* нависанда ҳамчун антонимҳои луғавӣ кор фармудааст. Сифати нисбии ***насронӣ*** бошад, субстантиватсия шуда, исми шахсро ифода кардааст:

Насронӣ *онро қабул кард ва бо вай ба Қустантания рафт…* [14, с.340].

Пасвандҳои -ия // -ият, -ония // -оният. Ин пасвандҳо асосан ба калимасозии забони арабӣ хос мебошанд. Вожаҳое, ки бо онҳо сохта шудаанд, ду марҳилаи калимасозиро аз сар гузарондаанд: аввалан аз ҳиссаҳои мухталифи нутқ бо пасвандҳои **-ӣ** ва **-онӣ** сифати нисбӣ, баъдан аз чунин сифатҳои нисбӣ бо пасванди **-я // -ят** (вариантҳои **-а // -ат**) сифатҳои ҷинси занона ва исмҳои абстракт (кайфият) сохта мешавад [ниг.: 5, с.93; 4, с.68; 11, с.422; 15, с.430-431]. Дар асарҳои мавриди тадқиқи мо пасвандҳои **-ият, -оният** нисбатан серистеъмоланд ва бо ёрии онҳо аз чунин ҳиссаҳои нутқ исмҳои абстракт сохта шудааст:

а) Аз исмҳои ифодакунандаи шахс: *араб* – ***арабият***, *инсон* – ***инсониат***, *маҷус* – ***маҷусиат***, *фард* – ***фардониат***, *абд* – ***убудиат***:

Инчунин донистан бар сабили иҷмоли илми наҳв бошад ва бозшинохтани ҳар омиле аз он алаттафсил дар вақти хондани саводи ***арабият****...* [14, с.23]; *Ҳамон ҳол буд то се бор, бидонист, ки Узайзӣ аз дасти обу хок ва русуми* ***инсоният*** *берун шудааст...* [14, с.62]; *Шайхулислом гуфт: «То нишони дугонагӣ баҷост,* ***маҷусият*** *баҷост»* [14, с.192]; *Ва аммо тавҳиди Илоҳӣ он аст, ки Ҳаққ, субҳона, дар азалозол ба нафси худ на ба тавҳиди дигаре ҳамеша ба васфи ваҳдоният ва наъти* ***фардоният*** *мавсуф бувад ва манъут* [14, с.36]; *Шайхулислом гуфт, ки ин ботил аст,* ***убудиятi*** *ин барнатобад...* [14, с.233].

Исмҳои абстракти ***арабият, инсоният, фардоният*** ба хонандаи имрӯза нисбатан фаҳмо мебошанд, ***маҷусият*** маънои *«дини зардуштӣ дини оташпарастӣ, дини сеҳру ҷоду, оташпарастон»*-ро дорад [1, с.743]. ***Убудият*** ба маънои *«бандагӣ, хидматгузорӣ, ихлосу эҳтиром»* кор фармуда шудааст [8, с.384].

б) аз исмҳои ҷомеи ифодакунандаи шахс: *башар –* ***башарият****, халқ –* ***халқият****:*

...аммо чунончи муқтазои ***башарият*** *аст, андешанок шуд, ки хирқаи падарро чун аз даст диҳам* [14, с.452]; *...ҳанӯз ҳиҷоби вуҷуди* ***халқият*** *аз назари эшон ба куллӣ мункашиф нашуда бошад...* [14, с.26];

в) аз калима (исм)-ҳои ифодакунандаи мафҳумҳои диниву ирфонӣ: *илоҳ –* ***илоҳият – улуҳият*** *, маъбуд –* ***маъбудият****, рӯҳ –* ***рӯҳоний****ят, ҷисм –* ***ҷисмоний****ят, ҳақ(қ) –* ***ҳаққоний****ят, ваҳдат –* ***ваҳдоний****ят, раб –* ***рубубий****ят, кароҳат –* ***кароҳий****ят:*

Аммо тавҳиди имонӣ он аст, ки банда ба тафарруди васфи ***илоҳий****ят ва таваҳҳуди истеҳҳоқи* ***маъбудий****ят Ҳаққ, субҳонаҳу ва таоло, бар муқтазои ишорати оёту ахбор тасдиқ кунад ба дил ва иқрор диҳад ба забон* [14, с.34]; *Шайх Абӯабдуллоҳи Хафиф гуфтааст, ки мард дар* ***улуҳий****ят месӯхт, омаданд ва аз варои пардаи иззат шаҳодат бар вай арза мекарданд* [14, с.186]; *Аз ин тоифа мо баъзеро дидаем, ки сурати* ***рӯҳоний****ят эшон мутамассил ва мутаҷассид мешавад бар сурати* ***ҷисмоний****ят эшон ва бар он сурати мутаҷассида афъол ва аҳвол мегузаронанд* [14, с.644]; *...чун* ***ҳаққоний****яти ҳазрати Шайх бар ҳама зоҳир буда, ҳеч суд надошта* [14, с.553]; *Ҳар кӣ ба* ***ваҳдоний****яти Ӯ имон надорад, пас ӯ мушрики ҳақиқӣ аст* [14, с 603]; *Пас маърифати* ***рубубий****ят иборат бувад аз бозшинохтани зоту сифоти Илоҳӣ* [14, с.24]; *...ранҷа шудам, ки* ***кароҳий****ят ба вай расид, ки ман чаро омадам* [14, с.228].

Аз байни исмҳои абстракти дар боло зикршуда вожаҳои ***рӯҳоний****ят* ва ***ҷисмоний****ят* ҳамчун антоним бо мақсади муқобилгузорӣ ба кор бурда шудаанд: *сурати* ***рӯҳоний****ят – сурати* ***ҷисмоний****ят*.

Ҳамчунин бо пасванди **-оний****ят** аз калимаи муқаррарии *наср* исми абстракти ифодакунандаи динии ***насроний****ят* сохта шудааст:

Баъд аз он ба муддате он фақеҳ насронӣ шуд ва бар ***насроний****ят бимурд* [13, с.345];

г) аз сифатҳои аслӣ исми абстракт сохтааст: *самад –* ***самадий****ят, қайюм –* ***қайюмий****ят, қобил –* ***қобилий****ят, хайр –* ***хайрий****ят, хос –* ***хосий****ят, амн –* ***амний****ят*:

…ба чанд гоҳи дигар таҷаллии ***самадий****ят мутаҷаллӣ шуд…* [14, с.550]; *...ва маъияти* ***қайюмий****ят қисми робеъ аст...* [14, с.468]; *Ва агарчи вайро ба ҳасби қуввати табиат ва вусъати* ***қобилий****ят ҳар ду навъи шеър – туркӣ ва форсӣ муяссар аст, аммо майли табъи вай ба туркӣ аз форсӣ бештар аст...* [13, с.468]; ***Хайрий****ят дар ҷамъият аст...* [14, с.483]; ***Хосий****ти ишқ ҳама балову ранҷ аст...* [13, с.390]; *Аммо мехоҳам, ки бидонам, ки сабаби ин ҷамъият чисту боиси ин* ***амний****ят кист?* [13, с.473].

Аз исмҳои абстракти зикршудаи арабӣ ***қобилий****ят, хайрий****ят, хосий****ят, амний****ят*** дар забони тоҷикӣ ҳазм гардида серистеъмол гардидаанд ва дар забони имрӯза зиёд ба кор бурда мешаванд.

ғ) аз шаклҳои дараҷаи олии сифатҳои арабӣ ***аҳам(м)***, ки маънои *«муҳимтарин, аз ҳама муҳим, ниҳоят муҳим»*-ро дорад [1, с.858] ва ***афзал*** ба маънои *«арзандатарин, лоиқтарин, сазовортарин, беҳтарин»* меояд [1, с.600], исмҳои абстракти ***аҳаммий****ят* ва ***афзалий****ят*** сохта шудааст:

Он нафарон, ки аз хоссаи мардум буданду нисбат ба дин ***аҳаммий****ят таваҷҷуҳи хосса доштанд, зоҳиду обид номида шуданд* [14, с.53]; *Пас бартарии сахову ато бар* ***афзалий****ти фақр далел аст* [14, с.517];

Исмҳои абстракти ***аҳаммий****ят* ва ***афзалий****ят*** имрӯз низ дар забони мо истеъмол мешаванд. Аввалӣ умумиистеъмол буда, дуюмӣ хосси забони китобӣ аст.

д) аз шумораи миқдории *исно (ду)*, ки шакли кӯтоҳи *исно* дорад, исми абстракти ***санавий****ят*** сохта шудааст. ***Санавий****ят*** дар луғат ба маънои фалсафии *«дуализм»* зикр шудааст [1, с.114]. Аммо дар насри Ҷомӣ ба маънои умумии *«дугонагӣ, ду то будан»* омадааст. Ҳатто нависанда ин вожаро бо муродифи тоҷикиаш ***дугонагӣ*** дар шакли муродифи ҷуфт кор фармудааст:

Шайхулислом гуфт, ки Воситӣ гӯяд, ки: «Ман ва ӯ! Ва ӯву ман! Ва карди ману подоши ман! Ва дуои ману иҷобати ӯ! Ҳама ***санавий****ят аст ва* ***дугонагӣ****»* [14, с.239].

Инчунин аз шумораи миқдории *аҳад (як)* исми абстракти ***аҳадият*** сохта шудааст, ки бештар ба маънои *«ягонагӣ ва беҳамтоии Худованд»* истеъмол гардидааст:

Буридан ва тиҳӣ шудани дил аз гайри Ҳақ, таоло далел аст бар мазҳарияти дил мар таҷаллии Ҳаққ, субҳонаҳуро, ба васфи ***аҳадият****...* [14, с.504].

Дар мисоли зерин бошад, калимаи ***аҳадият*** ҳам ба маънои *«ягонагӣ ва беҳамтоии Худованд»* ва ҳам ба маънои *«ягонагӣ аз ҷиҳати миқдор»* истеъмол гардидааст. Нависанда бо истифода аз ду маънои ин калима мафҳумҳои ба ҳам зидро баён намудааст:

Акнун аз ин иҳотат маълум гардад, ки Ҳақ таоло аз ҷамеи таъйинот муназзаҳ аст ва таъйини ӯ ба айни зоти хеш ва ***аҳадият****и ӯ на* ***аҳадият****и ададӣ, то ӯро сонӣ бошад...* [14, с.597].

е) аз исмҳои маънии *ҷамъ, рафоҳ, қудс, салоҳ, хусус, мазҳар, ор, бало* исмҳои абстракти ***ҷамъият, рафоҳият, қудсият, салоҳият, хусусият, мазҳарият, орият, балият*** сохта шудааст:

Сабаби ***ҷамъият****и мо душмании шубон аст…* [13, с.597]; *Аз он* ***ҷамъият*** *яке маро гуфт* [14, с.481]; *Ва чун дар канафи сиҳату офият ва саломат ва* ***рафоҳият*** *ба Маккаи муҳтарама расиданд ва аркони ҳаҷ тамом гузоридаанд, эшонро маразе ориз шудааст…* [14, с.491]; *...ба Ӯ набояд чизеро нисбат дод, ки ба камоли* ***қудсият****и Ӯ муносиб нест* [14, с.603]; *Вай бигиристу гуфт: Маро чӣ* ***салоҳият****и ин кор аст!* [14, с.706]; *...ин оётро таъвил кунанд ва… мукҳтадо созанд ва надонанд, ки ҷиҳати тафҳими халқ, то* ***хусусият****и Расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, бидонанд…* [14, с.603]; *Буридан ва тиҳӣ шудани дил аз гайри Ҳақ таоло далел аст бар* ***мазҳарият****и дил мар таҷаллии Ҳақ субҳонаҳуро…* [14, с.504]; *Худовандо, ин асби куррараро* ***орият*** *ба ман деҳ, чандон ки ба Бусрӣ бирасам!* [14, с.162]; *Шояд, ки Худои таоло ин* ***балият****ро дафъ кунад* [14, с.555-556];

Дар байни исмҳои абстракти зикргардида ***ҷамъият, салоҳият, хусусият, орият*** дар забони имрӯза умумиистеъмоланд. Чунонки аз мисолҳо бармеояд, ***ҷамъият*** ҳам ба маънои *«дӯстӣ, рафиқӣ, ҳампаймонӣ»* ва ҳам ба маънои *«гурӯҳ, ҷамоот, тӯдаи одамон»* истеъмол гардидааст. ***Салоҳият*** дар луғатҳо ба маънои *«шоистагӣ, қобилият, лаёқат, лоиқ, короям, мувофиқи мақсад будан, ваколат, пуррагии ҳокимият, соҳибҳуқуқӣ, комилҳуқуқӣ, ҳуқуқи истисноӣ, имтиёз, кордонӣ, қодир будан, ҳуқуқи ҳалли масъалаҳои юридикӣ»* омадааст [8, с.183; 1, с.443]. Дар асарҳои мавриди таҳқиқӣ мо ба маънои *«шоистагӣ, қобилият, ваколат, қодир будан ба коре»* истеъмол гардидааст. ***Орият*** дар луғат *«чизеро барои истифода муваққатан аз касе гирифтан, қарзи бидуни фоиз, чизе, ки ҳамчун қарз гирифта шудааст ё дода шудааст»* маънидод гардидааст [7, с.922; 1, с.549]. Дар забони имрӯза ин вожа ба маънои *«ор, нанг, шарму ҳаё»* [10, с.34] низ дар истеъмол буда, ҳатто бо феъли ёвари *кардан* феъли таркибии номии ***орият кардан*** сохтааст, ки ба маънои *«ору номус кардан, кореро боиси нанг шуморидан»* [10, с.34] корбаст мегардад. Ҳамчунин дар забони гуфтугӯйи мардум ибораи ***шахси баорият*** мавҷуд аст, ки маъноясш *«шахси дорои нангу номус»* мебошад. Дар мисоли боло ба маънои *«чизе, ки ҳамчун қарз барои истифодаи муваққатӣ гирифта шудааст»* омадааст. ***Рафоҳият*** ва ***қудсият*** хусусияти китобӣ дошта, аҳёнан дар нутқи хаттӣ ба назар мерасанд. ***Рафоҳият*** ба маънои *«осудагӣ, хушҳолӣ, осоиш»* [8, с.125], ***қудсият*** ба маънои *«муқаддас будан, муқаддасӣ»* [1, с.625] ва ***мазҳарият*** ба маънои *«ошкор кардани чизе, ошкор гардидани чизе, зоҳир кардани чизе, намоёнӣ, аёнӣ, дидашавандагӣ, чизи зоҳирӣ»* [1, с.493] истеъмол мешавад. Ҳарчанд исми ***бало*** дар забони имрӯза ба маънои *«офат, газанд, мусибат, бадбахтӣ»* [7, с.137] дар истеъмол аст, вале вожаи ***балият (ё балия)***, ки маънои *«1. бало, сахтӣ ва азоб, ранҷ, кулфат, иллат ва беморӣ; бадбахтӣ, фақирӣ, муҳтоҷӣ»* [7, с.137] дорад, дар забони имрӯза умуман истеъмол намешавад.

ё) исми конкрети *ҳаҷар, асаб* исмҳои абстракти ***ҳаҷарият, асабият*** сохта шудааст, ки ***ҳаҷарият*** ба маънои *«санг будан»* ва асабият ба маънои *«асабонӣ будан, хашмгинӣ, газабнокӣ»* истеъмол гардидааст:

Ҳаҷаруласвад дар худ ҳеч асар бозмеёбад, ки вайро аз ***ҳаҷарият*** *берун барад, бо он ки вайро анбиё ва русул ва авлиё мебӯсанд?* [14, с.648]; *Ва рамади ҳасаду* ***асабият****и дидаи асират эшонро кӯр сохта…* [14, с.512].

ж) аз зарфҳои ***фавқ, аввал, охир*** исмҳои абстракти ***фавқият, аввалият, охирият*** сохта шудааст, ки вожаҳои аввалият ва охирият ҳамчун антоним кор фармуда шудаанд:

Ва ***фавқияти*** *мақоми сӯфӣ аз мақоми фақир он аст, ки фақир ба иродати фақр ва иродати ҳаззи нафс маҳҷуб бувад ва сӯфиро ҳеч иродат махсус набувад...* [14, с.28]; *Ӯст аввал дар ҳар мартаба аз маротиби* ***аввалият*** *ва Ӯст охир дар ҷамеи маротиби* ***охирият*** [14, с.28].

Маънои калимаҳои ***аввалият*** ва ***охирият*** фаҳмо мебошад. Зарфи ***фавқ*** ба маънои *«боло, қисми болоӣ»* [1, с.613] меояд. Исми абстракти **фавқия**ти аз он сохташуда ба маънои *«баландӣ, баланд будан»* истеъмол гардидааст.

з) аз ҷонишини саволии ***кайфа***, ки ба маънои *«чӣ хел, чӣ тарз, чӣ гуна»* [1, с.707] меояд, исми абстракти ***кайфият*** сохта шудааст, ки ба маънои *«чӣ гунагӣ, ҳолат, аҳвол»* [7, с.528] истеъмол мешавад.

*Бо худ гуфт: «Пеши эшон раваму аз эшон **кайфиятӣ** ҳол маълум кунам»* [13, с.444].

Ҳамчунин аз ҷонишини шахсии шахси якуми шумораи танҳои забони арабӣ – ***ано*** *(ман)* исми абстракти ***аноний*** сохта шудааст, ки ба маънои *«манманӣ, худбинӣ, худписандӣ, ба худ магрур шудан»* кор фармуда мешавад:

*...ҷазбаи иноятӣ қадимаи сӯфияро ба куллӣ аз эшон интизоъ карда буд ва ҳиҷоби халқ ва **аноний** аз назари эшон бардошта...* [14, с.27].

и) аз пешоянди арабии ***ма(ъ)а***, ки маъноях ба забони тоҷикӣ *«бо, бо ҳамроҳи»* мебошад, исми абстракти ***ма(ъ)ият*** сохта шудааст. Вожаи ***ма(ъ)ият*** дар луғат ба маънои *«1. ҷамоат, гурӯҳ, тӯда; ҳамроҳӣ, ҷӯрагӣ, ошноӣ, аҳли рикоб, надимон; дарбориён»* [1, с.759] шарҳ дода шудааст. Дар мисоли зерин ба маънои *«ҳамроҳӣ»* кор фармуда шудааст:

*Валекин касе, ки **маъиятӣ** надорад, илло **маъиятӣ** ҷисм бо ҷисм ё **маъиятӣ** араз бо араз, ё **маъиятӣ** араз бо ҷисм ва он ҳар се дар ҳаққи қайюми олам муҳол бошад* [14, с.468].

й) аз сифати аслии *сайёр* исми абстракти ***сайёрия*** сохта шудааст:

*Худованди таоло ба баракати он мӯй вайро тавфиқи тавба дод ва ба суҳбати Абӯбакри Воситӣ афтоду ба дараҷае расид, ки имоми синфе аз мутасаввифа шуд, ки эшонро **сайёрия** хонанд* [14, с.202].

к) аз исмҳои маънии ***нафс*** ва ***адаб*** сифатҳои нисбии ҷинси занонаи ***нафсония*** ва ***адабия*** сохта шудааст:

*Бояд, ки чун ӯро ба худ диҳанд, бар тариқаи муқаррара дар нигоҳдошт нисбати огоҳӣ камоли саъй ба ҷой орад, то футуре ба воситаи аворизи **нафсония** ба ӯ роҳ наёбад* [14, с.507]; *...аввал ба қироати «Қуръон» ва баъд аз он ба фиқҳу ҳадис ва улуми **адабия** пеши бузургоне, ки дар он замон мутааййин буданд ва ба андак рӯзгоре бар ақрони худ фоиқ шуд ва аз аҳли замони худ мутамаййиз гашт* [14, с.625].

Таъкид кардан бамаврид аст, ки азбаски дар мисолҳои боло мувофиқати муайяншаванда бо муайянкунанда тибқи қоидаи забони арабӣ сурат гирифтааст, нависанда шаклҳои ҷинси занонаи сифатҳои нисбиро ба кор бурдааст, яъне агар муайяншаванда предмети ғайриинсон бошаду дар шумораи ҷамъ ояд, муайяншавандаи он дар шакли танҳои ҷинси занона меояд [11, с.111; 5, с.120]: ***аворизи нафсония, улуми адабия.***

Бо **пасвандҳои шаклсози -тар** ва **-тарин** низ аз сифатҳои аслии арабӣ дараҷаҳои қиёсӣ ва олӣ сохта шудааст, ки ин гувоҳи ҳазм гардида умумиистеъмол шудани ин сифатҳои иқтибосӣ мебошад. Аксари сифатҳои аслие, ки дар асарҳои нависанда бо пасвандҳои **-тар**, **-тарин** дараҷаҳои қиёсӣ ва олии сифат сохтаанд, дар забони имрӯза низ истеъмол мешаванд. Ба монанди: *саҳлтар* [13, с.362], *каримтар* [13, с.386], *латифтар* [13, с.390], *касифтар* [13, с.390], *обидтар* [14, с.67], *орифтар* [14, с.67], *қодиртар* [14, с.182], *ҳаристар* [14, с.168], *муъризтар* [14, с.168], *фозилтар* [14, с.237], *зоҳидтар* [14, с.237], *зарифтар* [14, с.241], *золимтар* [14, с.263], *моилтар* [14, с.276], *азимтар* [14, с.287], *собиртар* [14, с.320], *зокиртар* [14, с.322], *тамомтар* [14, с.352], *қавитар* [14, с.433], *мутобеътар* [14, с.526], *олитар* [14, с.526], *саҳеҳтар* [14, с.548], *муносибтар* [14, с.564], *гарибтар* [14, с.665], *дақиқтар* [14, с.665], *мушкилтар* [14, с.683], *лоиқтар* [14, с.705], *машҳуртар* [14, с.753], *каримтарин* [14, с.385], *муҷтаҳидтарин* [14, с.168], *рогибтарин* [14, с.168], *сахитарин* [14, с.351], *тамомтарин* [14, с.352], *ҳалолтарин* [14, с.387] ва ғайра.

Хулоса, имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ мавқеи назаррас надошта бошад ҳам, омӯзиши ин усули калимасозии морфологӣ дар асарҳои нависанда, аз як тараф, барои муайян намудани дараҷаи ҳазмшавии иқтибосоти арабӣ дар он замон, аз тарафи дигар, барои муайян намудани бисёр паҳлуҳои забон ва услуби нависанда имкон фароҳам меорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – Ҷ. I. – 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик: китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / муҳаррири махсус Ш. Рустамов. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 462 с.
4. Исаева, Ф.А. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ / Ф.А Исаева, Ҳ Қ. Мӯминов. – Душанбе, 1972. – Қ. 1. – 134 с.
5. Ковалев А.А. Учебник арабскоги языка / А.А. Ковалев, Г.Ш. Шарбатов. – М., 1960. – 687 с.
6. Низомова, С.Ф. Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ: дисс... док... илмҳои фил... / С.Ф. Низомова. – Душанбе – 2019. – 328 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.

8. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
11. Халидов, Б.З. Учебник арабского языка / Б.З. Халидов. – Ташкент: Учитель, 1965. – 656 с.
12. Ҳусейнов, Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х. Ҳусейнов, К. Шукурова. – Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.
13. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ. 7. - 544 с.
14. Ҷомӣ, Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
15. Шагаль В. Э. Учебник арабского языка / В.Э. Шагаль, М.Н. Меркин, Ф.С. Забиров. – М.: Военное издательство, 1983. – 784 с.

КАЛИМАСОЗИИ ЯКЧАНД ПАСВАНДИ ТОҶИКӢ БО ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР АСАРҲОИ НАСРИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

(дар мисоли «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»)

Дар мақолаи илмӣ дар бораи имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пасвандҳои **-ин, -нок, -онӣ, -ия // -ият, -ония // -оният** дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» сухан меравад. Таъкид карда мешавад, ки бо пасванди **-ин** дар асарҳои нависанда асосан сифати нисбӣ сохта шудааст, ки аломати предметро нисбат ба замон ифода менамояд. Пасванди **-нок** бештар барои сохтани сифатҳои аслӣ аз исмҳои маънӣ ба кор бурда шудааст. Бо пасванди **-онӣ** сифатҳои нисбие сохта шудааст, ки ба аломату хосияти решаи калима молик будани предметро мефаҳмонанд. Пасвандҳои **-ия // -ият, -ония // -оният** асосан ба калимасозии забони арабӣ хос буда, нависанда бо ин пасвандҳо аз ҳиссаҳои мухталифи нутқ исмҳои абстракт месозад. Инчунин, таъкид карда мешавад, ки дар асарҳои нависанда сифатҳои аслии арабӣ бештар бо пасвандҳои шаклсози **-тар** ва **-тарин** дарачаҳои қиёсӣ ва олӣ қабул кардаанд ва ин гувоҳи ҳазм гардида умумиистеъмол шудани ин гуна сифатҳои иқтибосӣ мебошад. Дар охир муаллиф ба хулосае меояд, ки имконоти калимасозии иқтибосоти арабӣ бо пасвандҳои тоҷикӣ дар асарҳои насрии Абдурраҳмони Ҷомӣ мавқеи назаррас надошта бошад ҳам, омӯзиши ин усули калимасозии морфологӣ дар асарҳои нависанда, аз як тараф, барои муайян намудани дарачаи ҳазмшавии иқтибосоти арабӣ дар он замон, аз тарафи дигар, барои муайян намудани бисёр паҳлуҳои забон ва услуби нависанда имкон фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: забон, таркиби луғавӣ, пасванд, калима, иқтибос, калимасозӣ, нависанда, асар, сифати нисбӣ, сифати аслӣ, исми маънӣ, аломат, хосият, реша.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ НЕСКОЛЬКИХ ТАДЖИКСКИХ СУФФИКСОВ С АРАБСКИМИ ЗАИМСТВОВАНИЯМИ В ПРОЗЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

(на примере «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон»)

В научной статье речь идёт о словообразовательных возможностей арабских заимствований с суффиксами **-ин, -нок, -онї, -ия** // **-ият, -ония** // **-оният** в произведениях Абдурахмана Джами «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон». Подчеркивается, что с суффиксом **-ин** в произведениях писателя, в основном, образованы относительные прилагательные, обозначающие признак предмета по отношению к времени. Суффикс **-нок** чаще употребляется для образования качественных прилагательных из абстрактных существительных. С суффиксом **-онї** образованы относительные прилагательные, которые обозначают владение предметов признака и свойств корня слова. Суффиксы **-ия** // **-ият, -ония** // **-оният** в основном свойственны словообразованию арабского языка, и писатель посредством этих суффиксов образует из различных частей речи абстрактные существительные. Также подчеркивается, что в произведениях писателя арабские качественные прилагательные посредством формообразовательных суффиксов **-тар** и **-тарин** образуют сравнительную и превосходную степень и это свидетельствует о том, что эти заимствованные прилагательные стали общеупотребительными. В завершении автор приходит к выводу, что хотя словообразовательные возможности арабских заимствований с таджикскими суффиксами в прозе Абдурахмана Джами не занимают значительную позицию, но изучение этого способа морфологического словообразования в произведениях писателя, с одной стороны, предоставляет возможность для определения степени освоения арабских заимствований в тех временах, с другой стороны, для определения множества аспектов языка и стиля писателя.

Ключевые слова: язык, словарный состав, суффикс, слово, заимствование, словообразование, писатель, произведение, относительные прилагательные, качественные прилагательные, абстрактные существительные, признак, свойство, корень.

WORD FORMATION OF SEVERAL TAJIK SUFFIXES WITH ARABIC BORROWINGS IN PROSE ABDURAHMAN JAMI

(on the example of "Nafahot-ul-uns" and "Bahoriston")

In a scientific article, we are talking about the word-building opportunities of Arabic borrowings with the suffixes **-in, -nok, -oni, -iya** // **-iyat, -oniya** // **-oniyat** in the works of Abdurahman Jami “Nafahot-ul-uns” and “Bahoriston”. It is emphasized that with the suffix -in in the writer's works, mainly relative adjectives are formed, indicating the attribute of an object in relation to time. The suffix knock is often used to form high-quality adjectives from abstract nouns. With the suffix -onї, relative adjectives are formed, which denote the possession of objects of the attribute and properties of the root of the word. The suffixes **-iya** // **-iyat, -oniya** // **-oniyat** are mainly characteristic of the word formation of the Arabic language, and the writer through these suffixes forms abstract nouns from various parts of speech. It is also emphasized that in the writer's works, Arabic high-quality adjectives through the formative suffixes **-tar** and **-tarin** form a comparative and superlative degree and this indicates that these borrowed adjectives have become common. In conclusion, the author

concludes that although the word-building possibilities of Arabic borrowings with Tajik suffixes in the prose of Abdurahman Jami do not occupy a significant position, the study of this method of morphological word formation in the writer's works, on the one hand, provides an opportunity to determine the degree of development of Arabic borrowings in those times on the other hand, to define many aspects of the language and style of a writer.

Key words: language, vocabulary, suffix, word, borrowing, word formation, writer, work, relative adjectives, qualitative adjectives, abstract nouns, attribute, property, root.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Меҳроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры история языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, doctoral student of the history of language and typology **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-89-64-08**

УДК: 800

СУХАНЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ ИХТИСОРАҲОИ АНГЛИСӢ

Мақсудов У. О.
Донишкадаи политехникии Донишкадаи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Таркиби луғавии ҳар як забони миллӣ аз калима ва ибораҳои адабӣ, луғати оммавӣ, ҳамчунин луғати истилоҳоти илмӣ иборат буда, истеъмоли яксон надорад. Ин навъи луғат дар гуфтугӯ ва навиштаҳое бештар истифода мешавад, ки дар ин ё он соҳаи тахассусӣ (илм, техника, адабиёт, ҳарб, фарҳанг, тибб, истеҳсолот, тиҷорат ва ғайра) нисбат дорад. Аз ҷумла, таркиби луғавии ҳар як забони алоҳидаро ихтисораҳо ташкил медиҳанд, ки дорои вижагии илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва гуфтугӯианд. Ихтисораҳое, ки номи ташкилот, муассиса ва барномаҳоро ифода мекунанд, ҳамчунин шомили дигар гурӯҳи калимаҳо мебошанд, чун истилоҳи “аббревиатура” шинохта шудааст. Вожаи “аббревиатура” аз калимаи итолиёӣ abbreviature – «ихтисора» ва аз лотинӣ abbrevio – «кӯтоҳ мекунам» гирифта шудааст [1, с.7]. Минбаъд вожаи “аббревиатура” - ро чун “ихтисора” зикр мекунем. Ихтисора - номи давлат, ташкилот, барнома, муассиса ва идораву корхонаҳоро фарогир аст. Он одатан, аз ду ва ё зиёда калима иборат буда, ба шакли мухтасар қайд мешавад. Аз ҷумла, United States (US), North Atlantic Treaty Organization (NATO), Future Leaders Exchange Program (FLEX), United Nations International Children’s Funds (UNICEF) ва амсоли ин, бо чунин тарзи истифода бештар маъмуланд.

Дар ибтидои асри XX, ихтисораҳо дар забони англисӣ зиёд гардид ва он дар ғановати таркиби луғавии забони англисӣ муассир аст.

Абдусалом Мамадназаров дар бобати ихтисораҳо чунин қайд намудааст: “Ихтисораҳо одатан дар фармоишот ва квитансияҳо, каталогҳо, китобҳои телефонӣ, эълону рекламаҳо ва амсоли инҳо, ки кӯтоҳнависӣ барои онҳо хеле муҳим мебошад, ба назар мерасад” [2, с.104].

Аз рӯйи мулоҳиза ва пажӯҳишоти илмӣ чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки ихтисораҳо дар кӯтоҳнависӣ ва муъҷазбаёнӣ бештар хидмат мекунанд.

Бино ба маълумоти “Луғати терминҳои забоншиносӣ” ихтисораҳо ба забони тоҷикӣ аз солҳои 30-уми асри гузашта ворид гаштаст [8, с.100]. Он ҷиҳати ғановати таркиби луғавии забони мо аҳаммияти назаррас дорад.

Лозим ба таъкид аст, ки яке аз вижагиҳои ихтисора ин аст, ки он дар забони тоҷикӣ айнан истифода мешавад, ба мисли КМ КПСС (Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ), колхоз (коллективное хозяйство) ва ғайра.

Пас аз истиқлолияти Тоҷикистон як қатор ихтисораҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ тарҷума ва ворид шуд. Маҳз, ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангиву адабии Тоҷикистон бо давлатҳои англисзабон, бавижа Иёлоти муттаҳидаи Амрико, Британиёи Кабир ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ сабаб шуд, ки калимаҳои мухтасари англисӣ дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд. Маъмулан, бояд қайд намуд, ки номи корхонаҳо, ташкилотҳо ва созмонҳои хориҷӣ дар забони тоҷикӣ айнан истифода мешаванд. Яъне, UNESCO, (United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization), UNDC (United Nations Disarmament Commission), BBC (British Broadcasting Corporation) ва амсоли ин.

Аммо аксари калимаҳои мазкур берун аз қоидаҳои забони тоҷикӣ буда, мавриди корбурд аст. Ин ҳодиса ба такмили забони тоҷикӣ таъсир расонид. Аммо аз ҷиҳати дигар, баъзе калимаҳои мазкур ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Масалан, САҲА – Созмони амнияти ва ҳамкорӣ дар Аврупо, БУ - Бонки Ҷаҳонӣ, СҲШ - Созмони Ҳамкории Шанхай. Аммо қабл аз соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ихтисораҳои англисӣ дар забони тоҷикӣ ангуштшумор буд.

Шодравон, академик Муҳаммадҷони Шакурӣ дар китоби "Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад" чунин қайд намудааст: "Кайҳо боз зарурате пеш омадааст, ки дастури муқоисавии забони тоҷикӣ аз арабӣ, русӣ, англисӣ тартиб дода шавад. Чунин дастури забон барои он ки тавонем аз сарватҳои бепоёни забонҳои дигар бештар ва огоҳона баҳраманд шавем, аҳаммияте хоҳад дошт" [7, с.23].

Каримов Ш. дар мақолаи илмии «Оид ба ҷанбаҳои истилоҳии мафҳуми «Созмонҳои ғайридавлатӣ» ибораҳои мураккабро ихтисора номида, аз ҷумла чунин қайд мекунад: «Ихтисораҳои дар боло овардашуда дар шакли пурраашон мутаносибан ба тарзи зерин хонда мешаванд: созмони ғайридавлатӣ (СҒД), созмони ғайриҳукуматӣ (СҒҲ), созмони ғайритиҷоратӣ (СҒТ), созмони ғайритиҷоратии ғайридавлатӣ (СҒТҒД), созмони ҷамъиятӣ (СҶ). Кадоме аз инҳо дурусттар ва ба мақсад мувофиқтар аст ва ҳамчун ягона тарзи дурусти истилоҳ бояд мавриди истифодаи ҳамагон қарор гирад?» [4, с.15].

Дар китоби "Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ", перомуни ихтисораҳои забони англисӣ усули навишт ва хусусиятҳои дигари он маълумот дода шудааст [2, с.104].

Дар китоби "Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад", дар мавриди тоза нигоҳ доштани фасоҳати забони тоҷикӣ маълумоти комил оварда шудааст. Ҳамчунин, муаллиф калимаҳои воридшудаи русиро мавриди омӯзиш қарор дода, муодили тоҷикии онро дарёб намуда, чунин қайдҳоро овардааст: "Масъалаҳои ҳалталабе, ки аз инкишофи ҳозираи забони адабии ҳозира сар задаанд, бисёранд. Дар сари онҳо андеша кардан ва мубоҳисаву мунозира оростан зарур аст. Инкишофи забони адабиро назорат кардан ва бо роҳи дуруст даровардан аз муҳимтарин вазифаҳои ҷамъиятист, ки, пеш аз ҳама, дар назди забоншиносон ва аҳли адаб истодааст" [7, с.23].

Дар китоби "Луғати терминҳои забоншиносӣ" дар бораи ихтисораҳо маълумоти мукаммал ба қалам омадааст. Дар китоби зикршуда, инчунин перомуни вижагиҳои "ихтисораҳои ҳарфӣ", аз қабили РДГ - Республикаи Демократии Германия, САҲШ - Сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, "ихтисораҳои ҳарфӣ-овозӣ" – ИМА - Иёлоти муттаҳидаи Амрико, ЦСКА - клуби марказии спортии Армия; "ихтисораҳои овозӣ" ВАБК - Вилояти автономии Бадахшони кӯҳӣ, ГЭС - Станцияи электрикӣ-обӣ ва ғайра таъкид шудааст, ки ҳини муқоисаи анвои ихтисораҳои англисӣ мусоидат намуд [8, с.100].

Дар мақолаи мазкур, мо хусусият ва вижагиҳои ихтисораҳои англисиро мавриди таҳқиқ қарор додем.

Ҳини пажӯҳиш ва тарҷумаи истилоҳот бештар ба луғатнома ва манбаъҳои муътамад такя намудем.

Баъзе калимаҳои мухтасарро наметавон ба тоҷикӣ тарҷума намуд, зеро онҳо дар шакли ихтисора қобиланд.

Ҳангоми гуфтор, калима ва гурӯҳи калимаҳо кӯтоҳ ё пурра талаффуз карда мешаванд. Ин тарзи ихтисори калимаҳо, яке аз вижагиҳои муҳимми забон ба ҳисоб меравад.

Лозим ба таъкид аст, ки муҳаққиқ Мирзоева М.М. дар рисолаи номзадиаш зери унвони «Вожаҳои мухтасар дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ» роҷеъ ба мавзӯи баҳси ихтисораҳо, навъҳои он ва хусусиятҳои ихтисора пажӯҳиш анҷом дода, иттилои мукаммал додааст [5, с.3-122].

Дар забони англисӣ якчанд усулҳои ихтисори калимаҳо дида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар забони англисӣ якчанд навъҳои ихтисора сабт шудааст, масалан ихтисораҳои хаттӣ (graphical abbreviation), ихтисораҳои лексикӣ (lexical abbreviation), ихтисораҳои хаттӣ-овозӣ (initial abbr.) ва ихтисораҳои иборавӣ (blends).

Ихтисораҳои хаттӣ дар забони англисӣ ба истилоҳи "graphical abbreviation" маъмул аст. Ба ин гурӯҳ, калимаҳое дохил мешаванд, ки онҳоро кӯтоҳ баён мекунанд, лекин дар нутқи шифоҳӣ шакли пурраи онҳо талаффуз мешавад. Минҷумла: Mr – mister (ҷаноб, оғо); Mrs-mistress (хонуми соҳиби оила); Dr-Doctor (пизишк).

Ихтисораҳое, ки қисман ихтисор мешаванд, ихтисораҳои лексикӣ номида мешавад, яъне: disco (discoteque); intro (introduction); expo (exposition).

Дар ихтисораҳои хаттӣ-овозӣ бошад, ҳарфи аввали ҳар калима ихтисор мешавад, ки онро ихтисораҳои ҳарфӣ-овозӣ меноманд. Аз ҷумла: UNESCO – United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (Ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба Маориф, Илм ва Фарҳанг); UNDP – United Nations Development Program

(Барномаи Рушди СММ); UNO – United Nations Organization (Созмони Милали Муттаҳид); NATO – North Atlantic Treaty Organization (Иттифоқи Атлантикаи Шимолӣ).

Калимаҳои дутаркибае, ки якҷоя омада, кӯтоҳ навишта мешаванд, ихтисораҳои иборавӣ мебошад. Ба мисли: acromania (acronym mania), cinemadict (cinema adict), chunnel (channel, canal).

Лозим ба ёдоварист, ки аввалин намунаҳои ихтисораҳои англисӣ аз лотинӣ ворид шудааст. Масалан: вожаи “fanaticus”, ки шакли кӯтоҳаш “fan” мебошад. Ҳамчунин, дар қолаби вожаи “fan”, калимаҳои зиёд ба таркиби луғавии забони англисӣ ворид шудаанд. Яъне: man – мард, pan – това, лагандча, tan – пӯстлохи дарахт, пӯсти кӯфтаи булутӣ.

Яке аз вижагиҳои ихтисора дар забони англисӣ он аст, ки ҳангоми муколама ва мукотиба дар сомонаҳои интернетӣ мардуми Амрикои англисзабон калимаҳоро ба шакли кӯтоҳ менависанд, аз ҷумла:

How are u? - Шумо чӣ хел ҳастед?

Well, thanks wat about u? - Хубам, ташаккур. Шумо чӣ хел?

Thanks. Cu then. - Ташаккур. То боздид!

Ё худ:

Who's the letter from? - Нома аз кист?

- My g. f. - Аз бобоям.

- Didn't know you had girl-friends. A nice girl? - Намедонистам, ки ту маъшуқа доштӣ.

Духтари хуб аст?

- Idiot! It's from my grandfather! - Аҳмақ! Нома аз бобоям аст!

Ин намунаи муколама тавассути муоширати интернетӣ сурат мегирад, ки дар он аксари калимаҳо бештар бо мақсади сарфи вақт кӯтоҳ баён мешаванд. Ба монанди:

u (you) - шумо

see (c) - дидан

wat (what) – чӣ

luv (love) – ишқ

I’m (I am) – ман мебошам

r (are) - мебошад

gotta (get to) – оғоз кардан, шурӯъ кардан

wanna (want to) - хостан.

Ихтисораҳо дар интернет, яъне дар форумҳо бештар ба назар мерасанд. Аммо дар забони тоҷикӣ бошад, ин гуна ихтисораҳо дида намешавад. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1» дар бораи ихтисораҳо чунин иттилоъ дода шудааст: “калимасозӣ бо усули ихтисора (аббревиатсия) дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нав буда, бо таъсири забони русӣ пайдо шудааст. Дар забони тоҷикӣ ҳам ихтисораҳои русӣ ва ҳам тоҷикӣ мавҷуданд [3, с.214].

Аз ҳар калимаи ибора танҳо ҳарфи аввалин гирифта мешавад: ВАБК (Вилояти автономии Бадахшони Кӯҳӣ), КМ (Комитети Марказӣ), ҶИС (Ҷамъияти илмии студентон). Аз ҳар калимаи ибора ҳиҷои аввали гирифта мешавад: нашрдавтоҷ – Нашриёти давлатии Тоҷикистон” ё худ ихтисораи маъмули русӣ ЗАГС - САҲШ.

Аз калимаҳои аввали ибора ҳарфи аввал ва калимаи охирин пурра оварда мешавад: РСС Тоҷикистон - Республикаи Советии Социалистии Тоҷикистон, КМ ПК Тоҷикистон - Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон”.

Дар зер намунаҳо аз мукотибаҳои интернетӣ оварда мешавад:

attract. (attractive) - зебо corresp. (correspondent) – рӯзноманигор div. (divorced) – ҷудошуда f’ship (friendship) - дӯстӣ gd-lkng (good-looking) – зебо gent (gentleman) – мард GP (general practitioner) – таҷрибаомӯз hum (humour) - шӯхтабъӣ U (you) – ту LTR (long-term relationship) - муносибати тӯлонӣ WLTM (would like to meet) - мехостам бо Шумо вохӯрам yr (years) - сол, солҳо sis (sister) – хоҳар telly (television) – телевизор phone (telephone) – телефон vator (elevator) - лифт	VGSOH (very good sense of humour) - эҳсоси хуби зарофатсанҷӣ marr. (marriage) – никоҳ med (medium) – миёнақад mting (meeting) – вохӯрӣ OHAC (own house and car) - хонаи хусусиву мошин дорад zine (magazine) - маҷалла specs (spectacles) - айнак fridge (refrigeration) - яхдон comfy (comfortable) - қулай imposs (impossible) - имконнопазир St (Street) - кӯча

Пайдоиш ва ворид шудани ихтисорахо дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нисбатан нави забонӣ аст. Раванди афзоиши он аз миёнаи солҳои 80-ум шурӯъ шудааст. Дар он давра ихтисорахо асосан аз забони русӣ ба тоҷикӣ бархе айнан ва баъзан бо роҳи тарҷума ворид шудаанд, ба мисли ГЭС, совхоз, колхоз, ЗАГС ва ғайра.

Аммо ихтисорахои англисӣ бошад, пас аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба луғати оммавӣ ворид шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – Москва: Высшая школа, 1973.
2. Абдусалом Мамадназаров. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / Мамадназаров Абдусалом. – Душанбе, 2007.
3. Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик (Фонетика ва морфология). - Душанбе: Дониш, 1985. – 358 с.
4. Каримов Ш. Оид ба ҷанбаҳои истилоҳии мафҳуми «Созмонҳои ғайридавлатӣ» / Ш. Каримов // Номаи Донишгоҳ (илмҳои ҷомеашиносӣ). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. - №2 (26).
5. Мирзоева М.М. Сокрашенные слова в русском и таджикском языках: дисс... на соис. канд... фил. наук: - 10.02.22. / М.М. Мирзоева. - Душанбе, 2006. – 122 с.
6. Русско-английский словарь - минимум. Общественно-политическая лексика. - Москва: Наука, 1988.
7. Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад / М.Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 400 с.
8. Ҳусейнов Х. Луғати терминҳои забоншиносӣ / Х.Ҳусейнов, К.Шукурова. - Душанбе: Нашриёти “Маориф”, 1983. - 255 с.
9. http://grammar.about.com/od/ab/g/blendterm.htm - Санаи мурочиат: 10.10.2019.
10. http://grammar.about.com/od/pq/g/portmanterm.htm - Санаи мурочиат: 02.10.2019.
11. www.bbc.co.uk.tj - Санаи мурочиат: 12.10.2019.
12. http://delo.ua/education/abbreviatury-v-anglijskom-jazyke-na-chto-sleduet-obratit-vnimani-171692/ - Санаи мурочиат: 23.10.2019.
13. www.rusnauka.com/11_EISN_2010/Philologia/63964.doc.htm - Санаи мурочиат: 3.10.2019.
14. http://englishschool12.ru/publ/grammatika_anglijskogo_jazyka/graphical_abbreviations_acronyms/63-1-0-2046 - Санаи мурочиат: 08.10.2019.

СУХАНЕ ЧАНД ПЕРОМУНИ ИХТИСОРАҲОИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур, муаллиф кӯшиш намудааст, то ки перомуни ихтисорахои забони англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ анҷом дода, навъ, вазифа, омилҳои пайдоиш ва натиҷахои навро пешкаши хонандагон ва ихлосмандони соҳаи забоншиносӣ намояд. Ҳамзамон, дар мақола маълумот дар бораи пайдоиши истилоҳи ихтисора, омилҳои ворид шудани ихтисорахои англисӣ, русӣ ва дигар забонҳо, калима ва ибораҳои машваратие, ки ҳангоми суҳбат ихтисор шудаанд, матраҳ шудааст. Муаллиф кӯшидааст, то ки масъалаи дар пеш гузоштаро аз ҳар ҷиҳат баррасӣ ва таҳқиқ намояд. Ихтисорахо дар интернет, яъне дар форумҳо бештар ба назар мерасанд. Аммо дар забони тоҷикӣ бошад, ин гуна ихтисорахо дида намешавад Дар забони тоҷикӣ ҳам ихтисорахои русӣ ва ҳам тоҷикӣ мавҷуданд Пайдоиш ва ворид шудани ихтисорахо дар забони тоҷикӣ ҳодисаи нисбатан нави забонӣ аст. Раванди афзоиши он аз миёнаи солҳои 80-ум шурӯъ шудааст. Дар он давра ихтисорахо асосан аз забони русӣ ба тоҷикӣ бархе айнан ва баъзан бо роҳи тарҷума ворид шудаанд, ба мисли ГЭС, совхоз, колхоз, ЗАГС ва ғайра. Аммо ихтисорахои англисӣ бошад, пас аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба луғати оммавӣ ворид шуд.

Калидвожаҳо: ихтисорахо, аббревиатура, забони англисӣ, намудҳои ихтисорахо, ихтисорахои хаттӣ.

НЕСКОЛЬКО СЛОВ ОБ АНГЛИЙСКИХ АББРЕВИАТУРАХ

В статье автор попытался изучить аббревиатуры английского и таджикского языков, а также показать читателям и почитателям языка задачи, факторы происхождения и новые достижения в данной области. Вместе с тем, в статье приводятся данные о происхождении термина аббревиатуры, коэффициенты перехода сокращений английского, русского и других языков, слова и словосочетания, которые были сокращены при разговоре. Автор стремится рассмотреть и исследовать данный вопрос во всех аспектах. Сокращения в основном можно проследить в Интернете, то есть на форумах. Но в таджикском языке таких аббревиатур не существует. В таджикском языке существуют и таджикские и русские аббревиатуры, и их появление и внедрение в таджикский язык, является достаточно новым языковым явлением. Процесс ее роста начался с середины 80-ых годов прошлого столетия. В тот период сокращения в основном вошли в таджикский язык с русского языка в подлинном виде, такие как ГЭС, совхоз, колхоз, ЗАГС и т.п.. Но английские аббревиатуры вошли во всеобщий словарь после достижения Республикой Таджикистан независимости.

Ключевые слова: аббревиатуры, английский язык, виды сокращений, письменные сокращения.

A FEW WORDS ABOUT ENGLISH ABBREVIATIONS

In this article, the author tried to study the abbreviations of the English and Tajik languages, and show the types, tasks, origin factors and new results to readers and linguistic fellows. At the same time, the article presents data on the origin of the term of abbreviation, transition factors of abbreviations of English, Russian and other languages, words and phrases which were abbreviated while conversation are presented. The author seeks to consider and explore the question in all aspects. Abbreviations can mostly be traced on the Internet, that is, in the forums. But there are no such abbreviations in the Tajik language. In the Tajik language there are both Tajik and Russian abbreviations, and their appearance and introduction into the Tajik language is a fairly new linguistic phenomenon. The process of its growth began in the mid-80s of the last century. During that period, abbreviations mainly entered the Tajik language from the Russian language in their original form, such as hydroelectric power plants, state farm, collective farm, registry office, etc. But English abbreviations entered the general vocabulary after the Republic of Tajikistan achieved independence.

Key words: abbreviations, English language, types of abbreviations, written abbreviations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мақсудов Умед Олимович*** – Донишкадаи политехникии Хуҷанд Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Ленин 226. E-mail: **olimi.umed@mail.ru**. Тел.: **(+992) 928-85-55-50**

Сведения об авторе: ***Максудов Умед Олимович*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. акад. М. Осими, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул.Ленина 226. E-mail: **olimi.umed@mail.ru**. Тел.: **(+992) 928-85-55-50**

Information about the author: ***Maksudov Umed Olimovich*** – Khujand Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Philological sciences, senior teacher of the department of foregn languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Lenin Str. 226.
E-mail: **olimi.umed@mail.ru**. Tel.: **(+992) 928-85-55-50**

УДК: 491.550

ОМОФОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ҷӯрабекзода Ф.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ

Омонимҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки ҳам аз рӯйи талаффуз ва ҳам аз рӯйи шакли овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам фарқ мекунанд ва ҳатто маънии якеро аз маънои дигаре муайян кардан номумкин аст: чанг – асбоб, чанг –чангу ғубор, бар – ҳосил, бар – бурдан, кулак – мушт, кулак –табақа. Калимаҳое, ки ба гурӯҳи омонимҳо дохил мешванд, байни ҳамдигар ҳеҷ гуна умумияти маъноӣ надоранд. Омоним хосси ин ё он забон набуда, балки дар ҳамаи забонҳо мушоҳида мешавад.

Дар асрҳои 1Х – Х давраи Сомониён навишта шудани асарҳои илмӣ ва адабиро бо забони тоҷикӣ ташвиқ ва ҳимоят мекарданд. Забони тоҷикӣ чун забони расмии давлатӣ дар доираҳои расмӣ, дастгоҳи давлатӣ, коргузории девонҳо (вазоратҳо), мукотибаҳои расмӣ ва маросимҳои мазҳабӣ ба кор бурда мешуд. Асоси забони адабиро лаҳҷаю шеваҳои Самарқанду Бухоро, Марв, Балх, Бадахшону Нишопур ва омезиш ёфтани забонҳои Суғдию Бохтарӣ ташкил мекард. Дар натиҷаи омезиш ёфтани забонҳо, боз аз забони юнонӣ, ҳиндӣ, яҳудӣ ва арабӣ бисёр калимаҳо боиси захираи ғании луғавӣ ва воситаҳои гуногуни услубӣ гардид.

Шоирону нависандагони ин давр аз тамоми захираҳои луғавии забон истифода мебурданд. Баъзе адибони ин аср аз калимаҳои забони арабӣ, суғдӣ, паҳлавӣ, бохтарӣ, ҳатто юнонӣ ва лотинӣ дар эҷодиёташон истифода мебурданд. Яке аз шоирони забардаст, мусиқишинос, рӯҳшинос ва муаллими ахлоқ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад, ки осораш қариб 6000 воҳиди луғавиро дар бар гирифта, калимаҳои иқтибосӣ: 580 калимаи арабӣ, 8 – калимаи юнонӣ, 7 – калимаи ҳиндуӣ, 2 – калимаи туркӣ ва 1 – калимаи лотинӣ бо номи **кофур** истифода намудааст. Забони осори устод Рӯдакӣ хеле ғанӣ буда, хусусиятҳои зиёди лексикию грамматикӣ ва услубӣ доранд, аммо ҳамаи паҳлуҳои он ба таври пурра омӯхта нашудааст. Дар осори Рӯдакӣ омонимҳои (таҷнис) зиёде корбаст гардидаанд. Калимаи Кофурро мо дар инҷо, ки дар ду маврид истифода шудааст, дида мебароем:

1. Яке калимаи тиббӣ - **кофур** давое хушбӯ барои табобати беморихо.
2. Кофур номи чашма аст дар биҳишт (аз “Бурҳон”) саҳ 152 Ғиёс – ул луғот.

Назди он шоҳи замин кардаш паём:
Дорує фармой, зомаҳрон ба ном.

Кофур – номи муштараки дарахт, самғ ва моддаест, ки аз он гиранд;

1) дарахти кофур, кофурдарахт як навъ рустаниест ҳамешасабз, ки гулҳои сафеду баргҳои муаттар дорад ва чӯбаш хушбӯй мебошад.

Асосан дар ҷануби шарқи Осиё, Тайван, Ҷопон, Ветнам меруяд; онро дар бисёр кишварҳои дунё парвариш мекунанд; аз он чӯби хушбӯй ва равғани атрӣ мегиранд;

2) самғ (шилм), самғи кофурдарахт маводест, ки аз дарахти кофуру шохсори он (ҷ) заҳида барояд ва шах бандад.

Чунонки Рӯдакӣ навиштааст:

Кофури ҳамчу гул чакад аз дӯши шохсор,
Зайбақ чу об барҷаҳад аз нофи обдон.

Самғ (шилм) асосан аз кофур ва бухури атрӣ (равғани кофур) иборат аст.

Самғ Кофури холис нест, яъне омехтагие дорад. Ба қавли Рӯдакӣ кофури болус ё кофури мағшуш аст.

Кофури ту болус шуду мушк ҳама пок,

Олудагиат дар ҳама айём намуд пок.

Ё:

Кофури ту болус бувад, мушки ту бо пок,
Болуси тари кофур кунӣ доим маґшуш.

Ҳамон равґани атрӣ, ки ба қавли устод Рӯдакӣ аз дӯши шохсор, мечакад, бо таъсири насими ҳаво, оксид гаштаву ба моддаи сафеди Кофур табдил меёбад.

Кофур аз ҷумлаи, адвияи тибби қадим аст; вай давоест, ки ҳамчун ангезаи нафасгирӣ, хунгардиш, дил тавсия мешавад.

Равґани атрии кофур омили гандзидоест барои бемории вабо ва малярия (безгак).

Ба гуфти Абӯҳанифаи муваффақ ҳамзамони Рӯдакӣ кофур бемориҳои гармро, ки андар сар бувад ва андар ҳама тан суд дорад, чун ба бинӣ афканад ё ба бӯй боз гиранд ва дилро, ки аз гармӣ заиф шуда бошад қавӣ гардонад. Ва чун бар ҷигар ва меъдаи гарм зимод кунанд, суд дорад. Ва чун мумравґан кунанд ва бар диле, ки тало кунанд нек бошад. “Бар коми хушку бо ҷигари тофта баргузор” гуфтани Рӯдакӣ ишораест ба давои Кофур, ки дар абёти фавқуззикр ба зеҳн меҳӯрад.

Дар “Калила ва Димна” омадааст: “Ногоҳ ҷамъе аъёну ашроф расида, расми дуову шарти сано ба ҷо оварданд ва ба илтимоси тамом ӯро ба маркаб савор карда, ба ҷониби шаҳр бурданд, сару танашро бо гулобу Кофур шуста...”.

Кофур – яке аз доруҳои содаи тиббии қадима буда, моддаи кристалии дорои бӯйи хосест, ки аз дарахти кофур ҳосил кунанд ва номи илмии ин дарахт чунин аст: “ Камфорное дерево” cinnamomum camfora necs (Абӯалӣ ибни Сино “Қонуни тиб” Китоби 1. саҳ – 268).

Кофур шилми дарахти азимест, ки аксар ин дарахт дар сарзаминҳои ҷануби шарқи Осиё парвариш меёбад, инчунин дар соҳили баҳри Сиёҳи Қафқаз мавҷуд аст. Мизоҷи ин шилм дар дараҷаи савум сард ва хушк аст. Хислатҳои шифобахшаш: агар бихӯранд, фараҳ мебахшад, дил ва майнаро қавӣ месозад. Таби диқ (лоґаркунанда) ва дигар табҳои шадидро дафъ мекунад. Варами пардаҳои даруни сина захми шуш ва силро шифо мебахшад: исҳоли гарм ва сафровии бенизомро ба ибро меоварад; ташнагӣ, тафси ҷигар ва гурдаҳоро таскин медиҳад, сӯзиши пешоброҳаро, ки сӯзок ҳам меноманд, сиҳат мекунад. Агар кофурро ос карда дар бинӣ бирезанд, барои бемориҳои вобаста ба майна ва фараҳ бахшидан дору мешавад. Барои иллатҳои зот – ул – ҷанб ва сил аз рӯ молиданаш низ кифоя мебошад. Бо гулоб даромехта бихӯранд, дарди сари аз гармӣ сарзадаро таскин медиҳад, ҳаввос (ҳамаи ҳисҳо) ва узвҳои мағзи сарро қавӣ мегардонад. Ин шилм (кофур) – ро бо равґани гули сурх ё бо сиркои ангурӣ даромехта, ба сар бимоланд, дарди сари сафровиро таскин медиҳад. Агар бо барги кашнизи тар ё бо барги зуф кӯфта, ба тораки сар бигузоранд, хуни биниро манъ мекунад.

Ба миқдори як ё ду ҷави онро бо оби барги кашниз ё бо сирко даромехта, дар бинӣ бирезанд, хуни биниро манъ мекунад. Бо барги коҳу якҷо кӯфта, ба сар гузошта банданд ва дар оби барги коҳу ҳал карда, дар бинӣ бирезанд, бехобии гармизоҷонро ба ибро меоварад ва ҳарорати майнаро таскин медиҳад; агар бо равґани гулисурх даромехта бимоланд, варамҳои гармро пас мегардонад.

а) кофурро маҳин ос карда, ба чашм бипошанд, дарди чашмро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад; бо оби кашниз ва сурма – ҳамаро як ҷо соида, ба чашм кашанд, баромадани обиларо дар чашм ҳангоми бемории нагзак ва сурхакон манъ мекунад, агар баромада бошанд, зуд онҳоро дафъ месозад: инчунин кофурро бо оби тӯқумшулук даромехта ба чашм кашанд, ҳамин хосиятро дорад.

б) кофурро дар равґани гулисурх ҳал карда, дар бинӣ чаконанд, вайронии мизоҷи сар ва чашмро ислоҳ мекунад (Вайроншавии содаи мизоҷи майна ва чашмон аст, ки ҳангоми баланд хестани офтоб ба само ва зиёд гаштани нури он, бемории майна ва чашм авҷ мегирад ва агар офтоб поён фурояд ва дар вақти шабиллат суст мегардад).

Кофурро дар гулоб ҳал карда, ба он ґарґара кунанд ё онро дар даҳон гардонанд, дарди дандони сиёҳшударо (кирмхӯрдаро) таскин медиҳад.

в) пухтани даҳонро шифо мебахшад.

г) кофурро дар ковокии дандони сиёҳшуда гузоранд, зиёд шудани ковокии дандонро манъ мекунад.

Кофурро дар кашнизи тару тоза ҳал карда, дар гӯш чаконанд, дарди гӯшро, ки аз гармӣ бошад, шифо мебахшад ва хуни биниро, ки аз майна ва пардаҳои он ояд, манъ мекунад.

Кофурро бо мушк ва анбар бихӯранд, низоми сардии онро ба эътидол меоварад ва рӯҳи ҳайвониро, ки мақомаш дил аст, рӯҳи нафсониро, ки мавзеаш майна аст, дар одамони сардмизоҷ ва заиф қувват мебахшад. Дар Хитой бар зидди заҳрҳои ҳашарот, аз ҷумла заҳри каждуми (яке аз куҳантарин бандпойи тортанакмонанд, ки дар охирин банди

баданаш ду ғадуди захр ҷойгир буда, неши сангакмонанде пайвастаст, ба арабӣ ақраб гӯянд) ҷаррора, ки қаттолтарин аст, истифода мебаранд ва дар солҳои гузашта дар таркиби истеҳсоли ҳар гуна пласмассаҳо истифода мешуд.

Дар Ҳиндустон баъди коркарди махсус кофурро дар маводҳои пухтупази қаннодӣ истифода мебаранд.

Хӯрдани кофур табҳои диқ (лоғаркунанда) ва гарми тезро шифо мебахшад, вале табҳои моддиро, яъне табҳоеро, ки аз зиёд гаштани яке аз чор модда; (хилт) хун, балғам, сафро ва савдо бошад, зарар дорад.

Хӯрдани кофур барои одамони сардмизоҷ ва заифмизоҷ зарар дорад; дарди сар мебарад, меъдаро суст мекунад, узвҳои ғизоро ҳам суст менамояд, инчунин барои боҳ (пушти камар) ҳам зиён дорад (ҳатто бисёр бӯйиданаш ҳам зарар меоварад), маниро шах мегардонад, гурда ва хичакро хунук месозад. Кофур дар зарар кардан ба боҳ аз афюн бадтар аст. Агар кофурро аз ҳад зиёд бибӯянд, бинобар бисёр баланд будани дараҷаи хушкии мизоҷаш бехобиро ба амал меоварад, боиси сафед гаштани мӯй ва пир шудани инсон мегардад, иштиҳо ва наслро қатъ мекунад. Дар гурда ва хичак санг пайдо мекунад. Агар 9 граммашро бихӯранд, боҳро қатъ ва меъдаро вайрон мекунад. Ба қавли баъзе гиёҳшиносон 8-9 граммаш кушанда мебошад.

Зарарҳои кофурро мушк, анбар, гулқанд, равғани савсан, равғани гулихайрӣ, равғани бунафша, равғани наргис ва монанди онҳоро бихӯранд, бартараф мекунад.

Меъёру миқдори як маротиба хӯрдан аз кофур 0,5 грамм мебошад.

Аз ҳама дарахти ҳамешасабзи куҳансолтарин дар давлати Ҷопон буда, баландиаш 50м ва паҳноиаш қариб 5 метрро дар бар мегирад, ки тахминан умри 1400 сола дорад.

Барои гирифтани равғани кофур дарахтони аз чилсола боло истифода бурда мешавад, равған дар таркиби баргу гулу решааш мавҷуд буда, бо усули фишурдаву буғ - 15 соат давом мекунад ва дар натиҷа моеи сафеди зардча, бо бӯйи табъхӯшкунанда, яъне равған ҳосил мешавад.

Дар замони ҳозира дар соҳаи тиб равғани кофур (камфорное масло) бо намудҳои гуногун васеъ истифода бурда мешавад:

1) барои бемориҳои дарди гӯш.
2) барои бемориҳои гуногуни пӯст.
3) барои бемориҳои буғумдард
4) барои бартараф кардани асабоният ва афсурдаҳолӣ.
5) бо омехтаи 4 – чумча равғани кофуру дигар равғанҳо (зайтун, офтобпараст, ангат, беданҷир) дар масҳои табобатии нуқтагӣ, масҳи умумӣ, масҳи обӣ ва пешгирии ҳар гуна бемориҳо истифода бурда мешавад.

Дар **соҳаи ороишӣ** (косметалогия) равғани кофур фақат намуди сафедаш фаровон низ истифода бурда мешавад:

1) ҳамчун ниқоби сафедкунандаи рӯй.
2) ҳамчун малҳам барои инкишофёбӣ ва мустаҳкамшавии мӯй.
3) ҳамчун моеи шӯянда барои рӯйи пӯсташ равғанин.
4) барои мустаҳкамшавии решаи абрӯвону мижгонҳо.

Равғани кофур ба одамоне, ки ҳассосият доранд, занҳои ҳомила ва занҳое, ки кӯдакони синамак доранд, шахсоне, ки ба дарди қалб ва фишорбаландӣ гирифторанд, истифода бурдан манъ карда шудааст.

Дар забони тоҷикӣ **омонимҳои** лексикӣ, ки шаклан якхела ва ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд ва дар натиҷаи иқтибоси калимаҳо бо ҳам мувофиқат кардани овозҳои калима ба амал меояд. Омонимҳои морфологӣ чунин омонимҳоеанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд. Кофур ҳамчун дарахт, дар ин ҷо ба исм, исми ҷинс ва исми моддии ҷузъ тааллуқ дорад.

3. Дар шеваҳои минтақаи ҷанубии Тоҷикистон калимаи **кофур** инсони бедин, яъне дини ҳақро мепӯшад ва ба ислом намегаравад (Ғиёс –ул луғот. Қ. 2 саҳ 152) ҳамчун инсон исми ҷондор, исми хос омадааст. Сухани куфр гуфтан. Форсиён ба фатҳи фо (яъне кофар) истеъмол кунанд, чунонки кофарро бо ханҷар қофия созанд (аз “латоиф” ва “Муайид” ва “Кашф” ва “Баҳори Аҷам” ва “Мунтахаб”) ва низ дар ҳамин кутуб мазкур аст, ки кофир-кофар ба маънии рӯди бузург (Ғиёс –ул луғот. қ 2 саҳ 152) аст. Дарёи **Кофарниҳон** имрӯза дар шаҳри Ваҳдат ҷорӣ мебошад. Калимаи кофур, кофар, кофир **омофон** шуда омадаанд, ки омофонҳо калимаҳои гуногунеро номанд, аз рӯйи талаффуз пурра бо ҳам мувофиқ омада, дар навишт каме аз ҳам фарқ мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори Рӯдакӣ. “Ахтарони адаб”. - Душанбе: Адиб, 2007. – 415 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 1. – Душанбе, 1991. – 380 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. Қ.2. - 152 с.

4. Ғиёс-ул-луғот. Қ.2. - С. 416.
5. Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ.1, Ҷ.2, Ҷ.3.
6. “Латоиф” ва “Муқайд”, “Кашф” ва “Баҳори Аҷам”.
7. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х–Х). - Ҷилди 1. - Душанбе, 2012. – 568 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – 2010. – Ҷ. 1. – 657 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ. 2.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1. – 567 с.

ОМОФОНҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақола ба баррасии омонимҳо дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки онҳо ҳам аз рӯйи талаффуз ва ҳам аз рӯйи шакли овозӣ бо ҳам мувофиқ омада, вале аз ҷиҳати маъно аз ҳам фарқ мекунанд ва ҳатто маънии якеро аз маънои дигаре муайян кардан номумкин аст: чанг – асбоб, чанг –чангу ғубор, бар – ҳосил, бар – бурдан, кулак – мушт, кулак –табақа. Калимаҳое, ки ба гурӯҳи омонимҳо дохил мешванд, байни ҳамдигар ҳеҷ гуна умумияти маъноӣ надоранд. Омоним хосси ин ё он забон набуда, балки дар ҳамаи забонҳо мушоҳида мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар асрҳои 1Х – Х давраи Сомониён навишта шудани асарҳои илмӣ ва адабиро бо забони тоҷикӣ ташвиқ ва ҳимоят мекарданд. Забони тоҷикӣ чун забони расмии давлатӣ дар доираҳои расмӣ, дастгоҳи давлатӣ, коргузории девонҳо (вазоратҳо), мукотибаҳои расмӣ ва маросимҳои мазҳабӣ ба кор бурда мешуд. Асоси забони адабиро лаҳҷаю шеваҳои Самарқанду Бухоро, Марв, Балх, Бадахшону Нишопур ва омезиш ёфтани забонҳои Суғдию Бохтарӣ ташкил мекард. Дар натиҷаи омезиш ёфтани забонҳо, боз аз забони юнонӣ, ҳиндӣ, яҳудӣ ва арабӣ бисёр калимаҳо боиси захираи ғании луғавӣ ва воситаҳои гуногуни услубӣ гардид. Шоирону нависандагони ин давр аз тамоми захираҳои луғавии забон истифода мебурданд. Баъзе адибони ин аср аз калимаҳои забони арабӣ, суғдӣ, паҳлавӣ, бохтарӣ, ҳатто юнонӣ ва лотинӣ дар эҷодиёташон истифода мебурданд. Дар осори Рӯдакӣ омонимҳои (таҷнис) зиёде корбаст гардидаанд. Дар мақола муаллиф калимаи «Кофур”-ро, ки дар ду маврид истифода шудааст, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: омонимҳо, баррасии омонимҳо, маъно, навишта шудани асарҳои илмӣ ва адабӣ бо забони тоҷикӣ, захираи ғании луғавӣ, воситаҳои гуногуни услубӣ

..

ОМОФОНЫ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья рассматривает использование омоноимов в таджикском языке, которые и по произношению и по фонетическим формам соответсвуют друг другу, но в смысловом значении отличаются друг от друга и определить значение одного из значения другого омонима невозможно: например слово чанг - струнный ударный музывкальный инструмент, чанг –в значении пыли, слово бар –в значении плод, бар – в значении нести, кулак – в значении кисти рук, кулак –в значении сословия. Слова, которые входят в группу омоноимов, не имеют между собой никаких смысловых общностей. Омоним не свойственен только одному или другому языку, он наблюдается во всех языках. Автор отмечает, что в 1Х – Х веках в период правления династии Саманидов пропагандировалось написание научных трудов и художественных произведений на таджикском языке. Таджикский язык как официальный государственный язык использовался в официальных кругах, в высшем правительственном органе, делопроизводстве министертств, официальной корреспонденции и религиозных обрядах. Основу литературного языка составляли говоры и диалекты Самараканда и Бухары, Мерва и Балха, Бадахшана и Нишапура и смешение языков Согда и Бохтара. Результатом смешения языков стало обогащение словарного состава и различных стилистических способов языка. Поэты и писатели того периода использовали все ресурсы словарного состава языка. Некоторые литераторы того периода использовали слова арабского, согдского языка, языка пехлеви бохтарского языка и даже латынского и греческого языков. В наследии Рудаки омонимы употреблялись очень часто. В статье автор подробно рассматривает использование и значение слова *Кофур (Камфора*), который используется в двух случаях.

Ключевые слова: омонимы, исследование омоноимов, значение, написание научных трудов и художественных произведений на таджикском языке, богатый словарный запас, различные стилистические приёмы.

OMOPHONES IN TAJIK LANGUAGE

The article examines the use of homonyms in the Tajik language, which in pronunciation and phonetic forms correspond to each other, but in semantic meaning they differ from each other and it is impossible to determine the meaning of one of the meanings of another homonym: for example, the word chang is a stringed percussion musical instrument, chang is the meaning of dust, the word bar means fruit, bar means carry, fist means hands, fist means class. Words that are part of the group of homonyms do not have any semantic commonality among themselves. Homonym is not peculiar only to one or another language, it is observed in all languages. The author notes that in the 1st - 10th centuries during the reign of the Samanid dynasty, the writing of scientific works and works of art in the Tajik language was promoted. The Tajik language as the official state language was used in official circles, in the highest government body, in the office of ministries, in official correspondence and in religious rites. The basis of the literary language was the dialects and dialects of Samarakand and Bukhara, Merv and Balkh, Badakhshan and Nishapur, and the mixing of the languages of Sogd and Bokhtar. The mixture of languages has resulted in the enrichment of the vocabulary and various stylistic ways of the language. Poets and writers of that period used all the resources of the vocabulary of the language. Some writers of that period used words from Arabic, Sogd, Pahlavi, Bokhtar, and even Latin and Greek. In the heritage of Rudaki, homonyms were used very often. In the article, the author examines in detail the use and meaning of the word Kofur (Camphor), which is used in two cases.

Key words: homonyms, the study of homonyms, meaning, writing scientific papers and works of art in the Tajik language, rich vocabulary, various stylistic techniques.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯрабекзода Фотима*** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Телефон: **(+992) 938-18-72-43**

Сведения об авторе: ***Джурабекзода Фотима*** – Институт языка и литературы им. А. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. Телефон: **(+992) 938-18-72-43**

Information about the author*: Dzhurabekzoda Fotima* - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 21. Phone: **(+992) 938-18-72-43**

УДК: 491.550-3:42

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИИ НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Саидова М.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ ҳануз мавзӯи пурра омӯхтанашуда маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар забономӯзии муосир таваҷҷуҳи хоссаи забоншиносонро касб намудааст. Бояд зикр намуд, ки усулҳои муқоисавии таҳлил ҳамеша боис бар он мегарданд, ки ҷанбаҳои гуногуни мавзӯъ баррасӣ гарданд ва ин амал махсусан ҳангоми гузаронидани таҳлили баъзе паҳлуҳои сохтории мавзӯъ манфиатовар аст. Ин амал, пеш аз ҳама, бар он алоқаманд аст, ки дар грамматикаҳои анъанавӣ ҳамеша таҳлили мавзӯъ бо нишон додани ҷанбаҳои тарҷумавӣ оварда мешаванд, ки дар ин ҳолат баъзе паҳлуҳои сохтории ҷумла норавшан боқӣ мемонад.

Дар забонҳои муқоисашаванда ҷумлаҳои нутқи мазмунан нақлшуда аз лиҳози грамматикӣ ҳамчун ҷумлаҳои пайрави пуркунанда баромад мекунанд, ки дар он сарҷумла ва ҷумлаи пайрав бо ҳамдигар робита доранд.

Бояд хотирнишон сохт, ки паҳлуи дигари ҷолибияти мавзӯъ тез-тез мавриди истифода қарор гирифтани он мебошад ва дар ин робита сохтори мушаххас, ки баёнгари андешаи амиқ, бошад, зарурат дорад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади амиқ намудани таҳлил бояд андешае чанд миёни нутқи айнан нақлшуда ва мазмунан нақлшуда овард.

Забони англисӣ имкон доранд, ки нутқи гӯяндаро бо ду роҳ ифода кунад, айнан ва ё мазмунан.

Нутқи айнан нақлшуда – яке аз воситаҳоест, ки ҳангоми ифодаи нутқи дигар гӯянда ва ё нависанда тамоми хусусиятҳои лексикӣ-синтаксисиро дар ҷумла нигоҳ медорад ва ба он чизе аз худ илова намекунад. Дар ин ҳолат нутқ комилан амиқ аст, ки ба таври айнан омадааст ва ё мазмунан, масалан:

Fixing them with a half-angry, half mocking look, my father replied: “They were wolf cubs, and half turned out in the end to be wolves, as the poet said” [p. 36] (“The Sands of Oxus).

Нутқи айнан нақлшуда аслан гӯё нутқи пурра гуфташудаи муаллифи он мебошад. Дар баъзе ҳолат он метавонад, ки нутқи худи гӯянда бошад, ки айнан дар ҷумла оварда шудааст. Масалан: I told you about it yesterday: “I couldn’t go with you to the theatre” *(Ман инро дирӯз ба ту гуфтам: «Ман бо ту ба театр рафта наметавонам»)* [Тӯйғунов Н, Грамматикаи забони англисӣ, с.143].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нутқи айнан нақлшуда на танҳо ҷанбаҳои лексикӣ ва синтаксисии нутқи бегонаро нишон дода метавонанд, балки метавонанд услуб ва ҳатто интонатсияи онро низ нигоҳ доранд, масалан: *Агар мулло бошед, - гуфт падарам, - ба* ***ҷасадаш*** *нигоҳ накарда бо ин писари ман, ки ҳаштсола аст, мунозира кунед* [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с. 49]. ~ … if you are a mullah, my father said, “Forget that he is smaller then you and complete with my eight-year-old son here in scholarship” [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.252].

Бояд зикр намоем, ки ҷумлаҳои дар нутқи айнан нақлшуда аз ду қисм иборатанд: сухани шахси бегона ва сухани муаллиф (гӯянда). Ин қисматҳо ба ҳамдигар тавассути ҳолатҳои семантикӣ ва ҳатто интонатсионӣ алоқаманд мебошанд: -“You needn’t have rushed to pay my father back,” my mother said. “He said you could repay him anytime before he died” [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.44р].

Аммо вақте ки суол дар бораи маъниҳои ишқии шеърҳо мерафт, пешонаашро турш карда ба абрӯвонаш чин оварда: «ҳоло ба ту барои фаҳмидани ин гуна чизҳо вақт нарасидааст, …» мегуфт. [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.93]. ~ But when the question concerned erotic imagery, his brow would furrow and he would say with a frown, “ the time is not yet ripe for you to understand such things …” [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.112].

Сухани муаллиф дар аксар маврид ба кӣ тааллуқ доштани онро мушаххас намуда, дар ин ҳолат феълҳои гуногуни гуфтор ба монанди (to say *(гуфтан)*, to answer *(ҷавоб додан)*, to respond *(ҷавоб додан)*, to reply *(посух гуфтан)*, to tell *(нақл кардан)*, вобаста аз

маъно мавриди истифода қарор мегиранд. Дар аксар ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки новобаста аз феълҳои гуфтор баъзе феълҳои дигари аз лиҳози ифода мувофиқ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои гуногуни мавқеъ гирифтани нутқи муаллиф мушоҳида мешавад, яъне он метавонад пеш аз нутқи айнан нақлшуда ояд ва ё баъд аз он: "Have you ever eaten mushrooms"-Ergash persisted [Charles Dickens, "The Baron of Grogzwig 50]

"You don't look much like one," returned the baron scornfully *(«Шумо ба ҳамдигар як нестед», гуфт ӯ гамгинона)*.[Charles Dickens "The Baron of Grogzwig"c.89].

- *Ин овози духтар буд, ки акнун ором мебаромад ва* ***ба гӯши ман*** *шинос мерасид* [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.90]. ~ "I do, gladly," came the girls voice- now calmer, and **suddenly familiar to me,** though I still couldn't place it [С.Айнӣ, Ёддоштҳо, с.109].

Аслан нутқи шахси дигарро, ки айнан бе дигаргунӣ нақл карда шудааст, нутқи айнан нақлшуда меноманд. Нутқи айнан нақлшуда аз ҷиҳати синтаксисӣ ҳам мустақилии худро нигоҳ медорад ва ҳамроҳ шудани суханони муаллиф хусусияти граматикии онро дигар намекунад. Як хусусияти дигари нутқи айнан нақлшуда аз он иборат аст, ки вай дар ҷумла аз суханони муаллиф бо интонатсияи аслии худ ҷудо шуда меистад. Суханони муаллиф бо интонатсияи аслии худ ҷудо шуда меистад. Суханони муаллиф, одатан аз ҷумлаи дутаркиба (хабари феълӣ ва мубтадо) иборат буда, хабар (феъл) воқеияти нутқро ва мубтадо шахси гӯяндаро мефаҳмонад [ЗАҲТ. с. 203].

Омӯзиши маводҳои гуногуни илмӣ нишон доданд, ки тавассути сохтори гуногуни ифода нутқи шахси бегонаро ифода намудан мумкин аст, ки ин амал асосан дар доираи нутқи мазмунан нақшудаи забони англисӣ (Indirect speech) сурат мегирад.

Омӯзишҳо нишон доданд, ки дар забони англисӣ ҳангоми истифодаи нутқи мазмунан нақлшуда пайвандакҳои гуногун вобаста аз мақсади ифода мавриди корбурд қарор мегиранд. Дар муқоиса бо забони тоҷикӣ агар назар кунем, ин ҳолат хеле монандӣ дорад.

Ҷумлаҳои пайраве, ки бо эзоҳи калимаҳои ишоратӣ меоянд ба сарҷумла бо пайвандаки ***"ки"*** алоқаманд мешаванд. Калимаҳои ишоратӣ дар баъзе мавридҳо бо пайвандаки ***«ки»*** як таркибро ташкил медиҳанд.

Масалан: Rely on it **that** I shall give you a full account. Everything points to the fact that he is dead. It was all due to the fact **that** your letter came to *(Ба он итминон банд,* ***ки*** *ман ба ту мегӯям. Ҳама чиз бар он далолат мекунад,* ***ки*** *ӯ фавтидааст. Ин ҳама бар асоси далелҳоест,* ***ки*** *дар мактуби ту омадааст*) [М.Ганшина, Грамматика английского языка, с. 148].

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои монандӣ дар мисоли овардашуда миёни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав шояд истифода шудани пайвандакҳо бошад, ки дар забонҳои муқоисашаванда ба шакли баробар вобаста аз ифодаи маъно истифода мешаванд. Дар ин ҳолат агар дар забони англисӣ пайвандаки – «that» ояд, дар забони тоҷикӣ пайвандаки – «ки» истифода мешавад. Масалан:

She told me *that* she had been at the theatre where she met an old school friend of hers whom she had not sen for many years [М.Ганшина, Грамматика английского языка, 146]. *(Ӯ ба ман гуфт, ки дар театр буд, дар ҳамон ҷое, ки дӯсти мактабиашро вохӯрд, ки сари чанд сол надида буд)*.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз хусусиятҳои хосси нутқи мазмунан нақлшуда дар забони англисӣ он аст, ки мувофиқатии замонҳои феълӣ, пеш аз ҳама, ба инобат гирифта мешавад. Дар нутқи мазмунан нақлшуда якчанд ҳолатҳои фарққунанда ҳастанд. Ин амал, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки феъли ҷумла (сарҷумла) дар кадом замон омадааст. «Як қатор ҳолатҳое ҳастанд, ки дар он феъл асосан дар замони ҳозира меояд. Махсусан, ҳолатҳои дар поён зикршуда чунин хусусият доранд: а) ҳангоми ифодаи хабаре, ки ҳанӯз пурра комил нест ва ба анҷом нарасидааст; б) ҳангоми хондани мактуб ва шарҳи он; с) ҳангоми хондани дастур ва шарҳи он; д) ҳангоми ифодаи хабаре, ки шахси муайян доимо изҳор мекунад» [Thomson, Martinet 2002, 269].

Бояд зикр намоем, ки дар ин ҳолат агар феъли сарҷумла дар замони Present Indefinite, Present Perfect ва ё Future Indefinite бошад, он гоҳ феъл дар нутқи мазмунан нақлшуда дар ҳамон замон меистад:

She told me that she spoke to the secretary yesterdaybut did not get any definit answer from him, so she will probably speak to him tomorrow *(Ӯ ба ман гуфт, ки бо котиба рӯзи гузашта суҳбат кардааст, вале ягон ҷавоби амиқ нагирифтааст, шояд бо ӯ пагоҳ суҳбат кунад)* [М. Ганшина с. 132].

Новобаста аз ин, омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки одатан феъли сарҷумла дар нутқи мазмунан нақшуда дар замони гузашта меояд, ки дар ин ҳолат қоидаҳои дигари сохториро ба худ зам менамояд, ё худ қоидаи мувофиқатии замонҳо ба миён меояд.

Дар вақти аз нутқи айнан нақлшуда ба мазмунан нақлшуда гузаронидан як зумра тағйиротҳо ба амал меоянд. Он, пеш аз ҳама, истифодаи қоидаи «**мувофиқатии замонҳо**» (**Sequence of Tenses**) мебошад.

1. Агар хабари сарҷумла дар замони гузашта ифода ёфта бошад, пас хабари ҷумлаи пайрав низ дар замони гузашта меояд ва ғайраҳо. [Тӯйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ, с.139].

2. Аз рӯйи қоида агар хабари феълӣ дар сарҷумла замони ҳозира ва ё ояндаро дар назар дошта бошад, истифодаи замонҳо дар ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забони англисӣ ба забони тоҷикӣ монандӣ дорад ва замонҳо аз рӯйи маъно мавриди истифода қарор мегиранд:

	where he lives now?
Do you know	*that he lived in Kiev last year?*
	that he will be soon in Moscow

	вай ҳоло дар кӯҷо зиндагӣ мекунад?
Оё медонед, ки	*вай соли гузашта дар Киев зиндагӣ мекард?*
	вай ба наздикӣ дар Маскав хоҳад шуд?

3. Дар нутқи мазмунан нақлшуда зарф ва ҷонишинҳо аз рӯйи маъно иваз мегарданд:

now ба- then
yesterday - the day before
today - that day
tomorrow - the next day
here - there

4. Пайвандаки **that** (**ки**) илова мешавад:

He said that…. Вай гуфт, ки….

Дар ҷумлаҳои хабарӣ феъли “to say” ҳамчун хабари сарҷумла ба феъли “to tell” иваз шуда, пешоянди “to” истифода намегардад:

He told us to speak English / *Вай гуфт, ки англисӣ гап занем.*

5. Ҷумлаҳои саволӣ дар нутқи мазмунан нақлшуда чунин ифода меёбанд:

а). Феъли “to say” ба феъли “to ask” дар замони ба ҷумла мувофиқ иваз мегардад.

б). Ҷумлаҳои пайрави пуркунанда (ё худ саволҳои умумӣ) бо истифодаи пайвандакҳои “**if**” ё “**weather**” сохта мешаванд:

a. He asked me “Can you walk faster?”
b. He asked me if I could walk faster?
c. I didn’t know weather she would be at the University.

6. Саволҳои махсус бо истифодаи феъли “to ask” ташкил меёбанд. Онҳо бо сарҷумла ба тариқи пайвандак ё зарфҳо якҷоя шуда чун ҷумлаҳои пайрави пуркунанда меоянд:

a) He asked “Where are you from” He asked me where I came from.
b) He asked us what we should do if we didn’t get tickets.

7. Амру хоҳиш дар нутқи мазмунан нақлшуда бо феълҳои “to ask” (пурсидан), “to order” (фармон додан), to tell (нақл кардан) сохта мешаванд:

She said: “Stop making that noise” / Вай гуфт: «Ғавғоро бас кунед». She told me to stop making that noise / Ӯ амр кард, ки ман ғавғоро бас кунам.

8. Дар сиғаи амрӣ феъл ба шакли масдариаш (infinitive) иваз мегардад: He said: «Speak louder please». He asked me to speak louder.

Дар шакли инкорӣ бошад, ҳиссачаи «not» илова мешавад:

My brother said «Don’t go home now». My brother told me not to go home.

Агар нутқи гӯянда (шахси дигар) бе тағйирот оварда шавад, онро нутқи айнан нақлшуда мегӯянд.

Сафар ба ӯ рӯ оварда гуфт (суханони нақлкунанда): “ Акои Олим ҳушёр бошед” (суханони каси дигар) [ЗАҲТ с.304].

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар суҳбат ва ё нақлу ҳикоят лозим мешавад, ки гуфтаи дигарон истифода карда шавад. Дар забони адабии тоҷик тарзҳои гуногуни ифодаи нутқи дигарон мавҷуд аст. Онҳоро баъзан бо ифодаҳои туфайлии «Чи хеле ки, гуфтаанд, мувофиқи гуфтаи фалонӣ, чунонки бузургон фармудаанд», гуфта мазмуни онҳоро нақл кардан мумкин аст. Сухани шахси дигарро ба ду роҳ нақл кардан мумкин аст:

Айнан, ягон калимаи онро дигар накарда, аз номи худи гӯянда нақл кардан:

Барот гуфт: «Ман имрӯз баҳои панҷ гирифтам».

Аз номи шахси дигар, бо дигаргунӣ:

Барот гуфт, ки вай имрӯз баҳои панҷ гирифтааст.

Нутқи шахси дигарро, ки айнан бе дигаргунӣ нақл карда шудааст, нутқи айнан нақлшуда меноманд. Нутқи айнан нақлшуда аз ҷиҳати синтаксисӣ ҳам мустақилии худро

нигоҳ медорад ва ҳамроҳ шудани суханони муаллиф хусусияти грамматикии онро дигар намекунад.

Дар ҷумлаҳои боло нутқи каси дигар чи гунае ки гуфтааст, оварда шудааст (яъне, бе тағйирот, бе тағйири хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии нутқ).

The teacher said; "The lesson is over"

Дар ҷумлаи англисӣ низ нутқи гӯянда (яъне- the teacher-муаллим) айнан оварда шудааст. Ҳангоми айнан ифода кардани нутқи шахси дигар гӯянда дар аксар маврид суханони шахси дигарро бо нигоҳ доштани тарзи баён ва оҳанги он ифода мекунад.

Ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳо, шахсҳо, бандакҳо тағйир меёбанд.

Дар забони англисӣ ҳамин қоида ва қонуниятҳои дар боло зикршударо дидан мумкин аст. Аммо дар забони англисӣ ҳангоми ифодаи ҷумлаҳо аз нутқи айнан нақлшуда ба нутқи мазмунан нақлшуда як қатор тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамин гуна тағйиротҳоро асосан дар қоидаи мутобиқатии замонҳо дидан мумкин аст, ки аз лиҳози сохторӣ нисбат ба забони тоҷикӣ мураккабтар аст. Дар нутқи айнан нақлшуда ҷумлаҳо вобаста аз мақсади баён ва аз лиҳози намуд метавонад гуногун бошанд. (Яъне, ҷумлаҳои амрӣ, хитобӣ, саволӣ, хабарӣ). Ҳангоми ифодаи онҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда ҳар яке аз рӯйи қоидаҳои махсуси худашон баён мешаванд. Аз ин рӯ, дар алоҳидагӣ омӯхтани онҳо мувофиқи матлаб мебошад.

Феълҳое, ки нутқи мазмунан нақлшударо ифода мекунанд, метавонанд шаклҳои гуногуни замониро дошта бошанд. Агар феъл яке аз шаклҳои замонҳои ҳозира ва ё ояндаро дошта бошад, он гоҳ феъл-хабари ҷумлаи пайрав, ки мазмуни нутқи айнан нақлшударо медиҳад, тағйир намеёбад:

He says that; he will live in Dushanbe.

he lives in Dushanbe.

he lived in Dushanbe.

Дар аксар маврид шахси нақлкунанда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки, аллакай, ба вуқӯъ омадаанд. Аз ин рӯ, феълҳое, ки нутқи мазмунан нақлшударо ифода мекунанд, дар бештар маврид шакли Past indefinite –ро мегиранд, ки зарурати тағйири шаклҳои феълиро ба миён меоварад (яъне, тағйири хабари ҷумлаи пайрав аз рӯйи қоидаи мувофиқатии замонҳо-Sequence of Tenses).

He said that he would live in Dushanbe (будет жить)

he lived in Dushanbe (живёт)

he had lived in Dushanbe (жил)

Ҷумлаҳо дар нутқи мазмунан нақлшуда аслан бо феълхои *to say (гуфтан), to tell (нақл кардан), to announce (эълон доштан)* ва дар нутқи расмӣ бо феъли *to inform (хабар додан)* гуфта мешавад. Ҳангоми истифодаи феълҳои *to tell, to inform* шахсе, ки сухан ба ӯ тааллуқ дорад, хотиррасон карда мешавад, аммо агар феълҳои *to say ва to announce* истифода шаванд, он гоҳ шахс ё хотиррасон мешавад ва ё на. Агар хотиррасон шавад, пешоянди *to* истифода мегардад: Tom said: "I am awfully tired."Tom said *to* Bob:, "I am awfully tired. *(Том гуфт: Ман хеле хастаам). (Том ба Боб гуфт: Ман хеле хастаам).*

Tom said that he was awfully tired *(Том гуфт, ки ӯ хеле хаста аст).* Tom said to Bob that he was awfully tired. Tom told Bob that he was awfully tired. *(Том ба Боб гуфт, ки ӯ хеле хаста аст) [Каушанская Л. с. 102].*

Феълҳои *to say (гуфтан)* ва *to introduce (шиносонидан)* ҳам дар нутқи айнан ва ҳам дар нутқи мазмунан нақлшуда, агар шахс хотиррасон нашуда бошад, истифода мешаванд ва агар шахс муаррифӣ шавад истифодаи феъли *to tell (нақл кардан)* беҳтар аст. Агар феъли *to say (гуфтан)* истифода шавад, истифодаи пешоянди *to* ҳатмист:

He said "I will be back soon" *(Ӯ гуфт: «Ман ба зудӣ бармегардам»).*

He said he would be back soon (*Ӯ гуфт, ки ба зудӣ бармегардад)* [Туйгунов Н. Грамматикаи забони англисӣ, с.124)

Феъли *to tell* танҳо барои ифодаи нутқи мазмунан нақлшуда истифода мешавад. Шахсеро, ки сухан ба ӯ тааллуқ дорад, бояд хотиррасон шавад: She told me this morning that Mary was in Voscow yesterday *(Ӯ ба ман субҳгоҳон гуфт, ки Мери дирӯз дар Москов буд)* [Ганшина F. Английская грамматика, с.330]. Агар гӯянда сухани худашро гуфтанӣ бошад, он гоҳ ҷонишин тағйир дода намешавад. I said "I am ready for the classes" *(Ман гуфтам, «Ман ба дарс тайёрам»)* I said I was ready for the classes *(Ман гуфтам, ки ба дарс тайёрам).*Ҷонишини *you* ҳангоми ифода дар нутқи айнан нақлшуда метавонад шахси шунидаистода (иштирокчии суҳбат)- ро дар назар дошта бошад. Дар чунин маврид ҳангоми ифодаи он ба нутқи мазмунан нақлшуда *you* ба *I* иваз мешавад: The teacher said, "You will have to revise the grammar rules" *(Муаллим гуфт: «Ба шумо зарур аст, ки қоидаҳои грамматикиро аз худ намоед»).* The teacher told me that I would have to revise the

grammar rules *(Муаллим гуфт, ки ба ман омӯхтани қоидаҳои грамматикӣ зарурист). [Грамматикаи забони англисӣ. Атоева Ҳ с. 120].*

Ҷадвали тағйири ҷонишинҳо дар ҷумла дар нутқи мазмунан нақлшуда:

Direct:	Indirect:
She says, "**I** usually go by plane"	She says (that) **she** usually goes by plane
He asks her, "Where are you going?"	He asks her where **she** is going
He tells me, "**I'll** talk to some of my clients"	She tells me (that) **she'll** talk to some of her clients
I ask her, "Do **you** enjoy travelling on business?"	I ask her if (wether) **she** enjoys travelling on bussiness

Doleres says that she would like to make a reservation on a flight to Washungton (Lado c 66)

6. Агар феъл дар сарҷумла дар замони гузашта бошад, ҷонишинҳои ишоратӣ ва зарфҳои замон, макон бо чунин шакл тағйир меёбанд:

Here (инҷо)	There (онҷо)
This (ин)	That (он, ҳамон)
These (инҳо, ҳаминҳо)	Those (онҳо, ҳамонҳо)
Now (акнун)	Then (онвақт), at that time (дар он вақт)
Yesterday (дирӯз)	the day before or the previous day (як рӯз қабл)
Ago (пеш)	Before (пеш)
Last night (шаби гузашта)	the previous night (шаби қаблӣ)
This year (имсол)	That year (ҳамон сол)
Tomorrow (пагоҳ)	The next day (рӯзи дигар)
Today (имрӯз)	At that time, that day
Next week (ҳафтаи оянда)	The following week (ҳафтаи оянда)
Last week (ҳафтаи гузашта)	The previous week (ҳафтаи қаблӣ)
Last year (соли гузашта)	The year before (як сол пеш)

Бояд зикр намуд, ки дар ин миён дар забони англисӣ тағйирот мушоҳида мешавад, ки қоидаҳои нисбатан хос ва мураккабтареро дорад, ки дар забони тоҷикӣ ин гуна тағйирот камтар ба назар мерасанд. Бояд қайд намуд, ки қоидаи дигаре, ки асоси созмон додани нутқи мазмунан нақлшударо дар забони англисӣ ташкил медиҳад ва ҳамеша зери таваҷҷуҳи забоншиносони гуногун қарор дорад, қоидаи мувофиқатии замонҳо мебошад, ки интихоби дурусти замони феълӣ ҳангоми баргардонидан ба нутқи мазмунан нақлшуда даар ин ҳолат хеле муҳим аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Виноградов В.А. Лексикология английского языка: учеб. пособие для студ. / В.А. Виноградов. – М.: Наука, 1977. – 312 с.
2. Кузнецова С.В. Косвенные высказывания: цели и значения / С.В. Кузнецова // Иноязычная филология и дидактика в вузе: междунар. межвуз. сб. науч. тр. - М.; Мичуринск: Изд-во Мич. гос. аграр. ун-та, 2009. - Вып. 5. - С.55-60.
3. Марузо, Ж. Словарь лингвистических терминов / Ж. Марузо. – М.: Изд-во иностр. лит., 1960. – 436 с.
4. Мурзин Л.Н. Чужая речь и ее типология / Л.Н.Мурзин // Уч.зап. Пермского ун-та, 1969. - № 192. - С.49-61.
5. Рейман Е.А. Об употреблении времен в английской научной прозе / Е.А. Рейман // Стилистико-грамматические черты языка научной литературы. - М.: Наука, 1970. - С.90-98.
6. Туйғунов Н. Грамматикаи забони англисӣ: дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ / Н.Туйғунов. – Душанбе, 2010. – 140 с.
7. Хаймович, Б.С. Теоретическая грамматика английского языка / Б.С. Хаймович, Б.И. Роговская. – М.: Высшая школа, 1967. – 298 с.
8. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. - Москва, 1972. - С.51.
9. New Webster's Dictionary of the English Language. College Edition. – USA: Fifth Print, 1989. - 1856 p.
10. Laurence Urdang. Dictionary of synonyms and antonyms. – USA, 1985. - P.441.
11. Ganshina M. English Grammar / M. Ganshina, N.Vasylevskaya. – Москва, 1964. - 471 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРИИ НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар забони англисӣ нутқи мазмунан нақлшуда хусусиятҳои хосси худро дорад. Нутқи мазмунан нақлшуда дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлил ва таҳқиқи пурра қарор нагирифтааст. Тавассути мақолаҳои алоҳида забоншиносон баъзе андешаҳои худро баён намудаанд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки аз лиҳози сохторӣ нутқи мазмунан нақлшудаи забони англисӣ аз забони тоҷикӣ тафовут дорад. Ин гуна тафовутро мо бештар дар қоидаи мувофиқатии замонҳо мебинем. Қоидаи мувофиқатии замонҳо дар забони тоҷикӣ низ ҳангоми баргардонидании ҷумла аз нутқи айнан ба мазмунан ҷой дорад, яъне замони ҷумла мувофиқ кунонида мешавад, аммо дар ин раванд дар забони англисӣ қоидаҳои иловагӣ ба назар мерасанд. Новобаста аз ин, мушоҳидаҳо нишон доданд, ки умумиятҳо низ дар забонҳои муқоисашаванда мушоҳида мешаванд. Бояд зикр намоем, ки ин гуна умумиятҳои забонӣ ҳолатҳои мушаххас доранд. Ифодаҳои семантикии нутқи мазмунан нақлшуда аз тарафи забоншиносон ба таврҳои гуногун фаҳмида мешавад. Андешаҳо вобаста аз ифодаи матн дар забони англисӣ гуногнунанд. Муҳаққиқон ақидаҳои мухталифро дар масъалаи омӯзиши хусусиятҳои семантикии нутқи мазмунан нақлшуда дар илми

забоншиносӣ пешниҳод намудааанд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки тағйиротҳои семантикӣ ҳангоми баргардонидани нутқи айнан дар ҷумла то дараҷае ҷой доранд, ки пурра муайян намудани он таҳқиқоти пурраро тақозо мекунад.

Калидвожаҳо: сохтор, нутқи айнан нақлшуда, нутқи мазмунан нақлшуда, таҳлил, тарҷума, семантика, муқоиса, умумият, тафовут.

СТРУКТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ КОСВЕННОЙ РЕЧИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Анализ показывает, что в английском языке косвенная речь имеет свои спецефические особенности. Изучение материалов показало, что косвенная речь в сопоставляемых языках до сих пор не стала предметом отдельного лингвистического исследования. Языковеды и в таджикском и в английском языках в отдельных статьях подчеркнули некоторые особенности этого пласта языка и выразили свое отношение по этой теме. Изучение материалов показывает, что косвенная речь английского языка имеет некоторые особенности, которые не встречаются в таджикском языке. К этому можно добавить правило согласования времён английского языка. Надо отметить, что согласование времён существует и в таджикской косвенной речи, но этот процесс в английском языке происходит иначе. Несмотря на это, анализ показал, что в сопоставляемых языках наблюдается общность и в структурном и в семантическом плане в косвенной речи. Надо отметить, что этот языковой процесс, который наблюдается в обоих языках, имеет свои особенности. Семантические особенности косвенной речи по-разному интерпретируется языковедами. В зависимости от передачи речи наблюдаются различные мнения. Надо отметить, что многие языковеды высказывали свое мнение по проблемам семантики и структуры косвенной речи, особенно в английском языке. Надо подчеркнуть, что в действительности наблюдаются некоторые семантические изменения при передаче чужой речи, и полный анализ данного предположения требует отдельного исследования.

Ключевые слова: структура, прямая речь, косвенная речь, анализ, перевод, семантика, сравнение, общность, различие.

STRUCTURAL FEATURES OF THE INDERECT SPEECH IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Analyzes show that indirect speech in English has its own specific features. A study of the materials showed that indirect speech in comparable languages has not yet become the subject of a separate linguistic research. Linguists in both Tajik and English in separate articles emphasized some features of this layer of the language and expressed their relationship with this topic. A study of the materials shows that the indirect speech of the English language has some features that are not found in the Tajik language. This can include the rule of the sequence of tenses. It should be noted that the sequence of times exists in Tajik indirect speech, but this process in the English language happens differently. Despite this, analyzes showed that in the compared languages there is a commonality both structurally and semantically in indirect speech. It should be noted that these language processes that are observed in both languages have their own characteristics. The semantic features of indirect speech are interpreted differently by linguists. Depending on the transmission of speech, different opinions are observed. It should be noted that many linguists have given their opinions to the problems of semantics and structures of indirect speech, especially in English. It should be emphasized that in reality there is some semantic change in the transmission of indirect speech, and a complete analysis of this assumption requires a separate research.

Key words: structure, direct speech, indirect speech, analysis, translation, semantics, comparison, generality, difference.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Мавзуна Абдулхакимовна*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Саидова Мавзуна Абдулхакимовна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

Information about the author: ***Saidova Mavzuna Abdulhakimovna*** – Tajik State University of Finance and Economics, senior teacher of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., 64/14. E-mail: **mavzun.1234@mail.ru**

УДК: 491.550

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шарифзода Шарифхон Хол
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Халқи тоҷик роҳи дуру дарози таърихиро тай намуда, бо сахтиҳо, ҳодисаҳо, кашмакашиҳои сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ гашта, дар давоми садсолаҳо ба шакли миллат ташаккул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки садҳо олимону донишмандони ватанию хориҷӣ дар хусуси пайдоиши вожаи тоҷик ва қавму қабилаҳои тоҷик ибрози ақида намудаанд. Махсусан, аз олимон ва донишмандони форсу тоҷик Эмомалӣ Раҳмон, Бобоҷон Ғафуров, Садриддин Айнӣ, А. Мухторов, Саид Нафисӣ, Маликушшуаро Баҳор, Парвиз Нотили Хонларӣ, А.А. Таботабоӣ, М.Муҳаммад, Ҷалолиддини Сидиқӣ, С. Назарзода, К. Бақозода, Г.Ҷ. Доварӣ, Муҳтарам Ҳотам, Яъқубшоҳ Юсуфбек аз олимону муҳаққиқони аврупоӣ В.В. Бартолд, В.С. Расторгуева, Д.И. Эделман, В.Т. Соболев, Б.Н. Кузнетсов, М.М. Дяков, Л.Н. Гумилёв, Н.В. Хаников, Силс-Вилямс, А. Шишов ва дигарон дар бораи

пайдоиши калимаи тоҷик, ифтитоҳи қавму қабилаҳо, нажод ва ташаккулу сукунатгоҳи ҷуғрофии миллати тоҷик арзи ақида кардаанд. Лекин бояд гуфт, ки фикру андешаҳои ин олимони барҷаста ва муҳаққиқон якхела нестанд. Ҳарчанд ақидаҳои як қисмашон ба ҳам наздик бошанд ҳам, қисми дигарашон ба ҳақиқати воқеӣ чандон наздикӣ надоранд.

Устод С. Айнӣ дар хусуси мардуми тоҷик ва калимаи тоҷик чунин ибрози ақида намудааст: «Калимаи тоҷик ба сифати номи як халқи форсизабон, сараввал нисбат ба мардуми форсизабони Осиёи Марказӣ ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳама форсизабонони рӯйи дунё ба кор бурда шудааст» [9, с.119]. «Маънои калимаи **тоҷик** ҳамрадиф ва ҳаммаънои «Ориёӣ», яъне тоҷикзабонон будааст» [9, с.119]. Устод Айнӣ менависад, ки қавмҳои қадимтарини тоҷикон-форсизабонҳо дар Суғд, Бохтар умр ба сар мебурданд. Лекин ҳаёти ваҳшиёнаро аз сар мегузаронидаанд. Тадриҷан ҳайвонҳоро ба худ ром карда, ба зироаткорӣ, чорводорӣ машғул мешуданд. Баъдтар ба сохтани манзилҳои нисбатан босифат машғул шуданд. Ин замоне буд, ки овони подшоҳии Каюмарс, Ҳушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун то давраи Гаршосп, Пешдодиён идома ёфтааст.

Устоди Донишгоҳи техникии Донетск Пок В.В. низ Араттаи соҳилҳои Днепрро қадимтарин давлати дунё, ҷойгоҳ ва муҷиби шаклгирии умумияти ориёӣ ва нахустзабон, ки дар асоси он ҳама забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ шакл гирифтаанд, донистааст. Он давлатро нахустин давлати дунё ва аҳли башар донистаанд. Ба андешаи мо, нуқтаи назари олимони русу украинӣ дар хусуси ватани этникии нахуст ориёнажодҳо, гӯё ки дар соҳилҳои дарёҳои Дунай, Днепр қаламравҳои Украина, Белорусия, Молдавия бошад, дуруст аст. Ватани нахустини русҳо, белорусҳо, украинҳо, хорватҳо ва дигар ориёинажодҳо Осиёи Миёна ё худ сарзамини Эрон набуд.

Форсизабонҳо аз ҷумлаи тоҷикон, дариҳо, форсҳо, дар якҷоягии миллатҳои дар боло номбурда, дар ҳамин сарзаминҳои зикршуда, умр ба сар мебурданд. Забонашон қариб, ки як хел буд. Барои исботи ин ақида ду забонро – тоҷикӣ ва русиро мисол овардан ҷоиз аст. Масалан, аз нуқтаи назари забоншиносӣ дар ҳар як ҳиссаи нутқ ҳодисаҳои фонетикӣ ва дигар хусусиятҳои савтию садоии монандро ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст. Чунончи, ба таври намуна дар қолабҳои зерин тасдиқи андешаҳои болоро ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст.

Исм	Сифат	Шумора
Модар-мама	Кутоҳ-короткий	Ду-два
Падар-папа	Дароз-длинный	Чор-четыре
Бародар-брат	Тоза-чистый	Панҷ-пять
Абру-бров	Майда-маленький	Шаш-шесть
Забон-зуба	Зард-желтый	Даҳ-десять
Гов-корова	Торик-тёмный	Чордаҳ-четырнадцать

Чунон ки мебинем, ҳамоҳангӣ, ҳамрангӣ ва такрори бисёр фонемаҳо дар бисёр калимаҳои забони тоҷикию русӣ ба назар мерасад. Агар дар як ё ду калима чунин ҳодисаҳои фонетикӣ мушоҳида мегашт, шояд ҳодисаи тасодуф гуфта гузашт мекардем. Ин гуфтаҳо, ин далелҳо нишон медиҳанд, ки дар охири ҷамъияти обшинаи ибтидоӣ ва ифтитоҳи ҷамъияти ғуломдорӣ пайдоиши забонҳои ҳиндуаврупоӣ, яъне забонҳои ориёитаборҳо як хел будаанд.

Тоҷикону форсҳо баъд аз ҷудошавӣ аз русҳою белорусҳо, украинҳову молдаванҳо ва дигар нажоди ориётаборҳо сарзаминҳои Эрони кунунӣ, баъдтар Осиёи Марказӣ, Осиёи Миёна, Ироқ, Яман, Афғонистон, Мовароуннаҳр, сарзамини имрӯзаи халиҷи Форс, Туркманистон, Қазоқистонро сукунати доимӣ ихтиёр карданд. Ба андешаи мо, тоҷикони аввалин дар сарҳадгоҳи Суғд, Бохтар, халиҷи Форс, Фарғона, Помири ҳозира, Осиёи Марказӣ зиндагӣ мекарданд.

Аксари донишмандон, аз ҷумла Саид Нафисӣ бо истинод ба маъхазҳои боэътимоди таърихӣ, исбот карданд, ки гаҳвораи забони кунунии мардуми ориёиасл на Эрони ғарбӣ, балки маҳз қисмати шимолу шарқии Ориёнои таърихӣ, яъне сарзаминҳои Суғду Бохтар будааст. Чунон ки маълум аст, Суғд, Бохтар дар ҳудуди ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон доман паҳн кардаанд.

Тоҷик ҳамчун ифодакунандаи як миллати хеле қадима ба гурӯҳи ориёитаборҳо дохил мешавад. Калимаи **ориёӣ** маънои фарққунанда, асилзодаҳо, наҷиб ва покнажодҳоро дорад. Ориёҳо, ки аслан аз нажоди урупоиён мебошанд, дар вақти барҳӯрд ба маҳаллаҳои Ҳинд худро **ориёӣ,** яъне аз нажоди пок гуфтаанд

Ҳанӯз дар тӯли асрҳои IV-IX сакоиҳо, хоразмиён, суғдиён, сиистониён, бохтариён ҳама худро **ориёӣ** меномиданд. Аммо калимаи «Ориёӣ» бо мурури замон ба номи нажоди тамоми халқҳои эронӣ табдил ёфт ва аз ҳамаи давраҳои таърихӣ ин ном то рӯзгори мо боқӣ монд.

Аз рӯйи маълумотҳо, чунон ки ишора шуд, ватани аслии тоҷикон асосан ҳудудҳои Мовароуннаҳр, Хуросон, Балх буд. Баъд аз он ки теъдоди бошандагон зиёд шуданд, ба ҷойҳои дигар кӯч бастанд. Билохир, давра ба давра то Бохтар, Суғд ва Осиёи Миёнаи имрӯза омада ин маконҳоро маскани муқимии хеш ихтиёр карданд.

Ба ақидаи донишмандони тоҷик вақте ки мо тоҷиконро аз ҷумлаи ҳалқҳои эронинажод мешуморем, ин ҳаргиз маънои аз Эрон омадани тоҷиконро надорад. Бошишгоҳҳои асосии Ориёи бостонро бисёр ховаршиносон ва муаррихон тамоми қисматҳои ҳосилхези он сӯйи рӯд-Мовароуннаҳр донистаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки доир ба калимаи тоҷик ва муносибати он ба вожаҳои **тоҷ, тоз, додак, тоҷак, тожик, тозик, тозӣ, та-юеҷиҳо, да-юеҷиҳо, тат, тазиг** ва ғайра баҳсу мунозираҳои зиёда аз тарафи донишмандон сурат гирифтааст. Масъалаи асосӣ ин аст, билохира калимаи **тоҷик** кай ва дар кадом шакл ба вуҷуд омадааст? Гурӯҳе аз донишмандон онро мансуб ба **тоҷ** (кӯлоҳ) медонанд (Эмомалӣ Раҳмон, М.С. Андреев, Хаников Н.В., А. Бобринский, А. Вамберӣ, А. Будагов, Д. Гогард, А. Миллер, С. Айнӣ, А. Муҳаммад, А. Боровков, С. Маҳдӣ, С. Назарзода, А. Бернштам, И. Умняков, Ё. Юсуфшоҳ, К. Бекзода ва диг.), аммо олимони дигар (Ҷ. Катремар, Т. Нелдеке, Г. Ҳюбшман, А.А. Семенов, В.В. Бартолд ва диг.) ба ин ақида буданд, ки вожаи **тоҷик** лексемаи **тай** – аз номи яке аз қабилаҳои Арабистони Шимолӣ пайдо шудааст. Ҳар кадоме аз ин донишмандон барои дурустии фикри худ фарзияҳоеро пешниҳод кардаанд.

Аллома С. Айнӣ яке аз аввалин донишмандони тоҷикест, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ кардааст. Ӯ мақолае ба унвони «Маънои калимаи тоҷик»[1, с.34] иншо карда, андешаҳояшро ба таври муфассал баён кардааст. Дар асоси шарҳҳои луғатномаҳо ба хулосае меояд, ки калимаи тоҷик ба қавми араб ва вожаи тай – طیҳеҷ робитае надорад. Ӯ ба чунин хулосае меояд, ки «калимаи **тоҷик** аз тарафи ягон муаллифи муътабар бо роҳи забоншиносӣ (лингвистӣ) то ҳол таҳлил карда, маънои аслии он баён карда нашудааст ва агар ягон таҳлили маъқуле шуда бошад ҳам, то ҳол ба воситаи адабиёти навишта ба мо нарасидааст» [1, с.55]. Устод С. Айнӣ калимаи тоҷикро аз се ҷузъ **«тоҷ-ӣ-к»** иборат медонад ва дурустии онро ба забоншиносон ҳавола мекунад. Аммо фикри устод роҷеъ ба халқи тоҷик ва забони тоҷикӣ асоси илмӣ дорад. Ӯ менависад, ки «Он халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки инҳоро баъд аз исломият «**тоҷик**» ва забонашонро «форсӣ» ё ин ки «тоҷикӣ» номидаанд, киҳо буданд? Инҳо ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз ислом дар ин сарзаминҳо ба тариқи муқимӣ дар шаҳрҳо ва деҳаҳо ба хонаву ҷой зиндагонӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умргузаронӣ мекарданд, инҳо ҳамон суғдиён буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр, дар канфҳо, водиҳо ва кӯҳҳои Зарафшон ва Бохтариёну Тахориён, ки ба марказияти Балхи қадим дар Хуросон ва Чаҳониён буданд, ки бо марказияти Тирмиз ва Ҳисори Шодмони имрӯза дар канораҳои рости дарёи Омӯя зиндагонӣ мекарданд»[1, с.53-54].

Яке аз муҳаққиқони соҳибназар Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ бо номи «Забони миллат – ҳастии миллат» перомуни калимаи **тоҷик** тадқиқоти муфассал анҷом додааст. Муаллиф менигорад, ки «ақидаи аз калимаи «тоҷ» пайдо шудани калимаи «тоҷик», ки аз тарафи аксари донишмандони тоҷику рус пешниҳод мешавад, аз тарафи таҳиягарони «Доират-ул-маорифи исломӣ» бидуни қайду шарт ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам таърихӣ мардуд дониста шудааст» [9, с.87]. Дар идомаи баҳс муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фикру андешаҳои гуногуни олимонро мавриди баррасӣ қарор дода, андешаҳои муаллифи «Доират-ул-маорифи исломӣ»-ро рад мекунад. Дар идомаи тадқиқот муҳтарам Э. Раҳмон андешаи олимони дигарро матраҳ карда менависад, ки «баъзе дигар аз донишмандон гунаҳои гуногуни вожаҳоеро аз қабили Дантия – номи рӯди муқаддас дар Осиёи Марказӣ (Дарёи Сир), Тарғитос номи яке аз пешвоёни қабилаҳои сакӣ, додигҳо яке аз қабилаҳои сакӣ дар навиштаҳои Ҳеродот- муаррихи юнонӣ пешниҳод кардаанд, ки гӯё дар асоси талаффузи гуногуни ин калимаҳо, бавежа **«тоҷик»** расидан мумкин аст»[9, с.87].

Ин забон воқеан дар тӯли қарнҳо ба ҳодисаю вокунишҳои зиёде гирифтор шуда, онҳоро чун оина дар худ инъикос намуда, дар ҳофизаи таърихиаш сабт кардааст ва бо ин роҳ таркиби луғавии худро такмил додааст. Муҳим аз ҳама халқи тоҷик онро на танҳо нигоҳ дошта тавонист, балки иқтидору тавоноияшро афзун намуд. Дар ин кор ба ӯ ҳазм намудани калимаҳои дохил аз дигар забонҳо кумак намудааст.

Бозёфтҳои хеле қадима ва ёдгориҳои таърихӣ дар Осиёи Миёна, сарзамини Эрон, музофотҳо ва қаламравҳои Афғонистон, Туркманистон, халиҷи Форс, Ҳиндустон, Хитой ва дигар ҳудудҳои мамлакатҳои Шарқ гувоҳӣ медиҳанд, ки тоҷикон ҳамчун миллати қадима ташаккул ёфта, дар ин сарзаминҳо аз насл ба насл то ба ин давра омада расидаанд. Махсусан, натиҷаи кофтуковҳои археологӣ дар Осиёи Миёна нишон медиҳанд, ки калонтарин марказҳои тараққикардаи маданӣ, иншоотҳои ирригатсионии ба давраи

тоисломӣ тааллуқдошта, махсусан, аз тарафи олимони давраи шӯравӣ кашф карда шудаанд. «Намунаи бисёр ёдгориҳои таърихӣ, иншоотҳои зироатӣ, меъморӣ ба асрҳои гузаштаи аҷдодони халқи тоҷик – суғдиҳо, бохтариҳо ва хоразмиҳо рост меояд ва тааллуқ доранд» [7, с.70].

Гузаштагони мардуми тоҷик то истилои араб дорои хат ва алифбои худ буданд. Дар бисёр сарчашмаҳо он хат мехӣ номбар мешавад. Ин гувоҳи он аст, ки кайҳо боз калимаҳои гуногунмаъно, унсурҳои мухталифи забонӣ, ҳатто ташаккулёбии пурраи мафҳумҳо ба амал омадаанд. Зеро то забони гуфтугӯӣ (шифоҳӣ) пайдо нагардад, забони хаттӣ ба амал намеояд.

Вақте ки арабҳо ба Осиёи Миёна ва сарзамини Эрон ҳуҷум карданд, халқҳои маҳаллӣ, алалхусус халқи тоҷикро зӯран тобеи худ кунонданӣ шуданд. То андозае дар давоми 200 сол қисман ба мақсади худ расиданд. Дини исломро пурра ҷорӣ карда тавонистанд. Вале забони тоҷикиро аз байн бурда натавонистанд. Азбаски сокинони муқимии ҳудудҳои ҳамонвақтаи Мовароуннаҳр, Ҳирот, Хуросон, Балх дар нигоҳдошти забони модарии худ ва осори хаттии намояндагонашон пояи устувор доштанд, забони арабӣ имконияти пурра ҷорӣ шудан наёфт, ҳарчанд чуноне дар боло ишора шуд, дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ як қатор калимаю ибораҳои забони арабӣ зӯран мавқеъ пайдо карданд. Он вақтҳо, яъне солҳои 713-720 забони тоҷикӣ бо номи форсӣ-дарӣ машҳур буд.

Бо таъсири ҷоришавии дини ислом дар сарзамини Эрон, Осиёи Миёна ва дигар мамлакатҳо, алалхусус дар сарзаминҳои тоҷикнишин калима ва ибораҳои забони арабӣ беш аз пеш ба забони форсӣ – тоҷикӣ дохил шудан гирифтанд. Баъд аз истилои араб дар Осиёи Миёна мавқеъ ва нуфузи забони форсӣ – тоҷикӣ як навъ дигаргунӣ ва омезишёбӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба амал омад.

Забоншиноси дақиқназар Носирҷон Маъсумӣ он давраро борикбинона омӯхта, чунин менависад: «Баъд аз асри Х дар давоми нуҳсад сол мо торафт афзудани нуфузи забони арабӣ, ҳарчи бештар ба забони адабии тоҷик дохил шудани калима ва ибораҳои гуногуни арабиро мебинем» [6, с.154].

Дар асри XIII ба Осиёи Миёна урдуи ғоратгарони муғулҳо бо сардории Чингизхон ҳамла оварданд. Музофотҳои аҳолинишини халқи тоҷикро вайрону валангор карданд. Китобҳои нодири китобхонаҳои Бухоро, Самарқандро оташ заданд. Мероси гаронбаҳою нодири гузаштагони тоҷикро талаю тороҷ карда буданд. Вале пояи устувору бойгарии луғавии забони тоҷиконро шикаста натавонистанд.

Соли 1917 дар Россияи подшоҳӣ Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр, (Инқилоби Октябр) ғалаба кард. Азбаски ҳанӯз соли 1860 сарзамини тоҷикон тобеи Россия шуда буд, Инқилоби Октябр таъсири худро ба ин сарзамин, яъне ба Осиёи Миёна низ расонд. Дар Осиёи Миёна Ҳукумати Шӯравӣ барқарор шуд ва Осиёи Миёна ба ҷумҳуриҳо тақсим шуд. Тибқи талаботи ҷамъияти нав, яъне ҷамъияти сотсиалистӣ, дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ҳаёти халқи тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад; мактабҳои нав кушода шуда, таълиму тарбия дар асоси барномаи нави таълиму тарбия ҷараён гирифт; китобҳои нави ба ҳамон замон ҷавобгӯ ба насли наврас ва толибилмон таъмин шудан гирифтанд. Таълим аввал ба хатти лотинӣ (соли 1929) ва баъдан ба хатти кирилӣ (1940) шурӯъ шуд; донишгоҳҳою донишкадаҳо таъсис ёфтанд. Олимону донишмандон ба навиштани китобҳои илмӣ ва дастурамалҳои нахустин камари ҳиммат бастанд, шоирону нависандагон ба офаридани асарҳои адабӣ, бадеӣ машғул шуданд.

Забони тоҷикӣ, ҳамчун фанни таълимӣ ва илм дониста шуд. Аввалин китоби дарсие, ки нисбатан васеътар буд, таҳти унвони «Сарфу наҳви забони адабии тоҷик» соли 1938 аз тарафи Сайидризо Ализода таълиф шуда, дастраси хонандагон гашт. Вобаста ба имкониятҳо ва шароитҳои муносиб, аз ҷониби донишмандону забоншиносон китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ, забони тоҷикӣ, забони адабии тоҷик таҳия ва ба толибилмон ва ҳаводорони забони тоҷикӣ пешниҳод гардид.

Дар ин давом чандин калимаю ибораҳои ба талаботи сохтори ҷамъияти навтаъсиси сотсиалистӣ мувофиқат намекардагӣ кам истеъмол шуданд. Ҳатто қисми зиёдашон аз истеъмол баромаданд.

Вобаста ба ҷараён ёфтани сохтори ҷамъияти сотсиалистӣ ба таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар ҳама соҳаҳои ҳаёту зиндагӣ калима ва ибораҳои зиёди забони русӣ ворид шудан гирифтанд. Чунончи: болшевик, меншевик, коммунист, комсомол, пионер, октябрят, пролетар, пленум, партия, совхоз, колхоз, съезд, институт, университет, студент, декан, агротехника, парашют ва ғ.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки забони тоҷикӣ аз даврахои гуногуни таърихӣ бо вариантҳои гуногун ифода ёфта, барои ифодаи на танҳо халқи тоҷик, ҳамчун этнос, балки

ифодакунандаи забони ин мардум низ хизмат кардааст ва ба ифодаи муҳаққиқ Э. Раҳмон «…Тоҷ ҳамчун яке аз гунаҳои вожаи **«тоҷик»** ҳазорҳо сол қабл аз нуфузи арабҳо дар Осиёи Миёна вуҷуд дошт ва ин вожа, баръакс, аз ин минтақа, яъне Осиёи Марказӣ ба Осиёи Пеш, Осиёи Хурд, Эрону Байнаннаҳрайн ва дигар маҳалҳо интиқол ёфт» [9, с.90]. Ин густариш боиси ташаккули таркиби луғавӣ шудааст, зеро дар ин минтақаи паҳноваре, ки забон густариш ёфта буд, анъанаву суннатҳои зиёди мардумӣ ва муносибатҳои гуногуни сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодӣ вуҷуд дошт, ки забон онҳоро дар худ мунъакис карда, бо ин иқтидори худро афзун карда, бори масъулияти бузурги муоширати байни миллатҳоро кашидааст.

«Забон таҷассуми фикр аст, ҳама ҳастии маънавию рӯҳии инсонро ифода карда, оламҳои маънавию рӯҳиро ба ҳам мепайвандад ва оламҳои наве эҷод менамояд, зеро зотан эҷодкор буда, натанҳо неруи эҷодкории инсонро афзоишу такомул медиҳад, балки ӯро тамоман дигар мекунад, фаҳми ӯро ташаккул медиҳад ва ё ба куллӣ тағйир дода, оламу одами дигар месозад» [8, с.23].

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Маънии калимаи тоҷик / С.Айнӣ // Садои Шарқ, 1986. - № 8.
2. Ализода, С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С. Ализода. – Душанбе, 2006. - 79 с.
3. Бертельс Е.А. Грамматика персидского языка / Е.А.Бертельс. – Ленинград: Институт восточных языков им. А.С. Енукидзе, 1926. - 127 с.
4. Беленитский, А.М. Наҳви забони тоҷикӣ. Барои синфҳои 6 – 7. Қисми дуюм / А.М. Беленитский, Б. Ҳоҷизода. – Душанбе, 2010. – 140 с.
5. Давлатбеки Ҳоҷа. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна. – Душанбе, 1998.
6. Маъсумӣ, Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Адиб, 2005. – 296 с
7. Таджикская советская энциклопедия (под ред. М.С. Осимов). - Душанбе, 1983. – Т.1. - 634 с.
8. Шукуров Муҳаммадҷон. Забони мо ҳастии мост/ Муҳаммадҷон Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 232 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат / Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Эр-граф. 2016. – 516 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. А Ориён то Сомониён.К.1. –Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола муаллиф дар бораи заминаҳои таърихии ташаккули забони тоҷикӣ изҳори андеша намудааст. Аз он ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимтарини дунё буда, имрӯзҳо яке аз забонҳои мақтадири дунё маҳсуб меёбад. Забони тоҷикӣ аз даврахои гуногуни таърихӣ бо вариантҳои гуногун ифода ёфта, барои ифодаи на танҳо халқи тоҷик ҳамчун этнос, балки ифодакунандаи забони ин мардум низ хизмат кардааст. Забони тоҷикӣ, ҳамчун фанни таълимӣ ва илм дониста шуд. Аввалин китоби дарсие, ки нисбатан васеътар буд, таҳти унвони «Сарфу наҳви забони адабии тоҷик» соли 1938 аз тарафи Сайидризо Ализода таълиф шуда, дастраси хонандагон гашт. Вобаста ба имкониятҳо ва шароитҳои муносиб, аз ҷониби донишмандону забоншиносон китобҳои дарсӣ ба забони модарӣ, забони тоҷикӣ, забони адабии тоҷик таҳия ва ба толибилмон ва ҳаводорони забони тоҷикӣ пешниҳод гардид. Дар ин давом чандин калимаю ибораҳои ба талаботи сохтори ҷамъияти навтаъсиси сотсиалистӣ мувофиқат намекардагӣ кам истеъмол шуданд. Ҳатто қисми зиёдашон аз истеъмол баромаданд.

Калидвожаҳо: забони тоҷикӣ, таърихи забони тоҷикӣ, замонҳои қадим, тоҷик, рушд, роҳи таърихӣ.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье автор рассматривает предпосылки исторического развития таджикского языка. В том числе он указывает на то, что таджикский язык является одним из древнейших языков мира и в настоящее время является одним из сильных и развитых языков мира. Таджикский язык в различные исторические времена выражался в различных вариантах и для её выражения послужил не только таджикский народ как этнос, но и он являлся выразитлем языка этого народа. Таджикский язык признавался как научный и учебный предмет. Первый учебник под названием «Морфогия и синтаксис таджикского литературного языка» было составлено в 1938 году Сайидризо Ализодой и представлено читателям. В зависимости от возможностей и приемлемых условий со стороны ученых-лингистов были подготовлены и предложены читателям и почитателям таджикского языка учебники на родном языке, на таджикском языке и литературном таджикском языке. В тот период очень мало употреблялись слова и словосочетания, которые не соответствовали строю нового социалитстического общества, даже некоторые слова вышли из обихода.

Ключевые слова: таджикский язык, история таджикского языка, древние времена, развитие, исторический путь.

HISTORICAL DEVELOPMENT BACKGROUND OF THE TAJIK LANGUAGE

In the article, the author examines the preconditions for the historical development of the Tajik language. He also points out that the Tajik language is one of the most ancient languages in the world and is currently one of the strongest and most developed languages in the world. The Tajik language in different historical times was expressed in different versions and not only the Tajik people as an ethnos served for its expression, but it was also the expresser of the language of this people. The Tajik language was recognized as a scientific and academic subject. The first textbook entitled "Morphogy and syntax of the Tajik literary language" was compiled in 1938 by Sayidrizo Alizoda and presented to the readers. Depending on the possibilities and acceptable conditions on the part of linguists, textbooks were prepared and offered to readers and admirers of the Tajik language in their native language, in the Tajik language and literary Tajik language. During that period, very few words and phrases were used that did not correspond to the structure of the new socialist society, even

some words went out of use.**Key words:** Tajik language, the his history of tajik language, ancient times, development, historical way.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифзода Шарифхон Хол*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, омӯзгори кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ. **Суроғ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. E-mail: **sharif.f@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-19-31-49**

Сведения об авторе: ***Шарифзода Шарифхон Хол*** – Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, преподаватель кафедры методики начального обучения. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **sharif.f@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-19-31-49**

Information about the author: ***Sharifzoda Sharifkhon Khol*** - Bokhtar State University named after N. Khusrava, teacher of the Department of Primary Education Methods. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Str. Aini, 67. E-mail: **sharif.f@mail.ru**. Tel.: **(+992) 918-19-31-49**

УДК: 491.71-3

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИГВИСТИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ БОҒДОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Як қабати калони лексикаи забони тоҷикӣ ва лаҳҷаю шеваҳоро истилоҳот ташкил медиҳанд. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забон таърихи дурудароз ва тӯлонӣ дорад. Чи тавре ки профессор С. Назарзода қайд намудааст, истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи он ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён кардани маънои мафҳумҳои нав аст. Ҳангоме ки дар ҷомеа чунин мафҳумҳо пайдо мешаванд ва инсонҳо бад-он бармехӯранд, дар навбати аввал саъй мекунанд дар забони ҷории худ вожа ва ё таркиботе пайдо кунанд, ки аз ҷиҳати маъно шабоҳат ё наздикӣ ба онҳо доранд ва барои аҳли фан ё мардуми бештар ошно буда, метавонанд маънои мафҳуми навро инъикос намоянд [11, с.24].

Дар ҳақиқат, истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, ки ин раванд ҳангоми ба вуҷуд омадани истилоҳоти соҳаи боғдорӣ низ хеле баръало намоён мешавад. Масалан, калимаҳои *олуча, гелос*, *анҷир, шафтолу, зардолу, челон*, ки ба луғати соҳаи боғдорӣ марбутанд ба ҳамаи соҳибзабонон ошноӣ фаҳмоянд, аммо калимаҳои *олучагелос, анҷиршафтолу, шафтолуи лучак,* гарчанде ба тоҷикзабонон фаҳмо бошад ҳам, барои шахсоне, ки ба омӯзиши забони тоҷикӣ шуғл меварзанд нофаҳмотар аст. Мутахассисони соҳаи боғдорӣ, ки зимни пайванди *олучаю гелос, шафтолуву анҷир, шафтолую зардолу* ва *челон* гунаҳои нави меваҷот *олучагелос, анҷиршафтолу, шафтолуи лучак* ва *хурморо* ба вуҷуд оварданд, инчунин тавонистаанд тавассути фаъолияти худ истилоҳоти навро ба забон ворид намоянд. Ё ин ки калимаҳои *таговӣ, мирзоӣ, ҳусайнӣ, сойибиро,* ки дар ифодаи мафҳумҳои ифодакунандаи номи ангурҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор корбаст мешаванд ва тавассути ҳамроҳ кардани пасвандӣ –ӣ ба решаи калимаҳои Тагов, Мирзо, Ҳусайн ва Сойиб пайдо шудаанд, метавон ба ин гурӯҳи истилоҳот ворид кард. Агар дар забон калимаи муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ фаъолияти калимасозии забон ба кор медарояд. Барои ин кор забон аз захоиру имконоти дохилӣ ва васоили гуногуни дастурии хеш, аз қабили калимасозӣ мутобиқи суннатҳои анъанавӣ, аз пасванду пешвандҳо ва нимвандҳо ва ғайра истифода мебарад [11, с.24].

Боғдорӣ аз қадимулайём шуғли дӯстоштаи мардуми тоҷик ва кори хеле наҷиб ба ҳисоб меравад. Ва ҳатто маҳоли халқии аз доно *бог* мемонад, аз нодон *дог* бори дигар ба мо ёдрас менамояд, ки ба боғдорию дарахтшинонӣ шуғл варзидан ин кори хайр ва савоб аст. Аз ин лиҳоз, истилоҳи боғ дар китоби муқаддаси “ Қуръони Карим” хеле зиёд корбаст шудааст: Ва ба рӯйи замини ҳитъа дар канори якдигар ва боғҳои ангуру киштзорҳо ва нахлҳое, ки ду тана аз як реша руста аст ва як тана аз як реша ва ҳама ба як об сероб мешаванд ва дар (таъм, маззаи) мева бар дигаре бартарӣ ниҳодем. Албатта, дар инҳо барои хирадмандон ибратҳост! [9, с.496].

Халқи тоҷик табиатан халқи созандаву бунёдкор, оромтабиату нексиришт, шикастанафсу меҳнатдӯст аст [22, с.20]. Боғдорриро яке аз урфу одати наҷиби ин аҳвом гӯем ҳам иштибоҳ намекунем. Гузаштагонамон ин шуғлро кори хайр меҳисобиданд. Ва ин оин аз гузаштагонамон ба мо ба мерос мондааст. Баъзе аз унсурҳои дини зардӯштӣ, аз қабили макрӯҳ накардани обу хоку оташ, амали носавоб донистани чорвои наврасу дуҷон, дар айни нашъунамо ё ҳосил гуноҳ донистани буридани шохи дарахт, ба хонаи арӯси нав ё тифли навзод роҳ надодани каси шумқадаму баднафас, танҳо нагузоштани арӯсу домод

ҳафтаҳои аввали хонадорӣ, дуд кардани ҳазориспанд барои рафъи чуку чондор ва даҳҳо мисли дигар гувоҳӣ медиҳанд, ки имрӯз ҳам Зардушт бо оини ростину маниши неку зикри амалҳои хайраш дар ҳар хонадони миллати фарҳангдӯсти хирадмандпарвари тоҷик ошён дорад [21, с.53].

Истилоҳоти соҳаи боғдорӣ як қабати калони лексикаи лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил медиҳанд. Боғдорӣ аз дар ин мавзеъ хеле рушд намудааст. Мардуми ин мавзеъ боғдорҳои асил ба ҳисоб рафта шуғли дӯстоштаи хешро аз насл ба насл давом дода истодаанд. Танҳо номи анвои ангур дар ин мавзеъ бо бештар аз панҷоҳ истилоҳ ифода меёбад. Парвариши дарахтон ва ба воситаи пайванд ба вуҷуд овардани навъҳои гуногуни меваҳо боиси пайдо шудани истилоҳоти нави ин соҳа шудаанд.

Зарурияти таҳқиқоти соҳаи боғдорӣ дар забон дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти ин калимаҳо дар луғатҳои меъёрие, ки дар айни замон мураттаб мегарданд, дарҷ нагардидаанд ва дар нутқи мардум мавриди истифода қарор надоранд ва ба ҷойи онҳо истифодаи калимаҳои иқтибосӣ ба назар мерасанд. Ин раванд барои аз байн рафтани калимаҳои аслии забон ва ба ҷойи онҳо истифода шудани калимаҳои иқтибосӣ мусоидат менамояд [18, с.5]. Ин падидаро дар луғати лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ бевосита мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, калимаҳои *норанҷ, финдуқ, қулфинай, марминҷон,* ки ба гурӯҳи калимаҳои умумихалқӣ шомиланд мавқеи худро дар айни замон аз даст дода, ба ҷойи онҳо калимаҳои *мандарин, финикӣ, кулубника, малина* хеле фаъол гардидаанд. Дар раванди пурталотуми глобализатсия арзишҳо ва меъёрҳои умдаи ҷаҳонӣ ташаккул меёбанд ва дунёи муосир бори гарони сарватҳои таърихиву мероси куҳани миллиро кашида наметавонад. Арзишҳои куҳан қимати иҷтимоии худро бохта, ботадриҷ аз миён мераванд ва ҷойи онҳоро арзишҳову меъёрҳои нави ҷаҳонӣ мегиранд [23, с.2].

Бояд ҳаминро дарҷ созем, ки аз сабаби фаъол будани калимаи боғ дар забони тоҷикӣ бо решаи боғ калимаҳои зиёде сохта шудаанд: *богбон, богбонӣ, богдор, богистон, богкӯча, богмонанд, богот, богча, богӣ* [8, с.60]. Истилоҳ дар забони бошкирӣ низ дар шакли “бакча” мавриди истифода қарор дошта, решааш ба забони форсии қадим: bauca (пайколи кишт, боғча)- дар шакли хурдию навозиш bau (сад) рафта мерасад [3, с.52].

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки лаҳҷаҳои тоҷикони водии Ҳисор дар бобати истифодаи номи ҷинсҳои асосии дарахтон аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ қариб тафовут надорад, зеро номи аксар дарахтоне, ки дар ин водӣ парвариш меёбанд, дар бештари маҳалҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба чашм мерасанд. Аз *зумраи себ, зардолу, ангур, тут, биҳӣ, олу, шафтолу, анор, анҷир* ва амсоли инҳо. Аммо дар баробари ин, дар соҳаи боғдорӣ ва коркарди анвои мева дар гӯйиши ин мардум вожаҳое низ ба кор мераванд, ки аз дохили ин лаҳҷа берун баромада наметавонанд. Барои мисол истилоҳоти *довуча, чомоқ, бодарингсеw, хасак, богбонакро* мегирем [1, с.106].

Воҳиди луғавии *довуча* дар маънии «меваи хому нопухта» истифода мешавад. Ба ин мафҳум дар лаҳҷаи Конибодом вожаи *гӯра* [13, с.86] ва дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ вожаи *гурик/гурък* роиҷ аст.

Вожаи *богбонак* аз ҷиҳати маънӣ баробар аст ба калимаи дар тоҷикӣ маълуми *хазонак.* Агар зоҳиран нигоҳ кунем, дар назари аввал чунин менамояд, ки исми *богбонак* моли забони адабӣ бошад ва мафҳуми хурдию навозишро мефаҳмонад. Аммо, агар ба он ҷиддитар зеҳн монем, мебинем, ки дар лаҳҷаи мазкур вожаи *богбонак* мафҳуми «меваи дерпазак, аз ҳосили дуюм»-ро ифода мекунад. Истилоҳи *чомоқ* дар лаҳҷаи мазкур ҷойгузини воҳиди луғавии *чормагзи* забони адабӣ мебошад ва калимаи *бодарингсеw* бар ивази ибораи *себи розмарин* ба кор меравад. Истилоҳи *тути хасак* ҳам лаҳҷавист ва моли худи соҳибони лаҳҷа аст, ки синоними дигари он дар лаҳҷа истилоҳи *тути ёwоӣ* аст.

Чунонки мебинем, таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз ҳисоби воҳидҳои марбут ба бахши боғдорӣ хеле бой аст. Як қисми ин навъи луғатро он истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки маҳз ба парвариши ангур ва коркарди меваи он дахл доранд.

Боғҳои ангур дар водии Ҳисор тавассути қаламча бунёд карда мешаванд. Ниҳоли ангур, ки аз як ҷо ба ҷойи дигар кӯчонида мешавад, дар лаҳҷаи мазкур, чунонки гуфта шуд, *токи ангур* ном дорад. Боғдорҳо хелҳои гуногуни ангурро ба вуҷуд меоранд. Вожаҳои ифодагари анвои ангур, истилоҳоти марбут ба коркарди мева ва дигар амалиёте, ки ба парвариши ангур дахл доранд, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1.Номи навъҳои ангур: *нимранг, қараангур, қарозанҷол, қарабоӣ, қарокалтак, халилӣ, кишмиши сиёҳ, шакарак, шакарангур, шакаробак, қаламфурӣ, тойфи калон, тойфи майда, ҷавз, нимранг, чумургонӣ, зангбанд, ҳусайни сурх, ҳусайни сурхи калон, кадуҳусайнӣ, калтаҳусайнӣ, ҳусайни акрамхӯҷагӣ, зарифӣ, оwак, ла(ъ)лӣ, фахрӣ, чиликӣ, чилики сурх, чилики сафед, кишмиши сиёҳ, кишмиши зард, резон, дили кафтар, бедона, бедони сурх, ангури*

сиёҳи хонатарош, ангури бедона, ангури сиёҳ, ангури сиёҳи ҳисорӣ, дарозак, нӯлӣ, ангури даштӣ, дерпазак, қайроқӣ, чочи шутур.

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар "Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон" истилоҳи қайроқӣ дар ҳамин шакл оварда шудааст: Қайроқӣ, як навъи ангуре, ки дар ҳотаи меҳнаткашони ноҳияи Панҷакент ва деҳоти атрофи Самарқанд парвариш карда мешавад [25, с.569].

2.Истилоҳоте, ки вобаста ба замони пухта расидани ангур пайдо шудаанд: пешпазак, ҷавпазак, дерпазак, зимистона.

3. Амалиёте, ки дар вақти парвариши ангур гузаронида мешаванд: *чуқуриканӣ, қаламчакунӣ, ҷаврезӣ, хокпӯшонӣ, порурезӣ, пӯслоққанӣ, токбурӣ, дорурезӣ, хомто(к)кунӣ, ангурканӣ ва г.*

4.Истилоҳоте, ки дар алоқа бо ранги ангур ба зуҳур омадаанд: *ла(ъ)лӣ, сурхак, сиёҳак, owак, чилики сафед, нимранг, қараангур, қарозанҷол, қарабоӣ, қарокалтак ва г.*

5.Истилоҳоте, ки аз номи одамон сарчашма гирифтаанд: *зарифӣ, акрамхӯҷагӣ, awдулоӣ, чишми юсуф, мирзойӣ, ҳусайнӣ, саидгуломӣ, сойибӣ.*

6.Истилоҳоте, ки тарзи шинондани ангурро ифода менамоянд: *токи заминӣ, ангурбог, ӯланг, чойлов, чавкандӣ.*

7.Истилоҳоте, ки ба макони овардашудаи ангур нигаронида шудаанд: *фахрӣ, тагowӣ, даштӣ, бойсунӣ, гурҷӣ, ангури Сина, катақургонӣ, ҳисорӣ* .

8.Истилоҳоте, ки дар қиёс бо узвҳои ҳайвонҳо сар задаанд: *долаки гов, дили асп, думи рӯбаҳ, нӯли зог, чочи уштур.*

Мавриди қайд аст, ки калимаҳои марбут ба навъҳои ангур аз ҷиҳати сохт якхела нестанд. Бинобар ин, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо тасниф кардан мумкин аст:

а) калимаҳои сода: *ҷавз, сафед, сиёҳ...*

б) калимаҳои сохта: *бедона, даштӣ, ла(ъ)лӣ, фахрӣ, чумургонӣ, чиликӣ, халилӣ, бойсунӣ, қарабоӣ, даштӣ нӯлӣ, таговӣ, қаламфурӣ, мирзоӣ, ҳусайнӣ, сойибӣ, резон, owак, сурхак, дарозак, шакарак;*

в) калимаҳои мураккаб: *калтаҳусайнӣ, зангбанд, акрамхӯҷагӣ, шакарангур, нимранг қараангур, қарозанҷол, қарокалтак;*

г) ибораҳои изофӣ: *ангури Сина, дили кафтар, кишмиши сиёҳ, кишмиши зард, чилики сурх, ҳусайни акрамхӯҷагӣ, ҳусайни сурх, долаки гов, дили асп, тойфи майда, бедони сурх, думи рӯбаҳ, ангури бедона, нӯли зог, чочи уштур, тойфи калон, ангури сиёҳи ҳисорӣ, кишмиши сиёҳ.*

Номи меваҳо дар забони тоҷикӣ ва дар ин лаҳҷаҳо бештари ҳолатҳо бо ибораҳое, ки тавассути алоқаи изофӣ ба вуҷуд омадаанд, сохта шудаанд. Ин раванд таърихи қадима дорад. Масалан, дар луғат истилоҳи *"Дуди чарог"* дар ифодаи номи навъе аз харбуза [14, с.107] омадааст, ки бевостита метавонем ба ин гурӯҳ ворид намоем.

2. Номи навъҳои себ: *чарсаксеб, гулсеб, дулак, лолагӣ, дубарабанд, солбанд, мирсангинӣ, муллорачабӣ, сурхсеби тирамоҳӣ, розмарин, ширинак, турушак, харсew, хубонӣ, сewи ошӣ, сewи кӯҳӣ, сewи сурх, сewи тирмоҳӣ, сewи Намангон, сewи Ашт, сewи Рахш, сewи дерпазак, бодарингсew, анорсew, турушак, сewи моҳтowӣ, залатойсew, симбиринка, шоҳусайнӣ* ва ғ.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳи *"себқоқ"* дар ифодаи мафҳуми "себи хушк" хеле серистеъмол аст. Забоншинос Ҳалимиён С. қайд менамояд, ки дар осори Сайидои Насафӣ калимаи туркӣ-ӯзбекии "*қоқ"* ба маънои сифати ашё: сахт, хушк дучор мешавад [20, с.97]:

Чун фалак аз меҳру маҳ бар суфра дорам нони *қоқ,*
Рӯзу шаб шармандагӣ аз меҳмон бошад маро (Сайидо).

б) хушку холӣ, тиҳӣ:

Бухоро Тали Хоҷа Исҳоқ шуд,
Самарқанд як кӯчаи *қоқ* шуд (Сайидо).

Тафсири ин калима дар "Ғиёс-ул-луғот" низ омадааст: "*Қоқ* лафзи туркист; ба маънии гӯшти хушк кардашуда, ки онро бирён карда мехӯранд; ва маҷозан ба маънии лоғар ва назар (аз "Бурҳон"); ва дар "Мунтахаб" навишта, ки ба маънии марди бисёр дароз; ва дар "Рисолаи муарработ" навишта, ки қок ба маънии қисмест аз нон; муарраби кок нест, балки тасарруфи форсизабонон аст, ки мехоҳанд ба махраҷи харф зананд, "кок"-ро "*қоқ*" гӯянд" [6, с.124]. Ин маъниҳо дар забони ҳозираи тоҷик боқӣ мондаанд.

Истилоҳи *қаламча*, ки аслан дар забони тоҷикӣ мафҳуми найи тарошида шуда, ки бо он хат менависанд, хома, килкро [16, с.668] доро бошад, аммо дар лексикаи соҳаи боғдорӣ мафҳуми "як қисми навдаи дарахт, ки барои афзоиши нашвӣ истифода мебаранд"-ро мефаҳмонад. Инчунин истилоҳи *"қаламчапайванд", "навдапайванд"*, ки дорои мафҳуми "яке аз усулҳои маъмули пайванд" –ро ифодагаранд.

3. Калимаву ибораҳое, ки дар ифодаи номи навъҳои нок ва муруд ба кор мераванд: *ношпутӣ, дилафрӯз, олмурут, сурхнок, шакарнок, кадучанок, шӯранок, аштархон, ноки мулойимак, линги хар, ноки сурх, ноки кулӯла, ноки каwутак (кабуд), шакармуруд, турушмуруд.* Дар лаҳҷаи Тагнов истилоҳи мурудро калимаи амрут иваз мекунад [4, с.83].

4. Номи навъҳои шафтолу: *анҷиршафтолу, тирмоҳпазак, загорашафтолу, шафтолу сафедак, шафтолу сурх, шафтолу лучак, рӯгани гов, шафтолу зард, шафтолу пашмак, сумбулӣ, норанҷӣ.*

5. Калимаву ибораҳое, ки номи навъҳои *зардолу, олу, олуча ва гелосро мефаҳмонанд: зардолу хумоӣ, зардолу хуҷандӣ, ниёзӣ, олу, олуболу, қаролу, кӯксултон, шафтолуолу, зардолу, паррак, учма турушаколу (хелҳои олу), олуча, олучагелос, олучи аштархон, олучи кӯҳӣ, олучи Самарқанд (хелҳои олуча), гелоси аштархон, гелоси расмӣ, гелоси зардак, гелоси сийоҳ, гелоси агрономӣ, сарви субҳонӣ, гелоси майскӣ (хелҳои гелос).*

Истилоҳи “ангурак” дар забони тоҷикӣ ба ғайр аз мафҳуми асосии худ “ангури хурд” мафҳуми “ олучаи хирсак” ро ифода менамояд [24, с.437]. Олучаи кӯҳиро дар баъзе мавзеъҳои водии Ҳисор *турушак* низ меноманд. Дар луғати « Бурҳони қотеъ» истилоҳи *турушак* дар ифодаи номи мева омадааст [10, с.228], лекин кадом навъи мева оварда нашудааст. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки истилоҳи з*ардолуро* дар баъзе гӯйишҳо калимаи *зандол*у иваз мекунад: Ҳамин *зандолу* гул кардаги- да рафт (Хиштхона) [12, с.188].

6.Калимаҳои ифодагари номи анвои *биҳӣ: ошбиҳӣ, фаллабиҳӣ, ширинбиҳӣ, нокбиҳӣ, турушакбиҳӣ.* Вожаи *биҳиро* дар лаҳҷаи Тагнов калимаи *сеwибиҳӣ* иваз мекунад. Муродифи калимаи *биҳӣ д*ар забони адабии тоҷик вожаи *сафарҷа*л ба ҳисоб меравад, ки ба ин мутафаккири варзида Абӯали ибни Сино низ ишора намудааст: *Сафарҷал* - биҳӣ. Биҳӣ меваи маъруф аст [2, с.223].

7.Номи навъҳои *санҷид: қандак, ҳасан, хурмойиҷигда, челонҷигда, хирсак, сагак, хукак, пӯстлоқҷигда*.

8.Номи навъҳои тут: *сафедак, сиёҳак, пешпазак, марворидак, хасак, дурдона, қурвоқатут, шоҳтут.* Истилоҳи “*хасак”* бидуни маънои аслии худ, яъне “навъи тут” боз мафҳуми “ниҳоле, ки аз аз тухм месабзонанд” ва “ меваи бадсифат” – ро ифода карда метавонад. Бояд тазаккур дод, ки ба парвариши анвои тут мардуми ин мавзеъ аз қадимулайём диққати махсус медоданд, зеро касби бофандагӣ, ки шуғли дӯстоштаи сокинони ин мавзеъ буд, аз нашъунамоӣ дарахти тут вобастагии сахт дошт. Умуман, матоъҳои абрешимие, ки мардуми тоҷик истеҳсол менамуд, ҳанӯз дар асрҳои 1Х-Х миёни дигар халқҳо шукӯҳу шаҳомати хосса дошт. Матои “зиндонича” абрешимӣ буд, порчаҳои зиндоничаи абрешимии давраи пеш дар баъзе осорхонаҳои ҷаҳон то ҳанӯз маҳфуз мондаанд [5, с.228].

9. Номи навъҳои анор: *анори донасиёҳ, анори донасурх, анори донасафед, анори даштноботӣ, анори шаҳрисабз, анори озорбойҷонӣ, қазоқанор анори хушбӯй, анори пешпазак, анори пасмонда* (аз гули дуюм). Аслан, дар забони тоҷикӣ калимаи анор инчунин боз ба маънои маҷозӣ низ корбаст шуданаш хеле зиёд ба назар мерасад. Калимаи анор дар забони тоҷикӣ дорои синонимҳои *анор, норбун, руммон* мебошад [24, с.466]. Анор дар ифодаи духтари зебо низ дар аксари ҳолатҳо ба назар мерасад :

Анор, анор, биё ба болинам,
Шабнам гули зор, биё ба болинам.

Ибораи «*анор барин*» дар нутқи гуфтугӯӣ дар ифодаи зани солим, хушрӯй, зебо, истифода мешавад [17, с.31]. Ибораи анори Ёсин дорои мафҳуми аноре, ки мувофиқи ақидаи хурофӣ, агар дар иди Наврӯз чил ё сад бо бар он сӯраи “Ёсин”- ро хонанд ва ҳар кас онро бихӯрад дар тамоми сол аз бемориҳо раҳо меёбад [15, с.77].

10. Номи навъҳои бодом: *бодоми талхак, бодоми ширинак, бодоми ширидона, бодоми тунукпӯчоқ, бодоми сахтпӯчоқ*. Бояд ҳаминро зикр намоем, ки истилоҳи *бодом* дар фолклори тоҷик низ хеле васеъ истифода бурда мешавад:

Бодом зарапӯст, пӯсти *бодо*м зарапӯст,
Маро бикушанд барои як дидаи дӯст.
Маро бикушанд кунанд ҷудо гӯшт зи пӯст,
Устухони сафед монаду майлам ба амӯст [19, с.60].

11. Номи навъҳои чормағз: *чормагзи заминӣ, чормагзи қогазак, чормагзи кӯракӣ, чормагзи сиёҳмагз, чормагзи сафедмагз, чормагзи туркӣ, чормагзи арабӣ, ҳамелчормагз, чормагзи лучак*. Аслан истилоҳи чормағзро боз дар баъзе деҳаҳои водии Ҳисор бо номи «*чомоқ*» мешиносанд. Калимаи «*карк»* ба мафҳуми «пӯсти сабзи чормағз» дар истифода қарор дорад. Оид ба истилоҳи *чормагзи лучак* профессор Ш. Исмоилов чунин ибрози ақида намудааст: Калимаи личак бошад, гоҳо дар алоқаи изофӣ бо исми чормағз (чормаг(з)и личак) мафҳуми аломатӣ пайдо мекунад. Дар ин маврид ибора (*чормаг(з)и личак*) бо исми гена (чормағзи пухта расида нест ва зӯран аз пӯст ҷудо карда мешавад) дар

мавқеи синонимӣ қарор мегирад. Ба ин муносибат бояд қайд кард, ки личак нисбат ба шахс маънии камбағал, бечизу чора, бехонумон, сағир”- ро ифода карда метавонад [7, с.121].

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки таркиби луғавии гӯйиши ин мардум аз ҳисоби калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ хеле бой буда, асоси онро унсурҳои худи забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Албатта, калимаҳои марбут ба дигар забонҳо, хосса забони туркӣ – ӯзбекӣ, русӣ – аврупоӣ низ дар ин бахш ба назар мерасанд, аммо адади онҳо дар муқоиса ба вожаҳои забони тоҷикӣ чандон фаровон нест. Дигар ин ки, аксарияти калимаҳои ин соҳа хусусияти маҳаллӣ дошта, дар нутқи сокинони ин мавзеъ ва қисман ноҳияҳои дигари атрофи он истеъмол меёбанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева Г. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.Абдуллоева. - Душанбе, 2017. - 190 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 2. - Душанбе, 1991. - 446 с.
3. Ахметьянов Р.Г. Общая лексика материальной культуры народов Среднего Повольжья / Р.Г. Ахметьянов. - М.: Наука, 1989. - 200 с.
4. Гадоев Н. Лексика Тагновского говора / Н.Гадоев. - Душанбе, 2012. - 208 с.
5. Гафуров Б. Таджики. Книга 2.(Древнейшая, древняя, средневековая история) / Б.Гафуров. - Душанбе, 1989. - 478 с.
6. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.2. / Муҳаммад Ғиёсуддин. - Душанбе: Адиб, 1987. - 416 с.
7. Исмоилов Ш. Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт / Ш.Исмоилов. - Душанбе, 2018. - 331 с.
8. Калонтаров Я.И. Луғати имлои забони тоҷикӣ / Я.И.Калонтаров. - Душанбе, 1974. - 333 с.
9. Қуръони Карим (матни асл, тарҷума ба забони тоҷикӣ ва тавзеҳи фишурдаи баъзе аз оёт). - Душанбе, 2013. - 1226 с.
10. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони Қотеъ / Бурҳон, Мухаммадҳусайн. - Душанбе, 1993. - 416 с.
11. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: Таърих, гароиш ва дурнамо / С.Назарзода. - Душанбе, 2013. - 375 с.
12. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии. Вып.2 (Северные таджикские говоры полосы Шайдан - Ашт - Чуст - Косонсой) / В.С. Расторгуева. - М., 1952. - 322 с.
13. Сангинова Ш. Лексикаи лаҳҷаи Конибодом / Ш.Сангинова. - Душанбе, 2017. – 198 с.
14. Сироджуддин Алихони Орзу. Чароги Хидоят. - Душанбе, 1992. – 288 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. - М., 1969. - 951 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М., 1969. - 947 с.
17. Фарҳанги ибораҳои халқӣ. - Душанбе, 1988. - 400 с.
18. Фиргалиева Ч.И. Лексика садоводства в современном татаррском языке / Ч.И. Фиргалиева. - Казань, 2007. - 24 с.
19. Шакармамадов Н. Назми халқи Бадахшон / Н. Шакармамадов. - Душанбе, 1975. - 125 с.
20. Халимиён С. Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидои Насафӣ / С.Халимиён. - Душанбе, 2014. - 152 с.
21. Эмомали Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон, Эмомали. - Душанбе: Ирфон, 1999. – 124 с.
22. Эмомали Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон, Эмомали - Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
23. Эмомали Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён / Раҳмон, Эмомали. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
24. Энсиклопедияи миллии тоҷик. - Душанбе, 2011. - 606 с.
25. Энсиклопедияи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон. Ҷ. 2. - Душанбе, 1991. - 540 с.

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИГВИСТИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ БОҒДОРӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Муаллиф дар мақола дарҷ намудааст, ки як қабати калони лексикаи забони тоҷикӣ ва лаҳҷаю шеваҳоро истилоҳот ташкил медиҳанд. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забон таърихи дурудароз ва тӯлонӣ дорад. Дар мақола оварда шудааст, ки як қисми муҳимми луғати лаҳҷаҳои водии Ҳисорро лексика ва истилоҳоти соҳаи боғдорӣ ташкил медиҳанд. Вожаҳои ифодагари анвои ангур фақат дар ин лаҳҷа аз чиҳил номгӯй зиёдтаранд. Инчунин муаллиф овардааст, ки аксарияти калимаҳои ифдакунандаи номи меваҳо дар ин лаҳҷа бо роҳҳои гуногун сохта шудаанд. Номи меваҳо дар забони тоҷикӣ ва дар ин лаҳҷаҳо дар бештари ҳолатҳо бо ибораҳое, ки тавассути алоқаи изофӣ ба вуҷуд омадаанд, сохта шудаанд. Муаллиф бо таҳлилҳо исбот намудааст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор баъзе калимаҳои ифодакунандаи номи меваҳо ба маънои маҷозӣ низ корбаст мешаванд. Тадқиқҳо нишон доданд, ки таркиби луғавии гӯйиши ин мардум аз ҳисоби калимаву истилоҳоти соҳаи боғдорӣ хеле бой буда, асоси онро унсурҳои худи забони тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Инчунин дар мақола дарҷ гардидааст, ки калимаҳои марбут ба дигар забонҳо, хосса забони туркӣ – ӯзбекӣ, русӣ – аврупоӣ низ дар ин бахш ба назар мерасанд, аммо адади онҳо дар муқоиса ба вожаҳои забони тоҷикӣ чандон фаровон нест. Муаллиф тавонистааст исбот намояд, ки аксарияти калимаҳои ин соҳа хусусияти маҳаллӣ доранд.

Калидвожаҳо: боғ, боғдорӣ, калимаҳо, ибораҳо, лаҳҷа, шева, мева, дарахт, забони тоҷикӣ, водии Ҳисор, истилоҳ, калимасозӣ.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ТЕРМИНОВ САДОВОДСТВА В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

Автор в статье отмечает, что термины занимают основной пласт лексики говоров и диалектов. Термины и построение терминов в языке имеют давнюю историю. В статье утверждается, что основной пласт лексики в диалектах Гиссарской долины составляют слова и термины садоводства. Только слов, обозначающих сорта винограда, в этом диалекте свыше сорока. А также автор подтверждает, что большинство слов, обозначающих

названия фруктов, в этом диалекте образованы разными способами. Название фруктов в говорах данного региона образованы в основном путём согласования. Автор в результате анализ показывает, что некоторые слова, обозначающие названия фруктов, в говорах Гиссарской долины используются в переносном значением. Исследование свидетельствуют о том, что основной запас лексики говора этого региона очень разнообразен и богат за счёт слов и терминов садоводства и в основном это исконно таджикские слова. А также в статье что слова, относящие к другим языкам, особенно тюрко – узбекским и русско– европейским языкам, тоже встречается в этой сфере. Автор смог доказать, что большинство слов этой сферы имеют диалектные характеристики.

Ключевые слова: сад, садоводство, диалект, Гиссарская долина, таджикский язык, слова, фрукты, овощи, термин, словообразование.

THE ETHNO LINGUISTIC ASPECT OF GARDENING VOCABULARY IN THE DIALECTS OF HISSAR VALLEY

In the article, the author notes that the terms occupy the main layer of the vocabulary of dialects and dialects. Terms and constructions of terms in the language have a long history. The article quotes that the main layer of vocabulary in the dialects of the Hissar valley is vocabulary and gardening terms. Only words denoting grape varieties in this dialect are higher than forty. The author confirms that most of the words denoting the names of fruits in this dialect are formed in a different way. The name of the fruit in the dialects of the region is formed mainly by agreement. The author confirms with his analyses that some words denoting the named fruit in the dialects of the Hissar valley are used figuratively. Research suggests that the main vocabulary of the dialect of the inhabitants of this region is very diverse and rich due to the words and terms gardening and mostly it is native Tajik words. And in the article it is quoted that the words referring to other languages especially Turkic-Uzbek and Russian – European languages are observed in this area. The author was able to prove that most words of this sphere have a dialect property.

Key words: garden, gardening, dialect, Hissar valley, Tajik language, terms, constructions, fruit, tree, words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-66-26**

Сведения об авторах: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзаде, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и практики языкознании. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-66-26**

Information about the authors: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** **-** Tajik State Institute of Languages named after Sotima Ulugzade, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and Practice of Linguistics. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Muhammadiev 17/6. Tel.: **(+992) 917-11-66-26**

УДК: 42:491.550

ИЗОМОРФИЗМ, АЛЛОМОРФИЗМ ДАР СИСТЕМАИ КАТЕГОРИЯИ ТАРЗИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Атаева Т.Х.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Пайдост, ки категорияи тарзи феълӣ барои аксари кулли забонҳои ҳиндуаврупоӣ хос аст. Аз ин рӯ, табиист, дар забонҳои ҳамоила ин ё он ҳодисаҳои забонӣ ҷиҳатҳои мушобеҳ доранд. Дар баробари ин, дар структураи чунин забонҳо метавон ҳодисаҳоеро дарёфт, ки онҳо мутлақо аз ҳамдигар дур буда ва ин тафовутҳо то ба ҷое мерасанд, ки ба хешигарии забонҳои ҳамоила шубҳа пайдо мегардад. Категорияи тарзи феълӣ аз зумраи ҳамин гуна ҳодисаҳои грамматикист, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ он ҷонибҳои ҳам монанд ва ҳам фарқнок дорад. Дар атрофи ин муаммо дар забоншиносии тоҷик якчанд масъалаҳо гузориш шудааст. Як қисми забоншиносон, билхосса Н. Маъсумӣ онҳоро ҳамчун як қисми таркибии тарзҳои фоилии мафъули феъл медонад ва шаклҳои навъи “хондан”-ро фоили бевосита ва “хонондан”-ро мафъули бевосита фоили бавосита ва “хонда шудан”-ро мафъули бевосита, “хононда шудан”-ро маъфули бавосита меномад [8]. Чунончи, тадқиқотҳои шаклҳои танҳо ва ҷамъро дар бисёр забонҳои дунё дучор мешавем, яъне истифодабарии шакли дутоии исм дар тӯли дуру дарози таърихи забон аз байн рафта, дар миқдори хурди забонҳои дунё ҳузур дорад. Аз он ҷумла, дар забони арабӣ, ки шакли дутоии исм дар грамматика бисёр дар истифода ҳастанд. Дар дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ исм дар шакли шумораи танҳо истода, исми ҷамъро ифода мекунад ва баръакс исми дар шумораи ҷамъ истода шакли танҳои исмро ифода мекунанд.

Ҷоиз ба қайд аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҷинсияти исмҳо бо тарзу роҳҳои луғавӣ, калимасозӣ ва аз ду шакл воқеъ будан, яъне яке ҷинси мардона ва дигаре ҷинси занона далолат мекунанд [7]. Ин категорияи шумора ва исм аз рӯи шаклҳои грамматикӣ аз ҳам фарқ доранд ҳам, вазифаи грамматикии якхела доранд.

Дар ин боб мо чанд тарафҳои изоморфӣ ва алломорфиеро, ки дар рафти кори худ

мушоҳида намудем, ба қалам медиҳем [6].

Ҳодисаҳои изоморфӣ

1. Дар ҳар ду забон мавҷудияти категорияи тарзи феъли ҳамагона эътироф шудааст. Ин категория дар ин забон, мисли забонҳои дигари ҳиндуаврупоӣ муносибати амали феълиро ба объект ё субъекти он ифода мекунад. Маънои ин муносибат метавонад чанд хел бошад, вале аз байни чунин муносибатҳо ду навъ муносибат барҷаста зоҳир мегардад. Аввалан, феъл метавонад ба амале ишора кунад, ки он аз тарафи мубтадо ба иҷро расидааст ё хосияти он аст. Дар ин ҳолат сухан дар бораи тарзи фоилӣ меравад. Масалан: There was opera now. That fellow Wagner had ruined everything.

Ангиштзанон ҳамон сол як муваффақияти калон ба даст оварданд (Р.Ҷалил “ Шӯроб”).

Сониян, амали бо феъл ифодашуда на аз тарафи мубтадо иҷро карда шавад, балки мубтадо ба объекти амал ишора мекунад. Дар ин маврид сухан дар бораи тарзи мафъулии феъл меравад. Масалан: Old Jolyon was taken aback (Galsworthy). Танаи ниҳолҳо сафед карда шуданд, то ки онҳо аз касалӣ эмин бошанд (Ҷ. Икромӣ).

2. Ду маънои ба ҳам муқобили зикршудаи ҳарду забон шаклан созмон (созмон) меёбанд. Тарзи фоилии ҳарду забон дорои шаклҳои мухталифи замонии намуди феъл буда, бе феъли ёридиҳандаи “будан” дар забони тоҷикӣ ва “to be” дар забони англисӣ сохта мешаванд. Масалан: family dinner of the Forsytes observe certain traditions (Gaslworthy). Дидаам дар Бомбай боғе муаллақ чун биҳишт. Бо қалам тасвири онро кай тавонад кас навишт? (М.Турсунзода).

Шакли мафъули феъл бошад, дар ҳарду забон ба воситаҳои аналитикӣ ифода мешавад. Дар забони англисӣ ба сифати ҷузъи ёридиҳанда феъли to be ва ва ба сифати ҷузъи асосӣ шакли Participle II истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад, элементи ёридиҳанда феъли “будан” ва ҷузъи асосии шакли сифати феълии замони гузашта мебошад. Масалан: He felt that friends ought to be chosen for her // Саҳроҳои беканори колхозӣ аз ғӯзапояҳо тоза карда шуданд.

3. Дар ҳарду забон шакли тарзи фоилии феъл дар қатори маънои ба мубтадо тааллуқ доштани амали феълӣ метавонад боз баъзе дигар маъноҳоро ифода кунад. Ба зиммаи ин маъноҳо маънои аз худи субъект сар зада, боз ба субъект баргаштани амал ба назар мерасад. Масалан: He shaved quickly. *У тезакак риш гирифт.*

Ё худ иҷрокунандаи амал зиёда аз якто буда, амалиёти яке ба дигаре мегузарад, яъне маънои муштарак маҳфуз аст. Масалан: They greeted each other. *Онҳо бо ҳамдигар вомехӯранд.*

Ғузашта аз ин, шакли фоили феъли ин ду забон метавонад ба амале ишора кунад, ки ба субъект ё мубтадо дахл доштан ё надоштани он мубҳам менамояд. Масалан: The book sells well. *Китоб хуб ба фурӯш меравад.*

4. Дар ҳарду забон ҳам тарзи мафъулии феъл асосан дорои маънои категориалӣ аст; ин ҳам бошад, ба вазифаи мубтадо омадани номи объекти амал аст. Масалан: Timothy, indeed was seldom seen (J. Galsworthy). Гилемҳои нав ба хонаи калон густурда шуданд (С. Айнӣ).

5. Дар ҳарду забон дар ҳолатҳои муайян шакли мафъулии феъл шакли дигари омонимӣ дорад, ки он на маънои мафъулро ифода мекунад, балки ба ҳолати субъект далолат менамояд: Soames was alarmed (J. Galsworthy). Дар пиронсолӣ дили одам озурда мешудааст (Ф. Муҳаммадиев).

6. Дар ҳарду забон як зумра феълҳо ва, пеш аз ҳама, феълҳое, ки ҳаракатро ифода мекунанд, аз категорияи тарз берун мемонанд, зеро онҳо шакли категориалии мафъул надоранд. Масалан: Not many people came that day.

Бачагон оҳуи кӯҳиро дида, аз пайи он давиданд.

7. Дар ҳарду забон конструксияҳои мафъулӣ метавонанд якактантӣ ё дуактантӣ бошанд. Мафъули якактантӣ гуфта он конструксияи ҷумларо меноманд, ки дар он фақат як иштироккунандаи амалиёт ё ҳолат, яъне танҳо мубтадо дида мешаванд. Her regrets were disapproved. Заминҳо шудгор карда шуданд.

Таркиби мафъулии дуактанта гуфта, чунин таркиберо меноманд, ки дар он ду иштирокчии амалиёт, яъне ҳам субъект ва ҳам объект ҳозиранд.

8. Дар ҳарду забон интихоби шакли мафъули феъл бо тарзи актуалии ҷумла алоқаманд аст. Аввалан, дар шакли мафъулӣ мақсади гуфтор аз он иборат аст, ки субъекти амал ба сифати реммавии ахбор пешкаш карда мешавад. Масалан: The answer was followed by impressive silence (J. Galsworthy). Ба қалам навишта шудани иншои хонанда муаллимро ба тааҷҷуб овард.

Сониян, истифода нашудани номи объекти амал дар таркибҳои мафъулӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он ҷиҳати муҳимми ахбор нест ва аз ин рӯ, дар ҷумла ҳозир будани он нашояд: Some og these are described here briefly. Баъди ду соат оби ҷӯй баста шуд.

Ҳодисаҳои алломорфӣ. Дар забони англисӣ мавҷудияти ду шакли категориалии тарзи феъл (фоил ва мафъул) на ба гузаранда ё монда будани феъл, балки ба объектӣ ё субъектӣ будани он вобастагӣ дорад. Дар ин забон дар қатори феълҳои гузаранда як қисми зиёди феълҳои монда, ки пуркунандаи бавосита қабул мекунанд, метавонанд дар тарзи мафъули истанд; I am told they don't get on. Дар забони тоҷикӣ бошад, бархилофи забони англисӣ феъли монда наметавонад дорои шакли мафъулӣ бошад. Танҳо феълҳои гузаранда ду шакли категориалии феълро доро ҳастанд. Масалан: I am rold-и забони англисиро ба забони тоҷикӣ дар шакли мафъули тарҷума кардан имконпазир аст, яъне таҚлиди забони англисӣ карданӣ шавем, ин ҷумлаи англисӣ ба забони тоҷикӣ таҳтуллафзан «ман гуфта шудам» тарҷума бояд шавад, ҳол он ки ин навъ тарҷума мухолифи нормаҳои забони тоҷикӣ мебошад. Масъалае ба миён меояд, ки таркибҳои мафъули забони англисиро, ки бо феълҳои монда, чӣ тавр метавон ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд. Тадқиқоти мо нишон дод, ки барои ин мақсад забони тоҷикӣ ё аз тағйир додани тартиби калима ё аз ҷумлаҳои номуайяну шахсӣ истифода мекунад. Алалхусус, ҷумлаи I am told- ро чун «ба ман гуфтанд» тарҷума бояд кард, ки дар он шаклан тарзи фоилии феълро истифода бурдааст, вале субъекти амал аз гуфтор берун мондааст. Ин ҷумла мубтадо ҳам надорад. Дар забони англисӣ бошад, ҷумла мубтадои худ (I)-ро дорад ва феъл дар тарзи мафъулӣ истодааст. Дар ин ҷо низ мисли забони тоҷикӣ субъект ҳозир нест ё худ мисоли: *The answer was followed by an impressive ailence*, ки дар боло оварда шуд ва дар он феъли монда дар тарзи мафъули истифода шудааст, ба забони тоҷикӣ ба воситаи тағйироти тартиби калима истифода карда мешавад [1]. Баъди ҷавоб сукути таъсирноке омад. Вақте ки «сукути таъсирнокро» ба ҷойи аввал мегузорем, дар забони англисӣ феъл шакли фоилиро мегирад. Яъне, «сукути таъсирнок» баъди ҷавоб ба миён омад (фаро расид), ки муродифи англисии он «an impressive silence followed the answer» мешавад.

Чунонки мебинем, маҳз вазифаи коммуникативӣ доштани категорияи тарзи феълӣ аз тарҷумаи мисоли англисӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба англисӣ хеле баръало ба назар мерасад.

1. Дар забони англисӣ тартиби ҷобаҷогузории ҷузъҳои аналитикии феъл аз забони тоҷикӣ куллан фарқ мекунад. Дар забони англисӣ аввал элементи ёридиҳанда ва сониян, элементи асосӣ меистад. Дар забони тоҷикӣ бошад, ҳолати баръакс мушоҳида мегардад. Масалан: Some students are frightehed by them. Дар қишлоқи мо аз болои сой як кӯпруки наве сохта шуд.

2. Дар забони англисӣ тарзи мафъули феъл нисбат ба забони тоҷикӣ бештар кор фармуда мешавад ва алалхусус, дар адабиёти илмию техникии англисӣ ин тарз хеле фаровон истифода мешавад. Ин тафовут аз он сар мешавад, ки дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ миқдори зиёди феълҳо метавонанд шакли категориалии пассив дошта бошанд [2].

3. Дар таркибҳои мафъули забони англисӣ иштироки мубтадо ҳатмист ва аз ин рӯ, ҷумлаҳои англисӣ бояд ҳамеша дутаркиба бошанд. Дар забони тоҷикӣ партофта шудани мубтадо ҳодисаи муқаррарист ва аз ин рӯ, ҷумлаи тоҷикӣ метавонад яктаркиба бошад. Маҳз дар ҳолатҳое, ки дар забони англисӣ пассив дутаркиба асту он бо феъли монда ифода гардидааст, дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои яктаркиба истифода мешаванд. He was helped that day (Ҷумлаи дутаркиба). Он рӯз ба ӯ ёрӣ доданд (Ҷумлаи яктаркиба).

4. Дар забони англисӣ маънои маъмули тарзи миёна одатан бо воситаи шакли фоилии феъл ифода меёбад. Масалан: *The door is opened* – вале дар забони тоҷикӣ ин навъ маъно одатан ба воситаи шакли маъмулии феъл созмон меёбад: *Дар кушода шуд*.

5. Дар забони англисӣ маънои нафсӣ бо шакли фоилии феъл ифода меёбад. He shawed. Дар забони тоҷикӣ бошад, ин маъно мутлақо ба тарзи ба худ хосси тоҷикӣ ифода мегардад. Агар дар забони англисӣ танҳо субъекти амал нишон дода шавад, ки он дар як вақт чун объекти амал ҳис мешавад, дар забони тоҷикӣ бошад, бояд ҳам субъект ва ҳам объекти амал ҳозир бошад. Ба сифати субъект муродифи субъекти англисии he калимаи «ӯ» меояд. Илова бар он, дар забони тоҷикӣ объект нишон дода мешавад ва ба ин сифат калимаи «риш» баромад мекунад: Ӯ ришашро тарошид (гирифт.)

Дар забони тоҷикӣ мисли забони англисӣ «ӯ тарошид» ҳатман талаб мекунад, ки объекти он нишон дода шавад.

6. Дар забони англисӣ аз рӯйи шакл танҳо ду тарзи феълӣ ҷудо карда мешавад, бо вуҷуди он ки шакли тарзи фоилӣ ҳамзамон метавонад маъноҳои тарзро низ ифода кунад. Аз ҷумла, маънои тарзи миёна, нафсӣ ва муштарак. Дар забони тоҷикӣ бошад, феъл боз як

суффиксе қабул мекунад, ки вай ба маънои каузативӣ дахолат менамояд ва он маъноро мо дар кори худ маънои лексикии қадима шуморидем [3].

Феъли забони англисӣ бошад, дорои чунин суффикс нест ва маънои ин суффикс, ки касеро ба иҷрои амале водор намудан аст, ба воситаи таркибҳои тавсифӣ аз ҷумла, to make smb to do smth, to have smth to be done(I have my watch repaired) ифода карда мешавад.

Аз хулосаҳои болои бармеояд, ки дар таълими категорияи тарзи феъли забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна ва олии Тоҷикистон мушкилотҳои зерине пайдо мешавад:

1. Ду шакли тарз доштани феълҳои мондаи забони англисӣ, ки барои забони тоҷикӣ бегона аст.
2. Тарҷума намудани он ҷумлаҳои англисӣ, ки онҳо дар забони тоҷикӣ муродифи бевоситаи шаклӣ надоранд.
3. Бисёрмаъно будани шакли фоилии феъли англисӣ, ки дар забони тоҷикӣ ҳар яке аз ин маъноҳо дар қатори шакли тарзи фоилӣ боз бо дигар шаклҳои феълӣ ифодаи худро меёбанд. Ба низом даровардани ин таносуби байни категория шакли забони англисӣ ва забони тоҷикӣ тадқиқоти ҷиддии минбаъдаро тақозо менамояд.
4. Номутаносибии мавқеи ҷузъҳои шакли аналитикии тарзи фоилӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.
5. Гуногунии воситаҳои ифодаи ремма ва тема дар ин ду забон, ки ба муҳити ифодаи ин ду ҷузъиёт шаклҳои тарзи феълӣ низ кашида мешавад [4].

Ҳамаи ин мушкилот ва баъзе дигар тафовутҳо талаб мекунанд, ки барои рафти онҳо машқҳои зарурӣ тартиб дода шаванд, ки вазифаи пажӯҳиши оянда аст.

Тадқиқи хоксоронаи мо, ки доир ба категорияи тарз бо таври муқоисавӣ гузаронида шуд, бори дигар собит кард, ки, дар ҳақиқат, ин ҳодисаи грамматикӣ аз зумраи мушкилиҳои печдарпечи системаи забон аст. Ин даъво аз он сар мешавад, ки на танҳо маъноҳои ин категория аниқу возеҳ муайян шудаанд, балки ба низом андохтани ин маъноҳо ва тарзу усули ифодаи онҳо на танҳо дар англисшиносӣ ва тоҷикшиносӣ, балки дар забоншиносии умумӣ низ аниқ аст. Бо вуҷуди хеле васеъ тадқиқ шудани ин масъала дар англисишиносӣ бисёр тарафҳои он ҳоло равшан нестанд. Дар забоншиносии тоҷик бошад омӯзиши ҳамаҷонибаи он ҳанӯз дар пеш аст [5].

Муқоисае, ки ошкор карда шуд, дар байни категорияҳои тарзи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳам ҷиҳатҳои изоморфӣ ва ҳам алломорфӣ мавҷуданд. Аз рӯйи маъно ва тарзҳои шаклёбии ин категорияи ду забон бештар қаробат ба назар мерасад, ҳарчанд ки тафовутҳо низ кам нестанд. Мувофиқат шояд аз он сабаб аст, ки ғайр аз ҳардуи ин забон дар қатори ба як оила дохил шуданашон боз онҳо ҳарду забонҳои типи аналитикӣ мебошанд. Тафовутҳо шояд аз он лиҳоз бошанд, ки соҳибони ин ду забон дар муҳитҳои гуногуни иҷтимоию психологӣ зиста ба ташаккулёбию тараққиёти забони худ ҳар гуна мусоидат намудаанд. Ба назар гирифтани ин мушобеҳият протсесси таълими забони англисиро дар синфҳои тоҷикӣ тезонад, тафовутҳо боиси ихтилофоти таълим мегарданд.

Аз ин рӯ, мушкилоте, ки мо ошкор намудем, ба омӯзгорон ҳамчун дастур ва иқдом барои дуруст ба роҳ мондани таълими ин мавзӯъ шояд кумаке расонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языка / В.Д. Аракин. - Л., 1979.
2. Афандихонова Ш.М. Баъзе хосиятҳои алломорфии категорияи тарзи феъли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Ш.М. Афандихонова // Тезисы докладов научно – теоритической конференции молодых ученых. – Худжанд, 1996.
3. Афандихонова Ш.М. К вопросу об определениях категории залога в языкознании / Ш.М. Афандихонова. – Худжанд, 1997.
4. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М., 1975.
5. Категории залога / Материалы конференции. - М., 1970.
6. Лайонз Дж. / Введение в теоритическую лингвистику / Дж.Лайонз. - М., 1978.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.I. - С 114.
8. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева. - М., 1996.
9. Розенталь Д.Э. Словарь - справочник лингвистических терминов. Изд. 2-е / Д.Э. Розенталь, М.А. Теленкова. - М.: Просвещение, 1976. – 542 с.
10. Флоря А.В. Языковые особенности официально-делового стиля / А.В. Флоря [Электронный ресурс] URL: https://cyberleninka.ru/article/v/

ИЗОМОРФИЗМ, АЛЛОМОРФИЗМ ДАР СИСТЕМАИ КАТЕГОРИЯИ ТАРЗИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Дар ин мақола дар бораи проблемаи категорияи тарз, ки яке аз масъалаҳои хеле мубҳам ва дандоншикани сохти грамматикӣ на танҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, балки дар аксари забонҳои мухталифи дунё боиси баҳсу мунозираҳо гаштааст, сухан меравад. Барои ҳал намудани ин вазифаҳо аз методи муқоисаиву типологӣ истифода бурда шудааст. Асоси ин методро мушоҳидаҳои мо дар просесси тарҷимаи матнҳои дахлдори англисӣ ва тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Ин муқоиса боиси ошкор гардидани категорияҳои тарзи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ,

мавҷудияти ҷиҳатҳои изоморфӣ ва алломорфиро нишон медиҳад. Барои ҳал намудани якчанд вазифаҳо аз методи муқоисавию типологӣ истифода бурда, асоси онро мушоҳидаҳои мо дар протсесси тарҷумаи матнҳои дахлдори англисӣ ба тоҷикӣ ва баръакс ташкил медиҳанд. Тадқиқот ва хулосаи мо бо маводҳои амалии якзабонӣ ва ва дузабоние, ки аз адабиёти ду забон ва аз асарҳои тарҷумавӣ гирд оварда шуданд, асос ёфтаанд. Категорияи тарзи феълӣ на танҳо дар миқёси забони тоҷикӣ, балки дар миқёси забони англисӣ низ як душвории ба худ хосро дорост. Ва муаммоҳое, ки дар атрофи ин категория бардошта шуданд, то ҳол бехалал ё ин ки нопурра монданд. Бинобар ин, ҳангоми тадқиқу таҳлили ин категория мо бояд ҳамаи ин хусусиятҳои феълро ба назар гирем, ки бо ин масъала алоқаманд ҳастанд. Яке аз ин масъалаҳо алоқамандии категорияи тарзи феълӣ бо хелҳои лексикию семантикии феъл мебошад. Дар ҳарду забон интихоби шакли мафъули феъл бо таҷзияи актуалии ҷумла алоқаманд аст. Аввалан, дар шакли мафъулӣ мақсади гуфтор аз он иборат аст, ки субъекти амал ба сифати реммаи ахбор пешкаш карда мешавад. Сониян, истифода нашудани номи субъекти амал дар таркибҳои мафъулӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки он ҷиҳати муҳимми ахбор нест ва аз ин лиҳоз, дар ҷумла ҳозир будани он нашояд.

Калидвожаҳо: алломорфизм ва изоморфизм, категорияи тарз, тарзи фоилӣ ва мафъулӣ, пассив ва актив.

ИЗОМОРФИЗМЫ, АЛЛОМОРФИЗМЫ В СИСТЕМЕ КАТЕГОРИИ ЗАЛОГА АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

В этой статье говорится о проблеме категории залога, которая является одним из основных задач грамматической структуры в таджикском и английском языках. Для решения этих проблем мы будем иметь дело не с установлением типологии языка в целом, а с определением типологических характеристик изучаемого языка относительно родного. Данное сравнение категорий залога английского и таджикского языков выявит существования изоморфизма и алломорфизма. Для решения ряда проблем мы используем сравнительно-типологический метод, который основан на наших наблюдениях в процессе перевода соответствующих английских текстов на таджикский и наоборот. Наши исследования и выводы основаны на одноязычных и двуязычных практических материалах, собранных из двуязычной литературы и переведенных работ. Категория залога имеет свои сложности не только в масштабе таджикского языка, но и в масштабе английского языка. И вопросы, поднятые вокруг этой категории, до сих пор не решены. Поэтому при изучении и анализе этой категории мы должны учитывать все те особенности глагола, которые имеют отношение к данному вопросу. Один из таких вопросов - связь категории глагола с лексико-семантическими типами глагола. В обоих языках выбор формы глагола связан с фактическим разделением предложения. Во-первых, в мужской форме цели речи предмет действия представлен в виде фрейма сообщения. Во-вторых, тот факт, что название предмета действия не используется в предмете, указывает на то, что это не важный аспект сообщения и, следовательно, не может присутствовать в предложении.

Ключевые слова: алломорфизм и изоморфизм, категория залога, активный и пассивный залог.

ISOMORPHISMS, ALLOMORPHISMS IN THE SYSTEM OF THE COLLECTION OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article speaks about the problem of category of voice which is one of the main tasks of grammar structure in Tajik and English languages. To solve these problems, we'll work with determination of the similar characteristics of the target language relative to the native language. This comparison of the categories of voice of English and Tajik languages will reveal the existence of isomorphism and allomorphism. To solve a number of problems, we use a comparative typological method, which is based on our observations in the process of translating the corresponding English texts into Tajik. Our research and conclusions are based on monolingual and bilingual practice material collected from bilingual literature and translated works. The category of the verb has its own complexities not only on the scale of the Tajik language, but also on the scale of the English language. And the issues raised around this category are still not resolved or not resolved. Therefore, when studying and analyzing this category, we must take into account all those features of the verb that are relevant to this issue. One of these questions is the relationship between the category of the verb and the lexico-semantic types of the verb. In both languages, the choice of the verb form is associated with the actual division of the sentence. First, in the masculine form of the speech goal, the object of action is presented in the form of a message frame. Second, the fact that the name of the subject of the action is not used in the subject indicates that it is not an important aspect of the message and therefore cannot be present in the sentence.

Key words: allomorphism and isomorphism, category of voice, active and passive voices.

Маълумот дар бораи маллиф: ***Атаева Т.Х.*** - Донишкадаи политехникии Хуҷанд Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Ленин, 226. E-mail: **ataevatahmina78@gmail.com**. Тел.: **(+992) 92-761-76-16**

Сведения об авторе: ***Атаева Т.Х.*** – Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул.Ленин, 226. E-mail: **ataevatahmina78@gmail.com**. Тел.: **(+992) 92-761-76-16**

Information about the author: ***Ataeva T.Kh.*** **-** Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Senior Lecturer at the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Lenin Str., 226. E-mail: **ataevatahmina78@gmail.com**. Tel.: **(+992) 92-761-76-16**

УДК: 491.155

МУҚОИСАИ ФЕЪЛ ДАР ЛАҲҶАИ ФОРСИИ ДАРИИ ҒАЗНӢ ВА ЛАҲҶАИ МЕЪЁРИ ФОРСИИ ДАРИИ АФҒОНИСТОН

Азима Маҷид
Донишгоҳи Кобул, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Таҳқиқоти лисонӣ ва сабти лаҳҷаҳои гуногун ва тартиби атласи забонҳо дар фаҳми таърих ва сақофати як кишвар саҳми бориз дорад. Лаҳҷаҳо ва гӯйишҳо намуде дигаргун аз як забон будаву миёни мардуми маҳаллу ноҳияе вижа дар як соҳати ҷуғрофиёии он мутадовил мебошад. Дар воқеъ ва дар кул ҳамаи лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои он соҳати ҷуғрофиёии забон бо ҳамдигар дар арсаи решаи вожаҳо, тарзи адои вожаҳо ва таркибҳои вожагонии лаҳҷаҳо ва ҳамчунон истилоҳоти омиёнаи навоҳии мухталифи он бо ҳам вобастагии таърихӣ доранд.

Аз ҳамин ҷост, ки мутолиаи аносири лаҳҷаӣ ва гӯйишӣ дар як ҳавзаи ҷуғрофиёӣ мутолиаест дар таърихи ба ҳам пайвандхӯрдаи мардуми он ва он мероси маънавии як забон ва соҳибони лаҳҷаҳои он забон мебошад, агарчи дар марзҳои ҷудогонаи сиёсӣ зиндагӣ намоянд. Аз ҳамин ҷост, ки пажӯҳиш дар як лаҳҷа ва ё лаҳҷаҳои мутааддиди як соҳаи ҷуғрофиёии як забон муҷиби тартиби атласи забоншиносӣ шуда ва он намоде аз муштаракоти таърихии мардумони он лаҳҷаҳои марбут ба як забон ва фарҳанг мебошад.

Забони форсӣ, ки як қарн қабл аз ислом дар Хуросон (Балх, Бухоро, Систон, Марв) бо эҷоди осор зуҳур кард, забоне буда, ки асоси онро, яъне, марҳалаи қаблияшро портҳои [6, с.3] балхӣ дар садаи севуми қабл аз милод дар Бохтар, Бухоро ва Систон поягузорӣ карда буданд ва дар давраи навин он ба номи «форсии дарӣ» аз садаи ҳафтуми милодӣ, яъне, каме пештар аз садаи аввали ҳиҷрӣ то авохири садаи чаҳорум ва авоили қарни панҷи ҳиҷрист, ки забон ба ҷониби ғарб – ба Форс, яъне, Эрони имрӯз интишор пайдо кард. Имрӯз бо дарназаргирии марзҳои сиёсӣ ин забон ба се лаҳҷаи бузург: форсии дарӣ, форсии тоҷикӣ ва форсии эронӣ ҷудо шудааст.

Ҳамчунон ки дар таҳқиқоти забонҳо ва гӯйишҳо дида шудааст, забон дар даруни худ низомҳои кӯчаки лаҳҷаӣ ва ё микросистемҳоро месозад ва ин микросистемҳо бо вижагиҳои умумӣ ва ба ҳам наздик ё аз ҳам дур, худ низомҳои бузурги лаҳҷаӣ ё микросистемҳои забонро ташкил медиҳад. Забони форсӣ гарчи дорои як маркази аслӣ дар Балху Бохтар буд, бо густариши он ба шимол ва ғарб макросистем ё лаҳҷаи бузург ба номи форсии дарӣ, форсии тоҷикӣ ва форсии эронӣ пайдо кардааст.

Дар дохили ин микросистемҳо вижагиҳои дарунӣ ва бо ҳама лаҳҷаҳои кӯчак ё микросистемҳо ва дар марҳалаи дувум вобастагии ин вижагиҳо дар макросистемҳо метавонад мушаххас гардад, яъне, мутолиаи лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои дохили микросистеми забони форсӣ ва муқоисаи он бо лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои дигар макросистеми он бавазоҳат вобастагию ҳамбастагии лаҳҷаҳо ва гӯйишҳои макросистемҳоро дар як ҳавзаи тамаддунии як забон нишон медиҳад [10, с. 45, 1383].

Забони форсии дарии Афғонистон монанди забонҳои дигари ҷаҳон дар манотиқи мухталифи ҷомеаи форсизабон дорои танаввуоти лаҳҷаист. Муҳимтарин лаҳҷаҳои форсӣ иборатанд аз: лаҳҷаи кобулӣ, лаҳҷаи бадахшӣ, лаҳҷаи парвонӣ, лаҳҷаи панҷшерӣ, лаҳҷаи ғазничӣ ё ғазнавӣ, лаҳҷаи ҳиротӣ, лаҳҷаи бодғисӣ, лаҳҷаи балхӣ, лаҳҷаи ҷалолободӣ, лаҳҷаи тахорӣ, бомиёнӣ, ҳазорагӣ… Ҳар кадоми ин лаҳҷаҳо дорои вижагиҳое ҳастанд, ки онҳоро аз ҳам мутамоиз месозанд [3, с.169]. Зимнан аз тариқи ҳамин тафовутҳо метавон ба ҳувияти ҳар лаҳҷа пай бурд. Дар айни ҳол ин фарқҳо, ба хилофи фарқи гӯйишӣ, монеи барқарории иртиботи корбарони лаҳҷаи маҳаллӣ ё корбарони лаҳҷаҳои маҳаллии гуногун намегардад, ҳар гоҳ яке аз онон ба гӯйиши худ сухан бигӯянд, гарчи авомиле чанд, аз ҷумла парокандагӣ, буъди маконӣ, аворизу мавонеи ҷуғрофиёӣ ва муяссар набудани барқарории иртиботи пайваста бо забони муштарак миёни сухангӯёни бумии як маҳал бо маҳалли дигар ин фарқҳоро падид овардааст [7, с.71].

Ин вижагиҳо, гузашта аз феъл, дар тарзи талаффузи вожаҳои дигар ҳам ба чашм мехӯрад; аммо ба ҷуз ин тафовут, ҳар лаҳҷа дорои чанд вожаи махсус ба худ мебошад, ки фақат дар ҳамон лаҳҷа корбурд дорад. Масалан: оҳиста-оҳиста мехӯрам – сӯка-сӯка мухурум.

Ин «сӯка-сӯка» – лаҳҷавожаи Ғазнӣ муодил аст ба қайди ҳолат дар забони меъёр, яъне, «оҳиста-оҳиста».

Забони форсии меъёр ба масобаи лаҳҷаи расмии кунунии шаҳри Кобул, ки пойтахт ва маркази конуни фарҳангию сиёсӣ ва равобити хориҷӣ мубаддал гардид, рафта-рафта шакл гирифт; дар иртибототи илмию фарҳангӣ ва шууни сиёсию иҷтимоӣ пазируфта шуд ва аз тариқи низоми омӯзишӣ ва расонаҳои шунидорӣ дар саросари Афғонистон субот

гирифта, ба унвони лаҳҷаи муштарак ва ҳамагонӣ талаккӣ шуд. Ин лаҳҷа бо вижагиҳои овоӣ ва навоии худ аз лаҳҷаҳои маҳаллии забони форсии дарӣ ва дар айни ҳол ба эътиборе аз лаҳҷаи Кобул мутамоиз гардид ва ба сурати лаҳҷаи муштараки ҳамаи сухангӯёни форсӣ даромад. Табиист, ки аносире аз лаҳҷаи бумии сухангӯёни ҳар маҳал амалан дар лаҳҷаи муштарак асар мегузорад, аммо сухангӯёни маҳаллӣ дар ин мақом мекӯшанд, то ин асар намудор нагардад ва бозшиносӣ нашавад. Дар воқеъ, гароиши ғолиб ба он аст, ки ба лаҳҷаи форсии ҳамагонӣ сухан гуфта шавад [7, с.73].

Лаҳҷаи форсии расмӣ ба ҳамин унвон дар ҳамаи ниҳодҳо ва сатҳҳои омӯзишӣ, созмонҳои давлатӣ, марказҳои бозаргонӣ ва куллан ба унвони василаи иртиботи кишварӣ ба кор меравад. Доманаи корбурди лаҳҷаи расмӣ, ба лиҳози гуногунии мавзӯи сухан, барои пазириши аносире аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ густардатар мешавад. Ин лаҳҷа ҳамчунин дар мақоми лаҳҷаи ғолиб ва ҳамагонӣ омили муассири пайвастагӣ ва ваҳдати иҷтимоист.

Форсизабонон, бо касби маҳорати нисбӣ дар сухан гуфтан ба лаҳҷаи расмӣ, дулаҳҷаӣ мешаванд. Ин маҳорат бавижа дар хурдсолон, бештар аз роҳи иртиботи ҳузурӣ ва расонаҳои шунидорӣ касб мешавад.

Лаҳҷаи расмии форсӣ, ҳамчунин ба лиҳози ҳамсонӣ ё наздикии том бо форсии китобӣ ва суботи он, густариши саводомӯзӣ ва омӯзиши дониш иртибототи иҷтимоиро дар миқёси кишвар муяссар месозад. Ин лаҳҷа бахусус аз ин рӯ, ки ҳомили ганҷинаи гаронбаҳои таърихӣ ва саршор аз захоири илмию фарҳангии чандин ҳазора аст, дар миқёси миллӣ ва ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи алоқамандон мебошад.

Феъл дар лаҳҷаи меъёрии форсии дарии Афғонистон. Забони форсии дарии лаҳҷаи меъёрӣ монанди дигар забонҳо дорои се замон (гузашта, ҳол ва оянда) аст, ки барои гардонҳои феъл дар гузашта панҷ замон, дар ҳол се замон як замон бо ду сохт дорем:

1. Замони ҳоли мутлақ: Дар забони нигориши форсии дарӣ сохтмони феъл чунон аст, ки аз назари маъно бар ҳудуси амале дар замони мавҷуд ва оянда, ҳар ду далолат мекунад; яъне, суратҳои ҳоли мутлақ, истимрорӣ ва ҳоли эътиёдӣ (ки одати ҳамешагиро дар амале нишон медиҳад) яксон аст. Бинобар ин, аз назари сохтмон феъли ҳолро ба мутлақ ва истимрорӣ тақсим наметавон кард. Пас, замони ҳоли мутлақ ва ҳоли ҷорӣ дар форсии меъёрии Кобул комилан яксон аст ва фарқашон танҳо дар истифодаи қайдҳост. Феъли ҳол аз асли ҳол ташкил мешавад, бад-ин сурат, ки бо асли ҳол замирҳои вобастаи феълӣ мечаспад ва бар сари пешванди «ме-» афзуда мегардад [4, с.127].

Овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Ma-rum	марум	me-rawam	меравам
Ma-rim	марим	me-rawem	меравем
Ma-re	маре	me-rawi	меравӣ
Ma-rin	марин	me-rawed	меравед
Ma-ra	мара	me-rawand	меравад
Ma-rin	маран	me-rawand	мераванд

Тафовут дар гардони феъли ҳол дар ҳар ду лаҳҷа ба сурати возеҳ дида мешавад, ки дар пешванди «ме-»-и истимрорӣ вовили «е» ба вовили «а» табдил шудааст, ҳамчунон коҳиш, ки дар охири феъл омадааст, гувоҳи тафовути лаҳҷаист.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Mya-yum	мяюм	me-âyam	меоям
Mya-yim	мяим	me-âyem	меоем
Mya-iy	мяйӣ	me-âye	меое
Mya-yan	мяен	me-âyed	меоед
Mya-ya	мяя	me âyad	меояд
Mya-yan	мяян	me-ayand	меоянд

Дар ҷадвали боло пешванди истимрории «ме-» бо феъли масдари бавока омадааст, ки дар лаҳҷаи Ғазнӣ «м» бо «е» кластер (консонанти мураккаб)-и оғозиро сохтааст [10,с. 52, 1393] ва ин тафовут тфовути лаҳҷа аст.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Mux-rum	мухрум	me-xuram	мехурам
Mux-rem	мухрем	me-xurem	мехурем
Mux-re	мухре	me-xurye	мехурӣ
Mux-ren	мухрен	me-xured	мехуред
Mux-ra	мухра	me-xurad	мехурад
Mux-ran	мухран	me-xurend	мехуранд

Дар замони ҳол лаҳҷаи меъёри форсии дарии Афғонистон талаффузи пешванди «ме-», ки бо феъли мусдир ба ҳамхони «х» меояд, дар лаҳҷаи Ғазнӣ вокаи «е» аз пешванди «ме-» ба вокаи «у» – заммаи моқабл табдил мегардад. Ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки «е» пешванди истимрор бо феълҳои оғозшуда ба воҷҳои мухталиф ашколи ҷудогонаро ба худ мегирад.

Замони ҳоли илтизомӣ: Феъли ҳоли илтизомӣ низ аз асли ҳол сохта мешавад, ба ин сурат, ки бо асли ҳол замирҳои вобастаи феълӣ (шиносаҳо) мечаспад ва бар сари он пешванди «би-» дорои фишори сақил афзуда мегардад.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Bux-rum	бухрум	Bi-xuram	бихурам
Bux-rem	бухрем	Bi -xurem	бихурем
Bux-re	бухре	Bi -xurye	бихурӣ
Bux-ren	бухрен	Bi -xured	бихуред
Bux-ra	бухра	Bi -xurad	бихурад
Bux-ran	бухран	Bi -xurand	бихуранд

Дар замони ҳоли илтизомӣ монанди ҳоли ҷорӣ савти «и»-и касра ба савти «у»-замма табдил мегардад ва ин таҳаввули низомманд аст, ки дар феъли мусдир ба «х»-и ин воҷ заммасоз аст. Дар гӯйишҳои ҳавзаи Ғазнӣ гардони феълҳо (феъли ҳоли илтизомӣ) бо ҳам наздик мебошанд. Масалан, дар лаҳҷаи Ғазнӣ, Бомиён, Аразгон, Дойкандӣ, Ҷоғурӣ ва ғайра пешванди «ме-» «мурӯм», «та мурӣ», «ӯ мура» = «ман меравам», «ту меравӣ», «ӯ меравад» [10, с.110, 1393]. Инак, намунае аз лаҳҷавожаи Ғазнӣ ва лаҳҷавожаи форсии дарии меъёри Афғонистон, ки дар лаҳҷаҳои дигар мутафовит буда, дар лаҳҷаи Кобул «луқма» муодил ба «кӯма» дар лаҳҷаи Ғазнист. Намуна: Як луқма нон бихурем – Як кӯма нон бухрем.

Феъли амр: Феъли амр он аст, ки ба кардани коре фармон диҳад ё иҷрои кореро ба сурати хоҳишу истидъо баён кунад. Феъли амр ва наҳӣ ду сиға дорад: муфрад ва ҷамъи шахси дувум (мухотаб), ки аз решаи феъли ҳол ҳамроҳ бо пешванди «би-» ва наҳӣ бо пешванди «ма-» сохта мешавад.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
bidih	бидиҳ	Bi-deh	бидеҳ
biden	биден	Bi-di-hed	бидиҳед

Дар ҷадвали боло дида мешавад, ки савти «д» аз шахси дувуми ҷамъ дар лаҳҷаи Ғазнӣ бо афтодани воҷҳое ба «н» табдил мешавад.

Намуна аз лаҳҷавожаҳо: Як гелос об деҳ. – Як гелос ов бидеҳ. Ва ё: Як курт ов бидеҳ.

Феъли наҳӣ: Феъли наҳӣ феълест, ки аз кардани коре манъ кунад ё накардани кореро ба сурти хоҳиш ва истидъо изҳор дорад.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Na-dih	надиҳ	Ma-deh	мадеҳ
Na-den	наден	Ma-di-hed	мадиҳед

Дида мешавад, ки пешванди «ма-»-и феъли наҳӣ дар забони меъёри форсии дарӣ ба пешванди «на»-и лаҳҷаи форсии Ғазнӣ табдил гардидааст, ҳол он ки пешванди «на-» дар забони меъёри форсии дарӣ манфисоз аст, яъне, феълро манфӣ месозад, монанди: надод, нахӯрд… [4, с.83].

Замони гузаштаи мутлақ, ки дурию наздикии он назар ба замони ҳол маълум набошад. Тариқи сохти он чунин аст: решаи мозӣ бо (шиносаи феъл) замири вобастаи шахсӣ [10, с.107, 1394].

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Xur-dum	хӯрдум	Xur-dam	хӯрдам
Xur-dem	хӯрдем	Xur-dem	хӯрдем
Xur-di	хӯрдӣ	Xur-di	хӯрдӣ
Xur-den	хӯрден	Xur-ded	хӯрдед
Xurd	хӯрд	Xurd	хӯрд
Xur-dan	хӯрдан	Xur-dand	хӯрданд

Дар замони гузаштаи мутлақ вовули охири феъли «хӯрдам»-и шахси аввали муфрад «а» ба «у» табдил гардид ва дар феълҳои шахси дувум «-дед» ба «-ден» ва дар шахси севум «-данд» ба «-дан» табдил гардидааст.

Мисол аз лаҳҷавожаҳои ҳар ду лаҳҷа: Ман лаблабу хӯрдам = Ма чоғундар хӯрдум.

Замони гузаштаи ҷорӣ: Гузаштаи истимрорӣ ё ҷорӣ бо афзудани вандҳои тасрифӣ (пешванду пасванд) бо суратҳои гузаштаи мутлақ сохта мешавад, монанди пешванди «ме-» ҳамроҳ бо решаи мозии мусдир ба воҷи ҳамхони «х»-и феъли «хӯрд» [4, с.123].

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Mu-xurdum	мухурдум	me-xurdam	мехӯрдам
Mu-xurdem	мухурдем	me-xurdem	мехӯрдем
Mu-xurdĪ	мухурдӣ	me-xurdĪ	мехӯрдӣ
Mu-xurden	мухурден	me-xurded	мехӯрдед
Mu-xurd	мухурд	me-xurd	мехӯрд
Mu-xurdan	мухурдан	me-xurdand	мехӯрданд

Феъли мозии ҷорӣ дар лаҳҷаи Ғазнӣ акси ҳоли ҷорӣ дар пешванди «ме-», «е» ба «а», яъне, фатҳаи моқабл меояд, дар ин ҷо ба «у», яъне, заммаи моқабл талаффуз мешавад, яъне, дар лаҳҷаи Ғазнӣ талаффузи «ме-»-и истимрории замони ҳоли ҷорӣ ва мозии ҷорӣ фарқ мекунад, дар ҳоли ҷорӣ «а», дар мозии ҷорӣ «у» талаффуз мегардад.

Намуна аз лаҳҷавожа: Ӯ мост мехурад = Ӯ чурғот мухурад.

Замони гузаштаи баид, ки замони вуқӯи он аз ҳол дур бошад. Аз ин ки замони вуқӯи он пеш аз феъли гузаштаи дигар аст, онро «гузаштаи муқаддам» ҳам гуфтаанд; тариқи сохти он аз решаи мозӣ ҳамроҳ бо феъли ёвари «буд» истифода мегардад, феъли ёвар чунин тағйиротро мепазирад [6, с.85].

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Xurda-bum	хӯрда бум	Xurda-bedam	хӯрда будам
Xurda-em	хӯрдаем	Xurda-budem	хӯрда будем
Xurda-Ī	хӯрдай	Xurda-budĪ	хӯрда будӣ
Xurda-in	хӯрдаин	Xurda-buded	хӯрда будед
Xurda-bo	хӯрда бу	Xurda-bud	хӯрда буд
Xurda-an	хӯрдаан	Xurda-budand	хӯрда буданд

Дар замони мозии баид феъли аслӣ ба шакли сифати мафъулии «хӯрда» дар тамоми шахсҳо ба кор меравад, танҳо феъли ёвари «буд» дар ҳар шахс тағйироти мушаххаси худро дорад.

Намунае аз лаҳҷавожаҳо: Ӯ тухм хӯрда буд. = Ӯ испеда хӯрда бу.

Замони гузаштаи қариб: Ҳар гоҳ замони вуқӯи феъл ба ҳол наздик бошад ва аз ин ки аз кору амре анҷомшуда дар замони гузашта ҳикоят мекунад, баъзан онро «гузаштаи нақлӣ» ҳам гуфтаанд [6, с.84]. Ин замон аз решаи мозӣ бо истифодаи феъли ёвари «аст» сохта мешавад.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Xurdum	хӯрдум	Xurda-astam/xurdaam	хӯрдаастам
Xurdem	хӯрдем	Xurda-astem/xurdaem	хӯрдаастем хӯрдаем
Xurde	хӯрде	Xurda-asiy/xurdaey	хӯрдаастӣ/ хӯрдаӣ
Xurden	хӯрден	Xurda-asted/ Xurda-ed	хӯдаастед/хӯрдаед
Xurd	хӯрда	Xurda-ast	хӯрдастед/хӯрдед
Xurdan	хӯрдан	Xurda-astand/xurda-and	хӯрдаастанд/хӯрдаанд

Тавре ки дар ҷадвали боло дида мешавад, гузаштаи қариб ду шакли корбурд ва истифода дорад, бо феъли ёвари «аст» ва бо тахфифи «-ст». Дар забони меъёр корбурди мозии қариб дар лаҳҷаи Ғазнӣ монанди мозии мутлақ аст, яъне, феъли ёвари «аст»-и он ба талаффуз намеояд.

Намунае аз вожалаҳҷаҳо: Онҳо булонӣ хӯрдааанд. = Уно паракӣ хӯрдан.

Замони гузаштаи илтизомӣ: дигар аз анвои афъоли гузашта суратест, ки ба номи «илтизомӣ» ёд шудааст. Ин замон аз решаи мозӣ бо феъли ёвари «бош» сохта мешавад [4, с.125].

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Xurda-baŠum	Хӯрда башум	Xurda-bâŠam	Хӯрда бошам
Xurda-baŠem	Хӯрда башем	Xurda-bâŠem	Хӯрда бошем
Xurda-baŠe	Хӯрда баше	Xurda-bâŠi	Хӯрда бошӣ
Xurda-baŠed	Хӯрда башед	Xurda-bâŠed	Хӯрда бошед
Xurda-baŠa	Хӯрда баша	Xurda-bâŠad	Хӯрда бошад
Xurda-baŠan	Хӯрда башан	Xurda-bâŠand	Хӯрда бошанд

Тафовути корбурди замони гузаштаи илтизомии лаҳҷаи меъёр бо лаҳҷаи Ғазнӣ вовули «о»-и феъли «бош» ба вовили «а» мебошад, яъне, вовили дароз ба вовили кӯтоҳ табдил гардидааст.

Намунае аз лаҳҷавожаҳо бо феъли гузаштаи илтизомӣ:

Шумо ош хӯрда бошед. = Шумо авгунӣ хӯрда бошед.

Замони оянда: Замони оянда аз решаи мозӣ бо феъли ёвари «хоҳ» сохта мешавад. Қобили зикр аст, ки шиносаҳои феъл метавонад дар охири феъли аслӣ ва ё дар охири феъли ёвар биёяд.

овонависӣ	лаҳҷаи Ғазнӣ	овонависӣ	лаҳҷаи меъёрии Кобул
Xâ-xurdum	Хо хӯрдум	Xâham-xurd/ xâhad-xurdum	Хоҳам хӯрд/ Хоҳад хӯрдум
Xâ-xurdim	Хо хӯрдем	Xâhem-xurd/ xâhad-xurdum	Хоҳем хӯрд/хоҳад хӯрдем
Xâ-xurd Î	Хо хӯрдӣ	Xâhi-xurd/ xâhad-hurdi	Хоҳӣ хӯрд/хоҳад хӯрдӣ
Xâ-xurden	Хо хӯрден	Xâhed-xurd/ xâhad/xurded	Хоҳед хӯрд/хоҳад хӯрдед
Xâ-xurd	Хо хӯрд	Xâhad-xurd/	Хоҳад хӯрд
Xâ-xurda	Хо хӯрдан	Xâhand-xurd/ xâhad-xurdand	Хоҳанд хӯрд

Дар замони оянда, чунончи дар лаҳҷаи меъёрӣ ду сурати корбурд вуҷуд дорад, дар ҳоле ки дар лаҳҷаи Ғазнӣ танҳо як сурати он корбурд дорад, ин ҳам бо тағйири вовулҳои он: *Агар сиҳҳатёб нашудам, фардо даво хоҳам хӯрд. = Агар ҷур нашудам, сабо давоӣ хо хӯрам.*

Натиҷа. Мардумони ҳар нажоде, ки дар сарзамине пароканда мешаванд, ночор бояд бо ҳам равобит дошта бошанд. Ин равобити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳам фарҳангист. Барои ин гуна равобит василаи воҳиду муштараке лозим аст. Пас, бояд як забонро ҳама биёмӯзанд ва онро василаи равобити иқтисодию фарҳангӣ қарор диҳанд. Ин забони муштарак ҳамеша яке аз ҳамон лаҳҷаҳои мухталифест, ки аз забони аслӣ муштақ ва муншаиб шудааст. Лаҳҷаҳое, ки дар як ҷомеаи лисонӣ ҳайсияти забони муштарак ва байналхалқиро касб менамоянд, батадриҷ лаҳҷаҳои дигари маҳаллиро таҳти нуфузи худ дода, заиф месозанд ва бад-ингуна оҳиста-оҳиста лаҳҷаҳои маҳаллӣ рӯ ба камранг шудан мегузоранд. Пас, сабту эҳтимоми онҳо зарурист, зеро бими он меравад, ки ин фурсат даст надиҳад ва дигар маҷоли ин таҳқиқу баррасӣ муяссар нагардад. Гирдоварӣ ва сабти лаҳҷаҳои маҳаллӣ фавоиди зиёду мутааддид дорад, аммо барои он ки ин фавоид ҳосил шавад, лозим аст усулу қавоиди илмиро, ки донишмандони бузурги забоншинос дар як қарни ахир ба таҷриба гирифтаву вазъ кардаанд, аз он дар ин кор истифода шавад.

Дар ин замина пажӯҳандаи хуб касест, ки ё худ аҳли ноҳияи мавриди мутолиа бошад, ё барои анҷоми маъмурият ва ё гардиш ба маҳалли мавриди назар биравад ва дар бораи тарзи такаллуми мардум ва луғоти мутадовил дар он маҳал таҳқиқ кунад, ё он ки муҳаққиқ аз хешовандон, хидматгорон ва ҳамкорони худ, ки мансуб ба он маҳал бошанд, истифода намояд, ба василаи онҳо дар бораи лаҳҷаи маҳал ба пажӯҳиш пардозад. Дар мавриди таҳқиқи лаҳҷаи гӯяндае, ки дар бораи лаҳҷааш пажӯҳиш сурат мегирад, беҳтар аст, ки вай нахуст савод надошта бошад ва дигарон, ки то ҳудуди бистсолагӣ дар он ноҳия ба сар бурда бошанд. Роҷеъ ба гӯянда бояд ин иттилоот дода шавад: ном, син, дараҷаи таҳсил (ва беҳтар аст бесавод бошад), шуғл ва муддати иқомат дар ноҳия.

Дар натиҷа бояд гуфт, ки тафовути лаҳҷавӣ дар лаҳҷаҳо ба он андоза нест, ки гӯйишварон маъниро дарк накунанд, балки бо тафовутҳои андак, он ҳам дар талаффузи вовулҳо аксар зоҳир мегардад. Ва ин як амри комилан табиӣ ва аз ҷумлаи хавосси забонҳост. Ҳамчунон дар вожаҳо ҳам метавонем ин тафовутҳоро ба сурати вофир ёфт кард, ҳатто вожаҳое, ки дар лаҳҷаи меъёрӣ вуҷуд дорад, монанди исмҳое ки дар мисолҳои боло истифода гардидааст [1, с.128].

Гӯйишварони ин мақола аҳли Ғазнӣ:

ном	син	савод	шуғл	Муддати иқомат дар Ғазнӣ
Муҳаммадвалӣ	53	босаводи нисбӣ	мағозадор	40 соли аввали умраш дар Ғазнӣ
Аниса	28	бесавод	хонуми хона	Мутаваллид ва муқими Ғазнӣ
Начибуллоҳ	8	синфи дувум	донишомӯз	Мутаваллид ва муқими Ғазнӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Ботинӣ, Муҳаммадризо. Масоили забоншиносии навин. - Теҳрон: Огоҳ, 1393. – С.128.
2. Даромаде бар лаҳҷашиносӣ. - Кобул: Саид, 1393.
3. Зандӣ, Баҳман. Забономӯзӣ. - Теҳрон: Интишороти Самт, 1381. – С.169.
4. Илҳом, Муҳаммадраҳим, Дастури забони дарӣ. - Кобул: Юсуфзода, 1391. – С.123, 125, 127.
5. Калбосӣ, Эрон. Форсии Эрону Тоҷикистон. - Теҳрон: вазорати умури хориҷа, 1374. – С.3.
6. Маҷид, Азима. Забони дарӣ барои депортиментҳои ғайридарӣ. - Кобул: Саодат, 1395. – С.84, 85.
7. Мишкотуддинӣ, Маҳдӣ. Номаи Фарҳангистон. - Теҳрон: Фарҳангистон, 1387. – С.71, 73.
8. Саидӣ, Муҳаммаднасими Накҳат. Дастури забони муосири дарӣ. - Кобул: Юсуфзода, 1391. – С.83.
9. Саломӣ, Абдуннабӣ. Ганҷинаи гӯишшиносии Форс. – Фарҳангистон, 1383.
10. Ямин, Муҳаммадҳусайн. Дастури муосири забони форсии дарӣ. - Кобул: Майванд, 1395.

МУҚОИСАИ ФЕЪЛ ДАР ЛАҲҶАИ ФОРСИИ ДАРИИ ҒАЗНӢ ВА ЛАҲҶАИ МЕЪЁРИ ФОРСИИ ДАРИИ АФҒОНИСТОН

Мақола ба баррасии муқоисаи феъл дар лаҳҷаи форсии дарии ғазнӣ ва лаҳҷаи меъёри форсии дарии Афғонистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки гӯйишшиносӣ яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ ва донишест, ки ба мутолиа, баррасӣ ва тавсифи ҷонибҳои мухталифи гӯйишҳо ба сабту забти вижагиҳои онҳо мепардозад. Мутолиа ва баррасии гӯйишҳо дорои собиқае тӯлонӣ ва ҳамгом бо илми забоншиносӣ дастхуши тағйироту дигаргуниҳое шуд. Гирдоварӣ ва забту сабти гӯйишҳо аҳаммияти зиёд дорад, чи бас бо баррасӣ ва таҳлили додаҳои гӯйишӣ бисёре аз ношинохтаҳои забонӣ шинохта ва бархе аз ибҳомоти забоншинохтӣ зудуда мешавад. Дар рӯзгори кунунӣ теъдоде аз гӯйишҳои форсӣ хомӯш шудаанд ва бисёре дигар рӯ ба фаромӯшӣ ниҳода ва ҷойи худро ба форсии меъёр ё гӯйишҳои дигар додаанд. Дар ин миён фанноварии навини иртиботот бар суръати ин раванд афзудааст. Пас, ҷо дорад, то ҳар чӣ сареътар дар ҷиҳатшиносии сабт ва тавсифи гӯйишҳои форсӣ гом бардорем. Дигаргуниҳои гӯйишӣ дар лаҳҷаҳо аз лиҳози овоҳо, сохтҳои дастурӣ ва наҳвӣ, вожагонӣ ва маъноӣ мебошад. Дар мақола ба тағйироти як бахши дастурӣ, яъне, феъл пардохта мешавад. Дастгоҳи феъл дар тамоми лаҳҷаҳо тафовутҳои мушаххас ба худро дорад. Ба ҳамин сабаб сохтмон ва гардони феъл дар лаҳҷаи Ғазнӣ мухтассот ва вижагиҳое дорад, ки онро дар тафовут бо дигар гӯйишҳои форсии дарӣ дар Афғонистон қарор медиҳад. Ҳатто дар маворидe онро аз бархе гӯйишҳо комилан мутафовит месозад.

Калидвожаҳо: абони форсӣ, лаҳҷаи меъёрии Кобул, лаҳҷаи Ғазнӣ, тафовутҳои лаҳҷавӣ, феъл.

СРАВНЕНИЕ ГЛАГОЛОВ И НОРМАТИВНОГО ДИАЛЕКТА ЯЗЫКОВ ФАРСИ – ДАРИ ГАЗНИ И НОРМАТИВНОГО ДИАЛЕКТА ФАРСИ - ДАРИ АФГАНИСТАНА

Статья посвящена рассмотрению и исследованию сравнения глаголов и нормативного диалекта языков фарси-дари Афганистана. Автор отмечает, что диалектизмы являются одним из ветвей языкознания и это самобытные слова и обороты речи, присущие жителям определенной местности. Изучение и рассмотрение диалектизмов имеет давнюю историю и в совокупности с наукой об языкознании претерпевает изменения. Диалектизмы – это лексическая единица, характерная для территориального или социального диалекта. Диалектизмы могут постепенно входить в литературный язык. Встречается также использование диалектизмов в литературе для придания речи героев индивидуальной окраски. В статье также рассматриваются спряжения глаголов в данных диалектизмах. Глагольный аппарат во всех диалектизмах имеет особые различия. Поэтому, строение и действие глаголов в газнийском говоре имеет свойственные ему особенности, и находится в особом положении среди других диалектизмов языков фарси и дари в Афганистане. Даже в некоторых случаях он полностью отличается от других говоров Афганистана.

Ключевые слова: персидский язык, нормативное произношение Кабула, газнийский говор, диалектные различия, глагол.

COMPARISON OF VERBS AND NORMATIVE DIALECT OF FARSI LANGUAGES - GIVE GAZNI AND NORMATIVE DIALECT OF FARSI - DARI AFGHANISTAN

The article is devoted to the consideration and research of the comparison of verbs and the normative dialect of the Farsi-Dari languages of Afghanistan. The author notes that dialectisms are one of the branches of linguistics and these are original words and turns of speech inherent in the inhabitants of a certain area. The study and consideration of dialectisms has a long history and, together with the science of linguistics, is undergoing changes. Dialectisms are a lexical unit characteristic of a territorial or social dialect. Dialectisms can gradually enter the literary language. There is also the use of dialectisms in literature to give the speech of heroes an individual color. The article also discusses the conjugation of verbs in these dialectisms. The verbal apparatus in all dialectisms has special differences. Therefore, the structure and action of the verbs in the Ghaznian dialect has its characteristic features, and is in a special position among other dialectisms of the Farsi and Dari languages in Afghanistan. Even in some cases it is completely different from other dialects of Afghanistan.

Key words: Persian, standard pronunciation of Kabul, Ghazni dialect, dialectal differences, verb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азима Маҷид*** – Донишгоҳи Кобул, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, доктор Ph.D, устоди факултети забон ва адабиёт

Сведения об авторе: ***Азима Маджид*** **–** Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, доктор Ph.D, преподаватель филологического факультета

About the author: ***Azima Majid*** - University of Kabul, Islamic Republic of Afghanistan, Ph.D., Lecturer at the Faculty of Philology

УДК: 891.550:82.09

ВАЗИФАҲОИ МАЪНОИЮ УСЛУБИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ХАЛҚӢ ДАР МАТНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСИИ РОМАНИ “ШӮРОБ”-И РАҲИМ ҶАЛИЛ

Саидхоҷаева М.Н.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар тарҷума мазмуни асар ҳар қадар муҳим бошад, таҳвили забони пурғановат ва санъати сухан ба ҳамон андоза аҳаммият дорад. Он имкон медиҳад, то хонанда тавассути тарҷума аз дастовардҳои ғоявию бадеии асар огоҳ шавад ва агар соҳибқалам бошад, аз таҷрибаи нависандагон бархӯрдор гашта, минбаъд онро дар рушди эҷодиёти худ, гузашта аз ин, адабиёти миллати худ эҷодкорона истифода намояд.

Қазияи забон дар тарҷума ду тараф дорад, агар образнок карда гӯем, он ду тарафи тангаи тилло мебошад: тарҷума аз забонҳои дигар ба тоҷикӣ аз забони тоҷикӣ ба забонҳои дигар. Дар бобати тарҷумаи бадеӣ ба забони тоҷикӣ бояд гуфт, ки он дар қиёс ба акси масъала зиёдтар мавриди назари олимону адибон қарор гирифтааст, тибқи ҳусну қубҳи тарҷумаҳо ба тоҷикӣ мақолаҳои пурарзиш ва дастурҳои илмию таълимӣ [1, с.3] ба табъ расидаанд. Вале иқрор бояд шуд, ки дар филологияи тоҷик тарҷумонӣ ҳамчун илм ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Тарафи дуюми масъала таҳқиқи раванди тарҷумаи асарҳои бадеии тоҷикӣ бо забонҳои дигар хеле нигаронкунанда аст.

Ғановат ва назокати забони тоҷикӣ аз бисёр ҷиҳат ба маҷоз алоқаманд аст ва беҳуда нест, ки онро “забони маҷозҳо” (академик М.Шакурӣ) номидаанд. Маҷоз тору пуди шеъри тоҷикист, аз ин рӯ, дар баргардони матн аввалин мушкилие, ки мутарҷим дучор меояд, таҳвили воҳидҳои маҷозӣ – таркиб, ибора ҷумлаҳои маҷозӣ мебошад. Албатта, имкони онҳоро сарфи назар кардан нест. Аз рӯйи он ки мутарҷим дар таҳвили воҳидҳои рехта то чӣ андоза муваффақ мешавад, сифати тарҷума муайян мегардад.

Ин гуфтаҳо на танҳо ба шеър, балки ба наср низ тааллуқ доранд, зеро вазифаҳои маъноию услубии воҳидҳои фразеологӣ дар назму наср муштарак мебошанд, онҳо ҳам аз забони муаллиф ва ҳам аз забони иштирокдорони асар бо мақсадҳои мухталифи эҷодӣ истифода мегарданд.

Нависанда ҳар қадар варзида бошад, аз воҳидҳои фразеологӣ - дурдонаҳои забони умумихалқӣ ҳамон қадар бештар ба кор мебарад.

Яке аз муҳаққиқони забон ва услуби Раҳим Ҷалил забоншиноси маъруф Р. Ғаффоров чунин гуфтааст: “Забони тоҷикӣ, ки яке аз забонҳои хеле бой ва қадимтарини гурӯҳи забонҳои эронист, аз ибора ва ҷумлаҳои фразеологӣ хеле бой аст. Нависандагони мо аз ин “гули эҷодиёти халқ” ҳар кадом ба қадри дониш ва маҳорати эҷодии худ истифода бурда, обуранги миллии асарҳои худро зиёд кардаанд. Дар ин масъала дар адабиёти советии тоҷик баъд аз устод Айнӣ Раҳим Ҷалил мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Муҳимтарин унсурҳои воҳидҳои фразеологӣ, мақол, зарбулмасал ва афоризмҳои ба ҳукми зарбулмасалҳои халқӣ дохилшудаи шоир ва нависандагони классикии мо якҷоя бо луғатҳои забони зинда ба асарҳои Р.Ҷалил тароват ва рӯҳи миллӣ бахшида, услуби ҳақиқатан ҳам фолклории ӯро ташкил кардаанд.

Аз маводи ҷамъовардаи мо аён гашт, ки дар романи “Шӯроб” зиёда аз 500 воҳидҳои фразеологӣ корбаст гаштааст ва ин ҳодисаи фавқулода нест, балки аз принсипҳои асосии эҷодии халқӣ бармеояд.

“Ба мағзи халқ, ба анбуҳи вай даромадан,- навишта буд Раҳим Ҷалил зиракона ба ӯ нигаристан, гуфтори ӯро дақиқона шунидан шарти муҳимми асарнависӣ, омили асосии такмили маҳорати адабист”. Инро худи таҷриба нишон медиҳад... Ман барои навиштани романи “Одамони ҷовид” ҷариб ду моҳ ба он ҷойҳое сафар карда будам, ки воқеаҳои тасвиршаванда ба вуқӯъ омадаанд. Барои навиштани “Шӯроб” бошад, ғайр аз сафарҳои якрӯзаи бисёр ба ин ҳавзаи ангишти сарзаминамон, ки ба назарам хонаи худам барин шудааст, хеле муддат рафта истодам ва ҳоло барои қисми дуюми ин асар ман ния дорам,

ба он ҷо боз бисёр равам. Зеро ба навиштани асар ба нависанда аз худи халқ дида хубтар мададгоре нест. Ба навиштани “Шӯроб” ангишткани куҳансол, одамони касбу корҳои гуногуни гирду атрофи ин маҳал, ки ҳар кадом ба сари худ саргузашти аҷоиб доранд, ҳар кадом монанди омӯзгори забон буда, чунонки ба халқи мо хос аст, бе зарбулмасалу мақолҳои пурҳикмат сухан намекунад (таъкиди мо-М.С.), ёрии калон расониданд” [5, с.68] Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, ки романи сеҷилдаи “Шӯроб” захираи пурбаҳои воҳидҳои фразеологии халқист ва барои омӯзиши роҳу усулҳои таҳвили дурдонаҳои забони ноби тоҷикӣ ба забонҳои дигар имкон медиҳад.

Мавзӯи таҳти таҳқиқ ба омӯзиши қазияи таъбиршиносии тоҷик ва роҳу усулҳои таҳвили яке аз шохаҳои услубии он воҳидҳои фразеологии халқӣ (дар асоси маводи асари сеҷилдаи Раҳим Ҷалил “Шӯроб”) бахшида шудааст. Таҳвил ба қалами тарҷумонҳои маъруф Ю.Смирнов (бобҳои 1-24 ва 30 ҷилди якум) ва Л.Қандинов (қисматҳои дигари роман) тааллуқ дорад.

Дар давраҳои аввали таҳқиқи илми таъбиршиносӣ (фразеология) сухан бештар аз ибораҳои фразологӣ мерафт, ки яке аз аломатҳои он бо калима муродиф буданаш аст. Аз назари мо, чанде пештар дар доираи вожашиносӣ (лексикология) таҳқиқ шудани воҳидҳои фразологӣ низ дар ҳамин буд. Вале бо амиқрафти корҳои таҳқиқӣ доираи таъбиршиносӣ фарохтар шуда, ба он таркибҳо, ҷумлаҳо ва қолабҳои мухталиф, ки ба меъёрҳои асосии фразеологизм ҷавобгӯянд, ворид гаштанд.

Як зумраи воҳидҳои фразологӣ ҷумлаҳои фразологӣ мебошад, ки аз ҷониби кулли забоншиносон ба сифати як намуди воҳиди фразологӣ пазируфта шудаанд. Ин гуфтаҳо ба илми таъбиршиносони тоҷик низ тааллуқ дорад. Профессор Ҳ. Маҷидов, ки аз поягузорони таъбиршиносии тоҷик ба шумор меояд, дар асари монографии худ нигоштааст: «Ҷумлаҳои фразологӣ чун ҳамаи хелҳои дигари воҳидҳои фразологӣ дар қолаби таркибии рехта маъноҳои яклухтро ифода мекунанд. Яъне аз ҷиҳати ифодаи маъно ҷумлаҳои фразологӣ ба гурӯҳҳои дигари фразологӣ монандӣ доранд. Чунончи, ҷумлаҳои фразологии *«дили касе пур шуд»* ба маънои *«дилпур шудан», «димоги касе сӯхт» - хафа шудан, «чашми касе беҷо» - бадниятбудан, «шарташ рафта, фарташ мондагӣ» - пири фартута будан, «имрӯузро ёбад, фардоро намеёбад» - камбагал будан мустаъмаланд"* [7, с.8]. Як ҷиҳати хеле муҳим, ки масъалаи ворид шудани ҷумлаҳои фразологӣ ба доираи воҳидҳои фразологро имконпазир мегардонад, аз ҷониби Ҳ. Маҷидов баён шудааст: «Азбаски ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразологӣ, инчунин ҷумлаҳои фразологӣ ҳам маънои яклухти онҳост, гӯянда ё нависанда ба сохти онҳо, ки гоҳо хеле мураккаб буда метавонад, диққат намедиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб ҷумлаҳои фразологӣ дар шакли муҷаррад, берун аз матн ифодакунандаи мафҳумҳои алоҳида мебошанду бас. Ҳамин ки ин гуна воҳидҳои фразологӣ дар матни муайян, дар алоқамандӣ бо ҷумлаҳои дигар ба кор бурда шаванд, структураи як андоза мураккаби онҳо гӯё аз нав барқарор мешавад. Дар ин маврид ҷумлаи фразологӣ на фақат аз ҷиҳати сохт, балки аз рӯйи ифодаи фикри том ва оҳангу интонатсия низ аз ҷумлаҳои дигари матн фарқ намекунад» [3, с.44]. Аз ин иқтибос ду хулосаи муҳим бармеояд: 1) дар ҷумлаҳои фразологӣ ҳам ба мисли хели дигари воҳидҳои фразологӣ яклухтии маъно ба назар гирифта мешавад; 2) ҷумлаҳои фразологӣ аз ҷиҳати сохтор («структура») «аз ҷумлаҳои дигари матн фарқ намекунанд». Пас, агар хоҳем, ки аз хусусиятҳои сохтории ҷумлаҳои фразологӣ огоҳ шавем, онҳоро ҳамаҷониба таҳқиқ кардан лозим аст.

Нуқтаи назари мо, ба ҷиҳатҳои маъноӣ ва сохтории ҷумлаҳои фразологӣ дар пайравии гуфтаҳо ва сарчашмаҳои болост. Ба андешаи мо, ҷумлаҳои фразологӣ се манбаи пайдоиш доранд.

1. Онҳо аз ибтидо дар қолаби ҷумла гуфта шудаанд. Тафаккури мардумӣ, ҳофизаи миллӣ онҳоро ба воситаи забони шифоҳӣ ба забони асарҳои бадеӣ, сипас, забони адабӣ ворид кардааст, амсоли *«қанд зан», «ба ҳазор даро», «чашми бад нарасад», «ҳалолат бод», «Худо нахоҳад», «аз қудратат гардам, Худо», «аз хирс мӯе», «аз бало ҳазар»* ва ғайра.

2. Онҳо заминаи ибораги доранд. Муҳтавои ибора бар мафҳум аст, дар ин замина мафҳум ба туфайли воситаҳои наҳвӣ ба қолаби ҷумла даромада, фикри томро ифода менамояд, амсоли: 1. *«димоге касе сӯхтан» - «димоги падарам аз ин ишораи ноҷо сӯхт», «дили касе пур будан» - «дилам пур шуд», «кафтари дубома» (бевафо) - «кафтари дубома нашав», «пеш аз тӯй нақора задан» - «пеш аз тӯй нақора назан»* ва монанди инҳо.

3. Мақол ва зарбулмасал, ки дар шакли ҷумлаҳои сода ва мураккаб ифода гаридаанд. Моҳияти ин падида аз гуфтаҳои забоншиноси варзида профессор Б.Камолиддинов низ бармеояд, ки «бунёди пайдоиши воҳидҳои фразологӣ таркибу ибора ва ҷумлаҳои хушобуранг ва ҷаззоб аст, ки дар натиҷа писанди умум гардида, дар забонҳо такрор ба такрор корбаст шуда хосияти рехтагӣ пайдо мекунанд ва дар қатори ибораю ҷумлаҳои

рехта дар хазинаи забон ҷой мегиранд» [2, с.6]. Роҳи ташаккули мақол ва зарбулмасалҳо низ ҳамин аст.

Ҷумлаҳои фразеологиро аз рӯйи сохтор ба хелҳои маъмулӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ҷумлаҳои содаи фразеологӣ. Мусалламан манбаи асосии воҳидҳои фразеологӣ забони зиндаи халқ аст, ки ин андеша ба ҷумлаҳои фразеологӣ низ тааллуқ дорад.

Романи «Шӯроб» дар таърихи адабиёти муосири тоҷик бо халқияти баланди худ маъруф аст. Дар он теъдоди зиёди персонажҳо - меҳнаткашон амал мекунанд, табиист, ки забони онҳо низ комилан аз воҳидҳои гуфтугӯии халқӣ иборатанд. Ин хислат, аз як тараф, чун падидаи файзбахш халқияти забони асарро таъмин намояд, аз ҷониби дигар, таҳвили он ба забони миллатҳои дигар кори тарҷумонро мушкил мегардонад.

Чунонки маълум аст, ҷумла воситаи ифодаи фикр аст. Тафаккур хосияти миллӣ дорад, натиҷаи он - ҷумла инъикоси бевоситаи олами ҳастӣ ва ҳодисоту воқеоти гуногунҷабҳаи ҳаёти воқеӣ, урфу одатҳои миллӣ мебошад, ки аз ҷаҳоншиносӣ ва андешаву хулосаҳои мардум рӯйи кор меояд. Мушкилии тарҷума бар он аст, ки ҷумлаҳои фразеологӣ ҳамеша дар заминаи маҷоз созмон меёбанд, аз ҷониби дигар, онҳо ҳамеша саршори ҳиссиёти мухталиф бо шаклу мазмуни худ мебошанд, ки на ҳамеша дар миллатҳои дигар ба мушоҳида меоянд.

Ҷумлаҳои фразеологии содаи романи «Шӯроб»-ро аз рӯйи ифодаи эҳсос ба мусбат ва манфӣ қисмат кардан мумкин аст.

<u>Ҷумлаҳои фразеологии содаи ифодагари эҳсоси мусбат</u>. Ҷумлаҳои фразеологии халқӣ ҳамеша ба дараҷаи муайяни эҳсосот ва муносибати субъективонаи гӯянда ё нависанда фаро гирифта мешаванд. Ҳатто як ҷумлаи фразеологӣ метавонад дар матнҳои гуногун вобаста ба ҳолатҳои рӯҳии қаҳрамонҳои асар эҳсосоти мухталифро ифода намояд. Чунончи, ҷумлаи фразеологии «*аз қудратат гардам Худо (Парвардигор)»* дар як маврид ифодагари *ҳайрат*, дар мавриди дигар *хурсандиро* баён месозад, ки чунин тобишҳои маъноиву эҳсосии таъбир аз тарҷума ҳам идрок мегардад:

1. Ба чилу панҷ даромада, рафиқ Назаров, то ҳамин вақт як шабу як рӯз ҳиқ-чоқ гирифтани одамро нашунида будам, аз *қудратат гардам, Парвардигор,* худам гирифтор шуда донистам, - мегуфт баҳоначӯй [6, с.415] // Сорок пять стукнуло, товарищ Назаров, и ни разу никогда не слышал, чтоб икота мучила человека день и ночь, а на меня, да *простит меня бог,* налетела проклятая,– заливался прогульщик [4, с.528].

2.-*Аз қудратат гардам, Худо!*– гуфт Хол хурсандона ва гӯё аз гуфта пушаймон шуд, ки онро ислоҳ намуд. - Аз қудратат гардам, Ҳуррият! [6, с.46] // -*О господи, велика твоя сила*! - радостно воскликнул Хол и тут же смущённо поправился:-Я хотел сказать - велика твоя сила, революция!... Да, велика! [4, с.238].

Вале дар аксар маврид дар ҷулаи фразеологии сода эҳсос барҷаста ифода меёбад, ба монанди мисолҳои зер. Аз таҳлил бармеояд, ки таҳвили ин гуна ҷумлаҳо тавассути тарҷумаи айнӣ, ё луғавӣ сурат мегирад. Масалан, ҷумлаҳои фразеологӣ дар матнҳои зерин бо усули тарҷумаи айнӣ воқеъ гардидаанд: - *Илоҳӣ ба ҳазор дароед*, мулло! - аҳсан гуфт Холи ворухӣ, ки дар ин дам Шӯроб, кор, гӯштингирии фардоина ва ҳатто дар куҷо будани худро фаромӯш карда буд [5, с.51] // *Дай бог прожить вам тысячу лет*, мулло! - восторженно воскликнул Хол - Дай бог, чтобы всегда сбывались ваши мечты и надежды [4, с.242]; *Чашми бад нарасад,* чӣ ҳусне! - аҳсант хонд ҳофиз дар ҷавоби нигоҳи Хол, ки маънии «духтархонди ман чӣ тавр аст?»- ро дошт [6, с.184] // *Не сглазить бы*, очень красива! - ответил Содирхан на безмолвный вопрос Хола [4, с.343].

Ҳамин тариқа, таассуроти амиқ аз омоли неку хайрхоҳонаи персонажҳои роман, боиси хушнудӣ ва миннатдорӣ гардида, аз паси худ ниятҳои некро чун дуо овардаанд, дар ҳолатҳо ва муносибатҳои гуногун ба забон омадаанд. Чунончи, дар мавриди ба сафар баромадани иштирокдори роман Шаҳидбой чунин омадааст: Хол *«сафар бехатар шавад»* - гӯён даст ба рӯй кашид [6, с.112].

Дар ин ва инчунин мисолҳо таъбироти ифодакунандаи иродатмандӣ бо мақсади он ки хонанда аз мазмуни иродат ва хосияти миллии он тасаввуре ҳосил намояд, таъбирот айнан тарҷума карда мешаванд. Инак, тарҷума: *Да будет спокойным* ваш путь! - Хол молитвенно поднял руки к лицу [4, с.288].

Дар таҳвили мисоли дигар низ ҳамин мазмун тазаккур ёфтааст: Хайр, хуш бошед, одамони нек, *сафаратон бехатар шавад,* омин [5, с.54] // Будьте здоровы, люди хорошие, и *пусть ваше путешествие будет безопасным* [4, с.33].

Эҳсоси баланди хушнудӣ, дар ҷумлаҳои рехтаи халқӣ бо интонатсияи рӯҳбаландкунанда фарқ мекунад. Азбаски чунин ҷумлаҳоро айнан тарҷума кардан имкон надорад, бо усули луғавӣ тавассути вожаҳои хосси нидоии русӣ, амсоли *«молодец», «браво»* баён сохтаанд: *Намур, қандата зан!* [5, с.108] // *Молодец! ...*[4, с.355].

Қанд зан! [5, с.22] // *Ай да молодец…* [4, с.8]; *Кам нашав, ҷигарам…* [6, с.385] // *«молодец…»* [4, с.502]; – *Эй, ҳалолат бод, Холако!* [5, с.282*]* // – *Браво,* Хол-ака!.. [4, с.189].

Чунин ҷумлаҳои фразеологии сода дар нутқи персонажҳои асар зиёданд ва ҳангоми тарҷума ба мавҷудияти қисме аз ҷумлаҳо ишорат шудааст ва ё онҳо ихтисор шудаанд: *Вай Даряро ба паҳлуяш нишонда «шукри неъмат, тани сиҳат, дили бегаму хотири ҷамъ»- гӯён калимаи оминро партофта даст ба рӯй кашид, баъд ба ман рӯй овард* [6, с.250] Мутарҷим таъбироти чидаи ҷумларо бо тезгӯяк дуо кард *(«скороговоркой поблагословил»)* гуфтааст. *Он посадил Дарю рядом с собой, скороговоркой поблагословил и повернулся ко мне* [4, с.396]. Ҷумлаи фразеологии *«Барака ёв, …»* [5, с.167] аз матни русӣ ихтисор шудааст [4, с.3].

Қисмати дигари ҷумлаҳои фразеологӣ бидуни майлу хоҳиш танҳо ҳисси баланди шодмониро ифода менамоянд. Чунин таъбирҳо бештар аз забони персонажҳо - модарону хоҳарони мушфиқ садо медиҳанд, амсоли: «*садқаи касе шудан*» - *қурбони касе шудан, ба ҷон дӯст доштан*. Мутарҷим асли маъноро ба эътибор гирифтааст: - Вай *онат садқа шавад, онат аз сарат гардад,* Арслони ман!-гӯён аз ҳаво дастгиру дастаке ҷуст [6, с.124].

Ҷумлаи фразеологии «*онаат аз сарат гардад*» барои таҳвияти таъбири таҳлилшаванда омадааст. Дар сухани Ҷамила ифодаи «*аз ҳаво дастгиру дастаке ҷуст»* ҳаст, ки он сохтаи нависанда буда, барои гурез аз вожаи «Худо» аз рӯйи қоидаҳои мафкураи коммунистӣ сурат гирифтааст. Тарҷума чунин аст: Сын мой, радость моя, *да стать мне за тебя чертвой*, Арслон мой, – запричистала она, протягивая руки [4, с.298].

«*Тасаддуқ шудан»* низ ҳамин маъниро дорад, ки меҳру садоқати олии инсонро ба шахс баён менамояд ва ба матни русӣ айнан таҳвил ёфтааст:-*Тасаддуқатон шавам*, акаҷон, ҳоло пир нашуда бошед,- ин дафъа далертар шуда гуфт хоҳар [6, с.117] // Теперь сестра заговорила смело - *Да стать мне жертвой за вас,* акаджон, ведь вы не стары, слава богу, здоровы [4, с.292]. Дар мисоли зер ба тарҷумаи ин таъбир вожаи «*искупительной»* (*омурзанда)* илова шудааст, ки аз як доираи семантикӣ (динӣ) мебошад: -Тасаддуқатон шавам, уко, - ба зорӣ даромад тамошогари ҷазбманди гӯштингирӣ, - ҳар чӣ қадар ки хоҳед, боз лаънат гуфтан мегирем [6, с.48] // *Да стать мне вашей искупительной жертвой* ука, сколько угодно будем ещё проклинать этого бессовестного бойбачу, - живо откликнулся страстный любитель борьбы [4, с.240].

Ба русӣ тарҷума кардани калимаи *«худоҷӯён»* мушкил аст, аз ин рӯ, мутарҷим онро ба вожаи дигар *«дилсӯз» («сердобольный,-ые»)* иваз намудааст, ки дар натиҷа мазмун осеб надидааст: Барои рафиқонат ҳам *худоҷӯёни дигар ёфт мешудагистанд*, - дилдорӣ дод Саломатшоҳ, - замини Худо аз одамони нек кам нест [5, с.28] // -Что же, и для твоих друзей *найдутся сердобольные души*, приютят, - успокоил мальчика мельник [4, с.12].

Қисме аз ҷумлаҳои фразеологии гуфтугӯии халқӣ ифодагари ҳиссиёт ва муносибати манфӣ нисбат ба объекти гуфтор мебошанд. Азбаски ин навъ ҷумлаҳо низ хосияти миллӣ доранд, мутарҷим онҳоро ба русӣ айнан баргардонидааст. Мисолҳо: - *Вой ман мурам!* - гуфт пиразан, ниҳоят ба худ омада…[4, с.119] // - *Ох, умереть мне на этом самом месте!*- воскликнула старуха [4, с.82]; – Гуфтанӣ ҳастам, ки бало ба паси оқподшоҳ, *гӯр ба гӯр гардаду* аммо сураташ аҷоиб кашида шуда буд [6, с.96] // Хочу сказать, что проклят был окпадшох, пусть не знает покоя в могиле, но рисовали его красиво…[4, с.275]; *Хонааш сӯзад* таъриф карда, ба осмони ҳафтум бардошт [6, с.65] // Да сгорит дом обманщика, так расхваливал жениха, на седьмое небо вознес. А он, хваленый, теперь живьем в могилу её кладет… [4, с.250].

Аммо дар ҷумлаи зер «*Худо нахоҳад»* нодуруст тарҷума шудааст, ки он маънои «*ин мабод, чунин нашавад ки…, мабодо ки…*»-ро дорад, дар тарҷума бошад, саҳван «Худо иҷозат намедиҳад», «Худо намегузорад» омадааст: *Худо нахоҳад!..*-ришханд намуд қорӣ [6, с.32] // *Господь не позволит…* [4, с.226].

Дар забони зиндаи халқ ҷумлаҳои фразеологии сода ҳастанд, ки маънои ҳамеша яксон надоранд, мазмун ва тобишҳои маъноии онҳо дар матн муайян мегардад. Чунончи, ҷумлаҳо дар қолаби «*гӯр* (ба касе, ба чизе) *шавад* (нашавад)» дар «Фарҳанги ибораи рехта» ин тавр маънидод карда шудааст: «*Гӯр ба чизе»*…марг ба…, нест шавад; «Гӯр ба чизе шавад» - несту нобуд шудан [11, с.25]. Чунонки мебинем, мазмун дар ҳарду маврид манфӣ арзёбӣ шудааст. Дар асл дар ин навъ ҷумлаҳо на маҳкумкунии қатъӣ, балки як навъ норизоӣ аз ҳолат, амал ё шахсият ба мушоҳида мерасад: *Гӯр ман нашавам* [6, с.378]; Оббо, *гӯр ҳуши ман нашавад*! - ногоҳ пушаймон шуд Хол [6, с.74] // Вдруг Хол стукнул себя по лбу: – *Забыл!* Закружился с этим кори и *забыл* [4, с.257]; *Гӯр дасттанҳоию бе мардинагӣ нашавад* [6, с.426] // Нет мужчины в доме, одна я осталась [4, с.538].

Маҳкумкунии шадиде, ки дар тарҷумаҳои русӣ тазаккур ёфтаанд, дар асл бо мазмуни ҷумлаҳои зер мутобиқ нестанд: «*Гӯр ин ташвишҳо шаванд* - яъне *ин ташвишҳо касро нороҳат мекунанд».* Аммо дар тарҷума мехонем: *«Пусть пропадут в могилу все волнения»* [4, с.113], ки он ба тоҷикӣ чунин тарҷума мешавад: Бигузор ҳаяҷонҳо дар гӯр нестон

шаванд. Чунонки мебинем, тарҷума аз асли матн дур аст. Дар ду ҷумлаи зер низ маҳкумкунӣ ба дараҷаи таҳқир расидааст, ҳол он ки дар ҷумлаи аввал сухан аз ғоибии шахс (домод) меравад, ки ин ҳолат сазовори таҳқир нест, чунончи:

-*Гӯр домодам нашавад.* Мо аз ин ҷо рафта монем, вай моро чӣ тавр меёбад? [5, с.157] Дар тарҷума омадааст: - *Чтоб ему провалиться!* [4, с.108]. Яъне, бигзор вай нестон шавад!

Ба мисли ҳамин: - *Рӯяш хушк нашавад.* Вай бачаи баандешаю истиҳола бошад, дар чойхона қиқир-қиқир хандида бо духтар мешинад? - ва пас аз сонияи сукут илова намуд модар. - Ба қавли ту аввал фаҳмидан даркор аст… [6, с.382].

Ба русӣ боз ҳам ҳамон қатъият омадааст: *Э, пропади он пропадом*, ки он дар фарҳангномаи фразеологии забони русӣ чунин шарҳ ёфтааст: «Выражение сильного раздражения, досады по поводу кого-либо, чего-либо» [12, с.364]. Яъне ифодаи ҳаяҷони сахт, афсӯсхӯрӣ аз боиси касе, чизе.

Ҷумлаҳо дар қолаби мазкур ҳатто метавонанд маънои мусбат дошта бошанд. Чунончи, дар мисоли зер аз ҷониби қаҳрамони роман пазируфтани ҳодисаи ногаҳонии ғайричашмдошт идрок мегардад. Мутарҷим мазмуни ҷумларо комилан мусбат шуморидааст: *Гӯр ин Давлати баттол нашавад,* бечораро бераҳмона зад,- гӯён мехост маломатро давом диҳад, лекин ба хотираш расид, ки охир Ҷӯрабошӣ навакак ба сари синаи фарзанди ягонаи ӯ нишаста, гулӯяшро фишурда ба сару рӯйи писараш бо тамоми қувва мезад [6, с.156] // Спасибо, Давлат стукнул по башке проклятого, чтоб лопнули его глаза, злыдня этакого! [4, с.108].

Мақол аз суфтатарин ва пурмаънотарин таъбироти халқист, ки дар қолаби ҷумлаҳои фразеологӣ ифода меёбад. Содагию муҷазӣ аз муҳимтарин хусусиятҳои мақол ба шумор меравад, ки имкони тарҷумаи айнии онро мушкил мегардонад ва мутарҷимро лозим меояд, ки аз забони тарҷумашаванда муодил пайдо кунад.

Таҳвили воҳиди забон бо усули муодил аз дастовардҳои нисбии мутарҷим ба шумор меравад. Он моҳияти масъаларо тавассути воҳиди ба соҳибзабон ошно мефаҳмонад. Ин усули таҳвил норасоӣ ҳам дорад - хосияти миллии забони асл ба забони дуюм интиқол намегардад, чунончи: «Аз бало ҳазар» дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» бо ҷумлаи зерин аз романи «Шӯроб» чунин шарҳ дода шудааст: аз бад дур будан, худро аз бадҳо дур доштан, аз кори бад худдорӣ кардан [12, с.67]: Ӯро бисёр одамон дар Исфара ҳам медонистанду ба зарбулмасали *«аз бало ҳазар»* амал намуда, хомӯшӣ ихтиёр мекарданд [5, с.92] // Петухов не впервые бывал в Исфаре и уже примелькался к местным жителям, но, глядя на его выходки, они предпочитали молчать, руководствуясь поговоркой *«от греха подальше»* [4, с.62].

«Аз хирс мӯе» - аз хасис ҳар чӣ ба даст меояд, ғанимат аст [11, с.2] - дар забони русӣ муодилҳо дорад, амсоли *«с бешеной собаки-хоть шерсти клок», «от медведя-хоть шерсти клок».* Мутарҷим метавонист қаринаи *«от медведя-хоть шерсти клок»* (айнан: *аз хирс як қабза мӯй*)- ро интихоб кунад, дар ин сурат он ба таъбири тоҷикӣ наздиктар мешуд: Ӯ инро аз мақоли *аз хирс мӯе* амал карда гирифт ва дар ин муддат дастёр ҳам ӯро ба дафтар гузаронд [5, с.192] // *С паршивой овцы хоть шерсти клок,*-подумала Дарья, выбегая во двор [4, с.131].

Теъдоди зиёди мақолҳо ба забони русӣ айнан тарҷума карда шудаанд, ки он ду сабаб дорад: дар забони тарҷумашаванда ё муодил надоранд, ё мақсади мутарҷим ба хонанда мушаххасан расонидани мазмуни таъбири тоҷикист. Дар ҳар сурат мутарҷим кӯшидааст, ки маъно ва қолаби таъбироти тоҷикиро нигоҳ дорад. Масалан, бо мақсади таъмини рехтагӣ ва муъҷазии ифода дар бисёре аз мақолҳо бандаки хабарӣ («аст») тахфиф ёфта, баён аз ҳар ҷиҳат - сохтор ва талаффуз ихчам шудааст. Ҳамин хислат дар қаринаи русӣ ҳам эҳсос мегардад, амсоли:

-*овозаи Рустам беҳ аз худи Рустам* [6, с.182] - «*слух о Рустаме сильнее Рустама»* [4, с.341];

-*«бачаат – балои ҷонат»* [6, с.301] - *твои дети, твои и беды* [4, с.508];

-*«фарзанд-балои ҷон»* [6, с.234] - «*ребёнок бедняка-несчастье души»* [4, с.157];

-*«ҳар гуле-як бӯе»* [5, с.195] – *«у каждого цветка свой аромат»* [4, с.352].

Албатта, дар ҷое, ки қолаби муъҷази мақоли тоҷикиро нигоҳ доштан мушкил аст, он мазмунан таҳвил ёфтааст: «*ба некӣ-некӣ» - «ответим добром на добро». Ба некӣ-некӣ!* - гӯён фарёд мезаданд ва агар худи фармондеҳ даст намебардошт, ин ҳаёҳуро ҳеҷ кас ором карда наметавонист [6, с.249] // Ответим добром на добро! – и, честное слово, если бы сам командующий не поднял руку… [4, с.395]; *«Ба некӣ-бадӣ»-«на добро отвечают злом…»* Фаҳмидам, ки аз аввали дунё ҳамин тавр буду то охираш ҳамин тавр мешавад: *ба некӣ-бадӣ…* [6, с.260] // Понял, что так было со дня сотворения мира и останется до дня светопреставления: *на добро отвечают злом…* [4, с.404].

Дар қатори комёбиҳо дар тарҷумаи чунин таъбирҳо, баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Масалан, мақоли *«зани беноз - оши бепиёз»* ба русӣ *«женщина без капризов, что плов без лука»* тарҷума шудааст, ки нуқсон дорад: вожаи *«ноз» «капризы (-ов)»* баргардон гаштааст, ҳол он ки *«каприз»* инҷиқӣ, *«капризная»* инҷиқ («капризная женщина -з ани инҷиқ) аст, аммо «ноз» бино ба шарҳи «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дорои чаҳор маъно [1, с.926] буда, ҳамаи онҳо мусбат мебошанд. Мантиқу муҳтавои мақол ҳам бар ҳамин аст, ки ноз (на инҷиқӣ) занро дилпазиртар менамояд, чунонки пиёз ошро болаззат, балки зани зебову фаттон бе ноз шуда наметавонад, ба мисли он ки таоми болаззат бе пиёз.

Дар мақолҳои инкорӣ хабар бо бандак («нест») ва бе бандак («не») ифода мегардад: *Хонаи гург бе устухон нест* гуфтаанд, гардам, - пиразан деги ба замин парӯ кардашударо рост намуд, - орд ҳам ҳасту равған ҳам ҳаст [5, с.120] // *Логово волка не бывает без костей,* как говорится, свет мой, найдем что-нибудь [4, с.83]; *Панҷ панҷа* баробар не [5, с.113] // *Пять пальцев на руке и то все разные!* [4, с.78].

Дар як қисми мисолҳо он рехтагию муъҷазие, ки дар мақолҳои боло дидем, ба мушоҳида намеояд, вале дар ҷумлаҳои дутаркиба хулосаи ҳаётӣ чун ҳикмати зиндагӣ баён гаштаанд, амсоли: *«Аз хости Худою тақдир бандааш гурехта халос намешавад»* [5, с.157] // *Раб божий не может уйти от того, что предначертано богом* [4, с.109] «Пул ба рӯзи сиёҳ даркор мешавад», - мегӯяд нафаси бад карда, - пир шуда аз кор мондан ҳаст, мурдан ҳаст [6, с.295] // А она-своё: нет и нет, *деньги,* твердит на черный день нужны, в старости, говорит, пригодятся [4, с.432].

Яке аз хусусиятҳои назарраси ҷумлаҳои содаи фразеологӣ ин аст, ки нависанда на танҳо ба мазмуни мақолҳо, балки ба ҷиҳати сохтории онҳо низ аҳаммият медиҳад. Шакли хеле ихчаму хушсадои баён ҷумлабандии содаи дубаҳра - ба ду ҳиссаи баробарвазн ҷудо шудани ҷумла мебошад, ки дар зимни худ санъати сухан қофия ва баъдан радиф ҳам дорад. Ҳамчунин падидаи муҳим он аст, ки мутарҷим барои хосияти сохтории ҷумларо нигоҳ доштан кӯшидааст. Масалан, «*зани бегона марди девона*» дар асоси ҷумлаи дутаркибаи тафсилии ҳикоягӣ. – *«Зани бегона мардро девона мекунад»,* яъне мардон бештар ба зани бегона иштиёқ доранд. Чунонки мебинем, ҷумлаи мазкур тахфиф ёфта, санъати бадеии он (мутазоди *«зан-мард»*) барҷаста, қофиябандӣ (*«бегона-девона»*) шуда, ба мақол - воҳиди муассири нутқ табдил гардидааст ва ҳамаи ин хосиятҳои матлуб дар тарҷума низ маҳфуз мондааст: Беҳуда ҳам намегуфтанд, ки *зани бегона марди девона* [6, с.62] // Известно дело*, чужая жена - мужик без ума»* [4, с.247].

Дар охир бояд гуфт, ки дар таҳвили ҷумлаҳои фразеологии сода мутарҷим камоли маҳорат нишон додааст, вале дар қатори комёбиҳо дар кори ӯ нуқсонҳо рух додаанд, ки хонандаро ба иштибоҳ меандозанд. Мисолҳо: – «Соя кӯтоҳ аст» гуфтан киноя аз нисфирӯзист, ки офтоб болои сар меистад, дар натиҷа сояи қади кас кӯтоҳ менамояд, яъне ҳанӯз барвақт гуфтан аст. Мутарҷим онро ба русӣ гузаштани вақт нисбат додаст: Ҳанӯз ҳам *соя кӯтоҳ аст* [5, с.15] // *Как медленно идёт время* [4, с.110].

«Хобатро ба об гӯй» киноя аз 1. хаёли хом 2. хоҳиши беасос, иҷронашаванда [9, с.276], аммо дар тарҷума *«проспал» (хоб бурда монд)* омадааст: *Хобатр*о акнун *ба об гӯй*! – ногоҳ бо тамоми овозаш дод зад Петя [5,с.24] // – Опаздал, Дутов, *проспал!* – торжествующе крикнул Петя [4, с.220].

«*Бори мусофир дар кӯча намемонад»* – бо мисоли зер аз романи «Шӯроб» чунин маънидод гаштааст: ба ҳар кас дар вазъияти бад мададгору хайрхоҳе ёр мешавад, дар вақти дармондагӣ дастгирикунандае ёфт мешавад. «- *бори мусофир дар кӯча намемонад»* гуфтаанд, – дилдорӣ дод пирамард [9, с.134; 8, с.43]. Аммо он ба русӣ *«бори мусофир бе назорат намемонад»* тарҷума шудааст: – *Груз странника без присмотра не останется,* говорят у нас,– отозвался Саломатшах [4, с.24].

Дар охир таъкид карданием, ки таҳвили воҳидҳои фразеологии рехтаву суфтаи тоҷикӣ аз мушкилтарин корҳои эҷодӣ ба шумор меравад. Аксари таъбиршиносон “тарҷуманашавандагӣ”-и воҳидҳои фразеологиро аз аломатҳои муҳимми ин воҳиди нодир ва муассири забон шуморидаанд. Вале мусаллам аст, ки тарғиби адабиёти бадеии оламшумули тоҷик чун шиносномаи миллат бидуни таҳвил ва манзури он имкон надорад, дар ин росто ҳаргиз мумкин нест, ки аз ганҷинаи забони адабии тоҷик гавҳари тобнок – воҳиди рехтаи халқӣ истисно карда шавад. Таҳқиқи ҳарҷонибаи таҳвили воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ба забонҳои дигар аз масъалаҳои муҳим ва саривақтӣ бояд шуморид.

А Д А Б И Ё Т

1. Калонтаров Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими / Я.И. Калонтаров. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 534 с.
2. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Қ.1. / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 117 с.

3. Маҷидов Ҳ.М. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.М. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
4. Рахим Джалил. Роман в трех книгах / Джалил, Рахим. Душанбе: Ирфон, 1973. – 575 с.
5. Раҳим Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди якум. Китоби 1. Романи «Шӯроб» / Ҷалил, Раҳим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 304 с.
6. Раҳим Ҷалил. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди дуюм. Китоби II ва III. Романи «Шӯроб» / Ҷалил, Раҳим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.
7. Русско – таджикский словарь (под. ред. Осими М.). – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
8. Саидхоҷаева, М.Н. Сравнительный анализ фразеологических единиц таджикского и русского языков (на материале русского перевода романа Рахима Джалила “Шураб”); дисс... канд. фил. наук. 10.02.19. / М.Н. Саидходжаева. – Душанбе, 2019. – 160 с.
9. Фарҳанги ибораҳои халқӣ; гирдоваранда ва тартибдиҳанда Р.Абдуллозода.–Душанбе: Адиб, 1988.– 400 с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе: Ксероксленд, 2008. – 950 с.
11. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 2. / М. Фозилов. - Душанбе: Ирфон, 1964. - 802 с.
12. Фразеологический словарь русского языка (под. ред. Молоткова А.И., 4-е издание). – М.: Русский язык, 1986. – 543 с.
12. Шарипова Г.Ш. Фразеологические единицы в «Самаки айяр»: автореф. дисс… канд. филол. наук / Г.Ш. Шарипова. – Душанбе, 2013. – 23 с.

ВАЗИФАҲОИ МАЪНОИЮ УСЛУБИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ХАЛҚӢ ДАР МАТНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСИИ РОМАНИ “ШӮРОБ”-И РАҲИМ ҶАЛИЛ

Мақола ба таҳқиқи воҳидҳои фразеологии гуфтугӯии тоҷикӣ ва воситаи таҳвили онҳо ба забони русӣ дар мисоли романи сеҷилдаи Нависандаи Халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил “Шӯроб” бахшида шудааст. Бино ба маводи амалӣ ва таҳлилии мақола, фразеологизмҳои халқӣ бинобар табиати соф миллӣ доштан аз воҳидҳои мушкилтарини забон ҳангоми тарҷумаи онҳо ба забони дигар, аз ҷумла, забони русӣ мебошанд. Мақола ба таҳлили воҳидҳои фразеологии халқӣ – гуфтугӯии тоҷикӣ дар шакли ҷумлаҳои сода нигаронида шудааст. Дар он сухан аз моҳият ва хусусиятҳои маъноию услубии ҷумлаҳои содаи фразеологии халқӣ - гуфтугӯӣ, заминаҳои пайдоиш, вазифаҳои маъноиву услубӣ ва усули воситаҳои таҳвили онҳо ба забони русӣ меравад. Тавассути таҳлили муқоисавии мисолҳои зиёд аз забони асл (тоҷикӣ) ва тарҷумаи русии романи мазкур собит мегардад, ки дар ҷумлаҳои содаи халқӣ – гуфтугӯии фразеологӣ дар баробари ифодаи мазмун боз эҳсосоти мусбат ва манфии гӯянда ё нависанда (хосияти услубӣ) ифода меёбад, ки такя бар тарзи хосси зиндагии мардум ва урфу одатҳои миллии тоҷикон дорад. Мушкилот ва интихоби воситаҳои тарҷумаи дуруст ба дарки комили воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва таҳвили саҳеҳи ҷанбаҳои коммуникативию миллии таъбирҳои халқии тоҷикӣ алоқаманд мебошад. Дар мақола комёбӣ ва норасоиҳои тарҷумонҳо бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ (ВФ), ҷумлаҳои содаи фразеологӣ, фразеологизмҳои коммуникативӣ, тобишҳои эҳсосӣ-экспрессивии ВФ, ифодаи эҳсосоти мусбат ва манфӣ, таҳлили қиёсӣ, ташаккули сохтории ҷумлаҳои фразеологӣ (ҶФ), роҳу усулҳои тарҷума.

СЕМАНТИКО – СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ФУНКЦИИ НАРОДНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ТАДЖИКСКИХ И РУССКИХ ТЕКСТАХ РОМАНА «ШУРАБ» РАХИМА ДЖАЛИЛА

Статья посвящена исследованию народно – разговорных фразеологических единиц таджикского языка и их передаче на русский язык на примере трёхтомного романа Народного писателя Таджикистана Рахима Джалила «Шураб». Практический и сопоставительный материал статьи показывает, что исследование народно – разговорных фразеологизмов и их передача на другие языки, в частности, на русский язык, является одной из сложных проблем фразеологии и переводологии. В статье подвергнуты научному анализу таджикские народно – разговорные фразеологизмы в форме простого предложения, в том числе речь идёт об истоках формирования, семантико – стилистических функциях, путях и способах их передачи на русский язык. На множестве таджикско–русских примеров из вышеназванного романа показывается то, что в простых народно-разговорных фразеологизмах наряду с коммуникативным значением, одновременно выражаются эмоционально-экспрессивные отношения говорящего или писателя, опирающиеся на национальный колорит, обряды и своеобразие быта народа. Сложность вопроса и выбора соответствующих способов передачи фразеологизмов на другие языки обусловлены сложностью полного понимания смысла ФЕ переводимого языка, а также выбором средств перевода, обеспечивающих чёткое представление описываемых явлений в художественном произведении. В статье показана достижения и упущения переводчиков на конкретных примерах.

Ключевые слова: фразеологические единицы (ФЕ), фразеологические простые предложения, коммуникативные фразеологизмы, эмоционально - экспрессивная окраска ФЕ, выражение положительных и отрицательных эмоций, сопоставительный анализ, структурная организация фразеологических предложений(ФП), пути и способы перевода.

SEMANTICS – STYLISTIC FUNCTION PUBLIC PHRASEOLOGICAL IN TAJIK AND RUSSIAN TEXT ON EXAMPLE OF THE NOVEL BY RAHIM JALIL "SHURAB"

The article is devoted to the study of the colloquial phraseological units of the Tajik language and their translation into Russian using the example of the three-volume novel of the People's Writer of Tajikistan Rakhim Jalil "Shurab". Practical and comparative material of the article shows that the study of folk colloquial phraseologisms and their transfer to other languages, in particular, to the Russian language, is one of the difficult problems of phraseology and translology. The article analyzes Tajik folk-colloquial phraseological units in the form of a simple sentence, including the sources of formation, semantic-stylistic functions, ways and means of transmitting them into Russian. It shows on many Tajik-Russian examples from the above-mentioned novel that in simple folk-speaking phraseological units along with communicative meaning, emotional-expressive relations of a speaker or writer are simultaneously expressed, based on the national color, rituals and originality of the people’s life. The complexity of the question and the choice of appropriate methods for transmitting phraseological units into other languages is due to a full understanding of the meaning of the phraseological

units of the translated language, as well as the choice of translation tools that provide a clear representation of the described phenomena in a work of art. The article shows the achievements and omissions of translators with specific examples.

Key words: Phraseological units (Ph.U), phraseological simple sentences, communicative phraseological units, emotionally - expressive coloring of phraseological units, expression of positive and negative emotions, comparative analysis, structural organization of phraseological sentences (PH S) ways and meanses of the translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидхоҷаева Мусаббеҳон Насимхоҷаевна*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллимаи калони кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроғa:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, кӯч.Ленин, 169. E-mail: **Musabbiyakhon72@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-622-46-46**

Сведения об авторе: ***Саидходжаева Мусаббехон Насимходжаевна*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, ул.Ленина, 169.
E-mail: **Musabbiyakhon72@mail.ru.** Тел.: **(+992) 92-622-46-46**

Information about the author: ***Saidkhodjaeva Musabbekhon Nasimkhodzhaevna*** - Institute of Economy and Trade of the Tajik State University of Commerce, is a senior lecturer of the Department of Tajik and Russian Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Lenin Str., 169. E-mail: **Musabbiyakhon72@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 92-622-46-46**

УДК: 81 (22): 338

СОЗМОНДИҲИИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Турди-Аханова И.А.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Омӯзиши муқоисавии типологии забонҳо дар марҳилаи кунунӣ эҳёи ҷаҳонро ба даст оварда, дар доираи фанҳои умумии забоншиносӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Умуман, зарурати омӯзиши муқоисавии забонҳо аз он имкониятҳое фароҳам омадааст, ки дар ошкор кардани хусусиятҳои фаъолияти системаи забон ва унсурҳои алоҳидаи он мусоидат менамоянд. Ҳамчун объекти таҳлили ӯ, лингвистикаи муқоисавии типологӣ он проблемаҳоеро интихоб мекунад, ки дар забоншиносии муосир бартарӣ доранд. Бештар ва босуръат ба рушди асосҳои назарияи универсалии таҳлили муқоисавии типологӣ мусоидат мекунанд.

Пайдоиши ин илм дар натиҷаи пажӯҳишҳои муҳаққиқони барҷастаи асри XX ба монанди Е.Д. Поливанов, Ҷ.Т. Щерба, И. Мещанинов, В.Н. Ярцева, А.И. Смирнитский, В.А. Звегинцева ва ғайраҳо дар доираи васеи масъалаҳо таҳия карда шуда, ки ба воситаи методҳо ва ҷанбаҳои таҳлили муқоисавӣ-типологӣ, аҳаммияти он барои назарияи умумии забон, таҳияи усулҳои универсалӣ барои ошкор кардани ҷанбаҳои гуногуни омӯзиши воҳидҳои забон ва системаҳои онҳо муайян карда шудаанд [4].

Муқоисаи як падидаи забоншиносӣ дар забонҳои гуногун имкон медиҳад, ки моҳияти ин осори таҳқиқшаванда ба таври возеҳ ошкор карда шавад, хусусиятҳои он ҳам дар забон ва ҳам дар лаҳҷаҳо ҷанбаи функсионалӣ доранд.

Омӯзиши муқоисавии забонҳо бо сохтори бисёрсистемавӣ дар асоси муайян кардани проблемаҳои актуалие, ки дар забоншиносии муосир бартарӣ доранд, гузаронида мешавад.

Таҳлили муқоисавии системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳам барои таҳияи назарияи умумии фразеологизм ва ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои ҳаммонанди забонҳои мавриди омӯзиш аҳаммияти бузург дорад.

Дар грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз оғози пайдоиши он ба омӯзиши мушкилоти лексикаи забонҳои муқоисашаванда диққати махсус дода мешуд, гарчанде ки фарогирии проблемаҳои ҷанбаҳои грамматикии ин забонҳо дар шароити муқоиса ҳеҷ гоҳ маънои худро гум накардааст. Ҳамзамон, ҷанбаи лексикии омӯзиши забонҳои муқоисашаванда, алалхусус, фразеологизмҳо барои муҳаққиқон таваҷҷуҳи хосса дошт.

Дар робита ба аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ, таҳқиқоти муқоисавӣ-типологии системаи фразеологии забонҳо аз ҷиҳати фонди луғавӣ муҳим мебошад. Ин ҷанба, ки доираи васеи далелҳои забони муқоисашавандаро фаро мегирад, имкон медиҳад, ки равандҳо ва қонунҳои барои забонҳои гуногун маъмултар ва системанокии онҳо имконпазир гардад. Дар айни замон, ҳангоми татбиқи аломатҳо ва хосиятҳои халқиятҳо ҳар як забон хусусиятҳои худро доро мебошад, ки ҳангоми омӯзиши мустақилона дастрасӣ ба онҳо душвор аст.

Таҳлили муқоисавии фразеологизмҳо барои омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи забонҳои мавриди таваҷҷуҳ аҳаммияти бузург дорад. Масъалаи фразеологизм то ба имрӯз муҳим аст, ки бо вуҷуди корҳои сершумор, баъзе ҷанбаҳои омӯзиши ин бахши илми забон баҳсбарангез боқӣ мемонанд. Ҳатто дар забони русӣ, ки омӯзиши фразеологизм анъанаи бештар дорад, масъалаи маҷмӯи воҳидҳои фразеологӣ ҳанӯз ба пуррагӣ таҳия нашудааст.

А.И. Молотков (муҳаррири луғати фразеологии забони русӣ) менависад: «Русҳо дар бораи кадом воҳиди фразеологии забон фикри ягона надоранд. Рӯйхати воҳидҳои фразеологии забони русӣ, ки олимони мухталиф пешниҳод кардаанд, аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд, ки метавонанд дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи ин забон сухани муқобил гӯянд [6].

Дар китоби санадҳои истилоҳоти забоншиносӣ фразеологизм чунин муайян карда шудааст: "Лексикаҳои решаи калима дар таркиб ва сохтори худ устувор буда, дар шакли як воҳиди нутқ таҳия шуда ва аз ҷиҳати ҳамоҳангии семантикӣ таҷдид мешаванд, аз қисматҳои зерин иборатанд:

1. Фразеологӣ (Идиомаҳо);

2. Ягонагии фразеологӣ;

3. Фразеологизмҳои фразеологӣ.

Дар асарҳои сершумор оид ба омӯзиши маҷмӯаҳои устувори шифоҳии намудҳои гуногун, ҳам барои фразеологияи забонҳои инфиродӣ ва ҳам назарияи умумии фразеологизмҳои нав ва аслӣ ба даст оварда шудаанд. Бешубҳа, таъсири забоншиносони ватанӣ ба рушди ин соҳа дар хориҷа низ таъсири мусбат расонд.

Аммо, бо вуҷуди ҳама ҷиҳатҳои мусбате, ки дар омӯзиши фразеологӣ мавҷуданд, ҳоло зарурати фаврии таҳлили баъзе мушкилот мавҷуд аст, ки ба рушди минбаъдаи пурмаҳсули ин бахши забоншиносӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Чунин мушкилот, пеш аз ҳама, ихтилофоти назаррас дар байни олимон дар фаҳмиши объекти фразеологизм ва дар натиҷа, вайроншавии истилоҳоти фразеологизмро дар бар мегиранд. Ҳатто истилоҳоти асосӣ, ба монанди фразеологизм, воҳидҳои фразеологӣ, дар навиштаҳои забоншиносони мо яксон нестанд.

Дар забоншиносии Аврупои Ғарбӣ ва Амрико ягон асаре нест, ки махсус ба назарияи фразеологизмҳо бахшида шуда бошад, гарчанде ки онҳо мавҷудияти ин воҳидҳоро ҳамчун бахши мустақили илм рад намекунанд. Ҳангоми ҷамъоварӣ ва нашри луғатҳо ва истилоҳоти сершумор, барои маводи фразеологӣ махсус ҷой ҷудо карда шудааст, ки онҳо ба миқдори назаррас оварда мешаванд. Саволҳои фразеологизмҳо асосан дар грамматика, асарҳои стилистика, таърихи забон, асарҳои умумии забоншиносӣ ва, мутаносибан, дар лексикография тафсири муайянро пайдо мекунанд.

Чарлз Болли истилоҳи "фразеология" -ро дар илм ҷорӣ кард, аммо ин истилоҳ ҳанӯз дар навиштаҳои забоншиносони Аврупои Ғарбӣ ҳуқуқи комилро ба даст наовардааст. Болли фразеологизмҳоро ба стилистика дохил кард. Масъалаи фразеология ҳамчун як фанни забоншиносӣ бори аввал аз ҷониби забоншиноси барҷастаи замони Шӯравӣ профессор Поливанов Э.Д. гузошта шудааст. Вай борҳо ба ин масъала баргашта, баҳс кардааст, ки "Лексика маънои лексикии инфиродии калимаҳо, морфология - маънои расмии калимаҳо, синтаксис - маънои расмии ибораю ҷумлаҳоро меомӯзад."

Масъалаи фразеологияро ҳамчун як фанни забоншиносӣ бори аввал В.В. Виноградов ба миён гузоштааст. Дар асарҳои вай фразеологизм таълимот дар бораи воҳидҳои фразеологӣ маҳсуб ёфтааст.

Аммо, пас аз нашри асарҳои В.В. Виноградов (1977) фразеологизм ба як фанни забоншиносӣ табдил наёфт ва ба бахши лексикология гузашт. Ин ба он вобаста аст, ки бо вуҷуди аҳаммияти бузурги асарҳои В.В. Виноградов таърифи воҳиди фразеологиро пешниҳод накарданд.

Воҳидҳои фразеологӣ як қисмати луғати забон буда, асосан ба лексикология дохил карда мешаванд, зеро фразеологизмҳо ҳамчун муодили калимаҳо ҳисобида мешаванд ва лексикология ҳамчун як фанни забоншиносист, ки лексикаи забон, яъне калимаҳо ва муодили онҳоро меомӯзад. Дар натиҷа, назарияи баробарии фразеологии калимаҳо қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Он ба назарияи муайянсозии омилҳои экспрессивӣ, ки аз ҷониби С. Болли таҳия шудааст, бармегардад ва қайд кардааст, ки хусусияти маъмултарини ибораи фразеологӣ он аст, ки муайян кардани маънои ибора бо як калимаи оддӣ имкон дорад. Ш.Болли чунин калимаро шинохташуда меномид.

Бисёре аз забоншиносон воҳидҳои фразеологиро ба калимаҳо баробар медонанд, ки ҳардуи онҳо ба нутқ дар шакли тайёр омадаанд, яъне дар он ҷой дода шудаанд.

Ҳатто дар ибтидои ташаккули фразеология ҳамчун як бахши махсуси забон, хусусияти хеле наздики воҳидҳои фразеологӣ ва калима ҳам бо ҳамин маъно фаҳмида

мешавад. Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки калимаҳои фразеологӣ - мафҳуми созмонёфтаанд. Дар якҷоягӣ «гули сари сабад» ва «гурги борондида» як калима ба ҳисоб мераванд.

Ин мафҳумҳо ба нодида гирифтани сохтори воҳидҳои фразеологӣ ва калимаҳо, яъне ҷудо кардани нақшаи мундариҷа аз нақшаи ифода ва ба наздикии аз ҳад зиёди маънои калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ асос ёфтаанд. Агар мо хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии воҳидҳои фразеологӣ ва фразеологизмро ба назар гирем, набояд исбот кард, ки вожаҳои фразеологӣ хосси як забон мебошанд, воҳидҳои фразеологӣ маънои лексикӣ доранд ва дар таркиби воҳидҳои морфологии ҳар як забон дида мешаванд.

Дар робита ба ҳаҷми фразеологизмҳо, олимон вобаста ба фаҳмиши воҳидҳои фразеологӣ нуқтаи назари диаметри муқобилро риоя мекунанд. С.И. Ожегов дуруст қайд мекунад, ки аз афташ калимаи "фразеологизм" ҳанӯз як номи истилоҳии ҳақиқӣ нагирифтааст, зеро он дар забон мавҷуд буда, зуҳуроти гуногунро фаро мегирад, баъзан бо истилоҳи идиома ва муқоиса бо он муттаҳид мешавад.[3]

Дар асарҳои минбаъдаи В.В. Виноградов гуфта шудааст, ки ибораҳои рехта метавонанд вазифаи чумларо иҷро кунанд. Дар шумораи зиёди асарҳо зарбулмасалҳо ба фразеологизмҳо дохил карда шудаанд. Яке аз мухолифони вуруди зарбулмасал ва калимаҳо ба воҳиди фразеологӣ Н.Н. Амосова мебошад. "Мо таърифи зерини воҳидҳои фразеологиро пешниҳод менамоем: Воҳиди фразеологӣ - маҷмӯи устувори калимаҳо бо маънои пурра ё қисман тарҳрезишуда мебошад”.

Дар мақолаи "Ҳолати кунунӣ ва дурнамои фразеологизмҳо" Н.Н. Амосова мегӯяд, ки: "Мушкилоти фразеологӣ набояд забоншиносонро омехта кунад. Ҳеҷ як илм ба таври комил ба анҷом нарасидааст. Бисёр ихтилофҳо дар бораи фразеологизмҳо вуҷуд доранд. Бо усули тадқиқот, интихоби роҳҳои гуногун дар ҷараёни ин кофтуковҳо, полисемия-бисёрмаъноӣ танҳо барои хубтар иброз доштани нуқтаи назар кумак карда метавонад.

Новобаста аз он ки усулҳои забоншиносони мухталиф дар таҳлили маводи забонҳои гуногун фарқ мекунанд, дар солҳои охир бисёри асарҳо бо хоҳиши объективӣ дар тартибот ва меъёрҳои татбиқшаванда тавсиф мешаванд. Дар ин талош кафолати муваффақиятҳои ояндаи фразеологизм аст .

Дар айни замон, забоншиносӣ ибораҳои фразеологиро аз лиҳози муттафиқии семантикӣ ва истифодаи стилистии онҳо дар адабиёти бадеӣ ва журналистика, таснифоти воҳидҳои фразеологии забони муосири форсӣ ва тоҷикӣ омӯхта истодааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик ба мо имкон медиҳад, ки ба маҷмӯи мураккаби таркибии калимаҳо амиқ ворид шавем, дар бораи намудҳои асосии сохторӣ-семантикӣ ва стилистии онҳо тасаввурот пайдо кунем, пайдоиш ва фаъолияти онҳоро муайян кунем, ба объективӣ ва дуруст арзёбии мероси эҷодии нависандагон ва публитсистҳо баҳо диҳем.

Дар тӯли бист соли охир омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фразеологизмҳо хуб ба роҳ монда шудааст. Агар дар солҳои ҳаштодуми асри XX «Фразеология ҳамчун як ҷанбаи забоншиносӣ дар рушди махфӣ буд, имрӯз мавзӯи баҳс, ҳаҷм ва гурӯҳҳои асосии воҳидҳои фразеологӣ ба таври возеҳу равшан муайян шудааст.

Дараҷаи инкишофи ҳавасмандӣ ба омӯзиши фразеологизм ва таҳқиқи мушкилоти мухталифи фразеология далели қобили таваҷҷуҳ ва ҳамзамон ҳайратовар аст, ки тибқи маълумоти манбаъҳои библиографии охир, дар бораи ҷанбаҳои мухталифи ин масъала такрибан 3000 асар мавҷуд аст.

Масъалаи фразеологизм дар забоншиносии тоҷик боиси таваҷҷуҳи хос аст. Монографияҳои махсус, китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои сершумор оид ба масъалаҳои гуногуни фразеологияи тоҷик нашр карда шуданд.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ ниҳоят барои муайян кардани хусусиятҳои умумӣ, муқаррарӣ ва хосси маводи матнии додашуда дар сатҳи забони мушаххас кумак мекунад.

Таҳлили муқоисавии фразеологизм барои таҳияи назарияи умумӣ ҳам барои муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва типологии ҳамфикрии забонҳои мавриди омӯзиш аҳаммияти бузург дорад.

Омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои яксистема ва бисёрҷанба, ба ғайр аз самти назариявӣ, дорои аҳаммияти муайяни амалист, зеро умумият ва вижагии забонҳо дар сатҳи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ бо роҳи муқоиса дақиқтар муайян карда мешаванд.

Таҳлили нисбатан камтари илмӣ ҳам сохтори воҳидҳои фразеологӣ ва ҳам хусусиятҳои семантикии онҳоро аз сар мегузаронад.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои ин таҳқиқот ва натиҷаҳои он дар таҳлили маводҳои ҳар боб ва бахши пажӯҳишҳо тавсиф мешаванд.

Аҳаммияти проблемаи таҳқиқот гарчанде ки дар сатҳи ҳар яке аз забонҳои дар ин ҷо муҳокимашудаи воҳидҳои фразеологӣ то андозае таҳлил шуда буданд, аммо дар шароити муқоисавӣ ин масъала бори аввал таъкид шудааст. Ин, аз як тараф, аҳаммияти онро таъмин менамояд ва аз ҷониби дигар, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба воҳидҳои фразеологии забонҳои муқоисашударо тақозо мекунад.

Омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар таҳлили адабиёти васеъ ва манбаъҳои ҳарду забон асос ёфтааст.

Дар ниҳоят, аҳаммияти таҳқиқоти мо бо зарурати тартиб додани грамматикаи илмию таълимӣ, луғатҳои муқоисавии билингворӣ ва дигар дастурҳои методӣ вобаста ба соҳаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда мешавад.

Интихоби мавзӯи мақолаи мазкур аз хусусиятҳои зерин иборатанд:

- зарурати омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи пояҳои бунёдии фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- надонистани мушкилоти асосии системаи фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ҷанбаи ҳамоҳангсозии муқоисавӣ-типологӣ;
- аҳаммияти омӯзиши мукаммали фразеологии ҳарду забон бо мақсади муайян кардани шакли умумии ташаккул ва ташаккули забон, фаъолияти воҳидҳои забон ҳамчун воситаи муошират.

Ҳадафи асосии омӯзиш таҳлили системавии воҳидҳои фразеологии ҳар як забон дар боло ва омӯзиши муқоисавии типологии системаи умумии фразеологии ҳарду забон ва дар маҷмӯъ муайян кардани сохтори мушаххас, семантика ва вазифаҳои воҳидҳои фразеологӣ дар ҷанбаи сохторӣ-функсионалӣ мебошад.

Омӯзиши ҷанбаи типологии воҳидҳои фразеологӣ дар системаи забонҳои номбурда ва таҳияи методологияи ягонаи таҳлили муқоисавии типологии воҳидҳои фразеологӣ, таҳияи методҳои таснифи онҳо дар омӯзиши воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва англисӣ; бартариҳои усули муқоисавии типологии таҳқиқот дар муқоиса бо дигарон мебошад. Ҳамчунин, муайян кардани умумиятҳо ва фарқиятҳои ҷанбаҳои сохторӣ, семантикӣ ва функсионалӣ дар системаи фразеологии ҳарду забон, дида мешавад.

Дар ҷанбаи сохторӣ-семантикӣ, ки муносибатҳои семантикиро дар системаи фразеологии забонҳои муқоисашаванда тавсиф мекунанд, муносибатҳои мушаххасро муайян мекунанд, ки дар асоси он гурӯҳҳо ва намудҳои воҳидҳои фразеологӣ ба ҳарду забон муқаррар карда мешаванд. Дар ҷанбаи таърихи ташаккули системаи фразеологии забонҳои муқоисашаванда, омилҳо, роҳҳо, воситаҳо, аз ҷумла бадеию илмӣ ва роҳҳои ташаккули воҳидҳои фразеологӣ бо забонҳои муқоисашаванда дар сохтори фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҷамъбаст мегардад.

Манбаи муҳимтарини омӯзиши ин масъала, луғатномаҳои мухталиф, ҳам таълимӣ ва ҳам академикӣ, тарҷумавӣ, фаҳмондадиҳӣ ва фразеологӣ мебошанд, ки маводи онҳо дар омӯхтан васеъ ҷалб карда шудаанд. Барои он ки ин маводро бештар равшан намоем, то доираи фразеологии воҳидҳои фразеологиро нишон диҳем, воситаҳои дигар, масалан, маводҳои ахбори омма ва дар баъзе ҳолатҳо, фразеологизмҳои диалектикиро васеъ истифода намудем.

Ҳар як забон ва дар асоси усули муқоисавӣ бо мақсади муайян кардани монандӣ ва фарқиятҳои забонҳои дар соҳаи воҳидҳои фразеологӣ омӯхта шуданд.

Усули таҳқиқот дар баъзе ҳолатҳо нисбатан қиёсӣ мебошад, дар баъзе ҳолатҳо методологияи муқаррарӣ ин аст, ки маълумоти фразеологии ҳар забон алоҳида омӯхта шудааст. Барои муқоисаи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо воҳидҳои фразеологии ба забони англисӣ мувофиқ дар сохтор ва семантика таҳлили муқоисавӣ истифода мешавад.

Муқаррароти назариявии забоншиносии русӣ, англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун сарчашмаи методологӣ хизмат мекарданд. Аммо, бо ин ҳама, ба усули муқоисавӣ-типологӣ афзалият дода шудааст, ки онро ҳам дар таҳлили муқоисавӣ ва ҳам дар тарҷумаи муштараки ибораҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва қабати стилистии бетараф ва рамзӣ-коннотиватив ёфтан мумкин аст; ҳамзамон, забони русӣ манбаи асосии адабиёти истифодашудаи мост.

Усулҳои таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз тарафи мутахассисон таҳия карда шуданд, ки меъёрҳои интихоб ва систематизатсияи категорияҳои морфологӣ аз ҷониби бахшҳои сатҳҳои гуногун муайян карда шуданд ва ин ба омӯзиши минбаъдаи сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ, омӯзиши муқоисавии онҳо дар ҷанбаи умумии забон мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии моделсозии сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ низ таҳия карда шуданд. Аввал сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ модел карда шуданд, намудҳо ва зергурӯҳҳои онҳо муқаррар карда шуданд, моделҳои сохторӣ дар

шароити муқоисавӣ тавсиф карда шуданд, мукотибаҳои байнимиллӣ дар байни моделҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ бо забонҳои муқоисашаванда муайян карда шуданд.

Хулоса, натиҷаҳои омӯзиши муқоисавии типологӣ, аз нуқтаи назари истифодаи амалии онҳо, аҳаммияти муҳим ҳамчун заминаи илмӣ пайдо мекунад, ки ба рушди усулҳои пешрафтаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили моделҳои мукотиба ва номутобиқатии воҳидҳои фразеологӣ ва шарҳи методологии онҳо бояд қадами муҳим дар такмили онҳо бошад, самаранокии таълими забони англисӣ ба шунавандагони тоҷикзабон равона карда мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. - М.: ИКАР, 2009. - 139 с.
2. А.А. Акишина. Жесты и мимики в русской речи: лингвострановедческий словарь / А.А. Акишина, Т.Е. Акишина и др. - М., 1991. - 170 с.
3. Аминов, С. Забони тоҷики: китоби дарсӣ барои синфи 8-и мактаби тахсилоти умумӣ / С. Аминов. - Душанбе, 2007. - 208 с.
4. Аржанов А.Я. Русские фразеологические сочетания и их изучение в национальной школе / А.Я. Аржанов // Русский язык в национальной школе. - 1957. - № 4. – 90 с.
5. Бабаева Р.Н. Русский язык: Учебник для 10 класса средней школы с таджикским языком обучения (экспериментальный) / Р.Н. Бабаева, Р.А. Бегматова, М.О. Махмудова. - Душанбе: Шарки озод, 2006. - 224 с.
6. Быстрова Е.А. Теоретические основы обучения русской фразеологии в национальной школе / Е.А. Быстрова. - М.: Педагогика, 1985. - 136 с.
7. Верещагин Е.М. Язык и культура. Лингвострановедение в преподавании русского языка как иностранного. 4-е изд., перераб. и доп / Е.М. Верещагин, В.Г. Костомаров. - М., 1990. - 246 с.
8. Голева Г.С. Персидская фразеология (Лингвокультурологический аспект) / Г.С. Голева // Вопросы языкознания. - М., 1997. - № 5. - С.32-38.
9. Гусейнова Т.В. Русский язык: Учебник для 6 класса средней школы с таджикским языком обучения / Т.В. Гусейнова: под. ред. проф. И.Х. Каримовой. - Душанбе: Собириён, 2006. - 112 с.
10. Гусейнова Т.В. Русский язык: Учебник для 8 класса средней школы с таджикским языком обучения (экспериментальный) / Т.В. Гусейнова, Т.И. Гусейнов: под. ред. проф. И.Х. Каримовой. - Душанбе: Шарки озод, 2006. - 144 с.
11. Насриддинов, А. Пайванди забон ва тафаккури бадеӣ / А.Насриддинов // Куллиёти осор: дар 7 ҷилд. - Хуҷанд: Ношир, 2013. - С.419-428.
12. Хоҷаев, Д. Забони тоҷикӣ: китоби дарсӣ барои синфи 9-и мактаби таҳсилоти умумӣ / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 2007. - 159 с.
13. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С.Шербоев. - Душанбе, 2014. - 458 с.

СОЗМОНДИҲИИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Омӯзиши муқоисавии типологии забонҳо дар марҳилаи кунунӣ эҳёи ҷаҳонро ба даст оварда, дар доираи фанҳои умумии забоншиносӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Умуман, зарурати омӯзиши муқоисавии забонҳо аз он имкониятҳое фароҳам омаданд, ки дар ошкор кардани хусусиятҳои фаъолияти системаи забон ва унсурҳои алоҳидаи он мусоидат менамоянд. Ҳамчун объекти таҳлили ӯ, лингвистикаи муқоисавии типологӣ он проблемаҳоеро интихоб мекунад, ки дар забоншиносии муосир бартарӣ доранд. Ҳадафи асосии омӯзиш таҳлили системавии воҳидҳои фразеологии ҳар як забон дар боло ва омӯзиши муқоисавии типологии системаи умумии фразеологии ҳарду забон ва дар маҷмӯъ муайян кардани сохтори мушаххас, семантика ва вазифаҳои воҳидҳои фразеологӣ дар ҷанбаи сохторӣ-функционалӣ мебошад. Омӯзиши ҷанбаи типологии воҳидҳои фразеологӣ дар системаи забонҳои номбурда ва таҳияи методологияи ягонаи таҳлили муқоисавии типологии воҳидҳои фразеологӣ, таҳияи методҳои таснифи онҳо дар омӯзиши воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва англисӣ; бартариҳои усули муқоисавии типологии таҳқиқот дар муқоиса бо дигарон мебошад. Ҳамчунин, муайян кардани умумиятҳо ва фарқиятҳои ҷанбаҳои сохторӣ, семантикӣ ва функционалӣ дар системаи фразеологии ҳарду забон, дида мешавад. Асосҳои назариявии моделсозии сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ таҳия карда шуданд. Аввал сохтори грамматикии воҳидҳои фразеологӣ модел карда шуданд, намудҳо ва зергурӯҳҳои онҳо муқаррар карда шуданд, моделҳои сохторӣ дар шароити муқоисавӣ тавсиф карда шуданд, мукотибаҳои байнимиллӣ дар байни моделҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ бо забонҳои муқоисашаванда муайян карда шуданд.

Калидовжаҳо: ибораҳои рехта, мукотибаҳо, таҳлили забонӣ, воҳидҳои фразеологӣ, усули муқоисавӣ, тобишҳои маъноӣ, маънои аслию маҷозӣ, таснифоти грамматикӣ, ҳодисаҳои овозӣ, меъёрҳои таърихии забон.

СЛОВАРНО-СМЫСЛОВАЯ СТРУКТУРА ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Сравнительно-типологическое изучение языков на современном этапе набирает обороты в мире и занимает видное место в общих лингвистических дисциплинах. В целом, необходимость сравнительного изучения языков дала возможность выявить особенности функционирования языковой системы и ее отдельных элементов. В качестве объекта анализа сравнительная типологическая лингвистика выделяет проблемы, которые распространены в современной лингвистике. Основная цель исследования - систематический анализ фразеологизмов каждого языка и сравнительное типологическое изучение общей фразеологической системы таджикского и английского языков, а также выявление специфической структуры, семантики и функций фразеологизмов в структурном и функциональном аспектах. Изучение типологических аспектов фразеологических

единиц в данной языковой системе и разработка единой методологии сравнительного типологического анализа фразеологических единиц, разработка методов их классификации при изучении таджикских и английских единиц, преимущества типологического сравнительного метода исследования по сравнению с другими. Также возможно выявить общие черты и различия в структурных, семантических и функциональных аспектах фразеологической системы обоих языков. Впервые разработаны теоретические основы моделирования грамматической структуры фразеологизмов, моделирована грамматическая структура фразеологизмов, установлены их типы и подгруппы, описаны структурные модели в сравнительных условиях, межличностное соответствие между структурными моделями фразеологизмов в сравнительных языках.

Ключевые слова: неограниченные словосочетания, лингвистический анализ, фразеологизмы, сравнительный метод, виды значение, в прямом и переносном смысле, грамматическая классификация, фонетические явления, определенный языковой исторический каркас.

DICTIONARY AND SENSE STRUCTURE OF PHRASEOLOGISTS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Comparative-typological study of languages at the present time is gaining the main role in the world and occupies prominent place in general linguistic disciplines. In general, the need for a comparative study of languages made it possible to identify the features of the functioning language system and its individual elements. As the object of his analysis, comparative typological linguistics identifies problems that are common in modern linguistics. The main objective of the study is a systematic analysis of the phraseological units of each language above and a comparative typological study of the common phraseological system of both languages, as well as the identification of the specific structure, semantics and functions of phraseological units in the structural and functional aspects. Studying the typological aspects of phraseological units in this language system and developing a unified methodology for comparative typological analysis of phraseological units, developing methods for their classification in the study of Tajik and English units, the advantages of a typological comparative research method compared to others. It is also possible to identify common features and differences in the structural, semantic and functional aspects of the phraseological system of both languages. For the first time, the theoretical foundations of modeling the grammatical structure of phraseological units have been developed, the grammatical structure of phraseological units has been modeled, their types and subgroups have been established, and structural models are described under comparative conditions, interpersonal correspondence between structural models of phraseological units in comparative languages.

Key-words: comparative-typological study, prominent place, linguistic disciplines, modern linguistics, phraseological units, identification, specific structure, unified methodology, comparative research, interpersonal correspondence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забонҳо. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **zabonho@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-444-45-79**

Сведения об авторе: ***Турди-Аханова Ирода Абдумаликовна*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, заведующая кафедрой языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти1/2. E-mail: **zabonho@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-444-45-79**

Information about the author: ***Turdi-Akhanova Iroda Abdumalikovna*** - Tajik State University of Commerce, candidate of philological sciences, the Head of Languages department. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **zabonho@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-444-45-79**

УДК: 801.31

РЕШАВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ ҲАРОРАТ ДАР ГУРӮҲИ ЗАБОНҲОИ ОИЛАИ ҲИНДУАВРУПОӢ

Тухтасунов О.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Форсии бостон модарзабони тоҷикӣ-форсӣ яке аз забонҳои қадимтарини дунё буда, дар таърихи тӯлонии вуҷуди худ дар ташаккули аксар забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва ҳатто бархе аз забонҳои мутааллиқи дигар хонавода нақши муҳим бозида, он забонҳоро бо вожаҳои худ саршор намудааст. Пажӯҳишгарони забонҳои қадим бештар дар асоси забони ҳиндуи қадим ва забонҳои қадими аҳли Ғарб шакли ҳиндуаврупоии вожаҳоро барқарор намудаанд, ки аз аксари он вожаҳои сунъисохт дарёфти маънии аслӣ ғайриимкон буда, муҳаққиқро ба роҳи сарбастае ворид мекунад, вале муроҷиат ба забони форсии бостон, ба забонҳои авастоию модҳо, ки заминагузори забони имрӯзаи мо мебошанд, ба ҳалли дурусти ин муаммоҳо меоварад. Дар ин радиф этимологияи якчанд калимаҳои ифодагари ҳароратро дар иддае забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ бо муайян намудани решаи аслии онҳо мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Масалан, яке аз вожаи иртибот ба ҳарорат дошта дар забони тоҷикӣ, вожаи “гарм” мебошад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаи “гарм” бо маъноҳои гуногун, ҳам бо маъниҳои аслӣ ва ҳам маҷозӣ оварда шудааст: Гарм - дорои дамои бештар аз дамои бадани инсон ё дамои муҳити атроф; муқобили сард, хунук; доғ, тафсон, ҳароратдиҳанда; маҷозан пурҷӯшу хурӯш, самимӣ, бомеҳр, бомуҳаббат, дилкаш ва ғ. мебошад [12, с.309-310]. Маҷозан ба

сифати хусусияти хубӣ, корбасти вожаҳои ифодагари “гарм, гармӣ” дар дигар забонҳо низ вомехӯрад. Албатта, истеъмоли ин вожа бо маъниҳои маҷозӣ дар забонҳо вобаста ба хушояндии гармӣ нисбат ба хунукӣ, аз маънои аслӣ баъдтар вориди гуфтор шудаанд. Вожаи “хунук”, ки маҷозан барои ифодаи сифати зиштӣ истифода мегардад, дар маъноҳои маҷозӣ низ антоними вожаи “гарм” мебошад.

Маълум аст, ки ҳоло дар забони тоҷикӣ аз ҳарорати муътадил баланд, то ҳадди тоқатфарсо будани ҳароратро гарм ва тоқатнофарсоро тафсон ва ё тасфон мегӯянд. Дар рафти инкишофи забон вожаи “гарм” ба сохтори як қатор калимаҳо ворид гашта, дар баъзе маънои худро тағйир додааст. Амсоли инҳо, калимаҳои “гармоба” ҳаммом, ки он ҷо бо оби гарм худро пок месозанд, “саргарми кор”- дилчасп, бо хоҳиши том, дилгармона; “гармхун”- бетоқат, зудранҷанда, ҳайвоноти гармхун; “гармак”- ҷойи гарм, ғизои дар об пухташуда ва ғ. мебошанд. Вожаи “гарм” мерос аз даврони хеле қадими аҳли форсзабонҳо буда, дар чунин шакл дар забони даврони Ҳахоманишиён (асрҳои VI-IV то милод) низ дар истифода будааст. Дар катибаҳои Бесутун, ки дар он аз номи нуҳ моҳи он замон ёд мегардад, яке номи “Garmapada”-ро дорад, ки ба моҳҳои июн-июл мутобиқат дорад ва номи ин моҳро муҳаққиқон аз вожаҳои “гарма” бо маънои “гарм” ва “pada”- “ҷой” муштақ шуда медонанд ва боз овардаанд, ки “Гармапада” - номи чаҳорумин моҳ (июн-июл) дар эламӣ “Karmabadaš” мебошад [10, с.167]. (Бояд хотиррасон намуд, ки дар калимаи “Гармапада” ивазшавии овои “з” ба “д” мушоҳида мегардад ва ин ҳодисаи маъмули фонетикӣ дар ҳамаи давраҳои таърихии инкишофи забонҳо роиҷ аст ва дар равобит ба ин ҳодиса вожаи “даста”-и форсии бостон, ки дастро гӯянд, дар авастоӣ “заста” гаштааст. Яъне, калимаи “Гармапада” гунаи “Гармапаза” мебошад, ки аз лиҳози мантиқ ба вақти мавсим мутобиқат дорад. Маълум аст, ки моҳҳои июн ва июл гармтарин моҳҳои сол буда, дар ин мавсим аксар меваҳо мепазанд, вожаи “гармопаз”-ро то ҳол ахён-ахён аз забони калонсолон, дар деҳаҳои кӯҳистонии Тоҷикистон вохӯрдан мумкин аст). Вожаи меросии “гарм” дар гурӯҳи забонҳои ҳиндуэронӣ, вобаста ба фонетикаи онҳо шаклҳои мухталифро ба худ пазируфтааст. Ин вожа бо маънии “гармӣ, ҳарорат” дар забони ҳиндуи қадим гунаҳои “haras”, “garma, gharma (гарма, гҳарма)”, (бояд қайд кард, ки дар баъзе забонҳо, аз ҷумла дар ҳинду овои “ҳ” аксар вақт маҳинкунандаи талаффузи вожа буда, ба маънии аслии он бетаъсир аст) дар форсии қадим “garma”, дар авастоӣ “garema”- ро доштааст. Дар “Луғати этимологии забонҳои эронӣ” вожаи “гарм”- ро бо маънои ҳарорат, гармӣ, сӯзон дар ифодаи сифати об, муҳит ва ягон маводи дигар оварда, онро дар форсии миёна, классикӣ, тоҷикӣ, ларӣ, балуҷӣ, курдӣ ва гӯйишҳои он, гуронӣ, авруманӣ, гелонӣ, мозандаронӣ ва дар баъзе гӯйишҳои гуногуни эронӣ дар шакли “garm”, дар бахтиёрӣ, бурингунӣ, сомгунӣ, заза, шомурзодӣ, семнонӣ, сурхаӣ, сангсарӣ ва бархе гӯйишҳои дигари эронӣ бо гунаи “gärm”, дар суғдӣ “yrm”, яғнобӣ “ғарм”, сангли “yörm”, тотӣ “gär”, толишӣ ва гӯйиши седоии эронӣ “gam, g'am” нишон додаанд [9, с.161-162]. Аз сохтори калимаҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар шакли дар забони тотӣ буда, ки бе пайваст ба дигар унсурҳои калимасоз қарор дорад, гунаи реша “gar” буда, шаклҳои толишӣ ва гӯйиши седоии иронӣ “gam, g'am” натиҷаи тахфифи овои “r (р)” аз вожаи “garm” мебошад. Аз ин рӯ, аз лиҳози этимологӣ вожаи “гарм” мураккаб буда, решаи онро ҷузъи “гар” ташкил медиҳад. Бод ёдовар шуд, ки дар луғатномаи зикргашта, тамоми паҳлуҳои маъноии решавожаи “gar”, ки хусусияти полисемӣ дорад, дар калимаҳои гуногуни забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ оварда шудааст ва яке аз маъноҳои он иртибот ба гармӣ, ҳарорат, сӯзиш ва оташ дорад. Муҳаққиқон бунёди вожаи “gar”- ро аз решавожаи ҳиндуаврупоии “gwher”, гунаи ориёии “garma” ва ҳиндуи қадимаи “gharmá”- ро зодаи ҳиндуаврупоии “gwhormo” дониста, қайд кардаанд, ки вожаҳои забони ирландии қадим “fogeir”, литвонии “gäras” ифодагари буғ, пруссии қадим “Goro, gorme”- тафсон; славянии “goritb, gorêti”, русии қадимии “греть, гореть” бо маънои сӯхтан, тафсон ва олмонии “warm”, тохарии “sarme” бо маънии “гарм” низ бо ҳам дар иртиботанд [9, с.160].

Вожаи “гарм”, ки дар чунин шакл ҳоло дар аксар забонҳои гурӯҳи эронӣ истифода мегардад, дар асл натиҷаи тахфифи таърихии калимаи “гарма” буда, дар он решаи асосӣ, ифодагари ҳарорат, гармӣ - ҷузъи “гар” мебошад ва ҷузъи “ма” чун ванди муайянкунанда ишора ба мавод дорад. Мусаллам аст, ки ҳангоми иқтибос бахши “гар” вобаста ба фонетикаи забонҳои қабулкунанда метавонад бетағйир монад ва ё аз рӯйи қавоиди фонетикии шаклбадалкунӣ, ки овои “г” қобили ба “ғ”, “ҳ”, “ҷ” ва “в”; “к” ба “қ” бадал гаштан дорад [11], гунаҳои “ғар”, “ҳар”, “ҷар”, “жар”, “вар” ва ҳатто “қар”- ро пазирад. Пажӯҳишгари варзидаи забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ В.И. Абаев вожаи ифодагари гармиро дар осетинӣ “qarm, ǧar(m)” нишон дода, онро зодаи шакли эронии “garma” медонад ва бо гунаҳои паҳлавии “garm, garmāk”, курдии “garm”, балуҷии “garm, garmag”, суғдии “γarm, γrm”, сакойии “grāma”, пруссии қадимии “gorme”, латишии “gaŕme”,

армании “ǯerm”, тохарии “śarme”, готии “warmjan”, олмонии “warm” дар алоқа, бунёдёфта аз шакли ҳиндуаврупоии “ghormo” меҳисобад [1, с.267].

Муродифи вожаи “гарм, гармо” дар тоҷикӣ, вожаи форсиасли арабӣ - “ҳарорат” мебошад. Зикраш ба маврид аст, ки дар забонҳои гурӯҳи сомӣ, аз ҷумла дар арабӣ вожаи «har» решаи калимаи “ҳарорат” буда, он низ зодаи решавожаи «гар»-и форсии бостон аст. (Дар забони араб набудани овои “г”, ҷойнишини он овои “ҳ” гаштааст). Ин решавожаи забони форсии қадим дар гузаштаи дур ба он забонҳо бо гунаи “har” иқтибос гашта, дар давраи пасазисломӣ ба забонҳои эронӣ бо гунаи “ҳарорат” пас гаштааст. (Шояд вожаи арабии “ҳарорат” аз “ҳаррат”, ки дар он пасванди “-ат” ишорати ҷамъбандии забони арабӣ мебошад, нахуст бо маънии “гармии зиёд”, дар истифода буда). Овардаанд, ки дар забони арабии қадим (то исломӣ) вожаи “ḥarr, ḥrr” маънои тасфон, сӯзонро дошта, дар таркиби як даста калимаҳои забонҳои гурӯҳи семитӣ ва афроосиёӣ мустаъмал аст [3, с.160]. Бояд хотиррасон кард, ки дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” низ вожаи “ҳар(р)” бо маънои “гармӣ, ҳарорат, тасф” ва вожаҳои “ҳариқ, ҳарроқ” аз арабӣ бо маъноҳои “оташсӯзӣ, сӯзон, сӯзонанда, сӯзанда” ва амсоли инҳо тавзеҳ ёфтааст [11, Ҷ.2, с.494, 496]. Дар забони арабӣ ба маъноҳои “гарм кардан, тасфонидан” асоси дигар - “ḫamm” низ дар истифода қарор дорад, ки он дар бунёди як даста вожаҳои дигар, чун “ḫammeh” – тасф, “ḫummah”- бемории табларза, ки натиҷаи баланд шудани ҳарорати бадан аст, ба кор рафтааст [3, с.173]. Решаи “ḫam” “ḫamm”-и забонҳои сомӣ низ, шояд дар рафти иқтибос гаштан, аз тахфифи овои “г” аз вожаи “ḫarma”, ки шаклбадалкардаи “garma” буда метавонад, арзи вуҷуд кардааст, чун дар толишию гӯйиши седоии эронӣ шакли “gam, g'am”-ро пазируфтани вожаи форсии қадими “garma”. Ва ё шояд тахфиф нахуст дар ягон гӯйише ба вуҷуд омада, баъд дар тамоми гӯйишҳои забони арабӣ умумӣ шуда бошад. Дар ин радиф вожаи “ҳаммом” муродифи тоҷикии гармоба низ дар иртибот ба асоси арабии -“ḫamm” ва калимаи “ḫamim”, ки онро бо маъноҳои оби ҷӯш ва араҷи гарм тавзеҳ додаанд [3, с.171], пайдо шудааст.

Решавожаи “гар” дар таркиби калимаҳои зиёди баъзе забонҳои Ғарб низ дучор мегардад. Масалан, гармӣ, ҳарорати баланд ва сӯзон дар забонҳои русӣ “жар”, чехӣ – “žar”, сербу хорватӣ – “žâr”, арманӣ “jer” ба назар мерасад, ки ҳамагон шаклбадалкардаи решавожаи “гар” мебошад. Шояд ин решавожа аввал ба ягон гӯйиши забони туркӣ дар шакли “ҷар” иқтибос гашта, тавассути он, баъд аз интиқоли навбатӣ дар забонҳои славянӣ шакли “жар”-ро пазируфта бошад, зеро шаклбадалкунии решавожаи “гар” бо чунин равишҳо имкон дорад: гар > гор; гар > ҷар > жар; гар > вар; гар > ҳар. Нисбати вожаи “жар” дар луғатҳои этимологӣ оварда шудааст, ки он бо маънии “тасфон, ниҳоят гарм” дар забони русӣ аз асрҳои XI-и милодӣ маълум буда, дар аввал гунаи “жаръ” бо маънои «оташ» ва сифати “жарвый” бо маънии “сӯзон, сӯзанда” истифода мегашт, ҳоло бошад, бо ин вожа дар забони русӣ на танҳо ҳарорати баланди ҳаво, инчунин сӯзиши бешуълаи ангишт ва ҳолати бемории табларзаро низ ифода доранд. Боз қайд кардаанд, ки вожаи “жар” бо феъли “грѣти” мувофиқ ва идомаи решавожаи ҳиндуаврупоии “gwher” бо маънии “гарм, тафсон” аст ва бо гунаҳои юнонии “qermOj”, армании “jerm” ва албании “zjarr” дар иртибот буда, ҳамагон аз гунаи ҳиндуи қадимаи “haras” падид омадаанд [18, с.263].

Дар луғати этимологии дигар низ хешигии вожаи умумиславянии «жар» бо калимаҳои як қатор забонҳо ва ҳиндуи қадимаи “haras” зикр ёфта, калимаи дигари умумиславянии “gerb”-ро бо феъли “гореть” ҳамреша ва натиҷаи тағйири як садоноку ҳамсадо нишон додаанд. Ва инчунин арз кардаанд, ки вожаҳои “горючее” ва сифати “горючий”-и русӣ аз феъли “горъти” дар охирҳои асри XIX вориди гуфтор шудааст [17, с.130]. Дар бархе аз луғатномаҳо ишора рафта, ки калимаи русии “гореть» пайдоиши ҳиндуаврупоӣ дошта, бо гунаҳои украинии “горі́ти”, белгиягии “гарэць”, лаҳистонии “gorzec”, чехии “hořeti”, словении “goriet”, булғории “горя”, македонии “гори”, ирландии қадими “gorim, guirim” ҳаммаъно аз як сарчашмаанд [16, с. 132].

Инчунин дар забонҳои славянию олмонӣ як даста вожаҳои дигари иртибот ба ҳарорат дошта дучор мегарданд, ки онҳо дорои асоси “вар” мебошанд. Дар луғати этимологии М. Фасмер, вожаи русии “вар” бо маъноҳои оби ҷӯшида, тафс; шакли славянии қадим -“варъ” бо маънии тасф; словении “vâr” ва чехии “var” бо маънии “ҷӯшонидан”; олмонии “warm” бо маънии “гарм” тавзеҳ ёфта, як қатор калимаҳои забонҳои дигар, ки дорои ин гуна решавожа мебошанд, низ оварда шудаанд [13, с.273]. Калимаҳои русии “варить” бо маъноҳои “хӯроки обпаз”, “дар об ҷӯшонидан” ва кафшери ҳароратии металлҳо бо гудозиши сатҳи ҳамрасиш; “варежки” - дастпӯш барои гарм намудани даст; “варёный”- ғизои тавассути ҷӯшонидан омода шуда, варенье - мураббо ва вожаи забони англисии «warem” бо маъноҳои “гарм, аз ҳад гарм, тасфон” [4, с.675] низ

дорои решаи мавриди таҳлиланд. Бояд, зикр кард, ки ин қабил калимаҳо асосан хосси забонҳои Ғарб буда, чузъи “вар” ва гунаҳои дигари он “вр”, “war” на аз асоси “har” ва вожаи ҳиндуи қадимаи “haras” шакл гирифтаанд, балки шаклбадалкардаи решавожаи “гар” мебошанд, зеро бадалгардии овои “г” ба “в” дар забонҳои Ғарб маъмул аст.

Решавожаи умумии дигаре, ки хосси иддае аз забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ буда, барои ифодаи гармӣ, ҳарорат, сӯзон истифода гаштааст, вожаи “тап, тапа” мебошад. Муҳаққиқон шакли ҳиндуаврупоии онро “t[h]ep[h]” муайян кардаанд ва овардаанд, ки он дар забони ҳиндуи қадим шакли “tápah”-ро дошта, дар авастоӣ феъли гарм кардан, гарм буданро “tāpaiti” мегуфтанд. Вожаи суғдии миёна “tph”, помирӣ, тоҷикии “tab”, хеттии “tapišša” ва лувойии “tapašša”, ки ҳамагон ҳарорати баланди бадан, табларзаро ифода доранд, бо лотинии “tepidus”- гарм, “tepor”-гармӣ ва славянии қадим “toplŭ”- гарм, гармӣ бунёди ягона доранд [6, с.683]. Бархе аз муҳаққиқон гунаҳои оварда ва вожаҳои дигари ба онҳо шабеҳсохту ҳаммаъноро низ зодаи вожаи ҳиндуи қадим -“tápah” зикр кардаанд ва шакли тохарии А “tsap» тохарии Б «tsāw» -ро, ки бо вожаҳои боло маънои ягона, вале сохтори дигар доранд, нишон дода [6, с.683], нисбати пайдоиши онҳо чизе нагуфтаанд.

Дар “Луғати этимологии забони русӣ” як даста вожаҳои забонҳои гурӯҳи славянӣ бо асоси “теп, топ”: русии “тёплый, тёпл, тепло”, украинии “теплий”, белорусии “цёплы”, русси қадимии “теплъ”, булгории “топъл”, сербухорватии “топао, топла”, словении “topəł, topla”, чехии “teply” ва дар бархеи дигар забонҳои ин гурӯҳ буда оварда, қайд карда шудааст, ки прославянии “teplъ” нисбати “toplъ” қадимтар аст ва охирон овои “о”-ро аз феъли “topiti (топить)” гирифтааст, ки он маъноҳои гарм кардан, тасфонидан, сӯхтани сӯзишворӣ ва амсоли инҳоро дорад [14, с.78] ва ин дастаи вожаҳои забонҳои гурӯҳи славяниро бо гунаи ҳиндуи қадима “tapati, tapyati” - гарм мекунад, гарм мешавад, “taptas” - тафсон, авастоии “tāpayeiti” - гарм мекунад, лотинии “tepeō” - гарм будан, “tepidus” - гарм идомаи ҳиндуаврупоии “t[h]ep[h]” нишон додаанд [14, с.44, 78].

Мураттиби “Луғати таърихӣ-этимологии забони осетинӣ” дар он назар аст, ки калимаи осетинии“tæfsæg” дар асоси решавожаи “tap” ва гунаи ҳиндуаврупоии он “tep” пайдо шуда, бо вожаҳои форсии “tab”, паҳлавии “tap, tapšin”, тоҷикии “tafs (тафс)”, помирӣ, шуғнонии “tābak”, суғдии “tapāk, tp’k”, авастоии “tafnu” ва хеттии “tapašša”, ки ҳамагон ҳолати беморӣ, аз ҳад баланд шудани таб - табларзаро ифода доранд, дар алоқамандӣ қарор дорад. Инчунин, дар осетинӣ аз гардиши вожаҳои “tæfsyn” ва “tæfst”, ки дорои решавожаи “tæf” мебошанд ва маънои “гарм шудан, тасфидан”-ро доранд, ёд кардааст [2, с.249]. Маълум аст, ки забони тоҷикӣ-форсӣ меросдори забони форсии бостон буда, дар худ вожаҳои зодаи даврони қадимро хеле зиёд маҳфуз дорад. Решавожаи мавриди таҳлилро дар сохтори калимаҳои зиёди ин забон бо маъниҳои алоқаманд ба ҳарорат дучор омадан мумкин аст. Масалан, худи решавожаи “таб”, ки дар тоҷикӣ, яке аз маъноҳои аслии ифодаи он ҳарорати баланди бадан аст, гунаи “тоб”-ро низ пазируфта, пайваст бо пасванди “-истон” номи фасли гармтарини сол – тобистонро ташкил кардааст, ки номи фасл ба хусусияти гармоии он тавъам аст. Яъне, калимаи “тобистон” сохта буда, бунёди худро аз асоси “тоб” ба маънои гармӣ, ҳарорати баланд ва пасванди “-истон” ифодакунандаи “макону замон” гирифтааст ва маънои луғавиаш мавсими гармо мебошад. Ин ҷо мебояд ёдовар шуд, ки чузъи “тоб” дар калимаҳои дигари забони тоҷикӣ, чун тоба, тобадон, Офтоб ва ғ. низ маънои овардаро ҳифз дорад.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” як дастаи калони калимаҳо бо решаҳои “таб, тоб, тов, таф” оварда шудаанд, ки аз лиҳози маънӣ ба ҳарорат пайванданд. (Аз рӯйи қавоиди фонетикӣ овоҳои “б”, “п”, “в” ва “ф” ба ҳам бадал шуда метавонанд). Ба мисли “таб”-ҳолати беморе, ки ҳарорараташ баланд мешавад; “табх, табих” аз арабӣ –пухтан, пухта шуда, бирён карда шуда; табхол, табхола, табларза – гармичаҳои атрофи лаб ва ларзиш, ки аз тафси баланди бадан пайдо мешавад; табшикан –доруе, ки табро паст мекунад; тоб- яке аз маъноҳояш гармӣ; тоба, това – зарфи филизие, ки дар он гӯшт, моҳӣ ва тухмро бирён мекунанд; тобистон – фасли гармо; тобнок-тафсон, сӯзон; тобхона – гармхона, хонаи зимистонӣ; тафс, тафсида, тафсидан – гармӣ, ҳарорат, гармшуда, гарм шудан; тафбод – гармсел (шамоли гарм); тафт-гармӣ, ҳарорат; тафта- сӯзон, бирён; таф(ф) –гармӣ, ҳарорат, бухор, таф додан сурх кардан, зирбонидан ва ғ. [12, Ҷ.2, с.284-288, 322, 346]. Решавожаи “таф” ва гунаҳои он на танҳо хосси гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад, онро дар гурӯҳи забонҳои сомӣ бо гунаи дигаргашта, асоси “df, daf”, ки он аз бадалгардии овои “т” ба “д”-и таркиби вожаи “таф” арзи вуҷуд кардааст, вохӯрдан мумкин аст. Ин асос - “df, daf” дар гурӯҳи забонҳои сомӣ хусусияти полисемӣ дошта, яке аз маъноҳои он иртибот ба “гарм”, “гармӣ”, “тафс” ва “арақ кардан” дорад ва дар таркиби бархе аз вожаҳои гӯйишҳои мухталифи забонҳои сомӣ дучор мегардад. Масалан,

дар гӯйиши яманӣ вожаҳои “difi, dāfi”, дар суриёгӣ вожаи “dafā” маъноҳои “гарм”, “тасф”-ро доранд [3, с.216].

Дигар решавожаи қадимтарине, ки на танҳо дар забонҳои хонаводаи ҳиндуаврупоӣ ва инчунин иддае аз забонҳои хонаводаҳои дигар бо маъниҳои “оташ”, “ҳарорат”, “гармӣ”, “сӯхтан” ва амсоли инҳо дучор мешавад, асоси “аш” мебошад, шояд аз сабаби он, ки ин асос хусусияти шаклҳои зиёдро пазируфтан ва тобишҳои маъноии зиёдро дорост, муҳаққиқони забонҳои ҳиндуаврупоӣ онро чун асоси вожасози иртибот ба “ҳарорат”, “гармӣ” дошта қайд накардаанд. Ин асос, дар забонҳо, хоссатан ба маънии “оташ” омада, аз он ки хусусияти хосси оташ тавлиди ҳарорат ва равшанӣ аст, ба ин маъниҳо низ корбаст ёфтааст (Дар гузашта ҳар чизи гарму тасфонро дорои оташ, ва ҳар маводи хубу дилписандро зодаи оташ низ донистаанд). Асоси “аш” дар таърихи тӯлонии ҳаёти инсон ба забонҳои гуногун, вобаста ба хазинаи ҳамондаврагии фонетикиашон аз рӯйи қавоиди шаклбадалкунии фонетикӣ бо гунаҳои “ах”, “еш”, “уш”, “ош”, “ашт”, “ишт”, “ас”, “ац”, “ис”, “ут”, “ач”, “уч”, “ач̣”, “аг” ва ғ. иқтибос гашта, дар бунёди теъдоди хеле зиёди калимаҳои алоқа ба оташ, сӯзиш ва ҳарорат дошта, иштирок кардааст. Шакли “аш” бо маъниҳои овардашуда, шояд нахуст аз забони мисриёни қадим ва ё форсии қадим бошад, зеро Худои биёбонҳои тасфонро дар Мисри қадим “Аш” зикр кардаанд ва дар китоби муқаддаси зардуштиён Авасто, Худои оташ, ҳифзкунандаи оташ, фаришта Аша баробар бо Аҳура Маздо парастиш ва ситоиш ёфтааст (Таҳлили номи аксар Худоён, дар забонҳои қадим нишон медиҳад, ки ба номи маводе, ки онро офарида ва ё нигоҳбон донистаанд, як аст). Оташро дар забони ивритӣ, ки он дар худ вожаҳои зиёди қадимиро ҳифз кардааст, “еш (eš)” мегӯянд. Хокистар дар забони англисӣ “ashes” мебошад, ки он мазмуни аз “аш”, яъне аз оташмонда, боқимондаи оташро дорад. Ё ки калимаи тоҷикии “хокистар” аз лиҳози пайдоиш мураккаб буда, аз вожаи “хок” ва ҷузъи “истар” бунёд ёфтааст, низ бо маънои хоки аз оташмонда аст. Дар он ҷузъи “истар” ифодакунандаи оташ мебошад. Истора-ситора ҷирми осмонии равшанидиҳанда, аз нигоҳи мардуми қадим, оташаке дар фазо мебошад. Бояд, гуфт, ки гунаи форсӣ - тоҷикии “истора”, лотинии “астра”, арабии “ахтар” пайдоиш ва маънии ягона доранд.

Дар китобҳои оини Зардуштӣ, панҷ гуна оташ ёд шудааст: оташи Берези-саваҳ, оташи Ҳуфриён, оташи Урвазишт, оташи Вазишт ва оташи Испеништ. Оташи Берези-саваҳро бахшандаи суди зиёд, оташи Ҳуфриёнро оташи тани мардумону ҷонварон, оташи Урвазиштро – оташи олами наботот, оташи Вазиштро - оташи абрҳо ва оташи Испеништро оташи заминӣ зикр карда, баракатбахшанда маънидод намудаанд [8, с.60]. Бояд гуфт, ки дар номи ин оташҳо, Урвазишт, Вазишт ва Испеништ бахши “ишт” ишора ба оташ дорад (Ҷузъи “ишт” дар вожаи “ангишт” низ ба маънои «оташгиранда, сӯзанда» аст). Дар адабиёт номи Урвазиштро аз луғати позанд “uruuāzišt” ва авастоии “urvāzišta” бо маънои “каме хушнуд шудан, хушнудии камро соҳиб будан” тавзеҳ додаанд [15, с.225]. Ҳол он ки маънои он, оташ, яъне ҳарорати сабзонандаи растаниҳо мебошад, вожаи авастоии “urvarā” ва паҳлавии “urwar” рустаниро ифода дорад.

Маълум аст, ки забони форсии бостон бо забонҳои юнонию лотинӣ луғоти зиёди муштарак дорад. Дар як даста вожаҳои забонҳои юнонию лотинӣ низ бахши “ас” ба маъноҳои оташ, ҳарорат ва сӯзиш омадаанд, чун дар калимаҳои “асбест” (як навъи маъдан) ва лотинии “асид, ацид”, ки дар англисӣ гунаи “acid”–ро гирифта, кислотаро мегӯянд. Маълум аст, ки асбест маъдани нахҳои тора-тора дошта буда, аз он, ҳоло либосҳои насӯзанда, ба оташ тобоваранда тайёр мекунанд, таҷҳизотҳои гармидиҳандаро барои нигоҳдории ҳарорат мепечонанд (онро аз қадим ба ин мақсад истифода мекарданд). Дар луғатҳо калимаи “асбест” - ро аз юнонӣ арзёбӣ намуда, онро «насӯзанда» маънидод карданд. Чи гунае арз кардем, ҷузъи “ас”-и калимаи “асбест” низ маънои “тасф, ҳарорат” - ро дошта, ҷузъи “бест” шаклдигаркардаи калимаи “баст”-и забони форсии қадим аст. Маънои вожаи “баст” - бастан, доштан буда, маънои луғавии “асбест” нанасӯзанда, балки гарминигоҳдоранда (термоизолятор) мебошад. Калимаи лотинии “acid” (кислота), низ аз ду ҷузъ, ҷузъҳои “ас” ва “-ид” таркиб ёфта, ҳамҷоя маънои “сӯзонанда”-ро дорад, (ҷузъи “-ид” шакливазкардаи суффикси феълсози “-ит, -ат” аст), зеро сӯзонандагӣ табиати кислотаҳо мебошад, ҳангоми ба ягон ҷойи бадан чакидани онҳо, сӯзиши кимёвӣ ҳис мегардад. Дар ин радиф боз далелҳои зиёдеро овардан мумкин аст.

Нисбати этимологияи решавожаҳои “тап, таб, таф”-и дар забонҳои гуногун паҳн шуда, ҳаминро афзуд, ки шояд онҳо дар рафти метатезаи “тасп, тасф” ҳосил шуда бошанд. Бояд қайд кард, ки аз рӯйи сохтор ва маънӣ шакли тохарии А “tsap”, тохарии Б “tsāw” ба вожаҳои “тасп” ва “тасф” мувофиқат доранд. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” вожаҳои “тасф”, “тасфидан” ва ҳам “тафс”, “тафсидан” асосан бо маъноҳои “гармӣ”, “ҳарорат”, “гарм шудан” тавзеҳ ёфтаанд [12, Ҷ.2, с.321]. Аз таҳлили этимологии ин ду шакл маълум мегардад, ки нахустшакли онҳо вожаи “тасп” буда, ки он дар натиҷаи

тахфиф аз вожаи “таспон” шакл гирифтааст. Дар асл калимаи “таспон, таспун” аз ҷузъҳои “тас” ва “пон, пун” бунёд ёфта, дар он ҷузъи “тас” ифодагари “ҳарорат, гармӣ” мебошад. Ҷузъи “тас” дар доираи қонунҳои таҳаввулоти вожаҳо, аз бадалгардии овоҳои “с” ва “ш”, шакли “таш”-ро низ пазируфта метавонад. Дар “Бурҳони қотеъ” овардаанд, ки “таш”-оташро гӯянд, ки арабон нор хонанд” [5, с.284]. Ҷузъи “пон, пун”-и вожаи “таспон, таспун” маънои “пур”, “зиёд” ва “фаровон”-ро дорад. Ин вожа то ҳол дар забони яғнобӣ, ки ҳифзмондаи шохаи забони суғдӣ мебошад, бо маъноҳои нишондодашуда истифода мегардад [7, с.160]. Яъне, маънои калимаи “таспон” ва гунаҳои дигари он “таспун, тасфон” – “гармии зиёд”, “аз ҳад гарм” мебошад. Маълум аст, ки дар гузашта яке аз шаклҳои маъмули тахфифи вожаҳо, шикасти бахши “он, ун, ан” аз замимаи вожаҳои мураккабсохт хеле зиёд сурат гирифтааст. Ин шакли тахфиф қариб дар тамоми забонҳои хонаводаи ҳинду аврупоӣ ба назар мерасад [11] ва вожаи “тасф” низ натиҷаи чунин тахфиф мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 1. А-К / В.И. Абаев. – М.-Л.: Изд. акад. наук СССР, 1958. - 655с.
2. Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка: Том 3. S-T / В.И. Абаев. - Л.: Наука, 1979. - 358с.
3. Белова А.Г. Этимологический словарь древнеарабской лексики
(на материале избранных текстов доисламской поэзии) / А.Г. Белова. - М.: Институт востоковедения РАН, 2012. - 284 с.
4. Большой современный англо-русский, русско-английский словарь: 250000 / Г.Л. Кубарьков, В.А. Тимащук. - Ростов н/Д.: ООО «Удача», 2009. – 1056 с.
5. Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе, 1993. - 416 с.
6. Гамкрелидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы (реконст. и историко-типологический анализ праязыка и протокультуры) / Т.В. Гамкрелидзе, Вяч.Вс. Иванов; с предисловием Р.О. Якобсона. Кн. 2.– Тбилиси, изд. Тбилисского Университета, 1984. – 1328 с.
7. Мирзозода Сайфиддин. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ Сайфиддин Мирзозода. - Душанбе, 2008. - 279 с.
8. Мероси хаттии бостон. Китоби II. Ҷилди 1. – Душанбе: Бухоро, 2014. -478 с.
9. Расторгуева В.С. Этимологический словарь иранских языков. Т.3 / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. - М.: Восточная литература, 2007. – 493 с.
10. Саймиддинов Д. Форси бостон / Д.Саймиддиннов. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 190 с.
11. Тухтасунов О. Основные принципы формоизменения слов / О.Тухтасунов // International scientific journal «Science and world». - Russia, Volgograd, 2016. - № 7, Vol.2, - P.88-91.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. (иборат аз 2ҷилд). Ҷилди 1 ва 2. – Душанбе, 2008. - 950 с.; -945 с.
13. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. Т.1 (А-Д): пер. с нем. И доп. О.Н. Трубачева / М. Фасмер; под ред. проф. Б.А. Ларина. -2-е изд. - М.: Прогресс, 1986. – 576 с.
14. Фасмер М. Этимологический словарь русского языка. Т.4 (Т-ящур) / М. Фасмер; пер. с нем. и доп. О.Н. Трубачева. -2-е изд. - М.: Прогресс, 1987. – 864 с.
15. Чунакова О.М. Пехлевийский словарь, зороастрийских терминов, мифических персонажей и мифологических символов / О.М. Чунакова; отв. ред. М.Н. Боголюбов. – М.: Восточная литература РАН, 2004. - 286 с.
16. Этимологический словарь. Т.1 (Г). Выпуск 4. / Под ред. Н.М. Шанского. – М.: Московского университета, 1972. - 216 с.
17. Этимологический словарь русского языка / Составитель Г.А. Крылов. - СПб.: ООО «Полиграф услуги», 2005. - 432 с.
18. Этимологический словарь современного русского языка / Сост. А.К. Шапошников: в 2 т. Т. 1. – М.: Флинта: Наука, 2010. - 584 с.

РЕШАВОЖАҲОИ ИФОДАГАРИ ҲАРОРАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ГУНОГУНИ ХОНАВОДАИ ҲИНДУАВРУПОӢ

Дар мақола вожаҳои иртибот ба ҳарорат, сӯзиш, оташ доштаи бархе аз забонҳои гурӯҳи ҳиндуаврупоӣ бо решавожаҳои “гар”, “таб” ва “аш”, ки ҳангоми иқтибос шудан, аз рӯйи қонунҳои фонетикӣ шаклҳои дигари махсусро гирифта метавонанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф аз забонҳои гуногуни аҳди қадим ва муосир калимаҳои зиёдеро бо решавожаҳои овардашуда ва гунаҳои дигаре, ки онҳо мегиранд ва иртибот ба гармӣ, оташ ва сӯзиш доранд, оварда нишон додааст, ки нахустгуна решавожаи “гар”-и форсии бостон мебошад, на “haras”-и ҳиндуи қадим. Тартиби шаклбадалкунии решавожаи “гар”-ро чунин қайд кардааст: гар > гор; гар > ҷар > жар; гар > вар; гар > ҳар. Вожаи муосири тоҷикӣ-форсии “гарм”-ро натиҷаи тахфифи овози “а” аз гунаи “гарма”, ки дар он бахши “гар” – гармӣ ва аффикси “ма” муайянкунанда, ишора ба мавод дорад, зикр кардааст. Нисбати вожаи “ҳарорат” тазаккур додааст, ки он форсиасли шакли арабӣ гирифта буда, аз набудани овози “г” дар забони арабӣ, решавожаи “гар” гунаи “ҳар, ҳарр”-ро пазируфта, пас аз зуҳури ислом бо гунаи “ҳарорат” ба забонҳои форсӣ пас гаштааст. Калимаҳои дорои решавожаи “таб” “тоб”, “топ”, “теп”, “таф”-и иртибот ба ҳарорат доштаи забонҳои гуногун низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф, вожаи тафс”-ро натиҷаи метатеза ва тағйироти овозии вожаи “тасп” дониста, охиронро натиҷаи тахфифи калимаи мураккаби “таспун”, ки аз бахшҳои “тас” бо маънии “гарм” ва “пун” –“бисёр, зиёд”, бунёдёфта тавзеҳ додааст. Инчунин, решавожаи “аш”-ро, ки дар забонҳо вобаста ба фонетикаи онҳо, гунаҳои“ах”, “еш”, “иш”, “уш”, “ас”, “ац”, “ис”, “ут”, “ач”, “уч”, “аҷ”, “аг”-ро гирифта метавонад ва хусусияти полисемӣ дорад, яке аз самти маъноии онҳоро “оташ, сӯзиш ва ҳарорат” зикр кардааст.

Калидвожаҳо: этимология, тағйири сохти вожаҳо, метатеза, решавожаҳо, гарм, ҳарорат, тасф, оташ.

КОРНЕВЫЕ СЛОВА СО ЗНАЧЕНИЕМ «ТЕПЛОТА» В РАЗНЫХ ЯЗЫКАХ ИНДОЕВРОПЕЙСКОЙ СЕМЬИ

В статье рассмотрены слова со значением «теплота, горение, огонь» в некоторых языках индоевропейской семьи языков с коренной частью «гар», «топ» и «аш» и образующиеся от них другие формы при заимствовании. Автор, приводя многочисленные слова, связанные со значением «теплота», из древних и современных языков, имеющих указанные корни, показывает, что слова с корнем «гар»- древнеперсидского происхождения, а не «haras» древнеиндийского языка. Указано, что корень «гар» может изменять форму следующим образом: гар > гор; гар > љар(jar) > жар; гар > вар; гар > њар(har). В работе отражается, что современное таджикско-персидское слово "гарм" (теплота) преобразовалось в результате редукции буква "а" из концевой части авестийского слова "гарма", в последнее, часть "гар" имеет значение "теплота", а "ма" является аффиксом, указывающим на предмет. О другом таджикском слове "њарорат" (температура) говорится, что в нем коренная часть "њар" является результатом чередования буквы г/њ(h) при заимствовании в арабском языке, так как в арабской фонетике нет буквы "г". Это слово, при присоединении суффикса "ат", выражающего в арабском языке множественное число, и после распостранения ислама вернулось в таджикско-персидские языки в форме "њарорат (harorat)". В статье также рассмотрены слова с корнем "таб", "теп", "тоб", "топ", "таф" со значением "теплота" и слова со значением "горение", "огонь" и "теплота" с полисемическим корнем "аш" и другие формы, которые оно может приобрести согласно фонетическим законам чередования, такие как "ах", "еш", "иш", "уш", "ас", "ац", "ис", "ут", "ач", "уч", "аљ", "аг".

Ключевые слова: этимология, формоизменение слов, метатеза, корень слов, гарм (теплота), њарорат (теплота), тасф (жара), оташ (огонь).

THE ROOT-WORDS EXPRESSING TEMPERATURE IN THE DIFFERENT INDO-EUROPEAN LANGUAGES

В-третьих, семантический принцип, при применении этого способа учитываются и семантические функции (неопределенность, «личность и предметность», определительность и т.п.), и морфологические особенности. Этот способ успешно применяют для различных языков.

То, что он способен точно раскрыть природу местоимений таджикского языка, показывает соотносительность разрядов – существование некоторого подобия «парадигмы» местоимений, члены которой находятся в определенной корреляция, с точки зрения характера указания на предмет:

указательное: **ин гуна – такой, этот,**

вопросительное: **чї гуна – какой**

определительное: **ҳар гуна – всякий**

неопределенно – отрицательное: **ҳеҷ гуна – никакой**

Конечно, всякое более или менее глубокое исследование приводит к выяснению противоречий в классификации, к практическому обращению к нескольким критериям одновременно. С.Ф. Самойленко описывает местоимения в таджикском языке, исходя из следующей схемы:личные и лично - предметные: самостоятельные, энклитические; возвратно - определительные; относительно – вопросительные; указательные; определительные; неопределенные [15, с.43].

В основе этой классификации лежит значение, причем особое внимание обращается на лексико –семантическую природу местоимений вообще. При анализе наибольшее внимание, естественно, следует уделять ядру класса местоимений – личным, указательным и вопросительным. Применительно к современному таджикскому языку разряды местоимений устанавливаются с учетом традиционной классификации на основе и грамматических и семантических признаков, в зависимости от того, какую сферу объективного мира им свойственно отражать и каким путем они ее отражают, а также по типу отношения субъекта речи к событию или его участникам.

Таким способом выделяют разряды:

Личные (собственно личные и лично – предметные) местоимения указывают на лица или предметы в их отношении к говорящему и являются выразителями следующих понятий:

а) лица говорящего или группы лиц, в которую входит говорящий;

б) адресата речи;

в) лица или предмета, о котором идет речь, но непосредственно участия в речи не принимающего.

В личных местоимениях наиболее ярко выступает соотнесенность предметов и лиц с субъектом речи. Понятия лица и числа составляют лексическое значение личных местоимений. Поэтому они занимают центральное место в системе местоимений. Указывая на предметы объективной действительности, они характеризуют их лишь с точки зрения отношения к ним говорящего, абстрагируясь от реальных качеств и признаков предметов.

Таким образом, выражение категорий предметности в личных местоимениях ограничивается самым общим указанием на любые объективно существующие предметы, но

зато устанавливаются отношение субъекта к предметам. Выражая, таким образом, предметность – хотя и особым, несвойственным другим словам способом, личные местоимения по своей семантике и грамматическим признакам идут параллельно с именами существительными.

В дальнейшей истории таджикского и персидского языков местоимения сохранили ряд морфологических особенностей. Ниже мы покажем особенности выражения грамматических категорий лица и числа в системе личных и лично –предметных местоимений в современном таджикском языке и попытаемся ответить на вопрос о том, имеют ли понятия «категория лица» и «категория числа» в применении к местоимению такое же значение, как в применении к глаголу или существительному.

Местоимения обладают в некоторыми синтаксическими особенностями. Так, в русском языке местоимения (за исключением притяжательных его, ее, их) не имеют родительного падежа со значением принадлежности; лично – предметные местоимения не могут иметь при себя необособленных адъективных определений и т.п.

В таджикском языке, где основным типом определительных инструкций является изафетное словосочетание, в котором определение находится в постпозиции к определенному, для большинства местоименных определений характерна, напротив, препозиция.

Личные местоимения, выступая как знаменательные слова, могут, в отличие от существительных, одновременно выполнять и функции служебного слова – обозначать лицо спрягаемого глагола. Эта особенность личных местоимений связана с тем, что понятия лица и числа, составляющие их лексическое содержание, являются для глагола формальными грамматическими категориями, основная тяжесть выражения категорий лица и числа глагольных форм ложится на личные местоимения: такое же явление имело место и в истории таджикского языка – в среднеперсидском языке при формах переходных глаголов в прошедшем времени лицо и число выражались нередко лишь местоимениями. Совмещение функций знаменательного и служебного слова характерно также для относительных (или вопросительно –относительных) местоимений –так, в частности, обстоит дело с таджикским местоимением кӣ, выступающим и в функции союза (**кӣ** и **ки** по происхождению являются одним и тем же словом); так произошло в истории таджикского языка с изафетным показателем (-и), развившимся из относительно –указательного местоимения и сохраняющим и в современном языке явственные следы своего исходного релятивного значения и употребления.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Булаховский Л.А. Курс русского литературного языка. (раздел «Синтаксические особенности местоимений»). Изд. 4. / Л.А. Булаховский. - Киев, 1949. - С.285 -293.
2. Буслаев Ф.И. Историческая грамматика русского языка. Изд.3 –е. / Ф.И. Буслаев. - М., 1868. - Ч.1. - С.119; - М., 1869. - Ч.2. - С.81.
3. Гак В.Г. Сравнительная типология французского и русского языков / В.Г. Гак. - М.: Просвещение, 1989. - 288 с.
4. Головин Б.Н. Введение в языкознание / Б.Н. Головин. - М.: Высшая школа, 1977. - 311 с.
5. Грамматика русского языка. Т.1: Фонетика и морфология. - М.: издан СССР, 1952. - Отр.26, 38.
6. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Ҷ.1. - С.90.
7. Ильиш Б.А. Система личных местоимений в английском языке / Б.А. Ильиш. – С.186 -187.
8. Калакуцкая Л.П. Ономастика и грамматика / Л.П. Калакуцкая. - М.: Наука, 1981. - 270 с.
9. Лившиц В.А. Местоимения в афганском языке (пашто): автореферат канд… дисс… / В.А. Лившиц. - М., 1952.
10. Мурувватов Дж. О местоимениях в андижанских говорах таджикского языка / Дж.Мурувватов (Дж. Мурувватов, Ҷонишинҳо дар шеваҳои тоҷикони атрофи Андиҷон, -(сб.) // “Масъалаҳои шевашиносии тоҷик”). - Душанбе, 1970. - Ч.1. – С.35-52.
11. Овсянико - Куликовский Д.Н. Синтаксис русского языка. Изд. 2-е. / Д.Н. Овсянико – Куликовский. - М., 1912. - С.46-50.
12. Расторгуева В.С. Очерки по таджикской диалектологии Выпуск 1. Варзобский говор таджикского языка / В.С. Расторгуева. - М., 1952. – С.60-67.
13. Расторгуева В.С., Краткий очерк грамматики персидского языка / В.С Расторгуева (приложение к кн. Миллер Б.В. Персидско –русский словарь. Изд. 2. О местоимениях). - М., 1953. - С.632-634.
14. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. - М., 1966. - С.54-55.
15. Самойленко С.Ф. Из истории восточнославянских местоимений: автореф… докт… диссертации / С.Ф. Самойленко. - Л., 1959.
16. Тоҷиев Д. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи IX / Д. Тоҷиев, Б.Раҳимзода, А.Эшонҷонов. - Сталинобод, 1948.

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҶОНИШИН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба ҷонишинҳои шахсии забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Тадқиқи ҷонишин дар забоншиносӣ ва ба хусус дар забонҳои эронӣ дар умум коркард шуда бошад ҳам, баъзе пахлуҳои он то ҳол дар бахши типологияи муқоисавӣ баррасӣ нашудаанд. Категорияҳои шахс ва шумора дар ҷонишин дар забони тоҷикӣ ва форсӣ низ дар мақола таҳлили худро пайдо намуда фарқият ва монандии онҳо муайян шудааст. Муалифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба саволи оё категорияи шахс ва шумора дар

ҷонишин аз лиҳози маъно ва истифода бо исм ва шумора якхеланд ё фарқ мекунанд, ҷавоби муайян бидиҳад. Ғайр аз ин, дар мақола таърихи рушди ҷонишинҳо ва хусусан ҷонишинҳои шахсӣ ба таври фишурда оварда шудааст, ки аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Калидвожаҳо: ҷонишин, шахсӣ, грамматика, шумора, классификатсия, тоҷикӣ, категория, феъл, исм.

О НЕКОТОРЫХ ОСОБЕННОСТЯХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье говорится, что на протяжении нескольких десятилетий сопоставительно-типологические исследования продолжают оставаться актуальными. Несмотря на то, что сопоставительному анализу подвергнут широчайший круг языковых явлений, важность подобного рода исследований все возрастает. Всякое более или менее глубокое исследование приводит к выяснению противоречий в классификации, к практическому обращению к нескольким критериям одновременно. В статье рассматриваются некоторые особенности местоимения в таджикском языке. В дальнейшей истории таджикского и персидского языков местоимения сохранили ряд морфологических особенностей. Мы рассмотрели особенности выражения грамматических категорий лица и числа в системе личных и лично–предметных местоимений в современном таджикской языке и попытались ответить на вопрос о том, имеют ли понятия «категория лица» и «категория числа» в применении к местоимению такое же значение, как в применении к глаголу и существительному.

Ключевые слова: местоимения, личные, грамматика, классификация, таджикский, категория, глагол, существительный

ON THE PECULIARITY OF PRONOUN IN TAJIK LANGUAGE

The article deals with the problem of pronouns that for several decades' comparative typological studies continue to be relevant. Despite the fact that a wide range of linguistic phenomena has been subjected to comparative analysis, the importance of this kind of research is increasing. More or less profound investigation leads to the clarification of contradictions in the classification, to the practical appeal to several criteria at the same time. In the later history of the Tajik and Persian language, pronouns preserved a number of morphological features. Below we showed features of expression of grammatical categories of the person and number in system of personal and personally –subject pronouns in the modern Tajik language and we will try to answer a question of whether concepts "category of the person" and "category of number" in application have the same value, as in application to a verb and a noun.

Key words: pronoun, personal, grammar, classification, tajik, category,verb, noun.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуласанова Зеналмо Шамшербековна*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муаллими калони кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 935-22-05-22**

Сведение об авторе: ***Абдуласанова Зеналмо Шамшербековна*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры романо-германских языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 935-22-05-22**

Information about the author: ***Abdulasanova Zenalmo Shamsherbekovna*** **–** Tajik state Institute of languages named after Sotim Ulughzoda, senior lecturer of department roman-german languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 935-22-05-22**

УДК:891.550

ШАРҲИ ИЛМИИ АҲВОЛИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Бадриддин Мақсудзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Манбаъҳои қурунивустоии мавҷуд (дар ҳудуди беш аз 70 тазкира, ҷунг ва китобҳои таърих) роҷеъ ба аҳволи зиндагии Камоли Хуҷандӣ иттилооти хеле пароканда ва гоҳе мухталиф медиҳанд. Дар китобе ки анқариб И.Шехимов ва З.Юсупов - кормандони Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ,таҳти унвони «Камол дар оинаи тазкираҳо» ба табъ расонидаанд, иттилооти қариб ҳамаи он сарчашмаҳо оварда шудаанд. Мо дар ин қисмати навиштаҳои худ саъй намудем дар мадори кор аз он низ истифода намуда, мунтаҳо ба он равишу низоми илмӣ бахшем.

Аз миёни манобеи ба дастомада ба ахбори «Дастур-ал-котиб фӣ таъйин-ал-маротиб» (санаи таъл.1366)-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, «Ҷавоҳир-ул-асрор»-(с.таъл.1427)-и Шайхи Озарӣ, «Нафаҳот-ул-унс» (с.таъл.1478) ва «Баҳористон» (с.таъл.1487)-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Тазкират-уш-шуаро» (с.таъл.1487)-и Давлатшоҳи Самарқандӣ «Ҳабиб-ус-сияр» (с.таъл.1521-24)-и Хондмир, ва «Равзот-ул-ҷинон ва ҷаннот-ул-ҷанон» (с.таъл.1568)-и Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ (ҳарчанд аз камбудиҳо орӣ нестанд), ба ҳайси манобеъи дасти аввал метавон эътимоди бештар кард. Аммо тазкиранигорон ва соири муаллифони даврони баъдӣ аксаран навиштаҳои афроди зикршуда, махсусан Ҷомиро дар осори хеш нақл намуда, баъзе иловаҳои ҷузъӣ, вале гуногуне низ аз худ ворид намудаанд. Фақат бар асари бархурди ҷиддан интиқодӣ ба ахбори сабткардаи эшон (хоса муаллифони «Ҳафт иқлим» (с.таъл.1609), «Хизонаи омира» (с.таъл.1762), «Оташкада» (с.таъл.1779), «Нештари ишқ» (с.таъл.1818), «Риёз-ул-орифин» (с.таъл.1844), «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» (с.таъл.1857), «Шамъи анҷуман» (с.таъл.1875), ва соири тазкираҳои дигари таълифшуда дар ҳудуди асрҳои XVIII-XIX ва муқоисаву муқобилаи онҳо бо тазаккуроти худи шоир метавон ба хулосаҳои дурусти илмӣ омад. Зимнан бояд гуфт, ки як зумра муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин замина таҳқиқот бурда, тарҷумаи ҳоли Камолро ҳатталмақдур сару сомон бахшидаанд, вале боз ҳам дар баъзе масъалаҳои ин мавзӯъ миёни навиштаҳои таҳқиқгарон ихтилофоту иштибоҳот мушоҳида мешавад.

Ном, куният, алқоб ва насаб. Дар зикри ному лақаб ва кунияи шоир ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад. Ҳатто аҳёнан баъзе тазкиранависон аз қабили Муҳаммадсиддиқхони Ахтар (ваф.1858) ва муҳаққиқони замони нав монанди Ҷаводи Салмосизода ӯро бо орифи кубравии асри XIII Бобо Камоли Ҷандӣ яке шумурдаанд (*Ахтар,саҳ.905; Салмосизода, саҳ.205;...*).

Агар ба манбаъҳо ба эътибори тартиби замони таълифашон назар афканем, мебинем, ки барои аввалин бор зикри «Масъуд» дар «Оташкада»-и Лутфалибеки Озари Бегдилӣ омадааст. Дар ин китоб чунин мехонем: «Камолуддин Масъуд аз урафои олимиқдор ва аз акобири он диёр (Хуҷанд – Б.М.) аст» (*Бегдилӣ,339*). Яъне, то асри XVIII дар навишатаҳои муаллифони асримиёнагӣ, дар иртиботи ин шоири бузурги ғиногӯ номи «Масъуд» дида намешавад. Донишманди тоҷик С.Асадуллоев сабаби чунин ҳолатро дар он мебинад, ки муаллифи тазкираи «Оташкада» номи шоири дигари хуҷандӣ – Зиёуддин Масъуди Хуҷандӣ (шоири асри XII ва аввали асри XIII), мутахаллис ба «Форсӣ»-ро иштибоҳан ба Камол нисбат додааст (*Асадуллоев,25*). Ин гуфтаи донишманди мазкур дуруст ба назар мерасад ва эҳтимоли қавӣ бар он меравад, ки дар воқеъ бархе аз муаллифони баъдӣ ин номро аз «Оташкада» гирифта, дар осори худ вақти овардани шарҳи ҳоли шоир насанҷида иқтибос намудаанд. Ҳамаи онҳоеро ки дар ин амр аз пайи Озари Бегдилӣ рафтаанд ба ду даста метавон ҷудо кард. Гурӯҳи аввал муаллифоне ки шоирро бо унвони «Камолуддин ибни Масъуди Хуҷандӣ» навиштаанд ва ба ин бахш Муҳаммадсиддиқи Ахтар /1787-1858/ (дар тазкираи «Офтоби оламтоб»-*саҳ.905*), Исмоилпошшои Бағдодӣ /тав.1839/ (дар «Ҳадият-ул-орифин» *саҳ.430*), Э.Браун /1862-1926/ (дар «Аз Саъдӣ то Ҷомӣ»-*саҳ.343*) ва баъзеи дигарро шомил намудан мумкин аст. Яъне ин гурӯҳ номи падари шоирро Масъуд шинохтаанд. Гурӯҳи дуюм, онҳоеанд, ки номи шоирро «Камолуддин Масъуди Хуҷандӣ» зикр кардаанд, яъне номи худи шоирро мисли Озари Бекдилӣ “Масъуд» донистаанд ва сафи ин гуна муаллифон бештар аст. Чунончи, Муҳаммад Маъсуми Шерозӣ /1854-1926/ (дар «Тароиқ-ул-ҳақоиқ»-*саҳ.685*), Ризоқулихони Ҳидоят /1800-1871/ (ҳам дар «Риёз-ул-орифин»-с.таъл.1844-*саҳ.153* ва ҳам дар «Маҷмаъ-ул-

фусаҳо»-с.таъл.1857-*саҳ.94*), Мир Имомуддини Илоҳӣ (дар «Тазкираи Илоҳӣ»-с.таъл.1842-*саҳ.563*), Шамсуддини Сомӣ /1850-1905/ (дар «Қомус-ул-аълом»-*саҳ.3886*), Абдулғанихони Ғанӣ /ваф.1915/ (дар «Тазкират-уш-шуаро»-*саҳ.114*) ва дигарон, ки ҳама тазкиранигорони асри XIX мебошанд, ҳамин тавр навиштаанд. Аз ҷумлаи инҳо Асадуллоҳ Дарвеши Носиралӣ /тав.1848/ (дар «Шамс-ут-таворих») номи шоирро ба таври дақиқ чунин ёд кардааст: «Шайх Камоли Хуҷандӣ - номаш Масъуд мавлидаш Хуҷанд аст».(*саҳ.56*). Чунин тазаккуроти носаҳеҳ рафта-рафта иштибоҳи ом шудааст, то ба ҳадде, ки ду нашри матни интиқодии девони Камол (Табрез, 1337ҳ.ш.; Маскав, 1975) таҳти унвони «Девони Камолуддин Масъуди Хуҷандӣ» ба табъ расидааст ва то имрӯз ин гуна ғалатро дар Тоҷикистон ва махсусан дар Эрон такрор мекунанд. Аммо шаклҳои мазбури сабти номи шоир, тавре ки гуфтем, дар манбаъҳои дасти аввал дида намешавад. Дар ҳоли ҳозир қадимтарин маъхазе, ки ба даст омадаасту зикри номи Камол дар он ҳаст «Дастур-ал-котиб фӣ таъйин-ал-маротиб»-и Муҳаммади Нахчувонӣ мебошад. Номбурда таълифи ин китобро дар соли 1365-66 ба охир расонида, ба Султон Увайси Ҷалоирӣ бахшидааст ва дар ин замон Камол зиндаву дар айни шуҳрат қарор дошт. Дар китоби мазкур шоир ба унвони «Шайх Камолуддин» сабт шудааст (*саҳ. 276*). Муаллифи қадими дигар Шайхи Озарии Исфароинист (ваф.1462), ва ӯ дар китобаш «Ҷавоҳир-ул-асрор» номи шоирро «Шайх Камоли Хуҷандӣ» сабт кардааст (*вар.180а*). Муаллифони аксари манбаъҳои адабӣ, аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ (дар «Нафаҳот»-*саҳ.609* ва дар «Баҳористон»-*саҳ.115*), Алишер Навоӣ /1441-1501/(дар «Маҷолис-ун-нафоис»-*саҳ.355*), Хондмир /1475-1526/ (дар «Ҳабиб-ус-сияр»-*саҳ.98*), Фахруддин Алии Сафӣ /1462-1532/ (дар «Латоиф-ут-тавоиф»-*саҳ.229*), Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ /ваф.1589/ (дар «Равзот-ул-ҷинон»-*саҳ.500*), Тақиуддини Балёнӣ /1565-1620/ (дар «Арафот-ул-ошиқин»-*саҳ.3128*), Дорошукӯҳ /ваф.1658/ (дар «Сафинат-ул-авлиё»-*саҳ.390*), Мулло Ҳашрии Табрезӣ (дар «Равзаи атҳор»-с.таъл.1602-*саҳ.62*), Шоҳҳусайни Систонӣ (дар «Хайр-ул-баён»-с.таъл.1627-*вар.195а*), Абдурраҳмон Чиштии Деҳлавӣ /ваф.1683/ (дар «Миръот-ул-асрор»-*саҳ.413*), Шералихони Лудӣ (дар «Миръот-ул-хаёл»-с.таъл.1690-*саҳ.47*), Сироҷуддин Алихони Орзу (дар «Маҷмаъ-ун-нафоис»-с.таъл. 1690-*саҳ.1346*), Қозӣ Саъиди Қумӣ /ваф.1695/ (дар «Асрор-ул-ибодот»-*саҳ.10*), Мир Абдурраззоқи Шоҳнавозхон /1699-1757/ (дар «Баҳористони сухан»-*саҳ.323*), Волаи Доғистонӣ /1712-1757/(дар «Риёз-уш-шуаро»-*саҳ.625*), Ваҷеҳуддини Ашраф (дар «Баҳри Заххор»-с.таъл.1788-*саҳ.222*), Муҳаммадалии Кирмоншоҳӣ /1731-1801/ (дар «Хайротия»-*саҳ.490*), Алӣ Иброҳим Халилхони Банорасӣ /1732-1793/ (дар «Суҳуфи Иброҳим»-*саҳ.286*), Аҳмад Алихони Санделавӣ (дар Махзан-ул-ғароиб»-с.таъл.1803-*саҳ.349*), Ғуломсарвари Лоҳурӣ /1828-1889/ (дар «Хазинат-ул-асфиё»-*саҳ.303*), Муншӣ Аҳмад Ҳусайни Кокуравӣ /а.XIX/ (дар «Тӯри маънӣ»-*саҳ.227*), ва дар ин радиф устод Садриддин Айнӣ (дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-саҳ.39) ҳама ҳамчунин шоирро фақат ба унвони «Шайх Камоли Хуҷандӣ» сабт кардаанд.

Зикри «Шайх Камолуддин» шурӯъ аз «Дастур-ал-котиб» дар бархе аз маохизи дигар, чун «Мақсад-ул-иқбол-ис-султония»-и Абдуллоҳи Воиз (*саҳ.78*), «Рӯҳ-ул-баён»-и Шайх Исмоили Ҳаққӣ /ваф.1725/-*саҳ.45*, «Тазкираи Ҳусайнӣ» (с.таъл.1750)-и Мир Ҳусайндӯсти Санбаҳлӣ (*саҳ.279*), «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ /ваф.1756/-*саҳ.176*, «Мунтахаб-ул-латоиф»-и Раҳмалихони Имон /ваф.1811/-*саҳ.544*, «Нештари ишқ» /с.таъл.1818/-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ (*саҳ.544*), «Бӯстон-ис-сайёҳа»-и Зайнулобуддини Шервонӣ /ваф.1837/-*саҳ.234*, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллоҳи Гупомӯй /ваф.1865/-*саҳ.593*, «Манзар-ул-авлиё»-и Муҳаммадкозими Табрезӣ (ваф.1897)-*саҳ.127*, «Талфиқ-ул-ахбор» (с.таъл. 1908)-и Муроди Рамзӣ *(саҳ.48*) ва чанде дигар омадааст. Бадеҳист, ки лафзи «Камолуддин» лақаби ифтихорӣ ё унвони динию рӯҳонии шоир мебошад. Аз ҳамин ҷост ки дар нусхаҳои қадимтарини девони шоир котибон ӯро «Камолу-л-миллата ва-д-дин», «Камолу-л-ҳақ ва-т-тақво ва-д-дин» ва назири инҳо сабт кардаанд. Ҳатто Мирзо Муҳаммадалии Мударрис дар «Райҳонат-ул-адаб» гарчи номи шоирро «Масъуд» зикр намуда, вале ӯро «мулаққаб ба Камолуддин» навиштааст (*саҳ.403*). Албатта, тахаллуси шоир, ки «Камол» аст, бидуни шак баргузида аз ҳамин лақаб мебошад.

Баъзеи дигар, аз қабили Амин Аҳмади Розӣ, Озоди Билгиромӣ ва диг. шоирро дар шакли мухаффаф «Шайх Камол» зикр кардаанд. Ҷомӣ, Навоӣ, Давлатшоҳ, Хондмир ва чанде дигар низ дар хилоли навиштаҳояшон шоирро «Шайх Камол» ҳам номидаанд.

Дар аввали номи шоир омадани унвони «Шайх» ишора бар он аст, ки ӯ шайхи хонақоҳӣ буд ва бо иршоди муридон иштиғол дошт. Дар гузашта урафои бузурге, ки хонақоҳӣ будаанд, бо унвони «Шайх» ном мегирифтанд. Аз ин ҷиҳат барои он ҳамаи муаллифони манобеъи адабию таърихӣ Камолро «Шайх» номидаанд, ки ӯ муршиду мурод

буд ва валиюллоҳ буд, дастгири равандагони роҳи Ҳақ буд. Дар иртиботи ин мавзӯъ Камол дар як қитъааш, ки баёни воқеъияти аҳволаш аст, худро «қутб», яъне муршид номидааст ва он ишора ба шайхии ӯст:

Ин хайма сародиқи Камол аст,
Нуқсон зи таноби ӯ гусаста.
Гирди дари ӯ зи субҳ то шом
Асҳоби камол ҳалқа баста,
Зеро ки дар ӯ муқим қутбест,
Автод ба гирди ӯ нишаста (ч.2, 488).

Маънии қитъа ин аст, ки хаймае ки Камол дар он аст, танобҳояш устувор ва аз субҳ то шом андаруни он ёрони мувофиқу соҳибони ҳол маҷлис доранд ва Камол дар он қутбест ва атрофи ӯ бузургони тариқат нишастаанд. Дар муқаддимаи қадими нусхаи хаттии девони Камол низ шоир «Қутбу-л-ақтоби-л-муҳаққиқин ва муршиду-л-халоиқи аҷмаъин» номида шудааст, ки ишорат ба шайхи комили хонақоҳӣ будани ӯст.

Баъзе муаллифони қурунивустоӣ аз қабили, Муҳаммади Самарқандӣ /ох.а.XV/ (дар Силсилат-ул-орифин»), Фахруддин Алии Сафӣ (1463-1533) (дар «Латоиф-ут-тавоиф»), Шайх Маслиҳатдин (дар «Маноқиби Шайх Маслиҳатдин»), Роқими Самарқандӣ (дар «Таърихи Роқимӣ»-с.таъл.1713), Мир Абдурразоқи Шоҳнавозхон (дар «Баҳористони сухан» дар аввали номи шоир гоҳе унвони «Хоҷа»-ро низ илова кардаанд. Чунин ҳол шояд аз он сар зада бошад, ки дар асри XIV дар ғазалсаройи фақат Камоли Хуҷандӣ метавонист бо Хоҷа Ҳофиз китф ба китф бизанад. Бевақҳе ҳам нест, ки сарчашманигорони бисёре шурӯъ аз Ҷомӣ, қариб ҳама, дар хусуси ба ҳам муосири будани Шайх Камолу Хоҷа Ҳофиз ва муқоисаи табъи эҷодии онҳо, ҳамчунин шурӯъ аз Давлатшоҳ бо ҳам хулусу эътиқоди муаккад доштану ҳамвора доду ситади ғазал кардани онҳоро ба қайди таҳрир овардаанд. Имкон дорад барои ифтихор аз ин воқеъият мовароуннаҳриён ин шоири нозукхаёли худро дар мусовоти шаъни Хоҷа Ҳофиз «Хоҷа Камол» унвон дода бошанд. Ба ин иддао як нусхаи хуби қаламии девони Камолро, ки дар Қаршӣ китобат шудааст ва ба шумораи 62 дар китобхонаи Маркази мероси хаттии АИ миллии Тоҷикистон нигаҳ дошта мешавад, низ метавон шоҳид овард. Дар анҷомаи он нусха котиб чунин навиштааст: «*Таммат ҳаза-л-нусха ашрифат-ул-мутабаррика мин мақулоти Хоҷа Камол аз бандаи фақир-ул-ҳақир Мулло Абдулқодири котиб дар санаи 1261 ҳ.қ.*».

Дар хусуси падару модари шоир иттилои казоие дар даст надорем. Ин ҷо фақат метавон ба хуҷандиасл ва шофеъимазҳаб будани онҳо ишора карду бас. Давлатшоҳи Самарқандӣ Камолро «аз бузургони Хуҷанд» (саҳ.325), ва муаллифи «Арафот-ул-ошиқин» ӯро «аз бузургзодаҳои Хуҷанд» (*саҳ.3128*) муаррифӣ кардаанд. Устод С.Айнӣ лафзи “бузургзода”-ро бо “сайид”ҳаммаъно шарҳ кардааст (*Айнӣ, Куллиёт,саҳ. 227*). Аммо дар хусуси номи падари шоир метавон каме мулоҳиза ронд. Дар миёни тазкиранигорон Исмоилпошшои Бағдодӣ дар «Ҳадияту-л-орифин» исми шоирро «Шайх Камолуддин Масъуд ибни Абдуллоҳи Хуҷандӣ» навиштааст (*саҳ.430*). С.Асадуллоев низ манқулан аз «Яди байзо»-и Ғуломалии Озоди Билгиромӣ оварда, ки дар феҳристи нусхаҳои хаттии кутуби форсии китобхонаи «Доират-ул-кутуб»-и Қоҳира номи шоир, лақаб ва номи падари ӯ чунин сабт шудааст: «аш-Шайх Камолуддин Масъуд ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷандӣ» (*Асадуллоев, саҳ.26*). Пас метавон хулоса кард, ки қиблагоҳи шоир Абдуллоҳ ном доштааст. Гузашта аз ин, дар нусхаи хаттии шахсии Р.Ҷалил, ки соли китобаташ 866/1462 аст, котиб дар анҷома чунин навиштааст: «*Таммати-л-девону афсаҳу-ш-шуаро ва аблағу-л-булаго, мавлоно шайху-ш-шуюху-л-ислом, мураббии хавоссу-л-аном, бурҳону-л-Ҳақ ва лисону-с-сидқ, малози асҳобу-л-қулуб, мулҳими асрору-л-ғуюб, мураббии арбобу-л-қулуб Камолу-л-Ҳаққи ва-т-тақво ва-д-дин Абӯаҳмад Муҳаммад ал-Хуҷандӣ атр-ул-Лоҳа таоло ва раҳмат-ул-Лоҳ*» (*вар.283 б.*).

Дар нусхаи қадими дигар, ки таҳти рақами 1636 дар Китобхонаи миллии Фаронса маҳфуз аст, «Камолуддин Муҳаммад ал-Хуҷандӣ алайҳи-р-раҳма» навишта шудааст (*Blucher,p.208*). Шарқшиноси рус В.Григорев низ ҳанӯз дар соли 1845 дар як таҳқиқи таърихии худ Камоли Хуҷандиро бо номи «Шайх Камолуддин Аҳмади Хуҷандӣ» зикр кардааст (*Григорев, с.209*). Албатта, ин қазия низ набояд тасодуф бошад. Маълум мешавад, ки муҳаққиқ назаре ба маъхазе дошта, ки чунин нигошта. Пас, метавон ба натиҷае омад, ки номи шоир Муҳаммад, исми падараш Абдуллоҳ, кунияаш Абӯаҳмад, лақабаш Камолуддин, нисбааш Хуҷандӣ, мақоми ирфониаш Шайх будааст ва гоҳе эҳтироман лақаби «Хоҷа»-ро низ пеш аз зикри номи ӯ меовардаанд.

Валодат, зодгоҳ, волидайн. Бояд гуфта шавад, ки дар ҳеч яке аз манобеъу маъхазҳо дар бораи санаи валодати Камоли Хуҷандӣ зикре нарафтааст. Аммо он ки ӯ дар Хуҷанд

зодаву тарбияту парвариш ёфтааст, назди ҳеч кас шубҳае нест. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки ҳам ба замон ва ҳам ба макону фазои зист ба Камол ва давраи ҳаёти ӯ наздик аст, менависад, ки «Мавлуду маншаи Шайх (Камол- Б.М.) Хуҷанд буда ва аз бузургони он диёр аст. Ва Хуҷандро дар «Сувари ақолим» “Арӯси олам” гуфтаанд ва вилояте назеҳу васеъу дилкушой аст ва фавокеҳе ки дар он вилоят ҳосил мешавад ба туҳфа ба ақолим мебаранд... » (*саҳ.325-326*).

Хуҷанди бостон дар замони Камол низ, чун имрӯз яке аз шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр буда, маҳалли будубош ва фаъолияти олимону шоирон ва соири ҳунармандону касабакорони чирадаст будааст.

Аз муҳаққиқони муосир устоди зиндаёд Ш.Ҳусайнзода, бо назардошти он ки шоир дар ашъораш борҳо ба пирӣ ва солхӯрдагии худ ишора намудааст, вақти валодати ӯро оғози асри XIV таъйин карда (*саҳ.220*) ва он пазируфтанист.

Он иттилое, ки баъзе сарчашмаҳо, аз ҷумла, «Равзот-ул-ҷинон» дар мавриди фарзанди ягонаи хонавода будани Камол хабар медиҳанд (*саҳ.500*), шояд саҳеҳ бошад. Дар ҳар сурат, падари мавсуф, ки аз табақаи баланди иҷтимоӣ буда, имконият ва ҳавсалаи тарбияти писарро доштааст. Биноан, Камол дар наврасӣ донишҳои ибтидоиро дар зодгоҳаш ш.Хуҷанд хуб фаро мегирад. Ӯро аз унфувони туфулият ақли даррок ва зеҳни расо ёр буда. Аз ин рӯ, ба омӯхтан ва аз худ намудани илмҳо шавқи беандоза дошт. Ҳамин аст, ки ӯ чи дар мактабхона ва чи дар назди устодони хусусӣ дар навбати аввал улуми шаръӣ ва баъдан, мадхали баъзе фанҳои дақиқи мутадовили замони худро меомӯзад. Аммо ӯ мехост донишу биниши васеъ дошта бошад. Барои ин ӯро мебоист ба марказҳои илмии Мовароуннаҳр сафар кунад.

Омӯзишу фаъолият дар Самарқанд. Ҳароина, аввалин шаҳре ки ба қасди омӯзишу фаъолияти адабӣ шоир он ҷо рафтааст, Самарқанд мебошад. Аммо аз аҳволи маънавии ӯ, ки дар баъзе қитъаоташ дар иртиботи Самарқанд ва шуарои ин шаҳр, ки бо эшон дар тамос будааст, бозтоб шудааст, бармеояд, ки ӯ ба ин маркази илмую фарҳангӣ дар синни камоли ҷавонӣ ворид шудааст. Самарқанд дар он замон таҳти фармонфармоии бозмондагони муғул қарор дошт ва то футуҳоти Темур дар шумули улуси Чағатой ёд мешуд. Дар Самарқанд мадрасаҳо фаъол буданд ва табиист, ки олимону адибон ва соири фарҳангиёни Мовароуннаҳр дар ин шаҳр ҷамъ омада фаъолият доштанд.

Камол дар мадрасаҳои он ҷо ҷиддан ба таҳсили дониш пардохт. Аксари илмҳои замони худ, аз ҷумла, забону адабиёти араб ва ҳамаи анвои улуми адабӣ, ҳамчунин, фиқҳ, калом, мантиқ, ҳикмат, тафсир, ҳадис ва ғайраро аз бар кард. Ин ҳолат аз тазаккуроти маъхазҳои аслӣ, ҳамчунин аз миёни сурудаҳои шоир (Калом хондию мантиқ, к-аз он шавӣ мақбул –ҷ.1, 129) ва ишораҳои вай ба китобҳои «ал-Қонун», «Шифо»-и Ибни Сино, «ал-Кашшоф»-и Замахшарӣ, «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғинонӣ, «Мифтоҳ»-и Саккокии Хоразмӣ ва ғ. маълум мешавад. Шайх Исмоили Ҳаққӣ дар «Рӯҳ-ул-баён» оварда, ки Шайх Камол илми ҳуруфи муқаттааро ҳам, ки хоси орифони восил буда, медонистааст (*саҳ.45*). Ин ҷо метавон афзуд, ки Камол ба пешаи зироату боғдорӣ низ таваҷуҳи зиёд дошт. Аз мазомини баъзе ашъори ӯ пайдост, ки дар маҳофили адабии Самарқанд чун шоири мустаиди ғазалсаро ширкат мекарда. Дар хилоли абёташ номҳои Самарқанд, самарқандиён ва шоирони ҳамонвақтаи Самарқанд, чун Мавлоно Хурдаки Самарқандӣ, Муъҷизии Самарқандӣ ва диг. рафтааст. Ҳатто дар ҷое таъбири «самарқандигарӣ»-ро ба танз истифода кардааст:

Гӯиям ҳар дам, ки берун рав зи шаҳри мо, Камол,
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай? (ҷ.2, 391).

Аз қитъаоте, ки ба шоирони фавқуззикри самарқандӣ бахшидааст, ошкор мегардад, ки онҳо нисбат ба Камол то ҷое рашк доштаанд ва асли воқеият ҳам чунин буда, ки суханони Камол нисбат ба онҳо гиламандона садо медиҳад. Аз ҷумла, дар муроҷиат ба Муъҷизии Самарқандӣ дар як қитъааш гуфтааст:

Маро худ аз ту чӣ нафъу туро зи ман чӣ зарар,
Ки ман туро биписандам, маро ту напсандӣ? (ҷ.2, 494).

Устод С.Айнӣ ҳам аз лаҳни ин гуна абёти шоир ба чунин натиҷа расида, ки Камолро дар Самарқанд «намефоронидаанд» *(Айнӣ, Куллиёт, саҳ.223)*. Дар ҳар сурат, Камол пас аз замони муайяни зиндагӣ ва фаъолият дар Самарқанд ба Хуҷанд бозмегардад.

Будубоши шоир дар Тошканд. Дар баъзе тазкираҳо мастур аст, ки шоир муддате дар Тошканд ҳам будааст. Бори нахуст Ҷомӣ дар «Нафаҳот» аз қавли Хоҷа Убайдуллоҳ (Хоҷа Аҳрори Валӣ - Б.М) нақле меоварад, ки тибқи он падари Хоҷа Убайдуллоҳ (Хоҷа Маҳмуди Шошӣ - Б.М.) мефармуда, ки Шайх Камол чанд гоҳ дар Шош (Тошканд - Б.М) мебудааст ва дар он муддат ҳайвонӣ намехӯрда. Ба Шайх муроҷиат кардаанд, ки «Чӣ

шавад таоме ки дар он гӯшт бошад, хӯрда шавад?». Шайх ҳазломез фармуда ки гоҳе ки гови худ бикушӣ, мо гӯшт бихӯрем. Баъдан, Хоҷа Маҳмуди Шошӣ бе он ки Камол фуқуф пайдо кунад, говашро кушта таом муҳайё карда ва шоир ба хотири ӯ гӯшт хӯрдааст (*саҳ.382*). Қиссаи мазкур метавонад ҳақиқат дошта бошад, зеро дар бисёр китобҳо омадааст, ки орифони комил гоҳе ҷиҳати изои нафс аз ин насақ парҳезҳоро ба ҷо меоварданд. Бешубҳа Шайх Камол яке аз онҳост, ки ин суннатро қабул доштааст. Дар мавриди мусофирати ӯ дар Тошканд беш аз ин қисса, ки тазкиранигорони пасин батакрор овардаанд, иттилои дигаре нест. Аммо аз он ки Хоҷа Убайдуллоҳ мегуфта, ки «Шайх Камол чанд гоҳ дар Шош мебудааст», маълум мешавад, ки шоир он ҷо ба муддати мадид иқомат надоштааст.

Камол дар Хоразм. Камоли Хуҷандӣ муддате дар Хоразм ҳам зистааст. Вале аз чӣ бошад, ки тазкиранигорон аз ин лаҳзаи ҳаёти шоир чизе иттилоъ надода ҳамагӣ хомӯш мондаанд. Аммо аз он ки Камол дар ашъораш борҳо ба Хоразм ва хоразмиён ишора дорад, метавон ба таври қотеъ ҳукм кард, ки шоир он ҷо буда ва иқоматаш дар Хоразм барояш хушу пурбор гузаштааст. Чунончи, гӯяд:

Ман, ки Хоразм гирифтам ба суханҳои ғариб,
Набувад майли Ироқу ҳаваси Табрезам (ҷ.1, 253).

Аз мазмуни байти мазбур чунин истинбот мешавад, ки Камол ҳангоми дар он сомон будан бо ашъори дилангези худ мухлисони бисёр пайдо карда ва ин воқеъиятро чунон самимона ва бо фароғи ҳол баён дошта, ки хаёли марказҳои адабии Ироқу Табрез дар сар надоштааст. Аз худи мантиқи баён маълум аст, ки чунин кор, яъне бо сухан фатҳи кишваре кардан дар муддати кӯтоҳе муяссар намешавад. Пас, метавон хулоса кард, ки шоир он ҷо чандин сол иқомат доштаву дӯстону ҳаммаслакони бисёре пайдо карда буд. Мухтавои абёти зер ин ҳақиқатро боз ҳам возеҳтар бармало мекунад, зеро шоир пас аз бозгашт ба зодгоҳ пайваста дар ёди дӯстони хоразмиаш будааст:

Зи селоби мижгон дуруди Камол,
Ба Ҷайҳуну Хоразму ёрон расон (ҷ.2, 291).
***
Ман ба сад манзил зи Хоразмам ҷудою з-оби чашм,
Ҳамчунои наззораи мардум ба Ҷайҳун мекунам (ҷ.2, 257).

Аммо бар асари чӣ иллате ба зодгоҳаш увдат намудааст, барои мо номаълум мебошад. Ҳамин қадар метавон гуфт, ки ӯ ба Хуҷанд баргашта ва он ҷо солиёне зиндагӣ ва фаъолият кардааст.

Тарки Хуҷанд ва сабабҳои он. Камоли Хуҷандӣ тахминан дар миёнаи умраш ба қасди ҳаҷ зодгоҳашро тарк мекунад. Аз миёни муаллифони асримиёнагӣ бори аввал Давлатшоҳи Самарқандӣ нигошта, ки «Шайх ба азимати Байтуллоҳ аз Хуҷанд ба саёҳат берун омад» (*саҳ.326*). Хеле пасон бархе аз соҳибони тазкира аз қабили Амин Аҳмади Розӣ, Мулло Ҳашрӣ, Лутфалибеки Озари Бегдилӣ ва дигарон бо истинод ба қавли Давлатшоҳ ин матлабро такрор кардаанд. Мазмуни абёти зери Камол ба воқеият доштани ин иқдоми шоир дарак медиҳанд:

Рафт овоза, ки имсол ба ҳаҷ рафт Камол,
Бас муборак сафаре, чун ту ба ӯ ҳамсафарӣ (ҷ.2, 386).
***
Роҳравони Каъба, гӯ, бар пайи ман ниҳед пай,
К-аз сари кӯйи ӯ раҳе сӯи Ҳиҷоз ёфтам (ҷ.2, 146).

Аммо иддае аз соҳибони сарчашмаҳо сабаби аз Хуҷанд рахти сафар барбастани Камолро дар достони издивоҷи ӯ ва дар шаби зифоф аз нози духтаронаи завҷаи ҷавонаш ранҷидани шоир донистаанд (*Карбалоӣ, саҳ.500*), ки он, албатта, афсонае беш нест. Сабаби аслии роҳи мусофират пеш гирифтани Камолро дар ноамнию ошуфтагӣ ва нобасомонии сахти Хуҷанд ва бетаваҷҷуҳиҳо дар он сомон бояд ҷуст. Камол, ки гуфтааст, «Мусулмоне ба Туркистон агар бошад, аҷаб бошад» - ҷ.1, 362) ба чунин вазъ ишора дорад. Ба эҳтимоли қавӣ дар ҳамин замина ба кадом як мусибати сахти хонаводагӣ дучор шуда, бекасу танҳо мондан, шоирро ба ин иқдом водоштааст. Ин ҳолатро дар абёти зайли ӯ ба хубӣ пай бурдан мумкин аст:

Ба кунҷи эминӣ натвон нишаст аз чашму зулфи ӯ,
Ки дар ҳар гӯшае шӯр асту дар ҳар хонае ғавғо (ҷ.1, 40).
***
Дигар маро ба хаёлот зи бекасӣ чӣ малол?
Чу ғам рафиқу бало ёру дард мӯнис шуд (ҷ.2, 440).
***

Афтод дил аз пову надонам зи чӣ афтод,
Фарёд зи шӯхе, ки малул аст зи фарёд.
Ҳар хона, ки дар кӯи тараб сохта будем,
Селоби ғаме омаду барканд зи бунёд (ҷ.1, 318).
***
Карда аз ҳар тарафе дарду бало қасди Камол,
Дар миёни ҳама мискин тани танҳо чӣ кунад? (ҷ.1,198).
***
Таманнои ту мегунҷад даруни синаву дил бас,
Дар ин ғамхонаҳо дигар ғами дигар намегунҷад (ҷ.1,377).
***
Зинҳор аз ин замонаи бидодгар маро
К-аз ёру шаҳри хеш ҷудо мекунад дигар (ҷ.2, 39).

Албатта, акс ёфтани тазодҳои воқеоти пурҷӯши замона ва зиндагии шахсии шоири ғиногӯ дар ашъораш истисно буда наметавонад. Аз ин рӯ, метавон ҳукм кард, ки абёти мазкур бозгӯи он ҳақиқатест, ки дар боло гуфта омад. Агар шахси бошарафу самимӣ ва ҳассосе чун Камоли Хуҷандӣ дар Хуҷанд бастагони наздик, аз қабили волидайн ё хоҳару бародар медошт, ҳаргиз онҳоро ба ҳоли худашон гузошта намерафт, дар сурати рафтан ҳам бояд ба ватан муроҷиат мекард. Ин ҳам аз ҳақиқат дур набояд бошад, ки ҳолоти маънавию ирфониаш ӯро ба мусофират кашонида бошад.

Камол бо хатти сайри мутадовили он рӯзгор ба Ҳиҷоз меравад ва баъд аз бачо овардани маносики ҳаҷ роҳи бозгашти ӯ аз Ироқи Араб ба Озарбойҷон буда ва ҳамин аст, ки вориди Табрез мешавад ва он ҷоро барои зиндагию фаъолияти худ созгор дида, маҳалли доимии будубоши худ қарор медиҳад.

Зиндагии Камол дар Табрез. Муаллифи «Равзот-ул-ҷинон» назар дода, ки шоир аввалҳо муддати мадиде дар сари хиёбони Табрез дар мавзеъи маъруф ба “Абдуллоҳи Ҷаббачӣ” муқим гардидааст (*саҳ.502*). Тазкиранависон, ҳама, сабаби дар Табрез мондагор шудани Камолро дар хубии обу ҳаво ва табиати дилрабои он шаҳр донистаанд. Марҳум А.Афсаҳзод пораи зерро аз як ғазали Камол оварда, гумонеро пешниҳод мекунад, ки сабаби дар Табрез рахти иқомат гузидани шоир шояд ҳадафи тири ишқи кадом як духтари чиной қарор гирифтани ӯ бошад:

Эй бодӣ баҳор, к-аз ту хушбӯст,
Маҷлис ба равоиҳи абирам
Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон,
Аз ман, ки ба ёри Чин асирам (4,6).

Ҳақиқати ин андеша дар воқеъ аз гумоне беш нест, зеро дақиқ маълум кардани он аз имкон берун аст, ки шоир ғазали мазкурро маҳз дар Табрез гуфта бошад. Бо айни чунин муваффақият метавон тахмин зад, ки Камол ин шеърро дар Самарқанд, Тошканд, Хоразм ё Сарой гуфтааст. Аз тарафи дигар, «ёри чиной» фақат маънии маъшуқаи чиноиро намерасонад. Гузашта аз ин, ҳадси донишманди мазкур ба шаъни шайхи бузурге, чун Камол ҳеч дуруст ҷӯр дарнамеояд.

Сабабҳои аслии дар Табрез мондани Камолро бояд дар он дид, ки он вақт Табрез шаҳри бузурги пурнуфус, пойтахти давлати Элкониёну Элхониён, ҷои будубоши ҳунармандони қавмҳои гуногун ва маҳалли ба ҳам бархӯрдани тамаддунҳо буд. Он ҷо пайваста намоиши ҳунар ва мубодилаи афкор ҷараён дошт. Гузашта аз ин, Табрез аз тарафи лашкари муғул ва Темур вайрон нашудааст, аз ин рӯ, амнияти нисбие дошт. Ҳамчунин аз лиҳози ҳавои муътадил, обҳои гуворанда ва меваҳои шаҳдбор мумтоз будани мавзеъи мазкур дар осори ҷуғрофӣ ва таърихии он аҳд мазкур аст. Аз тарафи дигар, Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ дар боби севуми асари ҷуғрофиаш “Нузҳат-ул-қулуб” (с.таъл.1340), ки “Дар зикри билоди Озарбойҷон” унвон дорад, дар бораи шаҳру навоҳии он сарзамин, аз ҷумла Табрез сухан карда, ҷо-ҷо тазаккур додааст, ки аксари мардуми бумии он диёр суннимазҳаби шофеъию ҳанафианд ва тоҷикон ҳам бисёранд *(Қазвинӣ, саҳ 85-102)*.Аз ин ҷиҳат ҳам Табрез ва сокинони Табрез барои Камол чандон бегона набуданд. Бино бар ҳамин сабабҳо зиндагӣ дар ин шаҳри азим ба мазоқи Камол – ин шоири ҳассоси ғазалсаро, комилан мувофиқ омад. Ӯ бо нуфузи маънавӣ, шоирӣ ва диди хоси орифонааш зуд дар он сомон «бузурги рӯзгору мақбули аброр ва марҷаъи хавоссу авом ва сархайли акобири айём» (*Давлатшоҳ, саҳ.325; Лудӣ, саҳ.47*) ва ба қавли Шайхи Озарии Тӯсӣ «билоназири мотақаддам ва мотааххири худ» (*Озарӣ, вар.180а*) гардид. Ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ «Шайхро (Камолро – Б.М.) дар шаҳри Табрез ҷамеъийяту шуҳрати азим даст дод ва аксари бузургони он диёр муриди Шайх шуданд ва маҷлиси

шарифи ӯ маҷмаъи фузало» қарор гирифт (*саҳ.326*). Котиби як нусхаи қадимии Девони Камол бо номи Дарвеш Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Сироҷӣ, шоирро ба унвони «фаридуддаҳр ва ваҳидуласр, авҳадуззамон маликушшуаро Шайх Камоли Хуҷандӣ» (*нусхаи Р.Ҷалил, саҳ.192а*) зикр намудааст. Ин гуна тазаккуроти манбаъҳои адабӣ аз он дарак медиҳанд, ки Камол бо мурури замон дар Табрез дар сифати ориф ва шоири бузург шуҳрат меёбад ва сарварии доираи адабии Табрезро ҳам бар уҳда доштааст. Боз ҳам агар гуфтаҳои Ч.Риёро ба эътибор бигирем, ки мегӯяд: «бештарин акобири шуаро ва фузалои он шаҳр (Табрез - Б.М.) шогирдони Камоли Хуҷандӣ буданд» (Rieu, p. 455), эътимоди мо ба қавли боло қавитар мешавад.

Сурат ва сирати Камол. Камоли Хуҷандӣ шахсе будааст баландқомат, зеро дар баъзе маъхазҳо ӯро бо доштани риши бузург ёд кардаанд. Агар дар таносуби риши анбӯҳаш ӯро тасаввур кунем, болобаландии ӯ мантиқӣ берун меояд. Онҳое, ки шоирро бо сари бемӯй, яъне, кал тасаввур кардаанд (*Буснавӣ, саҳ.106б...*) ба роҳи иштибоҳ рафтаанд, зеро шоир дар чанде аз қитъаҳояш баъзе ашхоси ҳамзамонашро бо лақаби калӣ ёд кардааст ва табиист, ки агар худ саре медошт бемӯй, дигаронро бо ин камбуди ҷисмонӣ мазоҳи зарифи заминӣ намекард. Ин ҳолот ба мо имкон медиҳад гӯем, ки шоир худ симои хушу мутаносибе доштааст.

Гузашта аз ин, Камол марди суҳбаторо, ҳозирҷавоб, зарофатгӯй ва одамдӯсте будааст, ороста бо ахлоқи ҳамида ва хиради ҳидояткунанда. Чунин мушаххасоти хисоли ӯ аз ғазалҳои намакин ва махсусан қитъаоти ӯ комилан ошкор аст. Дар қитъаоташ зикри номҳои ҳунармандон ва касабакорони одии бисёр, ҳатто бо зикри лақабҳояшон рафтааст. Аз ҳамин ҷост, ки ҳар тоифа мардум, аз шоҳу амир то орифу омӣ ба шунидани суҳбату суханони ӯ дилкашол будаанд. Хонақоҳаш ҳамеша маҳалли нузули мусофирон ва ҷои рафтуомади мухлисонаш буда.

Камолро шахсияти бузурги масъулиятшиносе ҳам метавон гуфт. Ӯ ҳатто гарчи сафар ба Шерозро низ ба қасди вохӯрӣ бо Хоҷа Ҳофиз дошта (Аз баҳри поси хотири табрезиён, Камол, - Бо сорбон магӯ, ки Шерозам орзуст /ҷ.1, 276/), аммо аҳли адаби Табрезро гузошта, он ҷо рафтанро барои худ раво намедида, биноан фақат бо мукотиба ва додугирифти ғазалҳо бо ин шоири бузург қаноат мекардааст.

Султон Ҳусайни Ҷалойирӣ, ки солҳои 1375–1383 ҳокими Ироқ ва Озарбойҷон буд, аз Валиёнкӯҳ ном мавзеи Табрез, ки Ҳусайни Карбалоӣ он мавзеъро дар сифати «ҷойи муравваҳу босафо ва масири хуштабъону зарифон» муаррифӣ намуда (*саҳ.498*), ба Камол қитъаи замине ҷудо намуда, барояш хонақоҳе месозад ва эҳдо мекунад. Миридону мухлисони бисёр гирдаш ҷамъ меоянд ва Камол бо иршоди онҳо машғул мешавад. Ғайр аз ин Камол он порчаи заминро, ки масофаи он аз шаҳр ним фарсанг будааст, ба боғи дилкушо ва пурмевае табдил медиҳад ва Биҳишт меномад:

Аз биҳишти Худои азза ва ҷал
То ба Табрез ним фарсанг аст (ҳамон ҷо).

Аз ин ҷо Камол ба ҳайси як шахси заҳматкаш, ки бо боғдорӣ машғул мешудаву бо меҳнати ҳалол таъмини рӯзгор мекарда зоҳир мешавад. Гузашта аз ин, ӯ даромади боғашро барои мусофирону эҳтиёҷмандон харҷ мекард ва ғайр аз ин ба қавли Фахруддин Алии Сафӣ сари чанд вақт дастархони бузург густарида мардуми Табрезро нон медод ва хавоссу авом гирди хони ӯ ҷамъ меомаданд (*Сафӣ,230*). Ҳамин тавр, Камол дар Табрез бо иззату икрому эътибори бузург ва доду деҳиш зиндагӣ дошт ва «сити (овозаи – Б.М.) камоли вай аз коф то кофи (саросари – Б.М.) оламро гирифта ва аз қайди чунию чандӣ раҳида» (*Карбалоӣ,саҳ.497*) буд.

Ҷанбаи дигари шахсияти маънавии Камол қаноатпешагӣ, озодӣ ва дурӣ аз тааллуқоти дунявӣ будааст. Барои исботи ин иддао ёдовар шудани он воқеае ки дар китоби «Равзот-ул-ҷинон» зикри он рафтааст, кофист. Муаллифи ин манбаъ иттилоъ медиҳад, ки яке аз орифони соҳибдавлати Табрез бо номи Шайх Муҳаммади Кучаҷӣ машҳур ба Хоҷаи Шайх, барои ӯ дар маркази Табрез хонақоҳу мадрасае сохта барояш пешкаш намудааст ва бисёр исрор намуда, ки он ҷо интиқол кунад. Аммо Камол қабул накардааст ва гуфтааст: «Сари Камол ба гунбади фалак фуруд намеояд, мехоҳед фиреб хӯрда ба ин гунбад сар фуруд оварад? » (*Карбалоӣ, саҳ.502*).

Дараҷаи ирфон ва шоирии Камол. Аксари сарчашманигорон ба Камол валояти ирфониро нисбат ба шоириаш тарҷеҳ додаанд. Бо вуҷуди ин, тибқи гуфтаи Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ «камоли бузургиву ягонагии вай зиёда аз тариқи шеъру шоирӣ будааст» (*саҳ.497*). Санади дигаре, ки ҳанӯз дар вақти ҳаёт буданаш маъруфияти ӯро дар шоирӣ нишон медиҳад он аст, ки дар радифи муаллифони бисёре Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» оварда, ки «Баъзе аз орифон, ки ба суҳбати Шайх Камол ва Ҳофиз ҳар ду

расида буданд, чунин фармудааанд, ки суҳбати Шайх беҳ аз шеъри вай бувад ва шеъри Ҳофиз беҳ аз суҳбати ӯ» (*саҳ.116*). Ба ин нукта худи шоир ҳам ишорае дорад:

Гуфтанд: Гуфтаи ту бувад аз ту беҳ, Камол,
Ман булбулам, бале, сухани ман зи ман беҳ аст (ҷ.1, 138).

Аз ин ҷо натиҷа ин аст, ки агар эътибори Камол дар ғазалсарой баланд намебуд шеъри вайро бо шеъри Ҳофиз муқоиса намекарданд ва Ҷомӣ низ ин санади ҷолибро дар асараш намеовард.

Роҷеъ ба шуҳрати шоириаш худи Камол ҳам гуфтааст, ки «Оламе рӯй ниҳоданд ба ашъори Камол» (ҷ.2, 94) ё «Олам сухани Камол бигирифт / Имрӯз ҷуз ин сухан, сухан нест» (ҷ. 1, 231). Ҳамчунин «дар Аҷам фатҳи сухан» карданаш (ҷ.1,84) ва қофилаи шеъраш то ба Шерозу Исфаҳон ва Деҳливу дигар марказҳо рафтанашро зикр кардааст (ҷ. 2, 63, 127, 318...).

Донишманди тоҷик Абдулманнони Насриддин ҷойгоҳи ирфонӣ ва мақоми шоирии Камол - ҳар дуро дар як сатҳ медонад ва тарҷеҳ додани яке бар дигареро қабул надорад. Ӯ менависад: «Лекин ҳақиқат он аст, ки мақому мартабаи ирфонӣ ва завқу ҳунари шоирии Шайх Камол ҳар ду дар як мақоманд ва яке дигариро такмил медиҳад. Иршоду раҳнамоии ӯро бидуни шеър ва шеъри ӯро бидуни рӯҳу равони ирфонӣ тасаввур наметавон кард» (*Насриддин,саҳ.98-99*). Ва ин ақидаи суханшиноси мазкур дар натиҷаи мутолиа ва ғавр ба ашъори шоир падид омадааст ва он комилан дуруст аст.

Камоли Хуҷандӣ дар Сарой. Дар авҷи шуҳрати шоириаш шоир муддате дар шаҳри Сарой (130 км. шимолии Астрахани имрӯза), ки он вақт маркази идораии Олтин Ӯрда (ё Дашти Қибчоқ) ва шаҳре бузург будааст, низ зиндагӣ кардааст. Дар робита ба ин мавзӯъ Э.Браун бо такя ба ахбори манбаъҳои хаттӣ менависад, ки: «Дар соли 787 ҳиҷрӣ (1385 м) Тӯқтамиш аз Дашти Қибчоқ ба Табрез тохт ва ба расми кишваркушоиҳои Амир Темур бисёре аз донишмандон ва уламои он шаҳрро ба тахтгоҳи худ – Сарой кӯч дод. Дар миёни ин ҷамоат Шайх Камол низ буд» (*Браун, саҳ.347*). В.Григорев низ, ки дар соли 1845 дар бораи Сарой таҳқиқи судманде анҷом додааст, чунин менависад: «Дар замони Тӯқтамиш дар Сарой аз қабили Мавлоно Ҳофизуддин Баззозӣ, Мавлоно Камолуддин Аҳмади Хуҷандӣ ва дигар донишмандон ва аҳли адаб зиндагӣ кардааанд» (*Григорев, саҳ. 270*).

Ҳамин муаллиф каме поинтар боз меафзояд, ки «бо таъсири бузургоне чун Баззозӣ ва Камоли Хуҷандӣ шаҳри Сарой паноҳгоҳи илму фарҳанг ва макони осоиши уқалову фузало мешавад ва беҳтарин донишмандон, фақеҳон ва соири шахсиятҳои фозилу мустаид он ҷо ҷамъ омада буданд» *(ҳамон ҷо).*

Ҳарчанд Камолро, тавре ки қайд шуд, ғайри ихтиёти худаш ба шаҳри Сарой оварда буданд, зиндагии ӯ он ҷо ба фароғи ҳол ва осуда мегузаштааст, зеро ин воқеият аз абёти зерини ӯ ҳувайдост:

Бӯстонест Сарой аз гули он рӯй, Камол,
Ба Сарой омадӣ, эй булбули хушгӯ, бисарой (ҷ.2, 313).
***
Агар Сарой чунин асту дилбарони Сарой,
Биёр бода, ки ман фориғам зи ҳар ду сарой (10:306).

Пас, маълум мешавад, ки барои Камол шаҳри Сарой низ писанд омадааст ва ҳарчанд ба ёди Табрез ва табрезиён мезист, на танҳо аз фаъолияти шоирӣ бознамонд, балки дар ташвиқу тарвиҷи он низ он ҷо саҳми бузург гузоштааст. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки азбаски ҳини ба Сарой бурда шуданаш Камол дар айни шуҳрату азамати маънавии худ қарор дошт, дар хусуси каромоту аъмоли хориқулодаи ӯ дар он шаҳр ривоятҳои зиёд нақл кардааанд. Аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» чунин ҳикояте овардааст: «Гӯянд дар он вақт ки (Камол – Б.М.) дар Сарой мебудааст, мавзеъе будааст, ки дар он вақт ки об туғён мекарда, дар он мавзеъ харобии бисёр мекарда. Чун вақти туғёни об наздик расида, он қиссаро ба вай (ба Камол – Б.М.) гуфтаанд. Фармудааст, ки “Имсол хаймаи маро дар он мавзеъ бизанед”. Хаймаи вайро он ҷо задаанд, дар он ҷо мебудааст, чандон ки вақти туғёни об гузаштааст ва дар он мавзеъ ҳеч харобӣ воқеъ нашуда» (*саҳ.612*).

Агар касе гӯяд, ки ин маҳсули тахайюли мардумӣ аст, аммо метавон гуфт, ки агар он ҷанбаи ривоӣ ҳам дошта бошад, дар бораи Камол аст, на дар бораи каси дигар. Ва ин ҳикоят аз азамати рӯҳонӣ ва нуфузи маънавии Шайх Камоли Хуҷандӣ дар ҳаёти моддии мардум дарак медиҳад.

Паҳлуи дигари мавзӯи ҳаёти шоир дар Сарой, ки аксари муаллифони қадим дар он иштибоҳ кардаанд ва баъзе муҳаққиқони муосир онро ҳақиқат ангоштаанд, ба муддати 4 сол дар он шаҳр иқомат кардани шоир мебошад. Шавоҳиди таърихие вуҷуд доранд, ки

чунин иддаоро рад мекунанд. Онҳо ҳокӣ аз онанд, ки Шайх Камол дар Сарой ба муддати 11 сол боқӣ мондааст. Дар ин бора дар муқаддимаи қадимтарин нусхаи девони шоир, ки дар соли 800/1397-1398, яъне дар замони барҳаёт будани шоир дар Табрез китобташ шурӯъ шудаву баъд аз даргузашташ анҷом ёфтааст ва алҳол таҳти шумораи 4739 дар китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад нигаҳдорӣ мешавад, роҷеъ ба санаи ба Сарой рафтани ӯ ва таърихи бозгашташ ба Табрез бо обу тоби ҳар чи тамомтар баён шуда ва ба Камол саломатӣ ва тӯли умр талабида шудааст. Мазмуни он чунин аст, ки Камоли Хуҷандӣ бар асари фитнаву ошӯби воқеъшуда дар Табрез (ҳуҷуму тороҷи Тӯқтамиш дар назар аст) моҳи зулқаъдаи соли 787 ҳ. (декабри 1385 м.) ба Сарой кӯч баст ва хавоссу авомми Озарбойҷон ғариқи дарёи фироқ гаштанд. Дар соли 798 ҳ. (1396 м.) ӯ ба Табрез муроҷиат кард ва ба расми қоидаи пешин саҷҷодаи иршод густарид ва боиси фараҳмандии фузалои он шаҳр гашт *(вар 6 б)*.

Ҳамин иттилоъ дар бораи муддати иқомати шоир дар Сарой маъхази дасти аввал мебошад ва ҳақиқати таърихӣ дорад.

Ҳофиз Ҳусайни Карбалоии Табрезӣ низ дар «Равзот-ул-ҷинон ва ҷаннот-ул-ҷанон» хабар медиҳад, ки Камол дар Сарой 11 сол мондааст *(саҳ. 502)*. Муаллифи ахир бо сароҳат хабар мерасонад, ки Шайх Камолро Амир Темур бозпас ба Табрез меоварад *(ҳамон ҷо)*. Ба шаҳодати Эраҷи Афшор муаллифе бо номи Ҷаъфар ибни Муҳаммади Ҷаъфарӣ дар китоби худ «Таърихи кабир», ки дар соли 845/1442 иншо кардааст, навишта, ки Шайх Камоли Хуҷандиро Амири бузург аз Сарой ба Табрез меорад *(Афшор, саҳ.102)*. Ин ҷо низ ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки қасди муаллиф аз «Амири бузург» Амир Темури Кӯрагон аст. Аз кутуби таърих ҳам маълум аст, ки Темур дар соли 797 / 1395 ба қасди Тӯқтамиши муғул ҷониби Дашти Қибчоқ лашкар кашида, он ҷоро ба харобазор табдил медиҳад ва Тӯқтамишро аз тахташ маъзул мекунад *(Хондамир, саҳ.40;...)*. Худи Камол дар баъзе абёти ашъораш ба ин ҳодиса ишораҳо дорад:

Шаҳри Сарой чун дилат ошуфта шуд, Камол,
Вақт аст, агар азимати Табрез мекунӣ (ҷ.2, 485).

***

Чангат ба сипоҳи Тӯхтамиш мемонад,
К-аш куштани ӯ шуд сабаби роҳати халқ (ҷ.2, 530).

Аз маънии байт пайдост, ки мунҳазим шудани Тӯқтамиш боиси рифоҳи Камол ҳам шудааст ва чунин имкони хуб мусоидат карда, ки шоир низ дар ҳашами Темур дар соли 1396 ба Табрез бозгардад. Дар шукронаи ин рӯйдоди муҳим шоир баъди ба Табрез расидан, чунин ғазале сурудааст:

Биҳамдуллаҳ, ки дигар бор рӯи дӯстон дидам
Чу булбул мекунам мастӣ, ки боғу ва бӯстон дидам.
Ман он мурғи хушалҳонам, ки берун аз қафас худро
Ба иқболи баҳор эмин зи ташвиши хазон дидам.
Фалак гар тофт рӯйи меҳру баргардид аз ёрӣ,
Фаромӯшам шуд он ҳар ду, чу ёри меҳрубон дидам.
Муроди ман миёни ёр буд, он дар канор омад,
Миёни роҳат афтодам, чу ранҷи бекарон дидам.
Шаби қадре, ки меҷустам ба хобу рӯзи некӯе,
Чу он мӯ дидаму он рӯ, ҳам ин дидам, ҳам он дидам.
Замони васл, к-аз дигар замонҳо беҳ ниҳад ошиқ,
Ба рӯйи дӯстон ман он замонро ин замон дидам.
Камол, он дам, ки хоҳӣ дид бо ёрон қарин худро,
Бигӯ, ин давлат аз юмни шаҳи соҳибқирон дидам (ҷ.2,154).

Бидуни ҳеч шакке дар мақтаъи ғазали мазбур “шаҳи соҳибқирон” ҳамоно Амир Темур аст, на каси дигар. Муаллифи «Равзот-ул-ҷинон» санаи бозгашти Темурро аз Дашти Қибҷоқ ба Табрез «самонина ва тисъина ва сабъамиа» (798 ҳ.) баробар бо 1396 м. рақам задааст *(саҳ.502)*. Аз ин рӯ, хабари муаллифи «Таърихи Роҳимӣ», ки авдати Камолро аз Сарой ба Табрез баъд аз 14 соли сукунати ӯ донистааст *(вар.23 б)* ё Озари Бегдилӣ баъд аз 40 сол шуморидааст *(саҳ.339)*, низ ботил мешаванд.

Зиндагии Камол пас аз бозгашт ба Табрез. Тавре ки дар ғазали боло ишора рафтааст, увдати Камол аз Сарой ба Табрез боиси хурсандӣ ва шукронаи ҳам шоир ва ҳам бузургони он шаҳр, ёру ошноён ва ҳам сокинони одии он шаҳр гардидааст. Карбалоӣ низ хабар медиҳад, ки он ҳангом «табрезиён аз вазеъу (пасту- Б.М.) шариф ва аҳолию адонӣ (авом – Б.М.) ва бузургу кӯчак дар камоли итоат ва инқиёду эътиқод нисбат ба машоруилайҳ (Камоли Хуҷандӣ) будаанд» *(саҳ.502)*.

Ҳамчунин дар варақи 6 а – 6 б-и муқаддимаи қадимӣ, ки зикраш фавқан рафт, дар хусуси ҷамъоварии ашъори шоир аз сари ихлосу эътиқод чунин сухан рафтааст: «Пас, муридони мухлису муътақидони мутахассиси он ғурари фавоиди собиқа бо дурари қалоиди лоҳиқа ҷамъ гардониданд ва он кавокиби савоқибро, ки чун Банотуннаъш мутафарриқ буданд, бар мисоли Сурайё дар силки интизом кашиданд ва он дурри шоҳворро, ки чун қатароти амтори найсонӣ ба ақтори олам расида буд, садафе омода сохтанд ва он маҷмӯаро «Тарҷумону-л-ҳол ва асҳобу-л-Камол» ном ниҳоданд. Эзади субҳонаҳу ва таоло азза шаънаҳу ҳазрати валоятпаноҳиро бар мафориқи аҳли ислом мухалладу мустадом дород ва хотири файёзи дарунбини эшонро ки бариди ҳазрати иззат ва сафири олами ғайбу шаҳодат ва ҷоми ҷаҳоннамои мулку малакут ва маҳбити асрори зулҷалол ва-л-ҷабарут аст, аз шавоиби шакку шубҳат сиёнат кунод» *(Нусхаи чопи Гулисурхӣ, саҳ.44-45)*.

Аз ин нақли қавлҳо, ки оварда шуд, низ аз он азамату нуфузи маънавии Хоҷа Камол, ки дар замони зиндагиаш бархурдор буд, дарак ҳосил кардан мумкин аст.

Темур вақте Камолро ба Табрез овард, бар маснади шаҳрёрии Озарбойҷон, писари худ Мироншоҳро таъйин намуду худ ба Самарқанд бозгашт. Мироншоҳ, ки шахси фарҳангдӯст ва шеъру адабпарваре буд, муриди Камоли Хуҷандӣ шуд ва ҳамеша аз аҳволаш хабаргирӣ мекард. Ба ин тартиб, шоир солҳои боқимондаи умри худро бо аҳли хонаводааш дар ҳалқаи дӯстону муридони хеле зиёди худ нисбатан осуда ба сар бурдааст.

Дар аҳволи Камоли Хуҷандӣ боз як нуктае ҳаст, ки ба он лозим аст равшанӣ андохт ва он воқеаи гӯё муддате дар Санг ном қалъае зиндонӣ будани шоир мебошад. Бори аввал ин мавзӯъро устод С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» бо такя бар иттилооти «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд матраҳ кардаанд. Эшон навишта, ки «Дар тазкираи «Оташкада» ва «Қомус-ул-аълом» аз «Равзат-ус-сафо» манқулан мазкур аст, ки Шайх Камоли Хуҷандӣ ба қалъаи Санг маҳбус буда ва ба иншои рубоии зер аз он ҷо халос шуд:

Кай бошад аз ин танг бурун омаданам?
Ном аст аз ин нанг бурун омаданам.
Гӯй магар аз санг бурун меояд,
Парвонаи аз Санг бурун омаданам» *(саҳ.41)*.

Ин ақидаро баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла, И.С.Брагинский *(саҳ.239)* Х.Мирзозода *(саҳ.262*) ва диг. такрор кардаанд. Аммо рубоии мазбур дар «Таърихи Вассоф»-и Шаҳобуддин Абдуллои Шерозӣ, ки таълифаш ба даҳаи аввали асри XIV рост меояд, ба сиёсатмадор ва шоири фозили асри XII Оли Хуҷанд, Ҷамолуддин Масъуди Хуҷандӣ, ки дар Исфаҳон фаъолият дошта ва номаш дар аввали ин мақола рафт, нисбат дода шудааст. Муаррихи мазкур дар бораи таърихи Атобакони Шероз дар аҳди Ҳулоку сухан карда, аз ҷумла баъзе лаҳзаҳои он таърихро овардааст, мазмуни он чунин аст: Туркон (модари Атобаки Абӯбакр) дар соли 661/1262 баъди аз бом афтода мурдани писараш Атобаки Муҳаммад, бо бузургони мамлакат машварат кард, ки чӣ касеро бар тахти подшоҳӣ нишонанд. Ройи ҳамагон бар он қарор гирифт, ки Муҳаммадшоҳ писари Салғуршоҳро ба подшоҳӣ бардоранд. Муҳаммадшоҳ марде шуҷоъ ва дар фатҳи Бағдод мулозими Ҳулоку буд. Чун бар тахт нишаст, роҳи лавҳу лааб пеш гирифт. Дар ин ҳол бародараш Салҷуқшоҳ, ки дар қалъаи Истахр маҳбус буд, ба наздаш шафоатномае фиристод ва дар он аз ҳабсиёти Ҷамолуддин Масъуди Хуҷандӣ ин рубоӣ оварда буд:

Кай бошад аз ин Санг бурун омаданам?
Ном аст аз ин нанг бурун омаданам.
Гӯй магар аз санг бурун меояд,
Парвонаи аз Санг бурун омаданам.

Аммо Муҳаммадшоҳ ба номаи ӯ напардохт ва ӯ ҳамчунон дар ҳабс бимонд... » *(Таҳрир, саҳ.107)*.

Воқеият доштани чунин ҳолат аз яқин дур нест, зеро ҳодисаи зиндонӣ карда шудани Шайх Камол бо шахсияти маънавию рӯҳонии ӯ, ки зикраш дар боло бисёр рафт, ба ҳеч ваҷҳ муносибу мувофиқ нест.

Маслаки Камол дар тасаввуф. Аз масъалаҳои хеле душвор дар аҳволи Камол муайян намудани мансубияти ӯ ба ин ё он тариқаи тасаввуф ва душвортар аз он ташхиси пири тариқати ӯ мебошад. Дар ин хусус сарчашмаҳо хомӯшанд. Танҳо Абдулмуназзиб Аррозӣ дар «Сафинат-ул-авлиё» аз мутасаввифони тариқаташон номаълум фақат ду тан, Камол ва Ҳофизро нишон медиҳад *(вар,262 б)*. Аз шеърҳои Камоли Хуҷандӣ пайванди маънавии ӯ бо Ҳофиз маълум мешавад. Ӯ ҳам мисли муосири бузурги худ, Ҳофиз ба чандин тариқатҳои сӯфия майл пайдо намудааст, вале ҳеҷ кадоми онро ақли солим ва дили равшани ӯ ба таври комил қабул накарда ва муриди пире ҳам нашудааст. Бо ин вуҷуд,

маротиби ирфонро ба танҳоӣ аз роҳи кашфу шуҳуд паймуда, ба дараҷоти камоли он расидааст. Вобаста ба чунин ҳоли ӯ Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» аз номи Шайх Аттор овардааст, ки «Қавме аз авлиёуллоҳ бошанд, ки эшонро машоихи тариқат ва куброи ҳақиқат “увайсиён” номанд ва эшонро дар зоҳир ба пире эҳтиёҷ набвад, зеро эшонро ҳазрати рисолат дар ҳиҷри иноятн худ парвариш медиҳад, бевоситаи ғайре, чунончи Увайсро дод. Ва ин азим мақом бувад» *(саҳ.20)*.

Модом ки масъала чунин аст, метавон гуфт, ки Камоли Хуҷандӣ низ аз он ки домангири пире нест, увайсӣ аст. Ба увайсӣ будани худ шоир дар як ғазалаш чунин ишораи малеҳе кардааст:

Хабаре ёфтам аз давлати васлат ба навӣ,
Ту кучо меравӣ аз баҳри Увайсӣ ба Қаран (ҷ.2, 286).

Яъне, шоир гуфтанист, ки «баҳри Увайс ба Қаран чӣ меравӣ? Назди ман ой, ки ман увайсистам». Муаллифи «Равзот-ул-ҷинон» Боязиди Бистомӣ ва Шайх Камоли Хуҷандиро бо сароҳат увайсӣ номидааст *(саҳ.510)*.

Аз миёни донишмандон Абдулманнони Насриддин дар мавриди маслаки ирфонии Камол баҳс кушода нақшбандӣ хонда шудани ӯро, ки бархе ба он мансуб донистаанд, қабул надорад *(саҳ.55-56)* ва ин ҳукми дурусте аст. Камол дар воқеъ нақшбандӣ набуд. Аммо дар мавриди он ки донишманди мазкур увайсӣ ва маломатӣ будани Камолро ҳам қабул надорад *(ҳамон ҷо)*, намешавад тасдиқ кард. Мавсуф дар ин росто фикрҳои дигаронро қабул надорад, вале худ фикри мушаххасеро ироа намекунад. Бо истинод ба фармудаҳои худи Камол ва бо такя бар мутолиаи афкори орифони гузаштаву донишпажӯҳони мутахассиси тасаввуф метавон ин шоирро мисли муосири бузургаш Ҳофизи Шерозӣ маломатӣ номид.

Аз суханони Камол пайдост, ки ҷаҳонбинии сӯфиёнаи ӯ батадриҷ шакл гирифтааст. Ӯ роҳи зуҳду тақворо низ паймудааст:

Бо ҳама тақвою зуҳд ар бишинавад номат Камол,
Аз даруни савмаа масту хароб ояд бурун (ҷ.2, 316).

Камол чун медида, ки бо зуҳду парҳез ва гӯшанишинӣ муроди аслӣ ҳосил намешавад, дар баъзе шеърҳояш аз гирифтории худ ба ин андешаи ботил изҳори пушаймонӣ намудааст:

Маро саргашта медорад хаёли зуҳди беҳосил,
Биё, соқӣ, гузар созем аз ин андешаи ботил (ҷ.2, 140).
***
З-ин зуҳди баста бар худ ман низ даст шустам,
Ранге, ки хом бандӣ, з-ин бештар напояд (ҷ.1, 300).

Шояд батадриҷ аз зуҳду тақво ба куллӣ даст кашида «Дар дафтари ушшоқ наёям ба ҳисобе / То лавҳи вуҷуд аз рақами зуҳд нашӯям» - ҷ.2, 255) гӯён худро дар силки суфиёни некэътиқод меандозад:

Сӯфияму мӯътақиди некувон,
Кист чу ман сӯфии некэътиқод? (ҷ.1, 415).

Аммо дар замони Камол «сӯфивашони худнамову назарфиреб» ва «соликони бедард», ки аз сӯзи дарун орӣ буда, тасаввуфро доми фиреб ва тазвир карда бошанд, бисёр ба назар мерасидаанд. Ӯ чун рафтори онҳо мебинад, аз тариқаташон дилгир шуда, аз он ҳам қадам берун мениҳад (Ман аз аҳли тариқат будам аввал / Чу рафторат бидидам, рафтам аз роҳ - ҷ.2, 374) ва аз пайи ҷустуҷӯи пире мешавад, то ӯро ба сарманзили мақсуд ҳидоят намояд:

Дилам аз суҳбати асҳоби тариқат бигирифт,
Раҳбаре ку, ки расонад ба дари хамморам? (ҷ.2, 238).
***
Раҳбаре ҷӯ, Камол, к-ин роҳро
Солҳо рафтааанду поён нест (ҷ.1, 204).

Лекин ӯ дар хонақоҳҳо чунин пире, ки сазовори даст додан бошад, пайдо карда натавониста мегӯяд:

Гар биронд аз хонақоҳам пири хилват, бок нест,
Дигаронро тоату моро иноят раҳбар аст (ҷ.1, 179).

Ё ҷои дигар гуфтааст:

То ҳиммати олӣ нашавад раҳбари хотир,
Андешаи он ҳомату боло натавон кард (ҷ.1, 416).

Аз ин суханони шоир пайдост, ки «ҳиммати олӣ» ва «иноятн Ҳақ»-ро барои худ раҳбар медонад. Яъне, хотири бедори Камол ҳеч кадоме аз фирқаҳои тасаввуфро, ки дар

замонаи ӯ ҷорӣ буданд қабул накарда, оқибат ба таври қатъӣ ба ҷониби ҷараёни маломатияи риндӣ гузар мекунад.

Шоёни тазаккур аст, аввал касе, ки фикри ахирро дар камолшиносӣ изҳор кардааст, профессор Х.Мирзозода мебошад. Ӯ зимни таърифи мухтасари сурудаҳои шоир бо эътимоди тамом чунин навиштааст: «Камол дар ҷаҳонбинӣ муқобили шариати расмӣ ва зоҳидон буда, пайрави равияи маломатияи риндӣ буд» *(саҳ.267)*.

Боздид ва санҷиши мероси адабии Камол бори дигар дурустии фикри мазкурро ба субут мерасонад. Дар баъзе ҷойҳо шоир ба ринди маломатӣ будани худ сареҳан ишора кардааст. Чунончи, дар ин байт:

Бархез, Камол, аз сар номус, ки риндон
Карданд иқомат ба сари кӯйи маломат (ҷ.1, 196).

Дар як ғазали дигараш чунин ишора дорад:

Дар суҳбати соҳибназарон бор надорад,
Соҳибҳаваси бори маломат накашида (ҷ.2, 376).

Камол то охир дар ҳамин мавқеъият устувор боқӣ мондааст ва аз ин рафтори худ ҳеч пушаймон ҳам нест:

Чӣ зиён, агарчи гаштам чу Камол ринду ошиқ,
Ки зи зуҳду некномӣ ҳама умр буд орам (ҷ.2, 211).

Шайх Алӣ ибни Усмон Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ дар «Кашф-ул-маҳҷуб» зимни зикри нукоте чанд аз атвори маломатиён, аз ҷумла нигоштааст: «Маломатиро феъле мебоист мустанкар бар хилофи одат» *(Ҳуҷвирӣ, саҳ.75)*. Мебинем, ки Камол низ дар ҷое ин нуктаро муътариф буда, худро ориф ва рафтори худро хилофи одати маъмулии халқ эълон мекунад:

Гар одат аст расми такаллуф миёни халқ,
Мо орифему одати мо тарки одат аст (ҷ.1, 271).

Аз он ҷо ки дар таълимоти ирфонии Камоли Хуҷандӣ ишқ мақоми меҳварӣ дорад, дар ашъораш мусталеҳоти марбути ишқ, яъне “ошиқ”, “ринд”, “ҷамол”, “зебоӣ”, “ҳусн”, “мастӣ” басомади зиёд доранд. Пас, Камоли Хуҷандӣ дар ирфон намояндаи назарияи ваҳдати вуҷуду ваҳдати шуҳуд, ва ба шиддат таҳти таъсири тасаввуфи Хуросон, яъне пайрави мактаби ҷамол (таҷаллии суварӣ) ва аҳли сукр аст, зеро пайваста ақли судҷӯ ва маҳдудро дар расидан ба Ҳақ инкор мекунад ва дар ин роҳ ишқи маҷзубонаву мастонаро ягона ҳодии яқин мешиносад. Ӯ ки аз авсофи башарӣ нафси худро холӣ карда буд, яъне аз қайду банди худӣ раҳида, дасти мурод дар домани матлуби ҳақиқӣ муҳкам сохта буд, озодвор чунин андешаҳои ирфониашро дар хилоли ғазалҳояш бас шоирона бо офаридани маъниҳои ғариб баён намудааст.

Истиқлоли фикрӣ, ҷасорати эҷодӣ ва ёди Хуҷанд. Яке аз паҳлуҳои муҳимми шахсияти шоирии Камоли Хуҷандӣ он буда, ки ӯ ҳамеша дар амри халлоқияти адабӣ мустақилияту мухторият дошта ва дар кори халлоқияти адабӣ ҳеч вақт зери бори иродаи дигарон намерафтааст. Аз ҳамин ваҷҳ буда, ки қатъан хидмати дарбори шоҳе ё амире накардааст. Чунин мушаххасаи хисолу рафтори ӯро аксарияти тазкиранигорон аз Давлатшоҳ *(саҳ.367)* сар карда, то Тақиуддини Кошӣ *(Кошонӣ, вар.38 б)*, Шамсуддини Сомӣ *(вар.386а)* ва устод С.Айнӣ *(Куллиёт, саҳ.225)* босароҳат зикр кардаанд.

Шабеҳ ба ин гуна нукотро як идда муҳаққиқон, ки доир ба ин шоир ва мероси адабии ӯ навиштаҳое доранд, аз қабили А.Деҳотӣ, Ш.Ҳусайнзода, А.Давлатободӣ, И.Брагинский, Х.Мирзозода, А.Афсаҳзод ва дигарон низ изҳор доштаанд. Яке аз имтиёзоти Шайх Камол аз соири шуарои ҳамзамонаш дар ҳамин ҳам ҳаст. Чунин воқеият аз он сар задааст, ки ӯ ҳеч гоҳ дасти тамаъ ба касе дароз накардааст ва дар ашъораш чунин хислати пастро мудом маҳкуму танқид кардааст ва озодагию сарбаландии худро бартар аз ҳама чиз донистааст. Ин гуна ворастагӣ ва ҷасорати эҷодӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс падидаи нодир мебошад.

Камол гарчи асосан дар Табрез зиндагӣ дошт, аммо аз ашъораш пайванди маънавии ӯ бо зодгоҳаш, шаҳри Хуҷанд бахубӣ эҳсос мешавад ва гуфтан мумкин аст, ки чунин иртиботи қавӣ ҳаргиз ӯро тарк накардааст. Ӯ дар ашъораш борҳо аз Хуҷанд, мардуми ҳунарманди ин шаҳр, кӯҳҳои устувор, меваҳои шаҳдбори он, рӯди Сир ва ғайра бо ифтихор ёд кардааст.

Оиладорӣ. Аз муаллифони даврони қадим ягона касе, ки ба “соҳибиёлӣ”, яъне оиладории Камол ишора намудааст, ҳамзамони шоир Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ мебошад. Ӯ дар идомаи суханаш афзудае дорад ва мазмунаш ин аст, ки ҳокими мавзеи зисти Камол қарори расмии бо муҳру имзо ба тасвиб мерасонад, то аз боғи ӯ ҳеч андоз наситонанд ва ин амр бар фарзандону меросбарони вай низ насл ба насл нофиз

мебошад *(саҳ.276)*. Баъди гузашти чандин садсола, дар асри XIX Ризоқулихони Ҳидоят дар муқаддимаи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» навишта ки насаби обову аҷдодаш ба Шайх Камоли Хуҷандӣ мепайвастааст *(саҳ.1209)*. Дар ин маврид мақолаи судманди Д.С.Комиссаров «Содиқ Ҳидоят –халафи Камоли Хуҷандӣ» вуҷуд дорад, ки он ҷо ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи бештар шудааст. Ӯ бо таассуф қайд намуда, ки Содиқ Ҳидоят ва ҷадди ӯ Ризоқулихони Ҳидоят мисли сарсилсилаи пешиниёнашон Камоли Хуҷандӣ, озодманишу пуртавозӯъ буда, шаҷараи авлодиашонро ба вуҷуд наовардаанд. Биноан, ҳалли ин мавзӯъ то охир бисёр мушкил боқӣ мондааст *(саҳ.155)*. Ҳам Комиссаров ва ҳам М.Муллоаҳмад қавли Маҳдиқулихони Ҳидоят – набераи Ризоқулихони Ҳидоятро дар навиштаҳояшон нақл намудаанд. Тибқи он ӯ дар китобаш «Хотирот ва хатарот» (Теҳрон, 1950) фармуда, ки ҷадди бобояш Исмоили Камол ном дашта ва дар ҷанги Зандиёну Қоҷориён кушта шудааст ва ӯ худро аз авлоди Камоли Хуҷандӣ мешумурдааст *(Коммисаров, саҳ.156; Муллоаҳмад, саҳ.189)*. Ин никот дар як мақолаи адабиётшиноси ҷавон Б.Раҳматов низ ба қайди таҳрир омадааст *(саҳ.6-7)*. Ҳар касе дар иртиботи ин масъала чизе навишта, ба он чи гуфта омад, иловае накардааст. Шояд дар оянда паҳлуҳои дигари мавзӯи марбути хонавода ва ахлофи Камол ҳаллу фасл гардад.

Поёни умр ва санаи даргузашт. Охирҳои ҳаёти шоир дар Табрез чӣ гуна гузаштааст, дақиқан маълум нест. Аммо тибқи ахбори манобеи адабию таърихӣ ин орифу шоири бузурги хуҷандӣ то охири умр бо ҳифзи иззати инсонӣ, эҳтироми атрофиён, сарбаландона, мудом дар ҳалқаи муридону дӯстон ва машғул бо корҳои эҷодӣ ба сар бурдааст.

Нуктаи дигар ин ки шоир ҳамеша дар миёни мардуми заҳматкаш зиндагӣ ва эҷод кардааст ва аз ғаму шодии мардум, орзуву омол, расму оини онҳо аз наздик ошноӣ дошта, ҳамвора забони зиндаи халкро бо диққати тамом меомӯхтааст. Ғазалҳои обдори ӯ дар замони зинда буданаш дар миёни хосу ом суруда мешудааст. Дар ин бора худаш чунин гуфтааст:

Гар равад мутриб ба базме, хонад абёти Камол,
Ҳар киро ҷонест, гӯяд, мутрибо, хуш меравӣ (ҷ.2, 394).

Шоир умри дарозу пурбаракате дидааст. Ҳақиқати ин ҳукм аз баъзе абёти ашъораш, ки аз зинаҳои умри худ сухан карда, маълум мешавад. Чунончи, гуфтааст:

Гуфт: Камол, оқибат дар сари зулфи мо расӣ,
Ҳам бирасам ба шаст, чун умр гузашт аз чилам (ҷ.2, 206).
***
Зулфи ту ба қарне нашавад ёфт, ки он шаст,
Гар умр расад низ ба ҳафтод, наёбанд (ҷ.1, 353).
***
Ман ба ҳавои қоматат умри дароз ёфтам,
З-он ки ҳамеша кардаам касби ҳавои муътадил (ҷ.2, 131).
***
Чу дидам қиблаи рӯи ту садсола намози худ
Ба меҳроби ду абрурят қазо кардам, қазо кардам (ҷ.2, 156).

Аммо дар мавриди санаи даргузашташ дар миёни ахбори сарчашмаҳо ихтилоф вуҷуд дорад. Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шерхони Лудӣ ва Лутфалибики Озари Бегдилӣ ин ҳодисаро дар соли 792 ҳиҷрӣ (1389 м), Ризоқулихони Ҳидоят, Саид Роқим ва Абдуллоҳи Кобулӣ 793 ҳиҷрӣ (1390 м), Муҳтарами Бухороӣ 794 ҳиҷрӣ (1391 м), Камолуддини Гозургоҳӣ дар «Маҷолис-ул-ушшоқ» 807 ҳиҷрӣ (1404 м) рақам задаанд. Вале мувофиқи моддаи таърихи муаллифи муосири шоир Шарафуддини Ромӣ, ки дар нисбати даргузашти Камол гуфтааст «Камоли Хуҷандӣ бикӯчид» ва зикри сареҳи шогирдаш Абдурраҳими Хилватӣ ин воқеа дар соли 803 ҳиҷрӣ (1400-1401 м.) ба амал омадааст:

«Орифи ҳақшинос, Шайх Камол,
Ки ҷаҳонро ба шеъри тар бигруфт.
То суханро сухан бурун афтод,
Кас сухан ҳамчу он бузург нагуфт.
Ҳаштсаду се гузашт, к-он хуршед,
Ҳамчу Маҳ дар саҳоби ғайб нуҳуфт» *(Карбалоӣ, саҳ 510)*.

Санаи мазкурро Ҷомӣ дар «Нафаҳот», Хондмир дар «Ҳабиб-ус-сияр», Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» қабул кардаанд. Дар чандин китобҳои дигари пешин, мисли «Равзот-ул-ҷинон», «Риёз-уш-шуаро» «Риёз-ул-орифин», «Авлод-ал-атҳор», «Тароиқ-ул-ҳақоиқ», «Сафина куҳансол», «Соми-ул-асомӣ», «Ништари ишқ» ва ғайра ҳамчунин 803 ҳ. зикр шудааст. Ба дурустии санаи ахир, яъне 803 ҳ. мутобиқ бар 1400- 1401 м. ҳеч ҷои шак нест ва дар воқеъ Камоли Хуҷандӣ дар синни пиронсолӣ ба қавли худаш «баргрезони

умр»-ашро дида ба олам падруд гуфтааст. Мазораш дар Валиёнкӯҳи Табрез аст ва дар лавҳи он байти зер ҳак шудааст:

Камол, аз Каъба рафтӣ бар дари ёр,
Ҳазорат офарин, мардона рафтӣ!

Дар истилоҳи урафо “Каъба” маънои таваҷҷуҳи дил ба Ҳақ ва мақоми васл аст, маконест, ки ошиқ бояд маҳрам шавад то ба висол ноил ояд. Пас. Каъба ҳарими кӯйи маъшуқи азалист ва роҳи расидан ба Маъшуқ бо бадрақаи ишқ муяссар мешавад ва Камол ин кӯйро поймардона тай намуда бар дари Ёр рафтааст.

Шуҳрати Камол ва ҷойгоҳи ӯ. Ин шоири ширинкаломи тоҷик аз ҷумлаи шоирони бузургу нодири хуштолеъ, аз қабили Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Ироқӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад, ки дар замони зиндагии худ аз шаъну иззат ва эҳтирому шуҳрати беандоза бархурдор буд ва чунин саодат на ба ҳамаи шоирони гузашта даст додааст. Инро бо далелҳои шайъии зиёди зер ба субут расонидан мумкин аст:

1. Аз он ҷо ки Камол ҳар ҷое ки буда орифи восил ва дур аз таалуқоти дунявӣ буданаш ва аз тамаъу оз барканориашро медиданд, тавре ки гузашт, аҳли фазлу ҳунар зуд дар иҳотааш меомаданд. Ҳатто соҳибони давлату ҷоҳ суҳбати ӯро муғтанам мешумориданд ва худ ба ҳузураш мешитофтанд ва аз ӯ ҳидояту иршод металабиданд. Давлатшоҳ ҳам бе ваҳҳе нагуфта, ки : «Шайхро назди салотину ҳукком қадре тамом буда ва латоифу зароифи ӯ машҳур асту аз шарҳ мустағнӣ» *(саҳ.326)*. Дар воқеъ, Султон Ҳусайни Ҷалоирӣ, подшоҳи Дашти Қибчоқ – Тӯқтамишхон, Амир Темур, писари сеюми Амир Темур – Мирзо Мироншоҳ, ба ӯ иродати тамом доштанд. Дар «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахруддин Алии Сафӣ омадааст, ки Мироншоҳ аввал муриди Муҳаммадширини Мағрибӣ будааст ва вақте латофати суҳбати Камолро мебинад, Мағрибиро раҳо намуда ба мулозимати Хоҷа Камол мепечад. *(саҳ.230)*. Дар аксарияти тазкираҳо қиссаи ба зиёрати Камол омадани Мироншоҳ ва қарзи шоирро пӯшонидани Мироншоҳ бо обутоби ҳарчи бештар ироа шудааст. Шоирони он рӯзгор, аз қабили Ассори Табрезӣ, Муҳаммадширини Мағрибӣ, Хоҷа Абдурраҳими Хилватӣ, Маозии Табрезӣ, Шарафуддини Ромии Табрезӣ, Бадеъи Табрезӣ, Абдулҳайи Табрезӣ, Ҳоҷӣ Аминуддини Табрезӣ, Амир Муҳаммад Бадруддини Табрезӣ ва орифони маъруф аз қабили Шайх Маҳмуди Чочӣ, Шайх Куҷаҷи Табрезӣ, Пир Қавомуддини Табрезӣ, Мавлоно Тоҷуддини Миншорӣ, Мавлоно Муҳаммади Машриқии Табрезӣ, Мавлоно Муҳаммади Халилӣ ва бисёр диг. ҳамчунин ҳунармандону мутрибони номдор чун Миралии Табрезӣ ва Абдурраҳим Хилватии хушнавис, Қутбуддини Ноӣ, Ҳабиби Удӣ, Абдулмӯъмини Гӯянда ва бисёр дигарон мусоҳибу ҳамнишинони ӯ будааанд ва Хоҷа Камол дар миёни онҳо шамъи маҳфилҳо.

2. Ҳамаи манобеи асримиёнагӣ аз муаллифони муқаддимаи аввалин нусахи девони шоир сар карда то тазкиранависону муаррихон дар мавриди сухан кардан аз Камол иттилооти худро хеле муҳтотона бо эҳтиром, ва ихлосу эътиқоди хосе иброз доштаанд ва дар гузоришоти худ аз наҳваи баёни манқабат истифода кардаанд. Чунин аст, ки дар хилоли навиштаҳои худ қариб ҳамаи онҳо шурӯъ аз Мавлоно Ҷомӣ роҷеъ ба каромоту соҳибнафас будани Камол ҳикоёти ширин ба тариқи реализми ҷодуӣ ироа кардаанд. Махсусан, қиссаҳое ки дар «Равзот-ул-ҷинон» оварда шудааст, ба монанди: ҳангоми сафари Камол бар Дашти Қибчоқ ҳамарӯза ба хидмати ӯ ва ҳамроҳонаш аз олами ғайб пайдо шудани уштуре бо машки обу суфраи тоам ва баъди истеъмоли он нопадид шудани он уштур ё бо як нафас аз сандуқи ғайбӣ ҳосил кардани пӯстини самури абрешимбофти қирмизӣ ва онро ба подшоҳи Сарой бахшидани Камол, ё ба подшоҳу лашкариёни ӯ аз олами ғайб ҳозир намудани хӯрданиҳову ошомиданиҳои гуногун; ҳамчунин ҳини бардоштани ҷанозаи Камол чанд карат шикастани тобут, яъне бо ин каромоти худ пас аз марг ҳам аз Валиёнкӯҳ берун шудан нахостани Камол ва ба ҳамин монанд ҳикоёти ваҳмии дигар, ки бо гузашти замонаҳо миқдорашон зиёд шуда рафтаанд, аз дараҷаи баланд ва таъсири шадиди нуфузи рӯҳонияту валояти Камол бар азҳони мардуми мухлису муътақиди ӯ ба миён омадаанд. Ҳатто дар «Рӯҳ-ул-баён»-и Шайх Исмоили Ҳаққӣ оварда шудааст, ки ба иллати нисбат ба шахси Камол беадабӣ зоҳир намудани Бисотии шоир бар асари дуои бади ӯ ҳамон лаҳза Бисотӣ афтода ҷон бохтааст (*саҳ.45*). Ин ҳикоят дар «Хизонаи омира»-и Ғуломалихони Озод низ оварда шудааст (*саҳ.148*) Дар ҳоле ки А.Афсаҳзод соли вафоти Бисотиро 808/1403 ё 815/1412 муқаррар кардааст *(1987, саҳ.88)* ва он баъд аз даргузашти Камол мебошад. Яъне назири чунин ривоёт ба сабаби мақоми авлиёӣ доштани Камол, ки ҳар ҷо мерафта шӯру ҳаяҷони рӯҳонии фавқулода ба вуҷуд меоварда, бо завқи имонӣ рӯйи коғаз оварда шудааанд. Аммо он қиссае, ки Камолуддини Гозургоҳӣ, дар «Маҷолис-ул-

ушшоқ» (с.таъл.1503) гӯё дар мавриди ба ҷавони намакфурӯше ошиқ шудани Камол ва дар ишқи ӯ ғазалҳои ошиқона сурудани ӯ *(саҳ.152)* ҳеч ҳақиқате надорад. Дар бораи маҳсули тахайюли худи Гозургоҳӣ будани чунин қиссаҳо ҳанӯз муосири ин муаллиф, Заҳируддин Бобур Мирзо дар «Бобурнома»-аш чунин навиштааст: «Камолуддин Ҳусайни Гозургоҳӣ шахси бесалоҳияте буд. Таснифе бо номи "Маҷолис-ул-ушшоқ" дорад, ки ниҳоят суст аст. Дар он аксаран ҳарфҳои дурӯғу бемаза ва беадабона гуфтааст, ки ҳама куфр мебошанд. Чунончи авлиёву асфиёро ба ишқи маҷозӣ мансуб дониста ва ба ҳар яке маъшуқеву маҳбубе таъйин намудааст» *(Бобур, саҳ.159)*.

3.Девони Камол шурӯъ аз замони зинда буданаш то охири асри XIX пайваста истинсох мешуда ва миёни хонандагон толибонаш бисёр будаанд. Инро аз суханони мухлисонаи муаллифи муқаддимаи қадими девони шоир ҳам фаҳмидан мумкин аст. Чунончи, навишта: Шайх Камоли Хуҷандӣ «*бо вуҷуди истиғроқу таваҷҷуҳи том ва иршоди хавоссу авом гӯйи сухан дар майдони баён аз амсолу ақрони соҳибқирон даррабуда ва мисқалаи фикр аз сатҳи оинаи моҳ зангори калаф зудуда, чобуксаворони майдони фасоҳатро ба нӯки синон ба сони мурғи бобзан карда ва зини тазйин ва саноми тамкин бар тавсани ҳаруни арбоби балоғату асҳоби бароат ниҳода ва дар ақолими суханпарварӣ, балки дар аволими иборатгустарӣ, ҳар куҷо гарданкаше буда, сар бар хатти шеъри ӯ ниҳода ва ҳар ғуруреву пиндоре, ки дар қуббаи қасри димоғаш ҷой гирифта, аз маҷории ҳавос берун фиристода*» *(Камол дар оинаи тазкираҳо, саҳ.46-47)*. Ҳатто Соммирзои Сафавӣ, тазкиранависи нимаи аввали асри XVI дар «Туҳфаи Сомӣ» овардааст, ки мазмунаш ин аст: Бо ҷамъе шоирон пас аз сайри Табрез дар дукони даллоке (сартароше) нишастем ва девони Камолро, ки дар тоқчаи он дукон буд, кушодем ва ғазале ки Савсании шоир чанде пеш аз номи худ бадоҳатан хонда буд, дар он девон дарёфтем...*(Сомӣ, саҳ. 314)*. Модоме ки девони Камол дар тоқчаи сартарошхона меистода, ин далели ривоҷи ҳамагонии ашъори шоир миёни мардум мебошад. Тазкиранависи асри XVII Амин Аҳмади Розӣ низ дар Ҳафт иқлим» менависад, ки «Девони Камол, ки дар латофат аз оби зулол гарав бурда, имрӯз мутадовил аст» *(ҷ.3, саҳ.1630)*. Ҳамаи тазкиранигорон дар орифи бузург будани Камол ва ҳамчун шоири латифтабъ шуҳрат доштани ӯ иттифоқи назар доранд. Чунончи, Ҳусайнқулихони Азимободӣ (нимаи ав. а.XIX) навъе афкори пешиниёнро дар мавриди шеъри Камол ҷамъбаст менамояду мегӯяд: «Шайх Камол ғазалсароиро чун тахаллуси худ ба пояи камол расонида, ки аз ҷумла, мустаидони салаф ба хушкаломии вай муътариф будаанд, ҳаққо ки каломаш бағоят равону ширин ва ҷонбахшу намакин аст» *(саҳ.1284)*. Аз ин таъкидоти муаллифи ахир ва бисёр тазкираҳои дигаре, ки ҳамчунин дар шибҳи қораи Ҳинд таълиф шудаанд ва зикри номи зиёди онҳо дар ин мақола рафт, воқеияти шуҳрати Камолро на танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросону Қафқоз, балки дар байни форсизабонони Ҳинд низ то даврахои ахир нишон медиҳад.

4.Далели қотеъи дигари дар ғазалсароӣ мақоми аввал доштани Хоҷа Камолро нишон медиҳад, тазаккуроти Шайхи Озарӣ дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» аст. Ӯ навъи шеъриии ғазалро мутобиқи рӯҳияи шеършиносии аҳди худ хеле дақиқ таъриф дода ғазалсароро «хоричи тоифви шоирон» медонад ва меафзояд, ки «ин гурӯҳро аҳли лутфу табъ хонанд» *(вар.180а)* ва ҳамчунин дар таърихи ғазали форсии тоҷикии то замони худ мақоми аввалро ба Камоли Хуҷандӣ медиҳад ва менависад: «Афзалулмутааххирин Шайх Камоли Хуҷандӣ қуддиса сирраҳу, ки билоназири мотақаддам ва мотааххири худ аст ва лафзану маънан ин ҳирфаро (ғазалсароиро – Б.М.) ба камоли худ расонидааст ва чунонки ҳақ ин тавр аст, доди нозукӣ ва латофату хаёл дода» *(ҳамон ҷо)*. Баъдан қайд мекунад, ки ғазалсарои маъруфи дигаре ҳаст ва ӯ Мавлоно Шамсуддин Муҳаммад Ҳофиз аст *(ҳамон ҷо)*. Аз ин ҷо на танҳо ҳусни назар ва таваҷҷуҳи Шайхи Озарӣ ба шахсияти шоирии Камоли Хуҷандӣ ва тарзи сухани ӯ ошкоро мушоҳида мешавад, балки бо ин гуфтаҳо ӯ дидгоҳи шеършиносони асрҳои XIV-XV-ро дорад ифода мекунад.

5. Бисёр шоирони ҳамзамони Камол ва баъд аз вай омада, ӯро дар шоирӣ ба ҳайси устоди сухан ба расмият шинохтаанд ва аз равиши сабки ӯ пайравӣ намуданро барои худ мояи ифтихор донистаанд.Яъне мақому ҷойгоҳи Камол дар таърихи ғазалсароӣ ба забони форсии тоҷикӣ ба ҳадде мебошад, ки мактаби адаби адабии ӯ фароҳам омадааст ва ин худ мавзӯи алоҳидаест. Фақат ҳаминро мегӯем, ки яке аз пайравони Камол, бо исми Дарвеш Муҳаммад, ки ба тахаллуси Каримӣ шеър мегуфта, дар мақтаъи яке аз ғазалҳояш гуфтааст:

Бисёр Камоланд, Каримӣ, ба ҷаҳон, лек,
Онро ки камоли сухан аст, он зи Хуҷанд аст *(Булғорӣ,в.305б)*.

Ҳамин шоир боз гуфтааст:

Дар шоирӣ, Каримӣ, гар пайрави Камолӣ,

Ин ҳам камол бошад, чун нест кори ҳар кас *(ҳамон ҷо, в.306б)*.

Умуман, аз гузоришоти фавқ чунин натиҷа ба даст меояд, ки Камоли Хуҷандӣ дар масири ҳамаи замонаҳо шоири шинохта ва мавриди писанду эҳтиромӣ ҳамагон будааст ва дар таърихи адабиёти тоҷик нақше гузоштааст, носутурданӣ.

Мақбараи рамзии Камол дар Хуҷанд. Устод Ш.Ҳусейнзода (ба ҳамқаламии С.Султон) соли 1988 перомуни дар гузашта дар ш.Хуҷанд мавҷуд будани мақбараи рамзии Шайх Камол мақолае навишта буданд. *(Ҳусейнзода, Султон, саҳ.4)*, Аз мазмуни он маълум мешавад, ки шоир ва хаттоти маъруфи нимаи дуюми а.XVIII ва аввали а.XIX Маъюси Хуҷандӣ дар баёзи «Армуғон»-и худ хабаре дарҷ намуда, ки тибқи он пас аз огоҳӣ ёфтан аз даргузашти Камоли Хуҷандӣ ҳокими онвақтаи Хуҷанд ҳайатеро ба Табрез мефиристад. Эшон пас аз зиёрати қабри шоир каме хоки он манзили муборак ва баъзе ашёи шахсии ӯро ҳамроҳи худ ба Хуҷанд меоранд ва бо қувваи мардуми Хуҷанд дар ҷои хонаи падарии шоир мақбараи рамзӣ бино мекунанд ва дар тоқчаи он давоту қаламдон ва як нусха девони шоири маҳбубро мегузоранд. Ҳамин ёдгорӣ то охири солҳои 40-уми а.XX побарҷо будааст. Вале мутаассифона, бо фармони шаҳрдорони кӯрдили онвақта аз байн бурда шудааст.

Имрӯз дар фазои озоду истиқлоли комили давлатии Тоҷикистон ва дар партави сиёсати солими фарҳангии он, ҳам давлати мустақили мо ва ҳам мардуми шарифи тоҷик ба ин шоири бузург арҷи фаровон мениҳанд. Дар соли 1996 дар Хуҷанд муҷассамаи барқади Камоли Хуҷандӣ сохта шуд. Чанде баъд боғи фароғатии Камоли Хуҷандӣ ва маҷмааи ёдгорӣ ва осорхонаи шоир дар Хуҷанд эъмор карда шуд. Баҳри поси хотири дурахшони ин шоири ҳақиқатан мардумӣ муассисаҳои фарҳангӣ, кӯчаву хиёбонҳо дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон ба номи ӯ гузошта шудаанд.

Ҳукумати Тоҷикистон соли 2019 ҷиҳати барпо намудани ҷашни 700-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ ба Кумитаи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО-и Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳод муроҷиат намуда буд ва ин ташаббуси Тоҷикистон 27-уми ноябри соли 2019 аз ҷониби ин ташкилоти пурнуфузи байналмилалӣ дастгирӣ ва ба тасвиб расид. Тирамоҳи соли 2020 дар зодгоҳи шоир симпозиуми байналмилалӣ барпо хоҳад шуд, ва дар кори он аз аксари кишварҳои мутараққии ҷаҳон донишмандони шарқшинос ширкат ҷустанианд. Дар натиҷа ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва мероси адабии шоир ба таври комилтар равшан карда мешаванд. Албатта, ин маъракаи бузурги фарҳангӣ ва ҳамаи корҳои баиҷрорасидаи марбути Камол дар эҳсоси ватандорӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллии халқи тоҷик такони муҳимме ба вуҷуд меоваранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Нештари ишқ. Тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. – Ҷ. 4. – Душанбе: Дониш, 1986;
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Ба кӯшиши Алии Равоқӣ – Теҳрон., 1385;
3. Айнӣ С. Камоли Хуҷандӣ // Куллиёт.-Ҷ. 11, китоби 1. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Саҳ. 222-231;
4. Асадуллоев С. Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 1996;
5. Ахтар, Ҷозӣ Муҳаммадсодиқхон. Офтоби оламтоб. Тасҳеҳи Марями Барзгар. – Теҳрон, 1393; Афсаҳзод А. Камоли Хуҷандӣ. – Душанбе: Дониш, 1976; Афшор, Эраҷ. Тақриз ба Девони
6. Камоли Хуҷандӣ // Раҳнамои китоб. Шумораи 1, соли дувум. – Теҳрон, 1338. – Саҳ. 38-42;
7. Ашраф, Вачеҳуддин. Баҳри Заххор. Тасҳеҳ ва тадвини Озардухти Сафавӣ. – Ҷ. 3. – Деҳлии Нав, 2014;
8. БаҒдодӣ, Исмоилпошшо.Ҳадияту-л-орифин. Иб.аз 2 ҷилд. – Ҷ. 2. – Бейрут, бидуни соли нашр; Балёнӣ, Тақиуддин. Арафот-ул-ошиқин. – Ҷ.5. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1389;
9. Бекдилӣ, Лутфалибеки Озар. Оташкада. Бо муқаддима ва феҳристу таълиқоти Сайид Ҷаъфари Шаҳидӣ.– Теҳрон: Нашри китоб, 1337;
10. Билгиромӣ, Ғудомалии Озод. Хизонаи омира. Канпур, 1871; Бобур, Заҳируддин. Бобурнома. Нашрга тайёрлавчи П.Шамсиев.-Тошкент: Юлдузча, 1989;
11. Брагинский, И.С. Очерки по истории таджикской литературы.–Сталинабад:Таджикгосиздат, 1956;
12. Браун Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷума ва ҳавошии Алиасғари Ҳикмат. – Теҳрон, 1327;
13. Булғорӣ, Муҳаммадҳусайн. Мирсод-ут-тасониф.Нусхаи хаттии Китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон.- № 159;
14. Буснавӣ,Муҳаммади Судӣ. Шарҳи Судӣ бар Ҳофиз. Таҳияи Исмати Сатторзода.- Иб.аз 4 ҷилд. –Ҷ.2. – Теҳрон, 1357;
15. Гозургоҳӣ, Камолуддин Ҳусайн. Маҷолис-ул-ушшоқ. Бо тасвироти амируссултон Ҳусайнӣ.–Канпур: Невал Кишур, 1897;
16. Григорьев В.В. О местоположение Сарая – столицы Золотой Орды // Россия и Азия. – СПб., 1876. – С. 259-322;
17. Ғанӣ, Муҳаммад Абдулғанихон. Тазкират-уш-шуаро. Ба эҳтимоми Муҳаммад Муқтадихони Шарвонӣ.– Олигарх,1916;
18. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Бо эҳтимоми Э.Браун.–Теҳрон: Асотир, 1382;

19. Деҳлавӣ, Абдурраҳими Чиштӣ. Миръот-ул-асрор. Нусхаи хаттии маҳфуз дар Покистон, № 001-2096, аз сомонаи tatFim.com;
20. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. - Ҷ. 3. Таҳияи матн ба тоҷикӣ ба заҳмати М.Нарзиқул ва О.Бобоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2018;
21. Имон, Раҳмалихон. Мунтахаб-ул-латоиф. Тасҳеҳи Ҳусайн Ализода ва Маҳдӣ Ализода.–Теҳрон, 1386; Камоли Хуҷандӣ дар оинаи тазкираҳо. Таҳия ва тавзеҳи И.Шехимов ва З.Юсупов.– Хуҷанд: Хуросон, 2020;
22. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи хаттии Китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон. - № 122;
23. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи хаттии китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад. - № 4739;
24. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Нусхаи хаттии китобхонаи шахсии Р.Ҷалил;
25. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Матни интиқодӣ. Бо кӯшиши Ш.Ҳусейнзода, С.Асадуллоев. Дар 2 ҷилд.– Душанбе: Ирфон, ҷ.1, 1986, ҷ.2,1987;
26. Камоли Хуҷандӣ. Девон.Ба кӯшиши Эраҷи Гулисурхӣ.-Ҷ.1.–Теҳрон: Суруш, 1374; Карбалоӣ, Ҳофиз Ҳусайн. Равзот-ул-ҷинон ва ҷаннот-ул-ҷанон.–Ҷузви 1. Бо тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаъфари Султон Алқарроӣ.– Теҳрон, 1344;
27. Кирмоншоҳӣ, Оҳо Муҳаммад. Хайротия.-Ҷ.1.– Теҳрон, 1380;
28. Кокуравӣ, Муншӣ Аҳмад Ҳусайни Сеҳрӣ. Тӯри маънӣ. Бо кӯшиши Аҳмади Нӯъмонӣ, 1385;
29. Комиссаров, Д.С. Содик Хидаят потомок Камала Худжанди / Пути развития новой и новейшей персидской литературы.–М., 1982;
30. Кошонӣ, Тақиуддин. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор. Нусхаи Китобхонаи оммавии СПб. ба номи Салтиков Шедрин. - № 402;
31. Лоҳурӣ, Ғуломсарвар.Хазинат-ул-асфиё. –Ҷ.2.–Кобул, Китобхонаи Ансорӣ, чопи сангӣ (бидуни соли нашр);
32. Лудӣ, Шерхон. Миръот-ул-хаёл. Ба эҳтимоми Ҳомид Ҳасанӣ ва Беҳрӯз Сафарзода.–Теҳрон: Равзана, 1377;
33. Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ Муставфӣ. Нузҳат-ул-қулуб. Ба тасҳеҳи Муҳаммад Дабири Сиёқӣ.–Теҳрон, 1336;
34. Қумӣ, Қозӣ Саид. Асрор-ул-ибодот. Мусаҳҳеҳ Сайид Муҳаммадбоқири Сабзворӣ.–Теҳрон, 1339;
35. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2.–Душанбе: Маориф, 1977;
36. Муқаддимаи камолшиносӣ. Таҳияи Б.Раҳматов, И.Шехимов.–Хуҷанд:Ношир, 2015;
37. Муллоаҳмад, Мирзо. Ворисони номвари Камоли Хуҷандӣ дар Эрон // Маводи Конф. Байналмилалӣ: “ Камоли Хуҷандӣ: ташаккули адабиётшиносӣ ва равобити адабӣ”.–Хуҷанд: Ношир, 2016.–Саҳ. 188-190;
38. Муҳаммадкозим, ибни Муҳаммад. Манзар-ул-авлиё. Ба кӯшиши Мирҳошими Муҳаддис.–Теҳрон, 1388;
39. Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал ибни Маликшоҳ. Маноқиби Шайх Маслиҳатдини Хуҷандӣ. Бо кӯшиши С.Умаров.–Хуҷанд: Ношир, 2015;
40. Насриддин, А. Сеҳри мубин.–Хуҷанд: Р.Ҷалил, 1997;
41. Нахҷувонӣ, Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ. Дастур-ал-котиб фӣ таъйин-ал-маротиб. Ба кӯшиши Абдулкарим Ализода Алӣ Ӯғли.–Ҷ. 2.–М., 1976;
42. Озарӣ, Исфароинӣ Шайх. Ҷавоҳир-ул-асрор. Нусхаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон.–№ 1916;
43. Орзу, Сирочуддин Алихон. Маҷмаъ-ун-нафоис.–Ҷ. 3. Ба кӯшиши Муҳаммад Сарфарози Зафар.– Исломобод, 2006;
44. Рамзӣ, Мурод. Талфиқу-л-ахбор.–Ҷ. 2.–Бейрут: Дору-л-кутуби-л-илмия, 2002;
45. Раҳматов, Б. Симои Камол дар сарчашмаҳои куҳан / Камол дар оинаи тазкираҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2020.–Саҳ. 5-36;
46. Розӣ, Абдулмузанниб. Сафинат-ул-авлиё. Нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон. - № 1386;
47. Роқимӣ, Сайид Шариф. Таърихи Роқимӣ. Нусхаи Маркази мероси хаттии АИ Тоҷикистон. - № 307;
48. Санбаҳлӣ,Мир Ҳусайндӯст. Тазкираи Ҳусайнӣ. Калкатта: Невал Кишур, 1855;
49. Сандалевӣ, Аҳмад Алихон. Махзан-ул-ғароиб. Нусхаи хаттии Китобхонаи Бодлеан.-№ 395;
50. Систонӣ, Шоҳҳусайн. Хайр-ул-ахбор. Нусхаи хаттии китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломӣ. - № 66544;
51. Салмосизода Ҷавод. Зиндагиномаи тане чанд аз орифон ва сӯфиёни Озарбойҷон // Озарбодагон дар оинаи таърихи Эрон.–Табрез: Интишороти Донишгоҳи Озарбодагон, 1353.–Саҳ. 193-214;
52. Сафавӣ, Соммирзо. Туҳфаи Сомӣ. Таҳияи Б.Мақсудов. – Душанбе: Принт, 2018;
53. Сафӣ, Фахруддин Алӣ. Латоиф-ут-тавоиф. Ба кӯшиши Аҳмад Гулчини Маонӣ.–Теҳрон, 1336;
54. Сомӣ, Шамсуддин. Қомус-ул-аълом.–Ҷ. 5.–Исломбул, 1314;
55. Табрезӣ, Мирзо Муҳаммадалии Мударрис. Райҳонат-ул-адаб. – Ҷ. 3. – Теҳрон, 1338;
56. Таҳрири «Таърихи Вассоф». Ба қалами Абдулмуҳаммади Оятӣ.–Теҳрон,1346;
57. Халилхон, Алӣ Иброҳим. Суҳуфи Иброҳим.–Нусхаи хаттии Китобхонаи давлатии Берлин. - № 86629679;
58. Хондмир. Ҳабиб-ус-сияр.–Ҷузви 3, ҷузъи 3.–Ҳиндустон, 1283;
59. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ.–Дафтари аввал.-Нусхаи хаттии Китобхонаи давлатии Берлин. - № 866830146;
60. Ҳашрӣ, Мулло. Равзаи Атҳор. Ба эҳтимоми Азизи Давлатободӣ.– Табрез, 1371;
61. Ҳидоят, Ризоқулихон.Риёз-ул-орифин.–Теҳрон, 1316; Ҳидоят. Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо.–Ҷ. 2. Бо кӯшиши Мазоҳири Мусаффо.– Теҳрон, 1339;
62. Ҳусейнзода Ш. Адабиёти тоҷик барои синфи 8. Нашри 12.– Душанбе: Маориф, 1978;
63. Ҳусейнзода Ш., Султон С. Бори дигар дар бораи зиёратгоҳи Камоли Хуҷандӣ.: Тоҷикистони советӣ. 14-июли 1988.– Саҳ. 4;
64. Ҳуҷвирӣ. Кашф-ул-маҳҷуб.Бо кӯшиши Сайид Абдулмаҷид ибни Абдулло.-Самарқанд: матбааи Солинов, 1330;
65. Шарвонӣ, Зайнулобуддин ибни Искандар. Бӯстон-ус-сайёҳа.–Теҳрон, бе соли нашр;
66. Шоҳнавозхон, Мир Абдураззоқи Самсомуддавла. Баҳористони сухан. Бо кӯшиши Абдулмуҳаммади Оятӣ. – Теҳрон, 1388;
67. Ҷомеъу-т-тафосир – Мавсуъату-л-қуръония, бахши “Рӯҳу-л-баён”.–Ҷ.2. –Теҳрон: Нур, 1390;

68. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Маҳдии Тавҳидипур.–Теҳрон, 1336;
69. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон. Ба кӯшиши А.Афсаҳзод – Душанбе: Дониш, 1972;
70. Blucher E. Catalogue des manuscripts Persians de la bibliotheque nationale. Vol. 3. – Paris: 1905 1912 [NN 1695 1698];
71. Rieu. Ch. Catalogue of the Persian manuscripts in the British Museum. – Vol.2. – L., 1881.

ШАРҲИ ҲОЛИ ИЛМИИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар мақолаи ҳозир саъй шудааст, тарҷумаи ҳоли илмии Шайх Камоли Хуҷандӣ, шоири бузурги ғазалсарои тоҷики асри XIV, ба вуҷуд оварда шавад. Муаллиф бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои асримиёнагии маълум (онҳо беш аз 70 тоанд) ва ҳамчунин бо бархурди интиқодӣ нисбат ба афкори донишмандони муосир, ки рӯйи таъйин намудани аҳволи зиндагии ин шоир корҳое кардаанд, муваффақ шудааст шарҳи ҳоли шоирро то ҳадди мумкин густарда, вале мустанад ба вуҷуд оварад. Дар ин мақола аз ҷумла доир ба таъйин намудани ному алқоби ифтихории шоир, насаби ӯ, сабабҳои тарки зодгоҳ карданаш, сафарҳои ӯ, дар Табрез муқим шудани вай, аҳволи будубоши ӯ дар Сарой, увдати шоир аз он ҷо ба Табрез, шуҳрати маънавию шоирии ӯ, робитаҳояш бо бузургони ҳамзамонаш ва зимомдорони замон, алоқаи ӯ бо қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан бо аҳли заҳмат ва монанди инҳо таҳқиқи дақиқ ва мудаллал анҷом шудааст. Дар мақола дар мавриди вазъи ирфонии Камоли Хуҷандӣ, маслаки ӯ баррасиҳо сурат гирифтааст ва роҷеъ ба ҷойгоҳи меҳварӣ доштани ишқ дар ирфони шоир, мисли Ҳофиз увайсию маломатӣ будани ӯ ва аз аҳли таҷаллии суварӣ,ҷонибдори собитқадами мактаби ҷамол будани ӯ ва умуман сурату сирати ин шоир дар заминаи баҳсҳо бо донишмандони гузаштаву имрӯза муҳокимаҳо баён шудаанд. Ақидаи дар мавриди дар Санг ном қалъае гӯё муддате маҳбус будани Камол комилан рад карда мешавад ва масъалаи интисоби рубоии доир ба ин ҳодиса гуфташуда ҳал карда шуда, ба қалами Ҷамолиддини Хуҷандӣ мансуб будани он ба субут расонида мешавад. Дар мақола барои ҳалли баъзе уқдаҳои шарҳиҳолии Камол аз ашъори марбутаи ӯ истифодаи лозим сурат гирифтааст. Шахсияти эҷодии Камол таъйин карда шуда, маълум карда мешавад, ки Камол дар кори эҷоди адабӣ истиқлоли комил дошт ва то охир зери бори иродаи ҳеч касе набудааст. Ӯ ҳамеша бо иззати тамом дар ҳалқаи муридону дӯстонаш сарбаландона зиндагӣ ва эҷод кардааст. Дар асоси далелҳои шайъӣ ва асноди мустаҳкам санаи даргузашти шоир соли 803/1400-1401 таъйин карда мешавад. Билохира дар мақола дар мавриди шуҳрати Камол дар имтидоди замонаҳо ва мақоми ӯ дар таърихи ғазалсароӣ ба забони форсӣ мулоҳизаҳои тоза баён мешавад.

Клидвожаҳо: Камол, шарҳи ҳоли илмӣ, манбаъҳо, интиқод, ирфон, ғазал, шуҳрат.

НАУЧНАЯ БИОГРАФИЯ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В данной статье впервые с привлечением информации доступных до сего времени всех средневековых источников (а их более 70), а также с критическим подходом к солидным мнениям современных ученых относительно отдельных моментов жизни известного поэта-лирика классического периода Шейха Камола Худжанди, шире и детально восстанавливается сравнительно полная его научная биография. В том числе, доподлинно исследуются такие вопросы, как собственное имя поэта, его духовное и почетное нарекания, поэтический псевдоним, социальное происхождение, степень образования, путешествия, обоснование поэта в Тебризе, семья, его пребывание в городе Сарае, возвращение в Тебриз, распространение его славы и популярности, его связи с различными слоями общественности того времени, особенно с трудовым народом и т.п. Прослежено его отношение к суфийским орденам и вообще к суфизму, исследовано значение любви в его суфийской доктрине, принадлежность поэта к такому течению, как *маломатие* и к картинной эманации, выявлена симпатия поэта к экстатическому суфизму. Высказываются мнения о внешнем и внутреннем мире поэта. Полностью опровергается бытующее мнение о мнимом заточении поэта в так называемом замке Санг. Разрешается вопрос об атрибуции одного рубаи, содержание которого объясняет заточение поэта в данном замке и доказывается, что этот рубаи принадлежит некоему поэту конца 12 и начало 13 вв. Джамолиддину Худжанди. В описании некоторых биографических моментов в статье максимально использованы соответствующие отрывки стихотворений поэта. Таким образом, определяется творческая личность Камола Худжанди как самобытного поэта. Утверждается, что поэт обладал творческой самостоятельностью и решимостью и в творческом деле никогда не находился под влиянием какого-либо лица.Камол всегда жил и творил с чувством личного достоинства и имел огромный авторитет среди народа. Неопровержимым фактом является верность определения даты его смерти как 803/1400-1401 гг. Наконец устанавливается место Камола Худжанди в истории персидско-таджикской классической литературы, как выдающегося поэта-лирика, имеющего собственную поэтическую школу.

Ключевые слова: Камол Худжанди, научная биография, источники, критика, суфизм, газель, популярность.

STUDY OF SHEIKH KAMAL KHUJANDI'S SCHOLARSHIP

In this article, all efforts have been made to present a scientific account of the life and works of , Shaikh Kamal Khujandi, the great lyricist of Tajik People in 14 century A.D. I have done my best in order to write his life and times, related to his works, using the sources of the middle ages, overwhelmingly more than 70 source, and also I have used the new and contemporary sources and accounts, by observing the critical methodology, and by using all available sources, I have tried my best to document life and thoughts of Kamal Khujandi! In this Account, I have explained the following issues regarding to this poet: Poet's name, his honored nicknames and titles, his family tree and his ancestors, the reason behind his departure from his mother land, his journeys and trips, his residence in Tabriz city, his life account and his career, his spiritual and poetic position, his relations with his contemporaries, especially the rulers contemporary to him, his communication with different layers and stratum of the society! I have also outline his tendency to mysticism, and his have noticed that "love" has a central and focal point in his thought! I have also explored either he was like Hafiz, Owissian scholar, had blaming thought, regarding to the fate of human beings, or not! In this regards, I have analyzed and explored the thoughts and genius findings of other honorable researchers and have showed the novelty of such studies! I have refuted the myth of imprisonment of Kamal Khujandi in a fort, named "Sangi", but have proved the validity of a (rubayi=four line versed poetry) of him, being from his owns pen, however falsely related to the above mentioned myth of being imprisoned! I have also used the works and remaining poetic works of Kamal Khujandi, as a valid and rich source for exploring and studying the poet's life and times, and also I have used those sources for studying the thoughts and believes of the poet! I

have noticed that Kamal Khujandi was a creative poet, having a genuine and noble personality, and among the circle of his friends and students, he was honored very much! He neither was influenced by oppressors and ruling elites in his poetic and literary work. He lived honorably, an honest life, full of pride and virtues! It seems according to the valid sources that he passed away in the year 803 A.H, coinciding to 1400-1401 A.D. At the end, and finally I have evaluated the popularity and fame of Kamal Khujandi all along the passage of hundreds of years, and for many centuries, he has been one of the most favorite poets of Persian speaking countries! He has had a high authority, among the most famous lyricists and famous poets of Tajik Persian language! He still remains, one of the most beloved poets of the history of the lyric poetry in this language!

Key words: Kamal Khujandi, biography of scholarship, criticism, lyric, mysticism, Fame.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бадриддин Мақсудзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919-13-98-19** Email: **maksudov-56@mail.ru**

Сведение об авторе: ***Бадриддин Максудзода*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919-13-98-19** Email: **maksudov-56@mail.ru**

Information about the author: ***Badriddin Maksudzoda*** **-** Tajik National University, Doctor of Philology, and Professor of the Department of the History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **919-13-98-19** E-mail: **maksudov-56@mail.ru**

УДК: 891.550-1

МУЛОҲИЗАҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ ОИД БА САДРИ ЗИЁ
(дар асоси маводи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»)

Маҳмадаминов А., Абдулҳаев З.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Чунин ба назар мерасад, ки ба такрор зикр ёфтани номи Шарифҷонмахдуми Садри Зиё (1865 - 1932) дар китоби «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», устод С.Айнӣ ӯро дар маркази ҳаводис ва равандҳои тағйирёбандаи ҷомеаи Бухорои Шариф қарор додааст, зеро танҳо номи Садри Зиё дар он китоб 28 бор зикр ёфта, 3 маротибаи дигар ҳамчун қозикалон ба ӯ ишораҳо шудааст. Ҳоло ин ки аз дигар намояндагони аҳли илму адаб танҳо як ва ё якчанд бор ном бурда мешавад. Ин гувоҳ бар он аст, ки муносибату равобити устод Айнӣ бо Садри Зиё дар он шароити мутақобила чунон зич ва сарнавиштсоз будааст, ки баъдан дар асару китобҳо ҳамдигарро бо камоли эҳтиром ёд менамоянд.

Дар ҳақиқат, маъхази асосӣ барои фаҳмидани муносибату робитаи С.Айнӣ ва Садри Зиё ҳамоно асарҳои худи онҳо мебошад. С.Айнӣ дар бисёр асарҳои илмию таърихӣ ва адабии худ ба ягон муносибат Садри Зиёро ном бурда, дар бораи ӯ ақидаҳояшро баён намудааст.

Яке аз сарчашмаи муътамад барои фаҳмидани муносибату робитаи С.Айнӣ бо Садри Зиё ҳамоно «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» - и устод Айнӣ ба шумор меравад. С.Айнӣ дар ин китоб дар бораи Шарифҷонмахдуми Садри Зиё ва ҳамсуҳбатони ӯ маълумоти пурқимат додааст, ки қисми зиёди онҳо дар маъхазҳои адабию таърихии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дида намешаванд.

Дар ин мақола мулоҳизаҳои С. Айнӣ оид ба Садри Зиё, дар асоси маводи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» мавриди баррасӣ қарор дода хоҳад шуд.

Шахсияти маъруфи иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ – Садри Зиё дар ташаккули маърифату маънавияти асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ саҳми бузург гузоштааст. Ин аст, ки С. Айнӣ дар бораи Садри Зиё чунин гуфтааст: «Шарифҷонмаҳдум бешубҳа, аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд» [3, с.44].

Дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», ки аввалин бор ба сифати китоби алоҳида соли 1958 нашр гардида буд, оид ба Садри Зиё фикру ақидаҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Муаллиф дар ин асар, ки соли 1940 таълиф ва дар солҳои 1948-1949 ба он иловаҳо дохил намудааст, асосан ба мухтасари маълумот оид ба Садри Зиё баъзе чизҳои нав зикр кардааст. Аз ҷумла ӯ оид ба мухлиси Аҳмади Дониш ва Сомӣ будани Садри Зиё ва забони асарҳои вай чунин гуфтааст, ки он дар «Ёддоштҳо» дида намешавад: «Шарифҷонмахдум аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Дониш ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро (нисбат ба он ду шахс. – А.М., З.А.) боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт» [1, с.59].

Дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» мулоқоти аввалини С.Айнӣ ва Садри Зиё зикр шудааст, ки он замони сафари ӯ ба Ғиждувон дар соли 1889 воқеъ шуда буд. Маҳз дар натиҷаи ҳамин мулоқот С.Айнӣ барои ба Бухоро рафта хондан имконият пайдо мекунад.

Устод Айнӣ, ки дар хурдӣ аз худ истеъдоди фавқулодаи фитрӣ зоҳир менамуд, таваҷҷуҳи Шарифҷонмахдуми Садри Зиёро, ки яке аз шахсиятҳои барҷастаи адабиёт ва сиёсати охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад, ба худ ҷалб намуд. Чунонки худи ӯ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» мегӯяд: «Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки ман барои хондан ба Бухоро рафтанӣ шудам» [1, с.25].

С. Айнӣ воқеаеро, ки бо Абдулвоҳиди Мунзим дар ҳавлии мулло Абдуссалом рӯй дод ва сабаби шиносоӣ бо Шарифҷонмахдуми Садри Зиё гардид, дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» бо ҷузъиёташ чунин меорад: «Дар он рӯз дар ҳамсояқишлоқи онҳо дар ҳавлии мулло Абдуссалом ном домуллои кунҷакии (домуллои хурд) акаам аз Бухоро меҳмон омадааст, акаамро барои хидмати меҳмонон ба он ҷо ҷеғ зада бурда будаанд. Ба он ҷо рафтани маро шунида, маро ҳам он ҷо барои хидмат ҷеғ заданд.

Ман рафтам. Ба ман ду самовори калони чойхонагиро супурданд, ки доим ҷӯшонда истам. Дар вақте ки ман дар сари самовор будам, аз меҳмонхона як писарбачаи хурдсол, ки бо ман ҳамқад буд, баромада пеши ман омад. Аммо ба ман нигоҳ накарда хамёзае кашид ва худ ба худ ғунг-ғунг кард:

–Саҳро ба дил зад. Дар ин ҷо як бачаи қӯрчбуро нест, ки кас лоақал бо ӯ байтбарак кунад.

–Байтбарак чист? – ман аз ӯ пурсидам....

–Ин тавр бошад, сар кунед!

Ӯ хонд ва ман хондам, тахминан 50-60 байт бо ҳам баҳсу ҷавоб кардем... Ҷанҷол сар шуд... Баъд аз як дақиқа маро ба меҳмонхона ҷаг заданд. Ман рафтам.

Дар пешгоҳи хона як ҷавони навриши тахминан 25-26 сола менишаст, ки ӯ сармеҳмон буд...

–Гапи ту дуруст, – гуфт ӯ ба ман ва ба акаам, ки чой кашида нишаста буд, нигоҳ карда: – ин бачаро барои хонондан ба шаҳр бурдан даркор аст, қобилиятнок менамояд – гуфт...

Меҳмон Шарифҷонмахдум ном яке аз калонзодагони Бухоро буд, ки падараш дар вақташ дар Бухоро қозикалон будааст» [1, с.26-27].

Воқеан, Садри Зиё бо қувваи рамузфаҳмии худ пас аз байтбараки Садриддину Мирзо Абдулвоҳид дар С.Айнӣ қобилияте ҳис менамояд ва чунонки зикр шуд, бародари Айниву мулло Абдуссаломро таъкид менамояд, ки: – «ин бачаро барои хонондан ба шаҳр бурдан даркор аст». Ва онҳо дар навбати худ ба Садри Зиё ваъда медиҳанд, ки, албатта, Садриддинро ба Бухоро, ба хондан бибаранд.

Ин буд, ки маҳз бо таҳсину ҳидояти Садри Зиё ва сарпарастии ӯ Садриддини хурдсол имконият пайдо намуд, ки рафта дар мадрасаҳои Бухоро таълим гирад ва дар мактаби адабии Садри Зиё тарбият ёбад.

Воқеан, таҳсин ва сухани Садри Зиё ба С.Айнӣ чунон таъсир намуд, ки ӯ азм намуд ба ҳар мушкилие бошад, ба хондан ба Бухоро равад: «Таҳсин ёфтани қобилияти худам аз тарафи ӯ маро тарғиб кард, ки коре карда барои хондан Бухоро равам» [1, с.27].

Агар кашшофият, тавсия ва дастгириҳои Садри Зиё нисбат ба С. Айнӣ намебуд, шояд мо имрӯз Айнии қаҳрамонро намедоштем.

С.Айнии хурдсол маҳз бо тавсияи Садри Зиё барои таҳсил ба Бухоро меояд ва муддате дар ҳавлии ӯ зиндагӣ карда, аз китобхонаи машҳури ӯ баҳра мебарад. Маҳз дар ҳамин даргоҳ «ба доираи рӯшанфикрони пешқадам, ки рӯҳияи оппозитсионӣ доштанд», [2, с.33] роҳ меёбад. Ба қавли Муҳаммадҷони Шакурӣ, «ин барои ташаккули шахсияти Айнӣ, барои муайян шудани роҳи баъдинаи ӯ аҳаммияти калон дошт. Устод як умр аз ин хусус бо сипосгузорӣ сухан рондааст» [6, с.8]. С.Айнӣ бо моҳияти афкору осори Аҳмади Дониш маҳз дар ҳавлии Садри Зиё ва ба воситаи «мактаби адабиёт»-и вай ошно гардид.

Бо ин ташвиқ Шарифҷонмахдуми Садри Зиё дар аввалин мусоҳибаи худ дар дили С.Айнӣ шавқи хонданро аз нав бедор карда, сабаби Бухоро омада хондани ӯ гардид. С.Айнӣ дар ин бора чунин менигорад: «Ман аз меҳмонхона баромадам, дар ҳолате, ки аз ин мусоҳиба аз ҳад зиёд хурсанд будам.... Аз ҳад зиёд хурсанд шудани ман аз он ҷиҳат буд, ки ман дар натиҷаи ин мусоҳиба ҳамаи монеаҳоро пушти по зада, дигарбора ҷазм кардам, ки ба ҳар душворие, ки бошад, Бухоро рафта хонам» [4, с.127].

Вохӯрии дуюми С.Айнӣ бо Садри Зиё пас аз як сол дар Бухоро дар ҳуҷраи мулло Абдуссалом воқеъ мегардад, ки (ӯ қории ҷамоаи худро зиёфат медод) он вақт Садриддин Айнӣ талабаи мадраса буда, дар паноҳи мулло Абдуссалом ва рафиқонаш зиндагӣ мекард. Садри Зиё дар ҳуҷраи мулло Абдуссалом дар «аввалин дидан» Садриддинро шинохта мегӯяд: «Хуб кардетон, ки ин бачаро ба хондан овардетон» [1, с.32] ва ҳангоми рафтан аз

мулло Абдуссалом хоҳиш мекунад, ки: «Агар ин бача дар пеши акааш танг мешуда бошад, ба ҳавлии мо бурда монед, дар он ҷо хизмат карда, хонда мегардад» [1, с.33].

С.Айнӣ суҳбатеро, ки он вақт дар меҳмонии ҳуҷраи мулло Абдуссалом бо иштироки Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, Назруллоҳи Лутфӣ, мулло Раҳмати сартарош, мулло Бурҳони кӯлобӣ барпо шуда буд, ёдоварӣ намуда дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» навиштааст: «Ин меҳмонон мисли хӯҷаинҳои ман набуданд, инҳо одамони зиндадил, хушчақчақ буданд, шеър мехонданд ва латифаҳо мегуфтанд. Ман аввалин бор буд, ки дар Бухоро ин гуна одамони зиндадил ва адабиётчиро дида истода будам» [1, с.32-33].

Ба ин тариқ, пас аз вохӯрии дуюм С.Айнӣ ба хизмати Шарифҷонмахдуми Садри Зиё дохил шуд, ки ин дар ҳаёти минбаъдаи ӯ таъсири бузург расонид. Чунончи, устод Айнӣ мегӯяд: «Ман хеле шод будам, ки аз даруни мурдагон баромада, ба доираи зиндадилон медароям» [1, с.33].

Дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» С.Айнӣ хонандаро ба ҷойи истиқомат, аҳли оила, хизматгорон, шароити хубу аҳволи бад ва вазифаҳое, ки ӯ дар он ҳавлӣ мебоист ба сифати хизматгор иҷро мекард, шинос намудааст.

Аҳволи С.Айнӣ дар ҳавлии Шарифҷонмахдуми Садри Зиё аз як ҷиҳат ҳам хуб буд ва ҳам бад. Барои он хуб буд, ки ӯ аз аҳли ҷамоаи адибон, ки меҳмони доимии Садри Зиё буданд, истифода мебурд ва хазинаи дониши худро аз лафз ва маънӣ пур менамуд: «Хонаи Шарифҷонмахдум барои ман ҳам нагз буд, ҳам бад. Нагз аз он ҷиҳат буд, ки ҳар ҳафта се шаби таътил шоирон ва хушгапони шаҳр дар он ҷо ҷамъ мешуданд, шеърхонӣ ва латифагӯйӣ мекарданд. Одатан дар он гуна суҳбатҳо хизмати даруни меҳмонхона – чойкашӣ, дастархонандозӣ ва дигарҳоро ман ва Мирзо Абдулвоҳид мекардем... Ман аз он суҳбатҳо комилан истифода мекардам» [1, с.33].

Ғайр аз ин, С.Айнӣ дар хонаи Садри Зиё бо шахсиятҳои шинохта ва шоирони дараҷаи аввал шинос шуда, аз Аҳмади Дониш ва ақидаҳои маорифпарваронааш огоҳӣ пайдо менамояд. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Ман бо Назруллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Содиқхӯҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллоҳхӯҷаи Таҳсин, қорӣ Абдулкарими Офарини Дӯзахӣ ва Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигарҳо дар он ҷо шинос ва ҳолдон шудам. Ҳарчанд инҳо аз ҷиҳати савияи фикрӣ аз ҳамасрони худ кам фарқ доштанд, аммо ҳамеша як навъ ҳаракатҳои оппозитсионӣ нишон медоданд... Дар он маҷлисҳо аз Аҳмади Калла ҳам гап мешуд. Аммо онҳо мисли муллоҳои мадраса ӯро дашном намедоданд, балки бо эҳтиром ва тақдир ном мебурданд» [1, с.33-34].

Дар вақтҳои холигӣ Садри Зиё бисёр мутолаа мекард ва ба «ду нури чашми худ» – С.Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳид ҷойҳои завқовари онро хонда мефаҳмонд. Ин аст, ки устод Айнӣ мегӯяд: «Худи Шарифҷонмахдум дар вақтҳои танҳо монданаш бисёр шеър ва асарҳои адабӣ мехонд ва ҷоҳои завқоварашро баланд хонда, ба ман ва Мирзо Абдулвоҳид эзоҳ карда медод. Гоҳо «Шоҳнома» барин баъзе китобҳоро ба мо хононда худ гӯш медод, ҷоҳои ғалат хондаи моро тасҳеҳ мекард ва ҷоҳои мо нафаҳмидагиро эзоҳ медод» [1, с.34].

С.Айнӣ дар маҷлисҳои Шарифҷонмахдум иштирок карда, на танҳо бо иштирокчиёни аз кору бори замон норозии маҷлисҳои ӯ шинос ва ҳолдон шуд, балки дар бораи мухолифони дарбор ва тартиботи аморат – Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигарон маълумот пайдо кард.

Дигар ҷиҳати хуби ҳавлии Шарифҷонмахдум, ки барои С.Айнӣ гуворо буд ва ба мақсадҳои ҳамонвақтаю ояндаи ӯ мувофиқат мекард, китобхонаи бойи ӯ ба ҳисоб мерафт. С.Айнӣ эътироф мекунад, ки маълумоти муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардааст ва ба ин далел Садри Зиёро «аввалин тарбиятгари маънавии худ» меҳисобад: «Ман метавонам гӯям, ки материалҳои муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ ҷамъ овардам» [1, с.34].

Ба ғайр аз ин, С.Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» баъзе ҷиҳатҳо ва хусусияти манфии Садри Зиё ва ҳавлии ӯро низ зикр кардааст. Чунончи: «Бо ҳамаи ин, хизмати ин ҳавлӣ барои ман бисёр вазнин буд. Бори вазнин ва кори зӯри ин ҳавлии серодам бештарин ба гардани ман буд. Ман хона ва рӯйи ҳавлиҳоро мерӯфтам, баъзан саис таки аспҳоро ҳам ба ман мерӯбонид, ҳезуми таки оташдони ин ҳавлии калонро ман кафонда медода, аз бозор вакили харҷ ҳар чӣ харад, ман бардошта меомадам. Пошобибӣ (модари хӯҷаин) ҳар рӯз маро ба чанд ҷой ба чизбардоштабарӣ ё ба чизбардоштабиёрӣ мефиристод.

Баъдҳо ман фаҳмидам, ки ҳамаи хизматгорҳо дар ин ҷо бемузд ва бе либос кор мекарданд. Вакили харҷ барои он бе музд кор мекардааст, ки рӯзе хӯҷаин қозӣ мешавад ва ӯ аз сояи давлати вай бисёр пул хоҳад ёфт. Мирзо Абдулвоҳид мисли ман бепадару модар ва бехешованд будааст. Як нафар қадрдони падараш ӯро ба ин ҷо оварда мондааст, ки дар кӯчаҳо сарсарӣ нагардад, дар он ҷо ягон чиз ёд гирад. Бинобар ин, ӯ барои дар оянда мирзои қозихона шудан иншо, мукотибот ва соиқ машқ мекард. Либосашро аз мероси

падараш, ки ба касе супурда монда буданд, тайёр менамуд. Саис як одами саҳрой буд. Акаи ӯ бо Шарифҷонмахдум шарик будааст ва ӯ мехоста будааст, ки ба воситаи махдум (Шарифҷон) даҳяк (мукофоти илмӣ) гирад. Бинобар ин, барои хушомад, додари худро дар ин ҷо саис карда монда будааст, (вақте ки ӯ даҳяк гирифт, додараш ҳам аз ин ҷо рафт, мисли болои мурда сад чӯб, нигоҳубини ду асп ҳам ба гардани ман бор шуд).

Танҳо ман будам, ки дар ин ҷо бе ҳеҷ мақсад (фақат барои шикам сер кардан) кор мекардам. Дуруст аст, ки ман дар ин ҷо бисёр чиз ёд гирифта истода будам. Лекин кор зӯр ва танам бараҳна буд.

Ман танҳо як ҷома ва як курта – лозимӣ доштам, ки онҳо ҳам куҳна шуда дарида буданд. Вақте ки ҳама ба ҷое раванд ва касе намонад, ман ба тарафи аспхона гузашта куртаамро мешустам. Баъд аз хушконида пӯшидани он, дар навбати дигар лозимиамро кашида мешустам [1, с.34-35].

Зоҳиран С.Айнӣ аз ин шароит норозӣ буд ва таъкид мекунад, ки хӯҷаинаш ба ӯ аҳаммият намедиҳад. Боре кафши С.Айнӣ дарида рафта буд ва Садри Зиё инро аҳаммият дода кафши калони худро ба ӯ медиҳад: «Ҳоло ҳам бемаҳсӣ будам, кафши булғорам тамоман даридагӣ буд ва бо ин кафш дар даруни лой ва барфи ҳавлӣ ва кӯча мегаштам.

Боре хӯҷаин ба кафши ман нигоҳ карда:

–Кафшат даридааст, зоҳиран, кафши дигар надорӣ. Ана ин кафши маро пӯш, – гӯён кафши куҳнаи худро ба ман дод. Аммо ӯ фикр накард, ки он кафш ба пойи ман рост намеояд. Ман он кафшро ба акаам додам ва худ боз бо ҳамон кафши даридаи худ мегаштам» [1, с.35].

С.Айнӣ хизмати шашмоҳаи худро ёдоварӣ намуда, таъкид медорад, ки дар ин муддат бемузд кор карда, танҳо баъд аз фарзанддор шудани зани хӯҷаинаш, ки барои муждарасонӣ рафта буд ва як ҷома он ҳам аз дӯсти Садри Зиё буд, ба даст овард:

–«Як вақт зани хӯҷаин зоид ва хӯҷаини мо хизматгоронро ягон-ягон ба ошноҳои худ барои муждарасонӣ фиристод. Аз ин ҷумла маро ба Ҳоҷӣ Султон ном касе фиристод. Ӯ ба ман як ҷомаи алочаи ресмонии абра-астар дод, ки худаш пӯшида мегашт. Ман он ҷомаро оварда ба хӯҷаин додам. Аммо ӯ нагирифт.

–Хоҳӣ, мепӯшию хоҳӣ мефурӯшӣ, – гуфт.

–Албатта, ман он ҷомаро пӯшида наметавонистам, чунки қадаш аз қади ман ду баробар зиёд буд. Аммо ба фурӯхтан ҳам дилам нашуд, ки арзон мерафт, вайро ҳам ба акаам додам.

Ана ҳамин ду чиз буд музди хизмати шашмоҳаи ман» [1, с.35-36].

Ин вазъият ба С.Айнӣ сахт буд ва ӯ ба назди бародараш рафта аз ин шароити вазнин шикоят бурд ва дар ин ҳангом Мирсолеҳмахдум шарикдарси бародари устод Айнӣ, ки дар он ҷо буд, ваъда медиҳад, ки С.Айниро дар мадрасаи Олимҷон хизматгор монад. Пас аз ду моҳи ваъдагӣ ниҳоят С.Айнӣ бе рухсат ва хабардорӣ хонаи Садри Зиёро тарк намуда баромада меравад. Чунончи, мегӯяд: «Ин шароит ба ман бисёр сахтӣ кард. Рӯзе ба пеши акаам рафта шикоят кардам (акаам он вақт дар мадрасаи Олимҷон бо укаам меистод) ва аз ӯ ёрмандӣ пурсидам, ки маро дар ҷое хизматгор монад, ки ба ман либос ҳам диҳад. Дар ҳамон вақт дар пеши акаам Мирсолеҳмахдум ном шарикаш буд. Ӯ дар гузари Чорхарос ҳавлӣ ва дар ҳамон гузар дар мадрасаи Олимҷон ҳуҷра дошт.

Ӯ ба ман ваъда дод, ки маро дар мадрасаи Олимҷон фаррош (рӯфтурӯбчӣ) кунад. Лекин ду моҳ сабр кардан даркор аст.

Ман ду моҳи дигар дандон ба дандон монда дар ҳавлии Шарифҷонмахдум истодам ва дар сари ваъда ба фаррошии мадрасаи Олимҷон таъйин шуда, бе хабар додан ба хӯҷаин ва рухсат гирифтан аз ӯ ба он ҷо рафтам» [1, с.36].

Албатта, С.Айнӣ маҷбур буд чунин рафтор кунад, зеро аввалан, вақти ӯ беҳуда дар корҳои хоҷагидорӣ сарф мешуд ва ин боиси пешрафт накардан дар роҳи илм мегардид. Дувум ин ки ҳавлии Садри Зиё эҳтиёҷоти моддии ӯро бароварда намесохт. Аз ин хотир тағйир додани ҷойи истиқомат амри зарурӣ барои Айнии толибилм ба ҳисоб мерафт.

Пас аз чанд муддате С.Айнӣ аз кӯчаи Чорхарос мегузашт, ки хӯҷаини пешинашро дид ва бо талаби ӯ ба хонааш даромад. Садри Зиё як яктаҳро ба С.Айнӣ дод, ки инро «охирин ҳисоб» бо хӯҷаин гуфта унвон намуд. Устод Айнӣ дар ин бора мегӯяд: «Рӯзе аз кӯчаи Чорхарос мегузаштам, ки Шарифҷонмахдум пеши дарвозааш будааст ва маро дида ҷеғ зад. Ман рафтам.

–Бесабрӣ карда аз хонаи мо рафтӣ, ман барои ту либос тайёр кунонда истода будам. Аз нӯгаш як яктаҳ (ҷомаи беастар) тайёр шуда буд. Биё гирифта бурда пӯш, – гуфт ва маро ба ҳавлӣ дароварда аз меҳмонхона як яктаҳро бароварда ба ман дод.

–Ман ба мадраса оварда вайро пӯшида дидам, ки аз қади ман як ваҷаб дароз аст. Ин буд ҳисобии охиринамон бо хӯҷаин» [1, с.36-37].

Воқеан, гарчанде ки барои С.Айнӣ корҳои хонаи Садри Зиё мушкил ҳам буд, вале ӯ ҳеҷ гоҳ ҷиҳатҳои мусбати аввалин устоди маънавии худро ба фаромӯшӣ насупурда, балки боз дар чандин маврид таъкид доштааст, ки «Ман метавонам гӯям, ки материалҳои муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ ҷамъ овардам», «Ман аввалин бор буд, ки дар Бухоро ин гуна одамони зиндадил ва адабиётчиро дида истода будам», «Ман хеле шод будам, ки аз даруни мурдагон баромада, ба доираи зиндадилон медароям», «Ман аз он суҳбатҳо комилан истифода мекардам», «Ман бо Назруллоҳи Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Содиқхӯҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллоҳхӯҷаи Таҳсин, қорӣ Абдулкарими Офарини Дӯзахӣ ва Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигарҳо дар он ҷо шинос ва ҳолдон шудам», «Дуруст аст, ки ман дар ин ҷо бисёр чиз ёд гирифта истода будам» ва дар ниҳоят аз ноилоҷӣ таъкид медорад: «...лекин кор зӯр ва танам бараҳна буд» [1, с.35].

Пас аз рафтан аз хонаи Шарифҷонмахдуми Садри Зиё ва чанд вақт саргардонӣ мебинем, ки дар С.Айнӣ пешрафтҳое ба назар мерасад, то ҷое, ки ӯ мегӯяд: «Дар соли таҳсили 1895-96 корҳои дарсхонӣ ва адабии ман хеле боло рафт...» [1, с.49]. Кор то ҷое расид, ки бародарзодаи Шарифҷонмахдум – Абдухалилмахдум, ки дар дарсҳои арабӣ беқувват буд, бо С.Айнӣ дарс тайёр мекард: «...Ӯ ҳам мисли дигар қориҳои ҷамоа бо ман дарс тайёр мекард. Лекин дарстайёркунии ӯ танҳо расмӣ ва барои омӯхтани иборати дарс набуда, кӯшиш мекард, ки дарсро ҳақиқатан омӯзад. Бинобар ин, ӯ бо ман бисёр машғулӣ мекард» [1, с.50].

Дар ҳақиқат, тағйир додани вазъият, ҷойи истиқомат ба инсон дигаргуние ба вуҷуд оварда, боиси пешрафт мегардад.

Бо ҳамаи ин дастгириҳои Садри Зиё дар ҳаққи С.Айнӣ қатъ нагардид. Устод С.Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» қайд кардааст, ки дар соли 1896 дар гузари Сари Пули Равгангарон аз тарафи Ҳоҷӣ Зоҳид ном як шахси доро, таксими ҳуҷра ба муллобачагони беҳуҷраи қашшоқ оғоз гардид. Бо ёрии Шарифҷонмахдум як ҳуҷра ба бародари С.Айнӣ ҳам расид ва устод Айнӣ низ дар он ҳуҷра мезист. Ин гӯёи он аст, ки Садри Зиё ёрии худро баҳри толибилмон ҳеҷ гоҳ дареғ намедошт: «Дар соли 1896 дар шаҳри Бухоро дар гузари Сари Пули Равгангарон Ҳоҷӣ Зоҳид ном як бой як мадраса сохт ва дар таксими ҳуҷраҳои он мадраса ба муллобачагони беҳуҷраи қашшоқ бо ёрии Шарифҷонмахдум як ҳуҷра ба акаи ман ҳам расид» [1, с.53]. Дар ин ҳангом бо сабаби пешқадам будан ва дарсгӯйӣ кардани бародари С.Айнӣ, ӯ ҳуҷраи дар Кӯкалтошбудаи худро ба бародараш дода, худ ба мадрасаи нав мекӯчад.

Дар сатрҳои баъдии «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», мо дастгирии дигарбораи Садри Зиёро дар ҳаққи С.Айнӣ мебинем, ки ҳангоми дар муддати «як сол сарсарӣ ва беҳуҷра гаштан»-и устод Айнӣ Садри Зиё, ки ин вақт дар вилояти Қаршӣ қозии шариат буд, дар ин ҳол мондани шогирдашро шунида аз мадрасаи Кӯкалтош як ҳуҷра харида, истиқоматашро ба ӯ медиҳад ва устод Айнӣ муддати 10 сол то дастгир шуданаш аз тарафи амир дар он ҷо зиндагонӣ мекунад: «Баъд аз як сол сарсарӣ ва беҳуҷра гаштан, аз як мадрасача, ки дар пушти мадрасаи Кӯкалтош буд (мадрасаи мулло Шер) як ҳуҷраи бисёр бад ёфтам, ки дар вай аз ҷиҳати бадияш ҳеҷ кас намеистод. Ман дар он ҷо ду сол мондам.

Қозӣ Шарифҷон, ки дар он вақтҳо дар Қаршӣ қозӣ буд ва аз беҳуҷрагӣ танг будани маро шунидааст, аз мадрасаи Кӯкалтош як ҳуҷра харида истиқоматашро ба ман дод. Ман дар он ҳуҷра аз соли 1907 то соли 1917, то дастгир шуданам аз тарафи одамони амир, истиқомат кардам» [1, с.64].

Суоле ба миён меояд, ки чаро Садри Зиё ба С.Айнӣ ҳангоми дар хона буданаш аз нигоҳи моддӣ ин қадар аҳаммият намедод, вале баъдан мебинем, ки ҳуҷрае харида истиқоматашро ба ӯ медиҳад? Сабаб чист? Ҷавоб ба ин суолро метавонем дар чанд ишораҳои худи устод Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» бубинем.

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, корҳои адабӣ ва дарсхонии устод Айнӣ боло рафт ва бародарзодаи Садри Зиё – Абдухалилмахдум, ки дар дарсҳои арабӣ суст буд, бо С.Айнӣ сабақгардонӣ мекард ва ин боис ба он гардид, ки ба Садри Зиё як таъсире расонад.

Дуюм, баъд аз он ки Шарифҷонмахдум мадрасаро хатм карду дар тумани Ҷондор қозӣ таъйин гардид, С.Айнӣ ба назди ӯ рафта муддати 15 рӯз меҳмон мешавад: «Дар соли 1896 Шарифҷонмахдум хатм карда ба тумани Ҷондор қозӣ шуда рафт. Ман бо Мирзо Абдулвоҳид ба пеши хӯҷаини собиқамон меҳмон шуда рафтем. Мирзо Абдулвоҳид мирзо шуда дар он ҷо монд, ман баъд аз меҳмонии понздаҳрӯза боз гашта ба Бухоро омадам» [1, с.54].

Албатта, 15 рӯза меҳмон будан, ин барои Садри Зиёи адабиётдӯстдор ҳатто кам аст. Дар ин муддат Садри Зиё бо С.Айнӣ дар мавзӯи адаб ва шеър сухан мекарданд, ки ин рӯҳия ва завқи Шарифҷонмахдумро баланд мебардошт.

Сеюм, мактуби Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, ки соли 1902 ба С.Айнӣ фиристода буд ва дар он дархост мекард, ки ба Каркӣ ояд ва меҳмон шавад, чунки ба гуфтаи ӯ «Дар ин ҷо касе нест, ки одам гап занад ва китобхонӣ ва шеърхонӣ кунад» [1, с.59]. С.Айнӣ мегӯяд: «Дар соли 1902 Шарифҷонмахдум, яъне хӯҷаини пештараам, ба Каркӣ Қозӣ шуда рафт. Дар тобистони ҳамон сол ба ман хат кард, ки Каркӣ рафта чанд рӯзе ба ӯ меҳмон шавам: «Дар ин ҷо касе нест, ки одам гап занад ва китобхонӣ ва шеърхонӣ кунад» мегуфт дар мактуби худ» [1, с.59].

Пас аз пазироии дархости Садри Зиё ва рафтан ба назди ӯ ҳодисаи аҷибе рух медиҳад, ки Шарифҷонмахдум як умр бо сипос ва эҳтиром ба С.Айнӣ муносибат менамояд. Ҳодиса ин буд, ки аз тарафи бародари Садри Зиё номае омад, ки дар он таваллуд ёфтани як фарзанд ва ҳалок гардидани фарзанди дигар хабар дода мешуд. Яъне ҳам хабари хуш ва як хабари бад. Дар ин маврид Шарифҷонмахдум мирзои худ – Мирзо Аҳмадро ҷеғ зада, ба ӯ вазифае медиҳад, ки ба ҳамин мактуб ҷавоб нависад, ки ҳам табрик бошаду ҳам таъзия. С.Айнӣ, ки шоҳиди ин ҳодиса буд, Мирзо Аҳмад ба ӯ таваҷҷуҳ карда мегӯяд: «Ман, ки мактубҳои одиро навишта наметавонам, ин гуна мактуберо, ки ду муддаои зидди якдигарро ифода кунад, чӣ гуна таҳрир мекунам?» [1, с.60]. Қорӣ Шоҷон ном вакили харҷи қозӣ Мирзо Аҳмадро дар ҳолати парешонӣ ва ногувор дарёфта, аз С.Айнӣ хоҳиш мекунад, ки ӯ хатро мусаввада карда, ба Мирзо диҳад ва Мирзо покнавис карда пеши қозӣ барад. С.Айнӣ ба ин пешниҳод розӣ мешавад ва ба номаи бародари Шарифҷонмахдум чунин ҷавоб омода месозад: «...Ҳарчанд бурида шудани яке аз ниҳолҳои бехҷаст ҷойи таассуф аст, бо қонуни табиат, ин ҳол сабаби ба камол расидани ниҳоли боқимонда мешавад. Бинобар ин, ҷойи табрик аст, ки шумо ба ҷойи фарзанди вафотёфтаатон, фарзанди навхези ба камолрасидае доред» [1, с.61]. Албатта, қозӣ Шарифҷон аз мирзои худ боварӣ надошт, ки чунин ҷавобе навишта тавонад. Баъд аз таҳқиқ ва тафтиши Садри Зиё, Қорӣ Шоҷон ба меъёре, ки «дар пеши қозӣ дурӯғ гуфтан дуруст нест» иқрор шуда: «Домулло Айнӣ навишта доданд» [1, с.62] мегӯяд.

Пас аз ин Садри Зиё аз буғчааш як ҷомаи навро, ки дар ҳамон вақт панҷоҳ танга меистод бароварда ба С.Айнӣ мепӯшонад ва сад танга пули нақд ҳам «мукофот» гӯён медиҳад ва ба ӯ таваҷҷуҳ карда чунин мегӯяд: «Ман дар тазкираи худ туро дар назм муқтадир, аммо дар наср қувват надорад, аммо Мирзо Абдулвоҳидро дар наср муқтадир ва шеъраш суст аст, гуфта баҳо дода будам. Маълум шуд, ки ман хато карда будаам. Ту ҳам дар назм ва ҳам дар наср аз вай муқтадиртар будай» – гуфт. [1, с.63].

Пас аз ин С.Айнӣ хеле хурсанд шуда чунин суханонеро ба забон меорад: «Он рӯз барои ҳаёти ман як воқеаи хеле аҷиб буд: 1) Ман, ки як умр ба шеърнависӣ кӯшиш мекардам, аввалин ганорари худро аз наср гирифтам; 2) Қозӣ Шарифҷон, ки дар ҳаштмоҳа хизмати ман, на ба ман музд дода буд ва на либос, он рӯз худро маҷбур медонист, ки маро бо ҷома мукофотонад.

Баъд аз ин ҳодиса Қозӣ Шарифҷон ба ман на ба хизматгори собиқи худ, балки гӯё ки ба як одами баробари худ муомила мекарда бошад, бо эҳтиром ва эҳтиёт муомила мекардагӣ шуд» [1, с.62-63].

Воқеан, эътироф кардани дониш ва фазилати С.Айнӣ аз ҷониби Садри Зиё боиси эҳтиром ва марҳамат қарор гирифтани ӯ гардид. Ин аст, ки баъдан дида шуд, ки Садри Зиё ҳангоми дар ҳолати мушкил қарор ёфтани устод Айнӣ ба ӯ то ба дараҷаи харидани ҳуҷра ёрмандӣ менамояд.

Дар соли 1900 С.Айнӣ ба воситаи Садри Зиё ба мутолиаи асари машҳури А.Дониш «Наводиру-л-вақоеъ» мушарраф мегардад, ки ин китоб ба гуфтаи устод Айнӣ дар ӯ «инқилоби фикрӣ» ба вуҷуд овардааст.

С.Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ба таълифоти Аҳмади Дониш ва шахсияти ӯ муҳаббату эътиқоди тамом доштани Садри Зиёро қайд карда, бо ташаббус ва иқдоми шахсии Шарифҷонмахдум китобат шудани «Наводиру-л-вақоеъ»-ро таъкид доштааст. Инчунин, бо қалами Мирзо Абдулвоҳиди Мунзиму иштироки худ ва Ҳайрат рӯнависӣ кардан ва аҳаммияти шиносояш бо он китоб, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии С.Айнӣ нақши калон гузоштааст, зикр гардидааст, С.Айнӣ мегӯяд: «Дар соли 1900 коре шуд, ки ба ман ва баъзе шариконам инқилоби фикрӣ рӯй дод. Дар он сол Шарифҷонмахдум аз қозигӣ маъзул шуда буд, ки дар Бухоро меистод. Ӯ «Наводиру-л-вақоеъ» ном китоби Аҳмади Калларо ба даст дароварда барои нусхабардорӣ ба Мирзо Абдулвоҳид супурдааст. Мирзо Абдулвоҳид ҳамон вақтҳо дар мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф дар гузари Ғозиён меистод. Ман ва Ҳайрат гоҳе пеши ӯ мерафтем ва порча – порча аз ҳар ҷойи он китоб мехондем. Дар он китоб дар зимни ҳикояҳо ва мусоҳибаҳо чизҳое тасвир меёфт, ки мо онҳоро дар зиндагонӣ ҳар рӯз медидем ва намеписандидем. Муаллиф ана ҳамон чизҳоро тасвир карда танқид мекард» [1, с.55].

Баъд аз хатми китобат Садри Зиё аз С.Айнӣ хоҳиш кард, ки нусхаи навишташударо бо нусхаи асл бо Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим муқоиса намояд, то ба ғалате дар он роҳ дода нашуда бошад: «Баъд аз тамом шудани китобат, Шарифҷонмахдум аз ман хоҳиш кард, ки нусхаи навишташударо бо нусхаи аслӣ – дастхати муаллиф бо Мирзо Абдулвоҳид татбиқ намоем. Дар вақти татбиқ мо сар то сари он китобро хонда баромадем. Агарчи як қисми он китоб ба масъалаҳои нуҷуми қадим, масъалаҳои хилқати олам назар ба фалсафаҳои хурофӣ бахшида шуда бошад ҳам, қисми куллиаш оид ба зиндагонии онрӯза буд. Муаллиф усули идораи амир, муомилаи маъмурони ӯ ба мардум, қозиҳо, раисҳо ва дигарҳоро танқид мекард. Касбҳо, пешаҳо, заношӯй, муомилаи оилавӣ, тартиби зангирӣ, занталоққунӣ ва дигарҳоро ягон – ягон тасвир карда танқид мекард.

Ин китоб ба мо чунин таъсир кард, ки назари мо ба амир, вазир, ба муллоҳо ва ба зиндагонии онрӯза ҳариб тамоман дигар шуд. Муаллиф чор сол пеш аз дидани мо китоби ӯро дар соли 1896 (1314 ҳичрӣ), мурда бошад ҳам, Ҳайрат ба чӯш омад ва барои ӯ ду марсияи таърихдор навишт» [1, с.55-56].

С.Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» баъд аз эътирофи устоди сухан будани Садри Зиё қайд кардааст, ки Шарифҷонмахдум кӯшиш менамуд, ки навиштаҳои худро боз ҳам содатар ва омафаҳмтар карда нависад: «Шарифҷонмахдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо, мактуб ва хотироти худро боз ҳам содатар ва омафаҳмтар карда менавишт» [1, с.59].

Воқеан, баъд аз Аҳмади Дониш, ки дар наср услуби бедилӣ ва мураккабнависиро пеш гирифта буд, Садри Зиё бошад соданависиро пеша кард ва тарафдори оммафаҳм гардонидани таълифот буд.

Он чи дар боло зикр шуд, номбари пурраи маълумотест, ки С.Айнӣ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» оид ба Садри Зиё нақл намудааст. Ин қайдҳо ва маълумоти пуррарзиш хеле гунонун, пураҳаммият ва ҳамаҷониба буда, ҳаёту фаъолияти Садри Зиёро аз ҳар тараф равшан мекунанд. Дар ин асари С.Айнӣ ғайр аз Садри Зиё ва баъдан Аҳмади Донишу Ҳайрат дар бораи ягон адиби дигар то ин андоза маводи мукаммал ва пурқимат ҷамъ наомадааст.

С.Айнӣ ба соҳиби ин «мактаби адабӣ», яъне Садри Зиё эҳтироми хосро қоил буд. Устод Айнӣ медонист ва эътироф мекард, ки маҳз бо ташвиқи Садри Зиё ӯ ба мадраса роҳ ёфт ва дари китобхона бар рӯйи вай боз шуд ва барои истиқомати доимиаш дар мадраса низ шароит муҳайё гардид.

Ҳамин тариқ, аввалин андешаҳои С.Айнӣ дар бораи Садри Зиё, Бухоро ва қисмати мардуми он аз замоне шурӯъ шудааст, ки вай ҳамчун толибилми мадраса дар ҳавлии Садри Зиё хидмат мегузорид ва ба моҳияти гуфтугӯи онҳое, ки дар маҳфилҳои адабии Шарифҷонмахдум иштирок мекарданд, таваҷҷуҳ мекарда аз он маънӣ мегирифт. Баъдтар ҳангоми таълифи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ва «Ёддоштҳо» ба ин мунозираҳо баҳои таърихӣ низ додааст. С.Айнӣ маҳз ба воситаи маҳфили адабии Садри Зиё бо ақоиди таҷаддудхоҳонаи Аҳмади Дониш ошно шуд. Аҳмади Дониш дар суҳбатҳои хонаи Садри Зиё ҳамеша ғоибона ҳузур дошт. С.Айнӣ тамоюли иҷтимоии суҳбатҳои хонаи Садри Зиёро таъкид карда, мегӯяд, ки «Садри Зиё ва ҳавлии ӯ барои инкишофи адабиёти пешқадами тоҷик дар ибтидои асри ХХ нақши муҳим бозида буд» [4, с.271]. Пайванди С.Айнӣ бо ин мактаб алоқамандии ӯро на танҳо бо равшанфикрони Бухоро зиёд кард, балки ӯро ба роҳи таҷаддудхоҳӣ ҳидоят намуд. Беваҷҳ набуд, ки С.Айнӣ Садри Зиёро ҳамчун «аввалин тарбиятгари маънавии худ» шинохтааст. Маҳз Садри Зиё соли 1900 Айниро ба «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ошно кард ва ин ошноӣ боиси «инқилоби фикрии» С.Айнӣ ҳам гардид. Маҳфили адабии Садри Зиё муносибати С.Айниро бо равшанфикрони Бухоро таъйин кард. Вай дар ин маҳфил бо бисёре аз шоиру олимон шинос шуд ва сабаке барои зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии худ дарёфт.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки на фақат Садри Зиё қобилияти адабии ҷавононро хеле хуб тақдир карда, барои ривоҷи истеъдоди табиии онҳо то аз дасташ омадан ёрӣ мерасонид, балки дар навбати худ, ҷавонони истеъдоднок ҳам дар шахси ӯ одами фозилу донишмандро дида, барои ба ӯ ва маҷлисҳои вай наздик шудану алоқа пайдо кардан кӯшиш менамуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам / С.Айнӣ. – Сталинобод, 1958. – 128 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.1. / С.Айнӣ (Ба чоп тайёркунандагон: К. Айнӣ ва Р. Ҳодизода). – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 327 с. + 19 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.7 / С.Айнӣ. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – 646 с.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С.Айнӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик») / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 2008. – 211 с.

6. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. Садри Бухоро. Чопи дувум (Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо) / Бухорӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 186 с.
7. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. Равшангари бузург / Бухорӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
8. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / Бухорӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ – Душанбе: Чопхонаи «Пайванд», 2006. – 456 с.
9. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э.Раҳмон. – Душанбе: ЭР - граф, 2016. – 364 с.
10. Саҳобиддини С. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ / С.Саҳобиддини. – Душанбе: Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2010. – 200 с.
11. Хади-заде Р. Источники к изучению таджикской литературы второй половины хIх века / Р.Хади-заде. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР, 1956. – 140 с.
12. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Р.Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 294 с.
13. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI – XIX ва ибтидои асри XX / Р.Ҳодизода, У.Каримов, С.Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 320 с.
14. «Тазкори ашъор» -и Садри Зиё (ба тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқӣ; ба кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухорӣ). – Теҳрон: Суруш, 1380. – 428 с.
15. Шукуров М. Садриддин Айнӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 304 с.

МУЛОҲИЗАҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ ОИД БА САДРИ ЗИЁ

(дар асоси маводи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»)

Шахсияти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии Садри Зиё дар ташаккули маърифату маънавияти асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ саҳми бузург гузоштааст. Яке аз сарчашмаи муътамад барои фаҳмидани муносибату робитаи С.Айнӣ бо Садри Зиё ҳамоно «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» -и устод Айнӣ ба шумор меравад. С.Айнӣ дар ин китоб дар бораи Шарифҷонмахдуми Садри Зиё ва ҳамсуҳбатони ӯ маълумоти пурқимат додааст, ки қисми зиёди онҳо дар маъхазҳои адабию таърихии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ дида намешаванд. Дар ин мақола, дар бораи муносибати ду чеҳраи тобон ва таъсиргузори адабиёти тоҷик Садриддин Айнӣ ва Садри Зиё сухан меравад. Дар он кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки қайдҳо, маълумоти пурарзиш ва ҳамаҷонибаи ҳаёту фаъолияти Садри Зиё аз ҳар тараф таҳқиқ гардида, хулосабарорӣ карда шавад. Ғайр аз ин, дар мақола аввалин шиносоии С.Айнӣ бо Садри Зиё, фароҳам омадани имконият барои хондан дар мадрасаҳои Бухоро бо тавсия ва аз ҷониби Садри Зиё ва муносибати минбаъдаи С.Айнӣ бо «аввалин тарбиятгари маънавии» худ маълумот дода шуда, ақидаҳои С.Айнӣ баён ёфтааст. С.Айнӣ дар асари худ «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ғайр аз Садри Зиё дар бораи ягон адиби дигар то ин андоза маводи мукаммал ва пурқимат маълумот надодааст.

Калидвожаҳо: С.Айнӣ, «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», «Намунаи адабиёти тоҷик», «Ёддоштҳо», Садри Зиё, Абдулвоҳиди Мунзим, Бухоро, мулло Абдуссалом, Аҳмади Дониш, «Наводир-ул-вақоеъ».

РАССУЖДЕНИЯ САДРИДДИНА АЙНИ О САДРИ ЗИЯ

(на основе материалов книги «Коротко о моей биографии»)

Социально-политическая и культурная личность Садри Зия сыграла огоромную роль в становлении Айни как освоположника таджикской литературы нового периода. Главным источником информации о взаимоотношениях С. Айни и Садри Зия являются мемуары Айни под названием “Коротко о моей биографии”. Айни в данном издании подробно рассказывает о Шарифджонмахдуми Садри Зия и его близких друзьях и поклонниках. Следует сказать, что некоторые данные, приведенные в этой книги не встречаются в других литературно-исторических источниках конца Х1Х и начало ХХ вв. В статье говорится о тесных отношениях двух величайших представителях таджикской литературы – С. Айни и С. Зия. Автор статьи подробно исследует некоторые заметки Айни о С. Зия, его мысли и рассуждения о жизни и литературной деятельности Садри Зия. Основное внимание автора сконцентрировано на первых встречах и беседах двух корифеев литературы, о том, как удалось Айни создавать условия для проживания в медресе во время учебы с помощью С. Зия. Айни с гордостью называет своего кумира “первым нравственным воспитателем” и приводит много данных о его заботе и поддержке в период заниятий в Бухаре. С. Айни, кроме этой книги, больше нигде не даёт подробной информации о Садри Зия. Поэтому она является первоисточником для изучения биографии и литературной деятельности Садри Зия.

Ключевые слова: С.Айни, «Коротко о моей биографии», «Образцы таджикской литературы», «Воспоминания», Садри Зия, Абдулвохид Мунзим, Бухара, мулло Абдусалом, Ахмад Дониш, «Редкостные события».

DISCUSSIONS OF SADRIDDIN AYNI ABOUT SADRI ZIYA

(based on the materials of the book «Briefly about my biography»)

The socio-political and cultural personality of Sadri Ziya played a huge role in the formation of Aini as a proponent of Tajik literature of the new period. The main source of information about the relationship between S. Aini and Sadri Ziya is Aini's memoir entitled «Briefly about My Biography». Aini in this edition details Sharifjonmakhdumi Sadri Ziya and his close friends and fans. It should be said that some of the data presented in this book are not found in other literary and historical sources of the late 19th and early 20th centuries. The article refers to the close relationship of the two greatest representatives of Tajik literature - S. Aini and S. Ziya. The author of the article examines in detail some of Aini's notes about S. Ziya, his thoughts and reasoning about the life and literary activities of Sadri Ziya. The main attention of the author is concentrated on the first meetings and conversations of the two leading figures of literature, about how Ayni managed to create conditions for living in a madrassah while studying with the help of S. Zia. Aini proudly calls his idol «the first moral educator» and brings a lot of dahans about his care and support during his occupation in Bukhara. S. Aini, in addition to this book, does not give detailed information about Sadri Ziya anywhere else. Therefore, he is the primary source for the study of the biography and literary activities of Sadri Ziya.

Key words: S. Aini, «Briefly about my biography», «Samples of Tajik literature», «Memoirs», Sadri Ziya, Abdulvohid Munzim, Bukhara, Mullah Abdusalom, Ahmadi Danish, «Rare events».

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳмадаминов Абдулҳай*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17
Абдулҳаев Зоҳид Муҳаммадович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 904-14-31-44**

Сведения об авторах: ***Махмадаминов Абдулхай*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидскско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
Абдулхаев Зохид Мухаммадович **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры теории новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 904-14-31-44**

Information about the author: ***Mahmadaminov Abdulhai*** – Tajik National University, doctor of Philology, Professor of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
Abdulkhaev Zokhid Muhammadovich - Tajik National University, Ph.D. student of the Department of Theory of Modern Persian - Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Tel.: **(+992) 904-14-31-44**

УДК: 891.550-1

ФАЪОЛИЯТИ ЗУЛЛИСОНАЙНИИ С.АЙНӢ ДАР ТАҲАВВУЛИ МАТНИ ЎЗБЕКӢ ВА ТОҶИКИИ ҚИССАИ «МАРГИ СУДХЎР»

Қаландаров Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаҳои зуллисонайнии устод Айнӣ ва худтарҷимакунии нависанда ба проблемаҳои матншиносӣ иртиботи комил дорад. Ба гуфти А.Л. Гришунин, «Матншиносӣ, як андоза, ба назарияи тарҷумаи бадеӣ мувофиқат дорад ва бинобар ин, ба чопҳои ҷиддии матнҳои тарҷумавӣ бетараф буда наметавонанд. Назариячиёни тарҷума оид ба талаботи муроҷиат ба ҳуҷҷатҳои қаламӣ сухан ронда, таъкид мекунанд, ки тарҷума бо назардошти таърихи эҷоди нусхаҳои асл ба вуҷуд оварда шавад» [6, с.45].

Устод Айнӣ асарҳояшро ба ду забон - забонҳои тоҷикӣ ва ўзбекӣ эҷод кардааст. Ин ҳолат адабиётшиносонро водор намудааст, ки фаъолияти баргардониши нависандаро дар муқоиса ба тарҷумонҳои касбӣ омехта, ба баёни як қатор фикрҳои ҷолиби диққат ноил шаванд. Аз ҷумла, адабиётшиноси ўзбек С.Азимов зимни омўзиши билингвизми устод Айнӣ оид ба фарқияти меҳнати нависанда-тарҷумон аз тарҷумони касбӣ чунин изҳори ақида намудааст: «Тарҷумони муқаррарӣ аслро ба дигар забон баргардонда, аз чорчўбаи матни асар берун намебарояд. Ҷустуҷў ва тағйирдиҳии муаллиф-тарҷумон бошад, ба дарки нави ҳақиқати воқеӣ алоқаманд ва натиҷаи ҷараёни мураккаби таҳаввули матн ва худи ҳастӣ мебошад. Муаллиф ҳангоми тарҷумаи асари худ корро аз болои матн давом медиҳад, яъне тарҷума ва худтаҳриркунӣ ҷараёни ягонаи ба ҳам мувофиқро ба вуҷуд меоранд» [1, с.12].

Ин фикри адабиётшиноси мазкурро муқоисаи матнҳои тоҷикӣ ва ўзбекии асарҳои С.Айнӣ тақвият медиҳад. Устод Айнӣ ҳангоми баргардониш кардани «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Ғуломон», «Марги судхўр» ва «Ёддоштҳо» барин асарҳои худ дар айни ҳол онҳоро ҷиддан таҳрир менамояд, ки ин ҳолатро, алалхусус, аз нусхаҳои тоҷикӣ ва ўзбекии қиссаи «Марги судхўр» хеле хуб мушоҳида кардан мумкин аст.

Матни ўзбекии қиссаи «Марги судхўр» соли 1946 дар ҳаҷми XIX боб бо тиражи 10000 нусха дастраси хонандаи соҳибзавқ гардид, ки он аз аввалин матни тоҷикии қисса, ки соли 1939 ба табъ расида буд, ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати лафз фарқи калон дорад. Ва вақте ки нависанда қиссаро ба чопи навбатии тоҷикӣ тайёр карданӣ мешавад, боз ба таҳрири ҷиддии асар мепардозад.

Моҳияти таҳрири матни ўзбекии қиссаро аз як нигоҳи иҷмолӣ низ равшан дарк намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама, нисбат ба матни «Судхўрнинг ўлими», ки 6 ҷузъи чопӣ мебошад, хеле зиёд гардидани ҳаҷми матни соли 1953 «Марги судхўр» [2, 2 ҷ.ч.] ба назар мерасад.

Аввал ин ки боби X «Марги судхўр», ки ба тасвири фаъолияти падари бойбача ва бо супориши ў ба Розмоз сафар намудани талабаи мадраса бахшида шудааст ва дар матни «Судхўрнинг ўлими» аз қисса ихтисор шуда буд, дар матни соли 1953 аз нав барқарор гардидааст. Ин боби хеле муфассал, ки қариб ду ҷузъи чопиро ташкил медиҳад, зоҳиран аз хатти сужаи асар берун менамояд, зеро он ба воқеаҳои ба Қориишкамба марбут бевосита

пайвастагӣ надорад. Аммо он ба мундариҷаи умумии асар, ки таъкиди ба табақаҳои гуногуни ҳукуматӣ чун як ҳодисаи муқаррарӣ ба ҳисоб рафтани зулму золимӣ ва ҳаққи мардумхӯрӣ барин падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ мебошад, алоқаи мустаҳкам дорад. Боби мазкур таъкид бар он дорад, ки масъалаҳое, ки дар қиссаи «Марги судхӯр» мавриди накуҳиш қарор гирифтаанд, типӣ ва воқеӣ мебошанд.

Устод Айнӣ барои ҳалли пурра ва амиқи мавзӯи асосӣ аз мавзӯъҳо ва маводҳои дигар хеле хуб истифода мекунад ва чунин тарзи муфассали тасвир дар эҷоди нависанда махсусиятҳои услубӣ касб кардааст. А.Деҳотӣ ба ду таърих - муаммое, ки яке аз устод Айнӣ ва дигаре аз Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат буда, дар китоби «Алишери Навоӣ» истифода шудаанд, ишора карда гуфтааст: «Зотан ин услуб ба таълими шумо хос аст, ки дар вақти тасвири як воқеа як қатор воқеаҳои дигарро ҳам қайд мекунед ва ман борҳо аз аҳли адабиёт шунидаам, ки мегӯянд: «Дар асарҳои домулло баъзе эпизодҳои аз мавзӯъ берун бошанд ҳам, ҳамчун материал хеле пурқиматанд» [7, с.425].

Қисми дигари тағйироте, ки дар бандубасти матнҳои ӯзбекӣ ва тоҷикии «Марги судхӯр» мушоҳида мешаванд, ин ба бобҳои ба фаъолияти Қориишкамба дар деҳот бахшида мутааллиқ мебошад. Дар матни ӯзбекӣ ба фаъолияти Қориишкамба дар деҳот се боб - бобҳои X, XI ва XII ӯудо шудааст. Ва боби XIII ба чунин суханҳо оғоз меёбад:

Мен бора-бора Қори Ишкамбанинг таржиманий ҳолидан бутунлай хабардор белдим:

У, унча отоқли белмаган бир муллонинг оиласида туғилиб отаси унга «Исматулло» деб ном қейган экан [5, с.109].

Дар ин боб айёми ҷавонии Қориишкамба, роҳҳои ба доираи судхӯрӣ даромадани ӯ ба банкҳои Бухоро, аз ҷумла ба бонки русӣ - Хитоӣ (Осиёӣ) маблағгузорӣ кардан ва аввалин нокомиҳои персонажи асосӣ тасвир меёбад.

Бояд гуфт, ки ин ҷо пайдарпайии хатти сужаи асар халалдор гардидааст. Зеро хонанда то ин боб шоҳиди бисёр воқеаҳои ҳаёти Қориишкамба, ҳатто шоҳиди ба деҳот сар даровардану оқибат аз он ҷо низ дилмонда шудани ӯ мегардад. Агар ба ҳисоб гирем, ки воқеа аз забони талабаи мадраса нақл меёбад, ин костагии устухонбандии матни ӯзбекии қисса боз ҳам аёнитар мегардад. Баъди фаъолияти Қориишкамбаро дар Бухоро ва деҳоти атрофи он баён кардан «Мен бора-бора Қори Ишкамбанинг таржиманий ҳолидан бутунлай хабардор белдим» гуфта, ба оғози зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамони асосӣ пардохтани талабаи мадраса ба саҳеҳияту низоми тасвир халал ворид намудааст.

Ин аст, ки дар матни 1953 боби мазкур пеш аз бобҳои ба деҳот сар даровардани Қориишкамба – яъне дар боби XI ҷой дода мешавад. Дар ҳақиқат, вақте ки хонанда ба ҳаёту фаъолияти персонажи асосӣ дурусттар шинос мешавад, ба рафти воқеаҳои асар, аз ҷумла ба ҳамкории Қориишкамба ба судхӯрони деҳот таваҷҷуҳи бештаре зоҳир менамояд.

Дар матни ӯзбекӣ ҳар як воқеаи хурд, агарчи бо ҳам алоқамандии комил дошта бошанд ҳам, ба бобҳои алоҳида тақсим шудаанд. Масалан, воқеаҳои шикастхӯрии Қориишкамба аз саройбони сарои «Кавказ», аз Мирзоабдулло ном мирзои сари сандуқ ва ба вазъи Бибидаҳбошии девона монанд кардани ҳолати рӯҳии Қориишкамбаи ба бадбахтиҳои пайдарпай дучоргардида ҳар кадом ба се боби алоҳида – бобҳои XV, XVI ва XVII тақсимбандӣ шудаанд. Дар матни соли 1953 бошад, ҳамаи ин воқеаҳо бинобар умумияти мундариҷавиашон дар як боб - боби XVI ҷой дода шуда, аз ҳам бо ситорачаҳо худо карда мешавад:

XVI Узоқ етмай Қори Ишкамбанинг бошига яна бир «қоракун» тушди, шу блан у, саройбон Моманидан яган зарбанинг оламини унутди [5, с.121].	*** Захме, ки саройбони «Кавказ» ба синаи Қориишкамба зада буд, ҳанӯз беҳ нашуда ва ба ҳам наёмада замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад, ки дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд [4, с.153].

Агар миқдори бобҳои матни чопии «Судхӯрнинг ӯлимӣ» ба XIX расида бошад, пас матни тоҷикии қисса баъди таҳрири муфассал ва бо назардошти иловаи як боби дар матни ӯзбекӣ мавқуф гузошта 18 бобро фаро мегирад.

Дар хусуси таҳрири бандубасти матни ӯзбекии қисса сухан ронда, як нуктаи муҳимми дигарро низ қайд кардан зарур мешавад, ки ин масъала марбут ба истифодаи порчаҳои шеърӣ мебошад. Маълум аст, ки дар аввали матни китобии «Марги судхӯр» (1939) порчаҳои шеърӣ бисёр истифода мешавад. Аз ҷумла байти:

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар, ба масал
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад –

дар боби XIV матни 1939 аз номи образи асосӣ - Қориишкамба оварда шуда, хислату характери судхӯронро хеле возеҳ ифода менамояд ва бинобар моҳияти амиқи ҷамъбасткунанда доштанаш ҳамчун эпиграфи қисса низ истифода мешавад. Аммо ин байт чун дигар порчаҳои шеърӣ дар матни ӯзбекии қисса ихтисор карда мешавад.

Дар тамоми матни ӯзбекии қиссаи «Марги судхӯр» ҳамагӣ шаш мисраъ шеър истифода шудааст. Дар матни тоҷикӣ лаҳзаи ба сайри харбуза баромадани шарикдарсон тасвир ёфтааст. Вақте ки онҳо савори ароба аз назди чорбоғи подшоҳӣ мегузаранд, суруди боғбондухтареро мешунаванд, ки чунин замзама мекард.

Олу, олу, олу,
Олу, олу, олу.
Олу сиёҳ шуд, биё, дар боғи ман!
Рӯзам сиёҳ шуд, биё!

Бачаҳои аробасавор ин суруди боғбондухтарро беҷавоб намегузоранд. Дар матни ӯзбекӣ суруди боғбондухтар партофта мешавад. Вале суруди аробакаш бо тағйири лафзу мазмун истифода гардидааст.

Матни тоҷикӣ:

Чашми сиёҳи ту!
Модар набинад доғи ту!
Рӯзат чаро сиёҳ шавад?
Ман омадам ба боғи ту!

Матни езбекӣ:

Олма рахишлаб отдим, додей тегдими сизга?
Олма теккан жойингизни керсатинг бизга!
Хоҳ керсатинг, хоҳ керсатманг, ихтиёр сизда,
Биз ҳаммамиз қул белчанмиз, олмадай юзга.

Ҷолиби диққат аст, ки дар матни соли 1953 ҳамаи порчаҳои шеърии аз матни ӯзбекӣ ихтисор шуда барқарор гардидаанд. Зиёда аз ин, ҳангоми таҳрири матни ӯзбекӣ муносиби аҳволи Қориишкамба боз чанд байти дигар илова карда мешавад. Масалан, яке аз лаҳзаҳои муҳимми хатти сужаи асар вохӯрии персонажи асосӣ ба тарҷумон мебошад ва маҳз муносибати рӯйрост ва берӯю риёи тарҷумон ин бандаи пулро водор мекунад, ки даҳшати маргеро, ки ӯро аз пулҳояш ҷудо мекунад, эҳсос намояд. Агар дар матни «Судхӯрнинг ӯлимӣ» тасвири ин вазъияти хеле ҳассоси персонаж баъди роҳи хонаро пеш гирифтани ӯ қатъ гардида бошад, дар матни соли 1953 тасвири андешаҳои Қориишкамба нисбат ба марг тафсил меёбад ва ин тафсилот бо ҷанбаи мантиқии худ боиси амиқрафти характери персонажи асосӣ мегардад. Даҳшати марг ба Қориишкамба дар он буд, ки ӯро аз пулҳояш ҷудо мекунад. Истифодаи як байт ба тасвир қувваи баланди фошкунандагӣ ато намудааст: «Ҳар гоҳ, ки ба хотири ӯ ин гуна марги «пурдаҳшат» мерасид, афсӯсхӯрона байти зерини Мирабдулқодири Бедилро, ки ба маҳбубааш хитобан гуфтааст, ӯ ба пулаш, ки назар ба ақидааш, аз ҳар гуна маҳбуба маҳбубтар аст, нисбат дода замзама мекард:

Дар дами мурдан маро дар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайф домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан» [4, с.171].

Умуман, устод Айнӣ дар матнҳои тоҷикии асарҳояш порчаҳои шеъриро бисёр истифода мекунад, вале дар матнҳои ӯзбекии асарҳояш, чи хеле ки аз матни «Судхӯрнинг ӯлимӣ» низ бармеояд, порчаҳои шеърӣ кам мушоҳида мешавад ва чунин тарзи тасвир ба яке аз хусусиятҳои муҳимми услуби нигорандагии нависанда табдил ёфтааст. Устод сабаби дар матнҳои тоҷикии асарҳояш беш аз пеш истифода кардани порчаҳои шеъриро дар таваҷҷуҳи зиёд доштани ин халқ ба сухани манзум медонад: «Завқи хонандагони тоҷикро, ки назмро зиёда дӯст медоранд, ба назар гирифта баъзе тасвирҳо бо порчаҳои шеър ва фикраҳои шеърмонанд зиннат дода шуд», - гуфтааст С.Айнӣ дар сарсухани тарҷумаи тоҷикии қиссаи «Қамар»-и Фердинанд Дюшен [3, с.305].

Қисмати дигари тағйирот ба тарзи тасвир дахл дорад. Дар матни «Судхӯрнинг ӯлимӣ» ҳам Ҳамроҳрафиқи деҳқон (ниг. ба X, 50-55) ва ҳам Арбобрӯзии судхӯри деҳотӣ (ниг. ба боби XI, 76-82) барои муомила ба шаҳр назди Қориишкамба мераванд ва табиист, ки вақте ки сухан дар бораи пул ва қарз меравад, гуфтугӯи Қориишкамба ба Ҳамроҳрафиқ ва Арбобрӯзӣ бо ҳам монанд ҷараён мегиранд. Қориишкамба ҳам Арбобрӯзӣ ва ҳам Ҳамроҳрафиқро ба ҷойи хилват мебарад ва баъд ба онҳо ба муомила мепардозад:

(Қориишкамба)

- Туринг, мен блан юринг, бошқа бирон хилватроқ жойга бориб гаплашамиз,- деб урнидан терди ва езига эргашган деҳқонни	- Жим,- деди Қори Ишкамба арбобнинг оғзидан «тангга қарз» деган гапни эшитгани ҳамон,- бундай жойда бунақа гапни гапириш муносиб эмас…

ези блан бирга олиб бориб, Шонатарошлик тор кечасидаги таҳоратхонага киргизди. У вақт, бирор номазнинг вақти белмаганидан у ер таҳорат олу чилардан беш ва бирон одамнинг келиб кириш эҳтимоли ҳам йеқ эди. Шундай ҳам булса Қори Ишкамба «эҳтиёт юзасидан» таҳоратхона эшигини ичкаридан занжирлади ва деҳқон блан бирга супача устига етириб, унга ҳалиги саволларни қайта бошдан берди [5, с.51-52].	- Мен блан бирга юринг, бирор хилват жой топаман,- деб Қори Ишкамба олдин тушди ва орқасидан эргашган арбоб Резини бошлаб олиб бориб, яна ҳам торроқ бир кечага қириб кетди. Икки йелдош жим бораётиб, бир дуланга-усти ё пиқ йелакка етиш-дилар. У деланнинг охирида биргина ҳовли белиб, унинг ҳам эшиги ташқи томонидан қулфланган эди. Ундан уёқ торкечанинг олди берқ белиб, бирон йел еткучнинг келиш-кетиш эҳтимоли йуқ эди. - Ана шу ер жуда соз,- деб Қори Ишкамба деланнинг синги устига етирди ва арбоб Резини ҳам ез ёнига етқазиб унга [5, с.77-78].

Порчаҳое, ки дар онҳо муомилаи Қориишкамба ба Ҳамроҳрафиқ ва Арбобрӯзӣ омадааст, бо андак тағйирот якдигарро такрор мекунанд. Бинобар ин, дар матни тоҷикӣ тарзи тасвири муомилаи Қориишкамба ба Арбобрӯзӣ дигар шудааст. Агар дар матни ӯзбекӣ муколамаи персонажҳои номбурда асоси тасвирро ташкил дода бошад, пас дар матни тоҷикӣ сухани муаллиф мавқеъ пайдо намудааст. Нависанда ҳангоми тасвири созиши Қориишкамба ва Арбобрӯзӣ аз тамсил, ташбеҳ, тавсиф ва дигар воситаҳои тасвир истифода карда, ботини нопоки ин ду шахси манфиатҷӯ ва дараҷаи ҳарисии онҳоро дар ситонидани фоида фош менамояд. Устод барои нишон додани дараҷаи пасти одамияти ин ду сарватпараст ба тасвир муомилаи дӯстонаи аспон ва муносибати душманонаи сагонро ҳангоми хӯрокхӯрии якҷоя ворид менамояд ва бо ҳамин қувваи фошкунандагии тасвирро меафзояд: Арбоб ана аз ҳамин хусусияти ҳайвонот дар муносибати худаш ба Қориишкамба ибрат мегирифт: ӯ дар дили худ мегуфт: «Агар ман бо Қориишкамба дар байни худ муомилаи сагона кунем, ҳардуи мо ҳам аз дастранҷи деҳқонон дуруст фоида бурда наметавонем, агар мо муомилаи аспона кунем, ҳардуямон ҳам ба қадри иштиҳо баҳраманд мешавем» [4, с.124].

Таркиби ин ду саги аспшуда, ки мумкин, бори аввал аз тарафи устод Айнӣ дар қиссаи «Марги судхӯр» истифода шудааст, характери Қориишкамба ва Арбобрӯзиро, ки бо вуҷуди рақобати зиёд дар ситонидани фоида аз аҳолӣ маҷбуран созиш мекарданд, табиӣ ва воқеӣ ифода намудааст: «Аввалин қурбонии ду саги аспшуда Ҳамроҳрафиқ гардид» [4, с.125].

Дар матни чопии «Судхӯрнинг ўлимӣ» як қатор персонажҳои мусбату манфӣ амал мекунанд, ки дар ҳалли зиддиятҳои асар ҳиссагузоранд. Аз ҷумла, ҳалли як қатор гиреҳҳои асар ба зиммаи персонажҳои лаҳзавӣ чун Шодмон Юсуф, Назар, тарҷумон гузошта шудааст.

«Персонажҳои лаҳзавӣ, - қайд кардааст профессор Раҳим Мусулмониён, - онҳоеанд, ки лаҳзае пайдо шуда, дар ҳалли гиреҳе, чунончи гиреҳи зиддият, ё сужет, ё гардиши характери персонаже кумаке мекунанду нопадид мешаванд» [9, с.84]. Мутаассифона, дар матни ӯзбекии «Марги судхӯр» Назар ном персонажи лаҳзавие ҳаст, ки дар ҳаққи ӯ ин суханро гуфта наметавонем. Назар деҳқонест аз деҳаи Сангсабз ва дар мурофиаи қарзхоҳон ӯро баъди Муҳсин дар рӯйи бӯрёи шариат шинонда пурсупос мекунанд. Вай ҳам монанди Муҳсин ба Арбобрӯзӣ додани қарзи гирифтаашро таъкид мекунад ва ҳатто ба калоншавандагон ҷавоби сазовор мегардонад:

- Арбоб Рӯзидан қарзим йуқ, ёримни ҳам ҳеҷбир кишига бермайман.
- Олиб бориб қамар қей, бу муттаҳамни - деди ноиб ез одамига.
- Муттаҳам сизлар, еғри сизлар,- дегани ҳолда Назар арбоб Резининг отхонасига қарата судралди [5, с.92].

Чунин муносибати даҳалонаи Назар ба калоншавандагон хонандаро водор мекунад, ки ба чӣ ба анҷом расидани ин моҷароро интизор шавад. Вале Назар дигар дар матн мушоҳида намешавад. Ҳатто Арбобрӯзӣ, ки аз Назар таҳқир дида буд, дигар аз ӯ ёд намекунад. Ҳол он ки Арбоб барои аз Муҳсин қасд гирифтан кушиши бисёр мекунад ва бо ёрии Қориишкамба ба ин муваффақ ҳам мешавад.

Умуман, образи Назар ба сужаи матни ӯзбекии қисса чизе ҳамроҳ карда наметавонад ва чун сояи образи Муҳсин ба назар мерасад. Ин аст, ки дар матни соли 1953 нависанда аз ин образ пурра даст кашида, ба ҷойи ин образи Муҳсинро такмил медиҳад ва онро ба дараҷаи типи кишоварзони тоҷики тоинқилобӣ мерасонад. Ҳамин тавр, дар матни 1953

тасвир боз ҳам муфассалтар, ҳолатҳои рӯҳии персонажи асосӣ боз ҳам пурқувваттар гардидааст.

Баъзан, бархилофи таркиб ва ҷумлаҳои мухтасари матни ӯзбекӣ, дар матни 1953 ибора ва ҷумлаҳо тафсил меёбанд ва аз ҷиҳати бадеият низ таҳрир дида, боиси бештар ҷалб гардидани таваҷҷуҳи хонанда мегарданд.

Қори Ишкамбанинг кунглига езига ёқарлик яна бир «эҳтимол» келди: «директор балки касал белгандир ё ки отига бирон офат теккандир, ё ин ки фойтуни сингандир. Шунинг блан бонка букун очилмагандир» [5, с.139-140].	Қориишкамба пеш нарафтан, балки пас мондани соати худашро фаҳмида дар ноумедӣ афтод, аммо дар ҳамон лаҳза дар дили ӯ суст ҳам бошад, партави умеди дигаре пайдо шуда худ ба худ мегуфт: «аҷаб нест, ки мудири бонк бемор шуда бошад, ё пойи аспаш шикаста бошад, ё ин ки ба фойтунаш ягон шикаст пайдо шуда бошаду бинобар ин имрӯз ба шаҳр омада натавониста бошад ё ин ки дер монда бошад…» [4, с.173].

Профессор А.Сайфуллоев матнҳои китобии ӯзбекӣ ва тоҷикии қиссаи «Ҷаллодони Бухоро»-и устод Айниро бо ҳам муқоиса карда ба як қатор хулосаҳои ҷолиби диққат ноил гардидааст: «Ба мавзӯю образҳои пештара аз нав муроҷиат карда, ба гузаштаи таърихӣ… назар афкандани нависанда ба он шаҳодат медиҳад, ки С.Айнӣ тамоми проблемаҳои асарро (яъне, «Ҷаллодони Бухоро»-ро – Қ.Н.) ба тавассути тафаккури бадеӣ муҳокима карда, характерҳои мухталифи инсониро такмил додааст» [10, с.104]. Ҳангоми баргардониш ба дигар забон ҳамвора ба такмили ғоявию бадеии матн кушиш ба харҷ додани нависанда аз муқоисаи матнҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии дигар асарҳои ӯ, аз ҷумла матнҳои «Судхӯрнинг ӯлимӣ» ва «Марги судхӯр» хеле равшан ба назар мерасад. Бинобар ин, ақидаи адабиётшиноси ӯзбек С.Ж. Азимов, ки тавассути муқоисаи матнҳои ӯзбекӣ ва тоҷикии «Ғуломон» пайдо шуда, матни ӯзбекии асарро нусхаи асл ва матни тоҷикии онро тарҷума аз ӯзбекӣ номидааст [1, с.3], дуруст нест. Дар ин ҳолат нусхаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии ин ё он асари аз тарафи нависандаи он баргардониш шударо бо истилоҳҳои нусха ё вариант ном бурдан зарур мешавад [8, с.100].

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов С. Билингвизм Садриддина Айни и проблемы авторского перевода: автореф.дисс… канд… филол.наук / С.Азимов. - Ташкент, 1986.
2. Айнӣ, С. Асарҳои мунтахаб. - Сталинобод: НДТ, 1946. – 424 с.
3. Айнӣ, С. Куллиёт.Ҷ. 12 / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1977. - Ҷ.12. – 770 с.
4. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С.Айнӣ. - Сталинобод: НДТ, 1953. – 180 с.
5. Айний, С. Судхӯрнинг ӯлимӣ / С.Айний. - Ташкент: НДӮ, 1946. – 144 с.
6. Гришунин А.Л. Исследовательские аспекты текстологии. - Русский язык. Проблемы художественной речи. Лексикология и лексикография (Виноградовские чтения, IX-X) / А.Л. Гришунин. - М., 1981. - С.35-48.
7. Деҳотӣ А. Куллиёт / А.Деҳотӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966. - Ҷ.V. – 472 с.
8. Кӯчаров А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ / А.Кӯчаров. - Душанбе: Матбуот, 2002. – 270 с.
9. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990. - 336 с.
10. Сайфуллоев А. Кори эҷодии устод Айнӣ дар таълифи “Ҷаллодони Бухоро” / А.Сайфуллоев // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷ.4. - Душанбе: Дониш, 1971. - Ҷ.IV. - С.90-106.

ФАЪОЛИЯТИ ЗУЛЛИСОНАЙНИИ С.АЙНӢ ДАР ТАҲАВВУЛИ МАТНИ ӮЗБЕКӢ ВА ТОҶИКИИ ҚИССАИ “МАРГИ СУДХӮР”

Масъалаҳои зуллисонайнии устод С.Айнӣ ва худтарҷимакунии нависанда ба проблемаҳои матншиносӣ иртиботи қавӣ дошта, дар ин мақола оид ба таҳаввулоти куллии матнҳои ӯзбекӣ ва тоҷикии қиссаи “Марги судхӯр” сухан меравад. Устод С.Айнӣ асосан асарҳояшро ба ду забон - забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҷод кардааст. Ва ҳамин муносибат адабиётшиносонро водор намудааст, ки фаъолияти баргардониши нависандаро дар муқоиса ба тарҷумонҳои касбӣ омӯхта, ба баёни як қатор андешаҳои арзишманд ноил шаванд. Нависанда ҳангоми баргардониш кардани “Ҷаллодони Бухоро”, “Одина”, “Ғуломон”, “Марги судхӯр” ва “Ёддоштҳо” барин асарҳои худ ҳамзамон онҳоро ҷиддан таҳрир менамоянд, ки чунин муносибатро, махсусан, аз нусхаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии қиссаи “Марги судхӯр” ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст. Матни ӯзбекии қиссаи “Марги судхӯр” соли 1946 дар ҳаҷми XIX боб бо тиражи 10000 нусха нашр гардид, ки он аз аввалин матни тоҷикии қисса (1939) ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам мундарича фарқи калон дорад. Вақте ки нависанда қиссаро ба чопи навбатии тоҷикӣ (1953) тайёр карданӣ мешавад, боз ба таҳрии ҷиддии асар мепардозад. Зиёд гардидани ҳаҷми матни тоҷикии соли 1953 қиссаи “Марги судхӯр” нисбат ба матни ӯзбекии соли 1946 “Сурхӯрнинг ӯлимӣ”, ки 6 ҷузъи чопӣ мебошад, нуқтаи охир аст.

Калидвожаҳо: С.Айнӣ, матншиносӣ, билингвизм, матн, адабиётшиносӣ, тадқиқот, қисса, тарҷума, забон, муқоиса, таҳрир.

БИЛИНГВИСТИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ С. АЙНИ В ЭВОЛЮЦИИ УЗБЕКСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ТЕКСТА ПОВЕСТИ «СМЕРТЬ РОСТОВЩИКА».

Проблема билингвизма основоположника современной таджикской литературы Садриддина Айни тесно связана с проблемами текстологии, в этой статье говорится о коренной эволюции узбекского и таджикского текстов повести «Смерть ростовщика». С. Айни писал свои произведения в основном на двух языках- таджикском и узбекском. И такое отношение подвигло литературоведов к тому, чтобы рассматривать деятельность писателя в сопоставлении с профессиональными переводчиками, они при этом выразили ряд ценных мыслей. В процессе перевода произведений «Бухарские палачи», «Одина», «Смерть ростовщика» и «Воспоминания» он одновременно тщательно их редактирует, такое его отношение можно увидеть в таджикском и узбекском экземплярах повести «Смерть ростовщика». Узбекский текст повести «Смерть ростовщика» в объеме 19 глав был опубликован в 1946 году тиражом в 10000 экземпляров, он отличался от первого текста на таджикском языке повести (1939) и по объему и по содержанию. Когда писатель готовил повесть к очередному изданию на таджикском языке (1953), он вновь тщательно ее редактирует. Увеличение объёма текста повести «Смерть ростовщика» на таджикском языке в 1953 году (9,2 п.л.), по сравнению с текстом на узбекском 1946 года «Судхурнингулими», в объеме 6 п.л.- является последней редакцией писателя.

Ключевые слова: С.Айни, текстология, билингвизм, текст, литературоведение, перевод, язык, сравнительный анализ, исследование, редактирование.

BILINGUISTIC ACTIVITY OF S. AINI IN THE EVOLUTION OF UZBEK AND TAJIK TEXT OF THE STORY "DEATH OF A GROWER".

The problem of bilingualism of the founder of modern Tajik literature, Sadriddin Aini, is closely related to the problems of textual criticism. This article will focus on the radical evolution of the Uzbek and Tajik texts of the story "The Death of the Usurer". S. Aini wrote his works mainly in two languages - Tajik and Uzbek. And this attitude prompted literary scholars to consider the writer's activities in comparison with professional translators, while at the same time they expressed a number of valuable thoughts. In the process of translating the works "Bukhara Executioners", "Odin", "Death of a Usurer" and "Memories", he simultaneously carefully edits them, this attitude can be seen in the Tajik and Uzbek copies of the story "Death of the Usurer". The Uzbek text of the story "The Death of the Usurer" in the volume of 19 chapters was published in 1946 with a circulation of 10,000 copies, it differed from the first text in the Tajik language of the story (1939) both in volume and content. When the writer was preparing the story for the next edition in the Tajik language (1953), he again carefully edited it. The increase in the volume of the text of the story "The Death of a Usurer" in the Tajik language in 1953 (9.2 pp.) In comparison with the text in Uzbek 1946 "Sudhurningulimi" in the volume of 6 pp. Is the last point of the writer.

Key words: S. Aini, textual criticism, bilingualism, text, literary criticism, translation, language, comparative analysis, research, editing.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландаров Наврӯз Аҳмарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 98-888-79-60**

Сведения об авторе: ***Каландаров Навруз Ахмарович*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры теории и новейшей персидско – таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 988-88-79-60**

Information about the author: ***Kalandarov Navruz Ahmarovich*** - Tajik National University, associate professor of the department of theory and the latest Persian - Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-88-79-60**

УДК: 82.06 (821.21)

РОМАНТИЗМ ЧУН ҶАРАЁНИ АДАБӢ ДАР ҲИКОЯИ УРДУ

Ҷӯраева З.Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз нуқтаи назари таърихи адабиёти урду, оғози ҳикояи урду бо тулӯи офтоби асри бистум рост меояд. Ба аввалин ҳикоянигорони адабиёти урду таъсири бевоситаи шӯриши соли 1857 ва ҳаракати Сер Саид намоён ба чашм мерасад. Адибони ин давра побанди назарияи ҳамбастагӣ миёни мазҳаб ва муошират буданд. Тибқи фаҳмишу таҷзияи онҳо ҳар он сухане ва ё рафторе, ки онро мазҳаб рад мекард, он бояд дар муоширати рӯзмарраи инсонҳо ҷой намедошт. Ба ибораи дигар қонуниятҳои диниву мазҳабӣ асоси мантиқии мероси адабии онҳоро ташкил медод.

Дар ҳамин вазъу шароити пуртаззод ҳикояи урду қадам ба олами ҳастӣ ниҳодааст. Ҳикоянигории урду бештар дар ду мактаби маъруфи адабиёти урду - мактаби Деҳлӣ ва мактаби Лакҳнав ривоҷу равнақ ёфтааст. Ин аст, ки оғози ҳикояро адабиётшинос С. Ҷовид «ба мактаби Деҳлӣ» нисбат медиҳад, чун шаҳри Деҳлӣ маркази Ҳиндустон буду дар ин ҷо ҳама сарвару раҳбар, ҳама аҳли зиё, ҳама афкори тоза, ҳама шӯру қиём ва ҳама ахбори дунёи берун аз ҳама пештар дастрас мешуд. Маҳфилҳои адабӣ низ нисбат ба дигар гӯшаҳои кишвар дар ин шаҳр бештар мукаммалтар баргузор мегардиданд. Жанри ҳикоя

ҳам дар маҳфилҳои мактаби адабии Деҳлӣ такомул ёфта, ба дигар марказҳои адабии Ҳинд паҳн гардид.

Бо замона ва рушди жанри ҳикоя, дар эҷодиёти адибон ҷараёнҳо ва равияҳои гуногун падид меомаданд. Аз ҷумла, дар адабиёти урду, ки ибтидои пайдоиши ҷараёни романтизм дар он ба охири асри XIX рост меояд, лекин романтизм ба таври васеъ баъди хотимаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ рӯ ба инкишоф намудааст. Ин ҷанг давлатҳои абарқудратро заифу нотавон кард. Аз ҷумла, таъсири хориҷии Англия низ суст шуд. Дар саросари олам мавҷи озодӣ доман паҳн кард. Дар сатҳи ҷомеа миёни ҳиндуҳову мусулмонон фазои якдигарфаҳмӣ пайдо шуд. Ҳамин фазо дар миёни аҳли адаб низ ба вуҷуд омад. Адибон барои ифодаи афкори идеалӣ ва орзуву омоли мардум рӯ ба ҷараёни романтизм оварданд. Тарҷумаҳои Равиндранатҳ Тҳакур эҳсосоти латифу нозукеро миёни мардум парвариш намуд. Маҳз дар ҳамин давра таълифи афкор тавассути ҷумлаҳои болохонадор ва насри мусаҷҷаъ ба миён омад. Агар Муҳаммад Ҳусейн Озод, Носир Алӣ Деҳлавӣ, Абдулҳалим Шарор субҳи ҳаракати романтикӣ бошанд, ба қавли Анвар Садид «Иқбол ва Абулкалом ба ӯ таҷаллии субҳи содиқро ато фармуданд ва дар давраи Ялдарам, Саҷҷод Ансорӣ, Меҳдӣ Афодӣ, Ҳафиз Ҷаландҳарӣ, Ахтар Шеронӣ ва Ниёз Фатҳпурӣ ин ҳаракат ба арши аъло расид».

Дар байни адибони номбурда Ялдарам тавонист дар романтизми адабиёти урду тарҳи наве дарандозад. «Романтизм ҳам дар шахсияти Ялдарам дида мешавад ва ҳам дар услуби нигориши ӯ» - мегӯяд адабиётшинос Анвар Садид. Ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ дар шарёни Ялдарам ақидаҳои романтикӣ ҷорӣ буданд ва оҳиста-оҳиста тахайюли ӯро куллан олами ормоншаҳр фаро гирифт. Ялдарам аз муҳити атрофи хеш норозӣ буд ва ин тарзи зиндагӣ ӯро нороҳат мекард. Бинобар ин, ҳамчун шахс Ялдарам барои хеш олами мувофиқ бо фаҳмиш ва орзуҳояшро бино кардан мехост.

Дар таълифоташ Ялдарам мехоҳад муҳити зери парда мондаи Ҳиндро бо қаҳрамонҳои пурдарду аламаш раҳоӣ бахшад ва ӯ дар ин ҷода маҳз кушоиши ҳақиқатеро мунъакис накардааст, балки муошираті ҷомеавиро ба як маҷрои нав партофтааст. Ва ҳамин тариқ, ахлоқи романтикиро фурӯғи тозае ато кард, ки дар гузаштаи наздик ба аҳли Машриқ қобили қабул набуд. Дар тасвирҳои Ялдарам ҷилваи ҳусн ва қабои ҳусн ба зовияи хосса намудор мегардад. Ялдарам ҳуснро ҳаммаънои хайр ва хайрро ҳаммаънои доди худовандӣ мепиндорад ва аз даруни ӯ наззораи ҳусн бо як валвалаи маънохезе ҷӯшзанон берун меояд. Қаҳрамонҳои Ялдарам ба қорӣ хеле ҷолиби таваҷҷуҳ ба назар мерасанд ва сабаби асосӣ танҳо дар мавҷудияти ҳаёи шарқӣ дар онҳост. Ялдарам бо заҳматҳои хеш адабиёти урдуро бо зани таълимёфта ошно сохт ва ба рӯзгори занон қаҳрамони муҳиммеро пеш овард. Ҷойи шак нест, ки чун Мирзо Русво «Умраоҷан ада» - ро ба забони урду ба қалам кашид, бевосита мехост тавоифро аз ишраткадаҳо ба хонанишинӣ ҳидоят намояд. Аммо Ялдарам ҳамин табақаро аз ҳарамхонаҳо бурун оварда, ба майлу хоҳишашон зиндагӣ оростанро таманно мекунад. Яке аз қаҳрамонҳои нависанда Насрин Нӯш мебошад, ки аз бедоршавии ӯ «тамоми мавҷудоти коинот» зинда мешуд ва аз табассуми зебои Насрин «ҳастии табиат» ба шукуфтан медаромад. Зеро Ялдарам ба вуҷуду ҳастии зан на танҳо қоил аст, балки ба ҳусну ҷамоли ӯ таҳсин мехонад ва занро дар зиндагии мард муҳаррики асосӣ медонад. Дар романтизми Саҷҷод Ялдарам чунин як чеҳраи маъсуме таҷаллӣ мегардад, ки ба орзуҳои дар дил парварандаи ҳар кӯдак монандӣ дорад. Дар он орзуҳо, албатта, пояи воқеӣ вуҷуд надорад, вале он орзуҳо пур аз соддагии пурҷозиба ва нармиҳои дилкашанд. Ва ҳамин як кайфияти мутавозину ба назар содалавҳона ҳатман бунёдеро пайдо мекунад.

Ялдарам ҳикояҳои пурмазмун ва хубе менавишт, ки аз пояи ҳақиқат дур набуданд. Аммо ҳикояҳое ҳам таълиф менамуд, ки хаёлпарастона буданд. Дар ин гуна ҳикояҳо ӯ адабиётро аз ҳақиқати талхи зиндагӣ ҷудо кардан мехост. Қатъӣ назар аз вазъи буҳронии кишвар Ялдарам ба навиштани воқеоти хаёлӣ, ишқу муҳаббати беасос, тарғиби зиндагии нобуда масруф буд. Маҷмӯаи нахустини ҳикояҳои Ялдарам «Холистон» (1911) ном дорад, ки саросар аз афкори ғайривоқеӣ иборат будааст. Чунин тарзи нигоришро дар ҳикояҳои «Савдои сангин», «Ҳикояи Лайлию Маҷнун» боз ҳам васеътар дидан мумкин аст. Албатта, ҳикояҳои номбурда аз назокату латофати санъат, равонии хаёлот, рангинии баён орӣ нестанд. Дар ҳар ҳикоя рабту силсилабандии хосса мавҷуд аст.

Дар оғози садаи бистум дар навиштаҳои Ялдарам ҳамин падида ончунон нодир ва дилкаш буд, ки ҳамзамононаш ва насли баъдина аз он сахт мутаассир гаштаанд. Ҳамин сабаб аст, ки Ялдарамро аз аввалин саромадони давраи инкишофи романтизм дар адабиёти урду мегӯянд.

Аз ҳамасрони Ялдарам адиб Меҳдӣ Афодӣ ба ҷараёни романтизм бо идроки ҳавас ва омоли инсонӣ ворид гаштааст. Дар таълифоти Афодӣ на танҳо нигоҳи пур аз ҳавас нисбат ба ҷинси латиф бедор ба назар мерасад, балки барангезиши назар ба ҳусн дучанд

мегардад. Дар ҳикояҳои Ялдарам дар вуҷуди ҷозибаи латофат як ларзиши ҳассосе дида мешавад, лекин дар навиштаҳои Афодӣ ҳамин ҷозиба ба сурати падидаи оташбору пуршӯр табдил меёбад. Аз омӯзиши таълифоти Меҳдӣ Афодӣ маълум мегардад, ки нависанда бештар ба улуми мардуми Эрону Осиёи Марказӣ ва Юнону кишварҳои Араб рӯ овардааст. Қаҳрамонҳои романтикии ӯ аслан дар ормоншаҳрҳо умр ба сар бурданро меписанданд. Юнон ва махсусан, хубрӯёни юнонӣ ҳамеша дар хобу хаёл ва ҳикояҳои нависанда ҷойгузинанд. Ба онҳо нависанда бо чашмони бедор менигарад ва нақши диловези онҳоро баҳри ҳаводорони насраш пешкаш менамояд. Меҳдӣ Афодӣ занро меваи биҳишт медонад ва намехоҳад, ки ҳар лаҳзаи мувофикро дар ламсу тамошои зан аз даст бидиҳад, ба маънои ӯ аз ночашидани ин меваи биҳиштӣ худдорӣ карда наметавонист. Хонандаи асарҳои ӯ низ дилбохтаи ҳавасҳову орзуҳои қаробат бо ҷинси латиф мегардад: «Har zamane mei aurat ka miqyasulshabab dairai husn ka markaz raha he. Aurat vuhi baakayf hogi jo lezzataashna hogi. Sina ka hissai ufuqi bilkul khula hua aur udi udi ragon ke pechukham aur a'sab ki khinch bata rahi he ki sarkashi libas ki mamnun nahin» (Дар ҳар давру замон олами зан маркази доираи ҳусн будааст. Зан ҳамон вақт кайфиятро эҳсос мекунад, ки ошнои лаззати масаррат бошад. Қисмати уфуқии тамоман кушодаи синааш ва печухами рагҳои барҷастааш аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ӯ чандон майли саркашӣ надорад).

Романтизми Меҳдӣ он қадар паҳлуҳои зиёде надорад. Ӯ тамоми ҳусни фитриро дар симои зан мебинад ва онро бо садоқати махсус бидуни пироҳанпӯшонӣ баён намудааст. Фикрронии ӯ аз мавҷҳову тапишҳо ва ё худ назари фалсафаомез орӣ аст. Замири ӯ оташафрӯзу серҳаракат аст.

Саҷҷод Ансорӣ аз зумраи он нависандаҳои романтикест, ки бештар шавқ ба шикастани бутҳои куҳна дораду ба таври хеш ба тарошидану падид овардани бутҳои нав машғул аст ва аз чунин ҳунар лаззат ҳам мебарад. Маълум аст, ки дар таълифоти Ялдарам ҷозибаву кашиши латофат ва дар навиштаҳои Меҳдӣ оташи тасфон аз унсурҳои асосӣ мебошанд. Аммо бар хилофи ин дар асарҳои Ансорӣ кашишу ҷозиба дар зери парда нуҳуфтааст. Нависанда аз паси парда як лаппиши мавҷи фикриро бурун овардан мехоҳад. Аз ин рӯ, Саҷҷод Ансорӣ ба қатори он адибоне дохил мешавад, ки дар паси манзари нигоҳи онҳо як ҷаҳони маънии воқеӣ нуҳуфтааст. Ва ин гурӯҳ адибон тавонистаанд ба наслҳои баъдинаашон таъбири ҳама хобу хаёлашонро баён намоянд. Романтизми Саҷҷод Ансорӣ эҳсоси фитрии инсонро бедор накунад ҳам, ӯро ба дарки маънии рӯзгори осуда раҳнамун месозад ва дар зерфикри ӯ таассуроти тозаву ормониро ҷой мекунад. Ҷиҳати хуби ҳикояҳои Ансорӣ он аст, ки вай дар насри урду тарҳи навишти ҷумлаҳои романтикиро ворид сохт ва таассуроти нав ба навро мавриди тасвир қарор дод. Дар бинои ҳамин усул нависанда ба ҳайси як адиби соҳибмақоми ҷараёни романтикӣ дар адабиёти урду шинохта шудааст.

Холиқи Деҳлавӣ низ аз адибони романтикиест, ки рӯ ба дунёи ҳақиқати талх ва рангини армонҳо овардааст. Ин дунё бо чодари ишораҳо, рангорангӣ ва лутфу эҳсон печида аст. Деҳлавӣ чун мусаввири камолёфта тасвири ҷаззоби дунёи атрофашро ба қориин пешкаш намудааст. Адиб кӯшидааст тавассути ишораҳои воқеӣ паҳлуҳои тахайюлотӣ зиндагии инсонҳоро бо назардошти таҷрибаи рӯзгор инъикос намояд. Дар эҷодиёти Деҳлавӣ муҳаббат як ҷузъи ҳақиқии зиндагӣ ба шумор меравад, ки бо макону замони ҳодисоту воқеот иртибот дорад. Ва инро ба даст овардани ҳусн намегӯянд, балки ҳамдами ҳусн гаштан меноманд. Муҳаббат ба Холиқи Деҳлавӣ имконият додааст, ки аз кашмакашҳои ҳақиқати зиндагӣ бурун ояд, эҳсосоти танҳоиро паси сар кунад, ба қадри маҳбуб расида, зиндагии тоза барпо намояд. Дар ҷараёни романтизми адабиёти урду Деҳлавӣ бо чунин навиштаҳояш ёд карда мешавад. Тарзи нигоҳи Деҳлавӣ тамоман нав ва берун аз пайгириву тақлид будааст, вале адиб идомаи иртиқои афкори хешро бо сабаби мақбул надонистани пояҳои илман асоснок қатъ кардааст.

Адиби дигари ҷараёни романтикӣ Ҳиҷоб Имтиёзалӣ мебошад. Ҳиҷоб тилисми хаёлотро бо раъноиву зебоӣ ва гардиши руҳ ба ҳаракат меовард. Ӯ бо офаридани қаҳрамонҳои романтикӣ воқеаву ҳодисаҳои атрофро бо камоли нози тахайюл вориди сужаи ҳикояҳои хеш кардааст. Бешубҳа, дунёи романтикии Ҳиҷоб бо ҳақиқат рабте надорад. Ин дунёро «сояи баргҳои дарахти санавбар» рӯпӯш гардонидааст. Дар обҳои ҷории рӯдҳо ҷилои орзуву хаёлот мисли хоби ширин падид меояд ва дар осмони нилгун киштиҳои шинокунандаи абрҳои пора-пора ба пеш чун орзуҳо мешитобиданд. Дар ин фазои романтикӣ пайкари худи Ҳиҷоб таҷассумгари раъноиҳо ва зебоиҳо мебошад.

Олами тахайюли Ҳиҷоб олами парвози рӯҳҳост. Қаҳрамонҳояш бештар бо фариштаҳои паррон муносибат доранд. Бунёди қасру ҳарамҳои бошукӯҳ идома дорад, мардуми бечора дар сояи ин қасрҳо зиндагӣ ба сар мебаранд. Дар торикии зулмот қаҳрамонҳои офаридаи Ҳиҷоб доктор Гор, Ҷасотӣ, Зунош, Эйфу, Ҳармӣ, Яздонӣ ва дигарон аз шодиву хушиҳои зиндагӣ маҳруманд ва дар зери пардаи орзуву омолҳои

ширин маъсумона меҳнат мекунанд. Азобу шиканҷаи рӯзгор онҳоро дилшикаста мекунад. Ва ҳамин дардмандиву нотавонӣ ин қабил мардумро бо якдигар наздику ошно месозад. Дар эҷодиёти Ҳиҷоб ва ақидаҳои романтикии ӯ муҳаббат ҷойи асосиро ишғол менамояд. Муҳаббат аз нуқтаи назари Ҳиҷоб ин пайвастани меҳри пур аз латофат ва саршори раъноиҳост, ки инсонҳо ба якдигар изҳор менамоянд. Муҳаббат як кайфияти «эҳсоси ларзон» аст, ки қаҳрамонҳои Ҳиҷоб бо дили дардманди хеш лаҳзае ҳаракати оламро боз медоранд. Бо вуҷуди он ки қаҳрамонҳои нависанда тахайюлотианд, онҳо тасвиргари лаҳзаҳои пурсӯзу гудози инсонӣ низ мебошанд. Ҳикояҳои ӯ намоёнгари саҳнаҳои асливу табиии ҳаракати инсонҳоянд. Дар онҳо исёнгарии романтикӣ ба чашм намерасад. Ҳиҷоб Имтиёз романтизмро то ҳадди имкон ба таври мусбат қабул дошта, аз ҳамин зовия дар ҳикояҳояш изҳори ақида кардааст. Вале аз сабаби он ки адиб дар ҳикояҳояш ба таври фаровон аз воситаҳои рӯшан ва воқеъбинона инъикоскунандаи зиндагӣ истифода набурдааст, пас аз фурӯғи ҷараёни ҳақиқатбаёнӣ ҳикояҳояш моҳияти актуалии худро гум карданд.

Тарзи тахайюл ва нигориши Ялдарам дар сабки ҳикоянигорони минбаъда, хусусан дар таълифоти Ниёзи Фатҳпурӣ (1884-1966) ва Маҷнуни Горакҳпурӣ (1904-1973) ба назар мерасад. Ҳикояҳои онҳо ҳам бо афкори хаёлпарастонаи иҷтимоӣ ва ҳам тасвири вуқӯъгароёна аз рӯзгори зан тафовут доранд.

Ниёзи Фатҳпурӣ дар ҳамин давра садои пуршӯри худро баланд карда, барои шикастани анъанаҳои пешинаи насрнигорӣ дар Ҳинд аввалин кӯшишҳо кардааст. Таълифоти романтикии адиб бевосита бо назари ҳассоси худи ӯ ва то дараҷае бо «Гитанҷалӣ»-и Равиндрантҳ Тҳакур алоқамандӣ дорад. Масалан, дар услуби нигориши нависанда аз лиҳози тасвири кайфияти рӯҳии чун абр гузарон партави лутфу карами адабии Тҳакур ба чашм мерасад. Барои муайян намудани шахсият ва таҳлили роҳи тайнамудаи адабии Фатҳпурӣ бояд аз якчанд сарчашма бархӯрдор буд. Зеро Фатҳпурӣ адиби серҷабҳа ва сермаҳсул ва ҳамчунин муҳаққиқи варзида маҳсуб мешавад. Дар оғоз ӯ ба навиштани шеър пардохта буд ва сонитар рӯ ба таълифи ҳикояву новелла овард. Пас аз муддате дар баробари таҳқиқу танқиди адабӣ ба мавзӯоти илмӣ аз нигоҳи романтикӣ даст мезадагӣ шуд. Бояд тазаккур дод, ки хусусияти асосии романтизми Ниёзи Фатҳпурӣ ин баландпарвозии тахайюл мебошад. Адиб кӯшиш намудааст, ки худ партави ҷамоли камолоташро бо чашмонаш мушоҳида намояд. Ҳама ҳодисотро дар таҷаллии коинотӣ бубинад. Фатҳпурӣ бо афкору назарияи худ саъй намудааст, ки дар майлони зиндагӣ тағйирот ворид созад. Ва дар ин назария умқи чуқуре ба назар мерасад. Ҷавҳари аслии назарияи ӯ он вақт кушода ба чашм мерасад, ки адиб тамоюли афкорашро бо ҷавҳари ҳусн даромезад ва пешкаши хонандааш гардонад. Дар ин маврид нависанда он масаррати безаволро ҷустуҷӯ менамояд, ки онро инсон аз азал дарёфт кардан мехост. Барои романтизми Ниёзи Фатҳпурӣ нури ботинӣ бинои машъали фурӯзони роҳ аст. Дар насри ӯ тахайюл ва мусаввирии тахайюл, таҳлили гуфтори шавқангез, ҳусн ва таъсири ҳусн ва дигар вожаҳои ормонӣ ҷой доранд. Ва нависанда ба сифати як адиби романтике пеши назар ҷилвагар мегардад, ки ҳаматарафа пур аз ҷозибаву кашишҳои орзу ва таҳлилгари рӯзгори замони хеш аст.

Аз лиҳози услуб Фатҳпурӣ барои изҳори фикр тариқаи латифу дилнишинеро ихтиёр кардааст. Дар ин услуб нависанда хонандаро ҳамнавои ҷараёни воқеот месозад ва дар дили ӯ дурахши олами ситораҳоро падид меорад. Ҳикояҳои ӯ «Саргузаштаи Шаҳоб» ва «Анҷоми шоир» муддати зиёд ба дили ҷавонон роҳ ёфта, онҳоро мусаххар карда буд ва ин ҳикояҳо вирди забони наврасону ҷавонон гашта буд. Ва имрӯз низ Ниёзи Фатҳпурӣ дар қатори беҳтарин адибони давраи романтизм ном бурда мешавад.

Дар миёни адибони романтик эҷодиёти Маҷнуни Горакҳпурӣ бештар рӯҳияи навмедиву маъюсиро дорост. Мавзӯи асосии ҳикояҳои нависанда бо муҳаббат алоқамандӣ дорад. Ҳикояҳои Маҷнуни Горакҳпурӣ ҳарчанд лаҳзае аз ишқ, муҳаббатро дар бар гиранд ҳам, сужаи баъдинаи он, албатта, ғаму андуҳро инъикос мекунад. Ҳикояи «Суманпӯш»-и Горакҳпурӣ аз зумраи чунин навиштаҳои адиб ба шумор меравад. Дар ин ҳикоя саросар сояи ғам ҳукмфармост. Суманпӯш лаҳзае барқосо падидойи Ноҳидро дида, худро ба «оташи Намруд» мепартояд. Ва пас аз он ғарқи хаёлот ҳар замон ин хаёлро дар назар меорад ва онро дар зиндагии ҳақиқӣ ҷустуҷӯ кардан мехоҳад.

Хусусияти дигари ҳикояҳои романтикии Маҷнун дар он зуҳур гаштааст, ки қаҳрамонҳои ӯ бештар ба рӯзгори пешин мутаваҷҷеҳ мешаванд ва ба ояндаи ҳаёт кордор нестанд. Албатта, қаҳрамонҳои ӯ бо зиндагии воқеӣ рӯ ба рӯ мешаванд, вале робитаи зеҳнии онҳо бо олами рӯҳ ва худи рӯҳҳо сахт мутааллиқ аст ва аксар вақт нависанда рӯҳро низ вориди рӯзгори инсонӣ намуда кӯшидааст, ки дар зиндагӣ аз онҳо «намунаи ибрат» офарад. Дар анҷоми ҳикояҳо Маҷнун, вақте ки ба тасвири ҳолати фарҷомии қаҳрамон мепардозад, аз таҳрири рӯзгори мозӣ ба тасвири муҳити ҳақиқӣ бармегардад. Агар аз

чунин зовия ба ҳикояҳои нависанда назар афканем, мебинем, ки утопияи романтикии Маҷнун дар таҳрирҳои мозияш нопайдо мешавад, ё худ адиб аз он афкор даст мекашад. Ва ҳар дафъа ҳам мекӯшад дари асрори ниҳонашро боз намояд. Маҷнуни Горакҳпурӣ бо пӯшонидани қабои мозӣ ба қаҳрамонҳояш мехоҳад, ки ба тамоми ҷилои зебоиву ширинихои зиндагӣ ҳусну тавоноии дилхоҳ ато намояд. Зеро рӯзгори гузашта ягона паноҳгоҳи романтикии нависанда мебошад. Маҷнун ҳамчунин ба ҷараёни романтизми адабиёти урду сӯзу гудоз ва зовияи рангин ворид намудааст.

Қозӣ Абдулғаффор низ аз адибони машҳури романтизми урду ба ҳисоб меравад. Ва чи хеле ки муҳаққиқи адбиёти урду Анвар Садид менависад: «Қозӣ Абдулғаффор аз зумраи он адибонест, ки ҷараёни рӯ ба уфуқдоштаи романтизмро пояи заминӣ бахшид ва инсонҳоро ба фаҳмидани қувваи инфиродиашон моил кард». Зуҳури ӯ ба таърихи адабиёт ба айёме рост омад, ки ҷараёни ҳақиқатнигории Премчанд, Сударшан ва Ҳамидуллоҳ Афсар ба авҷи аълояш расида буд ва ҷараёни романтикӣ бошад, давраи таназзулро аз сар мегузаронд. Сибтӣ Ҳасан мегӯяд: «Зеҳни ҷаноби Қозӣ мағрибист, вале дилаш машриқист». Ҳикояҳои Қозӣ Абдулғаффор «Номаҳои Лайлӣ» ва «Дафтари Маҷнун» ҳам аз сарчашмаи мағрибиён ва ҳам аз манбаъҳои машриқиён ғизо гирифтааст. Лайлии Қозӣ аз қаҳрамонҳои Саҷҷод Ансорӣ ва Меҳдӣ Афодӣ куллан фарқ мекунад ва Маҷнуни ӯ шахси нодону бемаърифат набуда, балки шахси хеле таҷрибанок мебошад. Мақсади нависанда он аст, ки ҳусни зеборо бамаврид тасвир намояд, он ҳуснеро, ки дар сирати ҳар шахс нуҳуфта аст. Нависанда ба ҷойи услуби содаи баён хатнигорӣ ва хотирадафтарро барои ифодаи афкор истифода бурдааст. Дар номанависӣ ба Лайлӣ муяссар мегардад, ки он шӯру шари дар дилдоштаро ба таври худ баён кунад ва дар хотирадафтар бошад ба Маҷнун имкон пайдо мешавад, ки ақидаву фикрашро дар танҳоӣ ва хилват рӯйи коғаз биёварад.

Ба таври умумӣ, адибони давраи романтикӣ гӯё аз нишеб сӯйи фароз менигаранд ва ба назар ҳайратзада менамоянд. Ва хилофи ин Лайлии Қозӣ Абдулғаффор аз осмон, яъне баландиҳо ба сӯйи замин чашм медӯзад. Дар ин сурат хоҳ-нохоҳ ҳақиқат ба чашмаш мехӯрад. Он ҳақиқате, ки то ба он нигоҳи мардони булҳавас рафта намерасад. Нависанда дар инъикоси рафтори қаҳрамонҳояш аз луғоти мухталифу ширин фаровон истифода карда, забони гуфтугӯи онҳоро басо равону рӯҳпарвар намудааст, ки аз шунидани он кас роҳат мекунад.

Чи хеле ки дар боло зикр шуд, насрнигорони адабиёти романтикии урду бо услуб ва тарзи хоссаи худ асарҳои ҷолиберо таълиф намудаанд. Ҳикояҳои Меҳдӣ Афодӣ, Саҷҷод Ҳайдар Ялдарам, Саҷҷод Ансорӣ, Ниёзи Фатҳпурӣ ва Маҷнуни Горакҳпурӣ барои ба таври умум мураттаб сохтани муҳити романтикии ин давра кумак расонидаанд.

Дар ин давра, албатта, адибони ҷавони соҳибзавқе буданд, вале дар ин равия, дар тарвиҷи ғояҳои адабӣ чандон муваффақ нагаштаанд. Адибон Иноятуллоҳ Деҳлавӣ, Ҷалил Қидвоӣ, Хоҷа Манзур Ҳусейн, Зафар Қурейшӣ, Шоҳид Аҳмад Деҳлавӣ, Файзулҳақ Қурейшӣ, Ҳомид Алихон, Содиқ Хайрӣ, Мансур Аҳмад ва дигарон аз забони англисӣ таълифоти адибони мағрибиро ба урду тарҷума кардаанд. Ҳамаи адибони номбурда дар зери таъсири манзаророи, хобу хаёли романтикӣ қалам мекашиданд. Аз ин хотир, интихоби асарҳои мағрибиён низ аз ин доира берун набуд.

Дар насри романтикии урду адибон Носир Назир, Фироқи Деҳлавӣ, Ишрат Лакҳнавӣ, Хоҷа Ҳасан Низомӣ, Чоудҳрӣ Афзалҳақ, Чироғ Ҳасан Ҳасрат ва дигарон равияи дигареро ихтиёр кардаанд. Онҳо санадҳои таърихиро бо рӯзгори замонашон омезиш дода, ҳикояҳо навиштаанд. Дар асл аз хокистари он воқеот шараре намондаву кайҳо хомӯш гашта буд.

Дар баробари ин, адибоне низ буданд, ки дар зери таъсири романтизм ҳикояҳои хубе офаридаанд. Ин ҷо метавон Аҳмад Акбарободӣ, Хон Аҳмад Ҳусейнхон, Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ, Обидалӣ Обид, Мисиз Абдулқодир ва Азимбег Чиғатоиро ном бурд. Дар эҷодиёти Аҳмад Акбарободӣ, Хон Аҳмад Ҳусейнхон, Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ, Обидалӣ Обид мавзӯи асосӣ ишқу муҳаббати романтикист, ки ҳусну зебоӣ, ҷамоли фитрӣ, тасвири манзараҳои дилрабо фарогири онанд. Хусусияти фарққунандаи ҳикояҳои Мисиз Абдулқодир дар он аст, ки ӯ муҳаббатро ба мавқеи дувум мегузорад ва ҳикояҳояшро бо тасвири фариштагону малоикот ранги дигар мебахшад. Нависанда қориашро ба сайри олами то ҳол касе надида мебарад ва ба дили ӯ як хатари номаълумеро ворид месозад. Ҳикояҳои адиб «Садои ҷарас» ва «Шаҳри ҷасадҳо» таҷассумгари ҳамин тилисми хаёл аст. Азимбег Чиғатоӣ гӯё гирифтори «бемории рӯҳӣ» гашта буд. Зеро нависанда давои дардро дар парвоз ба фазои номаълум медонад, ки он ҷо қаҳрамонаш лаҳзаҳои осудагиро аз сар мегузаронад.

Аз байни эшон Маҷнуни Горакҳпурӣ кӯшидааст то ба зиндагӣ назари фалсафӣ афканад. Ӯ ҷамъияти он замонаро душмани муҳаббат мепиндорад. Ҳикояҳои пур аз ғаму

андуҳи зиндагӣ, пур аз ашку оҳҳои сард, дар охир бо хаёлоти хушккунанда натиҷагирӣ мешаванд, ки «Баъди шакаст», «Бегона», «Хобу хаёл», «Ман дар чӣ хаёламу фалак дар чӣ хаёл» аз зумраи онҳоянд.

Адиби дигаре, ки ба такмилу густариши ҳикоя саҳмгирӣ намудааст, Рашид Хайрӣ (1847-1936) мебошад. Ӯ нигоришоташро ба занҳо бахшидааст. Баъзан ӯро ҳомии занҳо низ меномиданд. Рашид Хайрӣ мардумро ба сулҳу салоҳ ташвиқ менамуд. Забони ҳикояҳояш сода, равону диловезанд. Беҳтарин ҳикояҳо «Моҳи Ачам» ва «Шоми зиндагӣ» мебошанд.

Ҳикоянигорони давраи аввал дар зери таъсири достон монда буданд, яъне адибон он мавзӯъҳое, ки пештар ба риштаи назм мекашиданд, акнун ба тариқи наср қаламдод мекарданд. Ҳатто худи Премчанд ба ин банд гирифтор шуда буд (ҳикояи «Шайхи махмур»). Ба тарзи дигар гӯем, ҳикоянависони ин давра ривоятҳои қадимаи мардумро бо нияти ҳифз намудан ба доираи ҳикоя ворид сохтаанд.

Дар аввалҳои асри бистум аҳли адаб ғазалгӯиро кам карда, барои ифодаи озоди фикрӣ дигар намунаҳою синфи адабиро ихтиёр намуданд. Масалан, гурӯҳе рӯ ба романи адабиёти англис ниҳоданд. Аллома Иқбол бошад, бо истифода аз неруи худӣ ва назми ҷонсӯзаш дили машриқиёнро ба такопӯ андохт, ба воситаи қувваи навиштаҳояш пайғоми дили худро то ба миллат расонид ва дар адабиёт як намунаи истисноиеро ворид сохт, ки мислаш то кунун вуҷуд надошт.

Асри ҳозир давраест, ки ба инкишофу паҳншавии технологияи муосир доираи нигориши адабӣ тағйир ёфта, мутаносибан теъдоди хонандаи адабиёт коста мегардад.

Албатта, ин ҷо зуҳуроти нави технологӣ танҳо сабаби асл шуда наметавонад. Зеро адиб, аҳли суханро мебояд дар пайи ҷустуҷӯи навини воситаҳои ифода ва тахайюлот гардад. Масалан, замоне чанд пеш дар адабиёти урду достонсароӣ маъмул буд. Ва адиб агар васфи бейлгарӣ (гову ароба) – ро мекард, ҳатман ба гов неруи тозаву нав мебахшид. Гову аробаи худро зудҳаракат дидан мехост, бо таъсири қувваи деву ҷинҳо онро дар парвоз дидан мехост. Барои тақвияти фикр аз «гилеми паррон», «таҳти паррон», парвози деву ҷинҳо истифода мекард. Ва ин намуди инъикоси воқеа ба дили қориин роҳ меёфт, ӯро мутаассир месохт. Хонанда бо орзуву ниятҳои адиб ҳамфикр шуда, ғарқи олами хаёл худро тасаллӣ мебахшид. Ба маънои дигар, чунин тарзи нигориш мавриди дархӯрди замонааш буду ва ҳам он замон аз мавзӯи муосир ҳисобида мешуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Елизарова, Р.А. Прогрессивные писатели Пакистана (на материале литературы урду) / Р.А. Елизарова, А.С. Сухочёв. - Ташкент: Фан Узб.ССР, 1978. - 176 с.
2. Хусейн, С.Э. История литературы урду / С.Э. Хусейн. - М., 1961. – 259 с.
3. Немзер, А.С. Русская романтическая новелла / А.С. Немзер // Русская романтическая новелла. - М., 1989. - С. 3-27.
4. Раджабов, Х. Поблемы развития современного рассказа хинди в журнале «Наи каханиян» (1965-1970 гг.). Народы Азии и Африки. / Х. Раджабов. - М., 1974. - №3. - С.173-176.
5. Раджабов, Х. Новеллистика Мохана Ракеша / Х. Раджабов. - Душанбе: Дониш, 1984. – 162 с.
6. Современная индийская новела. - М: Прогресс, 1976. – 368 с.
7. Холов, Ҷ. Ҳикоянигории урду / Ҷ.Холов // Махзани илм. - Панҷакент, 2009. - С.35-41.
8. Шарифов, Х. Назарияи наср / Х.Шарифов. - Душанбе: Пайванд, 2004. – 187 с.
9. Anvar Sadid. Urdu adab ki mukhtasar Tarikh / Sadid Anvar. - Islamabad: Muqtadira qaumi zaban, 1991. – 287 c.
10. Bukhari Suheil. Navalnigarii urdu, tarikhu tanqid / Suheil Bukhari. - Lahor: Meri laybrari, 1966. – 382 c.
11. Hasan Mumtaz. Urdu adab ke masail / Mumtaz Hasan. - Lahor, 1955. - 241c.
12. Siddiqi Manzarulalam. Urdu naval mei taraqqipasand anasir / Manzarulalam Siddiqi. - Dehli, 1991. – 206 c.

РОМАНТИЗМ ЧУН ҶАРАЁНИ АДАБӢ ДАР ҲИКОЯИ УРДУ

Дар мақола сухан дар бораи масъалаи эҷоди ҳикоя ва падид омадани ҷараёни романтикӣ дар эҷодиёти адибони урду мебошад. Дар адабиёти урду ибтидои пайдоиши ҷараёни романтизм ба охири асри XIX рост меояд, лекин романтизм ба таври васеъ баъди хотимаи ҷанги якуми ҷаҳонӣ рӯ ба инкишоф намудааст. Адибон бо офаридани қаҳрамонҳои романтикӣ воқеаву ҳодисаҳои атрофро бо камоли нози тахайюл вориди сужаи ҳикояҳои хеш кардааанд. Бешубҳа, дунёи романтикии адибони ин ҷараён бо ҳақиқат кам алоқаманд буда, аз ҳаёти ҳаррӯзаи халқ дур буд. Дар обҳои ҷории рӯдҳо ҷилои орзуву хаёлот мисли хоби ширин падид меояд ва дар осмони нилгун киштиҳои шинокунандаи абрҳои пора-пора ба пеш чун орзуҳо мешитобиданд. Дар ин фазои романтикӣ пайкари нависандагон таҷассумгари раъноиҳо ва зебоиҳо, орзуҳо ва хаёлҳои онҳо зоҳир мегардид. Дар торикии зулмот қаҳрамонҳои офаридаи адибони ин ҷараён аз шодиву хушиҳои зиндагӣ маҳруманд ва дар зери пардаи орзуву омолҳои ширин маъсумона меҳнат мекунанд. Азобу шиканҷаи рӯзгор онҳоро дилшикаста мекунанд. Ва ҳамин дардмандиву нотавонӣ ин қабил мардумро бо якдигар наздику ошно месозад. Яке аз чунин адибон Ялдарам буд, ки тавонист дар романтизми адабиёти урду тарҳи наве дарандозад. Ӯ аз муҳити атрофи хеш норозӣ буд ва ин тарзи зиндагӣ ӯро нороҳат мекард. Бинобар ин, Ялдарам барои хеш олами мувофиқ бо фаҳмиш ва орзуҳояшро бино кардан мехост. Ҳадафи адибони ин ҷараёни адабӣ аз эҷоди ҳикоя дар ин ҷараён аз як ҷиҳат, дур будан аз ҳақиқати рӯзгор ва аз дигар ҷиҳат, ташвиқи озодиву истиқлоли кишвар ва орзуи озодӣ ва раҳои аз зулмот ва шиканҷа буд.

Калидвожаҳо: ҳикоя, муҳаққиқ, жанри адабӣ, адабиёти урду, ҷараён.

РОМАНТИЗМ КАК ЛИТЕРАТУРНОЕ ТЕЧЕНИЕ В РАССКАЗЕ УРДУ

Статья посвящена возникновению течения романтизма в творчестве писателей урду. В литературе урду начало возникновения течения романтизма приходится на конец XIX века, однако романтизм в литературе широко стал развиваться после 1-ой Мировой войны. Писатели создавали романтических героев, события и действия, сюжеты своих рассказов через призму своих мечтаний и фантазий. Несомненно, романтический мир писателей данного течения был далек от реальности и не отражал правдивой картины жизни народа. В красивом течении рек проблескивали, как в сладком сне, мечты и фантазии писателей, и как в голубом небе, проплывали облака несбыточных желаний. В этом романтическом настроении и мировосприятии проявлялся характер писателя как олицетворение изящества и красоты, любви и удивительных фантазий. Созданные писателями герои данного течения живут в темноте, лишенные радостей жизни, честно трудятся, мечтая о хорошей и красивой жизни. Тяготы жизни и быта приводят их к разочарованию и сближают их с надеждой на лучшие дни. Одним из таких писателей течения романтизма был Ялдарам, который сумел внести в романтизм литературы урду новое веяние. Он был не согласен с тем, что происходило вокруг, и это положение его крайне угнетало. Поэтому Ялдарам, опираясь на свои желания и мечты, хотел создать комфортный для своего понимания мир. Целью писателей данного литературного течения было, с одной стороны, отдаление от реалий жизни, а с другой стороны, пропаганда свободы и независимости страны, свободы от невежества и угнетения.

Ключевые слова: рассказ, исследователь, литературный жанр, литература урду, течения.

ROMANTICISM AS A LITERARY MOVEMENT IN AN URDU STORY

The article is devoted to the emergence of the flow of romanticism in the works of Urdu writers. In Urdu literature, the onset of the trend of romanticism dates to the end of the 19th century, however, romanticism in literature began to develop widely after the First World War. Writers created romantic heroes, events and actions that took place around, the plots of their dreams and fantasies. Undoubtedly, the romantic world of the writers of this trend was far from reality and did not reflect the true picture of the life of peoples. In the beautiful course of the rivers flashed like clouds of unfulfilled desires floating in the blue sky. In this romantic mood and worldview, the character of the writer was manifested as the personification of grace and beauty, love and amazing fantasies. The heroes of this movement created by writers live in the dark, deprived of the joys of life, work honestly, dreaming of a good and beautiful life. The hardships of life and life lead them to disappointment and bring them closer to the hope of better days. One of such writers of the romanticism trend was Yaldaram, who managed to introduce a new trend into the romanticism of Urdu literature. He did not agree with what happening around, and this situation greatly depressed him. Therefore, Yaldaram, relying on his desires and dreams, wanted to create a world comfortable for his understanding. The world that reflects not only his dreams and desires, but dreams and desires of million common people, who were under oppression and depression of colonialism and wanted to live in freedom country. The goal of the writers of this literary movement was, on the one hand, distant from the realities of life, and on the other hand, the propaganda of freedom and independence of the country, freedom from ignorance and oppression.

Key words: story, researcher, literary genre, Urdu literature, currents.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷӯраева Замира Гулямовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, саркотиби илмии шӯроҳои диссертатсионӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.:**(+992 3722) 227-20-59**

Сведения об авторе: ***Джураева Замира Гулямовна*** – Таджикский национальный университет, главный учёный секретарь диссертационных советов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Тел.:**(+992 3722) 227-20-59**

Information about the author: ***Jurayeva Zamira Gulyamovna*** – Tajik National University, the shef academic secretary of dissertation committee. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **farah2000@mail.ru.** Tel.: **(+992 3722) 227-20-59**

УДК: 891.550-1

ҚОФИЯИ ШОЙГОН ДАР АШЪОРИ УСТОД РӮДАКӢ

Шокириён М.
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон

Дар асри X қариб ҳамаи жанрҳое, ки мо ривоҷи онҳоро дар адабиёти қарнҳои баъдӣ мебинем, бо шаклу намудҳои гуногун ташаккул ёфта буданд. Дар жанрҳои лирикӣ (хурд ва калон) фард, байт, дубайтӣ, рубоӣ, мусаммат, қитъа, қасида ва ғазал тағйиротҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд, яъне онҳо аз ҷиҳати қофия ва радиф беҳтар гардиданд. Дар ҳамин давра намунаҳои аввалини насри илмии забони форсии дарӣ ба вуҷуд омад. Насри таърихии форсӣ ҳам дар ҳамин аср зуҳур кард. Аз асарҳое, ки доир ба илми бадеу арӯз ва қофияи шойгон (арзанда, лоиқ) дар забони форсӣ таълиф шуданд, дар сарчашмаҳо ишора ва хабарҳои аниқу муътамад ҳастанд. Яъне, аз ин ҷо бармеояд, ки назми халқҳои форсизабонон дар тӯли таърихи беш аз сеҳазорсолаи худ сарвати ғановатманде дар қолаб ва қавонуни шеър ё жанрҳои бадеӣ боқӣ мондааст.

Агар оғози шеъри дариро, ки ба қавонуни вазни арӯз эҷод гардидааст, баъд аз истилои араб мансуб донем, даврaҳои басо куҳан ва бомашаққатеро сипарӣ намудааст. Дар ин муддат оид ба вазни арӯз ва илми қофия ё қофияи шойгон асарҳои зиёд ва

бешуморе ба миён омадаанд. Бино ба маълумоти муаллифи китоби «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ мутафаккирони барҷастаи асри Х-и форсу тоҷик Шуштарӣ ва Абӯюсуф аз зумраи нахустин фозилоне ё адибоне мебошанд, ки дар бахши таҳқиқи қофияи шойгон ва арӯз ба забони тоҷикӣ асарҳои арзишманде таълиф намудаанд. Дар ин бобат Муҳаммад Родуёнӣ чунин ишора дорад: «Чунин гӯяд Муҳаммад Умар Родуёнӣ, ки тавсифро бисёр дидам, мар-динишиён ҳар рӯзгореро андар шарҳи балоғат ва миёни аҳли саноат ва он чӣ аз он хезад ва ба вай омезад, чун арӯз ва маърифати алқобу қавофӣ ҳама тозӣ дидам ва фоидаи вай як гурӯҳ мардумро махсус дидам ва магар арӯз, ки Абӯюсуфу Абулъалои Шуштарӣ ба порсӣ кардаанд» [4, с.259].

Агарчи имрӯз оид ба фанни арӯз якчанд асарҳои гаронбаҳо ва қобили таваҷҷуҳ ба монанди «Меъёрулашъор»-и Насриддини Тӯсӣ, «Тарҷумонулбалоға» навишта шудаанд, ҳамаи онҳо дар асоси усули Халил ибни Аҳмад, (муҳаққиқи араб, ки 15 баҳрро эҷод намудааст), таҳия гардидааст.

Манбаи дигари муътамаде, ки доир ба илми қофия ба мо маълумоти саҳеҳ медиҳад, «Ал-Муъҷам фи маъойир-ул ашъор-ул-аҷам»-и Шамс Қайси Розӣ аст, ки мавриди истифода қарор додем. Баъдан маъхазҳои муҳим «Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва «Қофия дар назми тоҷик»- и Баҳром Сирус мебошад.

Дар бораи ашъори форсии тоҷикиро истифода карда тавонистан дар арӯзи арабӣ муҳаққиқи эронӣ Парвиз Хонларӣ ба тариқи мухтасар чунин қайд кардааст: «Чун арӯз ба Эрон расид, донишмандони Эрон нахуст онро айнан иқтибос карданд, аммо батадриҷ дарёфтанд, ки забони форсӣ ихтисосот ва заруриёти дигаре дорад. Пас, қавоиде бар он афзуданд ва нукоте костанд» [10, с.260].

Муҳаққиқони адабиёти форсии дарии тоҷикӣ дар хусуси шеър, вазн, қофияи шойгон ва мақоми он фикру мулоҳизаронӣ намудаанд. Онҳо вақти навиштани шеър доир ба қофияи шойгон ва таҳлили вай дар навбати аввал ҳиҷоро аз «ҳарф» устувор мекарданд ва ба садонокҳои дароз ва кӯтоҳ диққат медоданд. Дар ин бора адабиётшинос Нисорӣ чунин мегӯяд: «Қофия ҳарфи чандест, дар охирҳои байт дар алфози мухталифа оранд, ки дар охири абёт ба ғайри истиқлоли ҳуруф воҷиб аст» (10, с.21). Аз ин ҷо ошкоро дида мешавад, ки:

1) таҳлили қофияи шойгон аз ҳиҷо не аз ҳарф оғоз мешавад;
2) муаллиф дар калимаҳои гуногун айнан такрор шудани қофияи шойгонро таъкид менамояд;
3) қофияи шойгон аломати зарурии шеър маҳсуб мегардад;

Албатта, дар шеър нақши қофия пас аз вазн калон аст. Қофияи шойгон (арзанда, лоиқ) ба мусиқии шеър обуранги тоза мебахшад, вале вазифааш таъмини пояи асосии шеър нест. Аҳаммияти қофияи шойгон дар он аст, ки мазмун ва шаклро таъйин мекунад ва нақл низ дар навбати худ воситаи ифоқаи мазмун аст ва ба ин маънӣ фаъол аст.

Қофияи шойгон аз калимаи арабии қофият ба забони мо омадааст ва маънои аз пайравандаро дорад. Дар забони тоҷикӣ калимаи пасованд (яъне пасванд) низ ба маънои қофия кор фармуда мешавад.

Пасованд ба маънои пасоянд - ҷузъи охири калима, ки маънои онро дигар мекунад, низ истифода мешавад. Намуна аз шоири асри Х Лабибӣ:

Ҳама ёва, ҳама хому ҳама суст,
Маъонӣ аз чакома то пасованд [4, с.16].

Қофия ҷузъи шаклии шеър аст ва дар гузашта шеърнависон маъною вазифаи қофияи шойгонро дар қолаби таърифи умумии шеър баён кардаанд. Бо ин сабаб таъриферо, ки Шамс Кайси Розӣ дар китоби худ «Ал-Муъҷам…» додааст, меорем ва вазифаи қофияро дар таркиби мафҳуми шеър маълум менамоем:

«Бидон, ки шеър дар асли луғат дониш аст ва идроки маъонӣ ба ҳадси соиб ва андеша ва истидлоли рост ва аз рӯйи истилоҳ сухане андешида мураттаби маънавӣ, мазмуни мутақаррар, мутасавии ҳуруфи охирини он ба якдигар монанд ва дар ин ҳад(д) гуфтаанд: сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни назму насри мураттаби маънавӣ, мазмуни мутақаррар, муталовии ҳуруфи охирини он ба якдигар монанд ва дар ин ҳад(д) гуфтаанд: сухани мураттаби маънавӣ, то фарқ бошад миёни шеъру ҳазён ва каломи номураттаби бемаънӣ… Ва гуфтаанд: «Ҳуруфи охирини он ба якдигар монанд, то фарқ бошад миёни муқаффо ва ғайримуқаффо, ки сухани беқофиятро шеър нашуморанд, агарчи мавзун афтад» » [7, с.161].

Илми қофияи шойгон фанни махсуси шеършиносӣ буда, ҷузъи илмҳои адабӣ мебошад. Вай хусусият ва аҳволи навъҳои қофияи шеърро меомӯзад, ташаккули анвои онро мувофиқи низоми қофия муайян мекунад ва арзиши ҳунарӣ ва эстетикии қофияи шойгонро дар эҷоди бадеӣ, сохти онро дар таърихи шеър ва адабиёти дигар аҳвоми ҷаҳон таҳқиқ менамояд.

Сохти қофияи шойгон бошад, дар қонуни савтиёт (фонетикӣ) ва суннатҳои адабии ҳар адабиёт вобастагӣ дорад ва сабт шудааст ва қофияи шойгонро дар гуфтори бадеӣ низ истифода мебаранд.

Вазифаҳои бадеии қофияи шойгон аз он иборат аст, ки ин қофия мустақиман дар ҳамбастагӣ бо радиф ва шеър дар ҳудуди як байт ва дар тамоми шеър ягонагӣ медиҳад. Дар байти зерини шуарои асри Х-Абӯшакури Балхӣ ва Дақиқӣ ягонагии байт ба воситаи қофияи шойгон ва ягонагии қофияю радиф ба назар мерасад:

... Хиромидани кабк бинӣ ба шаҳ,
Ту гӯй, ки дебо фигандаст наҳ... [1, с.47].

...Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон [1, с.61].

Гӯянд сабр кун, ки сабр туро бар диҳад,
Оре, диҳад, валек ба умри дигар диҳад [1, с.206].

Дар абёти зикршуда калимаҳои шаҳ-наҳ [1], бидон-ҷовидон [2], бар диҳад-дигар диҳад (3) ҳамқофия шуда омадааст.

Ин далелҳо барои тасдиқ намудани андешаҳои дар боло ифодашуда аст, ки аз ашъори ҳамасрони устод Рӯдакӣ оварда шуданд.

Аслан, қофияи шойгон аз ҳарфҳои решагии калима сохта мешавад, ки ба монанди калимаҳои танбӯр-занбӯр, паҳновар-шиновар, ҷадид-падид омадааст.

Дар байни мардуми тоҷик гуфторе ба мисли **«қофия танг омадан»** ҳаст, ки маъноях **мушкил шудани кор**, **«қофия задан» - сухани киноядор**, **«қофия бохтан» - хато кардан** ва монанди инҳоро дар гуфтор одамон истифода мебаранд.

Дар байни шоирон низ чунин гуфтор ҳаст, ки киноятан мегӯянд: «қофиясанҷ» ва «қофиягӯй», яъне каси шӯху ҳазлкашро гӯянд.

Қофияи шойгон дар шеър фақат вазифаи ба вуҷуд овардани шакли шеърро надорад. Шоирон бо зарби шеър ва қофия андеша меронанд, мазмуни суханро ба талаби маънои калимаи қофия мувофиқ мекунанд.

Дар аксари шеърҳое, ки қофияи сабук аз як-ду то се ҳиҷо дорад, радиф ҳам омада оҳангнокӣ ва ягонагии шаклу маънои байтро таъмин менамояд. Радиф - касе дар қатори саворон баъди дигаре омада бошад. **Радиф** ба маънои **раста, рада ва саф** омада метавонад. Дар истилоҳи адабӣ радиф калима ё калимаҳои охири мисраи шеърро мегӯянд, ки дар мисраи қофия аз аввал то охир биёянд. Масалан, дар шеъри машҳури устод Рӯдакӣ «Ояд ҳаме» аз аввал то ба охир омадааст, ки ҳамчун қофияи шойгон истифода шудааст. Байти аввали ин қитъа чунин аст:

Бӯйи Ҷӯйи мулиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме... [2, с.61].

Барои дилкашу форам ва муассиру пурҷозиба тазоҳур кардани мақсад ва ғояи осори бадеӣ қофияи шойгон, воситаҳои тасвир ва санъатҳои бадеӣ нақши муҳим мебозанд. Ба қавли донишманди барҷастаи тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ: «Воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамин гуна ҷузъи муҳимми асари бадеӣ мебошанд, ки адиб онҳоро барои ифода кардани ғояи асосии худ истифода менамояд» [3, с.9]. Мо дар мақолаи кӯчаки худ тасмим гирифтем, ки корбасти қофияи шойгон ва санъатҳои бадеиро дар ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ то ҷое баррасӣ намоем.

Шеъри форсии тоҷикӣ қонун ва системаи қофияи он дар фаҳмиши мафҳумҳои ҳарф, ҳаракат ва ҳиҷо сохта шудааст. Ин система ба забоншиносӣ ва шеършиносии мо аз арабӣ омадааст. Ҳарфҳо навишта мешаванд, ҳаракатҳоро дар мавриди зарурӣ мегузоранд ва ҳангоми қироат ҳиҷоро талаффуз мекунанд. Ин ҳаракатҳо «а», «и», «у»-забар (фатҳа), зер (касра) ва пеш (замма) мебошанд, ки садоноки кӯтоҳ хонда мешаванд. Ҳарфҳо бо ҳам якҷоя омада, аз садонокҳо ва ҳаракатҳо ҳиҷоро ташкил медиҳанд.

Сохти қофияи шойгон ва унсурҳон он аз системаи назарии мавҷудаи қофияи шойгон хеле сода аст, вай дар заминаи қонуни калимасозии арабӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар забони арабӣ шаклҳои гуногуни калима аз як решаи феълӣ сохта мешаванд ва ҳуруфи решагӣ ҳама вақт устувор мемонанд. Барои ба вуҷуд овардани системаи назарии қофияи шойгон ҳарфи охирини решагии калимаро асос қарор дода, низому тартиби ҳарфҳои пеш ва баъди онро маълум намуда, унвонгузорӣ кардаанд.

Ҳамин ҳарфи охирини решагии калимаи қофияро равӣ гуфтаанд. Калимаи равӣ аз ривоҳ гирифта шудааст ва равоҳ ба қавли Шамс Қайси Розӣ, «расане бошад, ки бад-он бори шутур банданд. Пас, чун бинои ҷумлаи абёти ашъор бар ин ҳарф аст, ки гӯӣ ҷумлаи абёт бар ин ҳарф баста мешавад, онро ба равои шутур монанда карданд ва номе муштақ аз он ниҳод» [5, с.326].

Дар адабиёти тоҷик аслан нуҳто унсурҳои қофия: қайд, ридфи муфрад, таъсис, дахил, васл, хурӯҷ, мазид ва ноира мавҷуданд, ки аз инҳо қайд, ридфи муфраду зоид якҷоя ридфи мураккаб ҳисоб шуда, онҳо дар қофияи шойгон пеш аз равӣ меоянд.

Агар қофияи шойгон бо ҳарфи равӣ анҷом ёфта бошад, онро қофияи муқайяд мегӯянд.

Агар қофияи шойгон баъди равӣ унсури дигар дошта бошад, онро қофияи мутлақ мегӯянд.

Дар рисолаи «Ҷамъи мухтасар»-и Ваҳиди Табрезӣ миқдори ҳуруфи қофияи шойгонро муаллиф дар ин ҷитъа баён кардааст:

Қофия дар асл як ҳарф асту ҳашт онро табаъ,
Чор пешу чор пас, он нуқта инҳо доира.
Ҳарфи таъсису дахилу ридфу қайд, он гаҳ равӣ,
Баъд аз он васлу хурӯҷ асту мазиду ноира [1, с.335].

Доир ба масъалаи қофияи шойгон шоирони асри Х бештар ба жанри рубоӣ рӯ оварданд. Рубоиёти аз ҳама қадим, ки то замони мо омада расидаанд, ба осори шоирони асри 1Х-Х тааллуқ доранд, ки мавзӯъҳои ишқӣ, панду насиҳат, тасвири табиатро дар бар мегиранд. Рубоиёти асосгузори адабиёти классикии тоҷик, устод Рӯдакӣ ва муосиронаш мавзӯъҳои дилрабоӣ, некахлоқӣ, дидактикӣ, гуфтори нек ва ғайраро дар бар гирифта, дар онҳо хеле устодона истифодаи образҳои бадеӣ ва тасвири онҳо нишон дода шудаанд. Чунки миқдори мисраъҳо ва тарзи қофиябандии рубоӣ ва дубайтӣ ба ҳам монанд аст. Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Фахриддини Розӣ, Тоҷ-ул-Ҳаловӣ ва дигарон дар байни рубоӣ ва дубайтӣ фарқе нагузоштаанд.

Тарзи қофиябандии дубайтӣ ва рубоӣ ба ҳам монанд аст: ааба ва аааа. Ҳангоми тадқиқот ин жанри хурди лирикиро аз осори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ пайдо кардем ва чор сатре аз шоири асри 1Х-Маҳмуди Варроқ боқӣ мондааст, аз рӯйи сохтор ҷавобгӯйи дубайтист:

Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам,
Гаронӣ дар баҳо арзонат надҳам.
Гирифтастам ба ҷон домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам [1, с.13].

Дубайтии дигарро аз осори шоири асри Х, Қамарии Ҷурҷонӣ дучор омадем, ки делели гуфтаҳои болост:

Падидор аст адлу зулм пинҳон,
Мухолиф андаку носеҳ фаровон.
Абар Заҳҳок чира шуд Фаридун,
В-аз Аҳриман ситад хотам Сулаймон [1, с.377].

Аз осори Шаҳиди Балхӣ дубайтие ҳамчун далел меорем, ки аз рӯйи вазн ҷавобгӯ ба дубайтӣ буда, вале тарзи қофиябандӣ ва дарбаргирии мавзӯву мазмун ба ҷитъа монанд аст:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона [1, с.44].

Яке аз хусусиятҳои назми нимаи дуюми асри Х дар он буд, ки дар он истифодаи тасвиру тавсифҳои назми омиёна, калимаву таъбирҳои забони халқӣ камтар кор фармуда шуда, ҷиҳати қофия ва радиф беҳтар мешавад. Дар онҳо истифодаи санъатҳои шеърӣ ба монанди ташбеҳ, истиора, масал ва дигарҳо бештар дида мешаванд. Забони шеър бештар китобӣ, ба сабки махсуси гурӯҳи адибон мувофиқ мегардад. Ҳатто чунин дигаргуниро мо дар лирикаи Даҳиқӣ низ ба андозаи зиёд ҳис мекунем. Даҳиқӣ дар мавзӯъ ва воситаҳои тасвир ҳарчанд анъанаҳои устод Рӯдакиро давом медод ва аз суннатҳои пешазисломӣ пайравӣ мекард, аммо дар шеър он тасвирҳои реалистонаи халқиро, ки Рӯдакӣ дошт, камтар истифода менамуд, тасвирҳои ӯ бештар на эҳсосӣ, балки ақлонӣ буданд. Чунончи, Рӯдакӣ дар як шеъраш баҳорро чунин тасвир кардааст:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тииб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад- ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб...
Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.
Кунҷе, ки барф пеш ҳамедошт, гул гирифт,
Ҳар чӯяке, ки хушк ҳамебуд, шуд ратиб.
Тундур миёни дашт ҳаме боз бардамад,

Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб.
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда хазиб... [2, с.26].

Дар ин шеър калимаҳои «тииб», «аҷиб», «рақиб», «ратиб», «қазиб», «ҳазиб» ва ғайраҳо ҳамқофия омадаанд. Мо мебинем, ки Рӯдакӣ манзараи баҳорро чӣ тавр муҷассам тасвир кардааст! Аз ҳар образи ӯ шумо як намуди табиатро, чунонки дар рӯйи лавҳаи рассом бошад, ба тарзи ҷисмонӣ мебинед… Раъд мисли даррандае дар миёни дашт, бод бармедамад (ғуррос мезанад), барқ мисли шохҳои дарахт аз байни абр каҷу килеб парешон шуда меравад, лола аз миёни кишт мисли панҷаҳои ҳинобастаи арӯсон намоён мешавад… Дар ин тасвирҳо ҳама чиз диданӣ, шуниданӣ, эҳсоскарданӣ аст. Ин аст сабки Рӯдакӣ, сабки ҳамасрон ва ҳамқаламони ӯ.

Акнун бубинем, ки манзараи баҳорро Дақиқӣ чӣ хел нишон додааст:

Барафганд, эй санам, абри биҳиштӣ,
Заминро хилъати урдибиҳиштӣ.
Биҳишти аднро гулзор монад,
Дарахт ороста ҳури биҳиштӣ.
Замин бар сони хунолуда дебо,
Ҳаво бар сони ниландуда ваштӣ.
Чунон гардад ҷаҳон ҳазмон, ки гӯӣ,
Паланг оҳу нагирад ҷуз ба куштӣ… [1, с.282].

Тасвири баҳор дар ин шеъри Дақиқӣ ба образҳои муҷаррад (абстрактӣ) сохта шудааст: абри биҳиштӣ, хилъати урдибиҳиштӣ, биҳишти адн, хури биҳиштӣ – ҳама тасвир қофияи шойгон ва ташбеҳҳои абстрактӣ ва ақлонианд, ки эҳсоси онҳо ба тарзи ҷисмонӣ номумкин аст. Дар байти охирин бошад, Дақиқӣ ташбеҳи ниҳоят пӯшида (ба ибораи илми бадеъи классикӣ «ташбеҳи музаммар») ба кор бурдааст, ки чигунагии вазъи табиатро тасаввур кардан душвор аст: Ҷаҳон, яъне табиат, - мегӯяд шоир, - ҳар замон чунон дигаргун мешавад, ки гумон мекунӣ, паланг оҳуро ба гӯштӣ ба чангаш медарорад. Дар ин ҷо шоир шояд онро дар назар дошта бошад, ки ҳаво мисли паланг дар вақти ба оҳу дарафтодан хашмолуд (тирагии абр) мешавад ва дар қаҳр меғурраду садои пурхашм мебарорад.

Дар ҳар ду абёти шеърӣ қофияи шойгон ба таври лозима - яъне мувофиқи нақшаи қавонуни назмӣ таълиф шуда, санъатҳои шеърӣ низ истифода шудааст... Ҳамасри дигари устод Рӯдакӣ - Мунҷики Тирмизӣ аст, ки санъатҳои шеъриро хеле моҳирона истифода бурдааст.

Мунҷики Тирмизӣ васфу тавсифро дар лирика ва рубоиёташ боз ҳам мураккабтар, тарзи тасвирро боз ҳам печидатару пуртакаллуфтар, образ ва таъбирҳоро боз ҳам пӯшидаву мушкилтар кардааст. Чунончи, ӯ дар ташбиби қасидаи мадҳияе, ки ба ҳукмронии чаҳонӣ Абулмузаффар бахшидааст, чунин байтҳо дорад:

Ҳаво қазост, ҳаворо ба ҳила натвон зад,
Чун парниён ба барии тири ӯ, чу з-оҳан, сад.
Ҳавост ин ки ҳаме дорадам дар ин шабҳо,
Мунодим-уд-Дабарону Мурой-ул-Фарқад.
Пур аз бадоеъ лафзу пур аз саноеъ даст,
Пур аз маҳофиз чашму пур аз зароиф ҳад.
Фиғони ман ҳама з-он ҷаъди бе такаллуфи туст,
Фиганда табъ бар ӯ бар ҳазор гуна уқад… [1, с.344].

Дар матлаъи ин қасида калимаҳои «зад» ва «сад» ҳамчун қофияи шойгон истифода шудаанд.

Дар ашъори устод Рӯдакӣ, хусусан қасидаҳояш як ҷаҳон лутфу сафо ва ихлос нуҳуфтааст, ки дар қасидаҳои машҳури шоирони баъдина хеле кам дида мешавад. Санъате, ки дар ин қасида истифода шудааст, раддулматлаъест, ки мисраи аввал ва охири қасида такрор ёфта, ба шоир имкон додааст, ки фикру андеша, ҳиссиёту ҳаяҷони худро ба таври таъкиду хитоб изҳор намояду ҳусну эътибори шеърро афзун гардонад. Мавриди зикр аст, ки санъати раддулматлаъ дар адабиёти тоҷик нахустин бор дар қасидаи устод Рӯдакӣ истифода гардидааст:

Дер зиёд он бузургвор Худованд,
Ҷони гиромӣ ба ҷон-ш андар пайванд.
Доим ба ҷони ӯ биларзам, зеро-к
Модари озодагон кам орад фарзанд.
Аз маликон кас чун ӯ набуд ҷавоне
Роду сухандону шермарду хирадманд...
Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,

Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд.
Гарчи бикӯшанд шоирони замона,
Мадҳи касеро касе нагӯяд монанд...
Охири шеър он кунам, ки аввал гуфтам:
«Дер зиёд он бузургвор Худованд» [2, с.33].

Чи тавре ки дар боло зикр шуд, то замони мо аз эҷодиёти шоирони асри Х қасидаҳои хеле кам боқӣ мондаанд. Аз мутолиаи онҳо маълум мегардад, ки шеъри классикии тоҷик аз ибтидои комёбиҳои худ, яъне аз асри Х ҷиҳати пайвастагӣ ва воқеияти зиндагӣ, ҷиҳати хос пайдо карда, расму оин ва равиши зиндагии табақаҳои ҷамъиятиро то андозае инъикос кардааст. Шоирон ва нависандагони асри Х бисёр чизҳоро реалистона тасвир кардаанд. Шуарои он давра кӯшидаанд, ки мазмуни қасидаҳои онҳо, қофияю радифи онҳо ба ақлу зеҳни мардум мувофиқ бошанд. Ба ақидаи шуарои асри Х, шеър бояд аз ростӣ ва зебоӣ иборат бошад, яъне идеали онҳо аз он иборат будааст, ки онҳо лафз ва маънии росту дурустро дар либоси зебою хуб тасвир карда тавонанд. Дар мероси адабии шоирони асри мазкур ба порчаҳое вомехӯрем, ки дурустии ин ақида боз ҳам равшантар мегардад. Абӯшакури Балхӣ дар шеъри худ ин мазмунро хеле хуб баён кардааст:

Ба кажживу норостӣ кам гарой,
Ҷаҳон аз паи ростӣ шуд ба пой.
Ҳар он гаҳ, ки шуд ростит ошкор,
Фаровон бувад мар туро хостор.
Никӯҳида бошад дурӯғозмой,
Сӯи бандагону сӯи Худой.
Дурӯғ арзу озарм камтар кунад,
В-агар рост гӯӣ, кӣ бовар кунад?... [1, с.50].

Дар фарҷоми сухан бояд қайд намуд, ки аз ашъори шоирони асри Х маълум мешавад, ки эҷодиёти онҳо аз лафзу маънии пухта, шаклу тарҳи тоза ва бадеъу ибтикори табъи шоирӣ бо равонию устуворӣ дар қасида ба ҳам чунон пайвастааст, ки дар муддати тақрибан ҳазор сол дасти ҳеҷ гӯянда ба домани ибдоъу ибтикор ва хушоҳангию равонии он нарасидааст. Ҳамин тавр, дар асрҳои минбаъда шакли қасида ва шаклҳои дигари шеърӣ такмил дода шуда, навпардозиҳо дохил карда шуданд ва мавзӯъҳои нав ба нав илова карда шуданд, ки барои ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шеърӣ замина гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. - 495 с.
2. Девони Рӯдакӣ. - Душанбе: ЧДММ «Рафиграф», - 2008. – 161 с.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъати бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. - Сталинобод: Нашдавтоҷик, 1960. - 260 с.
4. Родуёнӣ, Муҳаммад Умар. Тарҷумон-ул-балоға / Муҳаммад Умари Родуёнӣ. - Истамбул, 1949. - 520 с.
5. Розӣ, Шамс Қайс. Ал-муъҷам… (Тавзеҳоти У. Тоиров) / Шамс Қайси Розӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - 464 с.
6. Девони одамушшуаро А. Рӯдакӣ. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2000. - 210 с.
7. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Шеърҳо (китоби мусаввир) / Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 180 с.
8. Сирус, Баҳром. Қофия дар назми тоҷик / Баҳром Сирус. - Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1955. - 186 с.
9. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Ҷ. 8. / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Рисолаи қофия; мураттиб Абӯбакр Зуҳуриддинов, Алӣ Хуросонӣ; муҳаррири масъул А. Афсаҳзод. - Душанбе: Адиб, 1990. - 495 с.
10. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Вазни шеъри форсӣ / Парвиз Нотили Хонларӣ. - Теҳрон, 1959. – 304 с.

ҚОФИЯИ ШОЙГОН ДАР АШЪОРИ УСТОД РӮДАКӢ

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем, ки дар бораи қофияи шойгони жанрҳои хурди лирикӣ дар ашъори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ андешаҳои худро иброз намоем. Дар ашъори шоирони асри Х ба мо маълум гардид, ки қофияи шойгон аломати зарурии шеър маҳсуб мегардад. Дар ашъори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, хусусан қасидаҳояшон як ҷаҳон лутфу сафо ва ихлос нуҳуфтааст, ки дар қасидаҳои шоирони баъдина хеле кам дида мешавад. Санъате, ки дар назми онҳо истифода шудааст, раддулматлаъест, ки мисраи аввал ва охири шеър такрор ёфта, ба шоир имкон додааст, ки фикру андеша, ҳиссиёту ҳаяҷони худро ба таври таъкиду хитоб изҳор намояду ҳусну эътибори шеърро афзун гардонад. Яке аз хусусиятҳои назми нимаи дуюми асри Х дар он буд, ки дар он истифодаи тасвиру тавсифҳои назми омиёна, калимаву таъбирҳои забони халқӣ камтар дида мешавад. Забони шеър бештар китобӣ, ба сабки махсуси гурӯҳи адибон мувофиқ мегардад. Ҳатто чунин дигаргуниро мо дар лирикаи Даҳиқӣ низ ба андозаи зиёде ҳис мекунем. Даҳиқӣ дар мавзӯъ ва воситаҳои тасвир ҳарчанд анъанаҳои Рӯдакиро давом медод ва аз суннатҳои пешазисломӣ пайравӣ мекард, аммо дар шеър он тасвирҳои реалистонаи халқиро, ки Рӯдакӣ дошт, камтар истифода менамуд, тасвирҳои ӯ бештар на эҳсосӣ, балки ақлонӣ буданд. Шуаро ва намояндагони асри Х бисёр ҳодиса ва воқеаҳоро реалистона тасвир кардаанд. Дар бисёр абёти шеърӣ қофияи шойгон ба таври лозима, яъне мувофиқи нақшаи қавонуни назмӣ таълиф шуда, санъатҳои шеърӣ низ истифода шудааст... Ин ҳолатро дар ашъори ҳамасрони дигари устод Рӯдакӣ - Мунчики Тирмизӣ, Қамарии Ҷурчонӣ, Шаҳиди Балхӣ, ки санъатҳои шеъриро хеле моҳирона истифода бурдаанд, мушоҳида карда метавонем.

Калидвожаҳо: сабки ашъор, илми бадеъ ва арӯз, родмарди дунёи сухан, қофияи шеър, шаклҳои қофия, маърифати андеша.

НЕСМЕТНАЯ РИФМА ТВОРЧЕСТВЕ РУДАКИ

В данной статье высказывается мнение об основной рифме малых лирических жанров в творчестве Рудаки и его современников. Нам известно, что в творчестве поэтов Х века стоящие рифмы считаются одними из основных знаков стихосложения. В творчестве Рудаки и его современников, особенно в одах, раскрываются прелесть и искренность, но в творчестве дальнейших поэтов это малозаметно. Искусство, которое используется в одах, то есть повтор первой и последней строк дает возможность высказать свое мнение о том, что повышается качество и значимость стихосложения. Особенности поэзии второй половины Х века заключаются в том, что используются изображение и восхваление народной поэзии, но мало используются термины, народное пение и др. Язык стиха становится литературным, и стиль поэзии совпадает с методами поэта. Мы видим такие изменения в творчестве Дакики-поэта Х-го века. Дакики подражал стилю Рудаки и его соременников, и он следовал доисламским правилам, но в поэзии он не отражал реалии народа, его описание было нечувствительным, но умственным. Поэты и писатели Х-го века описывали многие явления и события реально и точно. Во многих стихотворных строкахнесметные рифмы созданы в необходимой степени, то есть по правилам законов лирики, а также использовано исскуство лирики... Данное положение также наблюдается в творчестве других современников Рудаки, как Мунджика Термизи, Камари Джурджони, Шахида Балхи, которые умело использовали исскуство лирики.

Ключевые слова: поэтический стиль, наука о поэтике и аруз, представитель мира речи, рифма, формы рифм, культура мысли.

RHYME IN THE WORKS OF RUDAKI AND HIS CONTEMPORARIES

Opinions on the rhyme of small lyric genres in the works by Rudaki and his contemporaries are expresses with firm intention in this article. We know that in the works by poets of the X century rhyme is considered one of the main signs of versification. In the works by Rudaki and his contemporaries, especially in the odes, charm and sincerity are revealed, but in the works of further poets this is hardly noticeable. The art used in the odes, that is, the repetition of the first and last lines, makes it possible to express one's opinion that the quality and significance of versification is increased. One of the peculiarities of the tenth century is that the image and praise of folk poetry and the terms of folk singing, etc. are used little. The language of the verse becomes literary and the style of poetry coincides with the poet's methods. We see such changes in the works the poet of the 10-th century Dakiki. Dakiki continued to portray the style of Rudaki and his contemporaries, and he followed the pre-Islamic rules, but in poetry he did not show the realities of the people and his description was not sensitive, but mental. Poets and writers of the X century described many phenomena and events really and unquestioningly. In many poetic lines innumerable rhumes areeraetd to the necessaru extent, that is according to the rulesof the laws of lyries, and the art of lurics is also used. This stuation is also observed in the warks of other contemporaries of Rudaki as others Skillfully used the art of luries.

Key words: poetic style, poetics and aruz, representative of the world of speech, rhyme, forms of rhymes, culture of thought.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шокириён Муҳаммадюнус*** - Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, омӯзгори калони кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, E-mail: **mukhammad.va07@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-88-12-32**

Сведения об авторе: ***Шокириён Мухаммадюнус*** - Институт туризма, предпринимательства и сервиса Таджикистана**,** старший переподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **mukhammad.va07@bk.ru**. Тел.: **(+992) 907-88-12-32**

Information about the author: ***Shokiriyon Mamadyunus*** - Institute turism, of Entrepreneurship and Service, Senior Lecturer, Department of Cultural Studies and Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni street 44. E-mail: **mukhammad.va07@bk.ru**. Tel.: **(+992) 907-88-12-32**

УДК: 891.550

ДОИР БА ЯК ЖАНРИ ҒАЙРИРАСМИИ НАЗМИ ДАРБОРИИ ФОРС-ТОҶИК ДАР АСРҲОИ Х-XII

Ахмедова Д.И.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Адабиёти оламшумули мумтози форс-тоҷик дар давраҳои аввали тараққиёти таърихии худ асрҳои (Х-XII) бо дарбори ҳукмдорон вобаста буд, аниқтараш, адабиёти дарборӣ ҳисоб мешуд. Аз ин рӯ, дарбори феодалӣ чи дар мазмуну мундарича ва чи дар шакли адабиёт нақши ҳаматарафа ва чуқуре дошта, шеър (қасида) ба қонуну қоидаҳои дарбор итоат мекард, мафкура ва талаботи соҳибони онро низ инъикос менамуд. Дар жанри ягонаи худ, қасида назми дарборӣ фақат таърифу тавсифи ҳукмдорон ва мансабдорони наздики ӯро дар бар мекард. Мазмуни як қасида бо обуранги бадеии дигаре такрор шуда, фақат дар қисми муқаддимавии онҳо ба мавзӯъҳои дигаре мисли васфи маъшуқа, манзараҳои зебои табиати баҳорӣ, маю майгусорӣ ва ғайра муроҷиат карда мешуд, ки онҳо низ дар доираи муайян ба тарзи анъанавие такрор мешуданд. Аз ин рӯ, дар сохтори қасида ва мундаричаи он мавзӯъҳое ҳукмфармо буданд, ки онро дар ниҳояти кор расму қоидаҳои шахшудаи дарбори феодалӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар қисми асосии қасида - мадҳ имконияти эҷодии шоир боз тангтар буда, ӯ наметавонист ғайр аз ситоиши мамдӯҳ (ҳукмдоре, ки қасида ба ӯ унвон мешуд) дигар ба ягон мавзӯе муроҷиат намояд, масалан аз чизу ҳодисаҳои ҳаётие, ки ӯро ба ҳаяҷон овардаанд, изҳори хушнудӣ ё нохушӣ намояд, ғаму ғусса ё норизоии худро аз ягон нуқсону иллатҳои рӯзгор ба қалам орад ва ғайра. Шоири дарбор дар қасидаҳои худ аз озодии сухан ё озодии эҷодӣ мутлақо маҳрум буд. Дар чунин шароити танги эҷодӣ шоирони дарбор як роҳи халосӣ аз маҳдудии эҷодиро, ки барояшон қасидапардозӣ ба вуҷуд оварда буд, пайдо карда буданд. Онҳо ҳамаи он дарду доғ, ғаму андуҳ, орзуву омол, розу ниёз, норозигию эътироз ва исёне, ки дар дил доштанду аммо дар қасидаҳои мадеҳавии расмӣ гуфта наметавонистанд, дар шеърҳои ғайрирасмии қитъа ба қалам меоварданд. Осори ин жанр тақрибан аз оғози пайдоиши назми мумтози форсӣ-тоҷикӣ баробари қасида арзи вуҷуд карда меомад. Вале дар назми дарборӣ жанри мазкур бар хилофи қасида мавқеи ғайрирасмӣ дошт. Бинобар ин, расмият ва қонуну қоидаҳое, ки дар қасидасароӣ ҷорӣ буданд, дар эҷоди қитъаҳо ба кор намерафтанд ва ин жанри ғайрирасмӣ дар даврахои ривоҷи назми дарборӣ дар эҷодиёти шоирони қасидасаро тазоди қасида ҳисоб мешуд. Ба тарзи дигар гӯем, қасида ва қитъа ду қутби эҷодиёти шоирони дарборро ташкил мекарданд, ки яке характери расмӣ дошта, бо шахси мамдӯҳ ва дигаре бо шахси худи шоир, зиндагӣ ва дунёи андешаву эҳсоси ӯ алоқаманд буд. Агар дар қасида фақат аз мамдӯҳ сухан равад, дар қитъаҳо “ман”-и шоир таҷаллӣ менамояд. Дар ҳоле, ки қасида шеъри ҳаҷман бузург асту ба жанри калони лирикӣ мансуб мебошад, қитъа бештар дар шакли хурде эҷод шуда, бинобар ин, жанри хурди лирикӣ ҳисоб мешавад.

Мо қитъаро бинобар он жанри ғайрирасмии назми дарборӣ ҳисоб мекунем, ки дар он аз чизҳое сухан меравад, ки гуфтани онҳо дар қасидаи расмӣ аз рӯйи расму қоида ва одоби дарборӣ “хурду ночиз ва беаҳаммият” буда, бинобар ин, нораво ва мамнуъ ҳисоб карда мешуд. Дар ҳақиқат, расму қоидаи дарбор ва завқи “олиписанд”- и он ба қалам овардани “майда-чуйдаҳо”-и рӯзгори шоир, хусусан ҳасби ҳоли ғамангез ва шикоятҳои ҷонсӯзи ӯ аз замон ва арбоби он, аз хору зории аҳли ҳунар имкон намедод. Чунин мазмун ва оҳангҳои ғоявӣ дар осори ғайри қасида ва дар жанри ғайрирасмие чун қитъа ҷой дошта метавонистанд.

Ҳамин тариқа, эҷодиёти шоирони дарбор ду паҳлуи ба ҳам зид - расмӣ ва норасмӣ пайдо карда буд. Паҳлуи расмии он дар жанри қасида таҷассум ёфта ва паҳлуи ғайрирасмиаш дар жанри қитъа ифода гардида буд.

Аммо дар эҷодиёти шоирони дарбор ба сабаби маълум қасидаҳо мавқеи асосӣ гирифта, бинобар ин, девони ашъори онҳо девони қасидаҳо номида мешуд. Дар девонҳои қасидасароёни асрҳои X-XII қитъаҳо мувофиқи мақом (статус)-и ғайрирасмии худ миқдоран зиёд набуданд. Танҳо дар девонҳои як қатор шоирони дарбори нимаи дуюми асри XII, бинобар сабабҳои маълум ба дараҷае озодии шахсӣ ва эҷодӣ ба даст овардани шоирон дар эҷодиёти онҳо мавқеи жанри қитъа боло рафта, дар девонашон миқдори қитъаҳо хеле афзудааст. Аммо чи мавқеъ доштани қитъаҳоро дар эҷодиёти шоирони асри X, бинобар боқӣ намондани девонҳои ашъори онҳо, муайян карда наметавонем.

Агарчи осори қитъа дар эҷодиёти шоирони дарбор аз назари ҳаҷм ва миқдори худ бо осори жанри қасида қобили муқоиса шуда наметавонад, аммо аз ҷиҳати мухтавиёт, мавзӯву мундариҷаи ғоявии худ аз онҳо афзалтар, боарзиштар, аҳаммиятноктар ба назар мерасад. Дар қитъаот ғановати мухтавиёт, рангорангии мавзӯъҳо ва чизҳои мавриди тасвирро мебинем. Дар онҳо доир ба мавзӯъҳои бисёр ва гуногуне сухан меравад. Ҳаҷв ё ситоиши ашхоси мансуб ба тоифаҳои мухталиф, ҳасби ҳоли шоир, мазаммати аҳли дунё, танқиди замон ва арбоби он, шикоят аз рӯзгор ва чархи гардун, ситоиши хирад ва арбоби дониш, андешаҳои ҳакимона доир ба дунёву гузарандагии умри инсон ва ғанимат шуморидани он, панду андарз ва ғайра - чунин аст номгӯи нопурраи мавзӯву мундариҷаҳои қитаҳо.

Чунин ғановат ва гуногунии мавзӯву мундариҷаи қитъаҳо ба туфайли ин жанр аст, ки дар навбати худ, самараи мавқеи ғайрирасмӣ доштани он мебошад. Ҳамин мавқеи ғайрирасмии қитъа дар назми дарборӣ ба он имкон додааст, ки мавзӯъҳои басе гуногун ва мухталифро дар бар гирад, мундариҷаи худро хеле ғанӣ гардонад. Дар ҳақиқат, озодии мавзӯву мундариҷаи қитъа ба ҳаддест, ки дар он амалан ҳама чиз мавриди тасвир ва гуфтугӯ қарор гирифта метавонад. Метавон гуфт, ки мавзӯву мундариҷаи қитъаҳо ҳадду канор надоранд.

Ғановат ва гуногунрангии мавзӯву мундариҷаи қитъаҳо осори ин жанрро қобили таваҷҷуҳ ва хондани гардонидааст, чунон ки хонандаи оддӣ дар мутолиаи девонҳои ашъори шоирони дарбор аз қасидаҳои хушку берӯҳи он барои худ чизе гирифта натавониста, бо кунҷковӣ ва шавқи зиёд ба хондани қитъаоти девон саргарм мешавад.

Бо назардошти ҳамин ғановат ва гуногунрангии мавзӯву мундариҷаи осори қитъа адабиётшиноси маъруфи тоҷик Р.Ҳодизода дар китоби “Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ” навиштааст, ки доираи мавзӯи қитъа хеле васеъ ва гуногун аст. Мо дар қитъа ҳам ҳаҷв ҳам шикоят аз нуқсонҳои ҳаёт, ҳам танқиди норасоиҳои ҷамъият, тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти шоир ва инъикоси ақидаҳои фалсафӣ - ахлоқии ӯро мебинем. Қитъа дар замоне, ки ғазал ҳанӯз инкишоф наёфта буд, дар эҷодиёти шоирони қасидасаро мавқеи калон дошт.

Ин ягона сухани илмӣ доир ба моҳият ва назарияи жанри қитъаи назми мумтози форс-тоҷик мебошад, ки то ба ҳол дар адабиётшиносии тоҷик баён шудааст.

Озодии жанри қитъа дар шакли зоҳирии он, аниқтараш, дар ҳаҷм, яъне шумораи байтҳои шеър намоён мегардад. Қитъа чун жанри хурди назми лирикӣ умуман ҳаҷман калон нест. Ҳадди ақалли ҳаҷми он аз ду байт иборат аст. Аммо ҳадди ниҳоии теъдоди байтҳои он муқаррар нагардидааст. Аз ин рӯ, қитъа аз ду байт то теъдоди номуайяни байтҳоро дар бар мегирад. Дар сурате ки ҳадди ақалли байтҳои ғазалро 5 байт ва ҳадди охирини миқдори байтҳои онро тақрибан 9-11 байт муайян кардаанд, инчунин меъёри ҳаҷми қасида тахминан аз 10 байт то 40 байт таъйин шудааст, ҳадди охирини қитъа муайян нест. Аз ин рӯ, қитъа метавонад аз 2 байт то 10-12 ва зиёда аз ин байтҳоро фаро гирад. Пас қитъа аз ҷиҳати ҳаҷм ва теъдоди байтҳои худ номаҳдуд аст, ҳаҷман хурдакак (ҳамагӣ иборат аз ду байт) ва хеле калон буда метавонад. Дуруст аст, ки дар таҷрибаи қитъасароӣ бештар ҳадди ақалли теъдоди байтҳои он, яъне қитъаи ҳаҷман хурд мустаъмал гардидааст. Масалан, қариб ҳамаи қитъаҳои таърих дар асрҳои баъдии адабиёти мумтози мо дар ҳаҷми ду байт гуфта шудаанд. Аз рӯйи мушоҳидаи мо бисёр қитъаҳо дар назми асри Х низ дар ҳамин ҳаҷм гуфта шудаанд. Бо вуҷуди ин чи дар асри мазкур ва чи дар даврaҳои минбаъда қитъаҳои ҳаҷман калон ҳам кам нестанд.

Аз ин рӯ, қитъа метавонад дар ҳадди ақалли абёти худ ба ҳаҷми хурдтарин шеъри лирикие чун рубоӣ ва дар ҳадди ниҳоии байтҳояш ба ҳаҷми калонтарин шакли шеъри лирикӣ монанди қасида бошад. Ин ҳол, албатта, нишонаи озодии жанрии қитъа дар шакли зоҳирии шеър мебошад. Бинобар ин, шоир дар эҷоди қитъа дар риштаи ҳаҷми он низ пойбанди чорчӯбаи суннати адабӣ нест. Вай метавонад гузориши мавзӯъро ба тарзи дилхоҳаш тафсил диҳад. Ҳаҷми қитъа метавонад дар мавридҳои зарурӣ ба шоир барои ҳалли бояду шояди мавзӯъ майдони фарох ба вуҷуд орад.

Озодии жанри қитъа дар **сохтмону устухонбандии** он боз бештар назаррас аст. Озодии ин жанри шеърӣ дар риштаи банду басти осори он хусусияти ба худ хоссеро ба вуҷуд овардааст, ки онро дар осори дигар жанрҳои расмӣ ва суннатии назм намебинем. Сухан дар бораи он меравад, ки дар шеърҳои мансуб ба жанрҳои суннатӣ, хусусан дар қасида ва ғазал маъмулан ҳар байт аз назари мазмун ба сари худ мустақил буда, як маънии томро ифода менамояд ва ба байти пеш ва пас аз худ алоқамандии наздик надорад. Дар ашъори жанрҳои мазкур мазмуни як байт дар байти баъд аз он давом намекунад ва дар доираи як байт пурра адо мешавад. Байт дар қасида ва ғазал дар бештарини мавридҳо, албатта, бо байтҳои дигари шеър алоқаи маъноию мантиқӣ дорад, мазмуни онро байтҳои дигар аз ягон ҷиҳат пурра ва такмил менамоянд. Аммо мазмуни муайяну мушаххаси байт ба байти дигар намегузарад, давом намеёбад. Шоир дар қасида ва ғазал мазмунро дар як байт чала ва нотамом гузошта, онро дар байти дигар давом дода, ба пуррагӣ намерасонад. Аммо дар қитъа қариб ҳамеша мазмуни муайян аз байт ба байт гузашта, дар чанд байт (одатан дар тамоми байтҳои шеър) доман паҳн мекунад. Як байти қитъа, хусусан байти аввали он мазмуни шеърро нотамом дар бар кардааст. Вай танҳо порае ё ҷузверо аз мазмуни шеър дар бар гирифтааст. Дар ин ҳол байт дар қитъа воҳиди шеър буда наметавонад. Дар ин жанр воҳиди шеър на як, балки чандин байт ё тамоми абёти шеър аст. Дар қитъа дар бештарини мавридҳо маҷмӯи абёти тамоми матн воҳиди шеърро ташкил мекунад.

Аз ин рӯ, дар сохтмони қитъа якпорчагӣ ва ваҳдати куллӣ дида мешавад. Дар матни он байтҳо аз ҷиҳати мазмун бо ҳамдигар алоқаи ҷудонашаванда доранд. Нисбати қитъа аз алоқа, ҳатто аз алоқаи наздики маънавию мантиқии байни байтҳо, ки одатан дар ғазалҳо мебинем, гап задан кам аст. Зеро агар дар ғазалҳо, инчунин дар қасидаҳо дар ҳолати муносибати наздики маъноию мантиқӣ доштани байтҳо бо якдигар, агар яке аз онҳоро аз шеър берун кунем, матни он нуқсон намеёбад, ба мазмуни умумии шеър шикаст намерасад. Аммо дар қитъа байтҳо байни худ ба дараҷаи ҷудонашаванда ва узвӣ алоқамандӣ доранд. Бинобар ин, аз матни он соқит кардани ҳатто як байт мазмуни шеърро ноқис ва халалдор мегардонад, ба сохтмони он шикаст мерасонад.

Сабаби ин тавр дар сохтмону устухонбандии худ ваҳдати куллӣ пайдо кардани шеъри мансуб ба жанри қитъа ҳамин аст, ки дар эҷоди он хаёли шоир дар меҳвари амудии шеър сайр карда, мазмунро аз байт ба байт, пай дар пай то охири қитъа идома ва

инкишоф медиҳад. Ҳол он ки дар қасида ва ғазал хаёли эҷодии шоир дар меҳвари уфуқӣ сайр мекунад ва ба офаридани байтҳои аз назари ҳам мазмун ва ҳам бадеӣ расою мукаммал нигаронида шудааст. Ин ҳол, яъне сайри амудии хаёли шоир дар эҷоди қитъа, ки боиси ягонагию якпорчагии сохтмони шеър мегардад, қитъаро аз ҷиҳати банду баст ба «шеъри нав»-и муосир ва ҳатто шеъри аврупоӣ монанд мекунад. Инро ҳам бояд гуфт, ки хусусияти мазкури сохтмони қитъа фақат ба осори эҷодиёти шоирони асри Х мансуб нест. Онро дар қитъаоти шоирони давраҳои баъд низ мушоҳида мекунем.

Инак, имтиёзи мазкури банду басти қитъаро дар намунаҳои осори он аз шоирони асри Х аз назар мегузаронем.

Абулҳасани Оғоҷӣ дар қитъаи муъҷази худ дар тасвири ҳодисаи боридани барф ин тавр мегӯяд:

Ба ҳаво дарнигар, ки лашкари барф
Чун кунанд андар ӯ ҳаме парвоз.
Рост ҳамчун кабӯтарони сафед,
Раҳгумкардагон зи ҳайбати боз [1, с.390].

Дар назари аввал чунин менамояд, ки байти аввалиии қитъа мазмуни ба сари худ мустақил ва том дорад, ки он бо байти дувум вобаста нест. Аммо дар асл мазмуни бадеии қитъа аз байти якум сар шуда, дар байти дувум идома меёбад ва аз ин рӯ, ҳар ду байт бо ҳам пайванди ногусастанӣ пайдо кардаанд. Агар мазмуни байти аввалро мустақил қабул кунем, он ҷавҳари бадеии худро гум карда, ба сухани оддие табдил меёбад, зеро дар тасвири барф танҳо ташбеҳшаванда дар байти аввал омада, ташбеҳкунандаи он дар байти дувум зикр гардидааст, яъне як ташбеҳ дар ҳар ду байти қитъа ба ду қисм ҷудо карда оварда шудааст. Аз ин роҳ, ба воситаи ташбеҳ ҳар ду байт бо ҳамдигар вобастагӣ ва пайванди узвӣ пайдо кардаанд. Онҳоро ба эътибори мазмуни бадеии шеър аз якдигар ҷудо тасаввур кардан мумкин нест.

Акнун ба қитъаи ҳаҷман калонтари ҳамин шоир мурочиат мекунем:

Ду чашми ибратам аз қудрати ту чанд фароз,
Ду гӯши фикрати ман чанд сол монда зи панд.
Гуноҳ чанд кунам, чанд аҳди ту шиканам?!
Бузургвории ту чанду ин вафои ту чанд?
Кунун, худоё, осит бо гуноҳи гарон
Сӯи ту омаду умедро зи халқ биканд
На меҳнатеву на дарде, на сахтист маро,
Ки рӯзгор чу шаҳд асту зиндагонӣ қанд.
Валек он ки худованди чун ту ёфт карим,
Аз ӯ ба неъмати бисёр кай шавад хурсанд [1, с.388].

Ин қитъаро шоир зоҳиран дар узрхоҳӣ аз дур шудани худ аз хидмати махдум ва ба хидмати махдуми дигаре пайвастанаш гуфтааст. Ҳамин мазмуни узрхоҳонаро ӯ дар тамоми байтҳои қитъа адо кардааст. Ҳамаи байтҳо барои адои ҳамин мазмун хидмат мекунанд, бори онро мекашанд. Ҳар байт як пора ё паҳлуи мазмуни умумии шеърро ифода менамояд. Аз ин рӯ, байтҳо ваҳдати умумӣ пайдо карда, мазмуни шеърро мукаммал гардондаанд. Бо вуҷуди ин, ҳар байт мазмуни мустақил дорад, ки он дар байти баъд аз худ намегузарад ё давоми бевоситаи мазмуни байти пеш нест. Ба ин маънӣ қитъаи мавриди мулоҳиза нисбат ба қитъаи аввал дар устухонбандӣ сусттар аст.

Истиқлоли нисбии байтҳоро дар қитъаи зерини Хаббозии Нишопурӣ низ мушоҳида мекунем:

Мебинӣ он ду зулф, ки бодаш ҳамебарад?
Гӯӣ, ки ошиқ аст, ки ҳеҷаш қарор нест:
Ё не, ки дасти ҳоҷиби солори лашкар аст –
Аз дур менамояд, к-имрӯз бор нест [1, с.193].

Аз назари бадеият фарқи ин қитъа аз қитъаи аввали оғозӣ ҳамин аст, ки агар шоири номбурда дар тасвири объект дар ҳар ду байти шеъраш як ташбеҳ оварда бошад, Хаббозӣ дар ду байти шеъраш ду ташбеҳро эҷод кардааст, ки яке дар байти аввал ва дигаре дар байти дувум оварда шудаанд. Ин ҳол байти якуми шеърро аз назари мазмуни бадеӣ ҳам мустақил гардондааст, фақат байти дувум ба воситаи пайвандаки «ё не» бо байти пеш аз худ вобаста гардида, чун давоми он фаҳмида мешавад. Аммо чизе, ки ҳар ду байти қитъаи Хаббозиро ба ҳам мепайвандад, объекти мавриди тасвир – зулфи маҳбуба аст, ки сифати он аз байти якум дар байти дувум ҳам давом мекунад. Чунин ҳодиса дар тасвири бадеии қасида ва ғазал дида намешавад. Дар ин ду жанр чизи мавриди тасвир маъмулан дар доираи як байт тасвир шуда, аз он таҷовуз намекунад. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки дар қитъаи Хаббозӣ ягонагии предмети тасвир ваҳдати ба ин жанр хосси банду басти шеърро таъмин намудааст.

Акнун ин қитъаи шоири маъруф Мансури Мантиқии Розиро мулоҳиза мекунем:

Яке мӯй бидуздидам аз ду зулфат,
Чун зулф задӣ, эй санам, ба шона.
Чунон-ш ба сахтӣ ҳамекашидам
Чун мӯр, ки гандум кашад ба хона.
Бо мӯй ба хона шудам, падар гуфт:
Мансур кадом аст з-ин дугона? [1, с.402].

Дар асоси ин қитъа образи мӯи дилбар меистад ва дар ҳар ду байти шеър гуфтугузори шоир аз он аст. Худи ҳамин пайванду ваҳдати сохтмони шеърро таъмин намудааст. Илова бар ин, тасвири шеър ранги ривоӣ ва нақлӣ гирифта, чун нақли воқеа дар ҳар ду байт давом кардааст, ки ин ҳам нишонаи сайри амудии хаёли бадеии шоир дар давоми шеър буда, боиси мустаҳкамии банду басти он гардидааст.

Ниҳоят ин қитъаи ҳакимонаи Хусравии Сарахсиро дар мавзӯи шикоят аз кирдорҳои зиддиинсонии фалак аз назар мегузаронем:

Эй басо хаста, к – аз фалак бинам,
Бе силоҳе ҳамеша афгор аст.
В-эй басо баста, к-аз навоиби чарх,
Банд пинҳону ӯ гирифтор аст.
В-эй басо куштагон, ки гардунрост,
Надавад хуну кушта бисёр аст [1, с.372].

Ин қитъа аз ҷумлаи ашъори ҳикамии дар шикоят аз бадкирдориҳои чарху фалаку дунё нисбати инсон аст, ки дар назми асри Х дар паҳлуи ғайрирасмии эҷодиёти шоирони дарбор хеле ривоҷ гирифта, бо намунаҳояш аз осори Рӯдакӣ шинос ҳастем. Дар қитъаи мавриди мулоҳизаи Хусравӣ дар се байт се кирдори ҷафокоронаи фалак бар зидди инсон мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст: аввал, одамро бе силоҳ хаставу маҷрӯҳ кардани фалак; дувум, бе банду занҷир инсонҳоро баставу гирифтор гардондани чарх (фалак); савум, бе рехтани хун одамони бисёрро куштани гардун. Ин се кирдори зиддиинсонии фалакро шоир чун амали ноаён ва ба чашм диданашавандае ба таври хеле шоирона нишон додааст: фалак инсонҳои зиёдро хаставу маҷрӯҳ кардаасту аммо силоҳи ӯро касе надидааст, чарх касони бешуморро банду гирифтор кардаасту банду занҷири ӯ номаълум аст, гардун одамони бешуморро куштаасту хун рехтанаш ба чашм намерасад. Албатта, инсонҳоро куштану маҷрӯҳ кардану банд ниҳодани фалак на ба маънии аслӣ, балки ба маънои маҷозии азобу машаққат кашидан, ҷавру ҷафо дидан ва ғайра мусибатҳо дидани одамон аст, ки шоир ҳамаи инҳоро натиҷаи ҷафопешагии фалак медонад.

Шоир кирдорҳои зиддиинсонии фалакро дар се байти қитъа ба таври пайдарпай ба се навъ – маҷрӯҳ кардану банд ниҳодану куштан ҷудо карда, ҳар яке аз онҳоро дар як байт гузориш додааст. Дар натиҷа, баёни амалиёти зиддиинсонии фалак паёпай ва муназзаму батартиб гардидааст. Агарчи предмети мавриди накӯҳиш дар се байт бо се ном - фалак, чарх ва гардун ба забон оварда шудааст, аммо ин се калима ҳамон як мафҳумро ифода менамоянд. Ҳамаи инҳо якпорчагию ваҳдати сохтмони қитъаи мазкурро нишон медиҳанд.

Чунон ки дар мисолҳои боло дида мешавад, якпорчагии банду басти қитъа бо роҳу воситаҳои гуногун сурат мегирад: дар як маврид дар тамоми матни шеър доман паҳн кардани тасвири ҳамон як чиз, дар мавриди дигар ранги ривоию нақлӣ гирифтани гуфтугӯи шоир ва дар тамоми шеър давом кардани он, дар мавриди савум ҳамон як мазмунро аз аввал то охири шеър аз байт ба байт инкишоф додани ӯ ва ғайра ваҳдати сохтмони шеърро ба вуҷуд овардаанд. Аз рӯйи ин ваҳдати сохтмон ва бо ҳамдигар пайванди ногусастании маъноӣ доштани байтҳои шеър осори жанри қитъаро ба осонӣ аз порчаҳои шеърии аз қасида ва ғазал ҷудо шуда фарқ кардан мумкин аст.

Дар охир ин нуктаро мехоҳем изофа намоем, ки хаёли бадеии шоир дар эҷоди қитъа ба таври озод сайр мекунад ва аз ин дар ҳар қитъа **тарҳи нави шеърӣ** ҳосил мегардад. Дар ҳоле ки хаёли бадеии шоир дар қасидаҳо аз як роҳ ва дар чорчӯбаи муайян сайр карда, дар ҳамаи қасидаҳо тарҳи якхела меандозад, дар ҳар қитъа хаёли шоир аз роҳи нав сайр карда, дар натиҷа ҳар бор шеъри наве бо тарҳи тоза ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, ҳар қитъа шеъри нотакрорест, ки бо тарҳи тоза ва сохтмони худ аз қитъаҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007.
2. Бертельс Е.Э. Избранные труды. История персидско-таджикской литературы. — М.: Наука, ГРВЛ, 1960..
3. Саъдиев С. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII / С.Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1974.
4. Саъдиев С. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII / С.Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1979. - С.5-9.
5. Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. – Ҷ. 1-2. / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1977.

6. Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. - С.150.
7. Хусайн Ваиз Кашифи. Чудеса мысли в искусстве поэзии (Бадаи ал-афкар фи санаи ал-ашар). Введение (Мукаддима) / Пер. с перс., вступит. слово и коммент. М.Л. Рейснер // Восточная поэтика: тексты, исследования, комментарии. — М.: Восточная литература РАН, 1996.
8. Ҷомӣ ва робитаҳои адабӣ. Қисмҳои 1-2. – Душанбе: Дониш, 1989. 235. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
9. Шукуров, М. Анъана, халқият ва маҳорат / М.Шукуров. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1964. – 230 с. 368 238.
10. Шукуров, М. Анъана ва навоварӣ / М. Шукуров, Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 36 с.

ДОИР БА ЯК ЖАНРИ ҒАЙРИРАСМИИ НАЗМИ ДАРБОРИИ ФОРС-ТОҶИК ДАР АСРҲОИ X-XII

Таърихи адабиёти форсу тоҷики асрҳои XI-XII аз ҷониби муҳаққиқон, инчунин олимони Осиёи Миёна ва дигар мамлакатҳои ҳамҳудуд хеле васеъ мавриди омӯзиш қарорр дода шудааст. Ба ин нигоҳ накарда, ҳаёт эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи он, махсусан жанрҳо ва дигар ҷанбаҳои дорои вижагиҳои бадеӣ-эстетикӣ ба таҳлили амиқ ва таҳқиқоти ботадриҷ ниёз доранд. Қитъа дар адабиёти форсу тоҷик дар эҷодиёти шоирони асри X ба миён омада, минбаъд дар эҷодиёти қисмати зиёди шоирон ба назар мерасад ва чун қоида, ба назми дарборӣ нисбат дода намешавад, ҳарчанд аз навъи назми дарборӣ-ба миён омадааст. Дар қитъа шоиро аксаран фикру андешаҳои ҳудро оиди ҳаёт ва тақдири инсон, орзуву омоли ҳудро инъикос менамуданд. Аз ин рӯ, инкишофи он бо дигаргуниҳои дар ҳаёт рухдода алоқаманд буда, дар тасвири давраҳои нокомии ҳаёти ҷомеа ва шахсияти шоир такомул ёфтааст . Қитъа ҷойгоҳи махсусро дар назми асрҳои X-XII касб намуда, оғози он ба асри XII мансуб аст. Дар мақолаи мазкур қитъа чун жанри ғайрирасмии назми дарбории асрҳои X-XII баррасӣ гардида хусусиятҳои ғановати мазмуну мундариҷаи он нишон дода шудааст. Инчунин дар мақола масоили маънӣ ва мазмуни жанри “қитъа”баррасӣ гардида, он ҳамчун жанри ғайрирасмии назми дарбории асрҳои **X-** XII омӯхта шудааст. Мавқеи ғайрирасмии ин жанр дар назми дарборӣ боиси озодии ҳартарафаи он гардидааст, ки ин нукта дар мақола муфассалан шарҳу эзоҳ ёфтааст ..

Калидвожаҳо: жанри ғайрирасмӣ, гуногунмавзӯӣ, гуногунжанрӣ, озодии жанр.

ОБ ОДНОМ НЕОФИЦИАЛЬНОМ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОМ ПРИДВОРНОМ ЖАНРЕ X-XII ВЕКОВ

История персидско-таджикской литературы XI-XII веков изучена исследователями, а также учеными Средней Азии и других сопредельных стран достаточно широко. Тем не менее, жизнь и творчество отдельных её представителей, особенности жанров и другие аспекты художественно - эстетического характера нуждаются в более глубоком анализе и обстоятельном исследовании. Китъа в таджикско - персидской поэзии появилась в творчестве поэтов X века и в дальнейшем встречается в творчестве большинства поэтов и как правило, китъа относится к поэзии не придворной, вопреки тому, что, видимо, происходит от придворного вида поэзии - касыды. В китъа чаще всего поэты выражают свои думы, чаяния, размышления о жизни и судьбе человека и т.д. Поэтому её развитие связано с различными переменами жизни и достигает совершенства в описании неблагополучных периодов жизни общества и личности поэта. Кит'а особое положение заняла в поэзии XIII -XIV веков, начало которой относится к XII веку. В статье автор рассматривает жанр китъа как неофициальный персидский придворный жанр XI-XII веков. Также в статье рассматривается проблема смысла и содержания жанра “китъа” а также он изучается как неофициалный жанр придворной поэзии **X-** XII веков. Неофициальная позиция этого жанра в придворной поэзии является фактором его всесторонной свободы.

Ключевые слова: неофициальный жанр, разнообразие тематики, разнообразие жанра, самостоятельность жанра.

ON ONE UNOFFICIAL PERSIAN-TAJIK COURT GENRE OF X-XII CENTURIES

The history of Persian-Tajik literature of the 11th-12th centuries has been studied widely by researchers and scientists of Central Asia and other neighboring countries. Nevertheless, the life and work of its individual representatives, the peculiarities of genres and other aspects of the artistic and aesthetic nature require a deeper analysis and detailed study. Kitaa in Tajik - Persian poetry appeared in the works of poets of the 10th century and is later found in the works of most poets and, as a rule, kitaa refers to poetry that is not court poetry, despite what apparently comes from the court type of poetry - qasida. In kitaa, poets most often express their thoughts, aspirations, reflections on the life and fate of a person, etc. Therefore, its development is associated with various changes in life and reaches perfection in describing the unfavorable periods of the life of society and the personality of the poet. Kit'a occupied a special position in the poetry of the XIII-XIV centuries, the beginning of which dates back to the XII century. In the article, the author considers the kit'a genre as an unofficial Persian court genre of the XI-XII centuries. The article also examines the problem of the meaning and content of the “kita” genre, and it is also studied as an unofficial genre of court poetry of the X-XII centuries. The unofficial position of this genre in court poetry is a factor in its all-round freedom.

Key words: informal genre, the wide variety of themes, variety of genre, self-sufficiency of the genre.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ахмедова Дилором Исматовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Самарқанд, докторанти кафедраи забон ва адабиёти факултети филология. **Суроғ:** 140104, Республикаи Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, гулгашти Университетский, 15. E-mail: **dilorom@samdu.uz.** Тел.: **(+998) 93-992-29-40**

Сведения об авторе: ***Ахмедова Дилором Исматовна*** **–** Самаркандский государственный университет, докторант кафедры языка и литературы филологического факультета. **Адрес:** 140104, Республика Узбекистан, Самаркандская область, бульвар Университетский, 15. E-mail: **dilorom@samdu.uz.** Тел.: **(+998) 93-992-29-40**

Information about author: ***Axmedova Dilorom Ismatovna*** - Samarkand State University, doctorate student of the faculty of philology, department of Tajik language and literature. **Address:** 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand region, University Boulevard, 15.E-mail: **dilorom@samdu.uz.** Tel.: **(+998) 93-992-29-40**

УДК: 891.550:82.09

ИНЪИКОСИ СИМОИ ҲАМЗАМОНОН ДАР РОМАНИ «ТАНГНО»-И СОРБОН

Муҳаммадохирова Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сорбон дар адабиёти тоҷик бо асарҳои ҷолиб; повесту ҳикояҳои дилнишин, романҳои муассиру хонданбоб чун адиби хушсалиқа ва пурмаҳсул ҷойгоҳи махсусеро сазовор гардид. Ӯ аз нахустин навиштаҳо ва маҷмӯаи аввалин «Гап дар дил» хешро чун адиби пухтаҳарф ва тозанигоҳ муаррифӣ намуд. Дере нагузашта повести аввалини ӯ «Занги аввал» аз чоп баромад, ки дар муҳокимаи мунаққидони тоҷик ва шӯравӣ қарор гирифт. Як хусусияти эҷодиёти Сорбон ин офаридани образу характерҳои қавӣ ва барҷаста мебошад, ки адабиётшиносони давр ба симоҳои офаридаи ӯ баҳои баланд дода, онҳоро ба қаҳрамонони Ч. Айматов ва В. Распутин шабоҳат дода буданд. Пайи ҳам маҷмӯаи повесту ҳикояҳои муаллиф ба мисли «Санги Сипар», «Шинел», «Сабо», «Дашти морон», «Ҷӯгӣ» нашр шуданд, ки дар мавзӯъҳои гуногун эҷод шуда, ба нависанда шуҳрати зиёд бахшида, тавассути тарҷумаи ин осор ӯро берун аз Тоҷикистон чун носири соҳирқалам ва хушкалом эътироф намуданд. Ниҳоят соли 1983 романи нахустини адиб таҳти унвони «Актёр» аз нашр баромад, ки пешнамунаи он ҳунарманди зиндаёд Маҳмуди Воҳид буд, яъне Сорбон дар асари мазкур зиндагӣ ва рӯзгори ин дӯсти ҳунармандашро прототип интихоб намуда буд. Асари мазкур низ чун дигар осори Сорбон таваҷҷуҳи аҳли адабу қаламро ба худ кашида, сару садоҳои зиёдеро баланд кард. Танқиди адабии давр дар мисоли М. Шукуров, А. Сайфуллоев, М. Хоҷаева ва дигарон асарро мӯшикофона зери танқид гирифта, ҳусну қубҳи онро гуфта доданд.

М. Шукуров романи аввалини Сорбонро асари «худшиносии интелектуалии шахс» номида буд [2, с.248-250].

Адабиётшиноси шинохта М.Хоҷаева аҳаммияти романи мазкурро дар он таъкид карда буд, ки «дар адабиёти тоҷик аввалин асарест, ки дар бораи ҳунармандон, аҳли санъат нақл мекунад» [4].

Баъди таълифи романи нахустин сараввал романи сеҷилдаи «Зарафшон» ва «Достони писари Худо» пасон пайи ҳам романҳои «Росу», «Кадевар», «Зӯза», «Барзгар», «Шаҳрбону» эҷод гардид, ки хонанда ва нақди адабӣ хеле хуш пазируфт. Адабиётшинос Худойназар Асозода муваффақиятҳои муаллифро дар маҷмӯъ дар ин жанр таъкид намуда, гуфта буд, ки романҳои ӯ «дар насри тоҷик мавқеи хоссае доранд ва аз камолоти эҷодии муаллифашон гувоҳӣ медиҳанд» [5, с.593].

Инак романи нави Сорбон таҳти унвони «Тангно» аз дасти чоп баромада, манзури хонанда гардид. Асари мазкур аз ҷиҳати мавзӯъ, мундариҷа, ғоя, ҳусни баён, ғановати бадеӣ хеле ҷолиб ва пурмуҳтаво буда, он масоили ҳаёти маънавии муосирон, дарки бадеии воқеияти рӯзгори ҳамзамонони моро дар бар мегирад. Он қиссаи талху ширинест аз ҳаёти пуринфиҷору пурҳаводиси ҷаҳони пуртазод ва пурмоҷарои муосирони мо. Қаҳрамонони асар Розияву писараш Армон ва шавҳари ғарибкораш Маннони ба доми зани рус гирифторшуда, ҳамдеҳагонаш ҷавонзани шавҳармурда Ҳуснату Мироби маъюб дар Амондара бо ташвишу тараддудҳои беохир, пайи сомони рӯзгори носомони деҳи кӯҳистон умр ба сар мебаранд. Маннони коргурези корбезор барои хатнасури яккаписар ба ғарибкорӣ рафта, аммо ба ҷойи кор кардану маблаге ба даст овардан дар кишвари бегона бо зане шинос шуда, дар бӯстонсарои ӯ гӯё бе ғаму ташвиш зиндагии дигар ба сар мебарад. Аслан наметавон гуфт, ки ӯ аз зану фарзанд фаромӯш кардааст. Ҳар рӯз бо телефони мобилӣ ба ҳамсараш занг мезанад, аз ҳолу аҳволи онон мепурсад. Вале гӯё вазифаи хешро танҳо дар ҳамин мебинад, ки аз ҳузури хеш чун шавҳар занро огоҳ кунаду бас.

«…Ба кӣ? Ба як бобояки доро… Ҳо. Хароҷоти тӯйи Мардонро (манзур хатнасури писари Мардон аст-шарҳи - М.Ҳ.) мебардорам, гуфт, расидам… Аз дигар ҷо… Бачаро фарзанд хонд… Мекушӣ? Киро? Ҳамаамонро?» [1, с.270].

Ин саҳнаи зоҳир шудани рашки Маннон ба ҳарфи занаш аст, ки мехост, шавҳарро ба сари мардиву нанг оварад, то ба зодгоҳ, ба хонаву манзилаш, ба назди зану фарзанд, ки ӯро бениҳоят пазмон шудаанд, баргардад. Вале ӯ, ки мутмаин аст, Розия чун ҳама занҳои деҳ сабри чун кӯҳи хоросанг дошта, ҳеҷ гоҳ ба ӯ хиёнат намекунад, ин аст, ки бо ҳамон фориғболии пешин дар диёри бегона мондагор аст.

Симои Розия, ки ҳар рӯз аз ҷабри рӯзгор ба шавҳар носазо гӯяду дуои бадаш кунад, симои зани муосири тоҷик аст, ки шавҳар ба ғарибкорӣ рафтаву ташвиши рӯзгор ба сараш афтода ва аз ин дарду алами зиёд, аз меҳнати сангин бо шӯ доду бедод ва арбада намояд. Маннон, ки дар деҳу диёри хеш низ хуши кор кардан надошта, номи хомхобаи

бекорхӯҷаро гирифта буд, дар мулки бегона бо он хулқе, ки дорад, наметавонад кору маблаҳе ба даст оварда, ба ҳамсараш фиристад.

Мунаққид М. Шукуров доир ба офариниши образи бадеӣ ва характери равшану барҷаста гуфта буд:

«Образи барҷастаи бадеиро бидуни дарки амиқи психологии ҷаҳонбинии инсон ва хусусиятҳои хосси ҳиссиёту ҳаяҷони ӯ тасаввур кардан мумкин нест» [3, с.223-228].

Бояд гуфт, ки шӯри ботинии дили қаҳрамон, ҳиссиёту ҳаяҷони ниҳонии ӯ тавассути ҷузъиётҳо бо телефон ҷангу ҷанҷол кардани Розия, бо чӯб ба шишаи тиреза зада онро шикастанаш нишон дода шудааст. Ин ҷузъиётҳо, ки ангезаҳои ботинии ҳаракатҳои зоҳирӣ мебошанд, барои фаҳмидани маънавиёти каҳрамон хеле муҳимманд.

«Оҳ, Худо, бигӯ, ки рӯ ба рӯ накунад. Донам, чӣ кор кардана. (Бори аввал сахт алам кард. Асоро аз танаи девор гирифта, сахт ба тиреза зад) Шунидӣ? Як чашмаш монда буд, ки ҳамонро ҳам зада шикастам. Зимистон сахт биёяд, мурдаи яхбастаамонро бароранд…» [1, с.205].

Нависанда дар асари мазкур рӯзгори шарқиёна, ҳаёти тоҷиконаи мо, сабру таҳаммули хосси занони сахтҷони тоҷик, фалсафаи воқеии ҳаёти моро пурра ва муфассал нишон додааст. Назари Розия аз Тангно фарохтар нест, вале паҳнои садоқату вафодории ӯ дар рӯ ба рӯйи хиёнату бемасъулиятии шавҳари нокор беканор аст. Бузургии ин зан низ дар ҳамин аст, ки гоҳи омадани шавҳари ноуҳдабаро ҳама дарду азияти кашидаашро аз ёд мебарад ва бо дидагони ашкбор ба истиқболаш медавад. Ин таҳаммули чун кӯҳ, садоқати беназир ва метавон гуфт худқурбонкунии зан дар баробари рафтору кирдори шавҳар ягона силоҳ ва сипарест, ки хонаводаашро ҳифз мекунад, зеро барои Розия ва Розияҳо хонавода аз зумраи муқаддасот аст. Маҳз тавассути Розияву Розияҳо ин меъёри муҳимми ахлоқи иҷтимоӣ, ки аз фарҳанги суннатии мардуми мо маншаъ гирифтааст, то имрӯз арзишманд ва мондагор аст.

«Розия ашки шодӣ сутурда, шарқиёна ибою худдорӣ карда, сӯйи онҳо рафт ва аз паси Армон оғӯш кушода, писару падарро якҷоя ба танг гирифт» [1, с.282].

Шавҳар ҳеҷ маблаҳе ба зану фарзанд намефиристад, вале ҳар рӯз занг зада, ҳамсарро ҳушдор ҳам медиҳад, ки дар набуданаш ҳушёр бошад, мабодо по каҷ нагузорад, дар баробари ин, дар бораи духтарча таваллуд кардани зани русиаш низ хабар медиҳад, аз Розия пурсон мешавад, ки ҷӯеро, ки ба ҳавлӣ об меояд, тоза кардааст ё на:

«Мур!..Мур-Мур-Мур!!! «Ҷӯйи болоя кандӣ?» шарм надошта пурсад. Ягон бор канда будӣ?» [1, с.170].

Розия гоҳ бо шӯру валвала ва арбада гӯш мекунад, гоҳ таънаву маломаташ мекунад, гоҳ дуои бадаш менамояд, вале агар шӯ дертар занг занад, зан пазмони садои шавҳари ғарибкори коргурезаш мешавад. Ӯ бо он ҳама таънаву пархошу маломате, ки дар гӯшӣ ба шавҳар мегӯяд, шарики умрро интизор асту ба ӯ муҳаббат дорад ва дар ҷойи шавҳари корбезор марди дигареро тасаввур ҳам намекунад. Таънаву маломати зан ба шавҳари ноуҳдабарои корнохоҳ ин пуҷоқи даҳалнамоест, ки муҳаббати занро дарунаш пинҳон нигоҳ медорад ва аз он ҷуз зан ва шояд худи мард низ дигар касе огоҳ нест. Ин фалсафаи рӯзгори ин мардум аст, ки муҳаббатро манзури дигарон насозанд. Дили покизаву чун оби рӯди Тангно мубаррои Розия дар ҳар ҳарфаш бо шавҳари фориғболи номасъулиятшиносе, ки беш аз ҳафт сол боз ӯву фарзандашро партофта, дар бӯстонсарои зане орому осуда зиндагӣ дорад, аён аст:

«Эй!... Эй! нагуфта, чӣ гӯям? Мардак гӯям, мардак нестӣ. Шӯ гӯям, шӯ нестӣ! «Эй» набуда чӣ?.. Ба номи Худо ҳиччӣ нестӣ! То рӯзи якшанбе омадӣ, омадӣ… наомадӣ, чӣ кор мекунам? Бачаро мебурронам… Намеоӣ? Чӣ?! Беват духтар зойид? Кора осон кард, нагз. Тоҷик зойид? Урус зойид? Ту донӣ, Худо? Чӣ ном мондӣ?» [1, с.204].

Дар характери Розия вафодории як зани одӣ, як зани рустои кӯҳистон ба хонавода, ба хотири нигаҳдошти ин хонавода аз худ гузаштани ӯ, ҳама ҷурму хатои шавҳарро на бахшидан, балки ботамом нодида гирифтан ва бо ҳамин садоқату худқурбонкунии беназир катхудои саргардону ғарибкорӣ рафтаи манзилро боз оварондан таъкид шудааст.

«Ман ба додом нос фиристодам, оча…»

Модар як қад парида, нигарист сӯйи писар ва истех шах шуд…

- Чӣ хел фиристодӣ?..

- Писари Фаришта бурд.

-Медонистааст ҷойи ӯро?

Писар садо бароварда натавониста, сар ҷунбонд.

- Ноинсоф…Аҳаллан нагуфт, ман Мардонро мебинам. Мепурсидам, ки чӣ ҳолу рӯз дорад» [1, с.199].

Симои Маннон симои он мардонест, ки барои беҳдошти рӯзгор, таъмини маишати зиндагӣ, беҳтар кардани вазъи иҷтимоии хонавода ба ғарибкорӣ мераванд, вале дар

мусофират гӯё зану фарзанд, падару модар, пайвандон аз ёд мебаранд, ки бо гузашти рӯзу моҳу сол ба ватан намеоянд. Аслан барнагаштан ба хонаву манзил, ба ватан ва муддати тӯлонӣ мондани онҳо дар мулки бегона тарсуие беш нест, зеро ин ғарибкорон ҳалли масойили печидаи иҷтимоӣ, беҳтар кардани вазъи мураккаби иқтисодӣ ва маишии хонаводагии хешро дар гурез аз ин вазъу масоил дарёфтаанд. Ва бо ин амалкард оҷизӣ ва беиродагии хешро назди муаммоҳои иҷтимоӣ нишон медиҳанд. Маълум, ки бо канорагирӣ ё гурез аз муаммо ва масоил роҳи ҳалли он пайдо намегардад. Маннон низ бо нияти ҷамъ овардани маблағи хатнасур ба ғарибкорӣ рафт, аммо дар мулки бегона барои ӯ барин шахс, ки ҷӯйи ҳавлиашро ҳеҷ тоза накарда буд, кор кардану маблаг ҷамъ намудан кори басо сангин ва душвор намуд. Шиносоӣ бо зани танҳо, ки соҳиби манзилу бӯстонсаро буд, вазъи иҷтимоӣ ва маишии ӯро дар диёри дур аз ватан беҳтар намуд. Ӯ хатнасури писари ягонаашро, ки аз шарму маломати ҳамсолону ҳамдеҳагон ҳатто мактаб нарафт, гузаронида натавониста, боз дар мусофират хонаводаи дигар бунёд карда, соҳиби духтарча мешавад.

«Чӣ? Беват духтар зойид?... Чӣ ном мондӣ? Шинами номи ман? Намурдӣ! Аз дӯстдорита-а? Ношукрит…» [1, с.205].

Таънаву маломати беохиру бешумори ҳамсар низ ин марди ғарибкори корнохоҳу бепайдоро на сари нанг мекашад ва на аз вазифаи шавҳариву падариаш ёде меорад.

«Писарам нагӯ! Писарат мешуд, ақаллан як рубл мефиристодӣ. Ба забон омада ба чукбурронаш хабар кунам, ноз дорӣ. Ас набиё. Худо рӯйи Тангноро набинӣ!..» [1, с.206].

Ва табиист, ки Армон ба падар монанд набуда, фарзанди замони худ, айёми иқтисоди бозор аст, ки вазъи ноҷӯри маишии хонавода, муҳити ногувори иҷтимоӣ ӯро хеле бармаҳал нонкобу нонёб месозанд. Ӯ ҳанӯз аз синни хурди тифлӣ дар бозор бо хизмати мардум пул ёфта, на танҳо рӯзгори худу модарашро пеш мебарад, балки маблаг ҷамъ мекунад, то дасти худро «ҳалол» карда, аз таънаву маломати дӯсту душман раҳо гардад. Писараки хурдаки калонкор чандин маротиба талоши ба ғарибкорӣ, ба назди падар рафтан мекунад. Албатта, сарҳадро, ки кишвари ҳамсоя ҳатто ба миназор табдил додааст, барои кӯдаки наврасе гузаштан ҳеҷ имкон надошт, вале ин аз такопӯ ва ташвишҳои як писараке дарак медиҳад, ки вазъи рӯзгори носомон бармаҳал ба сараш андешаҳои ёфтани ризқу рӯзӣ ва пайдо кардани нонро овардааст.

Симоҳои дигаре ба мисли Ҳуснати зани Гулмурод, ки тобути шавҳарашро аз ғарибкорӣ оварданд, Эшони Мироб, ки баъди бо каланд ба миёнаш задани Мирак маъюб гардида, роҳ гашта наметавонад, Бобеки Даллол, ки ҳатто бо Армони аз писараш ҳам хурд низ дар баҳсу мунозира аст, ҳамсари Даллол-Хайрӣ бо ҳузури хеш асарро аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундарича пурратар ва рангинтар месозанд. Ҳуснат ҷавонзане, ки ғарибкорӣ шавҳараш Гулмуродро аз ӯ рабуда, ӯро танҳову ғамзада ва бадбахт гардонидааст:

«Дареғ, ба дидори нонкобу нонёбаш нарасида, аз ҳуш рафт ва дергоҳ ба худ наомад. «Мурда кухна шуда, дар ҳавои гарм бӯ кардааст», «Боздоштан имкон надорад» гуфта ҳамон замон ба хок супориданд ва ӯ рӯйи хунукашро ҳам надид» [1, с.272].

Хитоби Ҳуснат ба Мироби маъюбе, ки бе ду асобаҒал наметавонад роҳ биравад, аз ҳасрати ғами ҷудоӣ шавҳараш Гулмурод аст, ки барои пардохтани қарз ва беҳбуди рӯзгор роҳ ба сӯйи мусофират гирифт, аммо аз он ҷо мурдаашро оварданд. «Кош мисли Шумо асо дар баҒал дар ватан мегашту тобуташ аз Русия намеомад…» [1, с.164].

Ва ӯ дар ҷойи шавҳари ғуррамарг касеро пазируфта наметавонад, магар Мироби ботаҳаммулу хушхулқ, ки бо сабурӣ ва ҳалимӣ дили ӯро дубора ба ҳаёт дилгарм намуда, боз аз нав шуълаи умеди хомӯшгаштаи манзилашро фурӯзон кард.

«Сел не, як балои охирзамон омад: пеш-пеши он лою лойоба меомад, дамида, сойро пур карда, аз маҷро шорида. Ҳуснату Мироб дари дӯкон бастанд аз дарун, зеро пойи кӯҳбарӣ надоштанд.

- Хайрият, ки дар Тангно набудед.

- Ин ҳам ба шарофати аввал Худою баъд Шумо» [1, с.252].

Мироб ҷавонмарди ботамкину сабур, азияткашида ва хушбинест, ки бо вуҷуди аз пойи равон мондан ба миробӣ машғул аст. Фоҷиаи Мироб, ҳодисаи аз пову аз миён маҳрум гардидани Мироб ва дар баробари он, ҳодисаҳои ҷангу ҷанҷоли зиёди дигаре дар ин мавзеъ дарди беобӣ, дарди иҷтимоист, дарди ҷомеа аст, дарди деҳаи баландкӯҳест, ки на чандон дуртар аз дарёи пурталотуме ҷорист, вале ҷойи аз ин дарёи хушоб замину долу дарахти хеш шодоб кунанд, барои як шохоба ба ҳам пархош мекунанд. Барои обёрии ин деҳи баланд ҳамагӣ чанд фишанг зарур асту бас. Ва дигар пархоши сари обро кас набинад, Мираке низ миёни Мироберо бо каланд зада маъюб насозад ва пасон аз шарм ба ғарибкорӣ раваду пас наояд.

Симои Бобеки Даллол марди фитнагари дуруггӯ ва бешарафе, ки ҳатто бо Армони аз фарзандонаш хурд сари кудуррат ва душманӣ дорад, тимсоли ашхосест, ки дар зиндагӣ бо

фиребу макр ва дурӯғ ва ҳамеша дар пайи манфиати хеш умр ба сар мебаранд. Аз аъмоли бешарафонаи ӯ - дуздидани маблаҒи барои хатнасураш ҷамънамудаи Армон, ба хотири буридани шарт наздиконаш ҳамсараш Хайрӣ ва писару духтараш низ ҳисси хиҷолат мекашанд. Симои Хайрӣ - ҳамсари Даллол дар асар зиёд чеҳра наменамоёнад, вале маҳз ин зани ҷасур боиси аз роҳи хато пас гаштани шавҳари хатокор мегардад. Армон маблаҒи гумшудаи хатнасураш ва харро дубора аз рӯйи ҳавлӣ пайдо мекунад.

Нависанда бо офаридани симоҳои ин асар ба мисли Маннони бемасъулият, Мироби маъюб, Мираки бадхӯ, Бобаки Даллол симои ҳамзамонон, маънавият ва муаммоҳои ахлоқию фалсафии рӯзгори ононро ба тасвир оварда, арзиши меъёри муҳимми ахлоқи иҷтимоиро дар ҷомеае, ки дар замони муосир фарҳанги суннатиаш аз таҳоҷуми фарҳангҳои бегона рахна пазируфтааст, таъкид намудааст. Диди тадқиқи бадеии нависанда дар ин асар инъикоси ҳаёти маънавӣ ва муаммоҳои ахлоқию фалсафии рӯзгори ҳамзамонони моро дар бар гирифтааст. Ва ӯ тавонистааст, бо ҳунари баланди нигорандагӣ масъалаҳои иҷтимоиро бо муаммоҳои ахлоқию равонӣ пайванд созад. Ҳунари нигорандагӣ, анъанаи нишон додани қаҳрамон дар лаҳзаи ҳассоси сарнавиштсози зиндагӣ, офаридани характери барҷаста дар романҳои Сорбон хусусияти жанрӣ касб кардааст.

Романи «Тангно» асари дар мавзӯи рӯз, масъалаҳои печидаи ғарибкорӣ, ки имрӯз дар тамоми олам маълум аст, буда, он рӯзгори ҳамзамонони моро инъикос намудааст. Мутмаинем, ки асари мазкур бо мавзӯи ҷолиб, мазмуну мундариҷаи баланд, забон ва баёни болиғу фасеҳ, тасвири воқеъбинона чун асари арзишманде шинохта хоҳад шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Х.Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
2. Асоев, Х. Масъалаи характер дар ду повесть: Таҳлили повестҳои нави Сорбон «Шинель» // Маориф ва маданият. – 1977. – 6 август.
3. Боршаговский, А. М.Қаҳрамони замон ва инкишофи наср: Баҳс дар атрофи тарҷимаҳои русии асарҳои Сорбон «Занги аввал» // Садои Шарқ. – 1980. – №6. – С. 133-136.
4. Қаюмова, Д. Ғ.Хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон. – Душанбе, 2018. – 28 с.
5. Муртазо, Б.Сабақаҳои «Тангно»: Рочеъ ба филми нави бадеӣ, ки аз рӯи романи нависандаи соҳибистеъдоди тоҷик устод Сорбон «Тангнои гетӣ» офарида шудааст // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 4 январ.
6. Сорбон. Шаҳрбону. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 336 с.
7. Сайфуллоев, А.Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат: Омӯхтани эҷодиёти нависандаи тоҷик Сорбон // Маориф ва маданият. – 1976. – 21 феврал.
8. Ходжаева М. Наедине с собой / ХоЯджаева М. // Дружба народов, 1986. - №1.
9. Ҳазли солинавӣ ба нависанда Сорбон // Садои Шарқ. – 1977. – №1. – С. 153.
10. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуурии эстетикӣ / М. Шукуров.Душанбе: Ирфон, 1987. - 456 с.

ИНЪИКОСИ СИМОИ ҲАМЗАМОНОН ДАР РОМАНИ «ТАНГНО»-И СОРБОН

Сорбон нависандаи нозукбаён буда, дар симои қаҳрамонони асарҳояш тавонистааст азамату ҳашамати мардум ва бурду бохти зиндагиро соддаю оммафаҳмона ба қалам оварад ва яке аз маҳбубтарин нависандагони кишварамон шинохта шавад. Сорбон нависандаи нозукбаён буда, дар симои қаҳрамонони асарҳояш тавонистааст азамату ҳашамати мардум ва бурду бохти зиндагиро соддаю оммафаҳмона ба қалам оварад ва яке аз маҳбубтарин нависандагони кишварамон шинохта шавад. Асарҳои Сорбон ба аксари кулли забонҳои халқҳои собиқи шӯравӣ, бештарин ба русӣ, тарҷума ва чоп шудаанд. Мақола доир ба романи «Тангно»-и Сорбон, симоҳои асар, ки ҳамзамонони мо маҳсуб меёбанд, таълиф гардидааст. Романи «Тангно» асари дар мавзӯи рӯз, масъалаҳои печидаи ғарибкорӣ, ки имрӯз дар тамоми олам маълум аст, буда, он рӯзгори ҳамзамонони моро инъикос намудааст. Мутмаинем, ки асари мазкур бо мавзӯи ҷолиб, мазмуну мундариҷаи баланд, забон ва баёни болиғу фасеҳ, тасвири воқеъбинона чун асари арзишманде шинохта хоҳад шуд.Қаҳрамонҳои асар Розия, шавҳари ғарибкораш Маннон ва писарчаи ӯ Армони наврас, ҳамдеҳагони онҳо зани ҷавон Ҳуснати бармаҳал дар ғарибкорӣ шавҳар аздастдода, Мироби маюб, ки масоили об бар сараш бадбахтӣ оварда, ӯро аз по маҳрум кардааст, бо ҳама сахтиҳои зиндагӣ, бо душвориҳо бо неруи зиндагисоз аз нав талоши ободии рӯзгор ва нигаҳдошти чароғи хонадон менамоянд.

Калидвожаҳо: Сорбон, романи “Тангно», ғарибкорӣ, мусофират, каллатарошидаҳо, рӯд, рӯдхона, ҷавонони ғарибкор, осиёби беоб, маблаҒи пешпардохт, Мироб, боғхона.

ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗОВ СОВРЕМЕННИКОВ В РОМАНЕ «ТАНГНО» СОРБОНА

Сорбон является одним из деятельных и плодотворных таджикских писателей и приобрел известность в литературных кругах времени благодаря своим интересным и содержательным рассказам, повестям и романам. Издание переводов его произведений на разных языках в советское время было свидетельством того, что его творения приветствуются читателями не только в Таджикистане, но и за его пределами. Писатель в своих произведениях анализирует судьбу персонажей, раскрывает их психологию и философию, которые доминируют в их сознании, показывает стойкость людей в устранении жизненных преград, их противостояние социальным, политическим и нравственно-духовным конфликтам. Посредством изображения бурных волнений, столкновений и конфликтов, действий людей раскрывается суть исторических событий. Упоминая в рассказах и повестях о поучительных моментах жизни великих предков, писатель вводит историческую память в новое время и тем самым, призывает современников к самопознанию и самосознанию, пониманию и осмыслению различных

социальных явлений. В данной статье автор подверг изучению и рассмотрению роман писателя под названием «Тангно», образы которого являются нашими соременниками. Роман «Тангно» является произведением, который посвящен рассмотрению проблем нашей сегодняшней жизни и описывает жизнь наших современников. Героями данного романа являются Розия, ее муж, который скитается на чужбине для того, чтобы заработать и прокормить семью, их сын Армон, их односельчане, их соседка Хуснат – молодая вдова, потерявшая мужа на чужбине, инвалид Мираб, который увидал много горя на своем веку из-за проблем с водой и остался без ноги, но они сильные духом борются за жизнь и выживание в этом мире. проблемы воды принесшие много горя на его голову, и бармаҳал дар ѓарибкорї шавҳар аздастдода,

Ключевые слова: Сорбон, роман **“**Тангно», миграция, скитание, бритоголовые, озеро, молодые мигранты, безводная мельница, предоплата, Мироб, дача.

REFLECTION OF THE IMAGES OF CONTEMPORS IN THE NOVEL "TANGNO" SORBON

Sorbon is one of the active and fruitful Tajik writers and gained fame in the literary circles of the time for his interesting and informative stories, novellas and novels. The publication of translations of his works in different languages during the Soviet era was evidence that his creations are welcomed by readers not only in Tajikistan, but also abroad. The writer in his works analyzes the fate of the characters, reveals their psychology and philosophy, which dominate in their minds, shows the resilience of people in removing obstacles in life, their opposition to social, political, moral and spiritual conflicts. Through the image of violent unrest, clashes and conflicts, the actions of people, the essence of historical events is revealed. Mentioning in stories and novellas about the instructive moments of the life of great ancestors, the writer introduces historical memory into a new time and thereby calls his contemporaries to self-knowledge and self-awareness, understanding and comprehension of various social phenomena. In this article, the author has studied and reviewed the novel of the writer called "Tangno", whose images are our sremniki. The novel "Tangno" is a work that deals with the problems of our life today and describes the life of our contemporaries. The heroes of this novel are Rosia, her husband, who wanders in a foreign land in order to earn and feed his family, their son Armon, their fellow villagers, their neighbor Khusnat - a young widow who lost her husband in a foreign land, disabled Mirab, who saw a lot of grief in his century due to problems with water and was left without a leg, but they are strong in spirit fighting for life and survival in this world. water problems that brought a lot of grief on his head, and barmaal dar ѓaribkor shavҳar azdastdoda,

Key words: Sorbonne, novel "Tangno", migration, wandering, skinheads, lake, young migrants, waterless mill, prepayment, Mirob, dacha.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳаммадохирова Ҳанифа*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, асистенти кафедраи забони тоҷикӣ. Суроғa: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121. Тел.: **(+992) 93-92-909-24; 918-77-72-48**

Сведения об авторе: ***Мухаммадохирова Ханифа*** – Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121. Тел.: **(+992) 93-92-909-24; 918-77-72-48**

Information about the author: ***Mukhammadokhirova Hanifa*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, assistant of the Tajik language department. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 121. Tel.: **(+992) 93-92-909-24; 918-77-72-48**

УДК: 491.550-3

“ФУТУВВАТНОМАИ СУЛТОНӢ” ВА АРЗИШИ ИЛМӢ-АХЛОҚИИ ОН

Махмудзода М.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нимаи дувуми асри XV ва чоряки аввали асри XVI дар таърихи илму адаб ва фарҳанги форсизабонон инъикосгари манзараи умумии охирин марҳилаи адабиёти муштараки ин халқҳо мебошад ва он яке аз даврахои дурахшони адабиётро ташкил менамояд, зеро ки ба майдони илму адаб мутафаккирону суханварони асилеро аз қабили Ҷомӣ, Навоӣ, Даввонӣ, Восифӣ, Биноӣ, Ҳилоливу Кошифӣ ворид сохтааст.

Дар ин аср илмҳои гуногун, аз ҷумла тафсир, ҳикмат, мантиқ, улуми дақиқ, тиб ва амсоли инҳо инкишоф ёфта, дар қаламрави Осиёи Миёна мадрасаҳо ва толибони илми онҳо афзуда буданд.

Дар даврони мазкур, яъне замони ҳукмронии темуриҳо, дар баробари рушду равнақ ёфтани илму фарҳанг, инчунин фаҳшу разолат низ дар ҳолати инкишоф буд, ки муаррихон аз дуздӣ, бадмастӣ, бадгаштӣ ва амсоли инҳо маълумотҳои зиёд медиҳанд. Шояд, аз ҳамин сабаб бошад, ки дар байни аҳли адибону мутафаккирони ин замон ҳеҷ як шоире ва ё нависандае нест, ки мо дар осори ӯ каму беш мазмунҳои тарбиявӣ - ахлоқиро дида натавонем.

Аз қабили ҳамин гуна фарҳангмардони аҳли адаб, ки тарғибгари ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ ба ҳисоб меравад, Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад. Ӯ яке аз пуркортарин нависандагони садаи понздаҳуми мелодӣ ба шумор рафта, аз шинохтатарин воизони замони худ буд. Ӯ ба унвони олими муфассир, мунаҷҷим ва риёзидон низ шинохта мешуд. “Саҳми ӯ дар соҳаи инкишофи илму адаб ҳанӯз дар замони худаш аз тарафи намояндагони

барҷастаи доираи адабӣ – илмии асри мазкур, монанди Абдуҳраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон эътироф ва қадр карда шудааст” [1, с.13].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ қисми асосии ҳаёти хешро дар нимаи дуюми асри XV гузаронидааст.

Аввалин сарчашмае, ки дар он оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Кошифӣ маълумот дода шудааст, тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» - и Алишери Навоӣ мебошад, ки ӯ чунин гуфтааст: “Мавлоно Ҳусайн Воиз -Кошифӣ тахаллус мекунад ва аз вилояти Сабзавор аст. Муддати бист сол аст, ки дар шаҳри Ҳирот сокин аст. Мавлоно бағоят зуфунун ва пуркор воқеъ шуда ва кам фанне бошад, ки ӯро дар он дахле набошад” [9, с.9].

Ба ғайр аз ин ҳамзамонони дигари адиб, чун Хондамир, муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр», Муҳаммади Қазвинӣ, муаллифи «Маҷолис-ун-нафоис» низ оид ба ҳаёт ва эҷодиёти ин мутафаккири номдор маълумотҳо додаанд.

Аз нигоштаҳои таърихнигорон бармеояд, ки номи аслиаш Мавлоно Ҳусайн, падараш Алӣ ва лақабаш Камолиддин буда, дар бораи соли таваллуд, давраи илмомӯзиву ҳаёти оилавиаш чизе гуфта намешавад. Вале, аз маълумотҳои зикршуда чунин бармеояд, ки Ҳусайн Воиз дар шаҳри Сабзавор дар ноҳияи Байҳақ, ба дунё омадааст. Фаъолияти воизиаш ҳам аз шаҳри Сабзавор сар шудааст. Аз ин маълум мешавад, ки Ҳусайн Воиз пеш аз ба Ҳирот омадани худ илмҳои маъмули замонашро дар зодгоҳаш шаҳри Сабзавор аз худ карда, дар синни баркамолӣ ба Ҳирот меояд. Фаъолияти пурмаҳсули илмиву адабии Ҳусайн Воиз, ки баъдтар ӯро шуҳратманди давру замон гардонд, низ ба ҳамин шаҳр вобастааст. Ҳамин тавр, Воиз Кошифӣ то поёни умр дар Ҳирот умр ба сар бурда, соли 910 ҳиҷрӣ /1505м./ аз ҳаёт чашм пӯшидааст.

Ҳусайн Воиз яке аз мутафаккирони маъруфи асри худ мебошад, ки оид ба илмҳои гуногун - ахлоқ, таърих, тасаввуф, нуҷум, риёзиёт, фиқҳ, адаб, иншо ва ғайра, тақрибан 40 асар ба мерос гузоштааст. Ғайр аз ин, ӯ дар назму насри форсӣ - тоҷикӣ низ иқтидори тамом доштааст. Дар шеър ӯ «Кошифӣ» тахаллус мекардааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ на танҳо қитъаву фард ва дигар анвои шеърӣ, балки осори гаронбаҳои адабӣ – ахлоқӣ боқӣ мондааст, ки онро арзишмандтарин қисмати мероси мутафаккир ёд кардан метавон. Аз ҷумлаи мероси адабиву ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ асарҳои зерин ба шумор мераванд.

1. “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”.
2. “Футувватномаи султонӣ”.
3. “Лубоби маънавӣ фи интихоби маснавӣ”.
4. “Лубби лубоби “Маснавӣ”.
5. “Анвори Суҳайлӣ”.
6. “Чиҳил Ҳадис”.
7. “Иншо”.
8. “Бадоеъ-ул-афкор фи саноеъ-ул-ашъор”.
9. “Рисолаи Ҳотамия”.
10. “Шарҳи “Маснавӣ”.
11. “Равзат-уш-шуҳадо”.

Бо муқаддимаи зерин ба шарҳи иҷтимоии ҳаёт ва фаъолияти адабии Воизи Кошифӣ кифоят варзида, ба шарҳу таҳлили мухтасари осори ахлоқии мутафаккир аз ҷумла “Футувватномаи султонӣ” мепардозем, зеро ҷойи тазаккур аст, ки мақсад ва ҳадафи асосии мо аз ин маҷмӯа тавзеҳ ва таҳқиқи осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ мебошад.

Аз асарҳои машҳури адабиву ахлоқии Воизи Кошифӣ “Футувватномаи султонӣ” мебошад, ки маҷмӯи қонуну қоидаҳои илми ахлоқро шомил буда, тарғибгари асосҳои футувват ва роҳу равиши ҷавонмардист. Асари мазкур чи дар замони шоиру чи баъд аз он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Ин асари мутафаккир дар радифи беҳтарин ва муҳимтарин осори панду ахлоқии ӯ меистад, ки он “дар заминаи футувватномаҳои қаблӣ мисли: рисолаи Қушайрӣ, “Китоб-ал-футувват” – и Абдулкарими Бағдодӣ, “Китоб-ал-футувват” – и Меъмори Бағдодӣ, “Китоб-ал-футувват” – и Абдурраҳмони Суламии Нишопурӣ, “Кашв-ул-маҳҷуб” – и Ҳуҷвирӣ, “Футувватнома” – и Хоҷа Камолиддини Абдурраззоқи Кошифӣ, “Туҳфат-ул-ихвон” – и Абдулло ибни Ҳусайн ал-Кошӣ ва дигарҳо ба вуҷуд омадааст” [4, с.11.].

“Футувватномаи султонӣ” – и Ҳусайн Воизи Кошифӣ аз муқаддима ва дувоздаҳ боб иборат будааст, аммо танҳо ҳафт боби он то замони мо расидааст, ки боби ҳафтум ҳам нопурра мебошад. Соли 1971 олими эронӣ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб нусхаи музеи Британияро бо нусхаи дар Теҳрон буда, ки ҳарду аз ҳафт боб иборатанд, муқоиса намуда, дар асоси нусхаи Британия “Футувватномаи султонӣ” – ро чоп намудааст. Муқаддимаи китоби мазкур аз се фасл, бобҳои якуму дуюм аз чор фасл, боби сеюм аз даҳ фасл, боби

чорум аз ёздаҳ фасл, боби панҷум аз шонздаҳ фасл, боби шашум аз се фаслу чаҳордаҳ қисм ва боби ҳафтум аз ҳафт фасл иборат аст.

Дар Тоҷикистон адабиётшинос Қурбони Восеъ асари мазкурро аз рӯйи таълифи Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб аз хатти арабӣ ба хатти кириллӣ баргардон намуда, онро ду маротиба, яке соли 1991 ва дигаре соли 2010 аз чоп баровардааст. Ҳангоми таҳқиқ, мо бештар ба чопи соли 2010 (нашри мукаммалгардида, Душанбе, Ирфон) таваҷҷуҳ намудем.

"Футувватномаи султонӣ" забону услуби хоссеро дорост, ки бисёр соддаву ҷолиб буда, ба тариқи саволу ҷавоб баён гардидааст.

Муқаддимаи асари мазкур дар боби футувват буда, адиб дар он оид ба илми футувват, мавзӯъ ва маънии он маълумот додааст. Воизи Кошифӣ футувватро илми пуршараф ва як қисми илми тасаввуф ва тавҳид дониста, мавзӯи онро нафси инсонӣ арзёбӣ намудааст.

Боби аввал дар баёни манбаъ ва мазҳари футувват ва маънии тариқат ва тасаввуфу фақр ва одобу аркони он ном гирифтааст ва чуноне ки зикр кардем, он аз чаҳор фасл иборат аст. Воизи Кошифӣ дар ин боб маънии футувват, шарту шароит ва рукнҳои онро шарҳ додааст, масалан адиб доир ба маънии футувват чунин қайд мекунад: "ҳар кӣ аз мазҳари сифати футувват бошад, ӯро фатӣ гӯянд ва фатӣ дар асл луғати ҷавониро гӯянд" [3, с.22.]. Ва ҷавонӣ, яъне ҷавонмардӣ саховатмандиву шуҷоату мардонагист. Инчунин, мутафаккир ва нависандаи хушбаён дар бораи рукнҳои футувват сухан гуфта, онҳоро ба дувоздаҳ қисмат ҷудо намудааст, ки ин забонро аз ғайбат, дурӯғ ва беҳудагӯӣ нигоҳ доштан, гӯшро аз ношуниданиву чашмро аз нодиданиҳо эҳтиёт намудан, дастро аз гирифтани ҳаром ва озурдани халқ эмин доштан, қадамро ба роҳи бад наниҳодан ва худро ба ҳаромхӯриву зино гирифтор насохтан буда, бар замми ин саховату қаноат, авфу марҳамат ва ҳилму тавозӯъро пешаи худ сохтан мебошад.

Дар баёни пир ва мурид ва он чи тааллуқ бад-он дорад. Чунин ном гирифтааст боби дувуми "Футувватномаи султонӣ" ва он низ аз чаҳор фасл иборат буда, дар он Ҳусайн Воизи Кошифӣ тамоми қонуну қоидаҳо ва шарту шароити шогирду устодро баён кардааст. Масалан, адиб менависад, устоди комил шахсе буда метавонад, ки ба қадри зарурат илм дошта бошад, то ҳар мушкилие, ки муридро пеш омад ҳал намояд, бо шогирд қавлу қарор карда тавонад, сахиву ҷавонмард ва шуҷоъу покдоман бошад. Инчунин, олиҳиммат бошад, то тамаъ ба моли мурид нанамояд, мушфиқ бошад, то дар ҳаққи шогирд марҳамат намояд, ҳалим бошад, то бар ҳар ҳаракате хашм нагирад, соҳиби авф бошад, то агар гуноҳе аз шогирд гузарад авфро кор фармояд, хушхулқ бошад, то мурид дар суҳбати вай дуруштхӯй нагардад, карим бошад, то муридро аз ҳиммати худ бобаҳра созад, соҳиби ризо бошад, то зиёд ҳирс нанамояд, бовиқору собитҳол бошад ва таъҷил нанамояд, боҳайбат бошад, то мурид суханони ӯро ба ҷо орад, муаддаб бошад, то мурид дар ғайбату ҳузури ӯ адаб нигоҳ дорад, бар замми ин таълими пири комилеро гирифта бошад, то ҳар чӣ аз устоди худ дида буд, бо мурид ба кор барад.

Ҳамин гуна нависанда сифатҳои муридро низ шарҳ дода, чунин қайд менамояд, ки мурид бояд болиғ ва оқил бошад, то маънии суханро дарёбад, толиб бошад, то дар роҳи илм ҷаҳд намояд, содиқ бошад, то маърифати устод ва суханонаш дар дили вай асар намояд, зирак бошад, то роҳи дурустро зуд дарёбад, қобил бошад, то суханони пирро ба пуррагӣ қабул намояд. Инчунин, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар бораи аркони муридӣ чунин мефармояд:

"Агар пурсанд, ки аркони мурид чанд аст?

Бигӯй: Шаш. Аввал, фармонбардорӣ; дуюм, ростгӯӣ; сеюм, вафодорӣ; чаҳорум, пандпазирӣ; панҷум, камозорӣ; шашум, роздорӣ" [3, с.64].

Боби савум дар баёни нақибу падарӣ ва устоди шад ва шогирду байъати шад ва шароити одобу аркони он аст. Воизи Кошифӣ дар ин боб устодро ситоиш намуда, ӯро сабаби асосии саодату бурдборӣ ва камолоти инсон гуфтааст ва бе мутобиати устод ҳама корро бебунёд шуморида, ҷое қайд кардааст:

"Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест" [3, с.75].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ин ҷо маслиҳатҳои устодро ба шогирд баён намуда, чунин мефармояд: шогирд бояд чашмро аз ҳаром ва нодиданиҳо, гӯшро аз ношуниданиҳо, забонро аз ногуфтаниҳо ва фикрро аз ғайр нигоҳ дорад, синаро аз кинаву ҳасад ва дилро аз шак баста гардонад, дастро аз озори халқ ва ҳалқро аз нохӯрданиҳову пойро аз норафтаниҳо нигоҳ дорад ва хотирро аз фикрҳои беҳуда ва вуҷудро аз бухлу тамаъ пок дорад. Яъне, мурид бояд тамоми хислатҳои разилонаро аз замири хеш дур сохта, бар ивази он ҳама хислатҳои ҳамидаи инсониро пайравӣ намояд.

Адиб зикр менамояд, ки хислатҳои писандидаи инсонӣ ин дар кушодан ба рӯйи меҳмон, суфра густурдан ба гуруснагон, кушодани чеҳра барои суҳбат бо мардум,

кушодани чашм ба дидори пирон, кушодани гӯш ба сухани устодон ва хирадмандон, кушодани даст ба шафқату эҳсон, кушодани сина ба муҳаббати мардумон, кушодани дил ба ишқ, кушодани қадам ба амали хайр, кушодани хотир ба нуқтаҳои дуруст, кушодани дари ахлоқ ба некуӣ мебошанд.

Боби чаҳорум – дар баёни хирқа ва соири либосҳои аҳли фақр ва пӯшидан ва пӯшонидани он ва расонидани хирқа ба муридон ва шароити он ва одобу аркони он. Адиб дар ин боб дар бораи хирқа ва хирқапӯшон, фоидаи хирқапӯшӣ, одобу аркон ва шарту шароити он маълумот додааст.

Боби панҷум дар одоби аҳли тариқ буда, "... нисбат ба дигар бобҳои асар аз ҷиҳати дар бар гирифтани муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ, бешубҳа, мақоми хоссае дорад" [1, с.238].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ин боб тамоми меъёрҳои ахлоқи инсониро шарҳ додааст, ки инсон метавонад дар ҳаёти рӯзмарраи хеш онро истифода бурда, масъалаҳои мураккаби зиндагиро ҳал намояд. Боби мазкур сар то сар аз одоб иборат буда, дар он адиб дар бораи адаб бо пирон ва волидон, адаб бо хешовандону дӯстон ва ошноён, адаб бо ҳамсоягон ва бегонагон, инчунин одоби нишастану одоби сухан гуфтан, одоби таом хӯрдан ва об нӯшидан, одоби либос пӯшидану одоби сафар кардан ва одоби роҳ рафтану салом намудан маълумоти дурусту пуразрзише овардааст.

Яке аз фаслҳои ҷолиби ин боб дар одоби ҳар тоифа мебошад, ки Кошифӣ дар масъалаи адаб бо падару модар чунин мегӯяд: адаб бо падару модар дувоздаҳто аст. Аввал онҳоро ҳурмат кунад, дувум барои моли дунё бо онҳо сахтӣ накунад, сеюм хизмате, ки баҳри онҳо кардааст, миннат накунад, баъдан дар рӯйи эшон бо қаҳр нанигарад, чун бихонанд, зуд ҳозир шавад, дар суҳбат бо онҳо чеҳраи кушод дошта бошад, ҳар чӣ эшон мефармоянд, агар дар он зараре ба касе нарасад, иҷро кунад, дар сухан гуфтан овоз баланд накунад, бе иҷозати эшон ба сафар наравад, барои хушнудии онҳо кӯшиш намояд. Ва дар охир адиб эҳсон ба волидонро ибодати сонӣ гуфта, мисраҳои зеринро меорад:

"Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Андар таҳи пои модарон аст" [3, с.151].

Шароити адаб бо хешовандонро Воизи Кошифӣ чунин мегӯяд: дӯстӣ кардан бо онҳо, кумак кардан дар мушкилиҳояшон, ҳамроҳ шудан дар ғаму шодиҳои эшон, вафодору мададгор будан, бо душманони онҳо дӯстӣ наварзидан ва қасди молу сарвати онҳо накардан.

Нависандаи хушсухан қайд мекунад, ки чун инсон дӯсти ҳақиқиро ба даст орад, бояд бо ӯ одоби дӯстиро риоя намояд, яъне аз ӯ мол дареғ надорад, сири ӯро ба касе нагӯяд, айби ӯро аз дигарон бипӯшад ва бо худи ӯ бигӯяд, то ислоҳ шавад, сухани ӯро хуб гӯш кунад, бар суханаш эътироз накунад ва айб наҷӯяд, ӯро бо номи неку хитоб намояд, дар ғайбаш низ эҳтиром ба ҷо орад, агар лозим бошад ӯро насиҳат кунад, гуноҳашро бубахшад, дар шодиву ғам ҳамроҳаш бошад ва ӯро ҳурмат намояд, он чӣ ки ба худ намеписандад ба ӯ раво набинад, дар вақти лозимӣ ӯро ҳимоя кунад, бо душмани ӯ дӯстӣ наварзад ва бо дӯстонаш душманӣ накунад.

Ба ғайр аз ин, Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар ин боб дар бораи одоби сухан гуфтан маълумот дода, суханро шарафи одамӣ мегӯяд ва дар одоби сухан гуфтан чунин мефармояд: инсон бояд муносиби ҳоли ҳамсуҳбаташ сухан гӯяд, дар вақти сухан гуфтан латифу меҳрубон ва хандону шукуфтарӯй бошад, аввал андеша карда, баъд сухан ба забон орад, бисёр сухан нагӯяд ва сухани бомаъниву фоидабахш гӯяд. Дар ин маънӣ адиб аз Шайхи Ганҷанишин мисраҳои шеърӣ меорад:

"Кам гӯю гузида гӯй чун дурр,
То з – андаки ту ҷаҳон шавад пур" [3, с.160].

Боби шашум – дар шарҳи ҳоли арбоби маърака ва суханоне, ки бар он мутартиб бошад ва одоби аҳли сухан.

Адиб дар ин боб дар бораи адаби касбҳо маълумот дода, касбро обрӯву шаъни инсон гуфтааст ва таъкид кардааст, ки ҳар як шахс бояд шуғле дошта бошад ва зиндагияшро ба воситаи меҳнати пок гузаронад. Адиб донистани одоби ҷамъи касбҳоро барои ҳар як инсон зарур медонад, ки онҳо аз ин қабил ҳастанд: касби худро аз моли ҳаром пок доштан, касбро ҳамчун зарурати маош донистан, на ҷамъи мол, бо касе, ки моли ӯ ҳаром бошад муомила накардан, дар касби худ макру ҳилларо кор набурдан, агар аҳли тарозу бошад, каму зиёд накашидан, бо инсоф будан ва ғайра.

Боби ҳафтум дар баёни аҳли қабза ва ҳолоти эшон буда, нависанда ин ҷо дар бораи меҳнат ва касбҳое, ки инсон онро бо қабзаи даст анҷом медиҳад, мисли қассобӣ, деҳқонӣ, ҷанговарӣ, оҳангарӣ, дӯзандагӣ, пазандагӣ ва ғайра маълумот дода, одобу маърифати ин касбҳоро баён намудааст.

Дар заминаи ин гуфтаҳо, мо азм намудем, ки оид ба истилоҳоти ахлоқии асари мазкур сухане чанд баён намоем.

Мавриди қайд аст, ки лексикаи ахлоқии ҳар як забон яке аз бахшҳои асосии забоншиносии онро ташкил дода, чи аз назари забоншиносӣ ва чи аз дидгоҳи ахлоқӣ аҳаммияти вижа дорад, зеро ахлоқ ҳамчун зерсутуни ҳастии ҷомеаи башарӣ дорои истилоҳоти басо фаровоне мебошад, ки қариб ҳама ниҳодҳои ҳаёти иҷтимоиро шомил аст.

“Футувватномаи султонӣ” дар адабиётшиносӣ ва забоншиносии тоҷик мақоми махсус дошта, то ҳол истилоҳоти он мавриди таҳқиқи ҷомеи забоншиносӣ қарор нагирифтааст, ҷойгоҳи муаллифи он Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар пайдоиш ва инкишофи истилоҳоти ахлоқии забони тоҷикӣ муайян нагардидааст. Аз ин рӯ, ин асарро мавриди таҳқиқи лингвистӣ қарор додан ва нақши онро дар пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти ахлоқӣ муайян кардан аз вазифаҳои тадқиқношудаи забоншиносии муосири тоҷик мебошад. Аз ҷониби дигар, масъалаи иштирок ва нақши истилоҳоти ахлоқӣ ба забони тоҷикӣ ва арабӣ аз масоили муҳимми забоншиносӣ ва фарҳанги забоншиносии тоҷик аст.

Дар “Футувватномаи султонӣ” истилоҳоти ахлоқӣ фаровон ба чашм мерасад ва аз ҷумлаи истилоҳоте, ки одоби ҳамидаи инсониро тараннум мекунад - адаб (**ادب**), адл (**عدل**), ахлоқ (**اخلاق**), некӣ (**نيكي**), инсоф (**انصاف**), меҳр (**مهر**), ростгарӣ (**رستگاري**), сабр (**صبر**), софдил (**صاف دل**), фаросат (**فراست**), хайр (**خير**), хокниҳод (**خاك نهاد**), диёнат (**ديانت**), зирак (**زيرك**), инсоф (**انصاف**), қаноат (**قناعت**) ва монанди инҳо мебошанд. Истилоҳоти ахлоқие, ки ифодагари аъмоли разилаи инсонианд инҳо мебошанд: бадӣ (**بدي**), бахилӣ (**بخيلي**), ғазаб (**غضب**), ғайбат (**غيبت**), дурӯғ (**دروغ**), кина (**كينه**), даҳалӣ (**دغلي**), дурӯӣ (**دوروني**), ситам (**ستم**), суханчинӣ (**سخن چيني**), тамаъ (**طمع**), унф (**عنف**), уҷб (**عجب**) ва ғайра.

Дар натиҷаи таҳлили омории асари “Футувватномаи султонӣ” чунин натиҷагирӣ намудем, ки агар асари мазкур, ки аз 272 саҳифа иборат аст дар маҷмӯъ бе шумори пешоянду зарфҳо 61744 калимаро дар бар гирифта бошад, пас истилоҳоти ахлоқии он бо такроран зикр шудани онҳо ба 4700 калима мерасад ва аз ин шумора бармеояд, ки асар саршор аз истилоҳоти ахлоқӣ мебошад.

Таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти ахлоқӣ ва мавриди мулоҳиза қарор додани он имрӯз яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад ва дар амал татбиқ намудани он барои тарбияи ахлоқиву маънавии насли имрӯза ва оянда низ аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳмедов М. Насри ахлоқӣ – бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ: дис... док... илми фил... / М.Аҳмедов. – Душанбе, 2003. – 326 с.
2. Аълохон А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV / А. Аълохон. – Душанбе: Дониш, 1978. – 264 с.
3. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ (Нашри мукаммалгардида) / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. – Душанбе: Дониш, 2010. – 272 с.
4. Кошифӣ Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи “Ҳотамия” / Ҳусайн Воизи Кошифӣ – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
5. Сулаймонӣ, С. Чиҳил мақола / С.Сулаймонӣ. – Душанбе, 2017. – 685 с.
6. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда / С.Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1564 с.
7. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот) / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 2003. – 141 с.
8. نوائی. مجالس النفائس. با سعی و اهتمام علی اصغر حکمت، تهران، 1323 ش. شیر علي
9. کاشفی حسین واعظ. اخلاق محسنی. نولکشور. 1279

“ФУТУВВАТНОМАИ СУЛТОНӢ” ВА АРЗИШИ ИЛМӢ АХЛОҚИИ ОН

Дар мақолаи мазкур зиндагиномаи мухтасари яке аз мутафаккирони шинохтаи асри XV Ҳусайн Воизи Кошифӣ, фаъолияти адабӣ – ахлоқии ӯ ва осоре, ки адиб дар ин ришта офаридааст ба мушоҳида мерасад. Ғайр аз ин, саҳми босазои мутафаккир дар рушду инкишофи лексикаи адабӣ - ахлоқии забони тоҷикӣ ва баёни муншиёнаи адиб оид ба ташаккул додани хӯю хислати ҳамидаи инсонӣ қайд гардидааст. Вабаста ба ҳамин мавзӯъ яке аз асарҳои панду ахлоқии адиб “Футувватномаи Султонӣ”, ки ҳафт боби он то замони мо омада расидааст, дар алоҳидагӣ шарҳ ёфтаанд. Воизи Кошифӣ дар асари мазкур тамоми одобу маърифати масъалаҳои ҳаёти инсониро баён намуда, маслиҳатҳои арзишманду тавсияҳои муфид додааст. Оид ба истилоҳоти ахлоқии “Футувватномаи султонӣ” чунин қайд гардидааст, ки асар барои тадқиқи истилоҳоти мазкур мувофиқ буда, чанде аз истилоҳоти ахлоқии он дар мақола қайд гардидаанд. Илова бар ин, истилоҳоти ахлоқӣ таҳлили оморӣ ёфта, натиҷаи зерин ҳосил карда шудааст: агар калимаҳои мустақилмаъной асари “Футувватномаи султонӣ” дар маҷмӯъ 61744 калимаро дар бар гирифта бошад, пас истилоҳоти ахлоқии он бо такроран зикр шудани онҳо ба 4700 калима мерасад ва аз ин шумора бармеояд, ки асар саршор аз истилоҳоти ахлоқӣ мебошад. Таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти ахлоқӣ ва мавриди мулоҳиза қарор додани он имрӯз яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад ва дар амал татбиқ намудани он барои тарбияи ахлоқиву маънавии насли имрӯза ва оянда низ аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: истилоҳоти ахлоқӣ, осори адабӣ-ахлоқӣ, Кошифӣ, “Футувватномаи султонӣ” лексикаи ахлоқӣ, панду ҳикмат, одобу маърифат, истилоҳ.

"ФУТУВВАТНОМАИ СУЛТОНИ" НАУЧНЫЕ И ЭТИЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ

В этой статье раскрывается краткая биография одного из известных ученых 15-го века Хусейна Войзи Кошифи, его литературное образование и все, что он написал. Кроме того, он внес большой вклад в развитие литературно-этической лексикологии таджикского языка, также были отмечены поведенческие и гуманистические аспекты. В связи с этой темой в одной из учебных книг «Футувватномаи султони» была отмечена как одно из морально - литературных произведений, и некоторые его части были использованы. Кроме того, книга была рассмотрена статистически и было обнаружено, что в целом было собрано более 61744 слов, а этические термины составляют 4700 слов, упоминаемых как обзор, таким образом, мы можем заметить, что книга полна учебных фраз. Исследование и анализ этических терминов известны как ежедневный фактический дискус, и реализация его имеет важное значение для сегодняшнего и будущего поколений.

Ключевые слова: этическая терминология, литературно-этические произведения, Кошифи, “Футувватномаи султони”, моральная лексика, термин.

«FUTUVVATNOMAI SULTONI» SCIENCE AND EDUCATIONAL VALUES

On this article, whole biography one of the well known scientist of 15th centure Husayn Voizi Koshifi his literary-educations and all that he wrote can be observed. As well as, he has great contribution on developing literary-educational lexicology of tajik language, behavior and human good aspects also have been noted. Related to this theme one of the educational assignments of scientist «Futuvvatnomai Sultoni» has been noted as appropriated found on the article and some of it’s parts have been used. Also the word has been statistically discussed: it shows that in general more than 61744 words were gathered and educational meanings conduct 4700 words mentioning as reviewing, in this way we can observe that the assignment is full of educational phrases. Research and analyzing educational words is known as daily actual discus, and make it realize has an important role for current\today’s and future genereation.

Key words: ethical terminology, literary and ethical works, Koshifi, «Futuvvatnomai sultoni», moral vocabulary, term.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудзода Мунира Қаноатшоҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи таҳқиқоти шарқии факултаи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) **988-57-77-37**

Сведения об авторе: ***Махмудзода Мунира Каноатшох*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры восточных исследований факультета международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-57-77-37**

Information about the author: ***Mahmudzoda Munira Qanoatshoh*** – Tajik National University, assistance at the Department of East Research, Faculty of International Relations. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-57-77-37**

УДК: 491.71:82

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ АСАРҲОИ И.А. КРИЛОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Нилуфари Фатҳуллои Абдуллозода
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

И.А. Крилов адиби нотакрору номовари рус мебошад, ки осори тамсилии ӯ ба азамати адабиёти рус афзуда, бо ғановату шеваи баёни хеш табиатан як рукни адабиёти умумибашарӣ маҳсуб мешаванд. Масалҳои ин шоири рус ба таҷрибаҳои умумиадабӣ ва анъанаҳову собиқаи ин жанр такя доранд. Касе инкор накардааст, ки И.А. Крилов масалҳои табиатан хосси русӣ офаридааст. Масалан, тавре Н.А. Арбузов навиштааст, достонҳои Крилов бо содагӣ ва услуби нигориш, тасвири олами набототу ҳайвонот ва табиату мизоҷи маҳз русӣ воқеан моли маънавии халқи рус мебошанд [1, с.104]. Аммо ҳамзамон касе инкор намекунад, ки дар аглаби сужет ва оҳангҳои ин суханвари мумтоз таъсири шоири фаронсавӣ Лафонтен баръало дида мешавад. Чунонки медонем, дар навбати худ онҳоро бештар аз Шарқ ба муҳити Аврупо бурдааст. Ҳақ ба ҷониби Игор Иглинский мебошад, ки ҳангоми ба чопи оммавӣ омода кардани масалҳои шоири рус гуфта буд: “Ҳатто он масалҳо, ки сужети онҳоро И.А. Крилов аз нависандаи фаронсавӣ Лафонтен аз худ карда буд, ба шарофати иқтидори истеъдоди вай ба асарҳои аслию нотакрори русӣ табдил ёфтаанд. Кас ҳеч намехоҳад, ки онҳоро ба Лафонтен нисбат диҳад” [2, с.56].

Ин ҳақиқати маҳзест, ки исбот мекунад онҳо моли адабиёти русанд. Аммо табиату мантиқи тараққиёти ҷамъияти инсонӣ ва тамаддуни умумибашарӣ бозгӯи он аст, ки агар касе аз каси дигар, халқе аз халқи дигар, ҷомеае аз ҷомеаи гузашта наомӯзад, пешравӣ намешавад ва ҳама муқаддасот аз байн меравад. Михайлов А.Н навиштааст: «Дунё ва одам дар он бо пешбурди анъанаҳои нек, омӯзишу пазироии таҷрибаҳои пешқадами зебоӣ зинда мебошад ва ғановати маънавӣ дар доираи як мамлакату як халқ, як давраву ягон минтақаи олам маҳдуд монда наметавонад» [3, с.44]. Бояд тазаккур дод, ки имрӯз мо тавассути И.А. Крилов низ ба худшиносии миллии тоҷикӣ роҳ мебарем ва фардо аз ин

таҷрибаи мо сари масъалаҳои худогоҳӣ ва ҷаҳоншиносӣ халқи дигаре истифода хоҳад кард ва ҳамин тавр “ин олам гирдгардон аст”, чунонки ба қавли устод Рӯдакӣ “гирдгардон буд”. Рябов Г.И. навиштааст: «Гап дар сари маҳорат ва тарзу усулҳои истифода аз таҷрибаи халқҳои дигар аст» [4, с.87]. Пас, агар гӯем, ки масалҳои Крилов дар радифи панду андарзи Рӯдакӣ ва Саъдӣ, достонҳои қаҳрамонии “Шоҳнома” ва ишқияҳои Ҷомӣ, афсонаҳои пурасрори Пушкин ва ҳикояҳои психологии Чехов аз солҳои 30-юм ба муҳити адабию тарбиявии Тоҷикистон комилан ворид гардида, дар кори таълим ва саводомӯзии умумӣ то алҳол саҳми арзанда гирифта меоянд, хато намекунем.

Мероси адабии Крилов ва хосса масалҳои ин адиби русро падидаи маданияти рус шинохтан кам мебошад. Зеро дар масалнависӣ, чунонки ишора шуд, Крилов ба ду сарчашмаи бузург такя дорад. Яке аз онҳо анъанаи масалнависии ғарбист, ки дар навбати худ аз Юнони қадим ибтидо гирифтааст. Анъанаҳои масалнависии поягузори ин жанри адабӣ Эзоп интишори умумиҷаҳонӣ доранд ва аз ин таъсир Крилов низ бебаҳра нест.

Дигаре анъанаҳои Шарқ аст, ки ба воситаи Ғарб то ин масалнавис расидаанд, зеро Крилов онҳоро ба воситаи тамсилу ҳайвонотномаҳои қадимаи ҳинду форсӣ, ки дар навбати худ аз таҷрибаи масалгӯиҳои Эзоп низ бебаҳра намондаанд, пазируфтааст.

Масалу ҳайвонотномаҳои форсии тоҷикӣ бошанд, навтарин намунаҳои ташаккули таркибҳои юнонию шарқии анъанаҳои ин жанр дар асрҳои миёна мебошанд. Масалан, сужетҳои ҳиндии “Калила ва Димна”, ки дар замони салтанати Сосониён аз ҳиндии санскрит ба паҳлавӣ гардонида шуда, баъдан Ибни Муқаффаъ онҳоро ба арабӣ рӯйи коғаз оварда буд. Дар замони Сомониён “Калила ва Димна”-и Ибни Муқаффаъ ба наср ва баъдан дар шакли манзум ба тоҷикии дарӣ баргардонида мешавад.

Дар масалҳои форсӣ-тоҷикӣ манбаъҳои юнонии эзопӣ ва ҳиндӣ ба ҳам омаданд ва зиёда аз ин онҳо махсусиятҳои миллии тоҷикӣ ҳам пайдо кардаанд. Ҳамин таҷрибаи тозаи масалсароии форсии тоҷикӣ масалнависи бузурги фаронсавиро ба ваҷд овардааст.

Ошкор аст, ки сужети бисёр масалҳои Крилов ба забони тоҷикӣ басо гуворост, зеро онҳо моро ба қаъри асрҳо мебаранд. Аз ин хотир, тарҷума ва нашри онҳо ба забони тоҷикӣ, хосса дар шароити имрӯз ба манфиат мебошад. Бо такя ба ин ки аксари онҳо ифодагари дарди имрӯзаи мо буда, вазъи имрӯзаи сиёсиву иҷтимоии мамлакати соҳибистиқлоли тоҷиконро ифода мекунанд, аҳаммияти амалии масалҳои шоири рус боз ҳам меафзояд. Аз ҷумла, масалҳои таърихии вай имрӯз оҳанги ҳозиразамон пайдо кардаанд. Чунончи, масали “Ниҳол”, ки рӯҳи замонавӣ дорад ва набзи имрӯзаи мамлакату рӯҳияи мардумро равшан ифода мекунад. Ба хотири осудагию оромии яклаҳзаинаи худ дарахте аз табарзан хоҳиш намудааст, ки тамоми ҷангали атрофи ӯро бурида партояд. Хуллас, дарахту ниҳолакони атрофи вайро бурида партофтаанд ва кор ба ҷое расидааст, ки дигар як шамолаки муқаррарӣ ҳам ин ниҳоли танҳоро аз байн бурда метавонад. Барои аз по афтодан ба вай як пуф кифоя мебошад. Ин ҷо хулосаи мантиқӣ басо равшан ифода ёфтааст: Одам бо дӯсту муттако ва мурғони болопарвози ҳаво бо болу пари худ пуриқтидоранд, инсон бо ҳамсояи нек ва пушту паноҳи бародараш орому осуда буда метавонад. Инак, аз ибтидои асри ХХ масалҳои Крилов дар тарҷума ба забони тоҷикӣ чоп гардида, минбаъд муаллифи худро басо шуҳратёб гардонидаанд. Саҳми онҳо ба ташаккули адабиёти кӯдакон ва наврасон ва тарбияти насли наврас басо зиёд мебошад. Вақте адабиёти миллии кӯдакон ва наврасон ба маънии имрӯзаи ин мафҳум вуҷуд надошт, осори Крилов дар радифи дигар асарҳои бачагонаи адибони рус ва ҷаҳон ба адабиёти тоҷик бе малол ворид гардиданд.

Соли 1944, дар айни авҷи таъқиби фашистон, нашриёти давлатии Тоҷикистон “Масалҳои мунтахаб”-и И.А. Криловро бо миқдори 10 000 нусха ва бо суратҳо аз чоп баровард. Баъдан қариб 35 сол лозим шуд, ки китоби навбатии Крилов ба тоҷикӣ чоп шуда барояд. Нашриёти “Маориф” соли 1977 барои бачагони синни хурди мактабӣ бо номи “Маймун ва айнак” 34 масали ин шоири русро аз чоп баровард. Китоби расмдоре, ки бо теъдоди 50 000 адад ба дасти хонандаи хурдсол расид, аз ҳисоби навтарин тарҷумаҳо бо қалами шоирони тоҷик Баҳром Фирӯз ва Ҳикмат Раҳмат мукаммал карда шуд. Шоистаи зикри хос мебошад, ки як идда тарҷумаҳои Ҳикмат Раҳмат бо таҳрири адабиётшиноси тоҷик Ҳ.Шодиқулов аз чоп баромад.

Ҳамон вақт аз номи шоири рус И.А. Крилов шоири тавонои бачаҳо Суҳайлӣ Ҷавҳаризода дар тарҷумаи масали “Ҷу, моҳӣ ва харчанг” бо таъкид мегӯяд:

Чу созиш нест дар байни рафиқон,
Наёбад кори онон ҳеҷ сомон,
Шавад балки аз он кулфат фаровон...

Крилов тавассути масалҳои пурҳикмати худ худситоӣ (“Саъба”), ҷоҳилӣ ва аҳмақӣ (“Маймун ва айнак”, “Хар ва булбул”), худписандиву мағрурӣ (“Гург ва рӯбоҳ”, “Гург ва барра”), хушомадзаниро (“Куку ва хурӯс”) мазаммат менамояд. Дар давоми беш аз сад

соли гузашта, ки масалҳои Крилов маҳбуби халқи тоҷик гардиданд, аз 205 масали тарҷумашудаи вай 86-тои он маҳсули қалами Ҳикмат Раҳмат мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки маҳбубияти И.А. Крилов ҳамоно меафзояд, зеро ба пиндошти мо, касе аз масалнависони русу дигар халқҳо дар ин жанр ба пояи ӯ расида натавонистаанд.

Ҳамин тавр, хонандаи тоҷик масалҳои И.А. Криловро бо шавқу завқ мутолиа намуда, бисёр чизҳоро меомӯзад ва дар айни замон беихтиёр ба хотир меоварад, ки шоири шуҳратманди рус аз адабиёти классикии тоҷик низ таъсир пазируфтааст. Аз ин ҷост, ки мазмуни бисёр масалҳои ӯ баъзе шеърҳои классикони адабиёти тоҷик Шайх Саъдӣ, Убайди Зоконӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва дигаронро ба хотир меоваранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Арбузов Н.А. Характеристика творчества И.А. Крылова / Н.А. Арбузов. - М.: Высшая школа, 2007. - 265 с.
2. Иглинский И. Особенности творчества И.А. Крылова / И.Иглинский. - М.: Наука, 2001. - 134 с.
3. Михайлов А.Н. Анализ творчества русского поэта / А.Н. Михайлов. - М.: Наука, 1999. - 205 с.
4. Рябов Г.И. Особенности перевода художественных произведений / Г.И. Рябов. - М.: Наука, 2002. - 165 с.
5. Смирнов А.М. Характеристика басни русского поэта / А.М. Смирнов. - М.: Наука, 2003. - 231 с.
6. Тимофеев А.В. Теория литературы / А.В. Тимофеев. - М.: Наука, 2005. - 213.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ АСАРҲОИ И.А. КРИЛОВ БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола муаллиф дар бораи шоири намоёни рус И.А. Крилов ҳарф мезанад. Дар асоси маводи бисёр муаллифи мақола тарҷумаҳои осори шоири рус И.А. Криловро таҳлил менамояд. Бояд тазаккур дод ки, дар ин мақола аввалин маротиба тарҷумаҳои масалҳои И.А. Крилов ба забони тоҷикӣ таҳлил мешавад. Аз соли 1944 Нашриёти Давлатии Тоҷикистон “Масалҳои мунтахаб” – И.А. Криловро бо миқдори 10000 нусха аз чоп баровард. Баъдан соли 1977 китоби навбатии И.А. Крилов ба тоҷикӣ аз чоп баромад. Нашриёти “Маориф” соли 1977 бо номи “Маймун” ва айнак” ва барои бачагони синни хурди мактабӣ боз ҳам 34 масали шоири рус И.А. Крилов аз чоп баровард. Китоби расмдоре, ки бо теъдоди 50000 адад ба дасти хонандаи хурдсол расид, аз ҳисоби навтарин тарҷумаҳо бо қалами шоирони тоҷик Баҳром Фирӯз ва Ҳикмат Раҳмат мукаммал карда шуд. Ин маврид шоистаи зикри махсус мебошад, ки як идда тарҷумаҳои Ҳикмат Раҳмат бо таҳрири адабиётшиноси тоҷик Ҳ.Шодиқулов аз чоп баромад. Шеърҳо ва масалҳо ба забони тоҷикӣ таҳлил мешаванд.

Калидвожаҳо: тарҷума, И.А. Крилов, масал, забони тоҷикӣ, шоири рус, китоб, шоирони тоҷик.

ХАРАКТЕРИСТИКА ПЕРЕВОДОВ СТИХОВ И.А. КРЫЛОВА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В этой статье автор говорит о творчестве известного поэта И.А. Крылова. На основе обширного материала автор исследует переводы произведений русского поэта И.А. Крылова на таджикский язык. Надо отметить, что в этой статье впервые анализируются переводы басен русского поэта И.А. Крылова на таджикский язык. Начиная с 1944 года государственное издание Таджикистана выпустило книгу «Избранные басни» И.А. Крылова в количестве 10000 книг. Затем в 1977 году выходит очередная книга И.А. Крылова на таджикский язык. Издание «Маориф» в 1977 году выпустило книгу под названием «Обезьяна и очки» для детей маленького возраста в количестве 34 басен великого русского баснописца И.А. Крылова. С рисунками и в различных изданиях количеством 50000 вышли басни для маленьких детей в переводе известных таджикских поэтов Бахрома Фируза и Хикмата Рахмата. Надо отметить, что очень много басен русского поэта выходят в переводе таджикского поэта Хикмата Рахмата с комментариями известного таджикского литературоведа Х.Шодикулова. Все стихи и басни исследуются на таджикском языке.

Ключевые слова: перевод, И.А. Крылов, басня, таджикский язык, русский поэт, книга, таджикские поэты.

FEATURES OF THE TRANSLATION OF THE FABLE OF I.A. KRYLOV INTO TAJIK

In this article, the author talks about the work of the famous poet I.A. Krylov. Based on extensive material, the author explores translations of the works of the Russian poet I.A. Krylov into Tajik. It should be noted that this article for the first time analyzes the translations of the fable of the Russian poet I.A. Krylov into the Tajik language. Since 1944, the state publication of Tajikistan has published the book "Selected Fables" by I. Krylov in the amount of 10,000 book. Then, in 1977, another book by I.A. Krylov was published in the Tajik language. The publication "Maorif" in 1977 released a book entitled "Obligatory and glasses" for young children in the amount of 34 fables of the great Russian fabulist I. Krylov. With various drawings and editions of 50,000 quantities, a way out for young children in the translation of the famous Tajik poets Bahrom Firuz and Hikmat Rakhmat. It should be noted that a lot of the fables of the Russian poet are published in the translation of the Tajik poet Hikmat Rakhmat in the commentary of the famous Tajik literary critic H. Shodikulov. All poems and fables are studied in Tajik

Key words: translation, I.A. Krylov, fable, Tajik, Russian poet, book, Tajik poets.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нилуфари Фатҳуллои Абдуллозода*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, ассистенти кафедраи забон ва адабиёти рус. **Суроғa**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. Тел.: **(+992) 918-13-42-44**

Сведение об авторе: ***Нилуфар Фатхуллои Абдуллозода*** - Бохтарский государственный университет им.Н. Хусрава, ассистент кафедры русского языка и литературы. **Адрес**: Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул Айни, 67. Тел.: **(+992) 918-13-42-44**

Information about the author: ***Nilufari Fathulloi Abdullozoda*** - Bochtar State University named after N. Khusrav, Assistant at the Department of Russian Language and Literature. **Address:** Republic of Tajikistan, Bochtar, Str., Ayni, 67. Tel.: **(+992) 918-13-42-44**

УДК: 891.550

АРЗИШҲОИ САБКӢ ВА ДАСТУРИИ МАҚОЛАИ ПАНҶУМИ (ЛУҒЗ) «МАҚОМОТИ ҲАМИДӢ»

Нозӣ Ҳасан Мирзод
Донишгоҳи Балх, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Муаррифии китоб. Қозӣ Абӯбакр Ҳамидуддин Умар бинни Маҳмуди Балхӣ, ки дар соли 559 ҳ. даргузашт, китоби «Мақомоти Ҳамидӣ»-ро ба насри мусаҷҷаъ дар бисту чаҳор мақома ва як муқаддима ба тақлиди «Мақомоти бадеӣ»-и Бадеъуззамони Ҳамадонӣ (358-398 ҳ.) ва «Мақомоти Ҳарир»- и Қосим бинни Алии Ҳарирӣ (446-516 ҳ.), ки ҳар ду ба тозӣ навишта шуда буд, бо насри мутакаллиф ва пур аз луғоти арабӣ навиштааст [6, с.570].

Вижагиҳои куллии сабки насри мақомаи панҷум (луғз). Дар мавриди сабки насри ин мақома бояд гуфт, ки Қозӣ Ҳамидуддин бо таъсирпазирӣ аз адабиёти араб ва бо таъсирпазирӣ аз мақомоти Бадеъуззамон ва Ҳарирӣ ба навиштани мақомот пардохтааст.

Мақомот худ достонҳои паёпай аст, ки дар ҳар як достон як қаҳрамон нақши вижа дошта, аммо дар охири достон қаҳрамон ба гунаи номаълуме нопадид мегардад, ки ин маъниро дар ҳама мақомаҳо бо як қитъаи шеър менамоёнад. Ба таври мисол дар мақомаи панҷум:

Аз баъди он замона надонам аз ӯ чӣ хост,
Чархаш зи ҳодисот бифузуд ва ё бикост.
Аз карру фар б уъз монад ё базл
Дар ҷустуҷӯйи ризқ ба чап рафт ё ба рост [1, с.44].

Ва тамоми мақомаҳо бо ин ҷумла шурӯъ мешавад: Ҳикоят кард маро дӯсте…

Чун ин мақома дар бобати луғз аст, биноан гоҳе чистонро низ овардааст, яъне матолибро ба гунаи муаммо зикр кардааст:

Чист он хуб луъбати сода
Нури рухсори дилбарон дода.
Беш аз вақти хеш ояду хеш
Ба ду рӯзу ду шаб фузун зода.
Рост ба гунаи пиёлаи лаъл
Монда дар қаъраш андаке бода [1, с.39].

Зоҳиран ин муаммо марбут ба муҳоқ мебошад, ки қариб ду рӯзу ду шаб моҳ аз анзор мастур аст.

Луар асл луғати арабӣ буда, ба маънӣ баргардонидани чизе аст аз самти рост ва алғоз ба маънии роҳҳои кажумаж ва луғиз ба маънии сӯрохи муши даштӣ аст.

Шамсиддини Розӣ муаллифи «Ал-муъҷам фи маъойирил ашъорил аҷам» дар таърифи луғз менависад: «Луғз он аст, ки маъное аз маъонӣ дар кисвати иборот ба шакли муташобеҳ ба тариқи савол бипурсанд ва аз ин ҷиҳат онро дар Хуросон «чистон» хонанд».

-Дар вақти зарурат овардани истишҳод ба каломи осмонӣ, иборот ва ҷумалоти арабӣ

Гоҳе дар зимни ибороти форсӣ як мартаба шурӯъ ба арабигӯйӣ мекунад, як али чанд сатр иборот ва ҷумалоти арабӣ меоварад, монанди:

«Ва ин суханро ҳанӯз илзом не ва шароби бе сукр шукрро воҷиб не. Фобасит лано ҳазо албисотаъ ва аҳзо али савоин алсирот. Пир гуфт: бишратин фи ҳазо албус…» [1, с.40].

-Овардани абёти мутаносибулаъзо ва такрори мисраъ

Эй ҷаҳон аз ту шери нар дар бар
Рӯзгор аз ту ёфта ҳар сар
Эй ҷаҳон аз ту шери нар дар бар
Рӯзгор аз ту ёфта ҳар сар [1, с.43].

-Овардани шоҳиди шеърӣ

Нависанда барои м устадил сохтани мавзӯи масал шеъре меоварад, ки ин гуна равиш дар сартосари мақомот риоят гардидааст:

Ба гунаи масал: «Гуфт: Биё ва даро, ки бисот якранг аст ва бода яксанг. Дар кӯйи харобот ва сарои ӯ бош - манъе набувад дарой ва биншину бибош» [1, с.38].

Мисоли шеъри арабӣ:

الم ترَ اَن شِعری سارَعَنی --- وشِعرُکَ حَولَ بیتِکَ یَستَدیِ[1, с.41]

Яъне: оё намебинӣ, ки шеъри ман маро ба ҳама ҷо сайр додав а шеъри ту дар атрофи хонаат давр мезанад.

Ороятҳои адабӣ: Воҳидҳое аз зебоиҳои гуфторӣ, ки ба манзури ҳамоҳангиҳои овоӣ ё маъноӣ ва ё ҳардуи инҳо дар бадеъ баррасӣ мешавад, ороя номида мешавад [4, с.15].

Ороях дар зебоӣ ва дар натиҷаи асарбахши калом муассиранд. Бо назарандозӣ ба «Мақомоти Ҳамидӣ» ба анвои гуногуне аз ороях ва бадоеъи лафзиву маънавӣ бармехӯрем, ки Қозӣ ба иқтизои каломи худ аз онҳо баҳра ҷуста ва дар ростои таъсири бештари каломи хеш аз онҳо истифода кардааст. Инак ба бархе аз ороях бадеӣ ва баёнии мақомаи панҷум (луғз) аз «Мақомоти Ҳамидӣ» мепардозем:

1. **Саҷъ:** ин сифат, ки оҳанги каломро ба ҳамроҳ дорад, аз саноеъи меҳварии ин китоб аст ва шояд битавон гуфт, ки камтари ибороте дар ин китоб ба чашм мехӯрад, ки холӣ аз он бошад, ба таври мисол: «Ҳама ҷамоли якдигар **менигариданд** ва мақоли ҳамдигар **мешуниданд**» [1, с.47].

Яке аз ороях лафзии пуркорбурд дар ин мақома саҷъ аст. Нависанда дар ин мақома дар овардани саҷъ маср аст ва асҷоъро то се ва аҳёнан то чаҳор навбат низ ба кор бурдааст: «Шайтон **сабои мутамаррид** буд ва султон **ҳавои муташшарид** Хостам, ки дар атрофи олим **тавофӣ** кунам ва дар нақди сухан **саррофӣ**» [1, с.34)]».

Дар ҷумлаи боло саҷъи мутавозӣ дида мешавад, ки ҳам дар вазну ҳам дар ҳуруфи поёни яке аст. Дар мисоли дигар мушоҳида мекунем:

«Донистам, ки **ниҳоят** ҳаракатҳо **ором** аст ва **ғояти** сафарҳо **мақом**» [1, с.34].

2. **Тарсеъ**: аз саноеъе ас, ки дар насрҳои фаннӣ, аз ҷумла мақомот, корбурд дорад ва ин санъат, ки дар эҷоди мусиқии калом бисёр коргир аст, қаринаҳои ду ҷумла аз назари вазну ҳарфи равӣ яксонанд. Метавон гуфт ин санъат дарвоқеъ навъи саҷъе мутавозӣ аст [7, с.45].

Мисол: «Шайтон **сабои мутамаррид** буд ва султон **ҳавои муташшарид**. Хостам, ки дар атрофи олим **тавофӣ** кунам ва дар нақди сухан **саррофӣ**» [1, с.34]».

3. **Ҷинос:** он аст, ки гӯянда ё нависанда дар сухани худ калимоти ҳамҷинс биёварад, ки дар зоҳир ба якдигар шабеҳ ва дар маънӣ мухталиф бошанд [7, с.44].

Аз ороях дигари мусиқиофарин дар калом ҳамчун саҷъ аст, ки аз вижагиҳои барҷастаи мақоманависӣ, мавзунӣ ва оҳангини сухан буда, дар ин китоб ва бавижа мақомаи панҷум дида мешавад: «Ба ҳукми он ки аз афвоҳи риҷол шавориди ақвол ва мавориди аҳволи шунаванда будам».

Дар ҷумлаи боло вожаҳои мавриди назар ҷиноси лафзианд.

Ва ё: «Суханро ҳанӯз илзом не ва шароби бесукр шукрро воҷиб не» [1, с.40]. Сукр ва шукр ҷиноси хат мебошад.

Ва ё: «Ҳар як ба ишорате башорате фармуд ва ё ба кинояте иноятe намуд» [1, с.38] - ҷиноси зоид.

4. **Ташбеҳ:** Чун рӯйи дилбарон шуда аз лола боғҳо [1, с.37].

5. **Ташхис (ҷондор ангорӣ):** «Дидаи ақл дар вай нангарад ва қадами тамиз дар вай наспарад» [1, с.41].

Ваё: «Болое дидам баланд ва бар фарози вай тане чанд аз дасти айём гурехта ва дар пой мудом овехта, чун чашм бар ман афтод, дари он саодат бар ман гушод» [1, с.36].

6. **Таносуб:** «Рӯҳ ба Исоӣ гарон нашавад ва сафинаи Нӯҳ бо наботе тафовут нагирад» [1, с.38].

Ва ё: «Забон аз гуфтугӯ малӯл шуд табъ аз ҷустуҷӯ сер ома два оби ғайрат оташи шаҳват биншонад ва боди футур гарди ғурур бифшонад» [1, с.34].

Дар ҷумалоти боло Исо ва Нӯҳ бо ҳам таносуб доранд ва дар ҷумлаи баъдӣ аносири чаҳоргона (боду об, оташ, гард ё хок) бо ҳам навъе таносуб доранд.

Ва ё: «Олам дар нузрат баҳор буд ва замин дар хазрат азҳор, гулбун дар рангу бӯй буд ва андалеб дар гуфтугӯй» [1, с.36]. Дар ин ҷумла баҳор, замин, азҳор ва гулбун бо ҳам аз ҷиҳати ранг, бӯй ва нузрат ва низ андалеб ва гуфтугӯ бо ҳам таносуб доранд.

7. **Тазод:** «Субҳи содиқ аз шаби фосиқ пади даст ва ин қуфлро ҳазор калид» [1, 1389, с.38]. Ва ё: «Маънии <u>мақфул он аст, ки бе мифтоҳе накушояд</u>» (1, с.42].

Ва аз ин гуна аст: «Баёзаш дар дидаҳо савод буд васаводаш дар синаҳо баёз» [1, с.41].

8. Овардани калимоти **мутародиф.** Мутародиф ду калимаеро гӯянд, ки дар лафз мухталиф ва дар маънӣ яксон бошанд [5, с.24].

Калимоти мутародиф дар насри Ҳамидӣ ҳаммонанди соири нависандагони ин даврон ба фаврат дида мешавад, ки дар як ҷумла чандин мутародиф ва мутазод истифода шудааст:

«Ва гуфт, ки муъзалот ва мушкилоти шеъри тозиён онест, ки луғоти шамус ва шарус ва алфозу ҳашо номаъҳуд ба кор доранд».

Вижагиҳои дастурӣ.

- Корбурди замири муфради ғоиб барои ҷондор ва ғайри ҷондор (ӯ ва ӯй): «Чун хабоёни савод ва хафоёи он билод бидидам ва дар маротеъи ӯ бичаридам ва зулоли мушореъи ӯ бичашидам» [1, с.35].

- Овардани бо-и таъкид бар сарфеъли мозӣ ва музореъ: «Чун аз карона ба миёна расидам ва забонаи шамъи он ҷамъ бидидам».

- Ҳазфи феъл ба қаринаи лафзӣ: «маро дар ҳар калом мақоле ҳаст ва дар ҳар сухан маҷоле» [1, с.35]. Ва ё мисоли дигар: «Донистам, ки ниҳоят ҳаракатҳо ором аст ва ғояти сафарҳо мақом» [1, с.34].

- Овардани иборот ва таркибҳои зебо ва муғлақ: «Чун нафас дар майдони самоъ, маркаби ҷонро тохтан гирифт ва аз ёқути равон қут сохтани лашкари Саҳбо, қасди тороҷ дар оҷи ақл кард [1, с.37].

-Пур будан аз ибороти мавзуну ҳамоҳанг:

«Шайтон **сабои мутамаррид** буд ва султон **ҳавои муташшарид»** [1, с.34].

-Овардани феъли муқаддам бар соири аҷзои ҷумла:

«Болое дидам баланд ва бар фарози вай тане чанд аз дасти айём гурехта ва дар пой мудом овехта…»

-Овардани феъл дар ҳар ҷумла ва феълҳои васфӣ:

«… он ҷамъ мешунид ва ба дида дуздида дар ҳар як менигарид, ҳулла-ҳулла метанид ва хурда ба хурдӣ бармепечид» [1, с.38].

-Овардани на ва не ба ҷойи нест:

«Ва гуфтанд инъоми нотамом одати каром нест ва ин суханро ҳанӯз илзом на ва шароби бе сукр шакарро воҷиб не» [1, с.40].

Бо баррасӣ ва таҳқиқ дар «Мақомоти Ҳамидӣ» бавижа мақомаи панҷум (луғз) чунин истинбот мегардад, ки Қозӣ Ҳамидуддин бо таъсирпазирӣ аз адабиёти араб ва мақомоти Бадеъуззамон ва Ҳарирӣ ба навиштани мақомот пардохтааст. Мақомот худ достонҳои паёпай аст, ки дар ҳар як достон як қаҳрамон нақши вижа дошта, аммо дар охири достон ба гунаи номаълуме нопадид мегардад. Арзишҳои сабкӣ ва дастурии ин мақома аз лиҳози корбурди вофири саноеъи бадеиву баёнӣ ва ороҳои адабӣ (саҷъу мувозана, тарсеъу ҷинос) ва низ истифодаи касири калимоти мутародиф, мутазод ва васфҳову мухайл будани он, ки вижаи насри фаннии мавзун дар қарни шашум мебошад, қобили диққат будааст. Чун нависанда дар кулл ба ин гуна ороҳо таваҷҷуҳ доштааст ва онро ба кор бурдааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Балхӣ, Ҳамидуддин. Мақомоти Ҳамидӣ / Ҳамидуддини Балхӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1389.
2. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ. Се ҷилд / Муҳаммадтақӣ Баҳор. - Теҳрон: Амири кабир, 1382.
3. Шамисо, Сирус. Баён / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1370.
4. Фазилат, Маҳмуд. Забони тасвир / Маҳмуд Фазилат. – Теҳрон: Завор, 1391.
5. قریب ،عبدالعظیم. **دستورزبان فارسی**. تهران: انتشارات علمی وفرهنگی, 1315.
6. کشاورز ،کریم.() **هزار سال نثر پارسی**(کتاب دوم). تهران : ا نتشارات علمی وفرهنگی, 1345.
7. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Фунуни балоғат ва саноои адабӣ / Ҷалолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Аҳуро, 1389.

АРЗИШҲОИ САБКӢ ВА ДАСТУРИИ МАҚОЛАИ ПАНҶУМИ (ЛУҒЗ) «МАҚОМОТИ ҲАМИДӢ»

Бо баррасӣ ва таҳқиқ дар «Мақомоти Ҳамидӣ» бавижа мақомаи панҷум (луғз) чунин истинбот мегардад, ки Қозӣ Ҳамидуддин бо таъсирпазирӣ аз адабиёти араб ва мақомоти Бадеъуззамон ва Ҳарирӣ ба навиштани мақомот пардохтааст. Мақомот худ достонҳои паёпай аст, ки дар ҳар як достон як қаҳрамон нақши вижа дошта, аммо дар охири достон ба гунаи номаълуме нопадид мегардад. Арзишҳои сабкӣ ва дастурии ин мақома аз лиҳози корбурди вофири саноеъи бадеиву баёнӣ ва ороҳои адабӣ (саҷъу мувозана, тарсеъу ҷинос) ва низ истифодаи касири калимоти мутародиф, мутазод ва васфҳову мухайл будани он, ки вижаи насри фаннии мавзун дар қарни шашум мебошад, қобили диққат будааст. Чун нависанда дар кулл ба ин гуна ороҳо таваҷҷуҳ доштааст ва онро ба кор бурдааст. Ҳадафи банда аз пардохтан ба ин мавзӯъ ҳамоно ошно шудан ба шеваи нигоришу дарёфти зебоиҳои луғавӣ ва маънавии «Мақомоти Ҳамидӣ» ва ташхиси ороҳои адабӣ (бадеъ ва баён) ва низ вижагиҳои сабкӣ ва дастурии ин мақома (мақомаи панҷум) мебошад. Мумкин аст барои як иддае аз донишҷӯёни риштаи ихтисоси забон ва адаби дарӣ ва соири алоқамандони масоили забонӣ ва адабӣ пӯшида буда, аз аҳаммияти хос бархӯрдор бошад. Равиши пажӯҳиш ва таҳқиқи ин мақола китобхонаӣ буда, аз тозатарин китобҳо, ки бар беҳтарин дидгоҳ устувор мебошанд, истифода шуда ва ба нигориш даромадаст. Дар ин мақола то ҷое, ки бар пажӯҳанда мақдур буд, дар як мақома аз «Мақомоти Ҳамидӣ» ба пажӯҳиш гирифта шуд, ки мутмаинан барои алоқамандони маоили дастурӣ ва адабӣ холӣ аз фоида нахоҳад буд.

Калидвожаҳо: адабиёти форсӣ, назми форси давраи панҷум, **назми** Қозӣ Ҳамидаддин Балхӣ, беҳтар сохтани таркиби калима и истифодабарии нутқи мавзун ва хушоҳанг.

СТИЛЕВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПЕРСИДСКОЙ ПРОЗЫ ПЯТОЙ ЭПОХИ НА ПРИМЕРЕ «МАКОМОТИ ХАМИДИ (РАСПОЛОЖЕНИЯ ХАМИДИ)»

С конца пятого века в персидской литературе происходила постепенная эволюция, авторы которой уделяли большое внимание рифмам, ритму и рифме, а другие добавляли словесные стихи о ритме речи, а авторы пытались довести речь до естественного. художественно-литературного совершенства, используя многословные синонимы в описании педантичной речи. Это изменение отношения и доведение прозы до совершенства является причиной становления профессиональной прозы. Написание литературной прозы - один из видов письма в этом жанре, который использовался для имитации арабской прозы, появившейся в персидской литературе. Проза Кази Хамидаддина Балхи - один из самых красноречивых и важных исторических текстов на персидском языке дари, называемый продуманной прозой, которая написана в высшей степени симфонически. В эту книгу вошли 24

прозаических произведения, и в данной статье также уделено внимание грамматике и ее функции. Проза Хамидаддина Балхи - это сборник, служащий для улучшения состава слова и использования ритмичной и мелодичной речи, которые писатель достиг благодаря достойному и плавному использованию образов и риторических слов. Цель автора статьи - внимательное отношение к данной теме, распознавание структуры письма и выявление лексической и духовной прозы Хамидаддина Балхи и обнаружение литературных (риторических) черт грамматики и метода персидской прозы пятой эпохи .

Ключевые слова: персидская литература, персидская проза пятой эпохи, проза Кази Хамидаддин Балхи, улучшение состава слова и использование ритмичной и мелодичной речи.

STYLE FEATURES OF THE FIFTH PERSIAN PROSE ON THE EXAMPLE OF "MAKOMOTI KHAMIDI (LOCATION OF KHAMIDI)"

Since the end of the fifth century, there has been a gradual evolution in the Persian prose, which writers paid more attention to rhyme, rhythm and rime, and others have added verbal verses on lilt of speech and the writers tried bring the speech to an artistic and literary peak. By drawing verbose synonyms in the description pedantry speech. This change and attitude and bringing prose to perfection, the cause of becoming creation professional prose. Writing literary prose is one of the types of writing in this genre that used to imitate Arabic prose have emerged in Persian literature. Hamid's prose, Qazi Hamid al-Din Balkhi is one of the most beautiful and important historical texts of the Persian Dari language called considered prose which it's written in highly particular and symphonic. This book has included 24 prose, and in the present topic, which (Al-Mamqama Al-Khamsa, Fe-alghaz) has named study of fifth prose, from this point view and array of rhetorical, also separately will pay attention to grammatical and features. Hamidi'a prose is a collection to enhance the word and use lilting and tuneful, in other word the writer by the worthiness and lilting usage of imagery and rhetorical word then he has been attentive to meaning. My goal attentive for this subject, recognition with structure of writing and find out the lexical and spiritual prose of Hamidi and detection of lilting literary (Rhetorical) trait of grammatical and method, this is fifth prose of Hamidi. It maybe it has been hidden for number of particularly students in the field of Dari literature and others who are interest to literary and it will be importance for them. Research and scrutiny method of this article as like be library and gotten from the newest books, which being on best standpoints has been writing. In this article as much possible for researcher had been needful in one prose of Hamidi's poetries, it is done, that for whom confidently interested for grammatical and literary and it will not out of useless.

Key words: Persian literature, Persian prose of the fifth era, Prose of Qazi Hamid al-Din Balkhi, improvement of the word composition and the use of rhythmic and melodic speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нозӣ Ҳасан Мирзод*** - Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, омӯзгори донишкадаи забон ва адабиёт. **Суроғa:** Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, вилояти Балх, E-mail:**nmmirzad@etisalat.af.** Телефон.: **+93 (0) 788 564 176**

Сведения об авторе: ***Нози Хасан Мирзод*** – Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета языка и литературы. Адрес: Исламская Республика Афганистан, город Балх.
E-mail:**nmmirzad@etisalat.af.** Телефон.: **+93 (0) 788 564 176**
Information about the author: Nozi Hasan Mirzod - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Language and Literature. **Address:** Islamic Republic of Afghanistan, Balkh city.
E-mail: **nmmirzad@etisalat.af.** Phone: **+93 (0) 788 564 176**

УДК: 891.550

В.А. ЖУКОВСКИЙ КОШИФИ ХАЙЁМ

Ҳикматов И.М.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар таърихи афкори адабии рус Умари Хайём аз зумраи шахсиятҳои баргузидаест, ки бахши мустақили адабиётшиносӣ-хайёмшиносӣ ба таҳқиқ ва арзёбии замони зиндагӣ ва ҳаёту эҷодиёти ӯ ихтисос ёфтааст. Ин таърихро В.А. Жуковский бо эҷоди мақолаи пурсару садои «Умари Хайём ва рубоиёти «саргардон» «Омар Хайям и «странствующие» четверостишия» оғоз ниҳод ва то имрӯз шахсияти инсонӣ ва ҳунарии офаринандагии ин нобиғаи илму адаб мавриди таваҷҷуҳи гарми аҳли адаб бахусус ховаршиносону мутарҷимони рус қарор дорад.

Ӯ ба Эрон мисли Гёте муҳаббати хос дошт. Қабл аз эҷоди мақолаи «Умари Хайём ва рубоиёти «саргардон»» дар соли 1884 ба Эрон сафар карда, заминаро барои таҳқиқи рубоиёти Хайём ба вуҷуд овард. Вай бо таълиф ва нашри мақолаи ёдшуда, Хайёмро ба хонандагон ва аҳли адаби рус ошно намуд ва барои тарҷума ва таъбу нашри рубоиёти шоир шароит ба вуҷуд овард. Фаъолияти ин донишманд фақат бо эҷод ва нашри мақолаи зикршуда маҳдуд нашуда, балки ӯ дар пайравии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ достони «Рустам ва Суҳроб» («Рустам и Зараб»)-ро эҷод карда, ҳамчунин аз воқеиятҳои зиндагии пурмаҷарои Хайём бо номи «Рӯзҳои сиёҳи Хайём» («Черные дни Хайям») повести ҷолиберо низ таълиф кард, ки соли 1969 дар шаҳри Воронежи Русия ба чоп расид.

Мақолаи В.А. Жуковский дар шарқшиносии рус нахустин кӯшише буд дар роҳи шинохти Хайём, замони зиндагӣ, эҷодиёт ба хусус рубоиёти ӯ. Ҳамчунон ки адабиётшинос Мирзо Муллоаҳмадов мушоҳида кардааст, «ҳангоме ки В.А. Жуковский дар Эрон буд,

бори аввал як рубоии мансуб ба Хайёмро дар «Муноҷот»-и Абдуллоҳи Ансорӣ дучор меояд ва андешаи ҷудо кардани рубоиёти сайёр ё саргардони ӯ пайдо мешавад» [7, с.5].

Ин донишманд дар асоси нақд ва арзёбии баъзе сарчашмаҳо дар мақолаи зикршуда оид ба зиндагӣ ва рубоиёти шоир баъзе нуктаҳои муҳимро баён мекунад, ки минбаъд барои муҳаққиқони хайёмшинос аҳаммияти раҳнамоӣ пайдо намудааст. Ба ифодаи П.Н. Лозев ин донишманд бо мақолаи ёдшуда, «ба таҳлили интиқодии осори манзуми Хайём асос гузошт» [6, с.59]. Ин иқдоми муҳаққиқ замоне сурат гирифта буд, ки «чеҳраи пурасрори Хайёмро номуайянии замони зиндагӣ ва муҳите, ки шоир бо он омезиш дошт, одамоне, ки вай бо онҳо рӯёрӯ меомад» [4, с.326], тира ҷилва медод.

Паҳлуи дигари муҳимми иқдоми В.А. Жуковский иборат аз он буд, ки вай «тазоди андешаҳоро мавриди баррасӣ қарор» дода, «ба ҷудо кардани рубоиҳои бегона ё саргардони мансуби Умари ҳайём пардохт» [7, с.5].

В.А. Жуковский дир ин мақола бори аввал дар ховаршиносии рус дар асоси сарчашмаҳои дар ихтиёраш буда, оид ба баъзе лаҳзаҳои зиндагӣ, андешаҳои гуногун ва зиддиятноки Хайём ва дидгоҳҳои мухталиф дар бораи шахсияти ӯ сухан ба миён меоварад. Дар натиҷаи таҳлилҳо ва арзёбиҳои қиёсии муҳаққиқ маълум мешавад, ки тасаввурот доир ба Хайём ва осори ӯ ҳанӯз дар замони барҳаёт буданаш гуногун ва пурзиддият будааст.

Мақолаи В.А. Жуковский «Умари Хайём ва рубоиёти «саргардон» саҳми бузург дар хайёмшиносии олам ба шумор меравад ва чунон ки Э. Браун навиштааст, «бо интишори мақолаи бадеъ ва пурарзиши профессор Валентин Жуковский… давраи ҷадиде дар ин боб оғоз шуд» [7, с.9].

Аксари муҳаққиқоне, ки дар бораи ин мақолаи В.А. Жуковский сухан кардаанд, фақат ба масъалаи «ҷудо кардани рубоиҳои бегона ё саргардони мансуби Умари Хайём» таваҷҷуҳ кардаанд. Ҳоло он ки доираи баҳси ховаршинос ва дар ин мақола вусъатнок буда, масъалаҳои тамоюлҳои фикрӣ, мазҳабӣ ва ақидатии замони зиндагӣ ва равиши эҷодии Хайёмро низ фаро мегирад, ки дар он замон оид ба Хайём ва эҷодиёти ӯ дар ховаршиносоии рус сухани нав буд.

В.А. Жуковский дар оғози мақола суханони В.Розенро иқтибос карда, «муқоисаи Абуалоро, ки хуни тозаи арабӣ дорад ва шоири шаккоки форс Умари Хайёмро хеле ҷолиб» [4, с.325] медонад ва дар ҳамин равиш ба тамоюли фикрии Хайём ва замони зиндагии ӯ таваҷҷуҳ мекунад, ки заминаро барои дарки равиши фикрии Хайём ва шинохту ҷудо кардани рубоиёти ӯ аз миёни рубоиёти бегона ва саргардон муҳайё сохтааст.

Хайём ба андешаи ин донишманд дар адабиёти форсӣ чеҳраи бемонанд буда, бо андешаву оро ва зиндагии пурмоҷаро аз намояндагони дигари ин адабиёт куллан фарқ дорад. Ин тафовутро ӯ ба тариқи зер баён доштааст: «Вай озодандешу, вайронгари боварҳо; бехудову модигаро; мутасаввифи мазоҳкору худопараст; мусулмони эътиқодманд, файласуфи дақиқ; мушоҳидакори тундназар ва донишманд; ишратпараст, фосиқ, мунофиқу риёкор; на фақат кофир, балки дар маҷмӯъ инкоркунандаи тарафҳои мусбати дин ва ҳама гуна боварҳои ахлоқӣ мебошад; чеҳраи нармест, ки ба шукуфоии мабдаъи илоҳӣ нисбат ба лаззатҳои зиндагӣ содиқтар аст; вай шаккоку айёш, вай Абуало, Волтер ва Гейнеи форсист» [4, с.325].

В. Жуковский барои муайян намудани воқеияти рӯзгор, ҳаёти шахсӣ ва гароишҳои фикриву мазҳабии Хайём ба ду сарчашмаи муҳим-рубоиёти шоир ва маълумоти нави тарҷумаҳолӣ» [1, с.326] такя мекунад. Чунин равиши таҳқиқ ба ин донишманд имкон додааст, ки бори аввал дар ховаршиносии рус доир ба зиндагинома ва рубоиёти Хайём маълумоти муҳимро ироа кунад.

Дар шарқшиносии рус аввалин маълумотро доир ба зиндагии Хайём, ки ба нимаи садаи VII В. Жуковский дар такя ба ахбори Муҳаммади Шаҳрарӯзӣ дар «Наҳзат-ул-арвоҳ» овардааст. Вай дар асоси нусхаҳои хаттии ин асар, ки дар китобхонаи Берлин ва музеи Осиёи Академияи улуми императорӣ маҳфуз будаанд, матни арабию форсӣ ва тарҷумаи русии онро оварда, нахустин бор рубоиҳои дар ин сарчашма ба забонҳои арабӣ ва форсӣ иқтибосшударо ба забони русӣ дар шакли наср тарҷума кардааст.

Баъд аз ин муҳаққиқ маълумоти Ҷамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Юсуф ал-қифтиро аз китоби ӯ «Таърих-ал-ҳукамо» меоварад, ки зоҳиран дар байни санаи 624-646 таълиф шудааст. Матни арабӣ ва тарҷумаи русии онро, ки ду рубоии Хайёмро дар бар мегирад, В.А. Жуковский интишор додааст.

Дигар аз сарчашмае, ки В.А. Жуковский истифода кардааст, «Фирдавс-ут-таворих» буда, муҳаққиқ порае аз ин китобро, ки доир ба фаъолияти илмӣ ва шоирии Хайём хабар медиҳад ва матни як рубоии ӯро ба русӣ тарҷума намудааст.

Охирин маъхазе, ки Жуковский ба даст медиҳад, «Торихи алфӣ» буда, онро Аҳмад ибни Насруллоҳи Татавии Сандӣ ба номи Акбаршоҳи Ҳиндии маъруф таълиф намудааст. Ховаршинос айни иборати ин китобро дар бораи Хайём нақл ва ба русӣ тарҷума кардааст.

Аслан муҳаққиқони муосир дар бораи қадимтарин сарчашма, ки зикри Хайём кардааст, ихтилофи назар доранд. Масалан, Қазвинӣ «Чаҳор мақола»-ро сарчашмаи аз ҳама қадимӣ медонад. Аз шарҳи В.А. Жуковский бармеояд, ки вай боз ба дигар сарчашмаҳои муҳим, мисли «Савон-ал-ҳикмат», «Назҳат-ал-арвоҳ…», «Осор-ал-билод», «Ҷомеъ-ут-товорих», ва «Торихи гузида» дастрасӣ надоштааст. Бо вуҷуди ин сарчашмаҳое, ки зикр кардааст, доир ба замон ва эҷодиёти Хайём аввалин маълумотро дар бар гирифтаанд, ки минбаъд барои шинохти Хайём ва рӯзгору осори ӯ таъсиргузор будаанд.

В.А. Жуковский дар бораи рубоиёти Хайём андеша ронда, «миқдори ҳайратовари рубоиёти ӯро дар дастхатҳои машҳур» таъкид карда, «дар нусхаҳои нисбатан қадимӣ кам будани миқдори рубоиҳоро» [4, с.339] таъкид мекунад. Ин доинишманд дар асоси нусхаҳои дастрасаш, аз ҷумла нусхаи музеи Британия (асри IX VIII) 423 рубоӣ, дастхати дигари ҳамин музей (асри X VII) 540 рубоӣ, дастхати Бодлеян, ки таърих надорад, 405 рубоӣ, Вен, ки соли 957 (асри X VI) зикр шудааст, 482 рубоӣ, нусхаи Петербург (асри X VIII) 454 рубоӣ ва як дастхати дигар, ки соли 1254 навишта шуда, ба худи ӯ тааллуқ доштааст, 465 рубоиро ба қайд гирифтааст.

В.А. Жуковский, ба шаҳодати худаш оид ба асолати ин ё он рубоии Хайём ҳанӯз соли 1884 дар вақти сафараш ба Эрон андешида, намунаи рубоиёти шоирро дар сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла, чунон ки зикр шуд, дар «Муноҷот»-и Ансорӣ ба мушоҳида гирифтааст. Муҳаққиқ пеш аз он ки дар ин мақола доир ба рубоиёти саргардон ба тафсил сухан ронад, дастхатҳоеро тавсиф мекунад, ки рубоиҳои саргардонро аз онҳо ба мушоҳида гирифтааст. Дар бораи сарчашмаи нахустин «Мирсод-ал-ибод»-и Наҷмиддин Абӯбакри Розӣ «сухан» карда ба далели он ки ин муаллиф Хайёмро шинохтааст ба интихоби рубоиёти асили шоир аз ҷониби ӯ шубҳа мекунад.

Ҳамин тариқ, ӯ сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла дастхати осори Аттор, девонҳои Ҷалолиддини Румӣ, Камоли Исфаҳонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Анварӣ, Амини Розӣ Адият, дастхати Озар ва дастнависи маҷмӯаҳои мухталифро бо ҳам муқоиса карда, «ҳар рубоии мансуб ба Хайёмро, ки дар он асарҳо ба назар мерасанд, рубоии саргардон меномад» [7, с.5]. Ин донишманд дар байни рубоиёте, ки ба Хайём нисбат дода шудааст, 82 рубоии саргардонро пайдо кардааст, ки ба мушоҳидаи ӯ ба шоирони дигар мансуб мебошанд.

Содиқи Ҳидоят ба ин тарзи ҷудокунии рубоиёти саргардон, ки ӯ гарданда номидааст, мухолифат карда, аз ҷумла навиштааст: «мусташриқи мазкур (В.А. Жуковский - шарҳи мо) сурати худро бар тибқи қавли (аглаб иштибоҳ) таскиранависон мураттаб карда, ки на танҳо нисбати рубоиёти дигарон аз Хайём салб кардаанд, балки аглаби рубоиёти Хайёмро ҳам ба дигарон нисбат додаанд» [9, с.132]. М. Муллоаҳмад низ ба хулосаи зер меояд: «Маълум мегардад, ки аз нигоҳи В.А. Жуковский ҳамаи он 82 рубоии саргардон аз Умари Хайём нестанд, зеро ба ин ишорае надорад. Вале аз мутолиаи он рубоиҳо пай бурдан душвор нест, ки на ҳамаи он рубоиҳо аз Хайём нестанд. Аз эҳтимол дур нест, ки баъзе рубоиҳои Умари Хайём бо саҳви котибон ба осори шоирони дигар ворид шуда бошад» [7, с.6]. Ин муҳаққиқ барои таъйиди назари худ рубоиеро, ки В.А. Жуковский ба Наҷмиддини Розӣ нисбат додааст, аз ӯ намедонад. Далелаш ин аст, ки агар ин рубоӣ аз Наҷмиддини Розӣ мебуд, мебояст андешаи тасаввуфӣ медошт, чунки Наҷмиддини Розӣ аз аҳли тасаввуф буд [7, с.56].

В.А. Жуковский рубоии Ҳофизро аз нашрҳои гуногуни осори Ҳофиз пайдо карда оиди мансубияти онҳо ба Ҳофиз шубҳа мекунад [5, с.36]. Ин муҳаққиқ рубоиёти шубҳанокро аз рӯйи мазмуни онҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда «чор гурӯҳи охиринро, ки камтар шубҳаноканд, мансуб ба Хайём медонад. Дар ин гуна рубоиҳо ӯ чеҳраи Хайёми «хирадманди тамомеро, ки дар эътиқодоти худ собит буда, масъалаҳои ҳастӣ озораш додаанд»» [4, с.362], дармеёбад. М. Муллоаҳмад чунин тарзи интихоби ховаршиноси фақидаро ноқис шинохта, бо вуҷуди ин асари ӯро «саҳми бузурге дар хайёмшиносии олам ба шумор» [7, с.9] меоварад.

Бояд гуфт, ки усули интихоби В.А. Жуковский ба қавли А.Е. Кримский «баҳснок» буда, ба фарзияи зерин асос ёфтааст: ё нусхабардорони маҷмӯаҳои Хайём ба он осори дигаронро ворид кардаанд ё онҳо лозим донистаанд, ки девонҳои дигарро (масалан Ҳофизро) бо рубоиёти Хайём оро диҳанд [5, с.251-252]. Хулосаи охири В.А. Жуковский равиши пешгирифтаи ӯро дар интихоби рубоиёти асили Хайём шубҳанок ҷилва медиҳад.

Ӯ менависад, ки «Агар аз панҷ як ҳиссаи ашъори хуби Хайём дар 39 муаллифи гуногун саргардон бошаду шубҳаро бедор кунад, чунин масъаларо метавон муқобили ҳар рубоии Хайём ба миён гузошт» [4, с.363]. Се сол баъд Д.Э. Росс (1900) ва баъдтар Э. Браун низ ин андешаи В.А. Жуковскийро такрор кардаанд. Фр. Розен дар соли 1926 бо нашри як мақола усули интихоби В.А. Жуковскийро танқид кард. Аз ҷумла ӯ ба ин хулоса омад, ки агар В.А. Жуковский имконпазир донист, ки ду рубоии дар девони Толиб ба назар расида аз Хайём нест, пас бояд дар назар овард, ки Толиб Омулӣ соли 1625 фавтида, ҳол он ки ин рубоиҳо дар нусхаи садаи XV ҳастанд. Толиб метавонист муаллифи онҳо бошад? Мисоли дигари боварибахш набудани меъёри В.А. Жуковский ин аст: 16 рубоии Хайёмро мумкин аст дар баъзе нусхаҳои баъдии девони Ҳофиз пайдо кард, ки дар асри XIV, девони Ҷалолидини Румӣ, ки дар садаи XIII зистаанд. Ҳол он ки дар дигар нусхаҳои қадиматари девонҳои Ҳофизу Ҷалолиддин ин рубоиҳо ҳузур надоранд. Муҳаққиқ бо суоли-«Барои чӣ муаллифи ин рубоиҳо Хайём набошад, ки пештар зиндагӣ кардааст?»- консепсияи В.А. Жуковскийро дар шинохти рубоиёти асили Хайём зери шубҳа мегузорад.

Ба вуҷуди ин баҳсу мунозираҳо ба ифодаи Э.Браун «бо интишори мақолаи бадеъ ва пуарзиши профессор Валентин Жуковский ба унвони «Умари Хайём ва рубоиёти «саргардон» давраи ҷадиде дар ин боб оғоз шуд» [7, с.9], ки то имрӯз идома дорад. Вале хидмати В.А. Жуковский бо ин маҳдуд намешавад, балки вай дар таърихи хайёмшиносии рус ҳамчун кошиф ва аввалин таблиғгари Хайём нақши носутурданӣ дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Болотников А. Омар Хайям (Философ-поэт-математик) / А. Аль-Бастани Вади. Рубайят Умар аль-Хайям. Бейрут, 1912.
2. Болотников // Восток. Сборник второй. Литература Ирана XVв. - Москва-Ленинград: ACADEMIA, 1935. - С.179-211.
3. Еремин В. Н. Сто великих поэтов. М.: Вече, 2007.
4. Жуковский В.А. Омар Хайям и «странствующие» четверостишия / В.А Жуковский // Сборник Ал-му-зафарийе. – СПб, 1897. - С.325-363.
5. Крымский А.Е. Низами и его современники / А.Е. Крымский. - Баку: Издательства «Элм», 1981. – 487 с.
6. Лозеев П.Н. Омар Хайям в источниках / П.Н. Лозеев // Ученные записки. Филологическая серия. - Выпуск 3. - Сталинабад, 1953. – С.57-102.
7. Муллоаҳмадов Мирзо. Андар шинохти рубоиёти асили Хайём / Мирзо Муллоаҳмадов // Умари Хайём. Рубоиёт (Нусхаҳои асил). - Хуҷанд: Нашир, 2019. - С.3-45.
8. Плисецкий Г. Формула Хайяма // Омар Хайам. Рубайат. Москва: АСТ, 2007.
9. Ҳидоят, Содиқ. Таронаҳои Хайём / Содиқи Ҳидоят // Садои Шарқ, 1991. - №1. - С.129-142.
10. Christensen A. Studies in the Rubaiyat of Umar Khayyam. Kobengavan, 1927.

В.А. ЖУКОВСКИЙ КОШИФИ ХАЙЁМ

Дар мақола нақши ховаршиноси рус В.А. Жуковский дар таҳқиқ ва арзёбии рубоиёти Хайём дар заминаи мақолаи ӯ «Умари Хайём ва рубоиёти «саргардон»» нишон дода шудааст. В.А. Жуковский аз аввалин ховаршиносони рус аст, ки дар бораи Хайём ва рубоиёти ӯ тадқиқот анҷом дода, Хайёмро барои хонандагон ва аҳли илми рус кашф ва муаррифӣ кард. Вай дар мақолаи зикршуда масъалаи ҷудо кардани рубоиёти асили мансуб ба Хайём ва рубоиёти саргардонро ба миён гузошта, дар асоси сарчашмаҳои боэътимод консепсияи худашро оиди шинохти рубоиёти мансуб ба Хайём ироа намуд. Дар мақола равиши усулии ховаршинос оиди шинохтани рубоиёти асили Хайём ва рубоиҳое, ки ноогоҳона ба ӯ нисбат дода шудааст, таҳлил ва арзёбӣ гардида, моҳияти ҷустуҷӯйҳои илмии муҳаққиқ ба таври мушаххас арзёбӣ шудааст. Бо таҳлили қиёсӣ собит гардидааст, ки дидгоҳҳои тозаи муаллиф дар ин мақола марҳилаи ҷадидеро дар кашфи Хайём ҳамчун рубоисаро оғоз ва роҳро барои ҷустуҷӯҳои минбаъдаи хайёмшиносон боз намуд. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки рубоиҳои машҳури форсӣ-тоҷикӣ рубоиҳои Умари Хайём маҳсуб меёбанд. Ӯ намунаи олии нобиғаи форсӣ-тоҷикӣ дар тӯли асрҳо гаштааст ва то охири ҳаёт ба эҷоди рубоӣ шуғл варзидааст.

Калидвожаҳо: Умари Хайём, рубоиёт, В.А. Жуковский, хайёмшиносӣ, асил, саргардон, хирадманди солор, муаммоҳои зиндагӣ, Худо, тасаввуф.

В.А. ЖУКОВСКИЙ ОТКРЫВАТЕЛЬ ХАЙЯМА

В статье представлена роль русского востоковеда В.А. Жуковского в исследовании и оценке рубаи Хайяма на основе его статьи «Омар Хайям и «блуждающие» четверостишия». В.А. Жуковский - один из первых русских востоковедов, который исследовал творчество Хайяма и его четверостишия, открыл и представил его российскому читателю и научному сообществу. В своей статье он поставил задачу отделить истинные рубаи, принадлежащие Хайяму, от блуждающих четверостиший на основе достоверных источников и представил свою концепцию распознавания истинного рубаи, принадлежащего Хайяму. В статье анализируется и оценивается ход методики востоковеда по распознаванию истинных рубаи Хайяма и катренов, случайным образом приписываемых ему, конкретно оценивается суть научного поиска исследователя. Путем сравнительного анализа установлено, что новое видение В.А. Жуковского положило начало новому этапу в открытии Хайяма как писателя рубаи и открыло путь и начало дальнейшим поискам хайямоведения. Автор также отмечает, что самым известными персидскими рубаи являются рубаи Омара Хайяма. Он стал выдающимся образцом персидского гения на протяжении веков. Омар Хайям создавал рубаи на протяжении всей своей жизни.

Ключевые слова: Омар Хаям, рубаи, В.А. Жуковский, хаямоведение, подлинный, блуждающий, ученый мудрец, жизненные трудности, Бог, суфийство.

V.A. ZHUKOVSKY IS DISCOVERER OF KHAYYAM

The article presents the role of Russian Orientalist V.A. Zhukovsky in the study and evaluation of Khayyam Rubayat on the basis of his article "Omar Khayyam and Itinerant Quatrains". V.A. Zhukovsky is one of the first Russian Orientalists, who has investigated Khayyam and his quatrains, opened and presented it to the Russian reader and the scientific community. In this article, he set the task to separate the true rubai belonging to Khayyam and wandering quatrains based on reliable sources and presented his concept of recognizing the true rubai belonging to Khayyam. The article analyzes and evaluates the course of the orientalist's method of recognizing the true quatrains of Khayyam and the quatrains randomly assigned to it, specifically assessed the essence of the scientific search of the researcher. By comparative analysis it was established that the new vision of the author in this article gave rise to a new stage in the discovery of Khayyam as a writer of rubai and opened the way and start to further search for Khayyam studies. The author also notes that the most famous Persian rubyas are the rubyas of Omar Khayyam. He has become an outstanding example of Persian genius over the centuries. Omar Khayyam has been creating rubai throughout his life.

Key words: Omar Khayam, rubai, V.A. Zhukovsky, Hayamovedenie, genuine, wandering, learned sage, life's difficulties, God, Sufism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳикматов Имроншоҳ Муҳаббатшоевич*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, аспиранти кафедраи назарияи адабиёт. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 556-00-22-11**

Сведения об авторе: ***Хикматов Имроншох Мухаббатшоевич*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, аспирант кафедры теории литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 556-00-22-11**

Information about the author: ***Hikmatov Imronshokh Mukhabbatshoevich*** **-** Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, post-graduate student of the Department of Literature Theory. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mukhammadiev, 17/6. Tel.: **(+992) 556-00-22-11**

УДК: 891.550-1

САБКИ ЗАБОНИИ АШЪОРИ АБӮШАКУРИ БАЛХӢ

Шайхзода Абдул Ҷаббор
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Балх дар замонҳои қадим маҳалли мазҷу таҳотуи фарҳангҳо, маданиятҳо, забонҳо, афкори гуногун буда ва дар дарознои садаҳо фарҳанги ғанӣ, муштарак ва махлуте аз аносири мазкур дар ин хиттаи зебо ташкил гардидааст. Ин тамаддунҳо бо пайдоиши заминаҳои мусоиди пурбор ба вуҷуд омада ва дар паҳнаи минтаҳа ва ҷаҳон таъсири бас бузург доштааст. Дар садаи даҳуми мелодӣ бо ба қудрат расидани силсилаи некноми Сомонӣ низ чунин заминаҳои мусоид барои шугуфоии дониш, адабиёт ва ҳунар дар Хуросону Мовароуннаҳр ба вуҷуд омад. Дар ин сада бо ташвиқ, ҳимоят ва маърифатпарварии шоҳон, вазирон ва бузургони Сомонӣ заминаи фаъолияти мусмири фарҳангӣ барои донишмандон, шоирон ва нависандагон муҳайё гардид. Дар натиҷа, даҳҳо шоир, нависанда, донишманд ва ҳунарманд дар арсаҳои гуногуни дониш ва адабиёт по бар арсаи вуҷуд гузошта ва мавориси бузурге аз фарҳангу адабиётро арза кардаанд.

Яке аз ин симоҳои пуртавон ва донишманд Абӯшакури Балхӣ аст, ки дар дарознои зиндагии пурсамараш бо офариниш осори арҷноке дар инкишофи адабиёт ва дониш саҳми арзанда гирифтааст. Агарчи аз вай осори зиёде, мутаассифона, то рӯзгори мо нарасидааст, вале он чи аз вай боқӣ монда, гӯё ин назарияро таъйид менамояд, ки Абӯшакури Балхӣ аз донишмандтарин ва зубдатарин шоирону донишмандони асри худ будааст. Осори боқимондаи вай аз нигоҳи муҳтаво ғанӣ буда, аз назари шеваи баён ва иброзе инсонитарин ва мутаолитарин афкори тарбиятӣ аз аҳаммияти вижае бархӯрдор аст.

Аз зиндагию аҳволи Абӯшакури Балхӣ маълумоти густарда дар даст нест, ҳатто таърихи таваллуду вафоташ низ маълум нест [17, с.29], ба ҷуз аз куняаш, аз номи ӯ дар ҳеч ҷое ёде нашудааст ва низ бо вуҷуде ки аз нахустин маснависароён ба забони порсии дарӣ аст, аз осори ӯ танҳо абёти парокандае аз қасоид ва маснавиҳояш ба ҷо намонда, ки инҳо ҳамаю ҳама аз паёмадҳои рӯйдодҳои хунин ва ошуфтагиҳоеанд, ки пас аз давраи дурахшони Сомониён дар қаламрави таърихии Мовароуннаҳру Хуросон ба вуқӯъ пайвастаанд [13, с.13]. Агарчи шоир осори зиёде дар қолабҳои гуногуни шеърӣ эҷод карда ва китобе ба бузургӣ – “Офариннома” дошта, вале такрибан ҳамаи ин осор то рӯзгори мо нарасидааст. Осоре, ки аз Абӯшакури Балхӣ дар лобалои тазкираҳо, кутуби адабию таърихӣ боқӣ монда, аз 443 байт афзун нест [12, с.25]. “Офариннома”-и ӯ, ки аз он миқдори андак боқӣ монда ва дар он перомуни 80 мавзӯи гуногун пардохта шудааст, низ асари

мукаммал нест. Мавзӯоти матраҳшуда дар ин асар таволии мантиқӣ надоранд, сухан аз мавзӯъҳои пароканда буда ва дар он чанд байти достонӣ ҳам омадааст [2, с.30].

Тавре ки гуфтем, мероси адабие, ки аз Абӯшакури Балхӣ ба дасти мо ва ҳамрӯзгорони мо расида, хеле андак аст. Вале аз ин қатра метавон ба жарфу паҳнои он дарёе пай бурд, ки бештар аз даҳ гоми садсоларо пештар аз мо дарнавардидааст. Барои анҷоми комили чунин тарҳ фурсат ва замони мусоид лозим аст. Дар ин навишта дар бораи ҳама хусусиятҳои сабкии ашъори шоир намепечем, балки танҳо дар бораи мушаххасоти забонии ашъори ӯ хоҳем пардохт.

Забони порсии дарӣ дар даврони зиндагии Абӯшакури Балхӣ забони модарии гӯяндагон аст. Яъне, суханварони ин давра, бар хилофи давраҳои баъд, забони дариро аз рӯйи осори адабии пеш аз худ намеомӯхтанд. Забони шеъри ин давра сода, табиӣ, ба дур аз такаллуфот, иғроқҳо ва ибҳомҳои давраҳои баъдист. Манзури шоир дар зимни калом асосан ба осонӣ дарк мешавад ва агар душворӣ дар баъзе аз шеърҳо дида мешавад, бештар марбут ба куҳнагиҳои забон аст. Дар забони шеъри ин давра ҳолате ҳаст, ки метавон онро ба салобат ва фахомат таъбир кард.

Салобат ва фахомати забони шеър аз оҳанг, шеваи ҷумлабандӣ ва таркиби калимот эҷод мешавад. Куҳнагиҳои забон, соишнаёфтагии баъзе вожаҳо, фаровонии мусаввитҳои баланде, чун “о”, “ӯ” дар вожаҳо низ бар ин амр меафзояд. Иллати ин фахомат ва салобатро, ҳамчунин, бояд дар рӯҳияи диловарӣ, силаҳшӯрӣ, мардонагии ғолиб бар рӯҳияи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ҷуст. Аз ин рӯ, забони ашъори Абӯшакур низ ба масобаи намунаи муҳимми ин мактаб табиӣ, сода, равон ва босалобату фахомати хосса аст. Дар он таъқид ва ибҳом ҷой надорад. Барои намоёнидани сифоти мазкур абёти зерин далели ошкор ҳастанд:

Эй гашта ман аз ғами фаровони ту паст,
Шуд ҷомати ман зи дарди ҳиҷрони ту шаст.
Эй шуста ман аз фиреби дастони ту даст,
Худ ҳеч касе ба сирату сонӣ ту ҳаст?! [3, с.36].

Аммо агар имрӯза барои мо бархе аз луғоти он маҳҷуру душвор менамояд, ба сабаби он аст, ки Хуросони бузург минтақаи бисёр васее буд ва лаҳҷаҳои мухталифе, чун суғдӣ ва хоразмӣ дар он роиҷ буд. Бо он ки шуморе аз вожаҳои шеъриии ин давра акнун ғариб ва ноошно ба назар мерсанд, аммо аз зебоии калом намекоҳанд. Зеро аксари ин вожаҳо асилу шаффофанд, ки бо дареғу дард имрӯз ба боди нисён супурда шудаанд.

Сарояндаи “Офариннома” ба нақши забон ва сухан огоҳ буд, ба ҳамин хотир талош дошта, ки осори худро бо забони шаффоф, равон, сода ва табиӣ баён кунад. Аз мутолиаи “Офариннома” ва соири ашъори боқимонда аз Абӯшакур метавон дарёфт, ки тафовутҳои забонии ин асар бо забони форсии тоҷикии имрӯзӣ бештар дар сохтори вожагонӣ буда, на дар сохтори сарфию наҳвӣ. Яъне, дар бархе аз вожаҳои баста ва озод дигаргунии лафзӣ, қисман маъноӣ ва корбурди яке ба ҷойи дигар дида шуда метавонад. Ба гунаи гувоҳ ба ҳазору сад сол қабл муроҷиат мекунем, ба суроғи забони Абӯшакури Балхӣ, шахсияти бузурги адабию фарҳангии замони Сомониён меравем, ашъори ӯро варақ мезанем, забонашро ба забони имрӯзии форсии тоҷикӣ ба муқоиса мегирем, то ба исбот бирасад, ки таҳаввулот ва дигаргунӣ дар ин фосилаи замонӣ амри ҳатмӣ, қонунманд ва андак будааст. Ин иддаоро абёти “Офариннома” ва дигар ашъори Абӯшакур ба исбот мерасонад. Дар идома ба бархе аз муҳимтарин мушаххасоти сабки забонии ашъори Абӯшакури Балхӣ, ки басомади ғолиб доранд, мепардозем.

I. **Сатҳи овоӣ**.

1.1. **Корбурди алифи итлоқ**. Алифи итлоқ, яъне алифи зоиде, ки дар охири исм, феъл ва ҳарф меовардаанд. Чунин алиф дар ашъори шоирони давраи Сомонӣ, бахусус, дар ашъори Абӯшакури Балхӣ ба фаровонӣ дида мешавад. Барои намуна ду байт оварда мешавад:

Биёмӯз ҳарчанд битвониё,
Магар хештан шод гардониё [3, с.12].

Ва:

Як оҳу, ки аз як дурӯғ оядо,
Ба сад рост гуфтан напироядо [3, с.18].

1.2. **Ҳарфи атф дар оғози мисроъҳо**. Ҳарфи атф он аст, ки дар калом ду вожаро ба ҳам пайванд медиҳад, аммо мурод аз ҳарфи атф дар ин ҷо ҳарфи “вов” (пайвандаки пайвасткунандаи “ва”) аст, ки дар аввали мисраи дувум омада, матолибро ба ҳам мепайвандад. Ба мисли намунаҳои зерин:

Тавонгар бар ӯ офарин солу моҳ
Ва дарвеш нафрин бар ӯ бегуноҳ [3, с.16].

Ва:

Сухан то нагӯӣ, тавонӣ-ш гуфт
Ва мар гуфтаро боз натвон нуҳуфт [3, с.21].

1.3. **Тағйири вовул** (садонокҳо). Табдили садоноки кӯтоҳ ба баланд, мисли “чобук” ба “чобӯк”, “фаришта” ба “фӣришта”, “даҳ” ба “доҳ” ва баръакс табдили садоноки баланд ба кӯтоҳ, монанди “бӣст” ба “баст”, “хушнудӣ” ба “хушнадӣ”, “хобонед” ба “хобанед”, ки аз ҷумлаи заруроти вазнӣ мебошад, дар сабки хуросонӣ маъмул аст. Чунин ҳодисаи забонӣ дар шеъри Абӯшакури Балхӣ ҳам дида мешавад. Ба мисли ду намунаи зерин:

Ту донӣ, ки мардум, ки некӣ кунад,
Кунад то мукофоти он барчинад.
Мукофотҳо чанд гуна бувад,
Яке он, ки корад, ҳамон бидравад [3, с.18].

Ва:

Ало, то моҳи навхида камон аст,
Сипар гардад маҳи доҳу чаҳоро [10, с.230].

Мисраи дувуми байти мазкур дар китоби “Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ” ба сурати зайл омадааст:

Ало, то чун сипар бошад маҳи бадр [1, с.78].

II. **Сатҳи сарфию наҳвӣ**. Дар ашъори Абӯшакури Балхӣ аз нигоҳи корбурди воҳидҳои сарфию наҳвӣ низ тафовутҳое дида мешавад. Корбурди вожакҳои баста, яъне вожаҳое, ки ба танҳоӣ маъние надоранд, бавижа, “андар”, “абар”, “абе”, “эдун”, “но”, “ҳаме”, “нун”-и нафй, “бо”-и таъкид дар “Офариннома”-и Абӯшакур дигаргуна аст.

2.1. **Вожакҳои “або” ва “абе”**. Ин вожакҳо ба тартиб, ба ҷойи “бо” ва “бе” истифода шудаанд:

Абедонишон бори ту кай кашанд?
Абедонишон душмани донишанд! [3, с.4].

Ва:

Або хилъати фохир аз хуррамӣ
Ҳамерафтию месипардӣ замӣ [3, с.21].

Ва ё:

Або дӯсту душман набояд гушод,
Ба фарзанд муъбад чунин кард ёд [3, с.19].

2.2. **Вожаки “абар”**. Ин вожак ба маънои “бар” истеъмол мешавад, ки дар намунаҳои зерин қобили ташхис аст:

Маро ин достон кас бигуфт аз хаёл,
Абар сесад сию се бувад сол [3, с.56].

Ва:

Фажоган ним солхӯрда ним,
Абар ҷуфти бедод карда ним [3, с.31].

2.3. **Вожаки “андар”**. Ин вожак дар абёти боқимондаи “Офариннома” бист маротиба ба кор рафтааст. Албатта, корбурди он бештар ба ҷойи пешоянди “дар” аст, вале гоҳе ҳам маънои қайдро ба худ мегирад, ки барои ҳар ду маврид мисол меоварем.

Мавриди аввал:

Бувад хӯи покону хӯи малак,
Чи андар замину чи андар фалак [16, с.91].

Ва:

На ҳар чӣ ояд андар дили мо гумон,
Бар он гуна гардиш кунад осмон [16, с.95].

Мавриди дувум:

Чунон кун, ки чун ёфтӣ дастгоҳ,
Ба омурзиш андар бипӯшӣ гуноҳ [16, с.96].

Ва:

Хунук он касеро, к-аз ӯ рашк бурд,
Касе, к-ӯ ба бахшоиш андар бимурд [16, с.99].

2.4. **Вожаки “эдун”**. Ин вожак дар ашъори Абӯшукур ба маънои “кунун, инчунин” омадааст. Ба мисли намунаҳои зерин:

Зи душман гар эдун, ки ёбӣ шакар,
Гумон бар, ки заҳр аст, ҳаргиз мах(в)ар [3, с.6].

Ва:

В-ар эдун, ки пеши ту гӯям дурӯғ,
Дурӯғ андар орад сари ман ба юғ [3, с.30].

2.5. **“Бо”-и таъкид**. “Бо”-и таъкид дар ашъори Абӯшукур афзун бар он ки маъмулан бар сари феълҳои амр ва ҳол омада, маънои таъкидро мерасонад, бар сари феъли мусбат

ва манфии мозии мутлақ ва муовин ё кумакӣ (бояд) низ омада, ҳамин вазифаро адо мекунад. Имрӯз корбурди “бо”-и таъкид бар сари феъли мозӣ сирф дар вилояти Ҳироти Афғонистон ва марбутоти он шунида мешавад, дар соири нукот чандон мустаъмал нест.

Намунаҳои зерин ҳамчун далели гуфтаҳои фавқ оварда мешаванд:

Сухан, к-ӯ зи сию ду дандон биҷаст,
Ба сию ду гӯшу дил андар нишаст [16, с.215].

Ва:

Гумон бурд, ки аз бахти ворун бираст,
Нашуд бахт ворун аз он як ба даст [16, с.289].

Ва ё:

Аз он пас, ки бад кард, бигзоштанд,
Бар ӯ бар сипосӣ бинагзоштанд [16, с.103].

2.6. **Пасванди “ро”**. Ин нишона, ки ба истилоҳи забоншиносӣ дар Афғонистон “пасина” (“пасванд”) гуфта мешавад, дар “Офариннома” сию ҳафт бор ба ҷойи маънои пешинаҳои “ба”, “дар”, “барои”, “аз” ва нишонаи афзоиш ва сию ҳафт маротиба ҳам ба маънои имрӯзӣ – маърифасозии мафъул (ошкорсозии мафъул) ба кор рафтааст. Барои ҳар кадом маворид мисолҳо меоварем.

а) “ро” ба ҷойи “ба”:

Бувад дӯст мар дӯстро чун сипар,
Беҳ аз дӯсти мардум, ки бошад дигар [16, с.93].

Ва:

Ки мар дӯстро ҷовидон панди дӯст
Беҳ аз гавҳар, арчанд гавҳар накӯст [16, с.93].

б) “ро” ба ҷойи “аз”:

Шунидам, ки чизе бувад устувор,
Ки ӯро нигаҳбон бувад бешумор [16, с.96].

Ва:

Як оҳуст хонро, ки н-орияш пеш,
Чу пеш оваредаш, сад оҳуяш пеш [16, с.102].

в) “ро” ба ҷойи “барои”:

Биҳишт он касеро, ки ӯ некхӯст,
Ки донистани хайри мардум бад-ӯст [16, с.96].

Ва:

Зи даҳ гуна ричолу даҳ гуна во,
Гулӯбандагӣ ҳар якеро сазост [16, с.283].

г) “ро” ба ҷойи “дар”:

Чу доно шавад марди бахшандакаф,
Мар ӯро расад бар ҳақиқат шараф [16, с.113].

ғ) “ро” ба ҷойи нишонаи афзоиш:

Бияфзояд аз хоста хушу рой,
Тиҳидаст(и)ро дил набошад ба ҷой [16, с.194].

2.7. **Овардани замири “шин”-и фоилӣ барои сеюмшахси муфрад**:

Суйи осмон кардаш он мард рӯй,
Бигуфт: Эй Худой, ин тани ман машӯй [3, с.50].

Албатта, ин шакли корбурд акнун низ дар лаҳҷаи мардуми Балх мураввaҷ аст.

2.8. **Корбурди вожаки бастаи “мар”**. Ин вожак дар ашъори Абӯшакур асосан маънии таъкидро ифода мекунад, ки дар намунаҳои зерин қобили ташхис аст:

Сухан чун на бар ҷой гӯё шавад,
Мар он пойгаҳро ҷӯё шавад [16, с.92].

Ва:

Ҳар он гаҳ, ки шуд ростият ошкор,
Фаровон бувад мар туро хостор [16, с.95].

Ба навиштаи Муҳаммадтақии Баҳор вожаки “мар” яке аз нишонаҳои эҳтиром аст [4, с.95-105]. Профессор Абдулқаюми Қавим ва доктор Бегмурод Сиёев дар мақолае таҳти унвони “Корбурди “мар” ва “маро” дар забони дарӣ (қарнҳои 4-6 ҳиҷрӣ)” саҳми вожаки “мар”-ро дар ифодаи маънои дастурӣ чандон бузург нашуморида, бештар хусусияти таъкидии онро таъйид намудаанд [8, с.16].

2.9. **Корбурди “нун”-и нафй ба сурати “на”**. Дар ашъори Абӯшукур афзун бар ин ки “нун”-и нафй як ҷо бо феъл омада, ҷудо ва бо фосила аз феъл низ омадааст, ки бештар баёнгари нафйи муаккад мебошад. Чунонки дар се намунаи зайл ошкор аст:

Хирад беҳтар аз чашму биноӣ аст,
На биноӣ афзун зи доноӣ аст [16, с.91].

Ва:

На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст [16, с.92].

Ва ё:

На ҳар бор бар ту гунаҳ бигзарад,
На оху ҳамасола сабзӣ чарад [16, с.95].

2.10. **Корбурди пешинаи истимрори "ҳаме"**. Пешванди истимрори "ҳаме" дар забони порсӣ (дарӣ, тоҷикӣ) "пешвандест, ки бар сари феъли мозӣ, музореъ ва амр дарояд: ҳамедарояд, ҳамерав" [18, с.745] дар асл ба сифати як вожаки мустақил ба маънои "ҳама", "ҳамеша", "пайваста", "паёпай" ба кор рафтааст. Ин хусусияти истимрорӣ ва сарфӣ дар шеъри Абӯшакури Балхӣ низ дида мешавад:

а) "ҳаме" ба маънои қайди истимрор:

Агар оламе дорад ҳаме хоста,
Бад-он то бувад кораш ороста [16, с.95].

Ва:

Ҳаме дар ба дар хушкнон бозҷуст,
Мар ӯро ҳамон пеша буд аз нахуст [16, с.100].

б) "ҳаме" ба маънои таъкиди истимрор:

Ба кирдор некӣ ҳаме кардамӣ,
В-аз алфаҳда худ ҳаме хӯрдамӣ [16, с.102].

в) "ҳаме" ба маънии истимрори сарфӣ:

Чу душман ба гуфтан тавонад ҳаме,
Дурӯғе, ки бор аст, монад ҳаме [16, с.94].

Ва:

Ҳаме гуфт, к-ин расми бад кӣ ниҳод,
Аз ин дил бигардон, ки бар яд ниҳод [16, с.99].

2.11. **Корбурди пасванди "ё"-и истимрор**. Ин пасванд дар ашъори шоир бо бархе аз феълҳои мозии мутлақ ба маъноҳои шарт, тардид, таманно омадааст:

Напояд ҷаҳон бар ту в-ар поядӣ,
Аз ӯ ҳар бадӣ, к-оядӣ, шоядӣ.

Дар байти зерин, ки дар фавқ ҳамчун далел барои ба маънои таъкиди истимрор омадани "ҳаме" нақл шуда буд, афзун бо доштани пешванди истимрори мазкур "ё"-и истимрор низ корбурд шудааст, ки бештар мафҳуми қайд ва таъкидро мерасонад:

Ба кирдор некӣ ҳаме кардамӣ,
В-аз алфаҳда худ ҳаме хӯрдамӣ [16, с.102].

2.12. **Изофа кардани ҳарфи изофа ба исм**. Дар забони порсӣ маъмулан ҳар ду ҷузъи таркиби изофиро исм ташкил медиҳад. Аммо гоҳе дар адаби порсӣ ба маворидe бармехӯрем, ки таркиби изофии мураккаб аз ҳарфи изофӣ ва исмест. Дар ашъори Абӯшакур ҳам чунин шакле дида мешавад, ба мисли намунаҳои зерин:

Бари ҳар <u>сухан боз гӯё</u> шавад,
Чунон, к-оби дарё ба дарё шавад [1, с.60].

III. **Тафовути вожагонӣ**. Ба гуфтаи устод Парвиз Нотили Хонларӣ, ҳанӯз талаффузи вокҳои (ҳарфҳои) ҳар калима сурати воҳид ва собите надорад [5, с.97-98]. Бад-ин тартиб ҳар нависанда луғотро бо талаффузи худ ба кор мебарад, ба мисли "зуфон", яъне забон, "фом" – вом, "фаш" – ваш, "хуруч" – хурӯс, "бошгун" – вожгун, "ботангон" – бодинҷон, "ёфа" – ёва, "хасидан" – хаспидан ва ғайра. Вожаҳои номустаъмал дар шеъри имрӯзиро ҳам ба ҳамин гурӯҳи вожагон дохил мекунем.

Ба ин тартиб, дар ашъори Абӯшакур низ ин гуна тафовутҳо ва калимаҳои номустаъмал дар шеъри имрӯзӣ дида мешавад. Ин луғот дар мутуни аҳди бостон дар шакли қадимии онҳо омадааст. Манзури мо дар ин ҷо бархе аз вожаҳои озоде мебошанд, ки дар "Офариннома" ба шакли наздик ба паҳлавӣ ва ё ба маънои маҳҷур оварда шуда ва бисёрии аз инҳо дар забони имрӯзаи форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ корбурд надоранд.

Дар "Офариннома" тафовути вожагонӣ ҳамроҳ бо калимоти номустаъмал дар шеъри имрӯзӣ хеле зиёд буда, шасту нуҳ мавриди он барои мо таъйин шудааст, ки ҳар кадом дар байти ҷудогона истифода шудааст. Ба ин тартиб: охшич – унсур (байти 335), озрам – шарм (байти 218), омраг – қадру қимат (байти 292), ажгон – бухорҳои пӯсти бадан (байти 426), озранг – ранҷу меҳнат (байти 374), оголаш – фитнаангезӣ (байти 313), оху – айб (байти 18), овехтан – ҷанг кардан (байти 420), Урмузд – Худованд, Парвардгор (байти 314), алфаҳдан – андӯхтан, касб кардан (байти 293), андарун – дохил (байти 272), устом – лагом ва зини асб, аёҳ – ҷоми шароб (байти 364), батсигол – бадандеш, баднажод (байти 378), барз – қад, бигмоз – шаробхӯрӣ (байти 365), беҳ – беҳтар (байти 231), беҳин – беҳтарин (байти 204), пойбоф – бофанда (байти 370), Панчиҳил – Панҷшер (номи минтақа) (байти 354), чина –

анбор (байти 351), ҷоф – зани бадкора (байти 394), хон – хона (байти 313), хасту – иқроркунанда (байти 232), хидев – Худованд, подшоҳ (байти 404), дирафшанда – дурахшанда, дурахшон (байти 372), дад – ҳайвони даранда, ваҳшӣ (байти 295), дижогоҳ – хонабалад (байти 421), дижам – хашмгин (байти 383), динор – пули тилоӣ (байти 384), расӣ – пурхӯрӣ (байтҳои 346, 347), ражд – кашиш (байти 427), равонхоҳ – талбанда, гадо (байти 329), ричол – мураббои душобӣ (байти 283), зуфон – забон (байти 173), замӣ – замин (байти 280), зуғ – зардоб (байти 325), жож – сахт, муҳкам (байти 393), ситеҳзагӣ – пархошгарӣ (байти 173), сиголиш – андеша кардан, фикр кардан (байти 225), шахшидан – лаґжидан (байти 303), шикебанда – сабркунанда (байти 316), шалпу – сурфа (байти 329), шаман – бутпараст (байти 261), шуша – тило ё нукраи гудохташуда (байти 223), ґушт – бараҳна, урён (байти 294), фажоган – палид ва нопок (байти 385), фиёл – оґоз, шурӯъ (байти 377), куҳбад – кӯҳнишин (байти 304), кинґола – номзадбозӣ (байти 354), гашан – бисёр анбуҳ, зиёд (байти 395), гувожа – шӯхӣ, мазоҳ (байти 320), ґӯж – кач, хамида (байти 162), меҳ – бузург (байти 279), мачарг – бекор (байти 373), махид – часпид (байти 332), миґфар – кулоҳи оҳанин (байти 410), мӯбад – пешвои рӯҳонии зардуштӣ (байти 320), меґ – абр, ситеґ – рост, баланд (байти 369), набшалад – намехусбад (байти 317), начуъ – чини пӯсти бадан (байти 366), наґнавӣ – ором нагирӣ (байти 428), наґушок – пайрави дини Монӣ (байти 309), во – шӯрбо, ош (байти 283), ҳамора – ҳамвора, ҳамеша (байти 415), хур – офтоб (байти 372), ҳирбад – пешвои мазҳабӣ ва қозии дини зардуштӣ (байти 308), ёфа – сухани беҳуда (байти 115), ял – паҳлавон (байти 179).

Барои равшантар шудани далелҳо аз миёни абёти мазкур се байт интихобан нақл мешавад:

Фароз оваред охшиҷ ин чаҳор,
Гуҳар, к-андар ӯяст чандин нигор [16, с.101].

Ва:

Надонад дил омраґи пайванди дӯст,
Бад-он гаҳ, ки бо дӯст кораш накӯст [16, с.98].

Ва ё:

Ба кинґолагӣ рафтааст Панчиҳил,
Рамида аз ӯ мурґаке гармсел [16, с.102].

Масъалаи дигари алоқаманд ба мухтассоти забонии ашъори Абӯшакурӣ Балхӣ чигунагии муносибати вай ба луґоти арабӣ мебошад. Бино ба ақидаи Сируси Шамисо, ҳеч луґати арабӣ дар ашъори Абӯшакур дида нашудааст [12, с.30]. Лекин мо бо муруре ба абёти боқимонда аз ин шоир танҳо вожаи арабии “ҷиср”-ро пайдо кардем, ки ба маънии пул ё кӯпрук истифода шудааст. Шоҳиди мисол байти зерин аст:

Хирадманд гӯяд, ки ҳаст ин ҷаҳон
Яке ҷиср бар роҳи мо – ҳамраҳон [16, с.97].

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои фавқ ба чунин натиҷа мерасем:

Дар асре, ки Абӯшакури Балхӣ зиндагӣ мекард, забони порсии дарӣ (форсӣ, тоҷикӣ) дар камоли полудагӣ, равонӣ ва равшанӣ намудор мегардад. Агар забони ин давраро бо давраҳои дигар бисанҷем, ба равшанӣ дармеёбем, ки шумори луґоти бегона ва дахил ниҳоят кам ва номаҳсус буда, бартарӣ ва ґалабаро вожаҳои асили порсии дарӣ доранд. Хусусан, ин вижагиҳо дар шеъри Абӯшакур ба равшанӣ дида мешавад. Шеъри ӯ аз нигоҳи забон бисёр сода, равон, равшан ва табиӣ буда ва дар миёни ҳамгомони худ аз шоиронест, ки аз назари покизагии забон ва калимаҳои асилу шаффоф саромади дигарон будааст. Ҳатто ашъори боқимондаи ӯ мерасонад, ки шеъри ӯ нисбат ба Абӯабдулло Рӯдакӣ низ аз асолати вижае бархӯрдор буда ва луґоти арабию туркӣ дар каломи ӯ ниҳоят кам аст. Чун замонаи шоир ба давраи пеш аз ислом наздиктар аст, вожаҳои паҳлавӣ ва наздик ба паҳлавӣ дар шеъраш зиёд дида мешавад. Аз сӯйи дигар, чун ин аср нахустин давраи адабиёти форсу тоҷик аст, то ҳанӯз бархе қавоиди забонӣ тасбит нашуда ва баъзе вожаҳо ва вожакҳо ба маъноҳои гуногун корбурд доранд. Ҳамчунин, бештарин калимаҳое, ки шоир ба кор бурда, лаҳни ҳамосӣ доранд, ки ин вижагӣ хоссаи шеъри асри Сомонӣ мебошад.

Шеваи баёни ҳунарӣ, покизагии забон, вофир будани вожаҳои порсии равону равшан, афкори бадеъ ва бикри Абӯшакур сабаб шуда буд, то шоирони баъд аз вай аз сабкаш тақлид кунанд ва ӯро ба бузургӣ биситоянд. Абёти боқимондаи ӯ натанҳо аз арзишҳои донишӣ, таърихӣ ва ҳунари зебоишиносона баҳраваранд, балки ганҷинаи бузурге аз вожагони асил ва полудаи забони порсӣ маҳсуб мешаванд, ки тавассути ашъори бозмонда аз ӯ то рӯзгори мо расидааст. Ашъори Абӯшакур то ҳанӯз зебоӣ ва равонии маънавии худро дорад ва оганда аз паёми инсонӣ ҳаст, ки шоир онро дар қолиби шеър рехтааст. Эҳсоси ӯ бо эҳсоси қишри бузурге аз мардуми ҷомеааш ҳамсанг ва хушоянд буда, аз он ҷост, ки посдори воқеии шеъри ӯ мардуманд ва мардум ин мероси ґаномандро

аз рӯзгорони дароз то имрӯз ҳаросат кардаанд. Далели заволнопазирии шеъри шоир низ дар ҳамин нукта нуҳуфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ ; дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 407 с.
2. ابراهیم، رحیم. و این گونه است آفرین نامه / رحیم ابراهیم // مجموعهٔ مقالات سیمینار علمی ابوشکور بلخی. – بلخ: دانشگاه بلخ، 1382. – 1254 صح. – صح. 25-45.
3. اشعار پراکندهٔ قدیم ترین شعرای فارسی زبان از هنزلهٔ بادغیسی تا دقیقی ؛ تصحیح و مقابلهٔ ژلبر لازار. – تهران: انستیتوت ایران-فرانسه، 1962.
4. بهار، محمد تقی. سبکشناسی / محمد تقی بهار. – جلد دوم. – تهران: امیر کبیر، 1337. –537 صح.
5. خانلری، پرویز ناتل. تاریخ زبان فارسی / پرویز ناتل خانلری. – جلو اول. – نهران: بنیاد فرهنگ ایران، 1354.
6. دبیر سیاقی، محمد. پیشگامان شعر پارسی / محمد دبیر سیاقی. – تهران: شرکت سهامی کتاب های جیبی، 1356. – 1472 صح.
7. دبیر سیاقی، محمد. گنج بازیافته / محمد دبیر سیاقی. – تهران: انتشارات اشرفی، 1343. –472 صح.
8. دهخدا، علی اکبر. لغت نامه / علی اکبر دهخدا ؛ زیر نظر محمد معین و سید جعفر شهیدی. – نهران: دانشگاه نهران، 1347. – 1547 صح.
9. رازی، شمس قیس. المعجم فی معاير الاشعار الاجم / شمس قیس رازی ؛ به تصحیح سیروس شمیسا. – نهران: فردوس، 1373. – 425 صح.
10. سیایوف، بیگمراد. کاربرد "مر" و "مرا" در زبان دری قرن های 4-6 هجری / بیگمراد سیایوف، عبدالقیوم قویم // خراسان. – شمارهٔ چهارم. – میزان و عقرب سال 1363.
11. شمیسا، سیروس. کلیات سبک شناسی / سیروس شمیسا. – تهران: فردوس، 1372. – 848 صح.
12. شمیسا، سیروس. سبک شناسی شعر / سیروس شمیسا. – تهران: فردوس، 1379. – 848 صح.
13. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات ایران / دبیح الله صفا : دورهٔ سه جلدی، جلد دوم. – نهران: رامین، 1371. – 525 صح.
14. عمید، محمد حسن. فرهنگ فارسی / محمد حسن عمید. – تهران: سپهر، 1362. – 325 صح.
15. عوفی، نورالدین محمد. لباب الالباب / نورالدین محمد عوفی : به تصحیح محمد عباسی. – تهران: فخر رازی، 1361. – 245 صح.
16. مدبری، محمود. شرح احوال شاعران بی دیوان / محمود مدبری. – نهران: پوریا، 1370. – 425 صح.
17. محجوب، محمد جعفر. سبک خراسانی در شعر فارسی / محمد جعفر محجوب. – نهران: انتشارات سازمان تربیت معلم و تحقیقات تربیتی، 1345.
18. معین، محمد. فرهنگ فارسی / محمد معین. – تهران: امیر کبیر، 1371. – 1245 صح.
19. هدایت، رضاقلی خان. مجمع الفصحا / رضاقلی خان هدایت ؛ به تصحیح مظاهر مصفا. نهران: امیر کبیر، 1336. – 325 صح.

САБКИ ЗАБОНИИ АШЪОРИ АБӮШАКУРИ БАЛХӢ

Дар ин мақола ашъори яке аз бузургтарин намояндагони адабиёти аҳди Сомониён ва ҳавзаи адабии Балх Абӯшакури Балхӣ аз назари сабки забонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки мабҳаси аслӣ перомуни масъалаҳои сатҳи овоӣ, нигоҳи сарфию наҳвӣ ва тафовути вожагонӣ матраҳ шудааст. Бар асоси пажӯҳиши анҷомёфта, забони порсии дарӣ дар даврони зиндагии Абӯшакури Балхӣ забони модарии гӯяндагон аст. Яъне, суханварони ин давра, бар хилофи даврахои баъд, забони дариро аз рӯйи осори адабии пеш аз худ намеомӯхтанд. Забони шеъри ин давра сода, табиӣ, ба дур аз такаллуфот, иғроқҳо ва ибҳомҳои даврахои баъдист. Манзури шоир дар зимни калом асосан ба осонӣ дарк мешавад ва агар душворӣ дар баъзе аз шеърҳо дида мешавад, бештар марбут ба куҳнагиҳои забон аст. Дар забони шеъри ин давра ҳолате ҳаст, ки метавон онро ба салобат ва фахомат таъбир кард. Салобат ва фахомати забони шеър аз оҳанг, шеваи ҷумлабандӣ ва таркиби калимот эҷод мешавад. Куҳнагиҳои забон, соишнаёфтагии баъзе вожаҳо, фаровонии мусаввитҳои баланде, чун “о”, “ӯ” дар вожаҳо низ бар ин амр меафзояд. Иллати ин фахомат ва салобатро, ҳамчунин, бояд дар рӯҳияи диловарӣ, силаҳшӯрӣ, мардонагии ғолиб бар рӯҳияи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ҷуст. Аз ин рӯ, забони ашъори Абӯшакур низ ба масобаи намунаи муҳимми ин мактаб табиӣ, сода, равон ва босалобату фахомати хосса аст. Дар он таъкид ва ибҳом ҷой надорад. Аммо агар имрӯза барои мо бархе аз луғоти он маҳҷуру душвор менамояд, ба сабаби он аст, ки Хуросони бузург минтақаи бисёр васее буд ва лаҳҷаҳои мухталифе, чун суғдӣ ва хоразмӣ дар он роиҷ буд. Бо он ки шуморе аз вожаҳои шеъриии ин давра акнун ғариб ва ноошно ба назар мерсанд, аммо аз зебоии калом намекоҳанд. Зеро аксари ин вожаҳо асилу шаффофанд, ки бо дареғу дард имрӯз ба боди нисён супурда шудаанд. Сароянда “Офариннома” ба нақши забон ва сухан огоҳ буд, ба ҳамин хотир талош дошта, ки осори худро бо забони шаффоф, равон, сода ва табиӣ баён кунад. Аз мутолиаи “Офариннома” ва соири ашъори боқимонда аз Абӯшакур метавон дарёфт, ки тафовутҳои забонии ин асар бо забони форсии тоҷикии имрӯзӣ бештар дар сохтори вожагонӣ буда, на дар сохтори сарфию наҳвӣ.

Калидвожаҳо: Абӯшакури Балхӣ, шеър, сабк, сабки забонӣ, сатҳи овоӣ, назари сарфию наҳвӣ, тафовути вожагонӣ.

СТИЛЬ ПОЭЗИИ АБУШАКУРА БАЛХИ

В статье рассматривается стиль поэзии крупного представителя литературного круга Балха X века, Абушакура Балхи. Данный вопрос рассматривается на фонетическом, лексическом уровне, а также по морфологическим и синтаксическим особенностям языка поэта. Исследователь выясняет, что для поэтов литературного круга Балха X века персидский язык был непосредственным родным языком и они, в отличие от поэтов последующих периодов, не изучали данный язык по литературным материалам предшественников. Поэтический язык эпохи Абушакура был простым и естественным и в нем не наблюдается искусственный слог, переувеличения и стилизация стихов поэтов далнейшего периода. Содержание стихотворений и способы отражения смысла в контексте поэзии данного поэта воспринимается читателем без всяких трудностей, а если имеются некоторые непонятные слова, то это касается архаизмов. Величие языка поэзии и красноречие поэтов данного литературного круга обнаруживается в тональности и особенностях стиля художественной речи. Архаизм и некоторые неологизмы и частое употребление гласных букв, таких как «о», «ӯ» в словах усиливают данное утверждение. Поэтому, язык стихотворений Абушакура Балхи представляется как образец стиля данного литературного круга и в ней не наблюдается сложных для восприятия понятий. Абушакур Балхи, как выясняется из меснави «Офарин-наме» и других его стихотворений, в достаточной степени знал поэтический язык фарси своего времени. Некоторые слова, кажутся непонятными, не по морфологическому и синтаксическому строению, а по сложности структуры слов.

Ключевые слова: Абушакур Балхи, поэзия, стиль, языковые особенности, фонетический уровень, морфологические и синтаксические строения.

ABU-SHAKUR BALKHI POETRY STYLE

The article discusses the poetry style of a major representative of the literary circle of Balkh's 10th century – Abu-Shakur Balkhi. This issue is considered at the phonetic, lexical level, as well as on the morphological and syntactic features of the poet's language. The researcher finds out that for the poets of the literary circle of Balkh of the 10th century, the Persian language was the native language and, unlike the poets of subsequent periods, they did not learn this language from the literary materials of their predecessors. The poetic language of the Abu-Shakur period was simple and natural and it does not observe the artificial syllable, exaggeration and stylization of poets' poems of the later period. The content of poems and ways of reflecting meaning in the context of the poetry of this poet is perceived by the reader without any difficulties, and if there are some obscure words, then this applies to archaisms. The greatness of the language of poetry and eloquence of poets of this literary circle is found in the tonality and stylistic characteristics of artistic speech. Archaism, some neologisms and the frequent use of vowels such as "о", "ӯ" in words feed this statement. Therefore, the language of the poems of Abu-Shakur Balkhi is presented as an example of the style of this literary circle and there are no concepts difficult to perceive in it. Abu-Shakur Balkhi, as it turns out from the masnavi "Ofarin-nama" and his other poems, knew the poetic Farsi language of his time to a sufficient degree. Some words seem incomprehensible, not in the morphological and syntactic structure, but in the complexity of the structure.

Key words: Abu-Shakur Balkhi, poetry, style, linguistic features, phonetic level, morphological and syntactic structures.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шайхзода Абдул Ҷаббор*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи таърихи адабиёти тоҷик, факултаи филологияи тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.**: (+992) 917-10-61-07**

Сведения об авторе: ***Шайхзода Абдул Джаббор*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры истории таджикской литературы факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр Рудаки, 17. Тел.**: (+992) 917-10-61-07**

Information about the author: ***Shaikhzoda Abdul Jabbor*** **-** Tajik National University, Ph.D. of the Department of History of Tajik Literature, Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel**.: (+992) 917-10-61-07**

УДК: 82

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ ФОЛКЛОР ДАР ПОВЕСТИ «МАЪВОИ ДИЛ»-И РАҲИМ ҶАЛИЛ

Юсупова М.И.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Эҷодиёти лафзии халқ барои шоирону нависандагон яке аз манбаъҳои эҷод ба шумор меравад. Нависандагони закитабъ дар баробари истифода бурдан аз забони зиндаи халқ ба фолклор ҳам рӯй меоваранд. Махсусан, агар нависанда ёддошт ва ё асари ёддоштӣ таълиф кардане шавад, ногузир ба фолклор руҷӯъ мекунад. Барои мисол танҳо «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айниро овардан кофӣ аст, ки онро хазинаи фолклор ва мардумшиносӣ номем, хато нахоҳад буд. Аз як дидгоҳ агар жанри ёддошт то андозае рӯй овардан ба фолклорро талаб кунад, аз назаргоҳи дигар он сабаби ба хонанда писанд гаштани асар ҳам мегардад.

Нависанда Раҳим Ҷалил низ яке аз шогирдони устод Садриддин Айнӣ буда, дар пайравии «Ёддоштҳо»-и ӯ повести воқеии «Маъвои дил»-ро таълиф кардааст. Агар дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ воқеаҳо асосан дар шаҳри Бухоро сурат гиранд, пас дар «Маъвои дил» макони воқеаҳо Хуҷанд аст.

Хуҷанд ҳамчун яке аз марказҳои касбу ҳунар ва илму фарҳанги тоҷикон ба шумор меравад ва дар «Маъвои дил» эҳсос карда мешавад, ки дар ибтидои қарни бист чӣ гуна бозиҳо буданд, урфу одатҳо чӣ хел сурат мепазируфтанд ва он як оинаи маънавиёт ва иҷтимоиёти ин шаҳри бостонӣ мебошад.

Албатта, нигоҳи Раҳим Ҷалил ба фолклор дар доираи талаботи замон аст ва дар «Маъвои дил» ба назар мерасад, ки нигоҳи нависанда ба эҷодиёти лафзии халқ аз назаргоҳи идеологияи замон сурат гирифтааст.

Аз жанрҳои хурди фолклорӣ дар «Маъвои дил» бештар зарбулмасалу мақолҳо хеле моҳирона ва дар мавриди муносиб истифода гаштаанд, аммо дар ин мақола ба масъалаи зерин таваккуф намекунем, зеро ин мавзӯи пажӯҳиши дигар аст.

Дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ишораҳо ба қиссахонӣ, афсонагӯии Тӯтапошшо ва амсоли инҳо мавҷуд аст. Худи нависанда дар асоси афсонаҳои Тӯтапошшо асарҳо навиштааст [1, с.28-29]. Табиист, ки дар шаҳри Хуҷанд анъанаи афсонагӯӣ ва қиссахонӣ ривоҷ дошт.

Дар «Маъвои дил» воқеаи як нафарро доштани милитсия тасвир гаштааст ва қаҳрамони он бо ҳамроҳи ҷӯрааш мехоҳанд, ки чӣ ҳодиса шуданашро тамошо кунанд. Дар диалоги дӯстон чунин оварда шудааст:

«– Нағзаш, биё, ки равем. Дар ҳавлӣ хавотир нашаванд, - нӯлпоккунӣ кардам ман, дар сурате ки савдои тамошои моҷаро қарорамро мебурд.

– Ҳеҷ гап не. Мегӯем, ки ба дари мадраса ҷамъ шуда афсонагӯӣ кардем» [9, с.120].

Мутаассифона, ба ғайр аз ин ишора доир ба чӣ тарз баргузор шудани афсонагӯии «дари мадраса» маълумот оварда нашудааст. Аммо худи ин ишора ба андеша водор месозад, ки дар ибтидои асри бистум, ки дар асар он солҳо тасвир гаштааст, афсонагӯии муллобачагони мадрасаҳо дар Хуҷанд роиҷ будааст.

Маълум аст, ки Раҳим Ҷалил дар овони хурдсолияш шогирди кафшдӯз – Устоҳайдар буд. Дар «Маъвои дил» як афсона доир ба кафшдӯзҳо аз забони ин усто оварда шудааст, ки хеле кӯтоҳ буда, аз бадеият орӣ менамояд. Нависанда онро чунин овардааст: «Як духтари соҳибҷамолу нозукниҳоли савдогаре хостгорҳои бисёрро гардонида мефиристодааст. «Ман ба ҳамин хел ҷавон мерасам, ки ба сандалӣ шишта кор кунад» – мегуфтааст. Писари шоҳу вазир, савдогару мулло рафту ба курсӣ шинад ҳам охир меҳнат намекунад. Ниҳоят кофта-кофта як кафшдӯзро ёфтаанд, ки ба сандалӣ шишта меҳнат мекунад. Рафта гуфтанд, ки ёфтем. Дар фалон кӯча, дар фалон дӯкон кор мекунад. Духтар шавҳаршавандаашро диданӣ шуда, ба боми дӯкон мебарояду аз тобдон йигитро мебинад. Ӯ ба вай маъқул шуда, акнун рафтанӣ будааст, ки йигити ғофили аз парида омадани мурғи бахт бехабар, ширешкосаи гирдогирдаш қалоқбастаро гирифта ба вай лелак зада, аввал хуб аралаш карда, ба таки кафш мемолад. Табъи ойим хира шуда ихлосаш аз сандалинишин гашта гирифта, лабонашро бурма кардааст. «Шумо кӯрхаридорҳо ба ман чӣ хел шӯй ёфтетон, ки девонаи таппа-тайёру гандагиашро ба коса андохта салоя карда нишастааст» – дӯғ задааст духтар» [9, с.22-23].

Нависанда бо ин афсона хостааст, ки машаққату заҳмати синфи заҳматкашро нишон диҳад. Бо вуҷуди камҳаҷмӣ ин афсона онро ошкор мекунад, ки дар байни косибон ва ҳунармандони Хуҷанд фолклори касбӣ мавҷуд будааст. Мутаассифона, нависанда дар «Маъвои дил» ба афсонаҳои аҳли касаба ва пешаварон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир накардааст.

Қиссахонӣ ва қиссагӯӣ дар фарҳанги мардумии мо ҷойгоҳи хоссаро доро буд. Муҳаққиқи эронӣ Расул Ҷаъфариён ҷараёни қиссахониро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд кардааст, ки қиссахонӣ дар байни мусалмонон аз аҳди хулафои рошидин рушд кардааст ва ҳамзамон таъкид медорад, ки ин равия қабл аз ислом ҳам ҷой доштааст. Дар асараш доир ба латоифи қассосун – қиссахонҳо ишораҳо дорад. Аз ҷумла ӯ навиштааст: «Қиссахонон дар айни он ки нуфузи зиёде дар миёни мардум доштанд, ба далоиле чанде аз ҷумла вуҷуди сафоҳату ҷаҳолати фаровон бархе аз онон масхараи мардумон ва олимон буданд» [7, с.167].

Албатта, қиссахонон асарҳои насри ривоятиро бештар дар байни мардум мехонданд. Аммо дар «Маъвои дил» нависанда доир ба қиссахонҳое маълумот додааст, ки қиссахонони ирфонӣ буда, қаландармашраб будаанд.

Як иштибоҳи илми фолклоршиносии шӯравӣ дар сабт накардани тарзи иҷрои эҷодиёти лафзии халқ буд. Танҳо матнҳоро навишта мегирифтанд ва ба фолклор ҳамчун матни асар муносибат мекарданд. Дар фолклоршиносии имрӯза дар баробари омӯзиши матн ба тарзи иҷрои он ҳам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки ин барои ҳаматарафа ва дақиқ омӯхтани осори фолклорӣ мусоидат мекунад. Дар таҳқиқоти кунунии фолклорӣ дастгоҳи сабти видео ва сабти овоз истифода мегардад, ки маводи ҷамъоваришуда ҳаматарафа ҳам бо матн ва ҳам бо тарзи иҷрояш фаро гирифта мешавад. Муҳаққиқи рус Савушкина дар ин бора таваққуф карда, зикр намуда буд, ки барои навишта гирифтани сурудҳо ба тарзи иҷрои онҳо ҳам аҳаммият додан лозим аст ва ӯ хуб ҳам қайд кардааст, ки тарзи иҷрои сурудҳоро нависандагон ба монанди И.С. Тургенев, А.М. Горкий, С.Антонова бештар тасвир карда тавонистаанд [10, с.39-40].

Дар «Маъвои дил» ишораҳо ба қиссахонҳо ҷой дорад ва ҳарчанд ки матни мехондаи онҳо дар асар ҷой дода нашудааст, аммо тарзи хондани қисса, ҳаракатҳои қиссахон тасвир гаштааст, ки барои муайян кардани тарзи иҷрои қиссахонӣ маълумоти муфид ба шумор меравад. Қиссахонро дар лаҳҷаи Хуҷанд «маддоҳ» мегӯянд. Ба гуфти нависанда ҷойи ҷамъшавии одамон маҳалли Чорроҳаи шаҳр будааст. Нависанда дар бораи кӯсамаддоҳи тошкандӣ чунин навиштааст: «Як маъракагирии кӯсамаддоҳи тошкандӣ дар ёдам мондааст. Вай аксар вақт дар рӯзҳои рамазон омада азоби рӯзадории мардумро як навъ сабук карда, аз пешин то аср афсонаҳои динии оид ба некукорӣ, инсондӯстӣ, адолат ва додрасиро турфа дилпазир ва пуртаъсир мегуфт. Дар мавридаш аз шоирон моҳирона истифода менамуд, шунавандагонашро гоҳ мегирёнд, гоҳ механдонд» [9, с.65].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки маддоҳи тошкандӣ аз қиссагӯёни ирфонӣ будааст ва дар ибтидои асри бист чунин тоифаи қиссахонон фаъолият мебурдаанд. Дар порчае, ки дар поён меоварем, тарзи маъракагирии маддоҳ боз аёнтар тасвир шудааст: «Маддоҳ бо ду нафар балегӯяш ба Чорраҳа омаду ба самоворчиён, дӯкондорон ва роҳгузарон

«Ассалому алейкум одамони нагз!» – гӯён таъзим намуд. Сонӣ номҳои балегӯёнашро гирифт, фармуд, ки ба он сӯйи кӯча гузашта нишинад ва худ ба рӯйи як саҷҷодаи маллаи меҳробгул дар ин сӯйи кӯча дузону зада нишаста аввал дӯст кашид. Домони яктаҳи малларо ба зери зонуяш газонд, фаши салларо кушода, ба китфи чап паҳн карду гуфт:

Ман намедонам, ки ризқам аз куҷо бар мезанад,
Аз барои ризқи ман ҷаббор ханҷар мезанад…

– Ҳо, балле! – гуён ҳарду балегӯй калимаро кашол доданд.

Як самоворчӣ чойники чойро ба пиёла назди маддоҳ оварда гузошта рафт. Оҳиста-оҳиста одамон ҷамъ мешуданд. Маддоҳ бошад, ба гӯшаи чашм гирд омадани мардумро назораткунон аз ҳар тараф як шингил шеърҳои тоҷикию ӯзбекӣ мехонд. Ниҳоят такрибан ягон чил кас ҷамъ шуда, давра гирифта нишастанд. Маддоҳ аз Ҳотами той як эпизоди аҷоибро бо иловаҳои худ ҳикоя кард. Ӯ гоҳ Ҳотам мешуду гоҳ аждаҳои тилисм, деву парии сари роҳи ӯ; мехест, менишаст, мегирист ва механдид…» [9, с.66].

Дар ин порча ишораҳо ба тарзи иҷрои қиссахонӣ тасвир гаштааст, ки барои равшан кардани манзараи тарзи иҷрои он маълумоти начиб медиҳад. Баъдан аз шунавандагон ҷома талаб кардани маддоҳ тасвир гаштааст.

Дар баробари ин, тарзи воҳимаангез гуфтани қиссаҳо дар повест мавриди танқид қарор гирифтааст. Ҳангоми тасвири воқеаи дар назди осиё дамгирӣ рафтани Содирхони Ҳофиз, Тошхӯҷа Асирӣ, Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзов ва Яъқубҷони Фаранг, ки беҳтарин намояндагони илму адаб ва фарҳанги Хуҷанд буданд, нависанда дар фасли 9-уми повест тасвир кардааст, ки шоир Тошхӯҷа Асирӣ бо ширинсуханӣ дар назди мардум шеър хондааст. Аз забони пиразане, ки вайро гӯш мекард, чунин оварда шудааст:

«– Дар умрам як бор аз бозори Панҷшанбе гузаштаравон, дар Чорраҳа маъракагирии маддоҳро дида будам, – мегуфт пиразани бедандон, ки суханҳояш аз даҳон фарт-фарт берун мешуданд. – Як нафас истода, аз ваҳми гӯру қиёмат, ки маддоҳ ба пеши назарам овард, зада гурехтаму чанд шаб баъди ин хобҳои хазонрезро дида, як қад-як қад парида бедор мешудам…» [9, с.205].

Аз ин порча маълум мегардад, ки дар вақти иҷрои қиссахонӣ маддоҳон тарзе суханронӣ мекардаанд, ки ба рӯҳияи шунаванда ва ё тамошобинашон таъсиргузор мегаштааст.

Дар фолклори мардуми водии Фарғона азкиягӯӣ ва ё худ аскиягӯӣ хеле роиҷ буд. Мутаассифона, то кунун ин жанри фолклорӣ ба таври дақиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Аския ҳозирҷавобии хандаовар аст, аммо латифа нест, балки суханони ҳазломези нешдор аст. Дар фасли дуюми повест воқеаи ба лойи кӯча дар мондани аробаи ғӯзапоядор тасвир гаштааст. Аробакаш ба танҳои аробаро аз лой берун карда наметавонад ва чойхӯрони самовор ба кумаки ӯ меоянд. Баъди баровардани ароба аз лой як нафар чойхӯри самовор чунин аския мегӯяд:

« – Муфт халос шудӣ, – шӯтқаригӣ мекард касе ба аробакаш, – як коса равған харида, ба деги мазор бурда рез. Дирӯз ана дар ҳамин ҷо бинам, дар рӯйи лой як кулоҳи лабгардони намадӣ истодааст. Бардорам, дар тагаш калла. Аз гӯшаш гирифта берун кашидам. Вай бошад, ба ҷойи хурсандӣ ҳунг-ҳунг мегирист. «Ҳуй авлиё, чаро гиря мекунӣ? Шукр кун, ки ғӯтида ба шохи гови таги замин рафта овезон нашудӣ» – гӯям, дар тагам шутурам буд, ба лой ғӯтид. Акнун мани бечора чӣ кунам гуфта нола мекард» [9, с.40].

Худи нависанда инро муҳобот номидааст, аммо ба назари мо ин азкия аст, ки бадоҳатан дар ҷойяш эҷод гаштааст. Дар ин ҷо муболиға ба назар мерасад, аммо ҳадафи гӯянда огоҳонидани аробакаш ва бо ин роҳ хуш кардани рӯҳи мададкардагон буд, ки мақсад аз аския ҳам ҳамин аст.

Агар дар фолклори водии Зарафшон дубайтиву рубоӣ хеле паҳн гашта бошад, дар водии Фарғона ашӯла бештар мавқеъ дорад, ки нависанда дар мавридаш аз ин жанри фолклор истифода кардааст. Масалан, дар фасли зикршудаи повест аз забони духтарчаи хурдсол ин ашӯла оварда шудааст:

Чақарию чуқурӣ,
Ман афтаму ту мурӣ.
То кай эй зиқна тӯра,
Мо ёбему ту хурӣ? [9, с.46].

Нависанда ин ашӯларо барои танқиди замони пешин ва вайронию ноҳамвории роҳҳо истифода кардааст. Дар ин маврид ашӯла ҳолатро равшан менамояд. Умуман, агар гирем, дар фолклори тоҷик ашӯлаҳо нисбати рубоиҳо дертар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки сабаби он ҳам ҷамъ нагаштани мавод ба шумор мерафт. Р. Амонов таъкид мекунад, ки дар Хуҷанд (собиқ Ленинобод) жанри ашӯла густариш доштааст ва қайд кардааст: «Дар гузашта дар байни аҳолии шаҳрҳо махсусан дар байни ҷавонон шахсоне, ки чандин ашӯла

надонанд, кам дучор мешуданд» [2, с.252]. Ин гуфтаҳоро дар симои қаҳрамони асари номбурда ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Сурудҳои тӯёна ва маросимӣ, ки дар асарҳои бадеӣ оварда мешаванд, барои хонандагон маъқулу дилпазиранд. Масалан, суруди «Ёр-ёр» дар тӯйи арӯсию домодии Хуҷанд аз даврахои қадим мавриди истфода буд.

Нависанда тӯйҳои солҳои ҳафтодуми асри гузаштаро тасвир мекунад. Вай навиштааст, ки ҳангоми «қатикунон» - шаби висоли арӯсу домод занон ёр-ёрхониро сар карданд ва чанд сатри онро дар повест овардааст:

Даруни чимилиқ нону қаймоқ,
Келинойим бодомқавоқ.
Ёр-ёре бодомқавоқ.
Даруни чимилиқ нону шинӣ,
Домодпоччом косаи чинӣ
Ёр-ёре косаи чинӣ [9, с.55-56].

Нависанда тӯйҳои комсомолиро таъриф мекунад ва менависад, ки сурудҳои миллатҳои гуногуни Иттифоқи Советӣ дар тӯйҳо суруда мешуданд. Бо чунин тасвир нависанда гуфтан мехоҳад, ки ёр-ёр суруди замони кухна аст ва он батадриҷ аз байн меравад. Аммо асли воқеа чунин нашудааст, баръакс дар замони мо сурудҳои тӯёна аз сари нав эҳё гаштанд. Ин сурудҳо аз насл ба насл гузашта омаданд.

Муҳаққиқ Хуршеда Отахонова ҳикояи «Шӯри Ғайбатхола»-ро таҳлил кардааст, ки дар он «саломномахонӣ»-и қаҳрамон мавриди танқид қарор дода шудааст. Вай дар ин бора навиштааст: «Албатта, дар масъалаи «саломномахонӣ» дар тӯйҳо, агарчанде баъзе одамони хурофотпараст барои характери динӣ додан ба анъана кӯшиш кардаанд, ба нависанда ҳамфикр шудан душвор аст. Ин анъана моҳиятан ва таърихан ҳаҷвӣ нест, балки ҳамчун як лавҳаи барҷастаи драмавӣ аҳаммияти тарбиявӣ ва бадеӣ дорад» [7, с.57].

Фолклоршинос С.Бобоев бошад, анъанаи саломномахонии Бухороро мавриди таҳқиқ қарор дода навиштааст: «Хондани суруди «Саломнома» ва ин суннати зебои намоиши ҷашни арӯсӣ ин қадар дилнишин ва ҷаззоб аст, ки онро бояд дар равиши иҷрои маросими «Саломномахонӣ» мавриди омӯзиш қарор дод» [5, с.89].

Дар мавриди суруди «Ёр-ёр» ҳам бо нависанда мо низ ҳамфикр буда наметавонем. Гарчанд ҷойи онро гирифтани сурудҳои халқҳои иттифоқ дар повест тасвир гашта бошад ҳам, лекин аз воқеият дур аст. Он як навъ ба таври маснӯӣ нишон додани дӯстии халқҳо буду бас. Ҳол он ки нависанда метавонист аз намунаҳои фолклори тӯйи арӯсӣ мисолҳои бештар оварда, ин анъанаи мардумиро бо тамоми ҳастӣ ва будааш нишон диҳад.

Дар қисми 6-уми повест як шӯхии тӯёна, ба сари якдигар тарафи тӯйдорҳо рехтани оби ранги қирмизиро тасвир кардааст. Ин корро сокинони маҳаллаи Раззоқ карда будаанд [9, с.117]. Чунин анъана то кунун дар деҳаҳои Панҷакент боқӣ мондааст ва ба сари ҳамраҳони домод пошидани закоб ба назар мерасад.

В.Асрорӣ эҷодиёти адибони шӯравии тоҷик – Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро ба риштаи таҳқиқ кашида, се роҳи таъсири фолклорро ба эҷодиёти онҳо муайян кардааст.

1. Истифодаи сурудҳо, порчаҳои шеърӣ ва сюжетҳою образҳои фолклорӣ;
2. Эҷоди асарҳои асил дар асоси мотивҳои фолклорӣ;
3. Истифодаи забони гуфтугӯии мардум [3, с.105].

Ин се роҳи таъсирпазирӣ аз фолклорро дар «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил ҳам ба назар гирифтан мумкин аст. Дар повест сурудҳо, порчаҳои шеърии фолклорӣ барои ифодаи матлабҳои нависанда мавриди корбарӣ қарор гирифтааст. Истифодаи забони гуфтугӯӣ, аз лаҳчаи Хуҷанд истифода кардани калимаҳои беҳтарин ҳамчун дурдонаҳо дар асари мавриди назари мо фаровон ба кор рафтааст. Зарбулмасалу мақол ва таъбирҳою ибораҳои рехтаро нависанда бомаврид истифода кардааст.

«Маъвои дил» асари ёддоштӣ буда, бо назардошти талаботи ғоявии давр – ҳизбияти адабиёт ва ё реализми сотсиалистӣ таълиф гаштааст. Бо вуҷуди ин барои нишон додани вазъи иҷтимоии замони тасвиршаванда дар асар аз фолклор истифода гаштааст, ки бо хусусияти иҷтимоии фолклор рабт дорад [ниг.: 8, с.8].

Раҳим Ҷалил дар таълифи повести «Маъвои дил» аз эҷодиёти лафзии халқ барои тасвири воқеаҳои дар Хуҷанд рухдода аз ин захираи маънавӣ фаровон ва ба маврид истифода карда тавонистааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: СИЭМТ, 2009. – 680 с.
2. Амонов Р. Лирикаи халқии тоҷик / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.

3. Асрорӣ В. Фольклор и творчество писателя. Взаимодействие литературы и фольклора (Материалы научной конференции «Взаимодействие литературы и фольклора народов Средней Азии и Казахстана. - Душанбе, 1968). / В.Асрори. – Душанбе: Дониш, 1974. - С. 103-111.
4. Асрорӣ В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В.Асрорӣ, Р.Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
5. Бобоев С. Ҷойгоҳи назми шифоҳӣ дар арӯсии тоҷикони Бухоро (анъана ва навоварӣ) / С. Бобоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2006. – 144 с.
6. Ҷаъфариён Расул. Қиссахонон дар торихи ислом ва Эрон / Расул Ҷаъфариён. – Теҳрон: Далел, 1378. – 245 с.
7. Отахонова Х. Раҳим Ҷалил ва эҷодиёти ӯ. Нашри дуюм / Х. Отахонова. – Душанбе, 2015. – 223 с.
8. Пропп В.Я. Фольклор и действительность / В.Я. Пропп. – М.: ГРЛВ «Наука», 1976. – 330 с.
9. Ҷалил, Р. Маъвои дил. Қисми 1. / Р. Ҷалил. – Хуҷанд, 2003. – 431 с.
10. Савушкина Н.И. О собрании фольклора. Учебное пособие. / Н.И. Савушкина. – М.: Издательство Московского унверститета, 1974. – 85 с.

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДОИР БА ИСТИФОДАИ ФОЛКЛОР ДАР ПОВЕСТИ «МАЪВОИ ДИЛ»-И РАҲИМ ҶАЛИЛ

Дар мақола доир ба истифодаи маводи фолклор дар повести Раҳим Ҷалил – «Маъвои дил» сухан меравад. Маълум мегардад, ки дар ин повести воқеӣ, ки хусусияти ёддоштӣ ҳам дорад, нависанда ба жанрҳои фолклорӣ рӯй овардааст. Нависанда Раҳим Ҷалил яке аз шогирдони устод Садриддин Айнӣ буда, дар пайравии «Ёддоштҳо»-и ӯ повести воқеии «Маъвои дил»-ро таълиф кардааст. Агар дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ воқеаҳо асосан дар шаҳри Бухоро сурат гиранд, пас дар «Маъвои дил» макони воқеаҳо Хуҷанд аст. Хуҷанд ҳамчун яке аз марказҳои касбу ҳунар ва илму фарҳанги тоҷикон ба шумор меравад ва дар «Маъвои дил» эҳсос карда мешавад, ки дар ибтидои қарни бист дар ин шаҳр чӣ гуна бозиҳо буданд, урфу одатҳо чӣ хел сурат мепазируфтанд ва он як оинаи маънавиёт ва иҷтимоиёти ин шаҳри бостонӣ мебошад. Раҳим Ҷалил дар таълифи «Маъвои дил» аз азкия, зарбулмасалҳо, шугунҳо, ривоятҳо, афсонаҳо, ашӯлаҳо ва сурудҳои тӯёна истифода кардааст. Нависанда дар асар доир ба санъати иҷроии қиссахонон – маддоҳон маълумоти аҷоиб додааст. Дар «Маъвои дил» ишораҳо ба қиссахонҳо ҷой дорад ва ҳарчанд ки матни мехондаи онҳо дар асар ҷой дода нашудааст, аммо тарзи хониши қисса, ҳаракатҳои қиссахон тасвир гаштааст, ки барои муайян кардани тарзи иҷрои қиссахонӣ маълумоти муфид ба шумор меравад. Қиссахонро дар лаҳҷаи Хуҷанд «маддоҳ» мегӯянд. Ба гуфти нависанда ҷойи ҷамъшавии одамон маҳалли Чорроҳаи шаҳр будааст. Азбаски талаботи эҷоди асарҳо дар замони нависанда риояи реализми сотсиалистӣ ба шумор мерафт, ба баъзе жанрҳои фолклорӣ тибқи талаботи замон муносибат кардааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, «Маъвои дил»-ро хазинаи фолклор номидан мумкин аст.

Калидвожаҳо: Раҳим Ҷалил, фолклор, аския, афсона, ашӯла, маддоҳ, қиссахонӣ, ёр-ёр, Хуҷанд, адабиёти реалистӣ, зарбулмасал.

НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ ОБ ИСПОЛЬЗОВАНИИ ФОЛЬКЛОРА В ПОВЕСТИ РАХИМА ДЖАЛИЛА «МАЪВОИ ДИЛ»

В статье речь идет об использовании фольклора в повесте Рахима Джалила - «Маъвои дил». Надо отметить, что в этой автобиографической повести писатель по мастерски использовал фольклорный жанр. Худжанд является одним из старинных городов и центров таджикского искусства, науки и культуры, и в «Маъвои дил» описаны традиции, обычаи и игры, которые являлись отражением культуры и социальной жизни начала двадцатого века. Писатель использует азиатские сказки, поговорки, пословицы, легенды, народные и свадебные песни. Автор приводит интереснейшие доводы об искусстве исполнения народных притч. В «Маъвои дил» есть ссылки на мифы, хотя тексты не даны в книге, но способ чтения мифов изображается при помощи движений рассказчика, что является полезной информацией для определения способа исполнения чтецов мифов. В Худжанде чтецов, которые читают мифы называют «мадох». По словам писателя, местом проведения чтецов была центральная площадь города Худжанда. Поскольку во времена писателя при создании произведений нужно было придерживаться социалистического реализма, некоторые фольклорные жанры рассматривались в соответствии с требованиями времени. Тем не менее «Маъвои дил» можно назвать фольклорным сокровищем.

Ключевые слова. Рахим Джалил, фольклор, сказка, песня, притча, чтение притч, свадебная песня, Худжанд, реалистическая литература, пословица.

SOME IDEAS ON THE OF FOLKLORE IN THE NOVEL OF RAHIM JALIL «MAVOI DIL»

The article is about the use of folklore in the story of Rahima Jalila - "Mavoi Dil". We should notice that in this autobiographical story the poets masterly used the folklore genre. Khujand is one of the ancient cities in the Tajik art, science and culture, and in «Mavoi dil» written traditions, customs and plays, which reflected culture and the social life in the beginning of the twentieth century. He uses Asian tales, sayings, proverbs, legends and national wedding songs. The author brings the most interesting arguments about the art of implementation public parable. There are references in «Mavoi dil», though the texts didn't give in the book, but the way of reading fables described by the help of narrator, which is useful information for the definition of the method of implementation for readers of the fables. The readers who read fables are called «Madoh» in Khujand. As writer said, the place of spending readers was Central Square in Khujand town. As in the period of the author it was necessary to support socialist realism, some folklore genres considered in accordance with the demand of time. Nevertheless we could say «Mavoi Dil» the treasure of folklore.

Key words. Rahim Jalil, folklore, tale, song, parable, parable reading, wedding song, Khujand, realistic literary, proverb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Юсупова Мусабе Исломовна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи забони русӣ, Суроғa: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com**. Тел.: **(+992) 929-05-59-69**

Сведения об авторе: ***Юсупова Мусабе Исломовна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, преподаватель кафедры русского языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр., 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com**. Тел.: **(+992) 929-05-59-69**

Information about the author: ***Yusupova Musabe Islomovna*** - Tajik State University Law, Business and Politics, Lecturer, Department of the Russian Language. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistrict, 1. E-mail: **yusupova.musabehhon@gmail.com**. Tel.: **(+992) 929-05-59-69**

УДК: 821.0 Р69

БОЗТОБИ МАВЗӮОТИ МАДҲУ ШИКВА ДАР ЭҶОДИЁТИ АБӮ МУЗАФФАРИ АБЕВАРДӢ

Ризоева П.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки аҳди салтанати Салҷуқиён яке аз давраҳои пуризтироб дар таърихи сиёсии Машриқзамин маҳсуб меёбад. Бо ин ҳама, ин хонадон дар густариш ёфтани фарҳангу тамаддуни арабӣ-исломӣ саҳми босазо гузоштааст. Мисоли равшани онро метавон дар фаъолияти вазирони соҳибхиради он, аз қабили Низомулмулки Тӯсӣ ба мушоҳида гирифт, ки бо ислоҳоти натиҷабахши худ дар ривоҷи бовусъати илму адабиёт нақши бориз гузоштааст. Бунёд ёфтани китобхонаҳои бузург, ташкил гардидани мадрасаҳои Низомия дар гӯшаву канори ин давлати абарқудрат муҷиби таваҷҷуҳи мардум ба маърифатнокӣ гардид, ки дар натиҷа самараи хубе ба бор овард. Дар ин замина, адабиёти арабизабони форсу тоҷик низ рушду нумуи тоза пайдо карда, шоирону адибони забардастеро ба майдони адабиёт ворид намуд. Воқеан ҳам, шоирони соҳибқаламу соҳибназар мекӯшиданд, то дар эҷодиёти худ ҳар як ҳаводиси таърихӣ, санаҳои муҳим ва падидаҳои иҷтимоии хосси замонашонро дарҷ намуда, ҳамзамон хидматҳои ҳомиёни илму адаб, салотину амиронро дар ашъори худ таҷассум созанд.

Дар робита ба ин, яке аз чеҳраҳои дурахшони назми арабизабони форсу тоҷики аҳди Салҷуқиён Абӯ Музаффари Абевардӣ ба шумор меравад, ки бо эҷодиёти пурғановати худ дар пурбор гардидани фарҳангу тамаддуни арабӣ-исломӣ таъсири бориз гузоштааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аксари адибону донишмандоне, ки дар давраи Салҷуқиён зиндагӣ намудаанд, аз зумраи арбобони давлатӣ маҳсуб ёфта, дар радифи фаъолияти эҷодӣ боз вазифаҳои мухталифи давлатиро низ ба зимма доштанд. Онҳо аз вазъи сиёсии замон хуб воқиф буда, бо дарбор робитаи устувор пайдо карда буданд. Ин вижагӣ дар фаъолияти эҷодии онҳо низ таъсири бориз гузоштааст. Абӯ Музаффари Абевардӣ низ дар қатори ҳамин гуна шоирон қарор дошт. Дар пайвастагӣ ба ин, ашъори шоир саршор аз маълумоти арзишманд перомуни мухтассоти давраи Салҷуқиён мебошад. Девонҳои шеърии шоир мавсум ба “ан-Начдиёт” ва “ал-Ироқиёт” таваҷҷуҳи бисёре аз донишмандони асримиёнагиро ба худ ҷалб намудаву зимни омӯзиши онҳо арзиши баландро қоил шудаанд. Аз ҷумла, Имодуддини Исфаҳонӣ дар тазкираи “Харидат-ул-қаср” ба ашъори шоир чунин баҳогузорӣ намудааст: “Кулли ашъори Абевардӣ муъҷазу ҳайратангез аст ва дар он байтеро наметавон пайдо намуд, ки холӣ аз маънӣ бошад. Агар инсофро риоя кунем, ҳамаи онро дар китоби худ бояд иқтибос намоям. Аммо шарти ин китоби ман он аст, ки сухан ба дарозо накашам ва танҳо абёти ками мақбулу ширинро иқтибос намоям... Бароям чунин менамояд, ки намунае аз онҳоро ба сифати нашри накҳати фазли ӯ, бозгӯи рӯҳи боризаш ва эъҷоб аз қалби ошиқаш матраҳ созам” [4, с.225].

Назми Абевардӣ фарогири мавзӯоти маъмулии шеъри арабӣ, аз қабили мадҳ, васф, фахр, рисо, шиква ва монанди он мебошад. Мавзӯи мадҳ дар эҷодиёти Абевардӣ нақши муҳим дошта, бештари он дар маноқиби бузургони давр иншо гардидааст.

Абевардӣ аз устодони барҷастаи мадҳ буда, бо сабки матину устувор, маъниҳои рақиқу латиф, табъи зарифу баёни фасеҳ миёни ҳамзамононаш мумтоз гардида буд. Воқеан ҳам, шоир бо ҳусни эътиқоди худ дӯстдори Паёмбари ислом (с) ва хонаводаи шарофатманди ӯ будааст. Аз ин лиҳоз, бо ихлосу иродатмандии тамом ба омӯзишу ривояти ҳадисҳои Расулуллоҳ пардохтааст. Бар мабнои ахбори масодири муътабар Абевардӣ аз муҳаддисони номвари замони худ маҳсуб ёфта, аҳодиси зиёдеро ривоят кардааст. Дар навбати худ аз ӯ бисёре аз ҳофизони боэътимод ривоят кардаанд, ки таҷассумгари манзалати волои ӯ дар миёни муҳаддисони замонаш дониста мешавад. Нуктаи мазкурро Ибни Халликон, Ёқути Ҳамавӣ ва дигарон тасдиқ кардаанд [2, 4, 446; 3, 5, 2360-2362].

Дар робита ба ин, муҳаббату иродатмандии қавии шоир ба дини мубини ислом дар қасидаи ломияе, ки ба Паёмбари ислом (с) бахшидааст, хеле равшан ба мушоҳида мерасад.

Дар абёти зерин талмеҳ аз хулафои Рошидин ва сифоти пайғамбар равшан ба мушоҳида мерасад:

وكلّ صحبك أهوى فالهدى معهم وغَرب من أبغض الأخيار مفلول
وأقتدى بضجيعيك اقتداء أبى كلاهما دَمُ مَن عاداه مطلول
ومن كعثمان جوداً والسماح له عبء على كاهل العلياء محمول
وأين مثل علىّ فى سالته بمأزق من يّرِدْه فهو مقتول
إني لأعذل من لم يُصِفهم مِقة والناس صنفان: معذور ومعذول

Ман дӯстдори ҳамаи ёрони туам, зеро ҳидоят бо онҳо мебошад. Дурӣ ҷустан аз касоне, ки нисбати хубон бугзу адоват доранд, шикаст аст.

Ман аз ду пайравони ту мисли падар пайравӣ дорам. Ҳар ду, ки ҳар нафаре бар душмании онҳо бархест, хунаш рехта бошад.

Касе дар мурувват мисли Усмон нест, ки ҳамеша саховатро дар китфи баланд медорад.

Кист, ки ҳангоми тангӣ дар диловарӣ ба сони Алӣ бошад, ҳар кӣ вориди он (тангӣ) гардад, албатта, ҳалок хоҳад шуд.

Ман ҳароина бо касе, ки ононро бо муҳаббати том васф наменамояд душманӣ меварзам, зеро мардум ду тоифаанд: дӯстдорон ва душманон.

Пас, ҳар кас онҳоро дӯст дорад, ба сабаби онҳо наҷот хоҳад ёфт ва ҳар кас аз муҳаббати онҳо рӯй печид, шамшер барояш болост [4, с.222].

Аз ин хотир аст, ки шоир ба хонадони Аббосиён муҳаббати самимӣ доштаву онҳоро дар ашъораш пайваста сутудааст. Ҳарчанд Абӯ Музаффари Абевардӣ аз умавӣ будани худ ифтихор мекарду хотири аҷдодони арабашро гиромӣ медошт, аммо бо ин ҳама, ихлосмандии ӯ нисбати хонадони Аббосиён камтар аз он набуд. Ӯ кулли намояндагони хонадони Аббосиро бо зикри маҳосини аъмолашон мадҳ намудаву ҳамчун ҷойнишини Паёмбари ислом (с) ҷойгоҳи волояшонро таъкид доштааст. Аз ҷумлаи мамдӯҳони Абевардӣ аз миёни халифаҳои Аббосӣ Муқтадӣ Биамриллоҳ (467-487 ҳ.) ва писари ӯ Мустазҳир Биллоҳ (487/1095-512/1119) маҳсуб меёбанд. Дар иртибот ба ин масъала пажӯҳишгари муосир Фотеҳнажоди Иноятуллоҳ чунин изҳори назар кардааст: “Бештари мадҳияҳои Абевардӣ ба Муқтадӣ ихтисос дода шудааст, ки дар умум ба 11 қасида ва 436 байт мерасад. Дар мадҳи Мустазҳир низ 5 қасида, ки фарогири 211 байт мебошад, сурудааст” [6, 6, 476-480].

Дар абёти зайл аз қасидаи мадҳии шоир ба ифтихори халифа Мустазҳир Биллоҳ ин нукта хеле барҷаста ба зуҳур омадааст:

يا خير من بشرت بعد النبى به عدنانُ وادَّرعت عِزًّا به مضر
أحيا بك بالله ما كانت تُدلُّ به عُلى قريش ومنها السادة الغرر
لك الوقار من الصدِّيق تكنفه مهابةٌ كان محبًّوا بها عمر
وجود عثمان والآفاق شاحبة ونجدة من علىٍّ والقنا كِسر
وعِلمُ جدك عبد الله شِيب به دهاؤه أعيا الوارد الصدر

Эй беҳтарин шахсе, ки барои Аднон пас аз Пайғамбар ба омадани ӯ башорат додааанд. Нафаре, ки Музар ӯро ҷавшани худ намуда, арҷманд гардидааст.

Худованд ба василаи ту ҳамонеро эҳё намуд, ки табақаи аз ҳама олии қабилаи Қурайш аз он ифтихор меварзад. Ҳамон қабилае, ки тамоми пешвою бузургон аз онҳо бархостааст.

Туро виқоре зи Сиддиқ ҳаст, ки ҳайбати худододи Умар онро ҳамроҳӣ менамояд.

Ва саховати Усмон дар ҳолати қаҳтии офоқ ва ёварие аз Алӣ ҳангоме, ки мардум афтодаҳоланд.

Ва дониши бобоят Абдуллоҳ, ки зиракиву ҳушёриаш ҳангоми оҷиз афтодани халифа ӯро бузургвор гардонид [4, с.285].

Бино бар маълумоти муҳаққиқони эҷодиёти Абевардӣ вазири соҳибфазилати Салҷуқӣ Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ низ аз нахустин мамдӯҳони шоир будааст, ки дар қалби ӯ ҷойгоҳи хосро соҳиб гаштааст. Аз ин ҷост, ки дар маҷмӯъ Абевардӣ барояш чаҳор мадҳия сароидааст. Афзун бар ин, фарзандони Низомулмулк–Муаййадулмулк, Иззулмулк, Зиёулмулк ва султони Салҷуқӣ Маликшоҳ писараш Муҳаммад дар шумори мамдӯҳони дигари Абӯ Музаффари Абевардӣ қарор гирифтаанд.

Қобили тазаккур аст, ки Абевардӣ ҳамеша ҳақиқатгӯву ҳақиқатҷӯ, такягоҳи дӯстон, бадбини риёкориву нифоқи сиёсӣ буд. Ӯ мардумро аз рӯйи эътиқоди худ ба самимияту поквиҷдонӣ, хислатҳои шоистаи инсони комил ҳидоят мекард. Аммо, мутаассифона, дар ҳаёти худ шоир ба бисёр риёкориву ваъдахилофиҳои атрофиён рӯ ба рӯ шуда, аз ин изҳори нигаронӣ мекард.

Бисёр нафароне буданд, ки дар зиндагӣ қадру бузургӣ ва поктинативу самимияти ӯро қадр накарда, ба ӯ мукофоти бад медоданд. Ҳамзамон бо рафторҳои норавои худ ба ӯ монеа эҷод мекарданду нуқтаи заъфашро фаҳмида, мавриди таъна қарор медоданд. Ба

дарки маънии муносибати онҳо Абевардӣ баъди таҷрибаҳои зиёде боварӣ ҳосил кард. Аз ошкор гардидани ин нукта дилаш маҷрӯҳ, орзуҳояш барбод ва умедҳояш канда шуданд.

Аммо новобаста ба ҳамаи ин муносибатҳои риёкоронаи душманонаш Абевардӣ дар илму маорифи замони худ ҷойгоҳи волоеро соҳиб гардида буд, ки ин муҳассанот на ба ҳар донишманд даст медод. Дар робита ба масъалаи мазкур Ёқути Ҳамавӣ чунин изҳори назар кардааст: “Новобаста ба ҳамаи он шикоятҳое, ки Абевардӣ дар ашъори хеш аз замона кардааст, ӯ дар назди султонҳои Хуросон ва вазирони онҳо, хулафои Аббосӣ ва амирони онҳо манзалати бузургеро ҳосил намудааст, ки ин шоистагӣ ба Мутанаббӣ ва Ибни Ҳонӣ низ ба ин андоза муяссар нагаштааст” [3, 5, 2374].

Бар мабнои нигоштаҳои бархе аз муҳаққиқони муосир дар шеваи сурудаҳои Абевардӣ таъсири сабки баёни шоири маъруфи араб Абутайииби Мутаннабӣ хеле барҷаста ба зуҳур омадааст. Аз ҷумла, пажӯҳишгари араб Абдулваҳҳоб Аззом эҷодиёти ин ду шоири фарҳехтаро ба риштаи қиёс кашидаву Мутанаббиро шоири воқеии араб дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ (ёздаҳуми мелодӣ) ва Абевардиро шоири ҳақиқии араб дар садаи панҷуми ҳиҷрӣ (дувоздаҳуми мелодӣ) муаррифӣ кардааст. Донишманди мавсуф тафовути онҳоро дар майлу рағбати бештари Абӯ Музаффари Абевардӣ ба султонҳои замон маънидод кардааст. Илова бар ин, афзудааст, ки ҳар дуи ин шоирон бо ахлоқи ҳамидаи худ ва нафраташон ба амалҳои ношоиста, аз қабили рағбат ба маю шароб ва айшу ишрат, ки моияи ифтихори соири шуарои аҳдашон буд, маъруф мебошанд [5, с.6-10].

Бояд зикр намуд, ки дар ашъори Абӯ Музаффари Абевардӣ шикваҳои мухталиф, аз қабили изҳори норизогӣ аз замона, ифодаи ғаму андуҳ аз фироқи ёр, шикоят аз шароити иҷтимоӣ ва бевафогии дӯст дар тиҳидастӣ ба мушоҳида мерасад. Шоир шикваро ҳамчун василаи хеле муассир ба кор бурда, тавассути он тавонистааст муҳаббати хоссу оммро ба даст оварад. Шоистаи таъкид аст, ки ашъори шикоятӣ шеваву услуби шоирро инъикос карда, аз маҳорату малакаи беҳамтои ӯ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин он барои муайян намудани хислатҳои шоир ва шахсияти ӯ ҳамчун манбаи боэътимод хидмат менамояд.

Эҳсосоти қалби саршор аз алам, шикоят аз зулму бераҳмии замон дар байтҳои зерини шоир равшан ифода шудааст [4, с.236]:

أَعِزُّ وَأَحْداثُ الزَّمانِ تَهُونُ تَنَكَّرَ لي دَهْري وَلَمْ يَدْرِ أَنَّني
وَبِتُّ أُرِيهِ الصَّبْرَ كَيْفَ يَكونُ فَظَلَّ يُريني الخَطْبَ كَيْفَ اعْتِداؤهُ

Дунё ба ман рӯйи хуш нишон надод, вале надонист, ки ман аз он болотарам ва ҳаводиси рӯзгор дар назарам ҳеҷ аст.

Дунё ҳамеша ба ман душманӣ ва мусибат нишон медиҳад, ки он чӣ душманӣ ва мусибатест! Ман ҳам ба ӯ ҳамеша нишон медиҳам, ки он чӣ шикебӣ ва сабрест [4, с.365].

Дар байтҳои мазкур иродаи қавии шоир дар муборизаи ӯ алайҳи ноадолатиҳо, ноумедиҳои даҳр ва ифтихори ӯ аз сабру таҳаммули худ, ки дар натиҷаи он бар мушкилот ғолиб баромад, инъикос гардидааст:

أَرومُ العُلا وَالدَّهْرُ يُزجي خُطوبَهُ إِلَيَّ بِإِحْدى المُعْضِلاتِ القَواصِمِ
وَتَصْحَبُني سَمْراءُ ظَمْأى لَدى الوَغى وَأُعْرِضُ عَنْ بيضاءَ رَيّا المَعاصِمِ
وَمَنْ طَلَبَ العَلْياءَ لَمْ يَخَفِ الرَّدى فَمِنْ دونِ ما يَبْغيهِ حَزُّ الغَلاصِمِ

Ман дар талаби мақоми баланд ҳастам ва рӯзгор бошад, гирудорҳои сангини худро бо роҳи ноҳамвору гузарнопазир самти ман меандозад.

Ҳангоми разм сиёҳпӯсти ташналаб маро ҳамроҳӣ менамояд ва ман зи сафедпӯсти дастгафс рӯй метобам.

Касе, ки талабгори мақоми баланд аст, аз марг намеҳаросад, зеро то расидани мақсуд қатъи ҳалқум аст [1, с.328].

Илова бар ин, дар осори шоир шикоят аз фироқ бо дилдода, изҳори андуҳ ва ҳасрат аз лаҳзаҳои видоъ бо ӯ бо маҳорати хос ба риштаи назм кашида шудааст. Чунончи, дар абёти зерин ҳамин маънӣ хеле барҷаста тасвир ёфтааст:

مَنِ الرَّكْبُ يا بْنَ العامِريِّ أمامي أَهُمْ سِرُّ صُبْحٍ في ضَميرِ ظَلامِ
يُشَيِّعُهُمْ قَلْبُ المَشوقِ وربَّما يُقادُ إلى ما ساءَهُ بزِمامِ
وقدْ بَخِلَتْ سُعْدى فلا الطَّيْفُ طارِقٌ وليسَ بمَرْدودٍ إليّ سَلامي
منَ الهيفِ تَستَعدي على لَحْظِها المَها وتَسلُبُ خُوطَ البانِ حُسْنَ قَوامِ
وكمْ ظَمَأٍ تحتَ الضّلوعِ أُجِنُّهُ إلى رَشَفاتٍ من وَراءِ لِثامِ
وما ذُقْتُ فاهَا غيرَ أنّي مُكَرِّرٌ أحاديثَ يَرْوِيها فُروعُ بَشامِ
هَوىً حالَ صَرْفُ الدّهْرِ بيني وبَيْنَهُ أَقُدُّ لهُ الأنْفاسَ وهْيَ دَوامِ
وغادَرَني نِضْوَ الهُمومِ يُثيرُها غِناءُ حَمامٍ أو بُكاءُ غَمامِ

Эй фарзанди омирӣ, ин қавм дар пешорӯи ман кист? Оё онҳо сирри саҳарӣ дар замири шабистонанд?!

Қалби дӯстдоранда бо онҳо видоъ мекунад ва басо мешавад, шояд ӯ бо зимоме ба ҷое, ки барояш нохушоянд ҳаст, бурда мешавад.

Суъдо бухл варзид, пас на шабаҳе дарро мекӯбаду на саломам ба ман баргардонида мешавад (Яъне, ҳангоми фироқ ҳам ӯро комилан аз худ маҳрум сохта, акнун на дар хобаш меояду на дар бедорӣ).

Он оҳу барои ҳусни чашмаш аз боди гарм ёрӣ меҷӯяд ва ҳусни қомати шохи бонро мерабояд.

Чӣ андар ташнагиҳои бешумор дар зери қафаси сина қарор дорад, ки ман онро аз қатраҳои обе, ки ҳамчун тир аз паси ниқоб меояд, сипар месозам.

Ман ҳаргиз зи даҳони ӯ ҳарфе нашнидаам, вале суханонеро, ки шохи дарахти баласон ривоят кардааст, такрор менамоям.

Ишқе, ки гардиши рӯзгор ману ӯро аз ҳам ҷудо сохт. Ман нафасҳои худ барои он (ишқ) канда мекунам, ҳол он ки он нафасҳо идома меёбад.

Маро дар ҳоли логарӣ аз анбуҳи андуҳ тарк гуфт, ки он (гаму андуҳҳо) аз нагмаи кабӯтарон ва гиряи абрҳо ангехта мешавад [1, с.169; 4, с.349].

Шикоят аз ҳосидон низ дар ашъори Абевардӣ хеле возеҳ инъикос гардидааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи илмиву адабӣ низ шахсиятҳое буданд, ки аз рӯйи рашку ҳасад ба дарёи бекарони илму маърифати Абевардӣ кинаварзӣ намуда, аз пасаш ӯро сиёҳ мекарданд. Фузун бар ин, аз рӯйи бадбиниву бадандешӣ пеши султонҳои замон ӯро бадном мекарданд, ки боиси малулии хотири шоир мегардид. Дар шеъри зайл нуктаи мазкур хеле барҷаста ба силки тасвир кашида шудааст:

رَغِمَ الأَراذِلُ إذْ وَرِثْنا سُؤْدَداً عَوْداً له أَثَرٌ عَلَيْنا بَيِّنُ
وَتَيَقَّنُوا أَنِّي إذا اشْتَجَرَ القَنا خَشِنٌ وَعِطْفِي في السَّماحَةِ لَيِّنُ
وَإذا هُمُ رَغِمُوا وَقَدْ بَسَطَ العُلا باعي فَذاكَ لَدَيَّ رَغْمٌ هَيِّن

Фурӯмоягон ба хок яксон гарданд, ки ҳоло сарвариро ба мерос гирифтаем. Бигзор, ки бозгардад, зеро таъсири он бар мо назаррас мебошад.

Яқин донед, ки ман ҳангоми омехта гардидани халқ (вақти разм) дуруштам ва майлу рагбатам дар саховат ҳувайдост.

Чун зиндгонии онҳо дар рафоҳият бошад, баландии манзалат дасти маро дароз кардаст, ки ин дар назди ман маҳзи хорию залилӣ мебошад [1, с.354-359].

Дар порчаи фавқуззикр шоир аз манзалати бадхоҳонаш, ки дар вуҷудашон оташи нафрат, буғзу адоват аланга мезанад, бо фахр ва ҳавобаландӣ сухан мекунад. Аз нигоҳи аввал дар ин мисраъҳо осоре аз шиква ба назар намерасад, лекин таҳқиқи мӯшикофонаи шеър исбот месозад, ки муаллифи он аз пастфитратӣ ва тинати нопоки ҳасудхӯрон шикоят мекунад.

Дар пайгирӣ аз андешаҳои фавқуззикр ҳамин нуктаро бояд афзуд, ки воқеан ҳам, Абевардӣ бо фарҳанги баланд ва ҳусни одоб миёни ҳамзамононаш мумтоз гардида буд. Тасбити гуфтаҳои болоро дар абёти зерини Абевардӣ пайдо кардан мумкин аст:

وإني إذا أنكرتني البلاد وشِيبَ رضا أهلها بالغضب
لكالضيغم الورد كاد الهوان يَدبّ إلى غابه فاغْترَبَ
فشيدتُ مجداً رسا أصله أمتّ إليه بأمٍّ وأب
ولم أنظم الشِّعر عجباً به ولم أمتدح أحداً عن أرب
ولا هزني طمعٌ للقريض ولكنه ترجمان الأدب

Ман ҳарчанд кишварҳо инкорам намояд ва тамоми аҳли он нисбати ман комилан дар газаб бошанд,

Ҳароина чун шери даррандае мебошам, ки хорию сустӣ ба бешаи ӯ бегона гардидааст.

Ман бузургиеро бунён гузоштам, ки решаи он устувор аст. Ту бо модар ва падар ба он хоҳӣ расид.

Ман шеърро на аз баҳри кибру гурур ва худбинӣ ба назм даровардаам ва на касеро баҳри ниёзи худ сутудаам.

Ва на озмандӣ ба шеър маро ба ҷунбиш андохта, вале он тарҷумони адаб аст [4, с.236].

Бо натиҷагирӣ аз масъалаи мавриди назар ҳамин нуктаро бояд таъкид дошт, ки воқеан ҳам мавзӯъҳои мадҳу шиква дар эҷодиёти Абӯ Музаффари Абевардӣ ҷойгоҳи вижа дошта, арзишу аҳаммияти ашъори шоирро таъйин менамояд. Сарчашмаи ҳамаи мадҳияҳо ва шикваҳои шоир, қабл аз ҳама, ахлоқи ҳамида ва сиришти поки маънавии шоир мебошад. Аз ин хотир, дар ҳамаи қасоиди ӯ самимияти саршор аз муҳаббат нисбат ба аҳли замон ва инсондӯстӣ равшан ба зуҳур омадааст. Дар робита ба ин, Абевардӣ бо сабку шеваи баёни нотакрори худ дар адабиёти арабизабони форсу тоҷики аҳди Салҷуқиён ҷойгоҳи баландеро соҳиб гардидаву ба таҳаввули минбаъдаи назми арабизабон нақши бориз гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бейлис В.М. Из наблюдений над текстом Масъуда ибн Намдара, II. Стихи и афоризмы Масъуда ибн Намдара / В.М. Бейлис // Письменные памятники востока. – М.: Наука, 1974. - №2. - С. 101-116.

2. الأبيوردى، أبو المظفر. ديوان أبي المظفر الأبيوردى. تحقيق و دراسة عمر محمد عبد الكريم الاسعد. القاهرة، الآداب، 1973-545 ص.
3. إبن خلكان، أبو العباس شمس الدين أحمد بن محمد . وفيات الاعيان فى انباء ابناء الزمان. حققه الدكتور إحسان عباس. دار صادر-بيروت-لبنان. عدد المجلدات 8، المجلد 1-493 ص.، المجلد 2-557 ص.، المجلد 3-524 ص.، المجلد 4-490 ص.، المجلد الخامس-439 ص.
4. الاصفهانى، عماد الدين الكاتب. خريدة القصر و جريدة العصر فى ذكر فضلاء أهل خراسان و هراة. تقديم و تحقيق الدكتور عدنان محمد آل طعمة. تهران- دفتر نشر ميراث مكتوب، آينهء ميراث (مرآة التراث)،1419/ 1999-406 ص.
5. الأسعد، عمر محمد. المتنبي الصغير.مجلة جامعة الملك عبد العزيز-جدة-1978- №2 -116-101-ص
6. رضا زاده، شفق. تأريخ ادبيات ايران. بهمن، انتشارات دانشكاه بهلوي 1352-648 ص
7. حقي، ممدوح. الأبيوردي ممثل العصر الخامس في برلمان فكر العربي-دمشق-دار اليقظة العربية للتأليف و الترجمة و النشر، 1974-309ص
8. الحموى، شهاب الدين ابى عبد الله ياقوت . معجم الادباء – ارشاد الاريب فى معرفة الاديب .تحقيق إحسان عباس. دار الغرب الإسلامي- بيروت-لبنان، الطبعة الأولى 1993/1414. عدد الاجزاء-7-3541 ص.

9. عزام، عبد الوهاب. أبو المظفر الأبيوردي شاعر العرب في القرن الخامس. مجلة الرسالة. العدد 419، 14.07.1941 م. ص. 6-10
10. فاتح نژاد عنايت الله . الابيوردى. دائرة المعارف بزرگ اسلامى. مركز دائرة المعارف بزرگ اسلامى . زير نظر سيد محمد كاظم موسوي . ايران، 1373 چاپ اول، جلد 6-752 ص. ص.476-480

БОЗТОБИ МАВЗӮОТИ МАДҲУ ШИКВА ДАР ЭҶОДИЁТИ АБӮ МУЗАФФАРИ АБЕВАРДӢ

Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки мухтассоти мадҳу шиква дар эҷодиёти Абӯмузаффари Абевардӣ мавриди омӯзишу бозгӯӣ қарор дода шавад. Дар мақола зимни баррасии мавзӯъ ахбори масодири муҳтабар, яъне тазкираҳои Имоди Котиби Исфаҳонӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Салоҳуддини Сафадӣ ва андешаҳои муҳаққиқони муосир, аз қабили Фотеҳнажод Иноятуллоҳ, Абдулваҳҳоб Аззом ва дигарон вобаста ба мавзӯи баҳс ба кор гирифта шудааст. Ҳамзамон намунаҳо аз мадҳияҳо ва ашъори шикоятии ин шоири забардаст иқтибос гардидаву мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Маълумоти пуразриш перомуни бисёр лаҳзаҳои ҳаёту фаъолияти эҷодии шоир ва ҳамзамононаш - султонҳову амирон, ҳомиёни илму адабиёт фароҳам омадааст. Муайян гардидааст, ки вазири соҳибфазилати Салҷуқӣ – Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ аз нахустин мамдӯҳони шоир буда, дар қалби ӯ ҷойгоҳи хосро соҳиб гаштааст. Халифаҳои Аббосӣ Муқтадӣ Биамриллоҳ ва писари ӯ Мустазҳир Биллоҳ низ аз ҷумлаи мамдӯҳони Абумузаффари Абевардӣ маҳсуб меёбанд. Дар ашъори Абумузаффари Абевардӣ шикваҳои мухталиф, аз қабили изҳори норизогӣ аз замона, ифодаи ғаму андуҳ аз фироқи ёр, шикоят аз шароити иҷтимоӣ ва бевафогии дӯст дар тиҳидастӣ ба мушоҳида мерасад. Шоир шикваро ҳамчун василаи хеле муассир ба кор бурда, тавассути он тавонистааст муҳаббати хоссу оммро ба даст оварад. Абумузаффари Абевардӣ ба туфайли фарҳанги баланд ва ҳусни одоб миёни ҳамзамононаш мумтоз гардида буд. Бо такя ба сарчашмаҳои муътамад ва таҳқиқоти пажӯҳишгарони муосир хулоса карда мешавад, ки воқеан ҳам, мавзӯъҳои мадҳу шиква дар эҷодиёти Абумузаффари Абевардӣ ҷойгоҳи вижа дошта, арзишу аҳаммияти ашъори шоирро таъйин менамояд. Афзун бар ин, ашъори шоир шаҳодати боризи сабки нотакрору ҳунари баланди шеърсароӣ ва ахлоқи оливу инсондӯстии ӯст.

Калимаҳои калидӣ: Абумузаффари Абевардӣ, Имоди Котиби Исфаҳонӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Салоҳуддини Сафадӣ, Фотеҳнажод Иноятуллоҳ, Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, Абдулваҳҳоб Аззом, Муқтадӣ Биамриллоҳ, Мустазҳир Биллоҳ, Маликшоҳи Салҷуқӣ, мадҳ, шиква, мамдӯҳ.

ОЛИЦЕТВОРЕНИЕ ПАНЕГИРИКОВ И ЭЛЕГИЙ В ТВОРЧЕСТВЕ АБУ МУЗАФФАРА АЛ-АБЕВАРДИ

В данной статье предпринята попытка освещения и отражения особенностей панегириков и элегий в творчестве Абумузаффара Абеварди. При рассмотрении темы использована информация достоверных источников, антологий Имада Катиба Исфахани, Якута Хамави, Салахуддина Сафади и размышления современных исследователей, таких как Фатехнажад Инаятулла, Абдульваххаб Аззам и др., относительно данной проблемы. Также цитированы и анализированы примеры панегириков и элегий поэта, которые содержат ценную информацию о многих обстоятельствах жизни и деятельности поэта, его современников – султанов и эмиров, покровителей науки и литературы. Выявлено, что дальновидный визирь Сельджуков Ходжа Низамульмульк аль-Туси являлся одним из первых мамдухов поэта и занимал особое место в его жизни. Аббасидские халифы аль-Муктади Биамриллах и аль-Мустазхир Биллах, также входили в число восхваляемых поэтом персон. Подчёркивается, что в стихотворениях Абумузаффара Абеварди наблюдаются элегии на различные темы, такие как недовольство временем, выражение печали и грусти от разлуки с любимой, сетование на социальные условия и вероломство друзей во время нужды. Поэт используя элегию в качестве влиятельного средства, смог обрести всенародную любовь. Абумузаффар Абеварди выделялся среди своих современников высоким уровнем культуры и нравственностью. Опираясь на достоверные источники и современные исследования, автор приходит к выводу, что упомянутые темы имеют особое место в творчестве Абумузаффара Абеварди и определяют значение, важность его поэзии. Они служат ярким доказательством несравненного стиля и мастерства поэта, его нравственности и гуманизма.

Ключевые слова: Абумузаффар Абеварди, Имад Катиб аль-Исфахани, Якут аль-Хамави, Салахуддин Сафади, Фатехнажад Инаятулла, Ходжа Низомульмульк ал-Туси, Абдульваххаб Аззам, аль-Муктади Биамриллах, аль-Мустазхир Биллах, Маликшах ал-Сельджуки, панегирик, элегия, мамдух.

SIGNIFICANCE OF PANEGYRICS AND ELEGIES IN ABUMUZAFFAR Al-ABIWARDI'S CREATIVE PRODUCTIONS

The author of the article endeavors to reflect the development of the Arabic Persian-Tajik Literature on the basis of Abumuzaffar al-Abiwardi's creative productions. The information of the reliable sources, such as the anthologies of Imad Katib Isfahani, Yaqut Hamawi, Salahuddin Safadi and the works of the modern researchers, like Fotehnazhod Inoyatullah, Abdulvahhob Azzom related to the issue were used during the investigation. The poet's panegyrics examples containing valuable information on the merits of his contemporaries – sultans and emirs, the patrons of science and literature are adduced here. It is ascertained that the farsighted vizier of the Seljuks Khoja Nizamulmulk was one of the first mamduhs of the poet and occupied special position in the poet's life. Abbasid Caliphs Muqtadi Biamrillah and his son Mustazhir were in the range of the figures eulogized by the poet. It is underlined that the elegies on various subjects, such as discontent with the epoch, expression of grief at separation from beloved, lamentations on social conditions and treachery of friends can be

observed in the poetry of Abumuzaffar al-Abiwardi. The poet employed elegy as an effective means and acquired general recognition. Relying on the authentic resources and modern explorations the author arrives at conclusion that the relevant genres serve as plain testimonies of incomparable style and skill, morality and humanism of the poet.
Key words: Abumuzaffar Abevardi, Imad Katib Isfahani, Yaqut Hamavi, Salahuddin Safadi, Fotehnazhod Inoyatullah, Khoja Nizamulmulk, Abdulvahhob Azzom, Mustazhir, Malikshah Seljuqi, panegyric, elegy, mamduh.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ризоева Парвина*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, омӯзгори кафедраи забони англисӣ, унвонҷӯйи кафедраи филологияи араб. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. E-mail: prizoeva@mail.ru. Тел.: **(+992) 93-101-31-41**

Сведения об авторе: ***Ризоева Парвина*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, преподаватель кафедры английского языка, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова, 1. E-mail: prizoeva@mail.ru. Тел.: **(+992) 93-101-31-44**

Information about the author*: Rizoeva Parvina* – Khujand State University named after academician B. Gafurov, Lecturer of the English Language Department, Applicant at the Department of Arabic Philology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave., 1. E-mail: **prizoeva@mail.ru**. Tel.: **(+992) 93-101-31-44**

УДК: 491.5

ТАНОСУБИ МАЪНОИИ ВОЖАИ “ЧАШМ” ДАР “ТУҲФАТ-УС-СИҒАР”-И ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Ярашов Ш.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Амир Хусрави Деҳлавӣ бузургтарин шоири форсигӯи муҳити адабии Ҳинд аст, ки бо ашъори дилангези хеш дар рушду нумуи адабиёти килассикии форсу тоҷик саҳми арзандае гузоштааст. Яке аз муҳаққиқони эҷодиёташ А.Кримский: “ғазалиёти Амир Хусравро беҳтарин ғазалиёти то давраи Ҳофиз медонад” [6, с.17]. Муҳаққиқи дигари осораш шарқшиноси бузурги англис Эдуард Браун дар китоби “Таърихи адабии форс” менигорад, ки: “агар дар таърихи адабиёти Эрон номи Амир Хусрави Деҳлавиро зикр накунем, ин монанди он аст, ки дар як китоби таърихи адабиёти ҷадиди англисӣ номи Волт Витмани амрикоиро ҳазаф намоем” [6, с.7]. Аз ин ҷост, ки Хусрави Деҳлавӣ дар ғазалгӯӣ аз Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ камӣ надошта, ба мисли Волт Витман шуҳрати умумибашарӣ дорад.

Мо тасмим гирифтем, ки ин ҷо танҳо перомуни таносуби маъноҳои аслӣ ва ғайриаслии вожаи “чашм” дар девони ғазалиёти “Туҳфат-ус-сиғар”-и Амир Хусрав ибрози ақида намоем ва сайри таърихии маъноҳои он вожаро дар фарҳангҳо ба сомон расонем.

Дар тамоми 132 ғазале, ки дар ин девони шоир фароҳам оварда шудаанд, вожаи “чашм” ҳам ба сифати калимаи оддии гуфтугӯӣ ва ҳам ҳамчун тимсоли бадеӣ ба маъноҳои мухталифи лексикӣ-аслӣ, маҷозӣ, ирфонӣ-тасаввуфӣ ва семантикӣ корбаст гардидааст. Дар шакли “чашм” 68 маротиба, дар қолаби “чашмам” 12 маротиба, бо сохтори “чашмат” 5 маротиба ва бо бандакҷонишини соҳибии “чашмаш” 1 маротиба ба назар мерасад, ки ҳамагӣ 86 маротиба истифода шудани ин калимаро далолат мекунад. Он баъзан дар ҳолатҳои ҷудогона дар алоҳидагӣ маъно касб намуда, дар мавридҳои дигар бевосита бо калима ва ибораҳои услубан ба худ наздик ва ҳамоҳанг таносуби маъноӣ касб намуда, мақсад, дархост, ғоя ва ақидаҳои пешқадами шоирро ифода намудааст. Аз ҷумла: “чашми бадомӯз”, “моҷаро чашм”, “хонаи чашм”, “чашми хубон”, “чашми наргис”, “чашми бад”, “чашми хунгирифта”, “чашми бемор”, “чашми захмӣ”, “чашми маст”, “чашми Хусрав”, “чашми хуршед”, “мардуми чашм”, “чашми тӯфонзо”, “чашми бедор”, “чашми хеш”, “чашми бад”, “чашми мардум”, “ашки чашм”, “чашми ризо”, “чашми танг”, “гиряи чашм” [3, с.1-130] ва амсоли инҳо.

Дар луғати “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсиддин вожаи “чашм **چشم** ” маънои “маъруф; ва киноя аз қабули маъсул; ва ба маънои умед ва таваккӯъ; ва чашми захм; ва донаи сиёҳ, ки онро чоксӯ гӯянд” омадааст [5, с.260].

Дар китоби “Бурҳони қотеъ”-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон вожаи мазкур чунин ташреҳ шудааст; “чашм **چشم** - бар вазни пашм; маъруф аст, ки арабҳо аъйн гӯянд; ва донаи сиёҳе бошад лаҳзанда, ки онро дар доруҳои чашм ба кор баранд...” [7, с.345].

Истилоҳи “чашм” дар луғати “Фарҳанги осори Ҷомӣ”-и Амон Нуров нисбат ба дигар фарҳангҳо ба таври муфассалтар шарҳу эзоҳ гардидааст: “чашм **چشم** -1. яке аз узвҳои бадани инсон ва ҷонварон, ки ба воситаи он мебинанд, узви биниш, дида, айн; 2. назар, нигоҳ; 3. рӯ ба рӯ, назд, пеш” [1, с.303].

Дар китоби Е.Э. Бертельс “Суфизм и суфийская литература” калимаи “чашм چشم - сифати басариро гӯянд, ки мутааллиқ ба тамоми аҳволи солик аз хайру шарр ва муроқиби ҷониби ӯ дар нафъу зарр (фоидаву зарар) бошад ба навъе, ки чизе аз ӯ ғоиб нашавад” [2, с.22].

Тимсоли бадеии «чашм» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба тариқи зайл маънидод карда шудааст: «чашм چشم 1. яке аз узвҳои бадани инсон ва ҳайвон, ки дар сар қарор гирифтааст ва барои дидани чизҳо хизмат мекунад, узви биниш, дида; 2. назар, нигоҳ; 3. маҷ. умед, таваккӯъ; 4. чашмзахм, чашми бад, озор ва нуқсоне, ки гӯё аз асари назари бад ба касе ё чизе мегузарад» [8, с.530-531]. Ба ғайр аз ин, барои амиқтар ва дақиқтар шарҳ додани маъноҳои лексикӣ ва семантики вожаи «чашм» дар луғати мазкур зиёда аз 110-то таркиб ва ибораҳои ба воситаи ин истилоҳ сохташуда бо мисолҳо маънидод карда шудаанд [8, с.530-535], ки ин нишонаи чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар забони адабӣ, хосса забони адабиёти классикӣ ҳамчун калимаи серистеъмол ва фаъол корбаст гардидани вожаи мазкур аст. Аз ин лиҳоз, дар абёти Хусрави Деҳлавӣ низ ба дараҷаи кофӣ ва хеле зиёд бо тобишҳои маъноии мухталиф истифода гардидани ин вожаро мушоҳида менамоем. Айнан дар ҳамин фарҳанг барои шарҳу тавзеҳи маъноҳои тимсоли бадеии «чашм» аз эҷодиёти Хусрав шаш байт ҳамчун мисол оварда шудааст.

Вожаи «чашм» дар фарҳангҳои болоӣ бо калимаҳои «дида», «наргис», «басар», «назар» “айн” ва «чашмак» ба таври синоним оварда мешавад. Дар ин хусус олими забоншиноси тоҷик М.Муҳаммадиев чунин менигорад: «Ин калимаҳо дар ифодаи органи биноӣ синоним мешаванд. Баъзеашон аз ҷиҳати мавқеъ ва андозаи истеъмол ва тобишҳои иловагии маъноӣ аз синонимҳои дигар фарқ мекунанд» [4, с.229-230]. Дуруст аст, агарчи онҳо ҳамчун узви танаи инсон ва ё ҳайвон ба ҳамдигар синоним ҳастанд, аммо дар айни ҳол бо баъзе тобишоти маъноӣ аз ҳам тафовути куллӣ доранд. Калимаи «чашмак» ба истифодаи маънои «шакли хурдӣ ва навозиши чашм» оварда шудааст, ки маънои чашми хурдро ифода кардааст. Вожаи «дида» бошад, ҳамчун ифодагари маъно ва мазмунҳои гуногун корбаст гардида, яке аз маъноҳои он айнан «чашм» аст [8, с.366]. Қобили қайд аст, ки нисбат ба дигар вариантҳои синонимӣ вожаи «дида» дар осори шоир ҳамчун шакли синонимии истилоҳи бадеии «чашм» бештар корбаст гардидааст.

Бояд гуфт, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ истилоҳи фавқуззикрро дар гуфтаҳояш бо услуби умуман тозаву хосси худ, бо тарзи маъноофарии хосса ва бо нигориши наву мазмунсозии ғайрианъанавӣ мавриди истифода қарор додааст. Аз ин лиҳоз, ӯ калимаи мазкурро танҳо ба як маъно ба кор набурда, балки дар ҳар маврид тавассути он ягон образ ва тимсоли бадеӣ ва ё ягон падидаи тозаву нави шоирона офаридааст, ки ин боиси ба дараҷаи тимсоли бадеӣ сайқал ёфтани вожаи “чашм” гардидааст. Ва ҳатто метавон гуфт, ки истилоҳи “чашм” дар гуфтаҳои ин шоири шаҳир нисбат ба маъноҳои аслӣ-лексикии худ бештар ба маъноҳои маҷозиву ғайриаслӣ истифода гардидааст. Мо бо ин мақсад дар зер баъзе байту порчаҳоеро, ки дар онҳо вожаи “чашм” аз ҷониби шоир бо ягон мақсади услубӣ ва ё ифодаи маънои мантиқӣ оварда шудааст, аз ҳамин дидгоҳ мавриди таҳлил қарор хоҳем дод. Аз ҷумла:

Он, ки маро кушт донам чашми туст.
Дар ҷавори зулф ҷодуе, ки ҳаст [3, с.44].

Дар байт маъноии лексикии вожаи «чашм» чашми зебои воқеии маҳбуба, наргиси шаҳло, нигоҳи мафтунсозу дилфиреб ва дилрабову ҷаззоби ёр аст. Нишонаи он калимаи «кушт» ва ибораи «ҷодуи зулф» анд, ки гӯё он чашм бо зулф ҳамнишину ҳамсоя буда, бо қудрати ҳусну найранг дили ҳар бинандаро моту маҳбут сохта ва ҳатто онро ба арсаи марг хоҳад расонд.

Истилоҳи мазкур ин ҷо маҷозан дорои маъноҳои чашми ғаддор, қаттол, ошиққуш, марговар, қотил, нигоҳи рустӣ, назар аз камин, манбаи макр, ҳилла, доми тазвир ва фиребу ранҷу уқубат аст. Бо баробари ин, манбаи бепарвогӣ, беэътиборӣ, бевафоӣ ва бефарқии маҳбуба нисбати ошиқи содиқ аст. Аз тарафи дигар, дорои чунин маънӣ будани вожаи «чашм» дар ягон луғати болозикр оварда нашудааст.

Маъноии ирфонӣ-тасаввуфии истилоҳи бадеии «чашм» дар байт манбаи кашиш, ҷаззобӣ ва майлу хоҳиш рабудан аст. Ин ҷо ду маъноии истилоҳи мазкур якҷоя амал намудааст, якум: манбаи ҳусни беназири маҳбубаи илоҳӣ, ки дили соликро сахт ошуфта сохтааст, дуюм: манбаи риёзату машаккати роҳи ишқи илоҳист, ки нишонаи он калимаи «куштан» аст. Агар дақиқтар назар афканем шоҳиди он мегардем, ки шоир тавассути санъати тазод дар як вақт ба воситаи як вожа ду маъноии мазмунан ба ҳам муқобилро моҳирона истифода намудааст, ки ин кори саҳл нест.

Дӯш пинҳон мекашидам зулфи ту,
Чашми мастат ногаҳон бедор шуд,
Аз азизи мардуми чашми манӣ,

Гарчӣ дар чашми ту мардум хор шуд [3, с.80].

Ин ҷо маънои аслӣ-лексикии вожаи «чашм»-и байти аввал чашми хуморӣ ва шаҳлои маҳбубаест, ки ҳоло дар ҷодаи ишқ кушода нест. Зеро нишонаи он калимаи «бедор» аст, ки инак баногаҳ кушода шуда, омодаи ишқварзӣ аст. Вожаи «чашм»-и мисраи аввали байти дуюм бошад, аз ҷиҳати лексикӣ ба маънои дидаи воқеии ошиқи содиқ аст. Зеро нишонаи он вожаи «мардум»-и ҳамин мисраъ аст. Калимаи «чашм»-и мисраи дуюми байти сонӣ ба маънои назар ва нигоҳи маҳрурӯ ҳавобаланд ва ботакаббуру худписанди ёр омадааст.

Маънои маҷозии истилоҳи бадеии «чашм»-и байти аввал наргиси мастона ва хумории дар ҷодаи ишқу ошиқӣ ҳоли ҳозир кушода шуда аст, ки ҳоло камтаҷрибааст. Вожаи «чашм»-и мисраи аввали байти дуюм маҷозан ба маънои маскан ва маъвои муқаддастарин ва поку азизтарини ишқу ёр аст, ки нишонаи он вожаи «мардум»-и ҳамин мисраъ аст, ки бо калимаи «чашм» дар шакли ибора корбаст гардидааст. Он ишора ба беҳтарин қавм, миллат ва халқ аст, яъне ишора ба эътибортарин ва азизтарин инсон ва қарину наздиктарин шахс аст, ки он ҳам бошад, маҳбуба аст. Аммо ногуфта намонад, ки вожаи «чашм» таҳти салиқаи образофарӣ ва мазмунсозии Амир Хусрав танҳо дар ашъори ӯ дорои чунин маънӣ гардидааст, ки ин ҳолат дар фарҳангҳо ба назар нахоҳад расид. Истилоҳи «чашм»-и мисраи дуюми байти сонӣ дорои маънои назари маҳрурӯ ботакаббири ёр аст, ки нишонаи он вожаи «мардум»-и мисраи охир аст, ки он заминаи аслӣ дорад, яъне манбаи хору зор гардидани ошиқони маъшуқ аст.

Аз назари мо нисбат ба маънои ирфонӣ-тасаввуфии истилоҳи бадеии «чашм»-и байти аввал мазмуни аслии он қавитар аст, зеро ҷузъҳои «аз зулф кашидан» ва «бедор шудани чашм» хосси ишқи заминист. Маънои тасаввуфии вожаи «чашм»-и мисраи аввали байти дуюм ишора ба солики содиқест, ки ӯ маҳбубаи худро ҳамчун инсони беҳтарину авлотарин ва беназиру якто мепиндораду мепарварад. Истилоҳи бадеии «чашм»-и мисраи дуюми байти охир ба маънои машаққат ва риёзати роҳи тариқату ҷодаи ишқи маҳбубаи қудсӣ аст.

Агарчи ин ҷо калимаи «чашм» се маротиба ва вожаи «мардум» ду маротиба корбаст гардидаанд, аммо он ҳама бо мақсади услубии хосси шоир ҳар як ба маврид бо ягон тобиши маъноӣ истифода гардида, дар асл боиси таҳриф гардидани мазмун ва ё дилбазан гардидани шаклу оҳанги шеър нашудаанд.

Чашми бемори ту аз хуни дилам,
Мехӯрад бода намепарҳезад [3, с.75].

Дар ин байт тимсоли бадеии “чашм” аз лиҳози лексикӣ ба маънои чашми хуморӣ, наргиси зебову дилфиреб, дидаи дилҷӯву дилбар ва назари аз ҳад зиёд болатофате, ки дили ҳар бинандаро ошуфтаву мафтун хоҳад сохт, корбаст гардидааст. Аз ҷиҳати дигар, рамзи ҳусни беҳамто ва дилчасп аст.

Маҷозан манбаи кашиш ва ҷозиба аст, ки ҳар як шахси назар афкандаро беихтиёр ба худ ром месозад. Нишонаи нигоҳи бераҳмонаву ранҷу ситамовар ва чашми носеру гурусна аст. Зеро дар шакли ибораи “чашми бемор” омадани он айнан ба ин ишора буда, он чашми бемори хунхору ранҷовар аст, ки нишонаи он ибораи “хун хӯрдан” аст. Яъне, он ба ин хӯ одат кардаасту аз ин роҳ ба осонӣ намегардад, “намепарҳезад”. Аз ҷиҳати дигар манбаи маҳбубаи бевафову озоррасон ва бераҳму золим аст.

Маънои ирфонӣ-тасаввуфии истилоҳи бадеии “чашм” ин ҷо машаққату пасту баландиҳои роҳи тариқат аст, ки барои озмоиши солик пайваста ғам медиҳад. Яъне, манбаи ба осониву зудӣ ва бемеҳнату ранҷ ба даст наомадани ишқи маҳбубаи илоҳист.

Кофиронро бар дили ман дил бисӯхт,
Баски чашмат номусулмоне намуд [3, с.108].

Маънои лексикӣ-аслии вожаи «чашм» ин ҷо узви биниши инсонӣ, яъне дидаи воқеии дилбар аст. Наргиси ҳамон ёрест, ки ҳар як нигоҳ ҷодуёнаву ҳар як назар ғамбор аст.

Маҷозан манбаи назари баланду нигоҳи маҳрур аст. Рамзи бераҳмиву шавқат, қаҳру ғазаб ва номеҳрубониву қаттолист, ки ҳеҷ ҳисси дилсӯзиву ғамхорӣ надорад. Зеро дар байт калимаҳои «кофирон» ва «номусулмон» айнан барои тасдиқи ҳамин маъниҳо корбаст гардидаанд. Аз ҷиҳати дигар, рамзи ёри бевафову номусулмон ва кофиркеш аст.

Маънои ирфонӣ-тасаввуфии истилоҳи бадеии «чашм» дар ин байт мусибату мушкилот ва муаммову гиреҳоти ишқи илоҳист, ки барои ба даст даровардани мақсад ба солик рӯ ба рӯ омадааст, яъне вараи тариқат аст.

Юсуфрухо ба чашмам доманкашон гузар кун,
То дидаро насиме з-он пираҳан дарояд [3, с.117].

Дар ин байт Амир Хусрав тимсоли бадеии «чашм»-ро тавассути санъати талмеҳ басо сайқал дода, мувофиқи дархости хеш тавассути он мазмуни ошиқонаро ифода намудааст. Яъне, маънои лексикӣ-аслии тимсоли бадеии «чашм» дидаи воқеии шахси ошиқ аст, ки

муштоқи дидори дилбар аст. Вожаи «дида»-и мисраи дуюм низ ишора ба ҳамин истилоҳи «чашм» буда, барои тасдиқи фикри шоир такроран омадааст.

Маънои маҷозии вожаи «чашм» бошад, назар, қалб, ниҳод, ботин ва сирати шахси ошиқ аст, ки гирифтору побанди ҳусни беҳамтои дилбар аст, ки нишонаи он вожаи «юсуфрухо» аст. Он манбаи қалбест, ки дар ҳаҷри ёр ранҷур гаштаву ба умед интизори роҳи ёр аст, ки нишонаи он ҷузъи «насиме з-он пироҳан» аст. Яъне дилу ҷони ӯ танҳо аз ҳастиву таҷаллии дидори дилбари худ қувва мегираду меболад.

Маънои ирфонӣ-тасаввуфии вожаи «чашм» қалбу ботини солики тариқат аст, ки ба таҷаллии ҷамоли Ҳақ боварии комил дорад. Беҳуда нест, ки шоир дараҷаи зебогии ҳусни маҳбубаи илоҳиро тавассути санъати талмеҳ ба ҷамоли қудсии Юсуф қиёс намудааст, зеро ҳусни ӯ низ илоҳӣ буд.

Эй ба бадӣ карда боз чашми бадомӯзро,
Бин ба камингоҳи чарх новаки дилдӯзро [3, с.12].

Дар байт маънои лексикӣ тимсоли бадеии «чашм», дидаи ба бадӣ одаткардаи маҳбуба аст, ки нишонаи он вожаҳои «бадӣ» ва «бадомӯз» -анд. Яъне рамзи дилбарест, ки ба ҷуз ранҷу дарду кулфат чизи дигареро насиби ошиқ нахоҳад кард. Зеро ин амал одати деринаи он буда, дар қалби ӯ гӯё аз меҳру вафо ва раҳму шавқат асаре нест.

Маънои маҷозии тимсоли бадеии «чашм» нигоҳи каҷу назари бад аст, ки рамзи макру ҳила ва дарду азоб аст. Ба ғайр аз ин, вожаи «новак» бо истилоҳи «чашм» таносуби маъноӣ касб намуда, нишонаи тири бераҳмонаи мижгони ёрест, ки ҳадафи ягонааш қалби бесипари ошиқ аст. Яъне рамзи ошиқи бовафост, ки қурбони тири нигоҳи ёрест. Аз ин рӯ, ишора ба маҳбубаи бевафову худписанд аст, ки назараш ошиқи фақрро намегирад.

Маънои ирфонӣ-тасаввуфии истилоҳи бадеии «чашм» мушкилоту муаммоҳои ишқи илоҳиест, ки барои дарки розу асрори ишқ пеш меояд. Манбаи машаққату риёзот ва роҳи каҷу шеби тариқат аст, ки солик дар роҳи ба мақсад расидан бояд онро тай намояд.

Ҳини баррасӣ ва мутолиаи салиқаи мазмунсозӣ ва маънноофарии Хусрави Деҳлавӣ тавассути истилоҳи бадеии «чашм» равшан гардид, ки вожаи мазкур дар ғазалиёти ӯ ба ғайр аз маъноҳои аслии худ боз ҳамчун ифодагари мазмунҳои мухталифи маҷозӣ корбат гардидааст, ки метавон номгӯи онҳоро ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кард:

1. наргиси шаҳло, нигоҳи мафтунсозу дилфиреб ва дилрабову ҷаззоби ёр, чашми хумориву наргиси зебо, рамзи ҳусн;
2. чашми ғаддор, қаттол, ошиққуш, марговар, қотил, манбаи макр, ҳилла, доми тазвир ва фиребу уқубат, нигоҳи бераҳмонаву ранҷу ситамовар; ёри бевафово, номусулмон ва кофиркеш;
3. ишора ба беҳтарин қавм, миллат ва халқ, рамзи эътибортарин ва азизтарин инсон ва қарину наздиктарин шахс;
4. назари маґруру ботакаббур, нигоҳи ҳавобаланду худписанд, дидаи ба бадӣ одаткардаи маҳбуба, нигоҳи каҷу назари бад, нигоҳи рустӣ, назар аз камин, чашми носеру гурусна, нигоҳи ҷодуёнаву маккора;
5. қалб, ниҳод, ботин ва сирати шахси ошиқ.

Навпардозии дигари кори Хусрави Деҳлавӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ истилоҳи фавқуззикрро дар тасвирҳояш мувофиқи табъи образофари худ ба маъноҳои ноанъанавии он, яъне ба маънои чашми ғаддор, қаттол, ошиққуш, марговар, қотил, қалб, ниҳод, ботин, сирати шахс ва беҳтарин қавм, миллат ва халқ, рамзи эътибортарин ва азизтарин инсон ва қарину наздиктарин шахс корбаст намудааст, ки дорои чунин маънӣ будани он вожа дар ягоне аз ин фарҳангҳо оварда нашудааст.

Инро ҳам бояд таъкид намуд, ки дар асоси як гузоришот ва ё мақола масъалаи мазкурро бо тамоми паҳлӯҳояш ҳаллу фасл намудан корест мушкил ва амрест маҳол. Бинобар ҳамин, дар ин гузоришот бо ҳамин қадар иктифо намуда, ҳаллу фасли ҳамаҷонибаи ин масъаларо дар корҳои оянда мавқуф мегузорем.

А Д А Б И Ё Т

1. Амон Нуров. Фарҳанги осори Ҷомӣ / Нуров Амон. – Душанбе, 1984. - С.303.
2. Бертелс Е.Э. Суфизм и суфийская литература / Е.Э.Бертелс. -Москва: Наука, 1965. - 22.
3. Босит Мусаев. «Тӯҳфат-ус-сиґар» девони ғазаллариниг илмий-танқидий матни / Босит Мусаев.
4. М.Муҳаммадиев. Луґати синонимҳои забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев. –Душанбе: Маориф, 1993. - С.229-230.
5. Муҳаммад Ґиёсиддин. Ґиёс-ул-луґот. Ҷ.1. / Ґиёсиддин Муҳаммад.– Душанбе: Адиб, 1987. - С.260.
6. Бақоев М. Ҳаёт ва Эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ / М. Бақоев. Душанбе: Дониш, 1975, Саҳ. 17.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. - С.345.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - С. 530-535.
9. Шаҳриёр Сафаров. Семантика / Сафаров Шаҳриёр. –Тошкент, 2013.
10. WWW. lip.ucoz.com/index/khusravi de lav/0-51 [санаи мурочиат: 15.09.2019]
11. WWW. tg.wikipedia.org/wiki/Хусрави_Деҳлавӣ [санаи мурочиат: 15.09.2019]

ТАНОСУБИ МАЪНОИИ ВОЖАИ “ЧАШМ” ДАР “ТУҲФАТ-УС-СИҒАР”-И ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ

Амир Хусрави Деҳлавӣ бузургтарин шоири форсигӯи муҳити адабии Ҳинд аст, ки бо ашъори дилангези хеш дар рушду нумуи адабиёти килассикии форсу тоҷик саҳми арзандае гузоштааст. Дар мақола хусусиятҳои лексикӣ, маҷозӣ, тасаввуфӣ-ирфонӣ, семантикӣ, лингвопоэтикӣ ва дараҷаи корбасти тимсоли бадеии “чашм” дар мисоли луғати ҷомеъ (конкорданс)-и ғазалиёти девони “Туҳфат-ус-сиғар”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ғайр аз ин, сайри таърихии маънои истилоҳи “чашм” дар ҳолати муқоиса бо фарҳангу луғатҳо ва ғазалиёти шоир мавриди таҳлил қарор дода шуда, омилҳои падидаи тозаву нав ва маъноҳои ноанаъанавӣ касб намудани он дар тасвирҳои Хусрави Деҳлавӣ муайян карда шудааст. Лекин бояд тазаккур дод, ки дар асоси як гузоришот ва ё мақола масъалаи мазкурро бо тамоми паҳлӯҳояш ҳаллу фасл намудан корест мушкил ва амрест маҳол. Бинобар ҳамин, дар ин гузоришот бо ҳамин қадар иктифо намуда, ҳаллу фасли ҳамаҷонибаи ин масъаларо дар корҳои оянда мавқуф мегузорем.

Калидвожаҳо: чашм, лексика, маҷоз, тасаввуф, ирфон, семантика, лингвопоэтика, тимсоли бадеӣ, образ, ғазал.

СОЗДАНИЕ ЗНАЧЕНИЯ С ПОМОЩЬЮ “ЧАШМ” (ГЛАЗА) В ДИВАНЕ АМИРА ХУСРАВА ДЕХЛАВИ

Амир Хосрав Дехлави является великим персоязычным поэтом из представителей поэтического круга Индии, который внес огромный вклад в развтие и процветание классической персидско-таджикской литературы. В статье на основе словаря конкорданс в диване Амира Хусрава Дехлави были анализированы лексические, метафорические, суфистические, семантические и лингвопоэтические особенности литературного символа “чашм” (глаза) и их степень пользования, также было сравнено семантическо-историческое значение **“**чашм” (глаза) и объяснены факторы образования традиционных и нетрадиционных способов значений. Но нужно, констатировать, что на основе одной научной статьи невозможно рассмотреть полностью данный вопрос, поэтому дальнейшее рассмотрение этой темы мы будем продолжать в последующих своих изысканиях.

Ключевые слова: глаза, лексика, метафора, суфизм, семантика, дингвопоэтика, литературный символ, образ, газель.

CREATION OF MEANINGS WITH THE HELP OF “ЧАШМ” (EYE) IN THE DIVAN OF AMIR HUSRAV DEHLAVI

Amir Khosrav Dehlavi is a great Persian-speaking poet from the poetic circle of India, who made an enormous contribution to the development and prosperity of classical Persian-Tajik literature. In the article, based on the concordance dictionary in Amir Khusraw Dehlavi's sofa, the lexical, metaphorical, Sufistic, semantic and linguopoetic features of the literary symbol “chasm” (eyes) and their degree of use were analyzed, the semantic and historical meaning of “chasm” (eyes) and the factors of formation of traditional and non-traditional ways of meanings are explained. But it must be stated that it is impossible to fully consider this issue on the basis of one scientific article, therefore, we will continue to consider this topic further in our subsequent research.

Key words: eye, lexis, metaphor, tasavvuf, semantics, lingvopoetics, literary symbol, image, gazelle.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ярашов Шариф Ҷумъаевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Самарқанд, докторанти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология. **Суроғ:** 140104, Республикаи Ӯзбекистон, вилояти Самарқанд, гулгашти Университетский, 15. E-mail: **yarashov_86@mail.ru**. Телефон: **(+998)93-240-86-06**

Сведения об авторе: ***Ярашов Шариф Жумаевич*** - Самаркандский государственный университет, докторант факультета филологии, кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 140104, Республика Узбекистан, Самаркандская область, бульвар Университетский, 15 E-mail: **yarashov_86@mail.ru**. Телефон: **(+998)93-240-86-06**

Information about author: ***Yarashov Sharif Jumaevich*** **-** Samarkand State University doctorate student of the faculty of philology, department of Tadjik language and literature. **Address:** 140104, Republic of Uzbekistan, Samarkand region, University Boulevard, 15 E-mail: **yarashov_86@mail.ru**. Тел.: **(+998)93-240-86-06**

УДК: 891.550-1:82 (575.1+575.3)

ТАҲАВВУЛИ ТАДРИҶИИ АФКОРИ ФАЛСАФӢ - АХЛОҚӢ, ИҶТИМОӢ - ТАРБИЯВӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ САДАИ XX

Хӯҷақулов С.Х.
Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Тадқиқотҳои солҳои охир собит месозанд, ки дар масъалаи даврабандӣ ва ё табақабандии таърихи адабиёт тамоюли ҷадид ва майлони тоза ба вуҷуд омадааст. Аз ин лиҳоз, дар хусуси тамоми гуфтугузорҳое, ки дар ин самт то ин муддат ба сомон расидааст, таҷдиди назар мебояд. Ҳатто баъзе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар масъалаи табақабандии марҳилаҳои инкишофи таърихии адабиёт таҳаввули тадриҷии махсусиятҳои жанрӣ, муҳтавои осори бадеӣ ва хусусан, чун оғозгаҳи адабиёти навин қарор додани нимаи дувуми садаи XIX аз масъалаҳои мубрамтарину баҳсталаб ва муноқишавӣ аст [7, с.16]. С.Амирқулов дуруст арзёбӣ мекунад: “...нимаи дувуми асри XIX дар таърихи адабиёти тоҷик як давраи ҷудогонаест, ки намояндагони пешқадами он ба ҷаҳони навтамаддуни аврупоӣ алоқа пайдо намуданд ва ба ин муносибат дар ҳаёти адабӣ ва мадании Мовароуннаҳр як тамоюли тамаддунхоҳӣ ва ислоҳотталабӣ ба амал омад” [8, с.10]. Ин

ҳама робитаву василаҳо, тамоюли тамаддунхоҳию ислоҳотталабӣ бештар характер ва рӯҳияи ғоявӣ дошт. Аслан ва асолатан адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX аз лиҳози ғоявият, идомаи равияҳои махсуси афкори иҷтимоӣ-маорифпарварӣ, тафаккури адабӣ-эстетикӣ давраи яклухт рӯйи кор омадааст. Дар ин давра дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ, тарзи тафаккури бадеӣ, ақидаҳои интиқодӣ тағйиротҳои сифативу созмонӣ ба вуҷуд омад ва осори бадеӣ бештар ба инъикосу тасвири ҳодисаҳои воқеии зиндагӣ ва гузашта аз он, ба шарҳу тавзеҳи муаммоҳои доғтарини рӯзгори инсон пардохт. Дар осори бадеӣ инсон ҳамчун фарди алоҳидаи ҷомеа ва муаммоҳои ҳаётии он чун масъалаи мубрами иҷтимоӣ дар меҳвари объекти тасвири эҷодкор ба тарзи воқеӣ қарор гирифт. Аз ин рӯ, дар ин мақола мақсад гузошта шуд, ки ба тарзи муқоисавӣ дар хусуси таҳаввули афкори иҷтимоӣ-маорифпарварӣ, фалсафӣ-ахлоқии рӯшангарони нимаи дувуми асри XIX ва таҷаддудхоҳони ибтидои асри XX, камобеш дараҷаи вусъат ва такомули тадриҷии рӯҳият ва афкори эшон иброзӣ ақида намоем. Гарчи дар хусуси таҳаввули афкори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафии маорифпарварон то аҳди ҷадид баъзе ишораҳо (махсусан дар бораи таъсири афкори иҷтимоии осори Дониш ба таҷаддудхоҳони ибтидои асри XX) мавҷуд бошад ҳам, масъалаи мазкур дар илми адабиётшиносӣ аз масоили тоза маҳсуб мешавад.

Ба шаҳодатмандии Абдухолиқ Набавӣ "... аз нимаи дувуми садаи XIX наҳзати маорифпарварӣ (рӯшангарӣ) ба зуҳур пайваст, андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар бораи ислоҳи камбудиҳои ҷомеа **оҳиста** шакл мегирифт ва аз ҳамин мавқеъ таҳлилу танқид кардани шакли давлатдории берабту низом ва коҳилона, ҳамчунин сабки нигориши адабиёт ва асарҳои илмиву ахлоқиро низ муайян менамуд" [4, с.41]. Ҳанӯз ба ин сабки нигориш Аҳмади Дониш санги таҳким гузошта буд ва он то чаҳоряки аввали асри XX дар адабиёти тоҷик мавқеи комиле дошт. Дар ин гузоришот мо на дар хусуси осор, анвои жанр, муҳтаво, шаклу созмон, забон ва услуби осори маорифпарварон, балки айнан бобати муҳтаво ва дарунмояи афкори маорифпарварон ва таҷаддудхоҳон, дараҷаи таҳаввул ва ташакккули ақоиди фалсафӣ-ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии интиқодиву динии эшон гуфтугузор хоҳем кард.

Дар аксаре аз навиштаҳои олимон, хусусан дар тадқиқоти замони шӯравӣ бар хилоф нуқтаи назари кароҳатманди намояндагони аҳди маорифпарӣ нисбати дин ва қонуниятҳои шариати исломӣ фикру мулоҳизоти маснуъ иҷборан баён гардидааст. Аммо амиқтар назар афканда шавад, дар рисолаҳои ахлоқӣ-фалсафӣ ва бобҳои ҷудогонаи "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш пайхас намудани аз нуқтаи назари масъалаҳои ҳаётӣ таҳлил гардидани нуктаҳои аслии дини Ислом ва қонуну қавоиди он чандон мушкил нест. Ӯ дар осори худ, бо бурҳонҳои қотеъ собит кардааст, ки аҳком ва қоидаҳои шаръии диниро на аз рӯйи ғарази ҳаёти шахсӣ, балки тавассути таҷрибаҳои ҳаётӣ, дониставу дида ва фаҳмида бо тамоми моҳияташ дар ҳолати тавъам бояд татбиқ кард. Гузашта аз ҳамаи ин, агар амиқтар назар афканда шавад, дарк намудан мумкин аст, ки тамоюли пешгирифтаи маорифрпарварон мутобиқи воқеияти замон ва талаботи давр ба вуқӯъ пайваста, асолату принсипияти холисиятро пеш гирифтааст. Ба қавли Ш.Абдуллоев "... рӯшанфикрӣ муҷоҳид, инсони худогунаро на дар гӯшаи хонақои сӯфӣ, на дар назди меҳроби масҷиди мулло, балки дар майдони разму ҷиҳод, дар арсаи талош ва муборизаи барои озодӣ аз зери султаи ҳукуматҳои "Туғут"-ӣ ва истисмор, дар ҷаҳду кӯшиши худшиносӣ, ки гарави асосии худшиносист, мечӯяд. "Дар ин ҷаҳонбинӣ,- ба қавли Алӣ Шариатӣ, -робитаи мантиқӣ миёни "дард", "ишқ" ва "амал"-ро ба равшанӣ дармеёбем" [5, с.14]. Дар ҳақиқат, яке аз нуктаҳои муҳимтарини осори адибони давр дар ифодаву баён ва тавҷеҳи масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоӣ-динӣ майл ба воқеъгиӣ доштани онҳост. Масалан, дар хусуси риояти қонун ва қавоиди шариати исломӣ ва ё он чиро, ки уламо ва арбоби дин риоят менамоянд, ба сари мардуми оддии меҳнаткаш зам намудан ва иҷрои онро ҳатмӣ шуморидан амали ношоям аст. Аз назари муаллиф бояд барои ин тоифаи мардум «роҳи мутавассит» тарҷеҳ дод, ки онҳо ҳам ба кору бори худ машғул шаванду ҳам аз риояти қоидаву қонунҳои шариат бознамонанд. Нуктаи дигаре, ки Аҳмади Дониш дар рисолаҳои ахлоқӣ-фалсафии хеш ба миён мегузорад, мақсади асосии инсонро аз зиндагӣ дар риоят намудани ҳуқуқи ҳамдигарӣ ва ба тариқи адлу инсоф ба тартиб ва танзим даровардани ҷамъияти инсонӣ медонад: «Яъне шарти мурувват ва одамият дар ин ҷаҳони бе сару бун, ки ҳама кори ӯ ба вайронӣ дорад, беҳтар ва хубтар он бошад, ки халқ барои тамаддун ва таовун одоби ҳуқуқи ҳамдигар нигоҳ доранд ва муҳаббату улфат ва ба амонату садоқат зист кунанд» (Меъёр-ут-тадоюн, нусхаи №383 (Душ.) варақи 135 а.).

Ба ҳамин маънӣ Шамсиддин Шоҳин дар асари насрии худ "Бадоеъ-ус-саноеъ", ки бо рамзу киноя ва ҷумлаҳои пӯшидаву духӯра иншо гардидааст, чунин менигорад: «Ислом исме шуда дар миёнаи он алифу лом. Агар аз инсоф пурсӣ, ҳақиқати он соф. Ҳарфи дин

бар гӯшҳо чун матолибаи дайн гарон ва сурати шаръ дар дидаҳо чун айн уш-шарр ва шарр-ул-айн аён. Илм чун алам дар мазорҳо хуфта…» [10, с.542].

Гузашта аз ин, дар гуфтаҳои Абдурраҳуфи Фитарт як навъ таҷдиди назар ва такомули афкор падидор мегардад: “Бародарон! Ислом собиқаи тарақӣ дошт, ҷизя мегирифт, ба баракати саъю ғайрати мусулмонон буд, имрӯз таназзул карда, ҷизя медиҳад, ба шумии бесаъйӣ, беғайратии мусулмонон аст, бале:

Ҷамъияти куфр аз парешонии мост,
Ободии бутхона зи вайронии мост.
Ислом ба зоти худ ҳамон аст, ки буд,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост [1, с.55].

Масъалаи дигаре, ки рӯшанфикрон асоси ҷавҳару ҳастии маънавии инсон ҳисоб мекунанд, масъалаи илм, ақл ва шуур аст. Ақл аз нигоҳи маорифпарварон мизони шинохти олами маънавии одаму одамгарӣ, атрофу акнофи олами маънавии вай, муаммои рӯзгори вай аст. Аҳмади Дониш ҳанӯз дар боби дувуми “Наводир-ул-вақоеъ” таъкид менамояд, ки “Касби дунё ба ҷамъ аст ва касби охират ба тарк…, ки агар тарк мекунӣ, ба илм тарк кун ва агар ҷамъ мекунӣ ҳам ба илм, ки ҷамъу тарк бе илм муфизӣ ба ҳалокат аст» [9, с.65]. Ин ҷо Дониш ба ақидае муътақид аст, ки инсон дар ҳар ду ҳолат ҳам бояд бо ақлу хирад амал ва рафтор намояд. Дар ин маврид маънои калимаи «ҷамъ» ва «тарк»-ро бояд амиқан фаҳмид. Зеро «ҷамъ» – далолат аст ба озодии нафс, ҳирсу оз, «тарк» - кашиши нафс, қаноат, сабр, шикасти нафс. Принсипи асосии Аҳмади Дониш дар шинохти мавқеи «султони вақт» низ илм ва амал буд. Ӯ таъкид кардааст, ки «асл дар вилоятдорӣ ва ҳукумат илм ва амал аст». Ба ақидаи ӯ танҳо ақл метавонад дар идораи мамлакат адолатро таҳким бахшад: «то ғазаб ва шаҳват мусаххари ақл набошад адл сурат набандад ва адл аз камоли ақл хезад».

Дар асарҳои алоҳидаи худ аз ҷумла дар “Роҳбари наҷот” ва “Оила” Абдурраҳуфи Фитрат низ тибқи тавзеҳот аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ фикру мулоҳизоти ҷолиберо ба миён мегузорад, ки як навъ ба гуфтаҳои Дониш ҳамоҳанганд. Яъне “ақл аъзами неъматҳои Илоҳӣ ва роҳбари ягонаи саодати дорайн аст. Ақл ягона майдони ҳаёт аст, ки инсонро ба манзили аршади махлуқот расонид ва умуман роҳбари саодати дунё ва охират ақл аст” [2, с.11].

Мутаассифона, ба сабабҳои маълум дар асарҳои тадқиқотие, ки доир ба эҷодиёти Аҳмади Дониш ва маорифпарварони дигар навишта шудаанд, як ҷиҳати муҳим ва бунёдии назари онҳо ба эътибор гирифта нашудааст. Тамоми ислоҳотеро, ки Аҳмади Дониш мехост воқеъ шавад, мебоист дар заминаи муносибати нав ба дини Ислом рӯёб кард. Дар ин замина назари таҷаддудхоҳии ӯ ба дин ошкор мегардад. Муқовимати ӯ бо рӯҳониёни ҷоҳил ва таваҷҷуҳ ба илму маърифати замонӣ низ ба ҳамин далел аст, ки ин тамоюл андар тору пуди ҷараёни маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ тавъам аст. “Гап дар сари он аст, ки аввалан, муносибати маорифпарварони тоҷик ба Ислом ва бардошти онҳо аз он назар ба бардошти намояндагони исломи расмӣ ва ҳоким дар аморати Бухоро фарқи ҷиддӣ дошт” [5, с.59]. Аҳмади Дониш аз дину мазҳаб ҳимоя мекунад, эътиқоди поку самимӣ ва имони комилро тарҷеҳ медиҳад. Вале мехоҳад амир ба адли илоҳӣ рӯ оварад, ақлро аз ҷаҳл тарҷеҳ диҳад. Ба таъкид дар оғози «Наводир-ул-вақоеъ» меоварад, ки «вилоят доштан… халифагии ҳақ таъоло кардан аст».

Дар ин маврид Дониш аз ҳадисҳо ва оёти Қуръони карим берун намеравад ва дар асоси онҳо ба ҳаллу фасли масъала мепардозад. Адиби рӯшанфикр масъалаи «ҳикмати маданиву манзилӣ» - ро низ ба миён мегузорад, ки он вобаста аст ба забону гуфтор, кирдору рафтор ва рафоқат дар оила. Аз назари Аҳмади Дониш функсияи мард дар оила ва оиладорӣ хеле ва хеле бузург аст. Мард дар манзил чун дил дар бадан аст. Тамоми вубол ва савоби оиладорӣ бар гардани ӯст. Ҳам ризоияти модар ва ҳам салоҳияти ҳоли ҳамсару фарзандон ба ӯ вобаста аст.

Аз назари Дониш инсон набояд ба ҷамъоварии молу дунё меҳр бандад, балки босабру қаноат бошад ва эҳсонкор бошад. Дар ҳамин боб иброз мегардад, ки дар муошират, дар мутолиа, дар муносибат ҳаққи зан аз ҳаққи мард кам нест. Ин фикри тоза ва нав аст. Бояд мардон баъзан аз камбудии занон ва нуқсоноти эшон чашм бипӯшанд, зеро ин нуқсон аз офариниш дар зоти онҳо будааст, «зеро ки онҳо офарида шудаанд аз устухони паҳлуи чапи Абулбашар Одам алайҳиссалом – каҷтарин устухони қабурғаи тарафи болоии ӯст. Агар хоҳӣ, ки рост кунӣ, бишканад ва агар бигузорӣ, ҳамон каҷии ӯ доимӣ бошад». Ин ҷо ба тариқи рамзӣ Дониш ҳамон қиссаи офариниши зоти зананро ба миён мегузорад.

Дар ин хусус афкори Фитрат низ дар ин масъала аз фикру мулоҳизоти Аҳмади Дониш сарманша мегирад ва ҳар ду ҳам бар он ақида муътақиданд, ки дар ду қарина андар аҳодис омада; Яъне “Зан аз устухони паҳлу офарида шудааст” ва ё “Зан монанди

устухони паҳлуст” [3, с.73]. Дар ин маврид гуфтаҳои Фитрат аз он ҷиҳат нисбатан арзишмандтар аст, ки аввалан дар онҳо олами рӯҳоният ва хислати зотии занон ба инобат гирифта шудааст, на ин ки кам гирифтани мавқеи эшон дар оила. Дигар ин аст, ки ин тарзи биниш нисбатан ҷомеътар ва наву замонавӣ аст.

Меъёри эҳсон ба ҳамсар аз назари нависанда ҳамон аст, ки мард ҳар чӣ бихӯрад, бояд занаш ҳам хӯрад, ҳар чӣ бипӯшад, бояд ӯ ҳам пӯшад, агар кор бо зарбу лагат анҷомад ҳам, ба рӯяш назанад, аз ӯ дурӣ мачӯяд. Зеро занон мабдаи офариниш ҳастанд. Метавон натиҷа бардошт, ки дар баъзе маврид фикрҳои Дониш ихтилофот низ доранд. Чунончи, ӯ марди мутеъ ва тобеи занро намеписандад ва ба хулосае меояд, ки мардон ҳамон вақт тобеъ ва мутеи занон ҳастанд, ки нафси бад доранд.

Дар ин хусус дар осори Абдурраҳуфи Фитрат баъзан пиндорҳои ҳамоҳанг ва дар айни замон афкори тозаву тадричан таҳаввулёфта ба назар мерасанд. Вай мегӯяд: “Занро ба мулоҳизаи чор чиз; мол, ҳасб, ҷамол ва дин никоҳ кунед. Яъне зан дар молдорӣ баробари мард бошад; сониян бузургзода ва хушахлоқ бошад; солисан, соҳиби ҷамол бошад, ки мардро ба ӯ майли ҳамешагӣ устувор монад; робеан, диндор бошад...” [3, с.74]. Фитрат гузашта аз ҳаммаслакони хеш, эътиқод бар он дорад, ки диндорӣ сифати хуби занон аст, яъне эътиқоди самимӣ ва покиза доштан. Аз назари адиби таҷаддудхоҳ эътиқод ва дини пок тавассути таҳсили илм даст медиҳад ва он вобаста аст ба ақлу илм, ки дар тарбияти фарзанд муҳим аст. Ба назар чунин мерасад, ки ин гуфтаҳои Фитрат нисбати фикру мулоҳизоти фавқуззикри Аҳмади Дониш тозатар ва барҷастатар буда, аз рӯйи тамоюли инсонпарварӣ баён гардидааст. Фитрат афкори худро дар асоси фармудаҳои Пайғамбар (с), ки “Беҳтарини шумо касест, ки бо занон накуӣ намояд” собит месозад ва баъзе афкори ҳамзамонони хешро дар ҳамин замина интиқод низ менамояд. Ба ақидаи вай нафси инсон тавассути илми рӯҳ маърифат карда мешавад ва солимии рӯҳ муҳимтарин фазилати инсонӣ аст ва ба қавли ҳазрати Алӣ (а) “Касе, ки нафси худро шинохт, Худои худро шинохт”. Дар ин маврид фикру мулоҳизоти адиби нуктасанҷ бо ин фикраи “Бадоеъ-ус-саноеъ”- и Шамсиддин Шоҳин ҳамоҳангӣ дорад: «Ҳуқуқи модар агар аз роҳи додани шир аст, бетафовут ҳукми гови мода»[10, с.541]. Эҳсос мегардад, ки Шоҳин ва Фитрат мисли Дониш ҳақ ва ҳуқуқи модарро дар назди фарзанд фақат аз қонеъ гардонидани нафс барнашуморида, таъкид мекунанд, ки агар мавқеи модар дар тарбияи фарзанд аз рӯйи тӯъма ва ғизо додан ба тифл арзиш ёбад, фарқ байни модар ва модагов (ҳайвонот) нахоҳад монд. Аз назари Шоҳин модар бояд дар оила ба ғайр аз шир додан функсияи тарбиятгариро низ адо кунад.

Ба ақидаи Дониш аблаҳии фарзанд, фосиқӣ ва бетарбиягии ӯ низ ба волидайн вобаста аст. «… Нек дарнигарӣ ва тааммуқ кунӣ, ин шарорат низ аз касофати ҳазрати абавайн дар валади шариф ба зуҳур расида… дар аглаб ҳоли падари бузургвор низ маълум мешавад, ки ин «хоҷабаччагони мақбул» аз куҷо омадаанд ва ин ахлоқи сутуда аз куҷо омӯхта. Ва савобу самараи ин фарзанди азиз низ ба дунё ва охират ба рӯзгори ин абавайн мулҳақ хоҳад буд.

Пас маълум мегардад, ки накбат ва идбор аз шумии абавайн ба фарзанд оид мешавад, на аз мухолафати онҳо ва давлат ва иқтидор аз касбу тараддуд ба даст меояд, на аз ризоии онҳо» [9, с.61]. Ин афкор дуруст аст, аммо Дониш чун шахси маъруфу мутафаккири барҷаста дар одоби оила ва оиладорӣ мавқеи занро нодида мегирад, ки хилофи ақидаҳои салафонаш аст. Ӯ дар боби “Одоби никоҳ ва баёни хусумати модаршӯ” ақидае дорад, ки занон мазруфи вуҷуд ва офаринишанд, ҳамчун ҷилди донаву пӯсти байза аз мартабаи эътидоду эътибор соқит бошанд, аз ҷилд ҳамоно дона матлаб асту аз байза ҳамон чӯҷа. Ӯ занро танҳо барои давом додани насли инсонӣ тавсиф мекунад. Аммо ба ақидаи Дониш занон ҳамчун тарбиятгар дар оила ва ҷамъият эътибор надоранд, зеро аксарияти занон мураббии нафсонияти ҳайвонии фарзанд ҳастанд ва ҳамеша хӯрдану хобидану, пӯшидан ва тамоми он чӣ ки ба нафс вобаста аст, медиҳанду халос.

Бо тафовут аз ин Фитрат дар асари хеш “Оила ва вазоифи хонадорӣ” фикри хеле муҳим ва арзишмандеро ба миён мегузорад, ки нисбати афкори маорифпарварони охири асри XIX аз лиҳози арзиши иҷтимоӣ ва ахлоқӣ комилтар аст. Ӯ баъзан кароҳатомезона, дар оҳангҳои норизоияту интиқодии шадид таъкид менамояд: “... мо, туркистониён харону гӯспандони худро аз фарзандони хеш дӯсттар медорем...”. Ҳол он ки дар таклифоти динӣ ба ҷуз аз чанд вазифаи хосси зану мард дар ҳама мавридҳои дигар онҳо баробари ҳамдигаранд. Аз назари ибратомӯзи Фитрат бо тафовут аз гузаштагон “асоси ҳама касофат ва ақибмондагӣ тарбияи бад аст ва он дар дасти зан аст. Бинобар он, мо мехоҳем, ки фарзандонамон “камар барои таҳқиқи ислому мусулмонон баста, дину ҳамдинони моро аз ин вартаи ҳалокат ва измеҳлол халосӣ бахшанд. Ин матлаб вақте муяссар мешавад, ки занонамон, ки модарони кӯдаконанд, тарбияту таҳсил дида, ахлоқ ва саҷоёи худро ба камол расонанд” [3, с.169].

Масъалаи дигаре, ки аз дидгоҳи маорифпарварон ва таҷаддудхоҳон дар ҷомеа аз шартҳои муқаддам аст, масъалаи масраф ва ё исрофкории зиёдатист. Дониш чунин ишоратҳо дорад: «... албатта, майл ба азхори зиёдатӣ макунед, ки то марг дар кашмакаши алоиқ гирифтор монед ва раҳоӣ наёбед...». Ё худ дар мавриди дигар таъкид мекунад, ки «Мардон нони кас дар шиками худ қарз донанд». Ин гуфтаҳо аз як тараф, тамоюли ахлоқӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ҷанбаи танқидӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ низ дорад, зеро айшу нӯш, ишрату базмҳои зиёдатӣ ва гашту гузори бемеъёру бехуда дар зиндагӣ суде надоранд. Пур хӯрдан, бисёр хусбидан (хобидан), бемеъёр сухан гуфтан ва бисёр ихтилот кардан низ аз назари адиб хислати хуб ва хосси инсони ҳақиқӣ нест [3, с.169].

Ба ҳамин маънӣ Фитрат низ фикру мулоҳизоти ҷолиберо ба миён мегузорад. Агар дар мулоҳизоти Аҳмади Дониш муаммои инфиродии шахс дар мадди назар бошад, афкори Фитрат характери умумӣ-иҷтимоӣ касб намудааст. Дарди ӯ муаммои афроди алоҳидаи ҷомеа набуда, масъалаи рӯзмарра ва дар айни ҳолат муаммои глобалию умумимиллии давру замон аст. Ӯ мегӯяд: “Исроф ҳам ба миллат ва ҳам ба худи кас танҳо зарар дораду бас. Миллате, ки афродаш мубталои марази исрофанд, шак нест, ки маҳву нобуд хоҳанд шуд” [3, с.112]. Ва барои исботи даъвоҳои худ аз Қуръони маҷид, сурраи Исо, ояти 26-27 чунин меорад; “Исроф макун, зеро исрофкорон бародарони шайтонанд ва шайтон душмани Худост”. Агар амиқтар назар афканда шавад, маълум мегардад, ки рӯшангарони ибтидои садаи ХХ ва мутафаккирони бузурги ин давр исрофкориро чун мараз-касалӣ, вабои маънавии иҷтимоӣ қаламдод мекунанд. Агар бо чашми бинову худогоҳона ба умқ таваҷҷуҳ кунем, ин маризӣ ҳоло низ наҳзати шадиду доманадор дорад ва аз хавфу хатари ахлоқӣ-иҷтимоии он низ тамоман раҳо нагаштаем. Фитрат яке аз бузургтарин исрофкориҳои мардуми мусалмонро дар тӯй дидааст. Вай тӯйро маҳкум намекунад ва онро барои муовинати ҳамдигар, рафту омад ва алоиқи инсоният чун воситаи истироҳату мурувват дастгирӣ мекунад. Аммо дар ҳар чиз меъёр ва меҳварро бояд шинохт ва ӯ аз Ҳадис чунин як далелро низ меорад: “Дар тӯйи арӯсӣ як рӯз таом додан суннат аст, ду рӯз таом додан зиёдатист, се рӯз таом додан риёкорист” ва ҳатто тӯйҳои ҳамон замонро “исрофкории маҳз”, “хилофи амри Ислом”, “гуноҳ”, “мухолифи ақл” меҳисобад.

Масъалаи дигаре, ки дар маддаи назари Дониш ва салафонаш мавқеи муҳим дорад, масъалаи тамаддун ва таовун аст ва ин ҳаводис дар ҳолати типологӣ дар афкори пайравони ин тариқат бештар ба назар мерасад. Аз назари Аҳмади Дониш барои ободии мамлакат ва давлату зиндагии мардум муносибати байниҳамдигарии одамон (муносибатҳои истеҳсолӣ) ва ба ибораи дигар муносибатҳои иҷтимоӣ зарур аст. Аз ин ҷост, ки ҳикмати тамаддун (сиёсати давлат) ва таовун (меъёрҳои муносибати инсонӣ дар ҷамъият) муқаррар карда шудааст. Фитрат низ дар мавриди тавсифи илми рӯҳ ва илми ахлоқ ба ин масъала руҷӯъ карда, таъкид менамояд, ки иттиҳод аз “вазоифи ҳақиқияи башария” аст. Ин аз он сабаб аст, ки аҳли ҷомеа ҳамеша дар муносибати байниҳамдигарӣ мебошанд ва ин муносибату манофеъ на ҳамеша ба ҳам мувофиқат доранд... Сабаби ин номутаносибиҳоро рӯшангарони ҳар ду марҳила низ дар мазҳабпарастию кешпарастӣ, маҳалпарстиву миллатпарастӣ ва умуман мавҷудии “қавмияти парешон” дар ҷамъият донистаанд, ки беш аз ҳақиқати маҳз чизе дигар нест. Аҷзӣ дар мақтаи як ғазали хеш менигорад:

Аҷзӣ, чӣ хӯрӣ ғуссаи ин қавми парешон,
Ҳар як ба саре сохта савдо дигар ин ҷо [6, с.434].

Дар тафсиру тарҷеҳи ин масъала ҳам Дониш ва ҳам Фитрат дар як мавқеъ қарор доранд. Аз назари Дониш “асли тадоюн ин аст, ки бар гардани ҳар тане ҳамчу қарзу дайн бошад ва бояд ба адолату мувосот (баробар) қиём кунад. Пас асли тадоюн панҷ чиз аст: илм ва таҳорат ва ибодат ва касб ва никоҳ» (Меъёр-ут-тадоюн, нусхаи №383 (Душ.) вараҚи 89-90 а.). Мушобеҳи ин Фитрат низ тамоми инсониятро фарзанди як падар ва афроди як ҷинс, яъне “бародарони якдигар” меҳисобад ва онҳоро ба “ухуввати умумия” даъват менамояд. Ӯ айнан эҳсос мекунад, ки бе риояи ин ухуввият чӣ қадар низоъҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ боиси рехтани хуни аҳли башар гардидаанд [6, с.359] ва мегарданд (С.Х. - таъкид аз мо).

Бо ин ҳама тафовути афкор ва баъзан ҳамоҳангиҳо маълум аст, ки саъю талош ва ҳарбу зарб, ақидаҳои ислоҳотталабонаву иттиҳодпарваронаи маорифпарварон ва таҷаддудхоҳон барояшон ҳамеша садде-хоҳ рӯҳонӣ - маънавӣ ва хоҳ ҷисмонӣ - моддӣ пеш меомад. Онҳо маҳз аз лиҳози тараққипарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ ба ҳукмҳои мухталиф гирифтор буданд ва баъзан ба куфру бединӣ бадном карда мешуданд. Масири таърих собит кардааст, ки Донишу Шоҳин, Фитрату Аҷзӣ, Айнӣ ва ҳаммаслаконаш аз ин чашмаи шӯру намакини ҳаёт борҳо чашидаанд, вале аз он ҳама туҳмату бӯҳтон, бухлу ҳасад парвое надоштанд. Ба ҳамин маънӣ Фитрат хеле ҷасурона иқдом намуда таъкид мекунад,

ки: “маро аз ин буҳтонҳои ботилу бемағз боке нест, зеро кӯшише, ки дар роҳи хидмати халқ менамоям, на барои мадҳу саност, на ба фикри рутбаву эҳтиром; на хаёли ҷомаву дастор дорам, на андешаи давлату эътибор. Балки мақсади ягонаи ман як чиз аст, ки ӯро аз ҳамаи коинот азизтару муқаддастар медонам. Он чиз адои вазифаи инсоният, ба ибораи дигар, таҳсили ризои Илоҳист. Ман, ки ин ҳама фарёд мекунам, хурду бузургро ва неку бадро ба худам душман месозам, орзуе надорам магар ҳамин ки Холиқи худро розӣ намоям. Ту хоҳ аз суханам панд гир, хоҳ малол” [2, с.84].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳуфи Фитрат. Мунозараи мударриси Бухорой бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида. Ҳақиқат натиҷаи тасоддими афкор аст. Табъи аввал / Фитрат, Абдурраҳуф. – Истамбул: Матбаи исломияи Ҳикмат, 1327 / 1911. - 68 с.; // - Душанбе: ТГУ, 1992. - 55 с.
2. Абдурраҳуфи Фитрат. Роҳбари наҷот / Фитрат, Абдурраҳуф. – Петроград: Типографияи М.А. Мақсутов, 1915.
3. Абдурраҳуфи Фитрат. Оила ё худ вазоифи хонадорӣ / Фитрат, Абдурраҳуф. - Боку: Мактаб, Бе соли нашр, саҳ 73.
4. Абдухолиқи Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. (Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ) / Абдухолиқи Набавӣ // Насри илмӣ ва ахлоқии Абдурраҳуфи Фитрат. – Душанбе: Адиб, 2009.
5. Абдуллоев Ш. Маорифпаварӣ ва озодфикрӣ. (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳоти Аҳамди Дониш) / Ш. Абдуллоев. – Душанбе: АФ Тоҷикистон, Институти фалсафа ва ҳуқуқ, 1994. – С.14.
6. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010.
7. Амирқулов С. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX). (Мунтахаби мақолаҳо) / С. Амирқулов. - Душанбе: Ирфон, 2010.
8. Амирқулов С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX / С. Амирқулов. – Душанбе: Дониш, 1997.
9. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ; муҳаррирони масъул: Р.Ҳодизода, А.Девонақулов. Иборат аз ду китоб. Китоби якум. – Душанбе: Дониш, 1988. – 286 с.; Китоби дувум. – Душанбе: Дониш, 1989. – 370 с.
10. Шамсиддин Шоҳин. Куллиёт. – Душанбе: Адиб, 2006. - 637 с.

ТАҲАВВУЛИ ТАДРИҶИИИ АФКОРИ ФАЛСАФӢ-АХЛОҚӢ, ИҶТИМОӢ ТАРБИЯВӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ САДАИ XX

Мақола ба баррасии таҳаввули тадриҷиии афкори фалсафӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ тарбиявӣ дар охири асри XIX ва ибтидои садаи XX бахшида шудааст. Тадқиқотҳои солҳои охир собит месозанд, ки дар масъалаи даврабандӣ ва ё табақабандии таърихи адабиёт тамоюли ҷадид ва майлони тоза ба вуҷуд омадааст. Аз ин лиҳоз, дар хусуси тамоми гуфтугузорҳое, ки дар ин самт то ин муддат ба сомон расидааст, таҷдиди назар мебояд. В статье с критической точки зрения проанализированы вопросы эволюционного развития социально-философских, нравственно-воспитательных идей в творчестве поэтов-просветителей и джадидов, их основные принципы, а также результаты проведенных исследований по данной теме. Также исследованы принципы эволюции философско-общественного, религиозно-просветительского мировоззрения в литературном процессе от Ахмада Дониша до Айни и Фитрата.

ПРОБЛЕМЫ ГЕНЕЗИСА И ЭВОЛЮЦИОННОГО РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИХ ВЗГЛЯДОВ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX – НАЧАЛЕ XX вв

В статье автором рассмотрены проблемы генезиса и эволюционного развития социально-философских взглядов во второй половине XIX – начале XX веков. Исследования последних лет доказывают, что в проблемах периодичности или классификации истории литературы возникли современные тенденции и новые уклоны. Поэтому, Поэтому, нужно пересмотреть все высказывания относительно данного направления. В статье с критической точки зрения проанализированы вопросы эволюционного развития социально-философских, нравственно-воспитательных идей в творчестве поэтов-просветителей и джадидов, их основные принципы, а также результаты проведенных исследований по данной теме. Также исследованы принципы эволюции философско-общественного, религиозно-просветительского мировоззрения в литературном процессе от Ахмада Дониша до Айни и Фитрата.

Ключевые слова: просветительская литература, джадидская литература, гармония литературы и религиозных взглядов, просветительство и Ислам, джадидизм и Ислам, “Меъёр –ут-тадоюн”, “Оила”, “Роҳбари нажот”.

THE ISSUE OF PERIODICAL DEVELOPMENT AND GENESIS OF SOCIAL-PHILOSOPHICAL THOUGHTS IN THE SECOND HALF OF XIX CENTURY AND AT THE BEGINNING OF XX CENTURY

In the article, the author considers the problems of the genesis and evolutionary development of socio-philosophical views in the second half of the 19th - early 20th centuries. Studies of recent years prove that modern trends and new biases have arisen in the problems of periodicity or classification of literary history. Therefore, therefore, it is necessary to reconsider all statements regarding this direction. The article analyzes from a critical point of view the issues of the evolutionary development of socio-philosophical, moral and educational ideas in the work of poets-educators and Jadids, their basic principles, as well as the results of research on this topic. The principles of the evolution of the philosophical, social, religious and educational worldview in the literary process from Ahmad Donish to Aini and Fitrat are also investigated.

Key words: enlightenment literature, jaded literature, unity of literature and religious opinions, enlightenment and Islam, jadidism and Islam, “Meyor-ut tadoyun”, “Family”, “Rohbari Najot”.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович*** - Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроғаи:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш. Самарқанд. E-mail: **s.x.sirojiddin1976@jmail.com.** Тел.: **(+998) 915-36-74-88**

Сведения об авторе: ***Хужакулов Сирожиддин Холмахматович*** - Самаркандский государственный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы, **Адрес:** Республика Узбекистан, г. Самарканд. E-mail: **s.x.sirojiddin1976@jmail.com.** Тел.: **(+998) 915-36-74-88**

Information about the author: ***Khujakulov Sirozhiddin Kholmakhmatovich*** - Samarkand State University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Language and Literature, **Address:** Republic of Uzbekistan, Samarkand. E-mail: **s.x.sirojiddin1976@jmail.com.** Tel.: **(+998) 915-36-74-88**

УДК: 4 (форс)

ҶОЙГОҲИ КАЛИМИ КОШОНӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ

Шукурова З.Т.
Маркази илмии Хуҷанди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мирзо Абӯтолиб Калими Кошонӣ [солҳои 1593-1651] дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бо ном ва тахаллуси Толиби Калим шуҳрат дорад ва аз бузургтарин суханварони асри XVII ба шумор меравад. Ӯ дар манобеи адабӣ ва илмии қадим ва ҷадид бо унвонҳои “Халлоқулмаонии сонӣ” ва “Фанни охирин саҳфаи китоби шоирӣ” ёд шуда, дар зиндагиаш ба мартабаи маликушшуароии дарбори Шоҳиҷаҳон [солҳои 1627-1658] расидааст.

Ашъори Абӯтолиб Калими Кошонӣ мазмуну муҳтавои дилангезе дорад. Аз тазкираҳо ва китобҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла «Тазкираи Насрободӣ»-и Мирзо Тоҳири Насрободӣ, «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Оташкада»-и Озари Бегдилӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабиёти Эрон»-и Эдуард Браун, «Луғатномаи Деҳхудо»-и Алиакбар Деҳхудо ва дигарон бо муҳимтарин масъалаҳои эҷодиёти шоир, андешаҳои ҷолиб оид ба махсусияти ашъор, анвои шеър ва тарзу услуби баёни Калим ошно мешавем [4, 5, 6, 9]. Зимнан, Шиблии Нуъмонӣ, ки дар шинохти амиқи осори шоир таҳқиқи арзишманде анҷом додааст, ба ҷиҳатҳои умдаи сабки ашъори суханвар аз дигарон таваҷҷуҳ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи Шиблии Нуъмонӣ қариб бидуни изофа ва тағйир аз тарафи донишмандони маъруфи ғарбиву шарқӣ Эдуард Браун, Алиакбари Деҳхудо, Кишоварзи Садр, Партави Байзоӣ ва дигар муҳаққиқону ноширони аҳволу осори Калими Кошонӣ истифода шудаанд. Ин муаллифон Калими Кошониро яке аз асосгузорони сабки ҳиндӣ муаррифӣ карда, маънифарӣ ва хаёлбандии ӯро сутудаанд.

Қудрат ва ҳунари шоирии Калими Кошонӣ дар тамоми анвои шеърӣ низ диққати аҳли таҳқиқ ва мутолиаро ҳарчи бештар ҷалб кардааст. Қасидаҳои мадҳии шоир бо ташбибҳои дилкашу хушоянд оғоз шудаанд. Аз ҷиҳати содабаёнӣ ва равонӣ қасидаҳои шоир ба ғазалҳояш монандаанд. Ташбибҳои қасоиди суфтаву дилнишини шоир аз тавсифи зебоиҳои табиати афсункор, мушкилоти кӯҳгардӣ, гармии тоқатфарсо, боридани борон, дамидани сабза, шукуфтани гулу лола, суруду шодмонӣ дар базму ҷашнҳо, ҳашамати Наврӯз ва ғайра иборатанд. Дар ин қисмати қасоиди Калими Кошонӣ зӯру тавони шоирӣ ва эъҷози сухани ӯ ба таври ҳақиқӣ намоён мешавад. Шоир бо истифода аз алфоз ва таркибҳои равони рӯзмарра барои содагии забони ин навъи шеърӣ, бешубҳа, хидмати шоистае кардааст. Калим дар қасоидаш ба мадҳи мамдӯҳ камтар таваҷҷуҳ карда, чунонки Шиблии Нуъмонӣ дуруст гуфтааст, «аз мадҳ мепарҳезад ва ҷавҳари аслии табиатро дар ташбиби баҳор ва ғайра сарф мекунад» [4, с.224-225]. Ин хусусияти барҷастаи қасидаҳои суханварро аз лиҳози таркибу сохт ва таносуби абёт низ мушоҳида метавон кард. Чунончи, аксари ташбибу насиб ва тағаззули қасоиди шоир аз ҷиҳати миқдори абёт бо қисмати мадҳи онҳо баробар мебошанд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто теъдоди абёти қисмати мадҳи он бештаранд.

Калими Кошонӣ дар асл шоири ғазалсарост. Асоси эҷодиёти шоирро, қабл аз ҳама, ғазал ба вуҷуд овардааст. Камоли маҳорат ва истеъдоди шоирии Калимро ҳам нахуст дар ғазали ӯ ҷустуҷӯ бояд намуд, зеро маҳз дар ҳамин навъи шеърӣ фитрати зотӣ ва нубуғи шоирии Калим ба таври барҷаста зоҳир шуда, ин навъи шеърӣ ифодагари беҳтарин ва барҷастатарин омолу афкори шоиронаи вай маҳсуб мешавад.

Калим дар ғазалҳояш бештар ҳамчун инсони наҷиби тавоноию озода, ошиқи сармасту шӯрида, марди баландҳиммату қавиирода ва фурӯтану соҳибхайр намудор гардида, ба хонандаи худ низ наҷибтарин ахлоқу одоби башариро талқин намудааст. Ғазали шоир баъзан аз рӯҳияи шикастадилӣ, яъсу ноумедӣ, узлатгузинию канорагирӣ ва афтодагию бечорагӣ низ холӣ нест. Вале ин ҳаргиз муайянгари хусусият ва моҳияти ғазали шоир буда наметавонад. Рӯҳи ғазалиёти шоир исёнангезу озодихоҳона ва баландпарвозу муҳташам аст. Калим маъниҳои барҷастаи ишқӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстиашро бештар дар ин

қолаби шеърӣ ифода карда тавонистааст.

Ғазал дар адабиёти форсу тоҷик, қабл аз ҳама, ифодагари маъниҳои ишқист. Аз ин рӯ, бештари афкори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва инсонпарварии шоир маҳз дар қолаби ғазалиёти ошиқона баён шудаанд. Каломи ошиқонаи вай малеҳу намакин ва ширину ҷозиб буда, самимитарин эҳсосоти қалбии инсонро фаро гирифтааст. Хаёлоти ошиқонааш рангину дилкаш, латифу дилошӯб ва синасӯзу ҷонгудоз, моломоли таровату латофати ҷавонист, ки риштаҳои эҳсоси инсониро ба ларзиш меоранд:

Имшаб гули хуршед ба домони нигоҳ аст,
Оинаи дил равшан аз он чашми сиёҳ аст [2, с.78].

Муҳимтарин вежагии ҳунарии сабки ҳиндӣ тасвирсозӣ, таъбирофаринӣ ва хосса тасвирҳои парадоксӣ ба шумор меравад. Дар ин байт мушоҳида мешавад, ки дар мисраи аввал тасвире қобили таваҷҷуҳ ҳамчун маҳсули тахайюли шоир ба сурати дар домони нигоҳ қарор гирифтан ё рустани гули хуршед ба ҷилва омадааст. Шоир нигоҳи ҷаззоби маъшуқро ба гули хуршед шабеҳ меукунад ва дар мисраи дувум дар иртибот ба ҳамин тасвир, навъе тасвири парадоксӣ дар сурати “ равшан шудани дил аз чашми сиёҳ” эҷод намудааст.

Қаҳрамони лирикии ғазали Калим шабеҳу нусхаи дуюми худи ӯст. Дар ишқ ӯ фардест ҷафорасидаву вафонадида, ки аз борони ашки сӯзонаш чароғи дидааш нам аст. Дили ӯ оташкадаест пурсӯз, ки пайкари нотавонашро аз сӯзиш ба хатар меандозад. Ӯ маломатзадаест ҳайрону парешон, афтодаю нотавон, вале сабуру шикебо, ки умеду орзуро домангир ва вафою васлро чашмдор аст. Тангдилию андуҳ ва ғаму ҳиҷрон боғи дилкушои синаи софи ӯст. Ошиқ дар кӯраи ғам месӯзад, то мисоли гили кулол дар оташи дарду алам пухта шавад. Дидаи ӯ аз доғи ҳаҷр сафед гаштааст, аммо нигоҳи пурумеде дорад:

Шамъи кошонаи мо шуд шабе он мояи ноз.
Умрҳо рафту ҳамон ҳайрати равзан боқист.
Шамъсон гашта ба ишқи ту гирифтор Калим.
Оташи шавқи туаш то дами мурдан боқист! [2, с.71].

Дар ин ду байт аз ғазали дигари Калим таъбирҳои “шамъи кошона”, ки киноя аз маъшуқ бошад, “мояи ноз”, “оташи шавқ” то дами марг боқӣ будани он аз тозакориҳои ҳунарии шоир ба шумор мераванд, ки ҳунари шоирии вайро дар таҳаввули вежагиҳои сабки ҳиндӣ бозгӯӣ мекунанд.

Азму суботи ошиқ дар роҳи муҳаббат нокостанист. Оташи ишқ синаашро мудом фурӯзон медорад. Ӯ хуни худро дар ин роҳ ҳалол ҳукм карда, маргро хоҳон аст, то ҷонсупориашро дар назди маъшуқ ба исбот расонад:

Намирам то ба роҳат, барнамеояд таманноям,
Насояд то қадам, берун наояд хорат аз поям [2, с.172].

Тасвирҳои санъаткоронаи Калим дар васфи ҳусну ҷамоли маъшуқ гувоҳи камоли маҳорати шоирии ӯст ва ҳаргиз аз заминаи воқеӣ ва ишқи заминии инсонӣ дур нестанд. Лекин бояд зикр кард, ки маонии ирфонӣ низ дар ғазалиёти шоир бисёр ба мушоҳида мерасанд ва хонандаи ҳушманд ҳангоми қироати ғазалиёти шоир пай мебарад, ки дар ғазал сухан дар хусуси кадом маънӣ меравад. Маъниофаринӣ ва хаёлбандӣ, чунонки Шиблии Нуъмонӣ қайд кардааст, аз хусусиятҳои муҳимми лирикаи ишқии ӯст:

Ҳаё ба гӯшаи он чашми маст ҷо карда,
Чу зоҳиде, ки ба базми шароб меояд [2, с.113].

Ё худ:

Ҳусни бепардаи ӯ бештарам месӯзад,
Чун тиҳидаст, ки бар неъмати арзон гузарад [2, с.102].

Умуман, Калими Кошониро дар радифи беҳтарин сухансароёни лирик метавон ном бурд, ки дар ашъораш ишқро чун наҷибтарин эҳсос ва беҳтарин фазилати инсонӣ бо маҳорату самимияти тамом сурудааст.

Лирикаи Калим бо афкори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳолияи ӯ пайванди мустаҳкам дорад ва андешаҳо дар либоси маъниҳои ишқӣ баён ёфтаанд, ки ин хусусият танҳо хосси ашъори Калим набуда, аз суннатҳои адабиёти классикии форсу тоҷик аст ва дар эҷоди шуарои пайрави сабки ҳиндӣ бештар ба мушоҳида мерасад.

Оҳангҳои иҷтимоӣ ва шиквоӣ дар ғазали пурра ва ё абёти ҷудогонаи девони шоир ҷойгоҳи хос доранд. Агар ғазалиёт меҳвари осори Калимро ташкил кунанд, пас мағз андар мағзи эҷоди ӯро андешаю афкори иҷтимоӣ, шиквоӣ, ҳолӣ ва ахлоқии шоир фаро гирифтаанд. Ба ин маънӣ, Калим аз шоироне аст, ки афкору ақоиди иҷтимоӣ, ҳолӣ ва шиквоиро дар қолаби ғазал ба дараҷаи баланд бурдаанд.

Ҷанбаи иҷтимоии ғазалиёти суханвар дар ифодаи афкори танқидӣ ва шикоятии шоир аз замону аҳли он ва афлоку рӯзгори бемуруввату носозгор ба мушоҳида расида, ҳамин ҷиҳат мавқеи иҷтимоӣ ва ғоявии ӯро чун инсон ва адиби пешқадам таҷассум

мекунад. Абёти зерин аз ҳамин қабиланд:

Фалак меоварад моро бурун аз қӯраи меҳнат,
Вале рӯзе, ки худ берун кунад ин рахти мотамро [2, с.40].

Ё ки:

Гарди ғамро пок аз рӯи ғуборолуди мо,
Силии айём бо ашки дамодам мекунад [2, с.203].

Боз:

Гарчи муҳтоҷем, чашми ағниё бар дасти мост,
Ҳар куҷо дидем об аз ҷӯ ба дарё меравад [2, с.334].

Дар ғазалиёти дорои мазомини иҷтимоӣ низ падидаҳои муҳимми ҳунари шоирии Калим муҷассам мегарданд. Ба таъбири дигар, масоили иҷтимоиро низ шоир тавассути корбурди воситаҳои тасвири бадеи ва ҳунари шоирӣ баррасӣ кардааст. Аз ҷумла, дар байти аввал ибораҳои “кӯраи меҳнат”, “рахти мотам”, дар байти дувум “по кардани ғам аз рӯи ғуборолуд”, “рӯи ғуборолуд”, “силли айём”, “ашки дамодам”, “байти савум “чашми ағниё”, “ ба дасти мо будани чашми ағниё”, “аз ҷӯ ба дарё рафтани об” дар шумори таркибҳое маҳсуб мешаванд, ки маҳсули ҳунари шоирии суханвар буда, шеваи баёни ӯро дар тафсири мазомини иҷтимоӣ ҷаззоб ва шоирона намудаанд.

Калим ҳамвора ҷӯёи ҳақиқату адолат аст ва ӯ барои дарки иллатҳои зиндагӣ гузашта ва замони худро бо назари ибрат дар мақоми муқоиса мегузорад. Бо ёдоварии он ки Афлотун барин нобиғаи башарӣ дар зиндагии худ сарпаноҳе ба ҷуз хум надоштааст, рӯҳи худро таскин бахшиданӣ мешавад:

Ҳамеша аҳли ҳунарро замона урён дошт,
Фасонаест, ки хум ҷомаи Фалотун буд [2, с.174].

Шоир бо неруи ақлу фаҳм аҳвол ва сабабҳои бадбахтиву носозгории суханварону ҳунармандонро кашф кардан мехоҳад. Бо вуҷуди ин, ӯ имкон наёфтааст, ки чораю тадбирҳои иллатҳои замонаро пешбинӣ намояд. Аз ин рӯ, оҷизиву нотавониро аз тақдиру сарнавишти азалӣ медонад:

Тирарӯзӣ нест имрӯзӣ, ки тадбире кунам,
Ин сияҳрӯзӣ милоди хомаи тақдир буд.
Дар канори модари даҳрем тифли рӯзадор,
Рафт айёме, ки пистони амал пуршир буд [2, с.246].

Дар баъзе мавридҳо тахайюл ва андешаҳои шоиронаи Калим дар ғазалиёташ бо сулҳҷӯию мадоро, созишу мусолимат, канорагирию узлат ва бетафовутию якрангӣ нисбат ба замонаи тира ва чархи ситамкор омезиш меёбанд. Ӯ дар ин ҳолатҳо нисбат ба замона ба дараҷае бетафовут аст, ки фарқи талхию ширинӣ, буду набуд, сарвату нодорӣ ва хорию иззатро дарк ва эҳсос намекунад. Зиндагӣ дар чашмаш чунон ҳақиру каммоя ва бебаҳра аст, ки аз шикояти он ор мекунад. Вайронаи ҷунунро мақоми худ дониста, чашм аз неку бади ҷаҳон мепӯшад ва ин амалро “камоли биниш” меҳисобад:

Чашм пӯшидан зи неку бад камоли биниш аст,
Дида то бино шавад, бояд ки нобино шавад [2, с.112].

Бархе аз андешаҳои шоир зери таассуроти гуногуни тазйиқовари муҳити носозгори иҷтимоӣ сурат гирифтааст, ки ҳаргиз ҷаҳони маънавӣ ва аслу моҳияти тафаккури баланди шоир далел нест. Афкори пешқадами иҷтимоии суханвар мисли таровати баҳор аст, ки инқилоби ҳақиқии руҳӣ ва ботинии ин шоири пурандешаро таъмин медоранд.

Эҷодиёт ва дастовардҳои Калими Кошонӣ дар ғазалнависӣ ба рушду таҳаввули шеъри қарни XV11 мусоидат намудааст. Дар ин ашъор лутфи сухан мақоми бештар дошта, шоир баёни лутфомезро дар ҳадди ҳунари баланди шоирӣ нигоҳ доштааст. Ӯ ҳамеша кӯшидааст, ки суханро ҷаззоб баён намояд. Аз мероси Калими Кошонӣ хонанда бо мушаххасоти иҷтимоиву адабии замон ошноӣ пайдо менамояд. Ашъори Калими Кошонӣ саршор аз маонии баланди ишқу зебоӣ ва тасвирҳои якдастанд. Аз нахустин ҳарфу ҳиҷои ашъораш рангу накҳати хушу гуворо ба чашму машом мерасад.

Ӯ бо ашъори мазмунан баланд ҳамчун суханвари ҳунарманд муаррифӣ шудааст, ки назари расо ва биниши амиқи зиндагишиносӣ дорад. Эҷодиёташ фарогири мавзӯоти ишқӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, ишқӣ-ирфонӣ, ҳасбиҳолӣ ва иҷтимоӣ аст.

“Халлоқу-л-маонии сонӣ” эътироф шудани Калими Кошонӣ ишора ба табиати баланди эҷодӣ ва таппишу ғурриши набзи дили шоир нисбат ба адабиёт ва замон мебошад. Ин нукта аз он дарак медиҳад, ки воқеан Калими Кошонӣ дар таърихи адабиёти форсизабони Ҳинд дар баробари идомаи беҳтарин суннатҳои адабиёти гузашта даст ба ибтикор дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ, тасвирофаринӣ ва дигар падидаҳои ҳунарии шеър, хосса ғазал зада, ки ин амр ба эътирофи мақом ва ҷойгоҳи хоссаи ӯ дар қаламрави адабиёти классикии тоҷик омил шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гули Хуршед / Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи пешгуфтор ва луғот Ш. Нуриддинов. - Душанбе: Ирфон, 1985. - 272 с.
2. Девони қасоид, ғазалиёт, маснавиёт, муқаттаоти Абӯтолиб Калими Кошонӣ. Чопи аввал / Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳусайн Партави Байзоӣ. - Теҳрон: Китобфурӯшии Хайём, чопхонаи Рушдия, 1336. - 438 с.
3. Мутлақ, Ш. Калими Кошонӣ ва сабки ҳиндӣ / Ш.Мутлақ. - Теҳрон, 1366. – 340 с.
4. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеъру-л-Аҷам ё Таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷилди севум / Шиблии Нуъмонӣ; тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахрдоъии Гелонӣ.–Теҳрон, 1334.
5. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон.–Чопи нуҳум.–Теҳрон, 1373.–5/1.–635 с.
6. Самарқандӣ, Малеҳо. Музаккару-л-аҳбоб: Матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим / Ба эҳтимоми Камолуддини Айнӣ. Чопи аввал.–Душанбе: Пайванд, 1385.–621 с.
7. Тавфиқ, С. Таърихи адабиёти Эрон. Чопи дувум.–Теҳрон, 1388.
–753 с.
8. Туҳфату-л-аҳбоб фи тазкирату-л-асҳоб. Таълифи Қорӣ Раҳматуллоҳ Возеҳ, Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо / Зери назари А. Мирзоев. - Душанбе: Дониш, 1977.
9. Тазкираи Насрободӣ: таълифи Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ. - Теҳрон: Армуғон, 1317. - 496 с.
10. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон / Бадеуззамон Фурӯзонфар. - Теҳрон: Хоразмӣ, 1369. – 713 с.

ҶОЙГОҲИ КАЛИМИ КОШОНӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ

Мирзо Абӯтолиб Калими Кошонӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз бузургтарин суханварони асри XVII мебошад, ки ҳамчун “Халлоқулмаонии сонӣ” ва “Фанни охирин саҳфаи китоби шоирӣ” машҳур шудааст. Эҷодиёти Калими Кошонӣ ба рушду таҳаввули шеъри қарни XV11 мусоидат намудааст. Аз мероси Калими Кошонӣ хонанда бо мушаххасоти ичтимоиву адабии замон ошноӣ пайдо менамояд. Ашъори Калими Кошонӣ саршор аз маонии баланди ишқу зебоӣ ва тасвирҳои якдастанд. Аз нахустин ҳарфу ҳичои ашъораш рангу накҳати хушу гуворо ба чашму машом мерасад. Эҷодиёт ва дастовардҳои Калими Кошонӣ дар ғазалнависӣ ба рушду таҳаввули шеъри қарни XV11 мусоидат намудааст. Ӯ бо ашъори мазмунан баланд ҳамчун суханвари ҳунарманд муаррифӣ шудааст, ки назари расо ва биниши амиқи зиндагишиносӣ дорад. Эҷодиёташ фарогири мавзӯоти ишқӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, ишқӣ-ирфонӣ, ҳасбиҳолӣ, ичтимоӣ аст. Қудрат ва ҳунари шоирии Калими Кошонӣ дар тамоми анвои шеърӣ низ диққати аҳли таҳқиқ ва мутолиаро ҳарчи бештар ҷалб кардааст. Қасидаҳои мадҳии шоир бо ташбибҳои дилкашу хушоянд оғоз шудаанд. Аз ҷиҳати содабаёнӣ ва равонӣ қасидаҳои шоир ба ғазалҳояш монанданд. Калими Кошонӣ дар таърихи адабиёти форсизабони Ҳинд дар баробари идомаи беҳтарин суннатҳои адабиёти гузашта даст ба ибтикор дар мазмунсозӣ ва маъниофарӣ, тасвирофаринӣ ва дигар падидаҳои ҳунарии шеър, хосса ғазал зада, ки ин амр ба эътирофи мақом ва ҷойгоҳи хоссаи ӯ дар қаламрави адабиёти классикии тоҷик омил шудааст

Калидвожаҳо: Калими Кошонӣ, сабки ҳиндӣ, анвои шеър, ғазал, қасида, таърихи адабиёти форсу тоҷик, шоир.

МЕСТО КАЛИМА КОШОНИ В ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Мирзо Абутолиб Калим Кошони в истории персидско-таджикской литературы является одним из ярких представителей XVII века. Творчество Калима Кошони способствовало развитию и эволюции поэзии XV11 века. Из наследия Калима Кошони читатель может ознакомиться о слциально-литературной спецификой того времени. Наследие Калима Кошони полна высокой риторической мысли и изображения прекрасного. Из первых букв и слов веет чистотой и благородством. Творчество и достижения Калима Кошони в написании газелей способствовали развитию и эврлюции поэзии XV11 века. Он со своим высокохудожественным творчеством представляется как красноречивый литератор, который имеет высокое мнение и углубленный взгляд на жизнь. Его творчество охватывает темы любви, нравственности, мистицизма и социальные темы. Сила и поэтическое мастерство Калима Кошони привлкает внимание исследователей и почитателей его творчества. Его оды начинаются с лирическими и привлекательными вступлениями. С точки зрения простоты изъяснения его касыды можно сравнить с его газелями. Калими Кошони в истории индийской персоязычной литературы на равне с прекрасной идиомой традиций предшествующей литературы проявил инициативу в создании поэтических явлений, которые обогащают содержание и смысл поэтических произведений, в особенности газелей и это еще раз доказывает его бесценный поэтический талант на поприще персидско-таджикской литературы.

Ключевые слова: Калим Кошони, индийский стиль, разнообразие поэзии, газель, касыда, история персидско-таджикской литературы.

THE PLACE OF KALIM KOSHONI IN PERSIAN LITERATURE

Mirzo Abutolib Kalim Cauchoni in the history of Persian-Tajik literature is one of the brightest representatives of the 17th century. The work of Calim Cauchony contributed to the development and evolution of poetry in the 15th century. From the legacy of Calim Cauchon, the reader can get acquainted with the social-literary specifics of that time. The legacy of Calim Cauchon is full of high rhetorical thought and portrayal of beauty. From the first letters and words, purity and nobility blows. Creativity and achievements of Calim Cauchoni in writing gazelles contributed to the development and eurlution of poetry of the 15th century. He, with his highly artistic creativity, is presented as an eloquent writer who has a high opinion and in-depth outlook on life. His work covers themes of love, morality, mysticism and social themes. The power and poetic skill of Calim Cauchoni attracts the attention of researchers and admirers of his work. His odes begin with lyrical and engaging introductions. In terms of simplicity of explanation, his qasida can be compared to his gazelles. Kalimi Cauchoni in the history of Indian Persian-language literature, along with the beautiful idiom of the traditions of previous literature, took the initiative in creating poetic phenomena that enrich the content and meaning of poetic works, especially gazelles, and this once again proves his invaluable poetic talent in the field of Persian-Tajik literature.

Key words: Kalim Cauchoni, Indian style, variety of poetry, gazelle, qasida, history of Persian-Tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шукурова Зайнура Турсуновна*** - Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,докторант Ph.D. **Суроғa:** 735777, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Сирдарё, 26, E-mail: **komron.4422@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шукурова Зайнура Турсуновна*** **–** Худжандский научный центр Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D**. Адрес:** 735777, Республика Таджикистан, город Худжанд, улица Сирдаря, 26. E-mail: **komron.4422@mail.ru**

Information about the author: ***Shukurova Zaynura Tursunovna*** **-** Khujand Scientific Center of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D. **Address:** 735777, Republic of Tajikistan, Khujand city, Sirdarya street, 26. E-mail: **komron.4422@mail.ru**.

УДК: 891.550

ПОДОШИ КИРДОРҲОИ НЕК, КАЙФАРИ ҒУНОҲ ВА БАДКОРИҲОИ ЗАНОН ДАР “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА “ХАМСА”-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

“Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ аз назари муҳтаво асаре фарогир буда, дар миёни достонҳои гуногуни он, дар радифи мавзӯъҳо ва мазмунҳои муҳимми маъхуз аз зиндагии ҷомеаи аҳди зиндагии шоир, ба масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ ҳам ба таври васеъ дучор шудан мумкин аст, ки аз назари сохтори муҳтавоӣ шомили аҷзои таркибии асаранд. Ин худ гувоҳи он аст, ки чеҳраи Фирдавсӣ дар лобалои на танҳо ҳамчун шоири ҳамосасаро, балки ба сифати ҳакиме омӯзгор, муаллиме ғамхор ва устоде дар мақоми волои устодӣ ҷилвагар мешавад [2, с.7]. Низомии Ганҷавӣ, ки пайрави Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, аз зумраи он сухангустаронест, ки ба туфайли достонҳои баландмазмуни таркиби “Хамса”-и худ дар инкишофи адабиёти классикии форс-тоҷик мақоми арзандаеро ишғол намуда, тавассути осори нотакрораш олитарин идеяҳои хешро оид ба мақом ва манзалати инсон баён кардааст. Дар достонҳои Низомӣ низ мазмунҳои алоқаманд ба масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ мавқеи муҳим дошта, дар онҳо андарзҳои фаровон оид ба меҳанпарастӣ, одамият, фалсафаю ҳикмат, ишқи поки инсонӣ, насиҳати фарзанд, мақоми сухан, омӯзиши дониш, ҷавонмардӣ, ростию росткорӣ, мазаммати дурӯғу бадкирдорӣ ва амсоли инҳо оварда шудаанд, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд.

Яке аз ғояҳое, ки дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ ифодаи мукаммал ёфтааст, муборизаи ду мабдаъ – некӣ ва бадӣ мебошад. Ин паём аз адабиёти аҳди қадими тоҷик ва муҳимтарин асари он – “Авасто” сарчашма мегирад. Тибқи таълимоти пешин, некон пайравони Аҳурамаздо, пайравони ростӣ (арта) ва бадон пайравони Аҳриман, дурӯғпарастонанд. Дурӯғ (драуга, шакли авестоиаш друг, друҷ) таҷассуми беадолатӣ, бадӣ ва бадахлоқист [7, с.83]. Муборизаи ин ду қувва (мабдаъ) дар достон дар симои мардуми эронинажод ва душманони онҳо тасвир ёфтааст.

Муаррихи маъруфи тоҷик Бобоҷон Ғафуров дар асари худ “Тоҷикон” муборизаи ин ду қувваи ба ҳам зидро асоси пешрафти ҷаҳон номидааст: “Хусусиятҳои асосии зардуштия, ки ба даврахои мухталифи инкишофи он хос буд, ин дар ибодат ба худои ягона Аҳура-Маздо (Урмузд, Ҳурмузд) ифода ёфта буд, ба назар мерасад. Дуияте (дуализме), ки аксаран онро ба ахлоқ ва одоб нисбат медиҳанд ва он аз муқобилгузории ду мабдаи доимии муҷаррад, Некӣ ва Бадӣ ва ё рост ва дурӯғ таркиб ёфта буд, сарвари қувваҳои Некӣ (ростӣ, адолат, рӯшноӣ ва ғ.) худои бузург Аҳура-Маздо, сарвари қувваҳои Бадӣ (дурӯғ, торикӣ ва ғ.) эзиди бад ва душман Аҳра-Манйу (дар навишти авестоӣ – Ангро Майну, баъдан Аҳриман) мебошанд. Муборизаи ин ду қувва асоси пешрафти ҷаҳонро ташкил медиҳанд” [7, с.82].

Дар ҳама давру замон ва дар ҳама ҷомеаҳои башарӣ натиҷаи накукорӣ ба подошҳо анҷом ёфтаанд ва бадкирдорӣ оқибати гирифторӣ бо ранҷу азоби одамон гардидааст. Ҳама доноёни ҷаҳон, мутафаккирон, сухансароён кӯшидаанд, то дар асарҳои офаридаи худ ин ду кирдори ба ҳам зидди одамонро намоён созанд. Мутафаккирони барҷастаи форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ низ тавонистаанд, бо як маҳорати баланди сухансанҷӣ ин ду намуди рафтору кирдори инсонҳои замони хешро дар намодҳои (образҳои) офаридаашон, аз ҷумла дар симои занон, бозтоб намоянд.

Агар ба сурати куллӣ ва ҷомеъ ба андеша бигирем, дарунмояи шоҳкори беҳамтои Ҳаким Фирдавсӣ – “Шоҳнома” аз тасвири рафтору кирдорҳои гуногуни шоҳону шоҳзодагон, сипаҳбаду паҳлавонмардон ва умуман, шахсиятҳои достонии ҳазорсолагони пеш аз замони Фирдавсӣ иборат аст. Гузаштагони дури мо, бавижа гурдону хирадмандон ва аксари ориёитаборон, зери тарбияи се асли ахлоқи ориёӣ – пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек тавоноии боздоштани нафси худ, ба таври умда, кирдору рафтори зишту кароҳатбори хешро доштанд ва метавонистанд, барои аз байн бурдани онҳо муборизa

баранд. Дар ин мубориза занон ҳам бо мардон якҷоя буданд. Бинобар ин, ҳам дар достонҳои “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва ҳам достонҳои “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ чеҳраи занони ҷасуру диловар, модарони меҳрубон ва ҳамсарони бохирад бо рафтору кирдорҳои шоистаи хеш, ба сони ростию дурустӣ, вафодорию меҳрубонӣ, сулҳпарварӣ ва душмани дурӯғ будан аксар ба таври барҷаста ва баъзан ба сурати зимнӣ бозтоб шудаанд. Новобаста аз ҷойгоҳу мартабаи доштаашон занони ин ду шоҳкори адабиётамон, чи шаҳбонувону асилзодагон ва чи канизони дарбор ва ё кишоварзанону ҳунармандон, аз паёмади кардаи худ барои кирдорҳои нек подош ва барои кирдори зишт кайфар мебинанд.

Чунонки дар боло ишора шуд, дар боварҳои бостонии мардумони ориёитабор дурӯггӯй неруи бадӣ дониста шуда, дурӯғ гуфтан аз бадтарини гуноҳҳо шуморида мешуд. Ҳикмату хиради азалии ниёкони мост, ки дурӯғро, дар рӯ ба рӯйи шаш фариштаи ёвари Худо, яке аз шаш деви бадгуҳар дониста буданд. Дар китоби “Авасто”, ки беш аз 6000 сол дастури зиндагии гузаштагони дури мо буд, дурӯғу дурӯғандешон ба унвону усулҳои гуногун накуҳиш шудаанд.

Вожаи “дурӯғ” дар “Авасто” ба шакли “друҷ”, “друг” (Drug), ба унвони лақабе барои Аҳриман ё барои табақаи девҳо, ки шоҳашон Заҳҳок (Ажидаҳок) буд, ба кор бурда шудааст. Ҳамчунон, ба девҳои мода чунин ном гузошта шудааст. Фиребидану шарру шӯру тазвир ва вайрон кардани рафтори нек аз роҳи ҳилаву норостӣ бо истилоҳи “друҷ” ифода мегардид [9, с.164].

Деви дурӯғ, ки Буити (Buiti) низ ном дорад, аз рӯзҳои нахустини падидор гаштани Зартушт, бо супориши деви девон Аҳриман, дар пайи куштани паёмбар мегардад. Назар ба ривоят, Зартушт чун ба дунё омад, Дурогон (Duragan), дев ва афсунгари бузургро сахт торикиву зулмот фаро гирифт ва аз ҳарос ба худ ларзид, чун дарёфт, паёмбарест, ки ҷодуву афсуну дурӯғро аз бунён бархоҳад афканд ва ҷумлаи ҷодувону бадкоронро аз хиттаи замин бархоҳад андохт, пас ба чорҷӯй андар шуд [11, с.46].

Дар “Авасто” бобҳои алоҳида дар бораи рафтор бо дурӯғпарастон бахшида шудаанд. Дар баробари ба ойини ростӣ гароидан одамонро таъкид мекунад, ки ба дурӯғпарастон ситеза кунанд ва ононро миёни худ роҳ надиҳанд. Ва ончуноне дар модари китобҳо омадааст, Худованд Зартуштро барои некиву ростӣ ихтиёр доштан ва душмани дурӯғ будан ба паёмбарӣ пазируфтааст. Фариштаи Баҳман (Ваҳуман) ба назди Зартушт фуруд омада, мепурсад, ки кистиву чӣ таборе дорӣ ва кому орзуят чист? Зартушт мегӯяд, ки “ман Зартуштам, душмани дурӯғ, дӯсти неруманде аз барои пайравони ростӣ ҳастам” [11, с.46]. Дар ҷойи дигар таъкид мекунад, он ки дурванду дурӯғкирдору каҷандеш аст, аз Анграмайну (Аҳриман) коми хуш наёбад ва сарнавишти табоҳ дошта бошад. Дар “Авасто”, дар муқобили “хиради поку муқаддас” – Спинта майну (Spenta mainuy) аз “хиради палиду дурӯғ” – Анграмайну (Angra mainuy) гуфтаҳои зиёде мавҷуд аст, ки ба мардумон аз роҳи Аҳриман – роҳи дурӯғу торикӣ ҳазар карданро таъкид мекунад.

Ба мушоҳидаи Зафар Мирзоиён, таърихнигори овозадори бостон Ҳеродот низ навиштааст, ки “дурӯғ гуфтан дар ойини Зартушт гуноҳи кабира аст ва дар назди эрониён палидтарин кор дониста шудааст”. Ин гуфтаи Ҳеродот баргирифта аз чунин сангнабиштаи Дориюши Бузург аст, ки ба ин маънӣ ишора гардидааст: “Ту, ки рӯзе шоҳ хоҳӣ шуд, аз дурӯғ бипарҳез ва касеро, ки дурӯғ мегӯяд, сахт ҷазо бидеҳ”. Дар ҳақиқат, гузаштагони мо бад-он сон ба дурӯғ кароҳати беш ва ба дурӯггӯ нафрат доштаанд, ки онро бо офатҳое чун хушксолӣ ва ҷанг ҳамгун мешуморидаанд. Шоҳаншоҳ Дориюш, ба ҳангоми дуо, аз Худованд мехоҳад, кишварашро нахуст аз сипоҳи душман (ишора ба ҷанг), сипас аз хушксолӣ (ишора бар табақаи кишоварзу пешавар) ва севум аз дурӯғ нигоҳ дорад [9, с.165].

Ниёкони мо ба дурӯггӯён кайфару ҷазои сахт раво медидаанд. Агар шахсе ба гуфтани сухани дурӯғ муртакиб мешуд, дар назди мардум “савганд меҳӯрд.” Ин амали ниёконамон аз савганд ёд карданҳои ҳамзамононамон тафовутҳои қатъӣ дошт, зеро ки савганд хӯрдан натанҳо ба забон овардани сухан буд, балки барои исботи сухани рости худ амалеро анҷом медод, ки дар бисёре аз мавридҳо ба марги дурӯггӯ анҷом мепазируфт.

Дар “Авасто” вожаи “савганд” (saokenta vant – дорои гӯгирд) ба маънии гӯгирд аст ва таркиби “савганд хӯрдан”- ро маънӣ гӯгирд хӯрдан аст, ки ҳангоми муҳокимаҳои печдарпечу мубҳам аз роҳи имтиҳону озмоиши гунаҳкорӣ ё бегуноҳии шахси гумонбар ба вай миқдоре гӯгирди бо об омехтаро меҳӯронданд ва дар вуҷудаш пайдо мегашт, ки гунаҳкор аст ё на [9, с.166]. Таркиби “қасам хӯрдан” баргирифта аз амали савганд, яъне оби гӯгирд хӯрдан мебошад, зеро равшан аст, ки қасамро хӯрда намешавад. Дар ин ҷо баъдҳо калимаи арабии “қасам” ҷойи вожаи форсӣ – тоҷикии “савганд”- ро гирифта, ҷузъи таркиби феъли “хӯрдан”-и тоҷикӣ боқӣ мондааст. Дар он замон, ҳамчунон, барои исботи ростӣ ва дурӯғ будани даъвои рақибе кас мебоист, аз миёни оташ гузарад.

Шоистаи гуфтан аст, ки дурӯғ ҳамчун мазҳари каживу костӣ, гумроҳсозии мардум, ҷабру зулм ва бедодиву парешонӣ ошӯбу ошуфтагиро меофарад. Ба гунае, ки дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ҳосили бедодии шоҳ Нӯзар ва ишқи ӯ ба ганҷу динору дирам ба хор шудани мардум мерасонад. Аз бедодии Нӯзар кишоварз сипоҳӣ (сарбоз) мешавад, ҳар паҳлавоне саркаш шуда, подшоҳиро мехоҳад ва кишвар ба ошуфтагиҳо дучор меояд ва ҳатто табиат ба харобиву костӣ рӯ меоварад; оҳувон аз зоиш бозмемонанд, зоғ чӯҷаи кӯр ба дунё меоварад, дар пистони гову нахҷир шир пайдо намешавад, об дар чашмаҳо хушк шуда, ба сони қир сиёҳранг мегардад ва ҳатто мушк бӯйи худро аз даст медиҳад:

Зи бедодии шаҳрёри ҷаҳон,
Ҳама некӯиҳо шавад дар ниҳон.
Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
Шавад бачаи зоғро дида кӯр.
Бибуррад зи пистони нахҷир шир,
Шавад об дар чашмаи хеш қир.
Зи кажжӣ гурезон шавад ростӣ,
Падид ояд аз ҳар сӯе костӣ.

Чунин маъниҳоро дар “Шоҳнома”-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ метавон ба таври фаровон пайдо намуд. Дар идома мо мавзӯъро дар шахсияти занон пайгирӣ хоҳем кард.

Ҳаким Фирдавсӣ дар достони “Сиёвуш”, ки дар байни достонҳои ишқии “Шоҳнома” бо мазмун ва мундариҷаи хосси худ, масъалагузорӣ ва ҳалли мавзӯъ аз достонҳои дигари ин шоҳкор тафовут дорад, ба як силсила масъалаҳои муҳим, ба мисли ҳиссиёти ватандӯстӣ, тарбияи паҳлавонони ояндаи Эрон чун Сиёвуши зебо аҳаммият дода бошад ҳам, дар бобати офаридани симои зан чун Судоба эҷодкориҳои махсус дорад. Бахусус, дар офаридани зани дорои манишу рафтори манфӣ. Аз ин хотир, агар образи Судобаро бо занҳои баҳоят ҷолиб ва дорои ахлоқи ҳамида, ки натанҳо дар зебоӣ, балки дар матонату ҷасорат ҳамтои худро надоранд, муқоиса намоем, ин шахсият мавқеи ҳалкунандаро ишғол наменамояд. Вале чун ба моҳияти иҷтимоии достон амиқ назар меафканем, мебинем, ки шоир дар бобати ба тариқи мутазод(д) ба қалами тасвир гирифтани образҳои занҳо сухани тоза гуфтааст.

Дар асоси таҳлили образи Судоба муносибати ба зан доштаи Абулқосим Фирдавсӣ муайян мегардад. Дарёфта мешавад, ки ин сухансарои бузург то кадом андоза ба кушодани ҷаҳони ботинии занҳои дарбории подшоҳони ориёӣ ноил гардидааст, то кадом андоза дар баробари офаридани симои занҳои олиҷаноб дар таҳқиқи бадеии занҳое ҳам, ки бо вуҷуди кам буданашон ба шаъни подшоҳони ориёӣ иснод овардаанд, муваффақ гардидааст. Судоба занест, ки дар худ кирдорҳои зишту кареҳро, ба монанди макру ҳилла, хиёнат, туҳмату бӯҳтон, ки ин ҳама аз дурӯғ маншаъ мегирад, мепарварад.

Дар достони “Сиёвуш” оварда шудааст, ки пас аз ба Эрон омадан ва Сиёвушро дидан, дар дили Судоба ҳиссиёти булҳавасӣ, сипас хиёнат ба шавҳар ба вуҷуд меояд. Сиёвуш аз модарандараш – Судоба, ки майли ҳамхоба гаштан бо ӯро дошт, бо нафрат мегурезад, аммо ба дасисаи модарандар ба туҳмати азими дастдарозӣ ба номуси Судоба гирифтор мешавад. Вақте ки Судоба аз Сиёвуш ҷавоби рад гирифт, даст ба туҳмат зад, ки гӯё ин таклифро Сиёвуш ба вай карда бошад. Ӯ бо роҳи худро ба ғашён (истерика) задан аз ҷодаи инсоният хориҷ мешавад:

Бизад дасту ҷома бидаррид пок,
Ба нохун ду рухро ҳамекард чок.
Баромад хурӯш аз шабистони ӯй,
Фиғонаш зи айвон баромад ба кӯй...
Ба гӯши сипаҳбад расид огаҳӣ,
Фуруд омад аз тахти шоҳаншаҳӣ...
Хурӯшид Судоба дар пеши ӯй,
Ҳамерехт обу ҳамеканд мӯй.
Чунин гуфт, к-“Омад Сиёвуш ба тахт,
Бароpост чангу баровехт сахт,
Ки аз туст ҷону танам пур зи меҳр,
Чӣ парҳезӣ аз ман ту, эй хубчеҳр?” [13, с.372].

Шавҳарашро бовар кунонд, ки на ӯ, балки Сиёвуш изҳори шаҳват карда бошад. Дар асл чунин набуд: “Чун Сиёвуш бо хашм аз бари ӯ бармехезад, Судоба, ки рози хеш фош, хештанро расво ва маъшукро бе меҳру вафо мебинад, бо найранг ҷома бар тан медарад ва рӯй мехарошад ва аз тахт хешро ба зер меафканад” [6, с.149].

Қуллаи олии озмудани покӣ ва бегуноҳӣ аз даруни оташ гузаштан ва насӯхтан аст. Ба ин васила аз тамоми нуқсу камбудиҳо барӣ будани шахс тасдиқ мегардад. Сиёвуш “ба

неруи яздон аз ин кӯҳи оташ” зарар наёфт ва аз он бо лаби пурхандаю рухи чун вард, яъне гул бурун омад. Куллаи асосии достони “Сиёвуш ва Судоба” низ аз оташ гузаштани Сиёвуш ва шарманда шудани Судоба мебошад. Ин амал бо раъйи мӯбадон барои исботи бегуноҳӣ рух дода буд ва дар натиҷа, Сиёвуш аз миёни оташ бегазанд берун меояд. Гумон меравад, дар миёни мардуми оддӣ ривоҷ доштани таркибе ба сони “агар дурӯғ гуфта бошам, дар оташ бисӯзам”, обишхӯр аз ин ойини бостон аст.

Пас аз он ки бегуноҳии Сиёвуш ва хиёнату дурӯғгӯии Судоба ошкор гардид, Ковусшоҳ аз эрониён пурсид, ки аз ин бадии кардаи Судоба мукофот чист? Фармони ба дор овехтани Судобаро дод, шабистон аз ин дар хурӯш омад, Сиёвуш фикр кард, ки бо дасти шоҳ Судоба табоҳ гардад, дар охир пушаймон ва аз вай печон мешавад, Сиёвуш гуфт, ки бар ин гуноҳ Судобаро бар ман бахш, подшоҳ бибахшид ва Сиёвуш Судобаро ба сарой бурд [1, с.37].

Дар ин достон Судобаи бадкеш на бо дасти ҳамсар ва падари фарзандонаш – Ковус, балки бо дасти тавонои Рустами Дастон ҷазо мебинад. Ӯ ба сабаби бо кирдорҳои разилонааш сабаби марги шоҳзода, вориси тахти Эрон – Сиёвуш гардидан ба марг маҳкум карда шуда, ба дасти Рустам кушта мешавад ва подоши кирдорҳои баду разилонаи худро мебинад.

Лозим ба ёдоварист, ки Фирдавсии бузургвор саҳнаи шамшер кашидани Рустами Дастонро бар сари як зани ба истилоҳ “мушти пар”, ниҳоят пуртаъсир ва омӯзанда намоён сохтааст. Пеш аз ҳама, тасвири ҷуръати ҷаҳонпаҳлавон дар куштани зани подшоҳи фармонравои худ. Рустам, албатта, ханҷар дар хуни як зан олуда карданро ба худ нанг медонист, вале дар он замоне, ки зани дурӯғгӯ мазҳари Аҳриман ва вайронгари Эроншаҳру ойини ориёиён аст, сабабгори кушта шудани Сиёвуш, умеди тахти каёнӣ мебошад, ин корро нописанд намешуморад. Балки ин ҷо барои мо муҳим масъалаи кайфари гуноҳи бад мебошад.

Ҳаким Фирдавсӣ дар ин достон баҳри бештар нишон додани хислатҳои разилонаи Судоба лаҳзаи дигареро бозтоб мекунад, ки он низ аз бадтинатии Судоба дарак медиҳад. Судоба бо ин рафтори худ қаноат накарда, барои олудани домани шоҳзода чорачӯӣ мекунад. Зани ҷодуеро, ки ҳомила буд, зару зевари зиёд бахшида, ӯро дору дода, пеш аз вақт таваллуд кунонид ва кӯдакони ӯро аз они Сиёвуш эълон кард. Ин буҳтони сахттарин буд, чи бар Сиёвуш ва чи бар падари ӯ:

Яке ташти зарин биёвард пеш,
Бигуфт ин сухан бо парастори хеш.
Ниҳод андар ӯ баччаи Аҳриман,
Хурӯшиду бифканд бар ҷома тан.
Ниҳон кард занрову ӯ худ бихуфт,
Фиғонаш баромад ба кох аз нуҳуфт….
Чу бишнид Ковус аз айвон хурӯш,
Биларзиду букшод аз хоб гӯш….
Ду кӯдак бар он гуна бар ташти зар
Ниҳода ба хориву хаста ҷигар.
Биборид Судоба аз дида об,
Ҳаме гуфт: “Равшан бибин офтоб.
Ҳаме гуфтамат, к-ӯ чӣ кард аз бадӣ,
Ба гуфтори ӯ хира эмин шудӣ.
Дили шоҳ Ковус шуд бадгумон
Бирафту дар андеша шуд як замон.
Ҳаме гуфт, к-инро чӣ дармон кунам,
Нашояд, ки ин бар дил осон кунам [13, с.377-378].

Абдолов Назарбек дар монографияи “Достонҳои ишқӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ” дар мавриди ишқи ғайриахлоқӣ ва яктарафаи Судоба нисбат ба писарҳондаш – Сиёвуш чунин ақидаронӣ намудааст: “Дар достони “Сиёвуш ва Судоба” тарафи дигари муносибатҳои инсонӣ – шавқу ҳаваси пайваста ба хоҳишҳои ҷисмонӣ дар ҷойи аввал меистад. Инсонҳо, дар ҳақиқат, хоҳишҳои нафсонии ҷисмонӣ ҳам доранд. Вақте ки ин гуна хоҳишҳо қувват меёбанд ва аз андозаи меъёрҳои ахлоқӣ, русуми инсонию хонаводагӣ берун мебароянд, дар ҳақиқат, сурати одамиро аз байн мебаранд. Судоба ҳамин гуна кас аст. Ӯ гирифтори шавқи висол ва ҳирси ҳайвонӣ буда, дигар неку бадро намешиносад, ба роҳи дурӯғ, хиёнат, туҳмат ва ҳатто куштори кӯдакони навзод меравад. Ин ҳам як сифати ахлоқи одамист, ки танҳо марг пеши роҳи онро мегирад” [1, с.74].

Ишқи олудаи ҳавасу хоҳишҳои модарандар – Судоба нисбат ба писарҳондаш Сиёвуш – шоҳзодаи Эрон, ки хилофи роҳи Кирдгор буд, ҳамин гуна анҷом меёбад. Вай ба мақсади некӣ ва созандагӣ нест, бунёдаш бар нифоқу ҷудоист, бинобар ин, дар охири кор фоҷиа ба

бор меорад. Судоба дар муносибат бо Сиёвуш ба шавҳари худ хиёнат кард, ба роҳи ишқи ҳаром рафт ва бо ин сабаб кушта шуд. Аз касофати туҳматҳои Судоба Сиёвуш аз падар дилхунук шуда, ба Тӯрон рафт, охируламр кушта шуд ва аз он фитнаҳои зиёде ба вуҷуд омад.

Фирдавсӣ дар рафтори Судоба кирдори фаҳшу фисқу фасоди занони дарбор ва оқибатҳои бади онро, ки ҳатто ба кори давлатдориву шоҳӣ халал мерасонад, ба назар гирифтааст. Дар ин маврид Холиқ Мирзозода андешаҳои худро чунин иброз намудааст: "Фирдавсӣ ӯро (Судобаро – А. Н.) дар охир бо бахшиш талабидани Сиёвуш ислоҳ карда бошад ҳам, барои гуноҳи давлатиаш, ки боиси аз амалиёти фаҳши ӯ охируламр Сиёвуш аз дасти душман кушта шуда, тахт беворис ва хавфи парокандагии кишвар ба миён омада буд, набахшида, ӯро ба дасти наҷотдиҳандаи ягонаи Эрон – Рустам ҷазо додааст" [10, с.444].

Фирдавсӣ ёдовар мешавад, ки дар рӯзгорони дароз ҳеҷ бадӣ бе подоши муносиб намондааст. Судоба сабабгори марги шоҳзодаи Эрон Сиёвуш мегардад ва дере нагузашта худи ӯ низ кушта мешавад.

Кайфари амали бадро дар рафтори зани дигаре аз табақаи шоҳону ашрофзодагон дар достони "Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон"- и Абулқосим Фирдавсӣ – духтари меҳтари Чоч, ҳамсари шоҳаншоҳи Эрон – Нӯшинравон низ метавон дид. Воқеи духтари меҳтари Чоч ба масъалаи хобу хоббинӣ ва таъбири хоб пайванд дорад, бинобар ин, қабл аз баёни воқеа ба мавқеи хобу хобгузорӣ дар "Шоҳнома" ва назари Фирдавсӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ мекунем.

Бояд тазаккур дод, ки дар "Шоҳнома"-и Ҳакими Тӯс ба масоили ахтаршиносӣ ва хобу хобгузорӣ диққати махсус дода шудааст. Дар адабиёти динӣ, хоссатан, дар достони маъруфи "Юсуф ва Зулайхо", ки аз адабиёти Мисри қадим, асотири яҳудию масеҳӣ ва сураи Қуръон манша мегирад, низ ба ин масъала таваҷҷуҳ шудааст [8, с3, 69-71]. Ба таври умум, дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ оид ба ситорашиносон ва хобгузорон ва пешгӯиҳои онҳо сухан зиёд меравад, ки дар ҳама мавридҳо онҳо қодир ба ёфтани роҳи ҳалли мушкиливу пешомадҳо мебошанд. Доир ба ахтаршиносон ва хобгузорон мо дар дигар асарҳои адибони классикиамон ҳам зиёд вомехӯрем. Натиҷа чунин аст, ки пешгӯиҳои онҳо аксар дар рафти воқеаҳои достонӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Шоҳону паҳлавонони "Шоҳнома" низ ҳар гоҳ, ки ба мушкилие рӯ ба рӯ гарданд ва ё барои таъбири хоберо дарёфтан, ба ситорашиносон ва хобгузорон ниёз пайдо карда, ба гуфтаи онҳо гӯш фаро медиҳанд. Дар фасли "Хоб дидани Нӯшинравон ва ба даргоҳ омадани Бузарҷмеҳр" Фирдавсӣ ишора кардааст, ки хобро "беҳуда" нашмарад:

Нигар, хобро беҳуда нашмарӣ,
Яке баҳра донаш зи пайғамбарӣ [16, с.435].

Дар достони "Подшоҳии Кисрои Нӯшинравон"- и "Шоҳнома"- и Фирдавсӣ ҳикояте оварда шудааст, ки шоҳи Эрон – Нӯшинравон хобе мебинад ва барои кушудани таъбири хоб ба хобгузорони дарбораш мурочиат мекунад. Шоҳ хобашро назди онҳо мегӯяд:

Чунон дид дар хоб, к-аз пеши тахт
Бирустӣ яке хусравонӣ дарахт.
Шаҳаншоҳро дил биёростӣ,
Маю рӯду ромишгарон хостӣ.
Або вай бар он гоҳи орому ноз
Нишастӣ яке тездандон гуроз.
Нишастиву май хӯрдан оростӣ,
Май аз ҷоми Нӯшинравон хостӣ [16, с.435-436].

Хобгузорони дарбор хоби шоҳро таъбир карда наметавонанд. Пас аз ҷустуҷӯи зиёд ба дарбор Бузарҷмеҳри ҷавон, ки бо пешгӯӣ ва хобгузорӣ дар кишвари Эрон ном бароварда буд, даъват мешавад. Бузарҷмеҳр хобро чунин таъбир мекунад:

Чунин дод посух, ки "Дар хони ту,
Миёни бутони шабистони ту,
Яке марди барност, ки хештан
Ба ороиши ҷома кардаст зан" [16, с.440].

Сипас хоҳиш мекунад, ки ҳафтод зани шабистони шоҳро бисанҷанд ва аз байни онҳо марди бегонаро муайян созанд, аммо он ҷавони ғуломро пайдо карда наметавонанд. Бузарҷмеҳр тавсия медиҳад, ки занҳоро дуюмбора ва ин дафъа бараҳна бисанҷанд:

Гузоранда гуфт: "Ин на андарх[в]ар аст,
Ғуломе миёни занон-андар аст.
Бараҳна дигарбора бугзорашон,
Ба жарфӣ нигаҳ дор бозорашон" [16, с.441].

Пас аз санҷиши дубора:

Ғуломе падид омад андар миён
Ба болой сарву ба чеҳри каён.
Танаш ларз-ларзон ба кирдори бед,
Дил аз ҷони ширин шуда ноумед [16, с.441].

Муайян мешавад, ки ин ҷавон бо духтари меҳтари Чоч дар даргоҳи падараш бо ӯ унс гирифтааст ва ҳамроҳаш ба дарбори шоҳи Эрон – Нӯшинравон низ роҳ ёфтааст:

Ба сони яке банда бар пеши ӯ,
Ба ҳар ҷо, ки рафтӣ, будӣ хеши ӯ [16, с.442].

Аммо духтари меҳтари Чоч ба пурсиши шоҳ посухи нодуруст медиҳад:

Бипурсид аз ӯ шоҳ, к-"Ин мард кист,
Касе, к-ӯ чунин банда парвард, кист?...
Чунин гуфт зан, к-"Ӯ зи ман кеҳтар аст,
Ҷавон асту бо ман зи як модар аст.
Падармон ҷудо, модари мо якест,
Аз ӯ бар тани ман зи бад роҳ нест.
Чунин ҷома пӯшид, к-аз шарми шоҳ
Наёрист кардан ба рӯяш нигоҳ" [16, с.442].

Шоҳ дурӯғ гуфтани занро пай мебарад ва ба қатли ҳар ду ҷавон дастур медиҳад:

Бидонист, к-он гуфтани ӯст каж,
Дилаш з-оташи ғам баровард фаж...
Барошуфт, аз он пас ба дажхим гуфт,
Ки "Ин ҳар дуро хок бояд нуҳуфт".
Кушанда бибурд он ҷавонро давон
Паси пардаи шоҳ Нӯшинравон.
Баровехтшон дар шабистони шоҳ,
Бад-он то дигар кас начӯяд гуноҳ [16, с.442-443].

Ин ҳикоят аз он гувоҳӣ медиҳад, ки гузаштагони мо дурӯғу хиёнатро кирдори аҳриманӣ дониста, ба гунаҳкорони чунин бадкирдориҳо гузашт намекардаанд. Аз дарёфтаниҳои фаротаърихии дар ин навиштор ёдшуда метавон чунин бардошт кард, ки дар гузаштаҳои дур, ки порсиён ҳанӯз бо аҳвоми аниронӣ омехта нашуда буданд, рӯҳи дарунандешагиашон – маниши нек, куниши нек, гӯйиши нек онҳоро водошта буд, ки аз офати сахттарини бо дасти инсонҳо кошта, дурӯғгӯӣ ва дурӯғандешӣ парҳез дошта бошанд.

Дар "Шоҳнома" нақши канизакон низ хеле равшан буда, гоҳе хабаррасони пайк ва миёнарав дар саҳнаҳои ошиқонаҳо ҳастанд. Онҳо барои бароварда кардани хоҳишу дастури хоҷагонашон ҳамвора ба дурӯғпардозӣ роҳ дода, кайфари гуноҳҳои худро медиданд. Чунончи, дар достони "Зол ва Рудоба"-и Абулқосим Фирдавсӣ миёни Золу Рудоба зане рафтуомад дошт ва хабари онҳоро ба якдигар мерасонд:

Паём оваридӣ сӯи паҳлавон,
Ҳам аз паҳлавон сӯи сарви равон [12, с.295].

Рудоба ба он зан яке дастҷома, чанд чизи дигар ва ангуштарӣ ба тақдими Зол дод. Синдухт ӯро дар айвон нигоҳ дошта, аз ӯ ба пурсишҳояш рост гуфтанро талаб кард. Ҳар замон аз пеши ман мегузарӣ, ба ҳуҷра медаровӣ ва ба ман наменигарӣ ва дилам ба ту бадгумон шуд. Зан худро як чорачӯй муаррифӣ кард, дар хонаи меҳтарон аз ӯ ҷомаю гавҳар мехаранд. Рудоба пероя ва гавҳарони гаронмоя хост, афсари зарнигор овардамаш [17, с.214].

Синдухт аз ӯ чизҳои оварда ва баҳояшонро пурсид ва аз он зан талаб кард, ки сухан рост гӯяд:

Ба овоз гуфт: "Аз куҷоӣ? – Бигӯй,
Сухан ҳар чӣ пурсам, ту кажжӣ мачӯй" [12, с.296].

Зан гуфт, ки ба Рудоба додам ва баҳоро фардо мегирам. Гуфторашро каж донист, чизҳои ба ӯ додаи Рудобаро дида, ӯро ба хашм дар замин афканд ва аз мӯяш мекашид:

Ҳаме каж бидонист гуфтори ӯй,
Биёрост дилро ба пайкори ӯй.
Биёмад, бичусташ бару остӣ,
Ҳаме ҷуст аз ӯ кажживу костӣ.
Чу он ҷомаҳои гаронмоя дид,
Ҳам аз дасти Рудоба пероя дид.
Барошуфту гесӯи ӯро ба даст
Гирифту ба рӯй-андар афканд паст.
Ба хашм-андарун шуд, аз он зан ғамӣ,
Ба хорӣ кашидаш ба рӯи замӣ.

Бияфканд ӯро, ҳам он ҷо бубаст,
Ҳамекӯфт пою ҳамезад ба даст [12, с.298].

Барои сухани дурӯғ гуфтан ва ё ба ивази саркашӣ кардан аз гуфтани сухани рост ба занони миёнарав, паёмрасон ва хидматгузор ҳатто ҳукми қатлро раво медиданд ва аз рӯйи оину фар миёни чунин занонро бо арра дуним мекарданд:

Кашиданд бадбахт занро ба роҳ,
Ба хорӣ бибурданд наздики шоҳ.
Ба хубӣ бипурсиду кардаш умед,
Басе рӯзҳо низ додаш навид.
Нагуфт он сухан пеши он шаҳрёр,
Ба ҳарчанд пурсид з-ӯ чанд бор.
В-аз он пас ба хорию чӯбу ба банд
Бипардахт аз ӯ шаҳрёри баланд...
Бифармуд, к-аз пеш берун баранд,
Басе чора созанду афсун баранд.
Чу хусту наёяд, миёнаш ба ар
Бибурранд, ин аст оину фар [13, с.380-381].

Ҷолиб он аст, ки барои кирдори зишт натанҳо занон, инчунин, мардон низ ҷазо медиданд, бавижа, онҳое, ки кирдори бадро ба занону дӯшизагони эронӣ раво медонистанд. Ҳамзамон, ба ин нукта мебояд ишора кард, ки агарчи офаридгори номаи бостон дар ҷое овардааст, “ки меҳре фузун нест аз меҳри хун”, аммо дар бештари лаҳзаҳои шоҳкори хеш фарзандони аз зани эронӣ бо шавҳари ғайриэронӣ ба дунё омадаро чунон тасвир кардааст, ки нанги асолати эронии худро дар нисбат ба аҷдоди падарӣ тарҷеҳ додаанд. Махсусан, дар он мавридҳое, ки агар зани эрониро бегонагон ба зӯрӣ рабуда, ҳамсари худ карда бошанд. Ҳамон гуна ки Тоири араб духтари Нарсӣ – Нӯшаро асир гирифта, ба айвони худ мебарад ва аз ҳамболинӣ бо ӯ духтаре таваллуд мешавад, бо номи Малика. Шопур ба кишвари Тоир ҳамла мекунад, вале дар тасхири диж дармемонад. Малика, духтари Тоир ба Шопури ҷавон ошиқ шуда, ба ӯ паём мефиристад, ки “бо шоҳ ҳамгавҳар аст ва мехоҳад, ӯро ҷуфт бошаду барои тасхири диж мададгораш шавад. Малика дояро фаро хонда, мегӯяд:

Бад-ӯ гуфт, к-ин шоҳи хуршедфаш,
Ки эдар биёмад чунин кинакаш,
Бузург асту хуни ниҳони ман аст,
Ҷаҳон хонамаш, к-ӯ ҷаҳони ман аст.
Паёме зи ман назди Шопур бар,
Ба разм омадаст ӯ, зи ман сур бар.
Бигӯяш, ки бо ту зи як гавҳарам,
Ҳам аз тухми Нарсии кундоварам.
Ҳамон низ бо кин зи ҳам гӯшаам,
Ки хеши туам, духтари Нӯшаам [15, с.424-425].

Ҳангоме ки Тоири араб асир гирифта мешавад, духтарашро дар бари Шопур, дар тахт нишаста ва ба он ҷойи номварӣ дид, бидонист, ки ин ҷодуӣ кори ӯст, пас сӯйи Шопур бо ҳасрат шикоят кард, ки “Нигаҳ кун, ки фарзанд бо ман чӣ кард!”, Шопурро аз хиёнати духтараш огоҳ мекунад ва ӯро таъкид месозад, ки ин зан метавонад, ба ту низ чунин кирдори нанговарро чун хиёнат раво бинад:

Чунин ҳам ту аз меҳри ӯ чашм дор,
Зи бегонагон з-ин сипас хашм дор [15, с.429].

Шопур посух медиҳад, ки ин фарҷоми аз саропарда дуздидани духтари Баҳром аст, ки кайфарашро Худо ба ту додааст:

Чунин гуфт Шопур бадномро,
Ки аз парда чун духти Баҳромро
Биёриву расво кунӣ дударо,
Барангезӣ ин кини осударо.
Ба дижхим фармуд, то гарданаш
Занад, пас ба оташ бисӯзад танаш.
Сари Тоир аз нанг дар хун кашид,
Пас он гоҳ аз он ҷой берун кашид [15, с.429].

Маънои асосии ин достон қасоси бадномии дуда, яъне нажод ё авлод мебошад. Тоир духтари шоҳро дуздида, дар ҳарами худ нигоҳ дошт ва бидуни никоҳи расмӣ, ки дар достон аз ин масъала сухане нест, аз ӯ Малика ба дунё омад. Шопур қасоси ҳамин бадномии авлодиро мегирад. Ҳатто ба падари худ хиёнат кардану ба назди Шопур омадани Малика натиҷаи садоқат ба асолати нажодии эронии ӯст [1, с.165].

Баръакси ин ҳол дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки мардон ба ивази некӣ кардан ба занон сазовори мукофот мегарданд. Дар фасли “Нишастани Баҳром рӯзи панҷшанбе дар гунбади сандалӣ ва афсона гуфтани духтари подшоҳи иқлими шашум” дар достони “Ҳафт пайкар”-и Низомии Ганҷавӣ шоҳдухти Чин ба Баҳроми Гӯр ҳикояти Хайру Шарро нақл мекунад. Дар он достон оварда шудааст, ки Хайр ба ивази некиҳое, ки аз ҷониби курди галлабон ва духтараш мебинад, пас аз биноии худро дубора дарёфтан (Шар дар биёбони беобу лабташна ҳамсафари Хайр буд, пас аз тамом шудани оби Хайр ба ҳамроҳаш танҳо бо шарти кофтану гирифтани чашмҳояш розӣ мешавад, аммо пас аз кофтани дидагони ҳамсафараш ҳам ба ӯ об надода, дар биёбон ӯро танҳо мегузорад. Овози хастаи ӯро дар биёбон духтари галлабони курд (дар достон номи духтари курд оварда нашудааст) шунида, Хайри аз ғояти ташнагӣ нимҷону захмхӯрдаро об дода, аз марг мераҳонад ва ба хонааш оварда, бо нишондоду маслиҳати падараш чашмони ӯро бо барги куҳандарахти муъҷизаовар табобат карда, биноии ҷавонро барқарор мекунад), хидмати курдро ба ҷо оварда, дар корҳои хонааш ёрӣ мерасонад ва бо розигии ин марди накукор ба духтари ӯ, ки ба Хайр дил дода буд, хонадор мешавад:

Чун зи курд он шунид духтари курд,
Дил ба тадбири он илоҷ супурд.
Лобаҳо карду аз падар дархост,
То кунад барги бенавое рост.
Роҳ бардошт, рафт сӯи дарахт,
Боз кард аз дарахт мушке барг.
Омад, овард, нозанин бардошт,
Кӯфт чандон, ки мағз бозгузошт.
Кард софӣ, чунонки дурд намонд,
Дар назаргоҳи дардманд фишонд…
Чашми аздастрафта гашт дуруст,
Шуд биайниҳ, чунонки буд нахуст…
Аз басе ранҷҳо, ки бар вай бурд,
Меҳрубон гашта буд духтари курд…
Хайр бо курди пир ҳар саҳаре
Бастӣ аз роҳи чокарӣ камаре…
Курди саҳрорави биёбонӣ
Чун аз ӯ ёфт он таносонӣ,
Ба таваллои худ азизаш кард,
Ҳокими хонумону чизаш кард.
Духтари хешро супурд ба Хайр,
Зуҳраро дод бо Уторид сайр [4, с.395-399].

Духтари курд ба ивази некиҳои кардааш ба Хайр ишқи ӯро сазовор мегардад. Аммо чунонки аз номаш пайдост, накукории Хайр бо ин анҷом намеёбад. Хайр ҳунари табобати чашмро, ки тавассути барги куҳандарахти муъҷизаовар аз духтари курд ва ҳамсараш омӯхта буд, аз худ кард ва онро дар анҷом додани табобати чашмони бемори духтарони шоҳ ва вазири он кишвар, ки ҳар ду аз бемории босира ранҷи зиёд мекашиданд (шоҳдухтар аз дидагон бебаҳра буд ва духтари вазир дар натиҷаи бемории обила (Офати обила расида ба моҳ, / З-обила дидаҳош гашта табоҳ [4, с.403].) нобино шуда буд), истифода бурда, ба дардмандон даво бахшид ва охируламр, ба ҳар се духтар хонадор ва мулки подшоҳиро сазовор гардид:

Чашмравшан гаҳе ба духтари шоҳ,
К-ин чу хуршед буду он чу моҳ.
Шодмона гаҳе ба духтари курд,
Ба се нард аз ҷаҳон надаб мебурд,
То чунон шуд, ки некхоҳии бахт
Бирасондаш ба подшоҳию тахт [4, с.403].

Дар достони “Искандарнома”- и Низомии Ганҷавӣ низ образи занонеро метавон ба мушоҳида гирифт, ки бо кирдорҳои некашон сазовори подоши нек гардидаанд. Аз ҷумла, Нӯшоба – ҳокими шаҳри занон бо номи Бардаъ аз зумраи занони ҳушманду ботадбир, боирода, ғамхору чорасоз ва силаҳшӯру ватанпарвар буда, дар достони мазкур бо чунин сифатҳо тасвир шудааст.

Нӯшоба ҳамчун сарвари боҳушу хирадманд аз хоҳиши ба шаҳрашон ташриф овардани шоҳи номвару тавоно – Искандар огоҳ шуда, ӯ ва ҳамроҳонашро бо шукӯҳу шаҳомати шоҳона пешвоз мегирад. Нӯшоба ҳамчун шоҳи дурандеш хуб медонист, ки новобаста аз нерумандӣ ва тавоноию сарсупурдагии лашкараш, ки аз сӣ ҳазор гурдзанони далеру шерафкани ватандӯсту ҷонсипор иборат аст (Бурун аз канизони чобуксавор, /

Ғуломони шамшерзан сӣ ҳазор) [5, с.153], ӯ наметавонад ба шоҳи Рум ва лашкари корозмудааш, ки шоҳи Зангиён ва Эронро ба зону нишонданд, дар набард пирӯз шавад. Аз ин рӯ, бо ҳарифи пурзӯр муросо кардан ва бо ӯ аз дари дӯстӣ ва мусолиҳа муносибат карданро ихтиёр мекунад:

Чу Нӯшоба донист, к-авранги шоҳ
Ба фоли ҳумоюн даромад зи роҳ,
Парастишгариро бароpост кор
Бар андешаи пояи шаҳрёр.
Фиристод нузле сазовори ӯ,
Камар баст бар хидмати кори ӯ.
Бурун аз басе чорпои гузин,
Чи аз баҳри матбах, чи аз баҳри зин…
Хуришҳои шоҳонаи мушкбӯй,
Табақҳои мушк аз паи дастшӯй...
Бароpост Нӯшоба даргоҳро,
Ба зар даргирифт оҳанин роҳро.
Паричеҳрагонро ба сад гуна зеб
Саф андар саф ороста дилфиреб.
Баромуда гавҳар ба мушкин каманд,
Фурӯҳишта бар гавҳарогин паранд [5, с.157].

Нӯшоба Искандарро дар сатҳи баланд меҳмондорӣ карда, ҳама одобу русуми пазироии шоҳонро риоя мекунад.

Ҷолиб аст, ки шоири бузург дар тасвири ин намод сифатҳои ба ашрофзодагон ва маликаҳо хосро моҳирона бозгӯ намудааст. Чунончи, сифатҳои пазироӣ ва меҳмоннавозӣ бар пояи олии шоҳӣ, равшанбаёнӣ ва хушсуханӣ ба мушоҳида мерасад. Искандар аз ин ҳама қаноатманд мешавад:

Ба Нӯшоба гуфт: “Эй шаҳи бонувон,
Беҳ аз шермардон ба тӯшу тавон…
Ҳазор офарин бар зани хуброй,
Ки моро ба мардӣ шавад раҳнамой” [5, с.163].

Ҳамин аст, ки пас аз хабар ёфтани чирамандӣ ва тасхири шаҳри занон аз ҷониби лашкари рус Искандар бо русҳо ҳафт маротиба ҷангида, дар охир бар лашкари онҳо шикаст оварда аз пайи озод кардани Нӯшоба ва шаҳри занон мешавад, ӯ ва шаҳрашро озод карда, бо ганҷи фаровон сӯйи ватанаш мефиристад.

Дар достони “Сиёвуш”- и Абулқосим Фирдавсӣ, дар рафтори Фарангис – духтари шоҳи Тӯрон – Афросиёб, ҳамсари Сиёвуш, модари шоҳи Эрон – Кайхусрав низ метавон кирдорҳои нақиби занро ба мушоҳида гирифт. Ӯ занест, ки ҳаргиз некиро фаромӯш намекунад ва ҳамеша омодааст, ба ивази он нисбат ба шахсони некхоҳ эҳсон намояд.

Пирон, лашкаркаши Тӯронзамин ҳамчун шахси ватандӯст барои осоиштагии кишвар ва созиши Эрону Тӯрон ва боз ҳам мустаҳкам шудани дӯстии байни кишвари худ ва Эрон, бар хилофи раъйи духтари худ, духтари Афросиёб – Фарангисро ба зании Сиёвуш сазовор донист, аммо дере нагузашта аз кардаи худ пушаймон шуд. Афросиёб Сиёвуши бегуноҳро ба куштан дод ва духтараш – Фарангисро, ки дар батн кӯдак дошт, чунин дастури латукӯб дод (то ки аз Сиёвуш асаре ва ҷонишине бокӣ намонад):

Зи парда ба гесӯ баредаш кашон
Бари рӯзбонону мардумкушон.
Бигӯ, то бигиранд мӯи сараш,
Бидарранд бар тан ҳаме чодараш.
Занандаш басе чӯб, то тухми кин
Бирезад бар ин буми Тӯронзамин.
Нахоҳам зи бехи Сиёвуш дарахт,
На шоху на баргу на тоҷу на тахт [14, с.112-113].

Барои раҳонидани Фарангис ва бачаи ӯ Пирон чорачӯӣ мекунад. Пирон ҳамчун шахси нексиришту накукор Фарангисро аз дасти падари золимаш раҳонда, ӯро ба хонааш мебарад ва ба занаш – Гулшаҳр мефармояд, ки ӯро нигаҳбонӣ кунад:

Ҳама дил пур аз дарду дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросиёб…
Чу чашми гиромӣ ба Пирон расид,
Шуд аз оби дида рухаш нопадид…
Чу омад ба айвон, ба Гулшаҳр гуфт,
Ки “Ин хубрухро бибояд нуҳуфт” [14, с.116-120].

Фарангис далерона ба таклифи Гев барои ба сӯйи Эрон паноҳ бурдан розӣ шуд. Пирон бо лашкар онҳоро таъқиб кард, аммо ба дасти Геви паҳлавон асир афтод. Фарангис ҳаққи некии Пиронро фаромӯш накарда, гуноҳи ӯро аз Гев дархост карда, аз асирӣ ва куштан озод кард, ки дар ин амалиёти вай баландҳимматии ӯ зоҳир гаштааст:

Фарангисро дид дида пуроб,
Забон пур зи нафрини Афросёб.
Ба Гев он гаҳе гуфт, к- "Эй сарфароз,
Кашида чунин ранҷи роҳи дароз.
Чунон дон, ки ин пирсар паҳлавон
Хирадманду род асту равшанравон.
Пас аз додгар довари раҳнамун,
Бидон, к-ӯ раҳонид моро зи хун…
Ба мо бахшаш, эй номвар, ту кунун,
Ки ҳаргиз набуд бар бадӣ раҳнамун [14, с.238].

Ба ин тартиб, хислати неки Фарангис сабаб шуд, ки ҷуфти шоҳзодаи Эрон – Сиёвуш гашта, шоҳи ояндаи Эрон, меросбари тахти каёнӣ – Кайхусравро ба дунё овард, ки дар фарҷом мояи сарафрозии кишвари озодагон гардид.

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ кард, ки Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ дар осори худ паҳлуҳои гуногуни рафтору кирдори одамонро таҳлил намуда, симои занонеро, ки пой ба марзҳои норостиву нодурустӣ мегузоранд, дар ҳолатҳои ногувору шармовар тасвир кардаанд. Ҳатто яке аз онҳо – Судобаро ҳамчун намоди бадӣ бо шамшери ҷаҳонпаҳлавон, намоди некиву покӣ ва меҳанпарастиву фидокорӣ – Рустам ба кайфар расондааст. Натиҷаи ниҳоӣ чунин аст, ки аъмоли бади инсонӣ, ба мисли макру фиреб ва норостиву дурӯғ ба занон намезебад. Илова бар ин, ҳар ду шоир симои занонеро ҳам, ба монанди духтари курд ва Фарангис офаридаанд, ки баръакси занони бадаъмол маҳзари аъмоли нек ва фидокорӣ дар баробари ростӣ ва садоқат ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ / Н. Абдолов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.
2. Андарзномаи Фирдавсӣ: таҳия ва тадвин аз Зоҳир Аҳрорӣ, Камол Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 272 с.
3. Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди қадим ва аҳди ҷадид. – Стокголм: Институти тарҷимаи Библия, 1992. – 1381 с.
4. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар / Низомии Ганҷавӣ – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
5. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Искандарнома / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
6. Деҳбошӣ, Алӣ. Фирдавсӣ ва "Шоҳнома. Маҷмӯи 36 гуфтор / Алии Деҳбошӣ. – Теҳрон, 1370. – 647 с.
7. Ғафуров, Б. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна). Китоби 1 / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 700 с.
8. Қуръон. Қуръони карим / Тарҷумаи доктор Сайид Алӣ Мусавии Гарморудӣ. – Теҳрон, 1383. – 696 с.
9. Мирзоён, Зафар. Худовандагори сухани порсӣ / Зафар Мирзоён. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2015. – 360 с.
10. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1(1) / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1987. – 488 с.
11. Разӣ, Ҳошим. Зардушт ва таъолими ӯ / Ҳошими Разӣ. – Теҳрон, 1360 (1981). – 524 с.
12. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. Ҷилди 1. – 480 с.
13. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 с.
14. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 3. – 480 с.
15. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 с.
16. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 8. – 480 с.
17. Шарифов, Худоӣ. Сухан аз адабиёти миллӣ / Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

ПОДОШИ КИРДОРҲОИ НЕК, КАЙФАРИ ГУНОҲ ВА БАДКОРИҲОИ ЗАНОН ДАР "ШОҲНОМА"-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА "ХАМСА"-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ҳамчун асари бузурги ҳамосии мардуми эронинажод аз аҳаммияти таърихию фарҳангӣ низ бархӯрдор буда, падидаҳоеро аз расму оин ва таҳаввули муносибатҳои қавмию синфӣ дар шинохти аносири давлатдорӣ ва танзими низоми ахлоқии ҷомеа фароҳам овардааст. Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ бо офаридани достонҳои хурду бузурги "Шоҳнома" раванди ташаккули ҷомеаро дар муносибати инсонҳо ба падидаҳои гуногуни ҷомеа ба намоиш мегузорад, ки масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ аз ҷумлаи онҳоянд. Аз ин рӯ, "Шоҳнома" на танҳо майдони ҳарбу зарб, қаҳрамонию ҷавонмардӣ, асолатпешагию тоҷҳоҳӣ, ватандӯстию ҷонфидоӣ ва амсоли ин, балки як асари арзишманди ҳунариест, ки бо рӯйнамоии ду қувваи ба ҳам зид, некию бадӣ тамоми рафтору кирдори шоиставу ношоистаи инсониро ситоишу накуҳиш менамояд. Ҳакими Тӯс ба ҳар масъалае аз лиҳози ахлоқӣ ворид шуда, панду андарзро нишонаи олии худшиносӣ маърифат менамояд. Достонҳои таркиби "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ низ саршори афкори ахлоқӣ буда, шоир бо таҷассуми қувваи некию бадӣ тавонистааст, паҳлуҳои гуногуни арзишҳои инсониро ба қалам диҳад. Дар достонҳои Низомӣ низ мазмунҳои алоқаманд ба масъалаҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ мавқеи муҳим

дошта, дар онҳо андарзҳои фаровон оид ба меҳанпарастӣ, одамият, фалсафаю ҳикмат, ишқи поки инсонӣ, насиҳати фарзанд, мақоми сухан, омӯзиши дониш, ҷавонмардӣ, ростию росткорӣ, мазаммати дурӯғу бадкирдорӣ ва амсоли инҳо оварда шудаанд, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд. Дар ин мақола ҳадафи асосӣ таҳқиқи масъалаи чигунагии тасвири масоили ахлоқӣ дар рафтори занону бонувон дар ду шоҳкории азими адабиёти форс-тоҷик – “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ буда, муаллиф кӯшидааст, то подоши кирдорҳои нек ва кайфари гуноҳҳову бадкориҳои инсониятро дар мисоли образи занон ба намоиш гузорад. Муаллиф дар охир ба чунин натиҷа расидааст, ки, мувофиқи назари таҳлилии Фирдавсӣ ва Низомӣ, аъмоли бади инсонӣ, ба мисли макру фиреб ва норостиву дурӯғ ба занон намезебад. Илова бар ин, ҳар ду шоир симои занонеро ҳам, ба монанди духтари курд ва Фарангис офаридаанд, ки баръакси занони бадаъмол маҳзари аъмоли нек ва фидокорӣ дар баробари ростӣ ва садоқат ҳастанд.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, Низомӣ, “Шоҳнома”, “Хамса”, образи занон, аъмоли неку бад, подош, кайфар.

ПООЩРЕНИЕ ДОБРЫХ ПОСТУПКОВ, НАКЗАНИЕ ЗА ГРЕХИ И НЕБЛАГОВИДНЫЕ ПОСТУПКИ ЖЕНЩИН В "ШАХНАМЕ" ФИРДОУСИ И "ХАМСА" НИЗАМИ ГЯНДЖАВИ

"Шахнаме" Фирдоуси как большое эпическое произведение иранских народов, имеет историческим и культурным значением и охватывает описание явлений, относящихся к обычаям и ритуалам, к эволюции межплеменных и классовых отношений, к познанию элементов государственного управления и регулированию нравственного уложения общества. Фирдоуси, сочиняя малые и большие поэмы в «Шахнаме», представляет процесс становления общества сквозь отношения людей к различным явлениям общества, включая вопросы морали и воспитания. В этой связи «Шахнаме» - это не только описание картин поля брани, подвигов и мужества, аристократичности и борьбы за царствования, любви к родине и готовности к самопожертвования, но и является высокохудожественным произведением, в котором поэт останавливаясь на отражение двух противоположных сил – добра и зла, превозносит или поносит все добрые и недобрые человеческие поступки. Фирдоуси, рассматривая каждый вопрос с нравственной точки зрения, характеризует нравоучение как наивысший показатель самопознания. Поэмы, составляющие и «Хамса» (Пятерица) Низами, также изобилуют нравственными размышлениями, и поэту, отражая силы добра и зла, удаётся представить описание различных сторон человеческих ценностей. И в поэмах Низами темы, связанные с нравственно-воспитательными вопросами, занимают важное место, где в изобилии приводятся размышления касательно любви к родине, человечности, философии и мудрости, любви, наставления детям, места слова, учёбы, великодушия, праведности и правдивости, поношения лжи, дурных поступков, что сохранило своё значение и до наших дней. В предлагаемой статье главной целью является рассмотрение характера описания нравственных вопросов в поведении женщин в двух шедеврах персидско-таджикской поэзи – "Шахнаме" Фирдоуси и "Хамса" Низами. Автор статьи приложила усилия представить воздаяние за добрые поступки и наказание за грехи на примере образов женщин. В заключении автор приходит к выводу о том, что, с точки зрения анализа Фирдоуси и Низами, дурные людские поступки, такие как обман, неправедность и ложь, не красят женщин. В дополнение к этому оба поэта создают образы женщин в лице курдской дочери и Фарангис, которые являются носителями доброго нрава, самопожертвования, праведности и верности и противопостоят образам недобронравых женщин.

Ключевые слова: Фирдоуси, Низами, "Шахнаме", "Хамса", образы женщин, добрые и дурные дела, воздаяние, наказание.

PROMOTION OF GOOD ACTIONS, PUNISHMENT FOR SINS AND ADVERSE ACTIONS OF WOMEN IN "SHAKHNAM" FIRDOUSHI AND "HAMSA" NIZAMI GANJAVI

"Shahnameh" by Ferdowsi as a great epic work of the Iranian peoples, enjoys historical and cultural significance and covers the description of phenomena related to customs and rituals, to the evolution of tribal and class relations, to the knowledge of the elements of government and regulation of the moral order of society. Ferdowsi, writing small and large poems in "Shahnama", represents the process of the formation of society through people's attitudes to various phenomena of society, including issues of morality and education. In this regard, "Shahnameh" is not only a description of paintings of the battlefield, exploits and courage, aristocracy and struggle for reign, love for the motherland and readiness for self-sacrifice, but also is a highly artistic work in which the poet dwelling on the reflection of two opposite forces - good and evil, exalts or revolts all good and unkind human actions. Ferdowsi, considering each issue from a moral point of view, characterizes moral teaching as the highest indicator of self-knowledge. The poems that make up the "Hamsa" (quintuple) of Nizami are also replete with moral reflections and the poet, reflecting the forces of good and evil, manages to present a description of various aspects of human values. And in Nizami's poems, topics related to moral and educational issues occupy an important place, where reflections on love for the motherland, humanity, philosophy and wisdom, love, instruction to children, the place of speech, study, generosity, righteousness and truthfulness, and defamation of lies are given in abundance, bad deeds, which has retained its meaning to this day. In this article, the main goal is to consider the nature of the description of moral issues in the behavior of women in two masterpieces of Persian-Tajik poetry - "Shahname" by Ferdowsi and "Khamsa" by Nizami. The author of the article has made an effort to present the reward for good deeds and punishment for sins using the example of images of women. In conclusion, the author comes to the conclusion that from the point of view of the analysis of Ferdowsi and Nizami, evil human actions such as deceit, unrighteousness and lies do not paint women. In addition to this, both poets create images of women in the person of a Kurdish daughter and Farangis as bearers of a good disposition, self-sacrifice, righteousness and loyalty, and prototype images of unwarranted women.

Key words: Ferdowsi, Nizami, "Shahname", "Khamsa", images of women, good and bad deeds, retribution, punishment.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашурова Нодира Ҷумаевна*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи факултаи филология. **Суроғa:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Ашурова Нодира Джумаевна*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы и журналистики филологического факультета. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова, 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

Information about the author: ***Ashurova Nodira Jumaevna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str.S. Safarov 16. E-mail: **Shokhnoma@mail.ru**

УДК: 891.550

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ МУҲАММАД ҒОИБ

Ҷалилов Ғ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Жанри адабӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ба шумор меравад, ки дар асоси он тарзи муайяни тасвири инсон дар раванди зиндагӣ, роҳу воситаҳои гуногуни тасвири хислату вазъият ва ҳолатҳои рӯҳии ашхоси мухталифи ҷомеа истодааст. Профессор Худойназар Асозода таърихи қадима доштан ва мудом дар тағйироту инкишоф будани жанрҳои адабиро чунин шарҳ додааст: «маълум аст, ки жанрҳои бадеӣ фақат дар марҳалаи инкишофи санъати сухан пайдо шуда, сипас баробари адабиёту санъат вусъат меёбад. Онҳо вобаста ба давру замону муҳити адабӣ ҳамеша дар такомуланд ва имкон дорад, ки гоҳе ба дигаре табдил гарданд» [12, с.22].

Ғазал ҳамчун жанри бадеӣ силоҳи махсусе дар ин ҷараён маҳсуб меёфт, ки маҳз тавассути он бо нигаҳдошти қолаби он фикрҳои инқилобчигӣ рӯйи коғаз мерехтанд. Аммо бо такя ба шеъри нав анъанаи чаҳорбандӣ арзи зуҳур намуд, ки қариб дар эҷодиёти ҳамаи шоирони даврони шӯравӣ ба чашм мерасанд. Ин зуҳурот дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб қариб ба чашм намерасад. Мавзӯъ ин аст, ки анъанаи шеърнигории Муҳаммад Ғоиб бо такя ба шеъри классикии тоҷик ҳамонгунае, ки бӯд, то имрӯз боқӣ мондааст.

Дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб ғазал мавқеи асосӣ пайдо кардааст. Махсусан, мавзӯи ишқу муҳаббат ба ватан аз сабаби ҷанбаи пурқуввати ҳаётӣ доштанаш, дар осори шоирони классику муосир нақши муҳимро мебозад.

Ин жанр, ки давраи дуру дарозро аз сар гузаронидааст, як қатор анъанаҳои мундариҷавӣ ва шаклиро соҳиб шудааст, чунончи: 1) мавзӯъ, ки ишқ мебошад; 2) ғоя – садоқат дар муҳаббати поку беғаш ва илҳомбахш; 3) образ, ки маъмулан се навъ аст: а) маҳбуба, б) қаҳрамони лирикӣ, в) рақиб; 4) қофия, ки танҳо як шакл дорад: аа, ба, ва, га… 5) ҳаҷм – одатан аз 7 то 12 байт мешавад; 6) тахаллус [9, с.46].

Ғазал яке аз жанрҳои зебои шеърӣ маҳсуб ёфта, қариб шоире нест, ки дар ин жанри шеърӣ қувваозмоӣ накарда бошад.

Анъанаи ғазалсароӣ дар эҷодиёти шоирони асрҳои гуногун, ки мазмуни иҷтимоиро дар ғазал дохил карда буданд, идома ёфтааст. Дар адабиёти муосири тоҷик низ ғазал ва анъанаи он яке аз шаклҳои лозимӣ ва қобили қабул гардид. Шоирон дар қолаби анъанавии ғазал афкори иҷтимоӣ ва сиёсиро баён мекарданд. Маълум аст, ки жанри ғазал барои ифода ёфтани эҳсосоти ишқу ошиқӣ муносибтарин ва дилкаштарин шакли адабӣ ба шумор меравад ва маҳз ғазалро интихоб кардани шоир табиист, ки як навъ идомаи анъанаи суннатии суханварони пешин мебошад.

Ғазал дар луғат ба маънии *ишқбозӣ, қиссаи ишқу ошиқӣ* омадааст. Мавзӯи ғазали истилоҳӣ бештар ишқу ошиқӣ аст ва бинобар онро ғазал номидаанд [13, с.198].

Мавриди тазаккур аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар айни замон дар баёни мавзӯъ, мазмун ва вижагиҳои поэтикӣ вобаста ба дараҷаи идроку маърифат ва завқи зебоиписандии худ обу ранги тозае низ ворид кардааст.

Дар истилоҳи адабӣ ғазал шеъреро мегӯянд, ки бар як вазну қофия навишта мешавад ва байти аввалаш мусарраъ буда, мисраи ҷуфти абёти дигар *бо он ҳам*қофия меоянд. Ҳаҷми ғазал маъмулан аз панҷ то ҳафт байт аст, лекин миқдори миёнаи абёти ғазал то дувоздаҳ байт мерасад [13, с.198-199].

Назар ба ақидаи академик А. Мирзоев дар нимаи аввали асри XI «…барои як шакли хосси назмро қабул кардани ғазал ҳанӯз заминаи мувофиқ ба вуҷуд наомада буд» [7, с.69]. И.С. Брагинский дар тақризе, ки ба китоби А. Мирзоев навиштааст, баръакси баъзе фикрҳои муаллиф сухан ронда, изҳор доштааст, ки ғазал дар адабиёти форсу тоҷик таърихи дур дорад ва асоси вай дар фолклор аст. Аз ин рӯ, ғазал ҳанӯз дар адабиёти асри X вуҷуд доштааст ва он дар эҷодиёти Рӯдакӣ истифода шудааст [5, с.100].

Яке аз жанрҳои маъмули адабие, ки устод Муҳаммад Ғоиб ба он даст задааст, ин жанри ғазал аст.

Ғазалиёти ӯ бештар дар маҷмӯаҳои “Сад ғазал” (1991), “Лолаи чашм” (1993), “Гавҳари меҳр” (2001), “Боми сипеҳр” (2002) ба табъ расида, аз тарафи адабиётшиносон – Соҳиб Табаров, Аламхон Кӯчаров, Маъруф Рачабӣ ва шоирон – Лоиқ Шералӣ, Низом Қосим, Муҳаммадалии Ачамӣ, Зиё Абдулло, Салими Хатлонӣ ва дигарон баҳои баланд гирифтаанд.

Адабиётшинос Соҳиб Табаров ба ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб чунин баҳо додааст: “... Шумо нисбат ба аксари ғазалсароёни муосири тоҷик тамоми нозукиҳои ин жанри умумимиллии назми форсу тоҷикро хеле хуб ва моҳирона истифода бурда метавонед” [10, с.31].

Устод баъзе ғазалҳои шоирро классикӣ номидааст. Чунончи:

Одамиро фикри дунёӣ ҷаҳонбин мекунад,
Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад...
Мардро созад гузашти умр неку хайрхоҳ,
Ҳар ҷавонеро бубинад пир, омин мекунад.

Маъруфи Рачабӣ дар хусуси ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб чунин ибрози ақида намудааст: “Муҳаммад Ғоиб аслан шоири ғазалсаро аст. Ӯ аз чашмаи поку беолоиши ашъори бузургони гузашта ташнагӣ шикаста, хоки хушкидаи ин гӯшаи назмро аз нав сарсабз менамояд” [10, с.31].

Адабиётшинос Аламхон Кӯчаров дар хусуси ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб чунин гуфтааст: “Муҳаммад Ғоиб дар офариниши ғазал ба ҷузъитарин махсусиятҳои услубии ин шакли шеърӣ, чун ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ҳусни хаёлангезӣ ва тартиби баён саромадони адабиётамонро ба тамом пайравӣ намуда тавонистааст” [10, с.32].

Сабку услуби баёни ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб содаву равон буда, хонандаи закӣ ба зудӣ матлабу мақсади шоирро дарк карда метавонад, вале гоҳе дар ғазалиёти адиб истифодаи сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад, ки аз шоири нозукандеш ва нуктасанҷ будани Муҳаммад Ғоиб дарак медиҳад. Чунончи дар байтҳои зер, ки мавзӯи панду ахлоқро дар бар мегиранд, устод Муҳаммад Ғоиб сабки ҳиндиро ба кор бурдааст:

Чӣ сон аз ростӣ гӯянд ҳарфе хомабардастон,
Ки пеши беқаламҳоянд мисли дол хам имрӯз.

Ё ин ки:

Дар зиндагӣ аз сарҳади сад марг гузаштем,
Пайдо асари хилъати ҳастӣ зи кафан шуд.

Хусусияти дигари сабки ҳиндӣ дар он аст, ки маънӣ бар лафз афзалият дорад, ки мо ин маъниро дар мисоли зер дида метавонем:

То саркаши сухан ҳаст, аспи забони инсон,
Дар сурати лабонаш бар худ лаҷом дорад.

Санъатҳои бадеӣ дар ашъори Муҳаммад Ғоиб бо маҳорати хоссае истифода шудаанд. Асосан, васфи рухи ҷонона, қаду қомати мавзун, ҳусни худодода, хулқу атвори накуи ӯ, бо усулҳои гуногуни санъатҳои шеърӣ ба қалам дода шудааст. Бо истифода аз санъатҳои тасвиру ташобеҳ дар мувашшаҳи зерин шоир ду рухсори ҷононаро рахшанда аз нури хуршеду моҳ чунон ба тасвир додааст, ки хонандаро беихтиёр мафтун месозад ва ба сайри кишвари зебои шеър мебарад.

Дар ҳақиқат, адиби нозукбаён ашъори ишқиро аз мағзи ҷон ва бо ҳиссиёту ҳаяҷони шадид сурудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Муҳаммад Ғоиб фарди бағоят ҳаётдӯст будааст ва ишқи тасвирнамудаи ӯ поку беолоиш аст. Барои мисол як ғазали ишқии шоирро пурра меорем:

Ғунчаи чашмам шукуфт аз офтоби рӯи ту,
Дидаи уммед чун варто̆ч дӯзам сӯи ту.
Бар машомам аз ту бӯи нарму борон мерасад,
Абр боронист дар пиндори ман гесӯи ту.
Камсамар чун ток умри бебаҳоям мегузашт,
Гар намезад хадраҳоямро қалам абрӯи ту.
Моҳии дилро зи баҳри синаам берун кашид,
Нест шасте ҳамчу тори ҳалқадори мӯи ту.
Шери нангам гашт аз оҳуи сеҳрат бемакон,
Ҳукмрони ҷангали тақдир шуд оҳуи ту.
Ман наменолам дигар аз неши оруи фироқ,
Шуд асал гулҳои ишқ аз наштари оруи ту.
Чун ту дар кӯйи вафо сарчашмаи иқбол нест,
Ташнагӣ охир Муҳаммадро барад бар кӯи ту.

Ғазалҳои Муҳаммад Ғоиб дар мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, дӯстиву рафоқат, ватанхоҳӣ, тараннуми фасли баҳору наврӯз ва ғайра бахшида шудаанд.

Ғазалҳои рангину таъсирбахши Муҳаммад Ғоиб бо забони фасеҳу ширин, мазмуни баланд, ангезиши ҳиссиёту ҳаяҷони латифи инсонӣ, тараннуми ишқу муҳаббат аҳаммияти калони маърифатӣ ва ахлоқию тарбиявӣ доштанашон қалбу шуури ҳар як хонандаи соҳибзавқро ба ваҷд меорад, ба ӯ неруи тоза ва шавқу илҳоми беандоза мебахшад.

Зимни таҳлил ва баррасии осори Муҳаммад Ғоиб мавзӯъҳои ғазалиёти шиорро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

1. Мавзӯи панду ахлоқӣ;
2. Тараннуми ишқу ошиқӣ
3. Васфи Ватану табиати диёр
4. Даъват ба донишомӯзӣ ва илм
5. Васфи шеъру шоирӣ ва ҳунару ҳунармандӣ.

Умуман, аз мутолиаи ғазалҳои ин адиби нозукбин ҷаҳони маъниро дарёфт кардан, лаззат бурдан аз олами сухан, ошноӣ пайдо кардан бо ҷаҳони шеъри фасеҳу ноб имкон дорад.

Ҳамин тариқ, Муҳаммад Ғоиб бо жанрҳо ва мавзӯъҳои интихобнамудаи худ идомадиҳандаи анъанаи суханварони пешин мебошад ва дар айни замон дар баёни мавзӯъ ва мазмун вобаста ба дараҷаи фаҳмиш ва санъати суханварии худ фикрҳои тозае дохил кардааст, ки ин яке аз навовариҳои адиб маҳсуб меёбад.

Махсусан, ғазал, ки яке аз жанрҳои машҳури лирикаи тоҷик ба шумор меравад, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад, аммо мавзӯи асосии ғазал ишқ аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар ин жанр маҳорати баланди суханварии худро нишон додааст. Вале бояд зикр кард, ки шоир дар айни замон дар баёни мавзӯъ, мазмун ва махсусиятҳои поэтикӣ вобаста ба дараҷаи идроку маърифат ва завқи зебоописандии худ обу ранги тозае низ ворид кардааст.

Хулоса, Муҳаммад Ғоиб беҳтарин анъанаҳои адабиёти гузаштаамонро нигоҳ дошта, таассуроти айниву зеҳнии худро дар шаклу сурати солим ва маъниҳои ба мақсади хонанда мувофиқ пешкаши ихлосмандони шеър гардонидааст. Муҳаммад Ғоиб ғазалсарои бомаҳорат ва шоири писандидаи мардуми тоҷик мебошад. Ӯ бо диди нав ва завқи баланди ғазалсароӣ тавониста, ки шеърашро муаррифӣ намояд ва ҳамчун чеҳраи тобони адабиёти даврони Истиқлол худро ҷилвагар созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. – 128 с.
2. Асозода. Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ (муҳтавои дарсҳои назарӣ барои Донишкадаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
3. Белинский В.Г. Собрание сочинений / В.Г. Брагинский. – М., 1948. – 562. с.
4. Белинский В.Г. Избр. Фил. соч. / В.Г. Белинский. – М.: Госиздат полит. лит., 1948. – 600 с.
5. Брагинский И.С. О возникновении газели в таджикско-персидской литературе / И.С. Брагинский // Советское востоковедение. – 1958. - №2. – 360 с.
6. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 200 с.
7. Мирзоев А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои Х-ХV / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик., 1957. – 58 с.
8. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
9. Мусулмонқулов Р. Дарахти дӯстӣ биншон / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
10. Саидов С. Шеъри шоири асил ва рисолати он / С. Саидов. – Душанбе: Шарқи озод. 2013 – 80 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Қ. 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.
12. Чароғи андеша: гирдоваранда ва муҳаррир Содиқи Завқӣ. – Душанбе: Ямини Содиқ, 2007. – 96 с.
13. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон. 2002. – 278 с.
14. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.

МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ҒАЗАЛИЁТИ МУҲАММАД ҒОИБ

Мақолаи мавриди назар ба мавзӯи ғазалиёти шоири маъруф, хушгуфтор ва ватандӯст – Муҳаммад Ғоиб бахшида шуда, дар хусуси ғазлиёти ӯ баҳс менамояд. Шоир дар тӯли фаъолияти эҷодиаш як зумра ғазалҳое эҷод намудааст, ки мавзӯъҳои гуногунро фарогиранд. Зикр кардан ба маврид аст, ки бештари ғазалиёти Муҳаммад Ғоиб мавзӯи ватандӯстиро дар бар гирифта, инчунин мавзӯи панду ахлоқ, ишқу муҳаббат, васфи табиати зебои диёр, даъват ба донишомӯзӣ ва аз худ кардани илму донишро фарогиранд. Мавриди тазаккур аст, ки дар мақола аз донишмандону олимони кишвар иқтибосҳои зиёде оид ба ҳусну қубҳи ашъори адиб, махсусан ғазалиёти ӯ оварда шудааст. Ҳамин тариқ, Муҳаммад Ғоиб бо жанрҳо ва мавзӯъҳои интихобнамудаи худ идомадиҳандаи анъанаи суханварони пешин мебошад ва дар айни замон дар баёни мавзӯъ ва мазмун вобаста ба дараҷаи фаҳмиш ва санъати суханварии худ фикрҳои тозае дохил кардааст, ки ин яке аз навовариҳои адиб маҳсуб меёбад. Махсусан, ғазал, ки яке аз жанрҳои машҳури лирикаи тоҷик ба шумор меравад, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегирад, аммо мавзӯи асосии ғазал ишқ аст, ки Муҳаммад Ғоиб дар ин жанр маҳорати баланди суханварии худро нишон додааст. Дар маҷмӯъ, Муҳаммад Ғоиб шоирест нозукбаён, ширинсухан, ватандӯст, ошиқ, ошиқи ватан, диёр, маҳбуба. Шеъраш хонандаи худро пайдо кардаву ашъораш ниёз ба пажӯҳиш дорад.

Калидвожаҳо: Муҳаммад Ғоиб, ашъор, шоир, ғазал, ишқ, ватан, донишмандон, олимон, васфи табиати диёр, ғазалсаро.

ТЕМА И ИДЕЙНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ЛИРИКИ МУХАММАДА ГОИБА

Данная статья посвящена теме газелей известного, красноречивого поэта и патриота Мухаммада Гоиба и дискуссии о его газелях. Поэт на протяжении своей творческой деятельности создал ряд газелей, которые охватывают различные темы. Следует отметить, что большинство газелей Мухаммада Гоиба посвящены патриотизму, также охватывают тематику нравственности и морали, любви, воспевания красивой родной природы, стремления к знаниям и овладения наукой. Необходимо подчеркнуть, что в статье приведены много высказываний известных ученых и исследователей о хорошем и плохом в поэзии поэта, особенно его газелях. Таким образом, Мухаммад Гойб продолжает традицию предыдущих ораторов с жанрами и темами по своему выбору, и в то же время в выражении предмета и содержания, в зависимости от его уровня понимания и красноречия, он вводит новые идеи, которые являются одними из новинок писателя. В особенности газель - один из самых популярных жанров таджикской лирической поэзии, охватывает широкий круг тем, но главная тема газели - любовь, в которой Мухаммад Гойб продемонстрировал свое красноречие. Автор заключает, что Мухаммада Гоиб является поэтом нежно излагающим, сладкоречивым, патриотом, влюбленным в Родину. Его поэзия имеет своего читателя и нуждается в исследовании.

Ключевые слова: Мухаммад Гоиб, стихи, поэт, газель, любовь, родина, ученые, воспевание природы края, певец газелей.

THEME AND IDEAL CONTENT OF MUHAMMAD GOIB'S LYRICS

This is dedicated to the topic of prominent lyric of the eloquent poet and patriot Muhammad Goiba and discusses his lyrics. The poet throughout his creative work created a number of lyrics, which cover various topics. It should be mentioned that most of the lyrics of Muhammad Goiba are devoted to patriotism, they also cover the topics of morality and morality, linguistics, chanting of beautiful native nature, striving for knowledge and mastering science. It is necessary to emphasize that the article contains many statements of famous scientists and researchers about the good and the bad in the poet's poetry, especially his lyrics. Thus, Muhammad Ghoib continues the tradition of the previous speakers with the genres and themes of his choice, and at the same time, in the expression of the subject and content, depending on his level of understanding and eloquence, he introduced new ideas, which is one of the novelties of the writer. Particularly, ghazal, one of the most popular genres of Tajik lyric poetry, covers a wide range of topics, but the main theme of ghazal is love, in which Muhammad Ghoib has demonstrated his eloquence. The author concludes that Muhammad Goib is a poet gently posing, sweet-talking, a patriot in love with his homeland, anyone. His poetry has a reader and needs research.

Key words: Muhammad Goib, poems, poet, lyric, love, motherland, scientists, praise of the nature of the region, singer of gazelles.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷалилов Ғолиб*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, аспиранти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика. **Суроғa:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯч. С.Сафаров 16. Тел.: **(+992) 918-73-35-80**

Сведения об авторе: ***Джалилов Голиб*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры таджикская литература и журналистика. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 918-73-35-80**

Information about the author: ***Jalilov Golib*** - Kulob State University named after A. Rudaki, assistant of the chair of literature and journalistic. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Str. S. Safarov, 16. Tel.: **(+992) 918-73-35-80**

УДК: 3818

ОБРАЗИ БАРЗУ ҲАМЧУН ҚАҲРАМОН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА «БАРЗУНОМА» -И ЯЪҚУБИ АТОӢ

Гурезов Ҷ.Н., Пакаева З.Х.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар миёни ҳамосаҳои миллии форс-тоҷик ба достоне аз қаҳрамониҳои Барзу писари Сӯҳроб вомехӯрем, ки дар достоне бо номи «Барзунома» суруда шудааст. Муаллифи ин достон ба қавли аксари муҳаққиқон Хоҷа Яъқуби Атоӣ машҳур ба Атоии Розӣ мебошад, ки бинобар сухани Муҳаммад Авфии Бухороӣ соли 491/1155 ва бино ба қавли Ризоқулихони Ҳидоят дар соли 471/1135 аз олам гузаштааст. Шуҳрати зиёди «Барзунома» сабаб шуд, ки нақли баъзе аз достонҳои он монанди «Савсани ромишгар» дар миёни мардум паҳн гардидааст. Ин достон ҳамроҳи қисмате аз ҳодисаҳои марбут ба Барзу бо номи «Саргузашти Бурзу» ба «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мутааллиқ мебошад.

Албатта, «Барзунома» бар он чи дар мулҳақоти «Шоҳнома» омадааст, поён намепазирад, балки пас аз итмоми ҳодисаҳое, ки дар «Шоҳнома» омадааст, ҳунарнамоиҳои Барзуро бо шеваҳои гуногун баён мекунанд. Сипас, воқеаҳои ишқии қаҳрамон инъикос мегардад ва ҳодисаҳои қаҳрамонӣ дуюминдараҷа маҳсуб мешаванд. Дар ин қисмати достонҳои «Шоҳнома» Барзу он қаҳрамони миллие нест, ки мустақиман барои ҳифзи сарзамини худ бо душманон биҷангад, чунончи дар он қисмат, ки дар «Шоҳнома» омадааст, дидем. Ба ҳар ҳол ҳаҷми як мақола имконияти онро надорад, ки таҳлили тамоми достонҳои «Барзунома»-ро дар бар гирад. Ҳадафи аслии мо таҳлили достонест, ки ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пайвастааст.

Афросиёб вақте, ки аз охирин нарбарди Рустам бо сабаби фирори Бежан аз зиндонаш шикаст мехӯрад, ба Тӯронзамин бармегардад. Дар роҳ чун ба шаҳри Шангон мерасад, Барзуро мебинад, ки бар киштукор машғул аст. Қаду қомат ва ҷуссаи бузурги ӯ Афросиёбро мафтун мекунад. Ба сӯйи Барзу кас мефиристад ва ӯро ба хизмат даъват мекунад. Барзу дар ҳузури Афросиёб доир ба аслу нажоди худ чунин мегӯяд:

Падарро надидам ба чашм аз бунаҳ,
Ҳама сола эдар будам як танаҳ.
Ману модарам эдару чанд зан,
Ниёӣ куҳан боз монда ба ман.
Ниёи маро ном Шерия гурд,
Ба нахчир шераш будӣ дасбурд.
Кунун пир гаштасту бисёрсол,
Варо чанбаре шуд ҳама барзу ёл.
Бувад модар ҳаст Шаҳрӯй ном,
Маро ном Барзу ниҳодаст мом.
Чунин гуфт модар, ки гоҳи баҳор,
Бад-ин дашт бигзашт гурде савор.
Ниёи ман он пири фирӯзбахт,
Ба нахчири шерон буду кори сахт.
Зи ман об кард орзу он савор,
Чу аз дур дидаш маро номдор.
Бидодам мар ӯро ҳаме сард об,
Ниғаҳ кард дар ман дилаш шуд кабоб.
Фурӯ монд бар ҷою в-аз меҳри дил,
Фурӯ шуд ду пои диловар ба гил.
Куҷо бо дили хеш андеша кард,
Сиголишгарӣ як замон пеша кард.
Зи фитрок бикшод печон каманд,
Даровард девори бора ба банд.
Ба бора баромад чу мурғе ба пар,
Даровехт бо ман гави номвар.
Зи ман меҳри Яздон ба мардӣ рабуд,
В-аз он ҷой баргашт бар сони дуд.
Надидам дигар чеҳраи он савор,
Надонам куҷо рафту чун буд кор.
Ба ман борвар гашт модар аз ӯй,
Набуда ҷуз ӯ ҳаргизаш ҳеҷ шӯй [4, с.238].

Афросиёб ӯро дилгарм ва қалбашро бо ваъдаи пулу мол нарм мекунад ва аз ӯ мехоҳад, ки бо Рустам набард кунад. Шаҳрӯ Барзуро аз ин кор манъ мекунад ва мегӯяд, ки бо Рустам баробар шуда наметавонад, лекин суханаш ба ӯ таъсир намекунад. Барзу ба ҷанги Рустам меравад ва Тӯс Фаребарзро, ки ҳароҳи Барзу омада буд, асир мегирад. Барзу Рустамро шикаст медиҳад ва дар охир ба дасти Фаромарз меафтад. Ӯро ба Систон мебаранд ва дар маҳкамаи қалъа банд мекунад. Шаҳрӯ барои раҳоии вай ба Эрон меояд ва ба кумаки зани ромишгаре Барзуро начот медиҳад, лекин дар роҳи бозгашт дар Тӯронзамин ба сипоҳи Рустам бармехӯрад ва бори дигар миёни Рустаму Барзу ҷанги шадиде воқеъ мешавад. Ин маротиба Рустам ба Барзу фирӯз мешавад ва куштани ӯро қасд мекунад. Шаҳрӯ дар болои теппае истода ин набардро назора мекард, пеш меояд ва рӯзи таваллуди Барзуро ошкор мекунад ва достони ишқварзии худ бо Сӯҳробро баён карда, ангуштарини Сӯҳробро ба Рустам пешниҳод мекунад.

Рубин писари Пирон Афросиёбро аз моҷаро огоҳ мекунад. Савсани ромишгар мебинад, ки Афросиёб баъди шунидани ин қисса нигарон аст, ба ӯ ваъда медиҳад, ки бо афсуне паҳлавонони эрониро ба банд мегирад. Ӯ бо паҳлавоне бо номи Пилсам ба Эронзамин меояд ва бар сари дуроҳае миёни Систону Эрон бар канори чашмае хайма мезанад. Сипас, худро бо номи ромишгаре, ки аз дасти Афросиёб гурехтааст ва азми дарбори Эронро дорад, муаррифӣ мекунад.

Аз он сӯ паҳлавонони Эрон дар айвони Рустам гирд омада, ба боданӯшӣ машғул мешаванд. Ҳар яке аз онҳо бо навбат худситоӣ мекунанд. Дар ин миён Тӯс аз ҷой бармехезад ва аз тавоноӣ ва аҷдоди худ сухан мегӯяд. Гударз ӯро сарзаниш мекунад. Тӯс аз ин кирдори ӯ дар хашм мешавад, аз айвони Рустам поён омада роҳи Эрондиёрро пеш мегирад. Рустам, ки дар он ҷой набудааст, баъди бозгашт ва фаҳмидани ин моҷаро паҳлавононро сарзаниш мекунад. Дар ин маврид Гударз ва дигар паҳлавонон яке пайи

дигаре аз дунболи Тӯс равон мешаванд. Паҳлавонон ҳар кадоме вақте ки назди хаймаи Савсан мерасанд, аз маркабҳои худ фурӯд меоянд, то даме биосоянд.

Савсан ба ҳар яке аз паҳлавонон ҷомҳои майи олуда бо доруи беҳушона медиҳад ва бо ёрии Пилсам онҳоро дар банд мегирад. Ин давр Фаромарз ба хаймаи Савсан мерасад ва изи пайи пойи аспони диловарон онро мутаваҷҷеҳи он макон мекунад. Фаҳмидан мехоҳад, ки хайма аз они кӣ бошад. Ногаҳон аспи Бежан шиҳа мезанад ва аспи Фаромароз ба он посух мегӯяд. Бежан чун пеш аз нӯшидани майи заҳролуд рози Савсанро пай бурда буд, фарёд мезанад, ки:

Шунав ин сухан эй яли паҳлавон,
Нигаҳ дор худро аз ин бадгумон.
Ки бастаст гурдон ба афсуну ранг,
Ба гардун даруншон ҳама пилҳанг.
Набояд, ки чун мо бар ин дашти кин,
Шавӣ баста эй паҳлавони замин [4, с.304].

Фаромарз бо Пилсам набард мекунад ва ин набард бенатиҷа идома меёбад. Нагаҳон Зол ба ин сарзамин мерасад ва бо Пилсам ба разм мебарояд ва Фаромарзро барои огоҳии Рустам мефиристад. Рустам ҳамроҳи Барзу ба мавқеи ваъдагоҳ меояд ва ҷанг оғоз мегардад. Ин рӯйдод бо расидани лашкари Афросиёб аз як тараф ва омадани лашкари Кайхусрав аз тарафи дигар ҳусни анҷом мепазирад. Дар набарди охирин Пилсам кушта мешавад ва Афросиёб шикаст хӯрда ба Тӯронзамин фирор мекунад.

Қиссаи Барзу дар ин матни «Шоҳнома» дар ин ҷо ба поён мерасад ва пас аз шикасти Афросиёб Кайхусрав ба Зобулистон меравад ва муддати як моҳ дар ин мавзеъ боқӣ мемонад. Сипоҳи бузургеро ба зиммаи Барзу вогузор мекунад. Ашхоси ин достон ба ҷуз Барзу ҳама шоҳон ва паҳлавононе ҳастанд, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ карру фарре доранд ва ҳамаи онҳое, ки «Шоҳнома»- ро мутолиа кардаанд, бо ин чеҳраҳои асар ошноӣ доранд. Барзу ҳам як шахсияте ҳаст тоза ва ношинохтаю фурӯтан, ки аз хонадони Систон аст. Ҳаводисе, ки дар ин достон рӯй медиҳад, сарфи назар аз ҷузъиёти он силсилаи ҳамон ҳодисаҳое ҳастанд, ки дар дигар достонҳои «Шоҳнома» рух додаанд. Дар ҳақиқат, шабоҳат ва айнияти комиле дар миёни ин қисса ва қиссаҳои дсотонҳои дигари «Шоҳнома» дида мешавад. Замони воқеаҳо низ пай дар пай ҳастанд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо пас аз қатли Сиёвуш ва гурехтани Кайхусрав ба Эрон рух додааст.

Зоҳиран мақсади гӯяндаи «Барзунома» ин будааст, ки достони худро дар думболи яке аз достонҳои «Шоҳнома» қарор диҳад ва бо ҳамин сабаб қисмате аз охири достони «Сӯхроб ва кушта шудани ӯро» дар оғози достони худ ҷой медиҳад, баъдан ба нақли қиссаи қаҳрамони худ Барзу мепардозад. Ин тазмини шоир аз лиҳози пайванд кардани қиссаи писар бо падар мантиқӣ ба назар мерасад. Лекин аз назари пай дар пай қарор гирифтани ҳодисаҳо дар нусхаи мавриди истифодаи мо алоқамандии он гусаста гардидааст. Масалан, дар қиссаи бозгашти Афросиёб аз ҷанг бо Рустам ва бархӯрди ӯ бо Барзу ва достони «Савсани ромишгар» ба ҷойи номи Кайхусрав номи Кайковус омадааст.Чунончи дар қисмати аввали достон аз забони Барзу мегӯяд:

Ситонам зи Ковуси Кай тоҷу тахт,
Намоям бар ӯ гурз шохи дарахт [4, с.328].

Мо наметавонем, ки воқеаҳои ин достонро ба аҳди Кайковус нисбат диҳем, зеро дар ҷангҳое, ки бо сабаби макри Савсани ромишгар рух дод, зоҳиран Кайхусрав пайдо мешавад ва аз он пас то охири «Барзунома» ҳодисаҳои дар замони ин подшоҳ рӯйдода манзум гардидааст.

Дар оғози саргузашти Барзу мехонем, ки Афросиёб чун бо Барзу мулоқот мекунад, ба замоне рост омадааст, ки ӯ аз ҷанги Рустами Дастон шикаст хӯрдааст ва рӯ бар гурез овардааст. Ин ҷанг пас аз раҳоии Бежан аз зиндони Афросиёб воқеъ гардидааст. Пас аз ин бармеояд, ки саргузашти Барзу бояд баъди достони «Бежан ва Манижа» қарор гирад. Охирин қисмати достони Бежан дар «Шоҳнома» чунин аст, ки Рустам Бежанро аз чоҳ мераҳонад ва ба айвони Афросиёб шабехун мезанад. Паҳлавон ба Эрон бозмегардад ва Афросиёб ӯро думболагирӣ мекунад. Дар сарҳади Эрон ва Тӯрон набарди бузурге оғоз меёбад. Афросиёб шикаст мехӯрад ва ба Халх бармегардад.

Аз ин ҷо ихтилоф миёни ривояти Фирдавсӣ ва саргузашти Барзу дар «Барзунома» падид меояд. Масалан, дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ чунин менигорад:

Чу шуд кори Бежан саросар тамом,
Зи Афросиёб оварам боз ном.
Аз он пас, ки баргашт аз он размгоҳ,
Ки Рустам бар ӯ кард гетӣ сиёҳ.
Бишуд тозиён то ба Халхӣ расид,
Ба нанг аз каён сар шуда нопадид [4, с.192].

Аммо дар саргузашти Барзу сухан ба вижаи дигар меравад:

Кунун бишнав аз ман ту эй родмард,
Яке достоне пурозору дард.
Бад-он гаҳ, ки баргашт Афросиёб,
Зи пайкори Рустам вале пуршитоб.
Ки аз баҳри Бежан ба Тӯронзамин,
Чӣ омад ба рӯйи сипаҳдор чин [8, с.81].

Аз сухани Фирдавсӣ чунин бармеояд, ки Афросиёб аз рӯйи ҳарос ба Халх меравад ва барои интиқом гирифтанаш аз Рустам омодагӣ мебинад. Ӯ аз ҳисоби туркону чиниён сипоҳи бузурге омода месозад. Ба мақсади сохтани размгоҳ ва гузаштан аз оби Ҷайҳун (Амударё) ҷониби Эрон ҳаракат мекунад. Нахустин ҷанги ӯ бо Гударз шуда мегузарад. Аммо дар достони Барзу сухан аз ёфтани Барзу ва ҷанг кардани ӯ бо эрониён аст. Нахустин разме, ки воқеъ мешавад, миёни Барзу аз як тараф ва Тӯсу Фаребарз аз сӯйи дигар аст.

Дар ин миён мушкиле барои дақиқ кардани замони ин ҳодисаҳо ба пеш меояд, ки кадоме аз ин воқеаҳо пештар ба анҷом расида бошад. Оё достони Фирдавсӣ пас аз шикасти нахустини Афросиёб ва ҳаракати дубораи лашкари вай ба сӯйи Эрон, ки сабаби ҷанги «Ёздаҳ рух» мегардад, пеш аз достони Барзу қарор мегирад, ё баъд аз он? Барои бартараф кардани ин масъала мехоҳем, ки ин ҷо вақеаҳоро маҳдуд мекунем. Дар ҷанги «Ёздаҳ рух» Пирон дар ёздаҳумин ҷанг аз ҷониби Гударз кушта мешавад. Ҳамчунин Шайда дар набарде аз ҷониби Кайхусрав мағлуб мегардад, лекин дар достони Барзу ҳам Пирон зинда аст ва ҳам Шайда дар ҳаёт мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки достони Барзу қабл аз достони «Дувоздаҳ рух» ба вуқуъ пайвастааст. Иттифоқан нусхаи хаттии мутааллиқ ба китобхонаи Академияи Руминия аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳамроҳ бо саргузашти Барзу достони «Дувоздаҳ рух»-ро нақл мекунад, ки яке аз масъалаҳои асосии мо дар ин мақола мақоми достони Барзу дар миёни достонҳои дигари «Шоҳнома» маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқи фаронсавӣ ва тарҷумони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо забони фаронсавӣ Ҷ. Моҳле чунин андеша дорад, ки «Дарвоқеъ, ҳодисаҳои достони Барзу дар «Шоҳнома» маҷмӯаи ҳамаи он ривоятҳоест, ки роҷеъ ба хонадони Рустам аст ва Ҳаким Фирдавсӣ ба онҳо таваҷҷуҳ накард ва дар айни ҳол каҳрамони достон Барзу мебошад. Аз мутолиаи ин достон бармеояд, ки муроди гӯянда мутааллиқ кардани ин достон ба ҳаводиси «Шоҳнома» мебошад».

Устод Забеҳулоҳ Сафо эътимод дорад, ки «Барзунома» ба тақлид аз «Шоҳнома» ва аз рӯйи достонҳои қадимаи эронӣ сохта шудааст. Албатта, баҳси мо дар ин мақола танҳо баҳси саргузашти Барзу, ки ба унвони яке аз мулҳақоти «Шоҳнома» шинохта шудааст, марбут аст. Қадимияти ин достон ба замони пеш аз Исломи Эрон рост меояд. Бояд таъкид кард, ки дар ҳеҷ яке аз сарчашмаҳои достонҳои ҳамосӣ ва қаҳрамонии Эрон номе аз Барзу бурда нашудааст. Танҳо Забеҳуллои Сафо дар китоби «Ҳамосасароӣ дар Эрон» аз ин қаҳрамон ишора кардааст.

Ҳамчунин дар кайфияти ба вуҷуд омадани Барзу ва достон он сохтагии қалбакӣ ба назар мерасад, зеро бинобар ривояте, ки дар саргузашти Барзу омадааст: Саворе азимҷусса, ки баъдтар маълум мешавад Сӯҳроб аст, рӯзе аз Шангон мегузарад ва аз шаҳри Шаҳрӯ, ки танҳо дар хона монда буд, об мехоҳад. Чун Шаҳрӯро соҳибҷамолу зебо мебинад ба ӯ ишқварзӣ мекунад. Пардаи бакоратро аз ӯ меситонад ва духтар аз ин ҷавон бордор мешавад. Ин моҷаро дар нусхаи китобхонаи Академия Руминия дида мешавад. Аммо дар нусхаи китобхонаи миллии Париж ба сурати дигар омадааст. Дар ин нусха Сӯҳроб ба хонаи Шаҳрӯ на аз барои пурсидаи об, балки барои гирифтани асп меравад.

Гуфта мешавад, ки чигуна Сӯҳроб Шаҳрӯро мебинад ва ӯро ба хаймаи худ даъват мекунад. Чун баъди муносибатҳои маҳрамона мефаҳмад, ки Шаҳрӯ бордор шудааст, ангуштарини худро ба ӯ медиҳад. Ба ҳамин минвол ҳикояти ба вуҷуд омадани Барзу ба итмом мерасад.

Мумкин буд, ки достони Барзу тартиби ҳамосии «Шоҳнома»-ро қавитар гардонад. Саволе ба миён меояд, ки чаро Фирдавсӣ ба ин ҷиҳати достон он қадар таваҷҷуҳ накард. Ҳол он ки даврони кӯдакии Сӯҳроб ва ҳаракати вай аз Тӯрон ба сӯйи Эрон дар достони Сӯҳроб ба таври муфассал ва бо диққати махсус ба риштаи назм кашида шудааст. Ба ақидаи мо шояд, ки доир ба таваллуд ва кӯдакии Барзу дар маъхазҳо маълумоти дақиқе наомадааст ва агар бошад, аз назари Ҳаким Фирдавсӣ дур мондааст.

Вақте ки Барзу бо ташаббуси Афросиёб омодаи размзи Рустам мешавад ҳамагӣ бист сол доштааст ва аз ҷониби дигар медонем, ки Барзу писари Сӯҳроб аст ва Сӯҳроб дар замони салтанати Кайковус ва пеш аз таваллуди Сиёвуш бо Рустам ҷангида ва кушта шудааст. Кайхусрав бинобар иттилои «Шоҳнома» фарзанди Сиёвуш ва ҳосили издивоҷи

вай бо Фарангис духтари Афросиёб аст. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки достони Барзу аз рӯйи воқеаҳо баъди достони Рустам ва Суҳроб қарор мегирад.

Агар баррои ҳисоби соли Кайхусрав ва ҳамин замонҳои мушаххасро ба назар бигирем, мебинем, ки Кайхусрав вақте ба Эрон мерасад, бисту чор сол доштааст. Ба ин сол бояд, ки умри Сиёвушро низ афзун кард ва солҳои миёни ҳодисаҳои пас аз кушта шудани Сӯҳроб ва ба дунё омадани Сиёвушро ҳисоб кард, то синну соли Барзу ба даст ояд. Пас мантиқӣ аст, ки умри Барзуро ду баробар калонтар аз Кайхусрав бидонем, яъне, замоне, ки Кайхусрав бисту чор сола буд, Барзу бештар аз ҳафтод дошт. Аммо достони «Барзунома» сароҳатан Барзуро ҳангоми ҳамла карданаш ба Эрон бистуяксола мегӯяд.

Мавҷуд будани тафовут дар достони Фирдавсӣ ва «Барзунома» дар қиссае низ вомехӯрад, ки Пилсам ном паҳлавоне дар ҷанги Рустам гирифтор мешавад ва Барзу ӯро бо ханҷар пора-пора мекунад. Аммо Пилсам дар «Шоҳнома» дар ҷангҳое, ки ба хунхоҳии Сиёвуш даргир мешуд, ба дасти Рустам кушта мешавад. Вобаста ба далелҳои боло гуфта метавонем, ки достони Барзу қиссаҳоеро фаро мегирад, ки дар охирҳои аҳди Сосониён ва аввалҳои зуҳури Ислом сипарӣ гардидаанд, ки дар сарзаминҳои Балху Систон ва Тӯрон гузаштааст.

Ба гумони бештар мурод аз тазминнависӣ бар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ таклид бар он аст. Дар ҳақиқат, досони «Барзунома»-и Атоӣ монандии комиле ба достони Барзуи Фирдавсиро дорад. Ин таклидкорӣ на заъфи шоирро нишон медиҳад, балки аз маҳорату ҳунари эҷодии ӯ дарак медиҳад. Чунки таклид намудан дар адабиёт ва хусусан дар адабиёти ҳамосӣ нуқс ё заъфи эҷод ҳисобида намешавад. Ин нуктаро метавон бо муқоиса кардани якчанд абёт аз достони безаволи Фирдавсӣ ва «Барзунома»-и Атоӣ муқоиса кард:

1. Баъзе абёт ва порчаҳои шеърии ин достон бо иваз кардани калима ё иборае аз «Шоҳнома» иктибос гардидаанд. Масалан:

Аз «Барзунома»:

Бубинем, то бо кӣ гардад сипеҳр,
Ба пайванди ҷони кӣ нозад ба меҳр.
Бубинем, то кӣ шавад хаста дил,
Зи хуни кӣ бархезад имрӯз гил [8, с.88].

Аз «Шоҳнома»:

Бубинем, то аспи Исфандиёр,
Сӯйи охӯр ояд ҳаме бесавор.
Ва ё бораи Рустами ҷангҷӯй,
Ба айвон ниҳад бе худованди рӯй [4, с.345].

Аз «Барзунома»:

Ба эрониён гуфт Рустам куҷост,
Ки хоҳам ба майдон аз ӯ кина хост [8, с.79].

Аз «Шоҳнома»:

Ба эрониён гуфт Рустам куҷост,
Ки гӯянд к-ӯ рӯзи ҷанг аждаҳост [4, с.327].

Аз «Барзунома»:

Чу фардо барояд баланд офтоб,
Биоям ба майдони ту бошитоб [7, с.84].

Аз «Шоҳнома»:

Чу фардо барояд баланд офтоб,
Ману гурзу майдону Афрсиёб [3, с.361].

2. Дар набарди тан ба тани Барзӯ бо Рустам ҳамон фикр ба хотири Рустам мегузарад, ки аз хотири Сӯҳроб бо Рустам гузашта буд. Масалан:

Аз «Барзунома»:

Бад-ӯ гуфт Рустам к-эй номдор,
Ба Яздони Додори Парвардигор.
К-аз он чӣ бипурсам бигӯӣ ту рост,
Наёрӣ ба гуфтор дар ҳеҷ кост.
Бигӯӣ, ки тухму нажоди ту чист?
Ба Тӯрон туро хешу пайванда кист?
Ҳамоно, ки аз тухми Тӯрон наӣ,
Ки ҷуз аз нажоди бузургон наӣ [7, с.102].

Дар достони «Рустаму Сӯҳроб» Рустам ба Сӯҳроб мегӯяд:

Намоӣ ба туркон бад-ин ёлу суфт,
Ба Эрон надонам туро низ ҷуфт [4, с.189].

Сӯҳроб пас аз шунидани ин сухан мегӯяд:

Бад-ӯ гуфт к-аз ту бипурсам сухун,

Ҳама ростӣ бояд афканду бун.
Якояк нажодат маро ёд дор,
Зи гуфтори хубат маро шод дор.
Ман эй дун гумонам, ки ту Рустамӣ,
Ки аз тухмаи номвар Найрамӣ [3, с.231].

Хулоса, ҳикояти Барзӯ бинобар он чизе, ки дар мулҳақоти «Шоҳнома» омадааст, ба се қисмат тақсим мешавад. Нахустинаш ошноии Барзу бо Афросиёб ва иқдоми ӯ барои ҷанг бо эрониён, ки сабаби шиносоии Рустаму Барзу мегардад.

Дувум қисмати ин достон «Савсани ромишгар», ки ҳодисаҳои он дар натиҷаи шиносоӣ миёни Рустаму Барзу ва пайвастани Барзу бо эрониён падид омадаст. Савум қисматаш ҷангҳои миёни Эрону Тӯронро дар бар мегирад, ки макри Савсани ромишгар сабаби он шуда буд ва натиҷааш шикаст хӯрдани Тӯрониён мебошад. Ҳадафи Барзу аз ҳаракат ба сӯйи Эрон ҷанг бар муқобили Эрон ва кумак намудан ба Афросиёб аст. Барзу вазифадор шудааст, ки Рустамро бикушад. Баъзе нуқтаҳо ва ҳаводиси «Барзунома» бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шабоҳат дорад. Дар ин нуқта корзори Рустаму Исфандиёр ва Рустаму Сӯҳробро мисол овардан мумкин аст, ки ба размми миёни Рустаму Барзу шабоҳат доранд. Аммо достони «Савсани ромишгар» ба ақидаи мо ба ягон достони «Шоҳнома» шабоҳате надорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев, Аҳмад. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри Х // Аҳмад Абдуллоев. - Душанбе: Дониш, 1987. - 292 с.
2. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб // Муҳаммад Авфӣ; бо тарҷума ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ ва Саид Нафисӣ; тарҷумаи Муҳаммади Аббос. - Теҳрон, 1361. - 1032 с.
3. Артур Кристенсон. Каёниён / Кристенсон Артур; тарҷума ва тасҳеҳи Забеҳуллоҳ Сафо. - Теҳрон, 1347. - 342 с.
4. Мирзозода, Холиқ. Образи бадеӣ чист? / Холиқ Мирзозода. - Душанбе: Ирфон, 1994. - 24 с.
5. Муродов, Файзалӣ. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи Гурӯғлӣ / Файзалӣ Муродов. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 300 с.
6. Фирдавсӣ Абуқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Теҳрон, 1343. - 760 с.
7. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ.3. - 480 с.
8. Саймиддинов, Д. Адабиёти паҳлавӣ / Д. Саймиддинов [пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ]. - Душанбе, 2003. - 232 с.
9. Сафо, Забеҳуллоҳ. Ҳамсасароӣ дар Эрон / Забеҳуллоҳ Сафо. - Теҳрон: Амири Кабир, 1349. - 686 с.
10. Яъқуби Атоӣ. Барзунома / Атоӣ, Яъқуб; мутааллиқ ба нусхаи дастхатҳои Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери № 17. - 136 с.

ОБРАЗИ БАРЗУ ҲАМЧУН ҚАҲРАМОН ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА «БАРЗУНОМА» -И ЯЪҚУБИ АТОӢ

Мақола ба таҳлили тасвири Барзу дар адабиёти форсӣ-тоҷикии асрҳои Х11-Х111 ва муқоисаи ин тасвир бо шеъри «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ ва «Барзунома»-и Ёқуби Атоӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили нашрияҳои дастнавис ва чопшуда, шеърҳои қаҳрамонӣ дар бораи нақши Барзу дар адабиёти бадеӣ маълумоти пурарзиш медиҳанд. Хулоса, достони Барзу ба тавре, ки дар мақола гуфта шудааст, ба се қисм тақсим мешавад. Сараввал, шиносоии аввалини Барзӯ бо Афросиёб ва қасди ӯ барои ҷанг бо эрониён сабаби мулоқот бо Рустам мегардад. Қисми дуюми достон «Таърихи шердил» мебошад, ки дар натиҷаи шиносоии Рустам ва Барзу ва иртиботи Барзу бо Эрон ба вуҷуд омадааст. Қисми савум ба ҷангҳои байни Эрон ва Тӯрон, ки сабаби фиреби хӯрдан ва шикасти туркҳо буданд, дахл дорад. Ҳадафи Барзу ин аст, ки Эронро ба ҷанги зидди Тӯрон тела диҳад ва ба Афросиёб кумак кунад. Барзу вазифадор аст, ки Рустамро бикушад. Баъзе лаҳзаҳо ва рӯйдодҳои Барзунома шабеҳи достонҳои «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мебошанд. Дар ин ҷо мо метавонем Рустам ва Исфандиёр, инчунин Рустам ва Сӯҳробро, ки ба рақобати Рустам ва Барзу монанданд, мисол оварем. Аммо, достони "Таърихи шердил", ба назари мо, ба достонҳои дигари "Барзу" чандон монанд нест. Дар байни достонҳои миллии ҳамосии форсӣ-тоҷикӣ мо достони қаҳрамонии Барзу писари Сӯҳробро дар достони "Барзунома" мушоҳида мекунем. Муаллифи ин ҳикоя ба андешаи бисёр олимон Хоҷа Яъқуб Атоӣ мебошад, ки соли 491/1155 вафот ёфтааст ва ба гуфтаи Муҳаммад Авфии Бухороӣ достон дар солҳои 471/1135 навишта шудааст. Маъруфияти Барзу ном шахсият боиси боэътимодии баъзе ҳикояҳои ин қисса гардид. Ин ҳикоя бо достони Ҳаким Фирдавсӣ ва як қатор чорабиниҳои марбут ба Барзу бо номи "Афсонаи Бурднок" алоқамандӣ дорад. Ба гуфтаи Фирдавсӣ, Афросиёб аз рафтан ба халичи Форс метарсад ва омодааст, ки аз Рустам интиқом гирад. Вай артиши бузурги туркҳо ва чиниро омода мекунад. Аммо достони Барзӯ ҷустуҷӯи Барзу ва муборизаи бо эрониҳоро дарбар мегирад. Ихтилофи аввал байни Барзу аз як тараф ва Тӯс аз тарафи дигар рух медиҳад, ки хеле шавқовар аст.

Калидвожаҳо: бадеӣ; оддӣ; хаёл рӯзи қиёмат; тасдиқ равшан, шеърҳо, дард, марҳила.

ОБРАЗ БАРЗУ КАК ГЕРОЯ В «ШАХ-НАМЕ» ФИРДОУСИ И «БАРЗУНАМЕ» АТОИ

Статья посвящается анализу образа Барзу в персидско-таджикской литературы XII-XIII века и в сравнении данного образа с поэмой «Шах-наме» Фирдоуси и «Барзу-наме» Я’куба Атои. В результате анализа рукописных и печатных изданий вышесказанные поэмы дают ценные сведения о роле Барзу в художественной литературе. В кратком описании в этом эпосе история Барзу разделена на три части, как описано в «Свидетельстве». Первое знакомство Барзу с Афросиабом и его намерение вести войну с иранцами является причиной знакомства Рустама и Барзу. Вторая часть рассказа - «История льва», возникшая в результате знакомства Рустама и Барзу и связи Барзу с Ираном. Третья часть касается войны между Ираном и Тураном, которая были причиной заговора спасителей и результатом поражения турок. Целью Барзу - подтолкнуть Туран к войне против Иран и помочь Афросиабу. Барзу

обязан убить Рустама. Некоторые моменты и события Барзуномы похожи на «Шахнаме» Фирдауси. Здесь мы можем привести пример Рустама и Исфандияра, а также Рустама и Сухроба, которые похожи на соперничество между Рустамом и Барзу. Однако история о «львице романса», на наш взгляд, не совсем похожа на историю «Свидетеля». Среди персидско-таджикских национальных мелодий мы встречаем историю героя сына Барзу, Сухроба, в истории под названием «Барзунома». Автор этой истории известен многим ученым как Ходжа Якоб Атай, который известен дедушкой своего деда, который умер в 491/1155 годах и, согласно Мухаммеду Ауфи Бухари, в 471/1135. Популярность "Барзунома" привела к актуальности некоторых из ее историй, таких как "Спасители романтиков". Эта история связана с историей Хакима Фирдоуси, наряду с серией событий, связанных с Барзусом, под названием «Повесть о лопухе». Со слов Фирдоуси, Афросиаб боится идти в Персидский залив и готовится отомстить Рустаму. Он готовит большую армию турок и китайцев. Иран движется вдоль иранской стороны, чтобы построить кордон и пересечь реку Кайон (Амударья). Его первая битва с девом Ахриманом состоялась. Но история Барзу включает в себя поиск Барзу и борьбу с иранцами. Первый конфликт происходит между Барзу, с одной стороны, и Тусом Фararезом.

Ключевые слова: художественный, обычный, фантазия, конце света, утверждение, ясные, поэмы, боль, этап.

THE IMAGE OF BARZU AS A HERO IN "SHAH-NAME" FIRDOUSI AND "BARZUNAME" ATOI

The article is devoted analysis of the image of Barzu in Persian-Tajik literature of the XII-XIII century and in comparison this image with the poem "Shah-name" Firdousi and "Barzu-name" Y'kub Atoi. As a result of the analysis of manuscripts and prints, the aforesaid poems ll show valuable of information about the role of Barzu in fiction. As described in the Testimony in short description of epos the story of Barz is divided into three parts. On the first acquaintance of Barzu with Afrosiab and his intention to wage war with the Iranians is the reason for the meeting of Rustam and Barzu. The second part of the story is "The History of the Lion", which arose as a result of the acquaintance of Rustam and Barzu and the connection of Barzu with Iran. The third part of the strory is about war between Iran and Turan, which were the cause of the conspiracy of the Savior and the result of the defeat of the Turks. The goal of Barzo is to push Iran into a war against Iran and Afrosiab. Barz is obliged to kill Rustam. Some of Barzunoma's moments and events are similar like Firdausi's "Shahnama". Here we can give some example of Rustam and Isfandiyar, also Rustam and Sukhrob, which are similar to the rivalry between Rustam and Barzu. However, the story of the "lioness of romance", in our opinion, is not quite similar to the story of "Witness". Among the Persian-Tajik national melodies, we meet the story of the hero of the son of Barzu, Sukhrob, in the story called "Barzunoma". The author of this story is known to many scholars as Khoja Yaqub Atay, who is known of his grandfather, who died in 491/1155 and according to Muhammad Aufi Bukhari in 471/1135. The popularity of Barzunom has led to the relevance of some of its stories, such as "Savior of the Romantics". This story is connected with the story of Hakim Ferdousi, along with a series of events related to Barzus, entitled "The Tale of a Burdock". According retail of Ferdovsi, Afrosiab is afraid to go to the Persian Gulf and is preparing to take revenge from Rustam. He has prepared a large army from Turks and Chinese. Iran moves along the Iranian side to build a cordon and cross the Kayon River (Amu Darya). His first battle with Ahriman took place. But Barzo's story includes Barzu's search and struggle with the Iranians. The first conflict occurs between Barz on another side and Tus Fararez.

Key words: art; normal; fantasy; doomsday; approval; clear; poem; pain; stage.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Гурезов Ҷамшед Нурмаҳмадович*** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳо. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳотӣ 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**
Пакаева Зубайда Худойдодовна - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2.
E-mail: **zubaido_1980@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 938-15-38-38**

Сведения об авторах: ***Гурезов Джамшед Нурмахмадович*** – Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-93-93-53**
Пакаева Зубайда Худойдодовна - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат филологических наук, кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти1/2. E-mail: **zubaido_1980@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 938-15-38-38**

Information about the authors: ***Gurezov Jamshed Nurmahmadovich*** - Tajik State University of commerce, Candidate of philological sciences, senior teacher of Languages department. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2. E-mail: **gurezi@mail.ru.** Tel.: **(+992) 938-93-93-53**
Pakaeva Zubaida Khudoidodovna – Tajik State University of commerce, Candidate of Philological Sciences, Department of Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dehoti Str., 1/2.
E-mail: **zubaido_1980@yahoo.com.** Tel.: **(+992) 938-15-38-38**

УДК: 891.550

НАҚШИ ЗАН-МОДАР ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Усмониён Нозила Усмон
Донишгоҳи давлатии Данғара

Тарбиятгари инсоният, пеш аз ҳама, Зан-Модар аст. Чӣ андоза бофаросат ва боадабу накухулқ тарбия ёфтани фарзанди инсон аз одобу ахлоқи ҳамидаи Зан-Модар вобаста аст, ки инро ҳаёт борҳо исбот кардааст. Дар ҳамаи давру замон таваҷҷуҳи ҳам суханпардозон ва ҳам хонандагон ба ашъори дар мавзӯи зан ва модар ихтисосёфта бештар аст, зеро дар оҳанги гуфтори занон меҳру муҳаббати модарӣ ва хусусияти тарбиятгарӣ бештар аст, зеро зан офаридаи маътуф ва нозуки хилқат аст. Зебоии зан маъбади дидагон ва ниёзи инсон аст баҳри ба камол расидани вай. Бинобар ин, ҳар гоҳ ки сухан аз зебоӣ ба миён меояд, ҳатман тасвири зан дар назар муҷассам мешавад. Зеро, дар ҳақиқат, зан муродифи ҳама зебоиҳои дунёст, балки тамоми зебоиҳову назокати дунё дар симо ва ботини зан таҷассум ёфтаанд. Бинобар ин, зан мазҳари ҳама зебоиҳо ва ҷилваи биҳиштосои зиндагӣ мебошад. Аз ин рӯ, суханварони адабиёти муосир дар ҳама давраҳо шӯрангезтарин чакомаҳои қалами худро ба ин қиматтарин ва зеботарин ганҷинаи олами ҳастӣ бахшидаанд.

Зан - Модар дар ҳама давру замон беҳтарин такягоҳ, ғамхор, парастор, умед ва сарчашмаи хушиҳои инсон аст. Худованд мегӯяд, ки беҳтарин ҳадя аз осмон зан-модар аст. Зан беҳтарин ва охирин туҳфаи осмонӣ аст. Касе, ки сиришти Худовандро намедонад, онро бояд дар сиришти модар биҷӯяд. Сиришти модар ҳамеша пок, беолоиш, бениёз аст ва мисли Худованд поку муназзаҳ аст ва мехоҳад доимо накукорӣ кунад. Ба андешаи Меҳринисо, зан ёвари ҳар инсон дар зиндагонии пуртакопӯйи вай аст, ӯ пас аз Худо довари қазияҳо ва сарнавишти инсон аст, дар дидаву дили инсон офтоби нурбахшои вай аст. Зан-Модар аст, ки тухми муҳаббатро дар қалбҳои инсонҳо кошта, нахли онро ба ашки чашмони пурмуҳаббати хеш мепарварад. Зан – ин муродифи зиндагӣ аст ва зиндагӣ тавассути эҳсосоти поку беолоиши ӯ оҳанги тоза мегирад. Зан–ин ваҳдату орзуҳои ҷовидони инсон аст:

Ман занам, ман модарам, ман ёварам,
Чархро баъд аз Худо ман доварам.
Дар замини дидаву дил офтоб,
Дар ҷаҳон нахли муҳаббатпарварам.
Зиндагӣ эҳсоси оҳанги ман аст,
Бандагӣ озору армони ман аст.
Сулҳу ваҳдат орзуи ҷовидон,
Базму шодӣ малҳами ҷони ман аст [3, с.21].

Зан дар таърихи сарнавишти инсоният ҳамеша мазҳари покӣ, рамзи пойдорӣ ва истеҳкомбахши бунёди хонавода буд ва имрӯз ҳам саъй мекунад, ки ин рисолаи таърихияшро бар дӯш гирад. Дар таърих кам мардуме вуҷуд дорад, ки фарҳанги қадимаи иззати зан-модарро соҳиб нагашта бошад. Бузургии зан-модар, пеш аз ҳама, дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбияткунанда ва бакамолрасонандаи фарзанд, нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад. Ин масъулияти бузург модаронро вазифадор месозад, ки дар баробари нигоҳубину парастории ва камолоти маънавию ҷисмонии фарзандони худ онҳоро дар рӯҳияи худогоҳиву худшиносӣ, ҳувияту ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва ҳифзи марзу бум тарбия намоянд. Зан-модар, ки меҳвари асосии ҳар хонадон аст, аз ибтидо рисолати ба дунё овардани фарзанд ва дар ниҳоди ӯ ҷойгир намудани ахлоқи ҳамида, одоб, муҳаббат, эҳсоси ватанпарварию меҳандӯстиро бедор мекунад. Беҳуда нест, ки бузургони олам дар назди қадру манзалати зан-модар сари таъзим фуруд оварда, ӯро поктарин зоти офаранда дар рӯйи замин эътироф намудаанд. Дар иртибот бар бузургии зан-модар Меҳринисо Бобобекова чунин мегӯяд:

Зан ба нури хештан неруи имон офарад,
Ҳамчу Иброҳим зи оташ ӯ гулистон офарад.
Зарра-зарра ганҷи умри хештанро бохта,
Хирмане аз сабру тамкини фаровон офарад.
Бо кашиданҳои сад дарду балои зиндагӣ,
Ҷон ба каф бигрифта ӯ, фарзанди инсон офарад.
Заррабони қалби зан бо зарби ҳастӣ тавъам аст,
То адам дар ҳар қадам дунёи армон офарад.
Каъбаи мақсуду меҳроби ниёзе қалби зан,
Бо дили ғамхораи худ пораи ҷон офарад.

Зан навои ҳастии моро ба ҷон бинвохта,
Дар дили шаб шуълаҳои меҳри тобон офарад.
Бахти фарзандони худро ҷуста, аз ҷон бигзарад,
Гар фитад мӯйе зи эшон мотамистон офарад [4, с.61].

Яъне: зан ба нури отифӣ ва фитрии худ офаридгор ва эҳдокунандаи имони башарият аст, қалби ӯро ба сӯйи осмон - ба покиҳо савқ медиҳад. Чун Иброҳими паёмбар, ки бо амри Худо оташи ӯ гулистон гашта буд, зан ҳам метавонад бо ниҳоди поку беолоиши хеш зиндагии сангину пурмашаққатро, ки ҳамчун оташ бар инсон хуҷум менамояд, бар ҳаёти пурсаодат ва хушнудиҳо мубаддал бисозад. Бо костани умри гаронмояи хеш ӯ дар ниҳоди ҳар инсон хирмани сабру таҳаммулро ато менамояд, ки бахри ҳар касе гаронмоятарин ганҷ аст. Зан тамоми мушкилоту сангиниҳои ҳаётро дар хештан мунҳалил сохта ва ҷони хеш дар каф гирифта, насли инсонро ба дунёи ҳастӣ меофарад ва, бо ин тариқ, бар насли одамӣ меафзояд. Зарби қалби зан бо зарби олами ҳастӣ як аст, бинобар ин, то охирин лаҳзаҳои дунёи ҳастӣ вай дар ҳар зарбаи қалби худ орзуву ормонҳои ширини насли башарро меофарад. Қалби беолоиши зан бахри ҳар инсоне Каъбаи ормону мақсадҳои вай аст, қалби ӯ тамоми ғамҳои дунёро дар худ ҳазм сохта, бар ҳастии одамият ҷони тоза мебахшад. Зан сабаби навои ҳастии инсонҳост, ӯ дар ивази ҷони хеш бар мавҷудияти мо наво мебахшад, яъне муҷиби ҳастии мо мегардад. Баҳри хушбахтиву саодати фарзанд зан-модар ҷони хешро фидо менамояд, ҳатто, дар ҳолати бадбахтии онон дунёро метавонад бо сӯгу фиғони хеш мотамистон бинамояд.

Дар шеъри дигари хеш Меҳринисо ба рағми ононе, ки бар бузургии зан-модар қойил нестанд, бовар надоранд, ки ин офаридаи муқаддас дили поку муназзаҳ дорад ва метавонад барои башар танҳо тухми накуӣ бикорад ва бар инанд, ки кори зан ҷуз аз ҷодуиву фиребоӣ нест, нидо дар медиҳад, ки андешаи онҳо ҷуз аз лофу газоф нест. Ба андешаи шоира, қалбе, ки муҷиби ҳастии башарият гашта, ибтидои зиндагӣ бо вуҷуди вай робитаи ногусастаниву мустақим дорад, тамоми ҷароҳатҳои дунёро шифо бахшида, қалбе, ки барои ҳар шермарде ҷиҳати пешрафтҳояш дуо медиҳад, агар дили зан-модар набошад, пас, дили кӣ метавонад бошад:

Бигӯяд зумрае зан дил надорад,
Ба олам тухми некуӣ накорад.
Ба афсуну фиребу ҷодуи хеш,
Фалакро бар сари андеша орад.
Диле, ки зиндагиро ибтидо дод,
Ҷароҳатҳои оламро шифо дод.
Диле, ки баҳри пайдои адолат,
Ба роҳи шермардонаш дуо дод.
Дили зан нест ин дил, пас дили кист? [4, с.60].

Меҳринисо мақому манзалати зан-модарро чунон ба осмон савқ дода, ки болотар аз онро ҳеч наметавон тасаввур намуд. Ӯ мегӯяд, ки зан - ин неъмати Офаридгор аст, бинобар ин, қалби зан ҳам мазҳари ишқу муҳаббати ӯст:

Маро зан будан инъоми худоист,
Дилам ҳам мазҳари ишқи илоҳист.

Ба назар мерасад, ҳамчунин суханони шоира ҳам ҳушдор бар ононе мебошад, ки бар бузургиву муқаддасии зан - модар шубҳа доранд.

Дар як ғазали хеш, ки дар он саропо дарду сӯзи шоира барои модари шодравонаш инъикос гардидааст, ӯ ҳар хонандаи соҳибқалбро ба риққат оварда, эҳсосоти ботинии вайро ба таҳрик дар меоварад. Меҳринисо дар баробари равони поки модари худ хитоб менамояд, ки бе вай ҳамчун барги хазон афсурдаву пажмурдааст, тани танҳо ва бекас аст, пас аз дар гузашти модараш тамоми орзуҳои одамӣ аз дили вай ба дар рафтаанд, дар саҳнаи зиндагӣ ӯ ноумед аст ва дигар бар чизеву касе эътимод надорад, зеро ягона муттакояш модар буду бас; дар пеши чашмони шоира охирин лаҳзаҳои ҳаёти модараш ҷавлон мезананд ва дар лавҳи хотир лиқои биҳиштосои модар таҷассум мегардад. Бинобар ин, Меҳринисо, тоқат наоварда, ба лафзи хонаводагиву мардумӣ дар хитоб бар равони модар мегӯяд: “Бар рӯйҳои заъфаронии ту ҷонам!” Шоираи нозпарварди мо дардашро ба хотир меоварад, чӣ хел модар дар назди вай нози модарона мекард. Ӯ аз сари эҳсосот боз ба лафзи мардуми мегӯяд: “Садқаи қалби бузурги ту бод равони ман!” Бо дастони ларзони модар дили шоира андуҳгин мешуд ва, бад-ин муҷиб вой бар дили хунинаш мекунад, ки аз ҳамин дастони ларзон низ бенасиб гардидааст. Пайкари ӯ аз дарди бемодарӣ дар сӯзу гудоз аст ва дарди фироқ ӯро дар хун мустағрақ сохта ва ӯ бо ниҳеб фиғон бар медорад:

Бе ту андар зиндагӣ барги хазонам, модарам,
Бе ту ман танҳои танҳо дар ҷаҳонам, модарам.

Рӯзгоре орзуҳо аз дили ман рафтааст,
Ноумеду хаставу озурда ҷонам, модарам.
Пеши чашмам лаҳзаҳои вопасини умри ту,
Бар ду рӯйи заъфаронии ту ҷонам, модарам.
Нозпарвар будиву нозам ҳамедодӣ ба меҳр,
Садқаи қалби бузурги ту равонам, модарам.
Дасти ларзони ту медидам, дилам таҳ мекашид,
Вой бар ҳоли дили чун арғавонам, модарам.
Пайкарам месӯзаду ғарқоби хунам аз фироқ,
Во дареғо, қиматам, ганҷи равонам, модарам [4, с.55].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ғазали фавқуззикр аз ҳайси оҳангнокӣ бисёр равону ҷаззоб аст, он дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф суруда шудааст, ки яке аз баҳрҳои серистеъмолтарин ва маъруфтарин дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ аст. Онро метавон дар мисоли байти матлаи он бад-ин тариқ тақтеъ кард:

Бе-ту-ан-дар / зин-да-гӣ-бар / гӣ-ха-зо-нам / мо-да-рам,
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун
--- V --- --- / --- V --- --- / --- V --- --- / --- V ---
Бе ту ман танҳои танҳо дар ҷаҳонам, модарам.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун
--- V --- --- / --- V --- --- / --- V --- --- / --- V ---

Тақтеи мазкур ба-дон манзур оварда шуд, ки ғазали мазбури Меҳринисо аз ҳайси мавзӯъ, мазомин бо баҳри фавқуззикр таносуби зиёди мантиқӣ дорад. Тавассути ин вазн шоирони классик беҳтарин ишқномаҳо ва эҳсосоти андуҳгинона ва мамлӯ аз сӯзу гудози хешро ба риштаи назм кашидаанд. Чун мавзӯи интихоб намудаи шоира дар ин ғазал фироқу дурӣ аз модар аст, гузиниши ин вазн ҳам аз ҷониби вай бас баҷо ва мутаносиб аст.

Ҳамчунин, мебояд зикр намуд, ки ҷуз аз интихоби мутаносиби вазн, ки инъикоскунандаи маҳзунияту дард аст, истифодаи вожаҳои вижа ва ибораҳову таркибҳо риққатовар низ абёти ғазалро басо таъсирбахш гардонидаанд. Аз ҷумлаи воҳидҳои мазкур инҳо ***барги хазон, танҳои танҳо, рӯзгор, орзу, ноумед, хаставу озурдаҷон, пеши чашм, лаҳзаҳои вопасини умр, ду рӯйи заъфарон, нозпарвард, ноз, меҳр, садқа, дасти ларзон, дил таҳ кашидан, дили чун арғавон, ғарқоби хун, фироқ, во дареғ, ганҷи равон*** мебошанд, ки ҳама дар атрофи як мавзӯи воҳид - мавзӯи модар мутамарказ гардида, дар обу ранги бадеӣ ва эстетикии он саҳми қобили таваҷҷуҳ гузоштаанд. Ғайр аз он чи, ки қайд гардид, лаҳни мардумӣ ё халқияти оҳанги дарунии ғазал ҳам назаррас аст ва бо мавзӯи мавриди эҷоди шоира ҳам оҳанги зич дорад; танҳои танҳо мондан, садқаи қалби модар шудан, дасти ларзон, вой бар ҳол (- и дили чун арғавон) ва во дареғ гуфтан, инҳо - ҳама бӯйи лаҳни мардумӣ доранд, ки дар зиндагонии рӯзмарраи мардум гоҳу ногоҳ мавриди истифода қарор мегиранд.

Соли 2019 маҷмӯаи нави шоира Меҳринисо зери унвони “Меҳроби розам - модарам” дар нашриёти “Адиб”- и Душанбе дар 133 саҳифа аз чоп баромад. Чунонки аз номи маҷмӯаи мазкур дида мешавад, мавзӯи он алоқаманд ба Зан - Модар мебошад. Дар маҷмӯаи мазбур 96 шеъри зебову хондании Меҳринисо ҷойгузин шудаанд, ки аксарияти онҳо ба мавзӯи модар бахшида шудаанд. Бо шиносоӣ бо ашъори модарномаи Меҳринисо, хонанда ба дунёи розу ниёзҳои ин беҳтарин ва поктарин офаридаи ҳама даврахо, яъне модар ворид мегардад ва мақоми баланди ӯро дар тақдири инсоният хубтар дарк менамояд. Дар иртибот ба мавзӯи модар дар эҷодиёти шоираи хушкалому ҳунарманд Меҳринисо Бобобекова, албатта, як мақола зарфияти гунҷоиш надорад, зеро он ниёзманди таҳқиқоти густардатару бузургтар мебошад. Зеро, дар ҳақиқат, дар шиносоӣ бо ашъори дар ин мавзӯъ сурудаи шоира метавон ба ин натиҷа расид, ки чакомаҳои мазкур яке аз беҳтарин, муассиртарин ва ҳузновартарин ашъор дар адабиёти навини мост – дар иртибот бар тасвир ва тавсифи дунёи Зан – Модар. Чӣ тавр бар ин гуфтаҳои шоира, ки дар шеъре зери унвони “Файз бирафт”дар маҷмӯаи мазкур ҷой дода шудааст, арҷ нагузошт ва онро дар радифи беҳтарин сӯгвораҳои шеъри тоҷик ҷой надод:

Мурғи осоиши рӯҳам бипарид,
Ҳамчунон боли Ҳумо аз сари ман.
Хонаам холиву беранг шуда,
Рафт файёзи Худо аз дари ман [4, с.47].

Ва ё байти зерин аз шеъри беунвони ҳамин маҷмӯа, ки дар хитоб бар модар гуфтааст:

Эй ту ягона мунису ғамхори беҳтарин,
Шеъри ман аз муҳаббати ту гашта дилнишин [4, с.43],

ки бисёр заминиву бетакаллуф ва муассир баромадааст. Бояд зикр кард, ки анқариб тамоми ашъори ин маҷмӯа дар таъсирбахшиву риққатоварӣ сазовори таҳсинанд ва онҳоро метавон ба ҳайси гулчини модарномаҳои адабиёти навини тоҷик эътироф намуд.

Дар натиҷагирӣ аз мавзӯи мавриди назар метавон қайд намуд, ки мавзӯи Зан - Модар, албатта, бо он чи шоира Меҳринисо дар маҷмӯаи мазкур ва дигар маҷмӯаҳояш дар атрофи он қаламфарсоӣ намудааст, ҳоло ҳам анҷомпазиру тамом шуданӣ нест, зеро дунёи модар бас бузургу беканора аст, ҳатто, бузургтар аз он чи ки дар андешаи ҳар шоире ғунҷоиш ёфтааст ва тасвири ниҳоии ин дунё ва ҳолоти ботинии модарон берун аз доираи тавоноии тамоми шоирон ва, умуман, ҳунармандони ҷаҳон аст. Аммо, бо вуҷуди ин ҳама, боз ҳам метавон гуфт, ки Меҳринисо Бобобекова тавассути модарномаҳои таъсирбахш ва зебову риққатовари хеш то ҷое, ҳатто, то ҷойи қобили таваҷҷуҳ, қитъаи бузурге аз ин дунёи бузургро фатҳ кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Анзурат. Соли Робиа соли зан ва шеър хоҳад буд // Адабиёт ва санъат. - №40 (491), 1-уми октябри 2009. – С.12.
2. Абдулвоҳидова, Шарофат. Ҳама зебоӣ маҳсули дасти зан аст / Шарофат Абдулвоҳидова // Садои мардум. - №26(3976), 7-уми марти 2019. – С.3.
3. Меҳринисо. Баъд аз Худо // Бонувони Тоҷикистон. - №142, сентябри 2018. – С.21.
4. Меҳринисо. Меҳроби розам–модарам / Меҳринисо. - Душанбе: Адиб, 2019. - 133 с.
5. Муҳаммадсодиқ, Ғ. Бори гарони зиндагӣ Ғ.Муҳаммадсодиқ // Паёми Душанбе. - 27-уми апрели 1991. - С.2.
6. Меҳринисо. Оини Хуршед / Меҳринисо. Муҳаррир: Гурез Сафар.- Душанбе: “Адиб”, 2011.- 319саҳ.
7. Меҳринисо. Оҳанги зиндагӣ / Меҳринисо. Муҳаррир: Алишер Мирбобо.- Душанбе, 2019.- 579 саҳ.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асриХХ). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ- М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 2, дар 948 саҳ.
9. Ҳаким, Аскар. Сухан ва образ / А. Ҳаким // Садои Шарқ.- №11, 1973.- Саҳ.132-142

НАҚШИ ЗАН-МОДАР ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Меҳринисоро метавон дар радифи хушсалиқатарин ва навпардозтарин шоираҳои адабиёти муосир эътироф намуд. Агарчи шоира Меҳринисо дар мавзӯъҳои гуногун ашъори нобу дилкаш эҷод кардааст, вале мавзӯи ба модар иртиботдоштаи вай дар қатори асоситарин мавзӯоти эҷодиёташ дар ҳама маҷмӯаҳои ба табъ расидааш ҷилваи махсус дорад. Меҳринисо шоираест борикбин ва нуктасанҷу ҳассос ва, дар баробари ин, дорои сабку салиқаи вижа ба худ. Мазомини тоза, дарёфтҳои нобу бикр дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, махсусан, истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, мавзӯъҳои ашъори шоираро боз ҳам зинат дода, онҳоро ҷаззобу муассиртар гардонидаанд. Мавзӯи Зан - Модар, чунонки дар эҷодиёти ҳар шоири ҳунарманди адабиёти муосир ба таври ба худ хос мавриди тавсиф қарор гирифта, дар эҷодиёти Меҳринисо низ ҷилваи махсус дорад. Меҳринисо чи дар эҷодиёти даврони шӯравияш ва чи дар ашъори пасошӯравӣ, яъне даврони истиқлолияти худ нисбат ба мавзӯи Зан - Модар ҳеҷ вақт бетарафӣ изҳор нанамудааст. Мавзӯи мазкур дар ҳама марҳалаҳои эҷодиёти шоира дар баробари марказитарин ва маъруфтарин мавзӯи эҷодиёти вай, яъне мавзӯи ишқу муҳаббат, яке аз мавзӯъҳои дӯстдошта ва писандидаи ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳам дар ашъоре, ки дар жанрҳои анъанавӣ монанди ғазал ва рубоӣ сурудааст ва ҳам дар шеърҳое, ки ба тарзи наву муосир эҷод кардааст, Меҳринисо ба мавзӯи зан ва модар ручӯи самимӣ ва содиқона намудааст. Ҳама шеърҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи шоира дилчаспу дорои таъсири вижа ва, бар болои ин, бисёр равону хушоҳанганд, забони содаву тарзи адои дилнишин доранд. Хонанда бо хондани онҳо аксари онҳоро метавонад бе мушкилӣ аз худ намояд, зеро онҳо дар қалби ҳар хонандае ҷой мегиранд.

Калидвожаҳо: зан, модар, модарнома, шеър, Меҳринисо, ишқу муҳаббат, сӯзу гудоз, тасвиру тавсифи Зан - Модар, адабиёти муосир, мавзӯи асосӣ.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ-МАТЕРИ В СТИХАХ МЕХРИНИСО

Мехринисо, наряду с другими знаменитыми мастерами художественного слова современной таджикской литературы, можно признать как одну из самых талантливых представителей постсоветской таджикской поэзии. Несмотря на то, что Мехринисо на разные темы создавала привлекательные и изящные стихи, но тема, относящаяся к женщине – матери в ее творчестве имеет особое место во всех ее опубликованных сборниках. Мехринисо является проницательной и чувствительной поэтессой, а также у нее особый стиль и манера изложения. Новые мотивы и украшение свежих мыслей в использовании изобразительных средств, особенно таких, как метафора, сравнение, указание, персонификация (олицетворение), украшают поэтическое ее творчество и придают особый тон ее поэтическому дарованию. Тема женщина-мать, как в творчестве каждого талантливого поэта современной литературы, изложена особым образом, так и в стихах Мехринисо представлена мастерски. И в стихах советских времен, и в творчестве постсоветского периода, то есть в годы независимости, Мехринисо уделяла особое внимание этой теме. Вышеупомянутая тема во все периоды творческой деятельности поэтессы, наряду с центральными и популярными темами, такими как любовь и сердечные волнения, является самой любимой и привлекательной темой. Как в стихах, в стиле традиционных жанров, так же и в новых формах, Мехринисо уделяет основное внимание женщине - матери. Все стихи, посвященные данной теме, очень интересны и воздействуют особой привлекательностью, являются очень плавными и мелодичными, язык изложения в них очень простой и искренний, а стиль – особый, в отличие от других мастеров слов. Читатель при знакомстве со стихами Мехринисо может быстро и без сложностей выучить их наизусть, так как они своей привлекательностью быстро находят свое место в сердцах читателей.

Ключевые слова: женщина, мать, стихи на тему матери, стихи, Мехринисо, любовь, волнение и скорбь, изображение Женщины-Матери, современная литература, современная таджикская поэзия, основная тема.

THE IMAGE OF A WOMAN MOTHER IN VERSES OF MEHRINISO

Mehriniso along with other famous masters of the literary word of modern Tajik literature can be recognized as one of the most talented representatives of post-Soviet Tajik poetry. Despite the fact that Mehriniso wrote attractive and graceful poems on various topics, the theme related to the woman - mother in her work has a special metso in all of his published collections. Mehriniso is a very penetrating and sensitive poetess, and also has a special style and manner of presentation. New motifs and the decoration of fresh thoughts in the use of visual means, especially such as a metaphor, comparison, designation, personifications (personification), adorn the poetic colors of the poetess and give a special tone to her poetic talent. The theme of woman-mother, as in the work of every talented poet of modern literature, is presented in a special way, and in the verses of Mehriniso is presented in a masterful way. And in the poems of Soviet times, and in the works of the post-Soviet period, that is, the years of independence, Mehriniso paid special attention to this topic. The aforementioned theme in all periods of the poet's creative activity, along with central and popular themes, such as love and heart excitement, is the most beloved and attractive theme. As in poetry, in the style of traditional genres, as well as in new forms, Mehriniso pays sincere attention to a woman - mother. All poems devoted to this topic are very interesting and have a special appeal, are very smooth and melodic, the language of presentation is very simple and sincere, and the style is special, unlike other word masters. The reader, when familiarizing himself with Mehriniso's poems, can quickly and without complications learn them by heart, because by their attractiveness they quickly find their place in the hearts of readers.

Key words: woman, mother, verses on the theme of mothers, verses, Mehriniso, love, excitement and sorrow, the image of the Mother-Woman, modern literature, modern Tajik poetry, the main theme

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Усмониён Нозила Усмон*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, аспиранти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети лингвистика ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ. **Суроғa:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Данғара, кӯч. Марказӣ, 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Сведение об автора: ***Усмониён Нозила Усмон*** – Дангаринский государственный университет, аспирант кафедры таджикского языка и литературы факультета лингвистики и телекоммуникационных сетей. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Маркази, 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Тел.: **(+992) 907-50-92-62**

Information about the author: ***Usmoniyon Nozila Usmon*** - Dangara State University, graduate student of the Tajik language and literature department of the faculty of linguistics and telecommunication networks. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Markazi 25. E-mail: **bnozila@bk.ru.** Tel.: **(+992) 907-50-92-62**

УДК: 891.550-1:82

БОЗОР СОБИР-ШОИРИ ТАСВИРГАРО

Мирзоев И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тасвир яке аз унсурҳои муҳимми шеъри тоҷик ба шумор меравад ва шеъри тасвирӣ ҳамеша ба ҳолати рӯҳии инсон таъсиргузор аст. Адабиёти бадеӣ шохае аз ҳунар аст ва шеър, ки моли адабиёт аст, бояд тавонад ба рӯҳи ҷомеа таъсиргузор бошад.

Донишмандони зиёде дар бораи нақши хаёл ва тасвир дар шеър андешаҳо баён доштаанд. Муҳаққиқон ва донишмандоне дар ин хусус, аз қабили Арасту, Форобӣ, Ибни Сино, Шамс Қайси Розӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Насируддини Тӯсӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Шафеии Кадканӣ, Ризо Бароҳанӣ ва амсоли инҳо андешаҳои арзишманде ироа доштаанд. Мутафаккири бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино дар ин бора чунин мегӯяд: «Шеър сухане ҳаст хаёлангез, ки аз суханоне мавзуну баробар сохта шуда ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад» [2, с.72]. Ё ҷойи дигар зикр мекунад: «Аммо мантиқӣ ба шеър аз он рӯй менигарад, ки хаёлро барангезад ва бишӯронад. Ва мухайялу шӯрангез сухане аст, ки нафс бар он мутеъ шавад ва бе ҳеч гуна таҳаммулу андеша ва ихтиёр аз умуре (амрҳое) шоду хурсанд шавад ва аз умуре дигар гирифта ва андуҳгин гардад» [2, с.73].

Донишманди дигар Хоҷа Насируддини Тӯсӣ афзун бар вазн мухайял будани шеърро аз назари мантиқиён муҳим дониста, дар ин бора мегӯяд: «Шеър ба наздики мантиқиён каломи мухайяли мавзун аст ва дар урфи ҷумҳур каломи мавзун ва муқаффо» [3, с.68].

Ба далелҳои боло нақши калидӣ доштани тасвир дар шеър ҳамеша намоён аст. Адабиётшиносон ва муҳаққиқони муосир ҳам «сувари хаёл»-ро дар шеър чизи муҳим ва асосӣ дониста, иддае аз онҳо тасвирро яке аз рукнҳои асосии шеър медонанд. Доктор Шафеии Кадканӣ моҳияти асосии шеърро дар ифодаи хаёл мебинад ва таърифи хаёлро аз назари муҳаққиқони фарангӣ чунин иброз медорад: «Ба таваҷҷуҳ ба ин ки имож ё хаёл унсури асл ҷавҳари шеър аст ва тахайюл бозгаштан ба хаёл ва имож аст, бубинем ноқидони фарангӣ чӣ таърифе аз имож ё хаёл доранд. Ди Луис дар китобе, ки вижаи имож ё хаёл пардохтааст, мегӯяд: дар содатарин шакли он «тасвир»-е аст, ки ба кумаки калимот сохта шудааст: як тавсиф, сифат, як истиора, як ташбеҳ мумкин имож биофаринанд ва ба рӯйи ҳам, маҷмӯаи он чиро, ки дар балоғати исломӣ дар илми баён матраҳ мекунанд, бо тасрифот метавон мавзӯъ ва заминаи имож донист, зеро маҷоз ва сувари гуногуни он ва

ташбеҳ, аркони аслии шеъре ҳастанд ва дар шеъри ҳар забоне ҷавҳари шеър баргаштан ба ҳамин масъала аст» [4, с.9].

Муҳаққиқи барҷастаи эронӣ Алиасғари Шеърдӯст низ дар ин бора хеле хуб мефармояд: «Унсури хаёлро наметавон дар радифи дигар аҷзои шеър шумурд, балки ин унсур фаъолтарин ва муҳимтарин омили ширкаткунанда дар эҷоди шакли зеҳнии як шеър аст» [9, с.27].

Сувари хаёл ё тасвиргарои ҳамеша яке аз лавозими муҳимми шеър буда, барои таҷассуми зебоӣ ва диди эстетикии шеър ба кор бурда мешавад.

Ба ҳамин далел, метавон гуфт, ки Бозор Собир аз зумраи он шоиронест, ки дар адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири тасвиргаро шинохта шудааст. Ҳарчанд дар адабиёти муосири тоҷик унсури хаёл ва тасвир дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ ва амсоли инҳо вомехӯрад, аммо Бозор Собир тасвирро шеваи ихтисосии худ қарор дода, чун ашъори ӯ саршор аз хаёлоти шоирона ва тасвирсозиҳои вижае мебошад. Шоир ҳанӯз аз оғози фаъолияти шоириаш рӯ ба шеъри тасвирӣ овард ва маҳорати шоирии ӯ дар ҳамин замина сайқал ёфт. Дар адабиёти муосири тоҷик то солҳои 60-70-уми қарни ХХ, ки идеологияи сотсиалистӣ ҳукмфармо буд, бештар оҳангҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар ашъори шоирон ба назар мерасид. Аммо шоир Бозор Собир аз қолабҳои марсуму анъанавӣ як андоза сарфи назар кард ва бештар ба шеъри тасвирӣ рӯ овард. Дар ин бора адабиётшинос Ҷамолиддин Саидзода зикр мекунад:

«Тавре ки гуфтем, устод Бозор Собир шоири номдору номовар ва қолабшикан аст ва дар адабиёти муосири тоҷик, алалхусус дар ҳавзаи тасвир ва хаёл, касеро суроғ надорем, ки ба ӯ ҳамсарӣ намояд. Дар ин шева ӯро метавон ба «тасвиргари бузург» (Ризо Бароҳанӣ)-Нодири Нодирпур қиёс кард ва иёрсанҷӣ намуд, ҳамон Нодирпуре, ки устод Бозор ба ӯ сахт иродатманд аст ва барояш арҷи фаровон мениҳад ва «падарсолори шеъри форсӣ» мехонадаш…» [5, с.18].

Оре, дар қаламрави шеъру адаби муосир устод Бозор Собир аз камтарин суханвароне буд, ки бо дарки амиқу биниши тоза, тарзу ғояҳои нав рӯҳи шеъри тоҷикиро як тозагии нав бахшид. Шоир вақте ки тамоми эҳсосоти ботинии хешро дар қолаби андеша мерезад ва шеъри зебову эҳсосбарангези ӯ тавлид мешавад, хонанда аз мутоилаи он эҳсоси гувороеро дар хеш ҳис мекунад. Ӯ ба сони мусаввирест, ки тамоми мушоҳидаю бардоштҳояшро аз табиату зиндагӣ, тавассути ҳарфу ҳиҷо нақкошӣ мекунад.

Дар эҷодиёти шоир аз ҳама бештар табиат бо ҳама муъҷизаву афсункориҳояш мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Аз мутоилаи ашъори ӯ баръало ҳис кардан мумкин аст, ки ӯ бо табиат як пайванди ногусастание дорад. Барои мисол боридани борон дар эҷодиёти бисёр шоирони мо мавриди тасвир қарор гирифтааст, аммо дар эҷодиёти Бозор Собир он бо як навгонӣ ва бо тасвирҳои наву тоза рӯйи кор омадааст. Шоир дар шеъри «Борон», боридани боронро басо самимӣ ва табиӣ ба риштаи тасвир мекашад, ки хонандаро, дарвоқеъ, ба шӯру ҳаяҷон меорад. Ӯ дар ин ҷо боронро ба зан ташбеҳ додааст, ки хеле тасвири хубу олӣ аст:

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобуку ҷавон гузашт борон.
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон.

Ҳай бӯи занона дошт борон,
Гесӯи занона дошт борон,
Овози занона дошт борон,
Пардози занона дошт борон,
Гулнози занона дошт борон [7, с.177].

Як вижагии шеъри Бозор Собир он аст, ки ҳама унсурҳои табиат, ҷисмҳои он, ҳар гулу гиёҳу дарахт ва, пеш аз ҳама, муъҷизаҳои табиат як бозтоби тоза ёфтаанд. Доманаи ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир воқеан вусъатнок аст. Дар шеъри ӯ ташбеҳу истиорот ва дигар анвои санъатҳои шеърӣ аз табиат гирифта шудаанд. Ифодаву таркибҳо ва истиороте монанди «тӯри боронҳо», «обзахми санг», «подаи бодҳо», «мижгони шаб», «ғози хасрав», «лонаҳо чун чашми гирён», «дар дара дум задани галаҳои обшорон», «занҷири борони баҳор», «чашми сафедор», «сӯзани тиллоии хуршед», «чун шир рехтани борон аз гулӯи новадон», «шишаи субҳ», «безабонии забондонии бод», «гиряи шаршараҳои гирён», «ширшири баргҳои ларзон», «чодари арӯсӣ гардидани абрҳои кӯҳистон», «ҷонамози барфҳо», «сӯзани нур», «тешаи санг», «гӯши ҳубоб», «зангӯлазанон гузаштани борон» ва амсоли

инҳо, ки ҳама дар тасвирсозии ғайримарсум ва наву муосир нақши муассире бар ҷой гузоштаанд аз мушоҳидаву бардоштҳои хуби шоир далолат мекунанд.

Адабиётшиноси шинохта Кароматулло Шукруллоев дар ин бора зикр мекунад: «Бозор Собир ба адабиёт бо диди хосси шоирона омад. Сарманшаи андеша ва образҳои шеъри ӯ эҷодҳо ва зиндагии мардум аст. Шеъри ӯ ифшои ҳоли табиату инсон буда, асолати ӯ низ аз ҳамин ҷо ибтидо мегирад. Маҳз ба ҳамин васила ӯ ҳолати тасвирҳо ва чеҳраҳоро дармеёбад ва шеъраш забони гӯёи он тасвироту он ҳолатҳо мегардад» [6, с.120].

Дарунмояи шеъри устод дар бисёр маворид саршор аз тасвирҳои зебо ва хаёлпардозиҳои нозук аст, ки аз мутолиаи онҳо ҳамеша хонанда як рӯҳу илҳоми тоза мегирад. Яъне, аз ҳар нигоҳ, аз ҳар мушоҳидаву бардошт шеъри нобу олӣ сохтан, танҳо кори шоири тавонову боистеъдод аст.

Шоири асил ба ҳар як муъҷизаи табиат нигоҳи сарсарӣ надорад. Ҳамин аст, ки Бозор Собир ҳамаи инро эҳсос мекунад. Ӯ шукуфтани гул, рехтани шаршара, дамидани сабза, муғча бастани дарахтон, аз қаъри замин ҷӯшидани чашма ва амсоли инҳоро ба таври вижа дарк мекунад ва гоҳо аз ин эъҷози табиат ба шигифту ҳаяҷон меояд ва шеъри нобу дилчасп аз килки ӯ таровиш мекунад. Ва дар заминаи ин шеърҳои ӯ хеле самимиву табиӣ эҷод мешаванд, ки хонанда аз хондани онҳо завқ мебарад:

Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашмаро нигаҳ кун,
Ин чашма мезанад чашм,
Чашми занона дорад;
Аз ташнагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

Ин лолазори гулҷӯш,
Сурхида то баногӯш.
Инро макун фаромӯш,
Хунаш, ки мезанад ҷӯш,
Шарми занона дорад [8, с.92].

Бозор Собир шоири мушоҳидакор аст ва ин мушоҳидаву бардоштҳо дар ашъори шоир ба ҷилва омадаанд. Ӯ мекӯшад, ки дар шеъраш бештар як навгонӣ, тасвирҳои тару тоза бошад ва аз такрор то андозае ҳазар бикунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад то чизеро бигӯяд, ки дигарон нагуфтаанд. Масалан, вақте ӯ мегӯяд:

Дар шаршараҳо, ки об овезон аст,
Дар об садои об овезон аст.
Овози туро, ки ҳалқа кардам дар гӯш,
Овози ту дар гӯши ман овезон аст [8, с.117].

Дар шаршара овезон будани об ва дар об овезон будани садои об воқеан тасвири тоза ва нав аст.

Таносуби калом дар шеъри Бозор Собир қавӣ аст, ки гоҳо агар як калимаро аз шеър гирем ё бо калимаи дигар иваз созем, таносуб батамом канда шуда, қариб тамоми маънои шеър халалдор мегардад. Ва гоҳо калимаҳо дар шеъри ӯ ба ҳамдигар чунон печидаанд, ё чунон иртиботи қавӣ доранд, ки онҳоро аз ҳам ҷудо намудан мушкил аст.

Муъҷазу дилкаш ва самимиву таъсирнок будани тасвирҳо дар шеъри Бозор ҳунари баланди тасвиргароӣ доштани ӯро бозгӯ мекунад ва нишон медиҳад, ки ӯ аз адабиёти оламшумули классикиамон ва, пеш аз ҳама, аз эҷодиёти даҳанакии халқ бархӯрдории зиёд дорад. Дар шеърҳои ӯ вусъати андеша, баёни фикрҳои ҷолиб, бозӣ дорондани сухан ва истифодаи муваффақонаи санъатҳои бадеӣ баръало ба мушоҳида мерасад.

Ашъори шоир бо забони хеле содаву зебо ва суфтаю шево гуфта шудааст. Ӯ ҳамеша маъниҳои баландро бо сухани одиву сода дар шеъраш таҷассум намудааст. Корбурди моҳиронаи калимоту ибораҳо дар эҷодиёти ӯ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин калимаҳое низ ба чашм мехӯранд, ки сохтаи худи шоиранд ва дар ашъораш хеле хуб корбаст шудаву ба шеърҳояш як ҷаззобият ва равонию рангорангиеро зам намудаанд. Ба инҳо метавон калимаҳоеро аз қабили **лолахун, қаламхор, қаламкор, гулхор, хоропайкар, сангҳайкал, донишгадоӣ, мӯйшикофӣ, ширбадан, подароҳ, қаламроҳ, обзахм, обилафарсо, хамохам, шабхӯрда, норасобарҷаста, ёлафшон, шабкӯрак, гулӯсӯз, қаламронӣ, коҳсимоӣ, пистонсиях, пурпина, бедорхоб ва бисёру бисёр** дигарҳоро мисол овард.

Табиист, ки шоир барои дарёфти тасвирҳои шоирона ва нобу зебо басо заҳмат мекашад. Ӯ дарк мекунад, ки сухане, ки дорои вазну қофия аст ҳанӯз шеър нест. Балки шеър онест, ки онро бо хуни ҷигар бояд рангин намуд, ин мазрааро аз хуни дил бояд

обёрӣ намуд, то он бисабзад, нуму ёбад ва коми ташнагони шеърро шодоб намояд. Ба ин нукта худи шоир низ дар шеъри «Шоиру шеъре агар ҳаст…» чунин ишора намудааст:

Шоире, к-аз синааш ҳар нуктаро
Меканад чун маъдане аз кон,
Балки ҳамчун порае ҷон,
Мисли маҳбусе, ки дар талвосаи ҷонканданаш
Меканад девори маҳбасро ба дандон [7, с.11].

Шоир бо истифода аз тасвирҳои зебо мазмуну маъниҳои олию баландро ба самъи хонанда мерасонад. Ва ӯ ҳис мекунад, ки чунин тарз баён доштани андеша ҳамеша барои хонанда таъсиргузор буда метавонад. Адабиётшинос Ҷамолиддин Саидзода дар ин бора чунин зикр мекунад: «Мусаллам аст, ки устод Бозор шеъри ҳарфиро шеър намедонад, шеъри бепирояро намеписандад. Ӯ ҳамеша дар талаби шеъри асил аст. Аз ин хотир, на ҳамаро шоир медонад. Ба ҳарфи дигар, вай танҳо шеъреро меписандад, ки дар қаламрави хаёл ҳаракат мекунад. Фарқ надорад, ки он ахлоқӣ аст ё иҷтимоиву сиёсиву фалсафӣ. Муҳим он аст, ки баён шоирона бошад, зеро шоирони асил ҳар гуна матлабро метавонанд шоирона баён доранд» [6, с.51].

Аз ин ҳама хулоса кардан мумкин аст, ки шеъри Бозор Собир ҳамеша дархӯри дарди хонандаву ҷомеа буда, тамоми тору пуди шоир аз дарди Ватану мардумаш сиришта шудааст. Шеъри ӯ ҳамеша саршор ва моломол аз тасвирҳои хеле дилкашу ҷаззоб ва ҳам таъсирбахш аст, ки гувоҳ аз ҳунари баланди тасвирофарии шоир аст. Дар ин бора адабиётшинос Аҳмад Абдуллоев хеле хуб зикр мекунад: «Ҳоло дар шеър образи бадеиро дар зикри санъатҳо, хусусан дар муқоиса ва маъниро дар ҳалли дурусти мавзӯъ ва тасвири пурраву ҳамаҷонибаи он мебинанд. Дар гузашта бошад, маонии шеърро аксар аз санъати он ҷустуҷӯ мекарданд ва шеъре, ки санъати бадеӣ надошт, ҳар чи пурмазмун бошад ҳам, аз маонӣ бебаҳра ҳисоб мешуд. Дар ин замина шеъри Бозор Собир мушаххас аст ва маонии шеъраш аз санъати сухани ӯ ба ҳосил омадааст. Дар шеъри ӯ мавзӯъ дар партави хаёл тасвир ёфта ва санъати шоирона завқу идроки хонандаро ба дарки маъниҳои дақиқ раҳнамун менамояд». Ва ба ҳамин далел метавон гуфт, ки унсури хаёл ва тасвир дарунмояи шеъри устод Бозор Собирро ташкил додааст ва дар меҳвари тафаккуру эҷодиёти ӯ ҳамеша ҳамин вожаҳо чарх мезананд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А. Дунёи шеър / А. Абдуллоев // Адабиёт ва санъат. – 19887, апрели. - №14.
2. Аристотел. Фанни шеър / Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192 с.
3. Аъзам Маъзумаи Иқбол. Шеър ва шоирӣ дар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ. – Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1379 ҳ.
4. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Огаҳ, 1386 ҳ.
5. Саидзода Ҷ. Б. Собир - тасвиргари моҳир / Ҷ.Саидзода. – Душанбе, 2009. – 130 с.
6. Саидзода Ҷ. Б. Собир - бонии тарзи хаёл / Ҷ.Саидзода. - Душанбе: Бухоро, 2013. – 150 с.
7. Собир Б. Бо чамидан, бо чашидан... / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
8. Собир Б. Шоиру шеъре агар ҳаст / Б. Собир. - Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
9. Шеърдӯст, Алиасғар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик / Алиасғари Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.

БОЗОР СОБИР - ШОИРИ ТАСВИРГАРО

Дар мақолаи мазкур дар бораи сувари хаёл ё тасвир дар шеър маълумоти мухтасар дода шуда, ҳамчунин аз осори донишмандони машҳур низ дар ин бора иқтибосҳо оварда шудааст. Баъдан оид ба мавқеи тасвир ва тасвиргарӣ дар эҷодиёти шоири машҳури тоҷик Бозор Собир маълумоти мушаххас дода шудааст. Бисёр паҳлуҳои эҷодиёти шоир мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳамчунин оид ба тасвирсозиҳои шоир ва вижагиҳои тасвир дар ашъори ӯ андешаронӣ гардидааст. Махсусан, оид ба тасвирҳои зебову дилчаспе, ки шоир аз мушоҳидаву бардоштҳояш аз табиат, махсусан, табиати биҳиштосои Тоҷикистон ба риштаи тасвир кашидааст, маълумот дода ва бо мисолҳои мушаххас таъйид гардидааст. Ҳамчунин, дар бораи забон ва тарзи баёни шоир мухтасар маълумот дода шуда, нақши шоир дар сохтану истифодаи калимаҳои нав муҳим арзёбӣ шудааст. Ҷанбаи ҳунарии шеъри устод Бозор Собир аз нигоҳи тасвирофарӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, андешаву назари таҳқиқии иддае аз муҳаққиқону адабиётшиносон оид ин паҳлуи эҷодиёти шоир иқтибос шудааст. Ҷанбаҳои муҳимми ҳунари шеърофарии шоир ва тасвирофариҳои ӯ бо иқтибосҳои овардашуда аз эҷодиёти шоир мавриди муҳокима қарор гирифтаанд то ҳадди имкон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Тасвиргарӣ баёнгари сабки фардии шоир буда, симои эҷодии ӯро дар адабиёт муайян мекунад.

Калидвожаҳо: тасвир, табиат, сувари хаёл, ашъор, Бозор Собир, унсури хаёл, тасвиргаро, санъатҳои бадеӣ, ҷанбаҳои ҳунарӣ, таносуби калом, эҷод, ифодаву таркибҳо.

БОЗОР СОБИР- ПОЭТ - ИЗОБРЕТАТЕЛЬ СЛОВА

В данной статье автор даёт краткое сообщение о полёте мысли в содержании стихотворений, а также приводит ценные цитаты о творчестве великих мыслителей. Позже автор переходит к роли изображения и изобретательности в творчестве известного таджикского поэта Бозора Собира и даёт развернутую информацию.

Многие стороны творчества вышеупомянутого поэта становятся предметом исследования и ведётся размышление о тонкости поэтического чутья и особенностях его творчества. Особенно, об изображениях, которые приводят читателя в восторг и берут свое начало из наблюдений райской природы Таджикистана, поэтом дается важная информация и объясняется на конкретных примерах. Автор статьи также дает краткую информацию о языке и стиле поэта, роли поэта в образовании и использовании новых слов. Поэтический дар стихов Бозора Собира, поэтическое изображение и использование его художественных средств становятся предметом изучения и об этом приводятся цитаты из литературных критиков о разных сторонах творчества поэта. Тонкие поэтические находки свойственны Бозору Собиру и определяют его место в литературе.

Ключевые слова: изображение, природа, полёт мыслей, творчество, формы воображения, мастер изображения, формы описания, поэтическое мастерство, словестное сочетание, творение, сочетание и составы.

BOZOR SOBIR - POET - INVENTOR

In this article, the author gives a short message about the flight of thought in the content of poems, and also gives valuable quotes about the work of great thinkers. Later, the author turns to the role of images and ingenuity in the work of the famous Tajik poet Bozor Sobir and gives detailed information. Many aspects of the work of the aforementioned poet become the subject of research and reflections on the subtleties of the poetic instinct and the peculiarities of his work are conducted. Especially, about the images that delight the reader and originate from observations of the paradise nature of Tajikistan, the poet gives important information and explains with specific examples. The author of the article also gives brief information about the language and style of the poet, the role of the poet in education and the use of new words. The poetic gift of Bozor Sobir's poems, the poetic image and the use of his artistic means become the subject of study, and quotes from literary critics about various aspects of the poet's work are cited about this. Subtle poetic finds are characteristic of Bozor Sobir and determine his place in literature.

Key words: image, nature, flight of thoughts, creativity, forms of imagination, master of images, forms of description, poetic skill, verbal combination, creation, combination and compositions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мирзоев Илҳомиддин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Сведения об авторе: ***Мирзоев Илхомиддин*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 981-02-16-83**

Information about the author: ***Mirzoev Ilhomiddin*** **-** Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 981-02-16-83**

УДК: 891.550

СОХТОР ВА МАЗМУНИ “МАКТУБОТ”- И ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Нормаҳмедов И.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Мавлоно Муҳаммад Ҷалолуддини Румӣ (Балхӣ) орифи маъруфи раббонӣ ва ахтари рахшони ирфонӣ, шоир ва мутафаккири бузурги асри XIII мебошад. Ӯ аз симоҳои тамаддуни ҷаҳонӣ буда, бо ғояҳои пешқадаму андешаҳои бикри худ дар илму адаб ва фарҳанги башарият мавқеи хос дорад. Мавлоно аз худ мероси бузургу гаронбаҳои илмиву адабие боқӣ гузоштааст, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа дар таърихи адабиёти чи Шарқу чи Ғарб мавқеи муҳиммеро дорост, ки инҳо «Маснавии маънавӣ», «Девони кабир», «Девони Шамс» ё «Куллиёти Шамси Табрезӣ», «Маҷолиси сабъа», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ва «Мактубот» мебошанд.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки оид ба асари «Мактубот» -и Мавлоно назари иҷмолӣ намоем.

“Мактубот” асарест, ки аз ҳуҷҷатҳои гуногун дар ҳаҷми аз як то ду саҳифагӣ иборат мебошад. Ин ҳуҷҷатҳо асосан номаҳо ва муроҷиатҳои Мавлоно ба ҳокимону ашрофони Қӯния, аҳли оила ва дӯстони ӯ мебошанд.

Номаҳои Мавлоно намунаи жанри номанигорӣ дар асри XIII ба шумор мераванд, ки онҳоро фарзандону ёру дӯстони ӯ ва шогирдон ҷамъ овардаанд ва дар шакли китоби алоҳидае ҷилд кардаанд. Шаклҳои дастнависи ин мактубҳо дар китобхонаҳои Туркия маҳфуз буда, онҳо дар шакли китоби алоҳида дар соли 1356 ҳиҷрии қамарӣ дар Истанбул ба чоп расидаанд. Дар асоси он муҳаққиқони эронӣ Юсуф Ҷамшедпур ва Ғуломҳусайн Амин ин осорро бо номи «Мактуботи Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот» дар шаҳри Техрони Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соли 1336 ҳиҷрии шамсӣ нашр кардаанд. Баргардони номаҳо аз хатти форсии арабӣ ба хатти сирилиасоси тоҷикӣ дар асоси нашрияи эронии зикршуда соли 2017 аз ҷониби Зиёев Х.М. ва Маҳмудзода О.Б.баргардонида шудааст.

Номаҳои Мавлоно аз ҷиҳати шаклу мазмун имконият медиҳанд, ки вобаста ба қонунмандиҳои шаклу навъи мукотибот - жанри эпистоляриро дар таърихи асрҳои миёнагии мардуми тоҷик таҳқиқ намоем. Чунонки маълум аст, номи ин навъи наср –

“эпистолярӣ”, аз решаи калимаи юнонии “нома” буда, мутахассисон одатан аз ду навъи мукотибот - шахсӣ ва корию расмӣ сухан мекунанд.

“Номанигорӣ дар миёни мардуми эронитабор аз даврони Хаҳоманишиён оғоз гардида буд. Дар он замон, ки қоғаз сохта нашуда буд бо хати мехӣ матлабро дар пӯсти ҳайвонот менавиштанд. Пас аз тавассути чиниҳо сохта шудани қоғаз номанависӣ рӯйи қоғаз шурӯъ шуд” [10, с.29].

Сохтори номаҳои Мавлоноро дар маҷмӯъ ба қисматҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Қисми муроҷиат;
2.Мазмуни асосии нома;
3. Эҳтиромоти хулосавӣ;
4. Имзо;
5. Таърихи китобат.

Китоби «Мактубот» фарогири 144 мактуб ё номаҳои Мавлоно ба фарзандон, хешу табор, ёрону дӯстон, амирону вазирон, малику маликаҳо ва ё дигар ашхос аст. Ба ин шумора инчунин чанд мактубе, ки шояд ба худи Мавлоно аз ҷониби касони дигар навишта шудаанд ё нома набуда дохил мешавад.

Дар «Мактубот» номаҳои манзуми Мавлоноро низ дидан мумкин аст, ки аз 7 нома ё ғазал (яке аз ин ғазалҳо дар ду вариант аст) иборат буда, ба унвонии Шамси Табрезиянд (1171/1188-1245) ва ҳамагӣ аз «Девони кабир»-и Мавлоно иқтибос шудаанд. Нома будани чор адад аз ин ғазалҳо дар «Маноқибул орифин»-и Аҳмади Афлокӣ зикр гардида[1, с.354-356], боқимондаро ба ҳайси нома муҳаққиқони эронӣ Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Юсуф Ҷамшедпур ва Ғуломҳусайн Амин эътироф кардаанд [8, с.25-26].

Номаҳои Мавлоно дар «Мактубот», чунонки зикр гардид, ба ашхоси гуногун навишта шудаанд. Баъзе шахсиятҳое, ки Мавлоно ба унвонии онҳо нома навиштааст:

Писаронаш Баҳоуддин ва Алоуддин – Баҳоуддин шоир, мутафаккир ва сарвари тариқати мавлавия буд, ки бо номи Султон Валад машҳур аст ва Алоуддин бошад, дар аҳди ҷавонӣ аз ҳаёт даргузаштааст; Парвона – Муъинуддин Парвона, вазири давлати Салҷуқиёни Рум дар аҳди Мавлоно; Ноиббек, Малика, Оли Довуд, Сувбошибек, Атобек – аз амирону ҳокимони маҳаллии давлати Салҷуқиёни Рум ва ғайра.

Ҳамчунин, баъзе ашхосе, ки Мавлоно номи онҳоро дар номаҳояш зикр кардааст: шогирди Мавлоно, Ҳисомуддин - Ҳисомуддини Чалабӣ (с.в.1284), котиби «Маснавии маънавӣ» ва яке аз сарварони тариқати мавлавия баъд аз даргузашти Мавлоно; Амир Сайфуддин - аз амирону ҳокимони маҳаллии давлати Салҷуқиёни Рум; Низомуддин - домоди Ҳисомуддини Чалабӣ, фарзанди устоди Мавлоно - Сайид Бурҳонуддини Муҳаққиқ, наввараи (набераи) Салоҳуддини Заркӯб – дӯсти Мавлоно ва яке аз халифаҳои тариқати мавлавия; Шаҳобуддин – домоди Мавлоно, шавҳари духтараш Маликахотун; Фалонуддин – номи мустаоре, ки Мавлоно шояд барои махфияти муроҷиатҳояш истифода мекардааст.

Дар номаҳои Мавлоно номи одамони зерин низ омадаанд, ки аз дӯстону ёрон ва ё наздикони дигари Мавлоно мебошанд: Наҷмуддин, Баҳоуддин, Сайфуддин, Камолуддин, Шамсуддин, Маҷдуддин, Каримуддин Маҳмуд, Музаффаруддин, Ҷамолуддин, Фахруддин, Шарафуддин, Ихтиёруддин, Ҳамидуддин, Лайсуддин, Муҳаммад, Хоҷа Фахруддин Юсуф, Тоҷуддин, Зиёуддини марҳум, Қавомуддин ва дигарон [7, с.6].

Мавзӯъҳои муроҷиати Мавлоно дар номаҳояш гуногунанд ва оид ба ин нукта муҳаққиқони эронӣ Юсуф Ҷамшедпур ва Ғуломҳусайн Амин зикр доштаанд.

Муҳаққиқи осори Мавлоно Зиёев Х. М., ки матни сирилики «Мактубот»-ро таҳия ва ба нашр расонидааст, дар муқаддима оид ба мавзӯъ ва муҳтавои асар чунин меорад:

«Номаҳои Мавлоноро метавон аз лиҳози мазмуну муҳтаво ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд. Аввалан, шоир ва мутафаккир барои дастгирии моддии худ, оила, фарзандону наздикон ва ёрону дӯстонаш, қарз додан ё бахшидани он, озод кардани касе аз боҷу хироҷ ё сабукӣ бахшидан дар андозбандӣ ба сабаби зиёнҳои ин гуна ашхос ба ходимони расмии давлатӣ муроҷиат мекунад. Ба ҳамин мазмун ӯ барои таъйини идрорпулӣ ё ҷомапулӣ барои шогирдони мадраса, таъйин ба вазифаи мударрис, имом ё бахшиши гуноҳи ягон шахсе аз ходимони расмӣ хоҳиш мебарад. Дар номаҳои дигаре Мавлоно дастандаркорони давронашро даъват ба саховат мекунад, изҳори хоҳиш ба мулоқот баён месозад, салом мефиристад ё арзи сипос аз кумаку дастгириҳои собиқ ба худ ва ёронаш мекунад. Дар баъзе мактубот ӯ ба муроҷиатшавандагон ваъз мегӯяд, аз онҳо фатво мехоҳад, мадҳи онон мекунад ва ё оёту ҳадис ва қиссаву ашъори баландеро шарҳ медиҳад. Гурӯҳи дигари номаҳои мутафаккир насиҳат ба фарзандонанд ё оид ба масоили иҷтимоӣ, илмию ирфонӣ афкори бикри муаллифро фаро гирифтаанд» [7, с.12].

Қобили қайд аст, ки дар «Номаҳо» ҳам оҳангҳои сӯфиёна, ҳам фақеҳона ва ахлоқию иҷтимоӣ ҳувайдоянд. Аз ҷумла, ӯ ҳокимону амиронро барои ҳалли масъалаҳои ҷомеа даъват мекунад, аз онҳо барои таъмини амнияти мардум сипос мегӯяд: «*Алҳамду лил лоҳ*, ки аҳли ислом ба авдаси рикоби маймуну мавкуби ҳумоюни шумо шодмон гаштанду ғубори ошӯбу фитна аз бисоти рӯзгор ба ҷорӯби адлу инсоф барафшонда шуд” [8, с. 26] .

Ногуфта намонад, ки Мавлоно ҳамчун мутафаккире ҳисобида шудааст, ки дар ҷамъият буданро болотар аз гӯшанишинӣ медонад. Шахсияти Мавлоно харизматӣ аст, ки тибқи андешаҳои М. Вебер «одатан маънии сехрнокиро дорад” [3, с.26] ва ба ҳамин сабаб танҳо номи ӯ ҳазоронро дар атрофаш ҷамъ оварда буд. Ин маънӣ аз як номаи ӯ пайдост, ки ба ҳокиме гуфта: “*бил лоҳ ва таол лоҳ*, ки ғарази доӣ салоҳи мулку миллат аст”.

Масъалаҳои маърифати тасаввуфӣ, аз қабили худшиносиву Худошиносӣ низ дар номаҳои Мавлоно оварда шудаанд. Чунонки маълум аст, як асоси ҷаҳонбинии мутафаккирро вахдати вуҷуд ташкил медиҳад ва аз ин ҷост, ки ӯ худшиносиро як зинаи Худошиносӣ донистааст: “Хунук он хоке, ки чун боло барояд бар маркаб, боди хештан фаромӯш накунад ва бидонад, ки ман ҳамон хоки бедасту поям ва ин баландиву ин бод орият аст... Хунук он хок, ки дар он баландӣ хештаншинос бувад ва гӯяд, Худовандо, ман ҳамон хокам, ки хештанро ғалат накардаам...”.

Дар мактубҳои Мавлоно ашъори баландпояе низ иқтибос оварда шудаанд, ки моли худи муаллифанд ё аз шоирони дигар ба орият гирифта шудаанд. Мавзӯъҳои ин ашъор гуногун аст. Аз ҷумла, дар бораи ишқи илоҳӣ ва инсонӣ байтҳои зерин оварда шудаанд:

Устоди ту ишқ аст, ту он ҷо бирасӣ,
Ӯ худ ба забони ҳол гӯяд, чун кун [8, с.11].

Ё худ:

Ман худ донам, к-аз ту хатое н-ояд,
Лекин дили ошиқон бадандеш бувад [8, с.17].

Дар мавзӯъҳои ахлоқӣ, аз ҷумла мардонагиву рафоқат бошад, байтҳои пойин аз номаҳои Мавлоно хеле пуртаъсиранд:

Аз садаф дур талаб, зи оҳу ноф,
Дил зи мардон талаб, зи нодон лоф [8, с.13].

Ё мисоли дигар:

Ҳарчанд, ки ёрони нават муҳташаманд,
Ёрони қадимро фаромӯш макун [8, с.18].

На танҳо пораҳои манзум, балки насри мусаҷҷаъ низ, ки Мавлоно аз он дар номаҳояш зиёд истифода мекунад, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз лиҳози мазмун хеле моҳиронаву воло аст:“... хонақоҳ ва хайрот, ки дар олам бино кардаанд, бар умеди он кардаанд, ки бандаи Ҳақ, на бандаи дақ ва ёри хосса, на ёри коса ва ошиқи диндор, на ошиқи динор ва дарвеши ҷондор, на дарвеши нонхор бошад, ки рӯзе аз иқбол иттифоқан дар ин иморат гузар кунад” [7, с.8].

Дар дигар нома Мавлоно як қиссаеро оид ба қадри ҳунармандию ҷавонмардӣ ҳикоят мекунад, ки чунин аст: “...муборизеро аспи ӯ захм хӯрд, подшоҳ маркаби хос, ки сарохӯри тозиёни истабл буд, ба ӯ дод ва ӯро савор кард. Ногаҳон бар он маркаб ҳам захм расид, ногаҳон аз забони подшоҳ биҷаст, ки «Дареғ!». Дарҳол он муборизе аз асп фуруд омад ва чандон, ки ядаки дигар подшоҳ пешкаш кард, қабул накарду гуфт: «Ман ҷони азизро аз нусратхоҳии ту дареғ намедоштам ва нагуфтам, ки дареғ, ту ҷиҳати чаҳорпойе, ки ба ман додӣ, дареғ гуфтӣ. Биравам, хидмати подшоҳе кунам, ки қадри рӯҳи ман бидонад ва ин гавҳар ба гавҳаршиносе барам” [7, с.8].

Дар номаҳои Мавлоно, ки ҳам шахсӣ ва ҳам корию расмианд, ин махсусиятҳои дар боло зикршуда ба таври аён ҳувайдоянд. Аз ҷумла ӯ муроҷиат мекунад: “Саломи Ҳақ ва раҳмати абадӣ бар зоти шарифи *малиқул умаро, боситул адл, носирул ҳақ, абил мулук вас салотин, адомал лоҳу улуваҳу* бодӣ!”. Ё худ: “Фарзанди азизи муқбили муфаззали муҳсини хубэтиқод Баҳоуддин ва фарзанди азизи амҷади асъади ашраф Алоуддин, *домат саъодату ҳумо*!”.

Дар қисмати эҳтиромоти хулосавию ниҳоӣ бошад, дар ин номаҳо чунин сохтори навъи мукотибот низ аксаран риоя гардидааст. Масалан: “*Борӣ таоло рӯйи заминро аз вуҷуди бо вуҷуд ва эҳсони бе мурру бе ҳадди он ягонаи ҷаҳон холӣ магардонад. Омин, ё рабал оламин”; “*Аз баҳри рӯзе, ки умед медоред, ки Қаҳҳори мутлақ таҳсирҳои шуморо афв кунад, дар он рӯзе, ки касеро заҳраи шафоат кардан набошад, аз ин заъиф имрӯз захира созаду ҷиҳати он умеди шафоатииндоӣ қабул кунад, то миннатҳо дошта ояд ва савоб ҷазил ва санои ҷамил ҳосил ояд. Ҷовид муҳсин бод, *омин ё раббал оламин”*.

Вале аксарияти номаҳои Мавлоно дар шакли то мо расида, бе имзоянд ё аксари онҳо сабти таърихи нигориш надоранд. Аз ҷумлаи имзоҳои Мавлоно чунин мисол метавон

овард: *“Катаба ҳуво лидуҳу Балхӣ қавлуҳу, вас салом”*; “*Алмуфтахару бидуоҳи, Муҳаммад бин Муҳаммад бин Алҳусайн Албалхӣ”* [8, с.16].

Забони номаҳо асосан форсии тоҷикӣ аст. Аммо дар дохили матн муаллиф калимаву ибора, ҷумла, пораҳои назмиву насриро бо забони арабӣ васеъ истифода бурдааст. Якчанд номаҳои он пурра бо забони арабӣ навишта шудаанд. Инчунин, дар чанд нома калимаву ибораҳои туркӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Хулоса, дар асоси “Мактубот” муҳаққиқону ҳаводорони осори Мавлоно имкон доранд, ки на танҳо аз ҳаёт ва фаъолияти ин сӯфӣ маълумоти бештар пайдо кунанд, балки махсусиятҳои иҷтимоию фарҳангии даврони ӯ ва ҷанбаҳои мухталифи таълимоти мутафаккир ва хусусиятҳои бадеӣ, услубӣ ва забонии ин осорро амиқтар таҳқиқу баррасӣ намоянд.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони қулла / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон, 1330 ҳ.ш. - 412 с.
2. Аҳмад, Афлокӣ. Манокиб-ул-орифин / Афлокӣ Аҳмад. - Теҳрон, 1386. - 371 с.
3. Бертельс, Е.Э. Избранные произведения, История персидско-таджикской литературы / Е.Э. Бертельс. – Москва, 1960. - 135 с.
4. Макс, Вебер. Избранное образ общества / Вебер Макс. - М., 1994. - 113 с.
5. Зиёев, Х.М. Мавлоно / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Адиб, 2007. - 180 с.
6. Зиёев, Х.М. Мировоззрение Бахоуддина Валада / Х.М. Зиёев. - Душанбе: Дониш, 1992. - 82 с.
7. «Мактубот»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. – Душанбе: Ирфон, 2017. - 120 с.
8. «Мактубот»-и Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот. – Теҳрон, 1336 ҳ.ш. - 150 с.
9. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Нома ва номанигорӣ / Мисбоҳиддини Нарзиқул. - Душанбе: Сино, 2013. – 286 с.
10. Сироҷ, М. Мавлонои Балхӣ ва падараш. Таъсири «Маориф» бар «Маснавии маънавӣ» / М. Сироҷ. – Кобул, 1340 ҳ. - 240 с.

СОХТОР ВА МАЗМУНИ “МАКТУБОТ”- И ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ

Дар ин мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи сохтор ва мазмуни “Мактубот”-и Ҷалолуддини Балхиро иҷмолан баррасӣ намояд. Дар «Мактубот»-и Ҷалолуддини Балхӣ ҳуҷҷатҳои гуногун ҷамъоварӣ гардидаанд. Ин ҳуҷҷатҳо асосан номаҳои Мавлоно ба ҳокимону ашрофон, дӯстон ва хонаводааш мебошанд. Ҷолиби зикр аст, ки тавассути омӯзиши амиқи номаҳои Мавлоно метавон маълумоти иловагӣ оид ба ҳаёту фаъолияти мутафаккир, махсусан муносибатҳои ӯ дар оила, бо ёрону дӯстон ва бо ҳокимони давр пайдо кард. Муҳаққиқон дар раванди омӯзиш ва баррасии зиндагинома ва фаъолияти адабии Ҷалолуддини Балхӣ ба «Мактубот» назари иҷмолӣ кардаанд, вале таҳқиқи комили ин асар то ба имрӯз сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи “Мактубот”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва намунаи жанри номанигорӣ масъалаи муҳимми адабиётшиносӣ мебошад. Омӯзиши он ба ҳаводорон имкон медиҳад, ки дар баробари аз ҳаёт ва фаъолияти ин сӯфии оламгир маълумоти бештар пайдо кардан, ҳамчунин махсусиятҳои иҷтимоию фарҳангии даврони ӯ ва ҷанбаҳои мухталифи таълимоти мутафаккир ва хусусиятҳои бадеӣ, услубӣ ва забонии ин осорро амиқтар дарк намоянд.

Калидвожаҳо: ориф, ирфон, мутафаккир, хитоба, сохтор, ғазал, нома, эпистолярӣ, ашъор, сӯфӣ, корию расмӣ, иқтибос, мавзӯъҳои абадӣ.

СТРУКТУРА И СОДЕРЖАНИЕ “МАКТУБОТ” ДЖАЛОЛУДДИНА БАЛХИ

В данной статье автор попытался обсудить структуру и содержание “Мактубот” Джалолуддина Балхи. В произведении «Мактубот» собраны огромные материалы и документы. Это письма, обращения, материалы через которые Мавлоно Балхи обращался к знати, к вельможам, к друзьям и членам семьи. Исследование такого литературного памятника, как «Мактубот» («Письма») может помочь в решении целого ряда важных теоретических и практических проблем таджикской литературы в целом, в частности вопросов, связанных с эпистолярным жанром. Исследование писем Мавлоно даёт богатый материал в изучении жизни и деятельности самого поэта, чтобы изучить его семейное положение, его отношение к друзьям и близким, его взгляды к политике, литературе и социальному положению того времени. Исследования в процессе изучения жизни и деятельности великого Джалолиддина Балхи и конкретно на основе произведения “Мактубот” дают знать, что его творчество полностью не изучено, есть множество фактов, говорящих о более глубоком изучении литературных материалов. Следовательно, произведение “Мактубот” Мавлоно Джалолуддина Балхи являются источником эпистолярного жанра и сложнейшим вопросом в литературоведении. Все исследования литературоведов по источникам жизни Джалолиддина Балхи говорят о том, что современное поколение глубоко заинтересовано жизнью и деятельностью этого великого мыслителя. Знакомство с фактами, дающими интересные открытия о деятельности, отношении к политике и общественной жизни Мавлоно, являются важным материалом для исследователей. Отсюда вытекает вывод, что всестороннее исследование «Мактубот» («Письма») Джалолиддина Балхи весьма актуально, важно и своевременно, и оно, без сомнений, заполнит существующие пробелы в данном направлении.

Ключевые слова: ориф, ирфон, мыслитель, адрес, структура, газель, письмо, эпистолярный, поэзия, суфи, произведение, формальное, цитата, вечные темы.

THE STRUCTURE AND CONTENT OF THE “MAKTUBOT” OF JALALUDDIN BALKHI

In this article the author has tried to discuss the structure and content of the “Maktubot” of Jalaluddin Balkhi. In "Maktubot" are collected a lot of materials and documents. They are letters, addresses, materials through which Mawlana Balkhi addressed to the nobility, to the nobles, to friends and family members. The study of such a literary monument as "Maktubot" ("Letters") can help in solving a number of important theoretical and practical problems of Tajik literature in general, in particular issues related to the epistolary genre. The study of Mawlana's letters provides rich material in the

study of the life and work of the poet himself, to examine his marital status, his attitude towards friends and family, his point of views on the politics, literature and social situation of the time. Research in the process of studying the life and work of the great Jalaluddin Rumi and specifically on the basis of the work "Maktubot" make it clear that his work is completely unexplored, there are many facts talking about a deeper study of literary materials. Consequently, the work "Maktubot" by Mawlana Jalaluddin Balkhi is the source of the epistolary genre and the most difficult question in literary criticism. All the studies of literary critics on the sources of life of Jalaluddin Balkhi suggests that the modern generation is deeply interested in the life and work of this great thinker. Familiarity with the facts gives interesting discoveries about the activities, attitudes to politics and public life of Mawlana, which are important material for researchers. Hence the conclusion that a comprehensive study of " Maktubot" ("Letters") Jalaluddin Balkhi is very relevant, important and timely and it will no doubt fill the existing unexplored pages in this direction.

Key words: arif (gnostic), irfon (mysticism), thinker, address, structure, ghazel, writing, epistolary, poetry, sufi, work, formal, quote, eternal themes.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нормаҳмедов Ирфон*** **–** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, омӯзгори кафедраи филологияи ҷанубу шарқӣ. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **n.irfonjon@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-01-40-14**

Сведения об авторе: ***Нормахмедов Ирфон*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, преподаватель кафедры юго-восточной филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **n.irfonjon@gmail.com.** Тел.: **(+992) 934-01-40-14**

Information about the author: ***Normakhmedov Irfon*** - Tajik State Institute of languages named after S.Ulugzade, lecturer in Sout-heast of Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadieva Str., 17/6. E-mail: **n.irfonjon@gmail.com.** Tel.: **(+992) 934-01-40-14**

УДК:891.550:82.09

ТАҲАВВУЛИ МАОНИИ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ ДАР ҚАСОИДИ ИЛЁ АБӮМОЗӢ

Сайфуллоев М.Ҳ.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Умари Хайём ахтари тобноки илм, адаб ва тамаддуни ҷаҳонӣ аст, ки тамоми умр рубоӣ навиштааст. Ӯ бо рубоиҳои олимазмун дар таърихи башарият ҷовидон хоҳад монд. Умари Хайёмро дар Шарқи Миёна аз асри XI дар Аврупо тақрибан аз асри XVII, дар Амрико аз асри XIX шинохтанд. Ҳангоме ки Фитсҷералд - шоири англис дар даҳаи панҷуми қарни XIX рубоиёти Хайёмро тарҷума ва мунташир кард, тааҷҷуби ховаршиносонро барангехт. Маҳз ҳамин тарҷумаҳо адабиёти муосири араб ва шоирони онро бетаъсир намонд.

Аввалин касе, ки дар адабиёти муосири араб рубоиёти Хайёмро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод, адиб ва рӯзноманигор Аҳмад Ҳофиз Аваз мебошад. Ӯ дар рӯзномаи “Маҷалат-ул-мисрийя” дар соли 1901 мақолаеро таҳти унвони “Шуаро-ул-фурс” (Шоирони форс) мунташир кард, ки дар он 9 рубоии шоирро аз забони англисӣ тарҷума кард. Як нуктаро бояд зикр кард, ки рубоиёти Хайём аввалин маротиба аз тариқи тарҷумаҳои ғайри мустақим дар адабиёти араб шинохта шуд, сипас, муддате нагузашта мутарҷимон бо муроҷиа ба асли форсии он ба тарҷумааш пардохтанд. Бо афзоиши тарҷумаҳо адибони араб ашъореро мисли рубоиёти Хайём сурудаанд, ки аз машҳуртарини онҳо аз шоири ироқӣ Ҷамил Сидқӣ Заҳавӣ ва шоири маҳҷарӣ Илё Абӯмозиро метавон ном бурд [8, с.1-2].

Доктор Шавқӣ Зайф дар мавриди мутаассир гаштани Илё Абӯмозӣ аз рубоиёти Умари Хайём чунин гуфтааст: “Ба назар мерасад, ки ӯ, яъне Илё Абӯмозӣ, рубоёти Умари Хайёмро хонда як навъ таъсири амиқи қалбӣ аз ӯ гирифтааст, зеро бисёре аз афкори ӯ дар шеъри Абӯмозӣ ҷараён дорад ва хушбиниаш дар бисёре аз ҷавониб мутобиқи хушбинии Хайём аст ва тамоми нидоҳои Хайём аз ҷумла лаззат бурдан аз зиндагӣ ва дур кардани шубҳаи дирӯз ва фардо, нестӣ ва андеша дар асрор ва муаммоҳои олами ҳастӣ дар ашъори Абӯмозӣ намоён аст” [10, с.183].

Дар ҳамин радиф Шавқӣ Зайф барои исботи мутаассир гаштани Абӯмозӣ аз Хайём қасидаи “Фалсафаи ҳаёт”- ро мисол меоварад ва чунин менигорад: “Агар бихоҳем аз некбинии Абӯмозӣ мисоли ошкоре биоварем, бояд се девони ӯро, ки дар Ню-Йорк сурудааст, варақ бизанем, вале шояд аввалин девонаш, ки дар соли 1919 м. мунташир кард, беҳтарин намунаи ин гароиши ӯ дар қасидаи “Фалсафаи ҳаёт” бошад” [10, с.183]. Абӯмозӣ дар ин қасида мегӯяд:

أيهذا الشاكى وما بك داء كيف تغدو إذا غدوت عليلا
إن شر الجناه في الأرض نفس تتوقى، قبل الرحيل،الحيلا
... فتمتع بالصبح مادمت فيه لاتخف أن يزول حتى يزولا

Эй, ки бедардӣ шиквае мекунӣ, пас чӣ хоҳӣ кард агар дарде расад?

Бадтарин ҷиноятҳорон дар рӯйи замин касоне ҳастанд, ки қабл аз фаро расидани марг нигарони мурдан бошанд.

Пас модом, ки дар субҳгоҳ ҳастӣ, аз он лаззат бубар ва то зоил нашудааст, нигарони заволаш мабош... [10, с.184].

Аз мазмун ва маънои баёншуда аз ин қасида бармеояд, ки аз зиндагӣ ва хушиҳои он бархӯрдор шавем ва дигар дар бораи зиндагӣ ва ранҷҳояш наяндешем ва ин, дақиқан, ҳамон мазмунеро ифода мекунад, ки Хайём дар рубоиёташ баён кардааст. Яъне, зиндагӣ зебост ва зебоии он ба зебоии даруни инсон бармегардад. Инсон худ ба дасти худ зиндагии худро ғамнок мекунад. Пас, биёед хуш бошем ва аз лаҳзае, ки дар он ҳастем, лаззат бибарем ва тамоми ғамҳоро дур созем:

Дар ин мавзӯъ Солим-ал-Маъуш низ ҳамин қасидаро далеле барои таъсири Абӯмозӣ аз Хайём медонад ва мегӯяд: “Шояд қасидаи “Фалсафаи ҳаёт” дарбаргирандаи ин фалсафа бошад, ки фавран ба зеҳн меояд, зеро моро ба шодӣ даъват мекунад, ки мутобиқ ба мазмуни фалсафаи Хайём аст ва моро ба ғанимат донистани умр ва баҳра бурдан аз лаззатҳои зиндагӣ фаро мехонад” [9, с.192].

Ӯ дар идома ин дубайтро аз ҳамон қасида меоварад.

أحكم الناس فى الحياة أناس عللوها فأحسنوا التعليلا

فتمتع بالصبح ما دمت فيه لا تخف أن يزول حتى يزولا

Ҳакимтарин мардумон дар зиндагонӣ касоне ҳастанд, ки ҳастиро ба беҳтарин ваҷҳ маънидод мекунанд.

Пас, модом ки дар субҳгоҳ ҳастӣ, аз он лаззат бубар, то завол наёфтааст нигарони заволаш мабош [2, с.211].

Ал-маъуш низ дар ин маврид чунин гуфтааст: “Шакке нест, ки байти дувум намунае аз даъват ба хушиҳои зиндагӣ, зебоиҳои он ва аз даст надодани фурсатҳо мебошад ва ин ба даъвати Умари Хайём, шоири араб бисёр наздик аст” ва ин байти маъруфи Хайёмро бо тарҷумаи Аҳмад Ромӣ мисол меоварем:

لا تشغل النفس بخوف الظنون واغنم من الحاضر أمن اليقين

فقد تسوى فى الثرى راحل غدا و ماض من ألوف السنين[2, с.212]

Ай дӯст биё то ғами фардо нахӯрем,

В-ин як дам умрро ғанимат шумурем.

Фардо, ки аз ин дайри куҳан даргузарем,

Бо ҳафтҳазор солагон сарбасарем [2, с.212].

Аз рубоии дар боло зикршуда ба хулоса омадан мумкин аст, Абӯмозӣ дар ин қасида аз зиндагии худ розӣ аст ва намехоҳад ба фардо биандешад, зеро фардо наёмадааст. Ҳамчунин намехоҳад дар бораи дирӯз ва ғамҳояш фикр кунад ва танҳо ба ҳоли ҳозир меандешад, зеро фардо наёмада ва дирӯз, аллакай, гузаштааст. Аз дӯст мехоҳад, ки барояш шароб биоварад ва дар бораи шароб ва ҷом сухан бигӯяд ва сухани фардои ноаёнро раҳо кунад, зеро ҳар амри росте, ки қобили дарк нест, айни дурӯғ аст. Абӯмозӣ дар ин қасида мустақиман аз рубоёти Хайём таъсир мепазирад.

Абӯмозӣ низ ба ҷойи ду нестӣ ду муаммои номаълумро ба кор мебарад ва мегӯяд:

اننى يا بحر بحر شاطئاه شاطئاكا الغد المجهول والأمس اللذان اكتنفا كا

وكلانا قطرة يابحر، فى هذا وذاكا لاتسلنى ما غد ما امس؟ إنى لست أدرى [2, с.213]

Ман худ он баҳрам, ки лабҳояш ҳамон лабҳоят аст,

Ин лабат дирӯз маҷҳул он лабат фардои мубҳам.

Ҳар думон дар ину дар он қатрае ҳастем ё нам,

Чист фардо? Чист дай? Аз ман мепурсӣ, ай дил! Надонам.

Ҳеҷ кас ба асрори азал пай набурда ва нахоҳад бурд ва ё аслан асроре нест ва агар ҳаст дар зиндагии мо таъсире надорад. Масалан, ҷаҳон чӣ муҳдас ва чӣ қадим бошад, оё ба чӣ дарди мо хоҳад хӯрд?

То кай зи қадим ва муҳдас умеду байм,

Чун ман рафтам, ҷаҳон чӣ муҳадас чӣ қадим

Абӯмозӣ низ мегӯяд:

أجديد أم قديم أنا فى هذا الوجود؟ هل أنا حر طليق أم أسير فى قيود؟

هل أنا قائد نفسى فى حياتى أم مقوود؟ أتمنى أننى أدرى ولكن لست أدرى![6, с.214]

Чистам? Оё қадимам ё ҷадидам дар вуҷуд?

Бе банд оё раҳоям ё асирам дар банду қуюд?

Қоиди худ дар ҳаёти хеш ҳастам ё мақуд?

Орзу дорам бидонам посухам, лекин надонам [6, с.12].

Дар тӯли таърих яке аз муҳимтарин баҳси файласуфон, андешамандон, шуарову равшанфикрони шинохта моҳияти вуҷудият будааст. Бо вуҷуди тараққиёту пешравӣ дар соҳаҳои илм чунин ба назар мерасад, ки ин баҳс ҳамчунон як муаммои сарбаста

боқимонда аст. Ҳатто ин мавзӯъ яке аз баҳсҳои муҳимми ашъори ду шоире, ки дар даврахои мухталиф зиндагонӣ кардаанд, яъне классик ва муосир метавон ба шумор равад.

Зерсохтҳои муштараки ичтимоию сиёсӣ ва иқтисоди ҷомеаи ҳар ду шоир сабаб шуд, ки ҳар ду шоир ба масъалаи муаммои вуҷудият дар шеър бипардозанд.

Барои намуна ба бархе аз ин гуна рубоиёт ишора мекунем:

Аз омаданам набуд гардунро судд,
В-аз рафтани ман ҷоҳу ҷалолаш нафузуд.
В-аз ҳеч касе низ ду гӯшам нашунуд,
К-омадану бурдани ман аз баҳри чӣ буд [3, с.151].

Ҳангоме ки Хайём ба дарду марг ва нуқсону нобуд шудани навъи башар бо чашмони тезбини худ менигарад ва бо нигоҳи жарфкову ҷустуҷӯгар ба таърихи гузаштаи дур сафар мекунад ва асаре аз шиква ва азамати амирон ва шоҳони гузаштаву зеборӯён ва гулчехрагони пешинро ҷуз дар хоку хишт намебинад, ҳасрати дардноке вуҷудашро фаро мегирад ва талхии ин ҳасратро дар кому вожаҳо мерезад, то ояндагонро низ бедорбош дода бошад [6, с.14].

Бевафоии дунё беш аз ҳар мавзӯи дигаре зеҳни Хайёмро ба худ машғул доштааст, чи гунае ки ҷавҳари мазмуну мундариҷаи рубоиёташро ҳамин мафҳуми бевафоии дунё ташкил додааст.

Хайём барои ба тасвир кашидани ин мафҳумро, ки ба кӯза ва хок муносибат дорад, ба кор мебарад то ки аслӣ шудан ва будан ва мурданро нишон диҳад:

Аз кӯзагаре кӯза харидам боре,
Он кӯза сухан гуфт зи ҳар асроре:
“Шоҳе будам, ки ҷоми зарринам буд,
Акнун шудаам кӯзаи ҳар хамморе” [3, с.173].

Хайём дунёро чизе ҷуз хобу хаёл ва афсона намедонад:

Шодӣ маталаб, ки ҳосили умр дамест,
Ҳар зарра зи хоки Кайқубодеву Ҷамест.
Аҳволи ҷаҳону мулки гетӣ як сар,
Хобеву хаёлеву фиребеву дамест [3, с.119].

Аҳаммияти ин мафҳум дар ашъори Хайём ба андозаест, ки дар ҷой ҷойи ашъори пири Нишопур ин амр комилан намоён аст ва зеҳни вайро то ҳудуди зиёде ба худ машғул доштааст:

Бевафоии дунё аз мавзӯотест, ки дар ашъори Илё Абӯмозӣ низ инъикоси хоссае дорад. Дарвоқеъ, Абӯмозӣ ин мазмунро бо таъсирпазирӣ аз фалсафаи Хайём, иброз намудааст ва аз он ҷое, ки ин яке аз меҳварҳои аслӣ ва асосӣ дар сурудаҳои Хайём аст, бинобар ин, Абӯмозӣ низ дар ашъори худ бо зарофати хоссае ва дар бархе маврид бо овардани мисол, ин матлабро ба тасвир кашидааст.

Дар ҳақиқат, ҳангоме ки инсон дар ин мавзӯъ ба ашъори ин шоирон менигарад, як эҳсосоте ӯро фаро мегирад, ки чӣ тавр ду шоире, дар ду замон, классик ва муосир зиндагонӣ кардаанд, ҳар ду пайгири як мавзӯъ мебошанд. Дар ин ҷо баръало мушоҳида мешавад, ки Илё Абӯмозӣ шеъри Хайёмро хонда як навъ таъсири амиқе оид ба бевафоии дунё ва ғанимат донистани умр ба худ гирифтааст. Аммо як нуктаро бояд фаромӯш насозем, ки новобаста аз таъсирпазирии Илё Абӯмозӣ аз рубоиёти Хайём шеъри Илё Абӯмозӣ худ дорои як фалсафа ва мазмуни хоссе дар ин мавзӯъ мебошад. Абӯмозӣ низ аз инсонҳо мехоҳад, ки ба зиндагии бевафои ин дунё дил набанданд, чаро ки чи подшоҳ бошанд ва чи бандаи фақир саранҷом ба хок бармегарданд. Ҳангоме ки ин суханонро мегӯем, ба зеҳн ҳамон мисраъҳои шеъри Илё Абӯмозӣ меояд, ки мегӯяд:

تتغنى والصقر قد ملك الجو عليها والصائدون السبيلا
تتغنى عمرها بعض عام أفتبكى وقد تعيش طويلا
اطلب اللهو مثلما تطلب الأط يارعند الهجير ظلا ظليلا
أنت لأرض أولا وأخيرا كنت ملكا أو كنت عبدا ذليلا

Парандагон дар ҳоле, ки шоҳинҳо дар осмон бар онҳо бастаанд, боз нағмасароӣ мекунанд.

-Бо ин ки умрашон зиёд нест, боз нағма месароянд. Пас ту, эй инсон, дар ҳоле, ки зиндагӣ мекунӣ, чаро мегирйӣ ва зорӣ мекунӣ?

-Бинобар ин, дар пайи хушӣ бош, ҳамон гуна, ки парандагон дар авҷи гармо дар ҷустуҷӯи сояе пойдоранд.

-Ту, эй инсон, чи фармонраво бошӣ ва чи бандаи хору залил, ин замин то муддате аз они туст [4, с.205].

Абӯмозӣ низ ин ҷо ва он ҷо ҳамин масоили фалсафиро матраҳ мекунад ва пурсишҳои Хайёмро дар оғози ашъори худ такрор мекунад. Дар ин қасида шоир суол медиҳад аз куҷо

омадем ва ба куҷо меравем ва дар ҷавоб мегӯяд, ки агар охири кори мо нестӣ бошад, чаро мо омадем:

أفكر كيف جئت و كيف أمضي على رغمى فأعيا بالجواب
أتيت ولم أكن أدرى مجيئى وأذهب غير دار بالإياب
إذا كان المصير إلى التلاشى فلم جئنا و كنا فى حجاب

-Ба ин меандешам, ки чӣ гуна омадаам ва чӣ гуна меравам ва ё ба ибораи дигар "Аз куҷо омадаам ва омаданам баҳри чӣ буд"? алорағми ин андеша барои дарёфтани посух оҷиз мемонем.

-Омадаам вале аз омаданам иттилооте надорам ва "Ба куҷо меравам охир намедонам".

-Агар саранҷоми кор нестӣ аст, пас чаро аз нестӣ ба ҳастӣ омадем [2, с.14].

Аз суханҳои дар боло зикршуда метавон чунин хулоса намуд, ки ин таъсир натанҳо далел бар заъфи тахайюлоти Абӯмозист, балки нишондиҳандаи вусъати мутолеоти ӯ мебошад, ки чӣ гуна ашъори шоири аҷамӣ ва аҷнабиро хонда ончунон мутаассир гаштааст, ки гӯё афкори шахсии худро баён мекунад. Дар баёни мафҳуми бевафоии дунё мазмуни шеъри ҳар ду шоир бо ҳам монанданд. Дар баёни шодмонӣ ва баҳра бурдан аз лаззатҳои дунё ҳар ду шоир бар он боваранд, ки бояд аз зиндагӣ ҳарчӣ бештар лаззат бибарӣ ва ҳоло фардо, ки наёмадааст, набояд барояш ғам хӯрӣ. Дар мазмуни ғанимат донистани умр маълум гашт, ки ҳар ду шоир бо як шева дар шеърашон ин мавзӯъро баён месозанд. Воқеан, суханҳо ва далелҳои боло шоҳид бар он шуда метавонанд, ки Илё Абӯмозӣ аз Умари Хайём таъсири амиқе бардоштааст, ки дар ашъори шоир баръало мушоҳида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алӣ Д. Даме бо Хайём / Д. Алӣ. - Теҳрон: Нашри асотир, 1377ш. - Чопи дувум.
2. Алиасғарӣ Азизпур. Таъсирпазирии Илё Абӯмозӣ аз Умари Хайёми нишопурӣ // Азизпур, Алиасғарӣ // Баҳористони сухан (Фаслномаи илмӣ-пажӯҳиши адабиёти форсӣ). - 1392. - Соли нуҳум. - № 23-юм.
3. Гулрухсори Сафӣ. Шинохти рубоиёти Умари Хайём / Сафӣ, Гулрухсор. - Душанбе: Пайванд, 2000.
4. Қосим Мухторӣ. Нигоҳи ба симои дунё дар ашъори Хайём ва Илё Абӯмозӣ / Мухторӣ, Қосим, Муҳиббӣ, Саҳр // Баҳористони сухан (Фасалномаи илмӣ-пажӯҳиши адабиёти форсӣ). - Соли дувоздаҳум, шумораи 30-юм, замистони 94.
5. Масъуд Хайём. Хайём ва таронаҳо / Хайём, Масъуд. - Теҳрон: Навбаҳор, 1375ш с. - Чопи аввал.
6. Саид Ҳисомпур, Ҳусайн Каёнӣ. Баррасии татбиқӣ муаммои ҳастӣ дар андешаи Умари Хайёми Нишопурӣ ва Илё Абӯмозии Лубнонӣ бар пояи мактаби аврупои шарқӣ / Ҳисомпур, Саид, Каёнӣ, Ҳусайн // Фаслномаи лисон-ул-мубин. - Баҳори 1390. - Соли дуввум, давраи ҷадид, шумораи 3-юм.
7. Тоҷиддин Мардонӣ. Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам [гузашта ва имрӯза] / Мардонӣ, Тоҷиддин. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 236 с.
8. Таъсири тарҷумаҳо аз рубоиёти Умари Хайём дар адабиёти муосири арабӣ. Мақолаи илмӣ. Сайт : (WWW.SID.ir)
9. سالم المعوش.ايليا ابوماضى بين الشرق والغرب في رحلة التشرد و الفلسفة والشاعرية،بيروت، مؤسسة بحسون للنشر و التوزيع، الطبعة الأولى.
10. شوقي ضيف. دراسات في الشعرالعربى المعاصر،قاهره،الطبعة الثامنة
11. .شراره،عبداللطيف،(1965م)،"ايليا ابوماضى" بيروت:دار صادر.
12. ابوماضى،ايليا(1986م)،" تبر وتراب" بيروت: دارالعلم للملايين.
13. ابوماضى،ايليا(1986م)،"الجداول" بيروت: دارالعلم للملايين.

ТАҲАВВУЛИ МАОНИИ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ ДАР ҚАСОИДИ ИЛЁ АБӮМОЗӢ

Муаллиф мақолаи худро ба як мавзӯи комилан нав дар адабиётшиносии муосири тоҷик бахшидааст. Ӯ пеши худ мақсад гузоштааст, ки ба таври асоснок таъсирпазирии шоири араб Илё Абӯмозиро аз шоири форсу тоҷик Умари Хайём ошкор созад. Дар ҳақиқат, ҳангоме ки инсон ба ашъори ин шоирон менигарад, як эҳсосоте ӯро фаро мегирад, ки чӣ тавр ду шоире, дар ду замон, классик ва муосир зиндагонӣ кардаанд, ҳар ду пайгири як мавзӯъ мебошанд. Ба хулосаи Сайфуллоев М., шоири араб Илё Абӯмозӣ шеъри Хайёмро хонда як таъсири амиқе оид ба бевафоии дунё ва ғанимат донистани умр ба худ гирифтааст, ки ин чиз дар шеъри Илё Абӯмозӣ ошкоро мушоҳида мешавад. Аммо як нуктаро бояд фаромӯш насозем, ки новобаста аз тасирпазирии Илё Абӯмозӣ аз рубоиёти Хайём шеъри Илё Абӯмозӣ худ дорои як фалсафа ва мазмуни хоссе дар ин мавзӯъҳо мебошад.

Калидвожаҳо: рубоиёт, тарҷума, Умари Хайём, робитаҳои адабӣ, Ал-маъуш, муаммои вуҷуд, бевафоии дунё, хушбинӣ, Илё Абӯмозӣ, "Талосим".

ЗАИМСТВОВАНИЕ СМЫСЛОВ ЧЕТВЕРОСТИШИЙ ОМАРА ХАЙЯМА В КАСЫДАХ ИЛЬИ АБУМАЗИ

Автор посвятил свою статью совершенно новой теме в современном таджикском литературоведении. Он ставит перед собой задачу освещения влияния персидско-таджикского поэта Омара Хайяма на Илью Абумази на основе конкретных примеров. Действительно, когда человек читает или знакомится со стихами этих двух поэтов, невольно задаёт себе вопрос, как эти два поэта, живя в разные периоды в классическом и современном, повествовали в своих стихах об одной теме и об одном сюжете и разделяли те же самые взгляды. По мнению автора, Илья Абумази, подробно изучив и восхищаясь стихами Омара Хайяма, испытал глубокое влияние таких его сюжетов, как тленность мирской жизни и ценность этой жизни, что можно явно проследить в его стихах. Но нельзя забывать, что, несмотря на влияние четверостиший Омара Хайяма на произведения Ильи Абумази, стихи Абумази имеют своё специфическое содержание и свою философию.

Ключевые слова: четверостишие, перевод, Омар Хайям, литературные связи, Аль-маъуш, тайна бытия, тленность мирской жизни, оптимизм, Илья Абумази, “Талаласим” (талисман, тайнописи).

BORROWING THE MEANINGS OF THE FOUR VERSES BY OMAR KHAYYAM IN THE QASSIDS OF ILYA ABUMAZI

The author devoted his article to a completely new topic in modern Tajik literary criticism. He sets himself the task of consecrating the influence of the Persian-Tajik poet Omar Khayyam on Ilya Abumazi based on specific examples. Indeed, when a person reads or gets acquainted with the verses of these two poets, he involuntarily asks himself the question of how these two poets, living in two different periods in classical and modern, narrated in their verses about one topic and about one plot and shared the same views. According to the author, Ilya Abumazi, having thoroughly studied and admired Omar Khayyam’s poems, was deeply influenced by such subjects as the corruption of worldly life and cherish this life, which can be clearly seen in his poems. But we must not forget that despite the influence of the quatrains of Omar Khayyam on the works of Ilya Abumazi, the verses of Abumazi have their own specific content and their own philosophy.

Key words: tetrasthenia, translation, Omar Khayyam, literary connections, Al-ma'ush, the mystery of being, the perishability of worldly life, oltimism, Ilya Abumazy, “Talalasim” (talisman, cryptography).

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич*** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, докторанти Ph.D кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Мухаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 900-51-55-49**

Сведения об авторе: ***Сайфуллоев Муслихиддин Хайбуллоевич*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, доктор Ph.D кафедры теории и истории таджикской литературы. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 900-51-55-49**

Information about the author: ***Sayfulloev Muslihiddin Haybulloevich*** – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, doctorate student Ph.D of the Theory and History of Tajik Litareture Chair. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Tel.: **(+992) 900-51-55-49**

УДК: 891.550

МОҲИЯТ, АРЗИШ ВА НАҚШИ ОБ ДАР НАЗМИ ИҶТИМОӢ
(дар мисоли осори Тӯлқин Хоҷа)

Самадова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Публитсистика бо имконоти дахл намудан ба мавзӯоти иҷтимоӣ метавонад, ки ба тамоми мавзӯоти рӯз назари хосси хонандаро ба вуҷуд оварад. Дар ин самт дахолат ҳеҷ гоҳ маҳдуд нест ва чунин ҳолат боиси он мегардад, ки як масъала, ё мавзӯъ дар саҳифаҳои таърих сабт гардад. Он ҳукм, ки «… объекти фарогирии публитсистика васеъ аст ва нест соҳае, ки ба он публитсистика дахл карда натавонад» [3, с.165] гувоҳи он аст, ки публитсистика бо ин роҳ дар офаридани таърихи реалии рӯз нақш пайдо менамояд. Таърих бошад, ҳеҷ гоҳ дар пояи тахайюлу офаринишҳо шакл пайдо накардааст. Таърих ҳамчун илм аз оғози пайдоиши худ ба воқеияти рӯз такя карда, таҳрифро ҳамеша аз роҳи худ дур кардааст. Ҳамин аст, ки таърихҳо дар пояи воқеияти як асари муҳташами бадеӣ низ ҳаққонияти худро таъмин мекунанд. Зеро «ҳақиқати бадеӣ дар заминаи ҳақиқати воқеӣ ба вуҷуд меояд…» [4, с.61] ва ба таври ногузир пайванде ба зиндагӣ пайдо мекунад.

Яке аз шохаҳои таърихи васеъдошта дар публитсистика назми иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар назми иҷтимоӣ ҳар як адиб ҳадаф дорад, ки ҷузъиёти нави барои худ маълуму барои дигарон номаълумро, ки нагуфтани он оромаш намегузорад, ҳар чи зудтар барои омма баррасӣ намояд. Бо ин роҳ мавқеи ӯ дар иҷтимоъ муайян гардида, масъалаи умдаи рӯзгор тантанаву ҷилва менамояд. Ин масъала ва мавқеъ аҳаммияту арзиш дорад ва ин «ҳадафи сиёсӣ ва аҳаммияти иҷтимоӣ» [2, с.62]- и адиб боис мешавад, ки ӯ дар мафкураи омма равзанаи нави даркро боз намояд. Мазмун ва моҳияти иҷтимоии назми имрӯза бештар қимати заҳмати адибонро нишон дода, то андозае бозгӯи мавқеи онҳо мегардад. Муҳтақидсозиву боварибахшӣ аз ҷониби адиби воқеъгӯ аксар масъалаҳоро дар сатҳҳои мухталиф барои хонанда ошкор менамояд. Ин гуна адибон дар замони шӯравӣ ва як қисмати даврони сохибистиқлолӣ тавонистаанд, ки назари воқеии худро ба зиндагӣ зоҳир намоянд. Тӯлқин Хоҷа аз зумраи ҳамин гуна адибон аст, ки як мавзӯъро дар андозаҳои мухталиф барои хонанда дилчаспу хотирмон пешниҳод карда метавонад.

Мавзӯи об дар эҷоди ӯ мавқеи хос дорад. Шоир дар маконе тавлиду камол ёфтааст, ки он хушкидаву камоб буд. Аммо саршор будани ватани паҳновараш аз обҳои ширину тоза дар тасаввури ӯ нуқсонҳои ночизро маҳв месозад. Барои чӣ гуна мавқеъ доштани мафҳуми об дар осораш намунаи чанде аз абёти ӯро дида мебароем.

Тӯлқин Хоҷа мафтуни зебоиҳои табиати диёри худ мебошад ва ин зебоиҳо ҳатман пайванде ба об доранд. Адиб макони обҳои тозаву софу ширмонанд будани ватани худро дар шеъри «Тоҷикистон бошад» [5, с.320] чунин нишон медиҳад:

Ватане, ки ватани боғу баҳорон бошад,
Ватани чаҳ-чаҳаи сулсулу сорон бошад…
Ватане, ки ватани шаршараҳои ширист,
Ватани мазрааву манзараҳои серист.

Дар мисраъҳои боло ибораи «шаршараҳои ширӣ» тасвири шоирона бошад ҳам, ишораи адиб ба дуриҳои дур меравад. Ӯ бо ин баёни худ обҳои софу пурқимати диёри худро бозгӯ кардан мехоҳад, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷаҳониён аст. Боғу баҳор аз таровати обу борон ба вуҷуд меояд ва онро як муродифи об низ пазируфтан мумкин аст.

Дар ҳамин шеър дар домани воқеияти комил ҳақиқати воқеиву мавҷудбудаеро дар мавриди обҳои шифобахши Тоҷикистон иброз медорад. Дар мисраи аввал андешаи қатъии адиб ба назар расида, пайванди мантиқӣ риоя мегардад. Бо об робита доштани унсурҳои дигар зикр мегарданд. Шоир он чизеро дар риштаи назм даровардааст, ки онро дар гуфтори одии мардумон дидан мумкин аст. Онро ҳамарӯза рӯзноманигорону шореҳон мегӯянд:

Ватане, ки ватани обҳои шифо бошад,
Ватани гулбуну гулбарги давоҳо бошад,
Ватани исавии обу ҳавоҳо бошад,
Тоҷикистон бошад [5, с.8].

Дар шеъри «Гулбоз» ифодаи дарё хосияти лирикиву фалсафӣ дорад. Корбасти он барои ифодаи дарду ранҷи адиб мусоидат кардааст ва баёни адиб дар заминаи назораву мушоҳидаи мавҷи дарё шакл пайдо менамояд:

Ҳамчу дарё шудаам дар дили худ бетоқат,
Ҳамчу дунё шудаам дар гили худ бетоқат [5, с.44].

Дар мисраҳои боло калимаҳои обу гил таззод мебошанд ва адиб бо пайванди мантиқӣ хонандаро ба олами равонии афкори худ андармон сохтан мехоҳад.

обществе оставался невысоким. Казалось, революция улучшила положение женщины, приведя к равенству, самостоятельному, независимому существованию от семейных рамок. Литература в 90-е годы XX века оказалась в принципиально новой ситуации перепроизводства культурного продукта, чувствовалась некая растерянность писателей: основные смыслы бытия были замутнены, а будущее – неясно. Идет активное разрушение «старого мира», происходит обезличивание образов, стирание, формируется новый тип женщины. Мы можем его назвать – «нетрадиционным». Рассмотрим наиболее значимые примеры «смерти женщины» в литературе и искусстве этого периода. Примером явилось поведение женщин-нигилисток, которых представляет главная героиня романа Гулрухсор «Занони Сабзбахор (марзи номус)» («Женщины Сабзбахора» (граница чести)» Зебо.

Книга Гулрухсор «Занони Сабзбахор (марзи номус)» («Женщины Сабзбахора» (граница чести)» впервые была издана в 1990 году и является единственным романом таджикской поэтессы Гулрухсор Сафиевой. До этого роман уже печатался в журнальном варианте в 1989 году в журнале «Садои Шарқ».

В романе перед нами предстает целая галерея женских образов: с одной стороны – это женщина-героиня, бунтарка, с другой – женщина-мать, хозяйка; они одиноки, их участь говорит нам об их личном страдании, унижении, оскорблении человека человеком в целом.

Автор показывает женщин разных типов, возрастов и социальных слоев, добродетельных и распутных, наивных и искушенных, но все они прекрасны. Гулрухсор Сафиева наделяет женщину непростой судьбой, как, например, судьба Майсы, скончавшейся во время родов, от беспомощности, описанное автором пронзительными словами:

«Оне, ки охирин неруи зодгорияшро ба харҷ дода инсон офарида буд, дар фарши сард бо чашмони пӯшида мехобид ва шояд биҳишти модаронро хоб медид, биҳиштеро, ки ҳар лаҳза роҳаш ба сӯйи мулоқот бо Карим кӯтоҳ мешуд [5, с.16].

«Та, которая потратила свою последнюю возможность родить ребенка, лежала на холодном полу с закрытыми глазами и, возможно, видела во сне рай матерей, рай, который каждую минуту приближала ее к Кариму».

«Кӯдак чунон лоғар буд, ки рагҳои рӯяш аз зери пӯст кабуд метофтанд.

Кӯдаки ятим гӯшт намегирифт, калон намешуд» [5, с.61].

«Ребенок – сирота не набирал веса, не рос.

Ребенок был таким истощенным, что мышцы лица казались синими»… или судьба активистки села, выступавшей с докладом на собрании;

«Занак бо сари хам суоли Хидирро беҷавоб гузошт. Ӯ бесариҳои афсарони соли сивуҳафтумро ба сари соҳибсарон дар хуну пӯст ёд дошт» [5, с.39].

«Женщина, склонив голову, оставила вопрос Хидира без ответа. Она знала не понаслышке, о беспорядках тридцать седьмого года».

Моменты насилия и трагедии моральной смерти общества автор выражает словами: «… ақли зан баъди пешин медарояд» // «… ум у женщины появляется после полудня»;

«Партия фармон медиҳад! Мехоҳам намехоҳамаш нест» // «Партия приказывает! Никаких «хочу-не хочу»;

«…аз куҷое омадаӣ, ба ҳамон ҷо гум шав, қанчиқ» // «…Откуда пришла, сучка, туда и уходи»;

«Хидир даст андохта, камари занро сахт оғӯш кард. Панҷаҳои ларзонаш ба бадани Зебо халиданд» // «Хидир протянул руку и схватив женщину за талию, крепко обнял ее. Его дрожащие пальцы впились в тело Зебо»;

«Аз мардак бӯйи ғализе мехест. Ӯ бӯйи чирку нос ва бӯйҳои дигари мардакӣ мекард» // «От мужчины исходил смрадный запах. Это был запах грязной одежды, табака и других мужских зловоний»;

«Дар тангии дара, дар оғӯши ғӯли бадбӯе метапиду имкони муқобилият кардан надошт. Кабки ба ҳалқаи кабкбоз афтодаро мемонд» // «Она билась в объятиях вонючего толстяка на узкой долине и не могла защититься.

Политическая система, при которой происходят события романа, явилась своего рода пространством смерти, определяющим поступки, поведение героев, пространством, который заставляет их действовать по особой логике, по своим законам и побуждает их к различным действиям, как, например, унижению человеческого достоинства. В пространстве смерти проявляются все скрытые желания, эмоции инстинкты. По мере нарастания этого пространства герои максимально перестают контролировать себя, к примеру, тот эпизод, когда на Зебо после собрания в холодной степи нападает Хидир.

Большинство героинь автора прошли через падение, болезни, приводящие к смерти. Ее героини страдают от унижения и боли, но никто их не слышит, не видит их мучений. Всю боль,

которую испытала беспомощная женщина от такого унижения, можно понять по мысленно обращенным к мужу Саиду словам Зебо:

«Хаёлан ба шавҳари бадрашкаш муроҷиат кард:

-Дидӣ Саид, дидӣ, на танҳо ту, мо низ меҷангем? Ҷанги мо ҷанги ҷангҳост! Ҷанги номӯсу шараф. Ҷанги бетиру туфанг, бехун, аммо ҚОТИЛ» [5, с.55].

«Мысленно она обратилась к своему ревнивому мужу:

- Видишь, Саид, видишь, не только ты воюешь, но и мы тоже! Наша война всем войнам война! Война чести и достоинства. Война, где нет оружия, бескровная, но смертельная».

Любовь в романе часто связана с присутствием смерти, ощущением смерти. В центре жизни жителей села всегда находится смерть, а в центре смерти - жизнь. Мысленно герои романа часто ведут внутренний диалог со своей памятью. Давно умершие люди воскрешаются в воспоминаниях тетушки Марджон, все близкие ее сердцу живут только благодаря её памяти о них. Прекрасно об этом свидетельствуют мысли тетушки Марджон:

«Байни мадорову муросояш ҳамеша ҷанг буд, ҷанги бемуросову бемадоро. Худаш беш аз ҳама аз ин ҷанг “захмин” мешуд. Ин бор низ ғайриихтиёр, байни мазори барфпӯш андешаҳояш бар зидди урфу одатҳои то ҳол ночор риояву парастиш кардааш исён бардошт» [5, с.68].

«Между учтивостью и примирением всегда была неучтивая и непримиримая война. На этой войне больше всего доставалось ей самой. И этот раз, против воли, посреди кладбища, заваленного снегом, ее мысли восстали против традиций и обрядов, которых она вынужденно придерживается».

Общество, где правят мужчины, не дает женщине покоя, возможности саморазвития. Каждая по-своему интересна и каждая мечтает о счастье, о любви.

Смешение смерти и жизни, юности и старости отразилось в образах Нишоны и Зебо, автор раскрывает особенности их характера, рассказывает историю героинь, в которой обязательно присутствуют боль, насилие, покорность и унижение. Но при этом в образе практически каждой женщины можно увидеть общую судьбу народа. По героиням Гулрухсор Сафиевой, женщина – это личность, она способна на серьезные поступки, может и хочет сопротивляться обстоятельствам, испытывает на себе влияние времени. Важно отметить, что традиционное отношение к жизни у писателя идет вразрез с нарастающим отношением к жизни общества в XX веке. Личностное начало женских персонажей в романе чаще всего проявляется в любви к мужчине, к борьбе, людям, Богу, которая осознается ими как наивысшая ценность бытия, и способность бороться за нее служит мерилом их жизненной силы и духовности, готовности к самопожертвованию и прощению. Размышления о любви приводят к фольклорному пониманию женской сущности, где ее главными отличительными чертами являются стихийность и природность. Символично роман начинается с рождения человека и смерти. По сути, рассмотренные нами примеры, еще одно свидетельство того, что тема смерти всегда занимала особое место в литературе, они подтверждают ее разнообразие и неординарность. Образы женщин и тема смерти изменялись, по мере изменения самосознания культуры:

«Арӯси пурормони аскари ҷавонмарг вазифаи муқаддаси худ, офарандагиро дар ҳарбу зарби нобаробари маргу зиндагӣ дар баҳои ҷони худ адо карда, рӯйи фарзандашро надида, ба хоби ҷовидона рафта буд. Марг аз ин кулбаи фақирона низ дастхолӣ нарафт.

Тифл гиря кард, модар нашунид.

Нишонаи хушбахт ӯро меҳрубонона навозиш кард, аммо Майса аз худ асари ҳаёт нишон надод.

Нишона ба чеҳраи бехун, абрӯвони пайваста, мижгони баргаштаи Майса нигариста, хуни гармаш дар шарёнаш ях баст. Оне, ки барояш модару хоҳар, падару бародар буд, хонаи сарду модари оҷиз ва тифлаки рӯйнодидаашро ба ӯ гузошта дунёро абадан тарк карда буд».

«Невеста погибшего солдата, в неравной борьбе со смертью выполнила свою святую обязанность и, пожертвовав своей жизнью, полная надежд и грез произвела на свет ребенка, но не увидев лица своего дитя, уснула вечным сном.

Дитя заплакало, но мать не слышала.

Счастливая Нишона нежно приласкала его, но Майса не подвала признаков жизни.

Увидев бледное лицо, сросшиеся брови, изогнутые ресницы Майсы, кровь застыла в жилах Нишоны. Та, которая была для нее матерью и сестрой, отцом и братом, оставив холодный дом, беспомощную мать и не взглягнув на своего ребенка, навсегда покинула этот мир» [5, с.17].

Знакомясь с исследованиями по этому вопросу, можно прийти к выводу, что в новом обществе второй половины XX века отношение к женщине не однозначно, оно с течением времени менялось и корректировалось. Человек относится в этот период не убегает от сознания

своей физической смертности, его больше пугает духовная смерть. Также, как и женский образ, который в новой культуре переживает духовную смерть, но иного психологического характера, на другом историческом фоне. С одной стороны, это образ добропорядочной, чистой женщины, достойной преклонения, а с другой - женщины падшей, с плотскими желаниями, склонной к грехопадению, о чем в романе примером может стать образ свекрови Зебо. Путем описания напряженности личного бытия и ее невыносимости, таджикские писатели XX века пытались показать, что близость, угроза смерти чаще всего заставляет людей задуматься о смысле и содержании своей жизни. Развитие характера героинь показывает то, как меняется мысль о смерти, восприятие жизни человеком, переворачивает ценности:

«Пастиву баландӣ, бузургиву хурдӣ, беқадриву беқадрии одамон ба худашон вобаста. Хоҳанд, аз хӯса шоҳи ҷаҳон месозанд, хоҳанд олими мадрасадидаро хукбон таъйин мекунанд”. Марҷон гиребони тавба дошт. Андешаҳояш ҳам ба назараш беҷо буданду маҳалли андешаҳояш низ. Худро дарунакӣ маломату таҳдид кард: “Ҳой, Марҷон, чанд ҷон дорӣ? Вақтат расидаст. Аз мазор набаромада мемурӣ!» [5, с.68].

«Подъемы и падения, величие и унижение, неуважение происходит из-за самих людей. Захотят, из пугала сделают короля мира, а захотят, ученого превратят в свинопаса». Марджон была в недоумении. Она понимала, что кладбище не подходящее место для таких мыслей. Она мысленно корила себя: «Эй, Марджон, сколько жизней у тебя? Твое время подошло. Вот так и умрешь, не выходя ис кладбища!».

Смерть заставляет человека рассматривать свои возможности, понимая, что всему его некая граница, переход через которую означает вступление в по ту сторону времени»: «… она (смерть) предстает как нечто абсолютно иное, как граница, втискивающая жизнь в ее конечность и лишь подобным образом вызывающая предельную остроту существования» [4, с.125]. В романе время действия героев превращается в тему и сюжет. Изменение отношения героев к жизни явилось следствием изменения содержания концепта смерти. Здесь фон событий предельно локализован; герои воспринимают смерть как необходимое условие жизни. Именно художественное пространство вбирает в себя характеристику человека на фоне его окружения, в особенностях отношений с предметами и людьми, характеристику времени – все это способно воплощать социальные и нравственно-этические категории, участвовать в развитии сюжета, композиции, выражать авторскую точку зрения и т.п., позволяя тем самым подходить к описанию художественного мира с разных сторон. Роман Гулрухсор является яркой страницей истории таджикской литературы прошлого столетия, в котором отчетливо проявляется репрезентация темы смерти. Село, в котором живут герои, отрезанное от цивилизации, – это как центр пространства смерти. Именно село оказывается маркером жизни либо смерти героя: смерть ненаглядной Майсы уже в начале романа означает неизбежное уничтожение человека в селе, в той системе, в которой живут люди данной эпохи.

Маленьким примером, но явным может стать описание собрания. То, как ведут себя выступающие, руководители села – это пространство смерти, удушающей, не дающей человеку расти, развиваться, быть свободным. В данном эпизоде автор детально описывает поведение руководящего аппарата и унизительное состояние выступающих – активистов, страх перед партийной системой. Излишне говорить, что все повествование романа Гулрухсор «Занони Сабзбахор (марзи номус)» («Женщины Сабзбахора» (граница чести)» состоялось благодаря начальному танатологическому мотиву.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арьес Ф. Человек перед лицом смерти / Ф.Арьес. – М., 1992.
2. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества / М.М. Бахтин. - М., 1970.
3. Бланшо М. Пространство литературы / М.Бланшо. - М., 2002.
4. Больнов Отто Ф. Философия экзистенциализма / Ф. Больнов Отто. - СПб., 1999.
5. Гулрухсор. Занони Сабзбахор (марзи номус). Чопи дуввум. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 432 с.
6. Демичев А.В. Философские и культурологические основания современной танатологии: дис. … д-ра филос. наук / А.В. Демичев. - СПб., 1997. - 280 с.
7. Икрами, Дж. Двенадцать ворот Бухары / Дж.Икрами. Трилогия. - М.: Худож.лит., 1979. – 639 с.
8. Красильников Р.Л. Танатологические мотивы в художественной литературе. 10.01.08 - Теория литературы. Текстология; автореф. дисс. на соиск. уч. ст. док. Фил... н. / Р.Л. Красильников. - М., 2011. – 54 с.

«МАСЪАЛАИ ЗАНОН”ДАР АДАБИЁТИ АСРИ ХХ ҲАМЧУН РАМЗИ УМУМИИ ЭҲЁ ВА МАРГИ РӮҲ

Дар асри ХХ дар заминаи воқеаҳои фоҷиавии сатҳи умумиҷаҳонӣ мавзӯи марг дар баробари худшиносӣ яке аз масъалаҳои марказӣ дар тафаккури инсонҳо ҷой мегирад. Ҷомеа, махсусан занон дар ин марҳила дар бухрони маънавӣ, идеологӣ ва равонӣ қарор мегиранд. Чунин табаддулоти рӯҳонӣ нисбати адабиёти бадеӣ низ бетаъсир намемонад. Аҳли эҷод чун қисмати боэҳсостарини ҷамъият, қабл аз ҳама, масъалаи мазкурро дарк ва дар осори худ инъикос менамуданд. Тадқиқотҳо аз он далолат медиҳанд, ки дар аксари асарҳои ба ин давра бахшидашудаи нависандагон чунин рушди дигаршавии тафаккури инсонӣ,

муосиршавӣ, муносибати он ба зиндагӣ ва марг тавассути образи занон инъикос меёбад. Шояд ин аз он лиҳоз бошад, ки то андозае, ки ҷомеа рушд мекунад, ҳаёти занон дар он беҳбудӣ меёбад. Дар ин мақола маҳз инъикоси муносибати одамон ба ҳаёт ва марг тариқи тасвири нақши занон дар асри ХХ дар мисоли образҳои Зебо, Майса ва Марҷон дар романи “Занони Сабзбаҳор”-и Гулрухсор Сафиева мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Романи “Занони Сабзбаҳор” саҳифаи равшани таърихи қарни гузаштаи тоҷикон мебошад, ки дар он ҳаёти занони деҳае, ки дар як харобизор қарор гирифтааст ва дур аз тамаддуни башарӣ мебошад, ба риштаи тасвир кашида шудааст. Худи инъикоси набудани алоқаву иртиботи деҳа бо ҷаҳони берун ин, аллакай, аз мавҷудияти мотивҳои танатологӣ, маркази фазои марг будани он дарак медиҳад. Маҳз деҳаи мазкур бо хусусиятҳои хосси худ нишони мавҷудияти заминаҳо барои маҳрум гаштани маскунони он аз ҳаёт ва эҳтимолияти доимии марг мебошад. Марги нобаҳангоми Майса дар оғози роман аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то чӣ андоза, минбаъд дар қайди хаёт мондани бошандагони деҳа, ки дар ин давра зиндагӣ доштанд, зери савол қарор мегирад. Бо овардани эпизодҳои мухталиф аз романи мазкур дар мақола таъсири бухрони маънавӣ, равонӣ ва идеологӣ ба ҳаёту малакаи персонажҳои асосии роман, ки занон мебошанд, таҳлил гардидааст.

Калидвожаҳо: Гулрухсор Сафиева, романи “Занони Сабзбаҳор”, мотивҳои танатологӣ, наср, адабиёти муосири тоҷик, ҳаёт ва марг, адабиёти бадеӣ.

«ЖЕНСКИЙ ВОПРОС» В ЛИТЕРАТУРЕ XX ВЕКА КАК ОБОБЩАЮЩИЙ СИМВОЛ ВОЗРОЖДЕНИЯ ДУШИ И ДУХОВНОЙ СМЕРТИ

На рубеже XX–XXI веков в контексте трагических событий тема смерти становится ключевой характеристикой сознания общества, в связи с темой самосознания. Общество, особенно женщины, в этот период находилось в моральном, идеологическом и психологическом кризисе. Это ярко отражалось в художественных произведениях. Мы не случайно обратились к образу женщины, как показателю эволюции отношения человека к смерти. Дело в том, что, как показал анализ художественной литературы, во многих художественных произведениях этого периода, посвящённых как истории, так и современности, развитие человеческого сознания, его отношение к жизни и смерти показано через образ женщин, ее место в обществе. Возможно, это связано с тем, что принято считать, что, чем цивилизованней общество, тем выше и лучше положение женщины в нем. В статье исследуется отношение людей к жизни и смерти через изображение роли женщин в XX веке на примере Зебо, Майсы и Марджон из романа Гулрухсор Сафиевой «Занони Сабзбахор (марзи номус)» («Женщины Сабзбахора» (граница чести)» Автор показывает женщин разных типов, возрастов и социальных слоев, добродетельных и распутных, наивных и искушенных, но все они прекрасны. Гулрухсор Сафиева наделяет женщину непростой судьбой, как, например, судьба Майсы, скончавшейся во время родов, от беспомощности. Цитируя различные эпизоды из этого романа, в статье анализируется влияние духовного, психологического и идеологического кризиса на жизнь и навыки главных героев романа - женщин.

Ключевые слова: Гулрухсор Сафиева, роман («Женщины Сабзбахора», тантологические мотивы, проза, современная таджикская литература, жизнь и смерть, , художественная литература.

"WOMEN PROBLEM" IN THE LITERATURE OF THE TWENTIETH CENTURY AS A GENERAL SYMBOL OF THE REBIRTH OF TYE SOUL AND SPIRITUAL DEATH

In the twentieth century, in the context of tragic events on a global scale, the theme of death, along with self-awareness, is one of the central issues in the minds of people. Society, especially women, is at this stage in a spiritual, ideological and psychological crisis. Such a spiritual transformation does not go unnoticed in fiction. The creators, as the most sensitive part of the society, first of all understood this issue and reflected it in their works. Studies show that most of the works of writers dedicated to this period reflect such a development of human thinking, modernization, its attitude to life and death through the image of women. Perhaps this is due to the fact that as society develops, women's lives will improve. This article examines people's attitudes to life and death through the depiction of the role of women in the twentieth century in the example of Zebo, Maysa and Marjon in Gulrukhzor Safieva's novel The Green Women. The novel "Green Women" is a vivid page in the history of the Tajiks of the last century, in which the life of women in a village in a state of ruin and far from human civilization is depicted. The very reflection of the village's lack of connection with the outside world already indicates the existence of theological motives, its center of the atmosphere of death. It is this village with its peculiarities that is a sign of the existence of lands for the loss of its inhabitants from life and the constant possibility of death. Maysa's untimely death at the beginning of the novel testifies to the extent to which the survival of the villagers who lived at this stage is in question. By quoting various episodes from this novel, the article analyzes the impact of the spiritual, psychological and ideological crisis on the lives and skills of the main characters of the novel, who are women.

Key words: Gulrukhsor Safieva, the novel "Zanoni Sabzbazor", thanatological motives, prose, modern Tajik literature, life and death, fiction.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулназаров Абдулназар Абдулқодирович*** – Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ ба номи академик Б. Искандарови АМИТ, номзади илмҳои филология, ходими калони илмӣ, мудири шуъбаи фолклор ва адабиёт **Суроғa:** 736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ, кӯч. Холдорова, 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com.** Тел.: **(+992) 934-06-08-04**

Сведения об авторе: ***Абдулназаров Абдулназар Абдулкодирович*** – Института гуманитарных наук им. академика Б.Искандарова НАНТ, кандидат филологических наук, старший научный сотрудник, заведующий отдел фольклор и литература. **Адрес:** 736001, Таджикистан, г. Хорог, ул. Холдорова, 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Тел.: **(+992) 934-06-08-04**

Information about the author: ***Abdulnazarov Abdulnazar Abdulkodirovich*** - Institute of Humanities named after academician B. Iskandarov of the National academy of sciences of Tajikistan, candidate of philological sciences, senior researcher, head of the department of folklore and literature. **Address:** 736001, Republic of Tajikistan, Khorog, Koldorova Str., 2. E-mail: **abdulnazar9416@gmail.com**. Tel.: **(+992) 934-06-08-04**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 891.550:002

НАМУНАИ ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ ДАР МАҶАЛЛАИ «ОИНА»

Абдураҳимов Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муҳаққиқони тоҷик маҷаллаи «Оина» (20 августи соли 1913 - 15 июни соли 1915, ш.Самарқанд)-ро ифодакунандаи афкори ҷадидон медонанд. Муаллифони нашрия аз равшанфикрони тарафдори афкори ҷадидӣ, шахсони бомаърифат, таҳсилдида, мударрис ва адиб ҳисоб мешуданд. Дар ин бора муҳаққиқи ҷараёни ҷадидия Нуъмонҷон Ғаффоров дуруст зикр карда, ки «бештарини соҳибони мактабҳои усули нав ва умуман, таблиғгарони ҷадидия шоиру нависандагон буданд» [2, с.7]. Ба таҳқиқ нигарем, аз се як ҳиссаи матлаби «Оина»-ро назм ташкил медиҳад. Дар ин бобат далели овардаи Б.Исомиддинов қобили таваҷҷуҳ аст, ки шумораи шеърҳои чопшударо дар «Оина» дар асоси таснифоти муҳаққиқи японӣ 150 адад гуфтааст [4, с.8]. Ба тахмини мо, шумораи шеър бояд бештар бошад, зеро як хусусияти маҷалла аз он иборат аст, ки дар дохил ва байни мақолаҳо, таҳти рубрикаҳои махсус шеърҳо, чанд байт ҷой дода шудааст, ки шояд онҳо аз назари муҳаққиқи японӣ [1, с.22] берун мондаанд.

Ҳамин тавр, хусусияти хосси ашъори «Оина» дар он зоҳир мегардад, ки чун дар «Бухорои шариф» аксари онҳо иҷтимоианд ва шеърҳои лирикиву тасвирӣ қариб ба назар намерасанд.

Дар шумораи аввалини «Оина» (20 августи соли 1913) дар байни мақолаҳо бо мақсади гуногунрангӣ ду шеър ба забони ӯзбекӣ ҷой дода шуда, ки «Танбеҳ ва воқеа» ва «Илтиҷо» ном дошта, лирикӣ мебошанд. Ашъори боқимонда ба ҳар ду забон гуфтан мумкин аст, ки пурра иҷтимоианд. Чунончи, дар дохили мақолаи нахустин ба забони тоҷикӣ, ки «Оина» чист?» ном дорад, бо мақсади ифодаи ҳадафу вазифаҳои маҷалла чанд порча шеър оварда шуда, ки мазмуни иҷтимоӣ доранд. Мақола ва порчаҳои шеърии дохили он ба қалами шоир Фахриддини Роҷӣ (1880-1937) оид мебошад. Мавсуф шеър ва мақолаҳои муҳимми дархӯри ҷомеа иншо намудааст. Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ зикр карда, ки «Роҷӣ 91 шумораи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб»-ро китобат бинмудааст ва баъди китобати ӯ он дар матбааи сангӣ чоп мегардид» [7, с.65]. Дар мақолаи «Оина чист?» нахуст шарҳи маънои аслии калима («Оина чизест, ки дар он одам худро мебинад») ва маҷозии он («Дӯстон оинаи ҳамдигаранд») омада, сипас, зикр мешавад, ки дар иҷрои ҳадафҳои нашрияи онҳо ин калима ба ҳар ду маъно мавриди истифода қарор гирифтааст. Барои қувват бахшидани мақсад аз қитъаи зер истифода шуда:

Оинаи имрӯзаи инсон ин аст,
Таҷдиди ҳузури қалбу имон ин аст.
Боре назар бад-ин санбаҷал кунед,
Миръоти тамоми хурдабинон ин аст [1. №1.20 август, 1913].

Ҳамчунин, баъди мақола бо номи «Назм» манзумаи Ф.Роҷӣ ҷой дода шуда, ки метавон онро намунаи мазмуни нав дар шеъри тоҷик номид. Зеро дар он аз мушкилоти давр, ки яке аз онҳо танбалии мардум, дурӣ аз мактаб ва машғулии онҳо ба таълими дарсҳои беаҳаммият мебошад, сухан меравад:

Ман ба шумо нагуфтам ҳаргиз, нагӯям акнун:
Оинаи санбаҷал миръоти қалби мавзӯн.
Дилҳои мардумонро ё занг сахт баста,
Ё ғам ҳуҷум карда, ё танбалӣ шабехун.
Молу матои дунё даркор агар набошад,
Аз ҳадди мо барояд чун аҳли хона берун.
Аҳли ватан бахобанд, атфоли миллат, аммо
Дар мактабу мадорис машғули баҳси қонун... [5.№1.20 август,1913].

Агар дар ашъори иҷтимоии шоирони классики тоҷик мавзӯъ ва мундарича умумӣ бошад, дар шеърҳои «Оина» мавзӯъ аниқ буда, ба ҳодиса ё рӯйдоди воқеӣ ишора шудааст. Чунончи, дар шеъри боло аз беҳавсалагии мардум нисбат ба мактабу мадорис бо мисоли равшан ишора мешавад. Ҳамчунин, дар ин шеър ба калимаҳои «*ватан», «миллат*» дучор мешавем, ки минбаъд ба вожаҳои калидӣ табдил ёфтаанд. Шеъри фавқ дар назар сода, аз ороишоти маънӣ, санъати сухан, тасвироти классикӣ орист, аммо бо ин ҳама ҳадафи замонро ифода кардааст. Ба қишри поёнии ҷомеа расондани аҳаммияти илму маориф, таҳсил, баробари ин, таъкиди норасоиҳои ҷомеа ҳадафи ашъори мазкур мебошад. Байтҳои баъдина зарурати тағйири фаҳмиши ҷомеа ва рӯ овардан ба маорифро баён сохтаанд:

Ҷамъе ба барру баҳранд, ҷамъе ба боғу шаҳранд,
Ҷамъе ба буғсу қаҳранд, ҷамъе ба айш мақрун…
Ҷамъе ба даст ҷоманд, ҷамъе ба интиқоманд,
Ҷамъе, ки бонизоманд - афтодаанд вожун…
Ҷамъе шуда маълум бо фазлу илму дониш,
Ҷамъе аз ин фаробеш дар маслаки Фалотун…
Омоли ман кадоме, яъне, сухан тамомӣ,
Роҷӣ, ҳанӯз хомӣ, биншин, наӣ ту маҳзун.

Ҳамин тавр, дар манзума бо каломи содаву равшан ба он ишора мешавад, ки одамон ҳарчанд ба касбу кори хеш машғуланд, талаби илмро фаромӯш кардаанд.

Ашъори навоваронаи Фахриддини Роҷӣ дар ташаккули мазмуну муҳтавои шеър нақши намоён дорад. Шаклгирии шеъри нави тоҷикӣ маҳз дар нашрияҳои «Бухорои шариф» ва «Оина» ба амал омадааст. Ашъори сершумори Фахриддини Роҷӣ, ҳарчанд аз назари ҳунари шеър на ҳамеша барҷастаанд, дар ин бобат мавқеи муҳим доранд.

Ҳамчунин, бо имзои «Ф.Р.» (Фахриддини Роҷӣ), бо унвони «Мутафариқа» байтҳои панду насиҳатӣ пешниҳод шудаанд. Онҳо аз байтҳои анъанавии панду насиҳатӣ бо диди хосси замона фарқ мекунанд. Намуна:

Ба илм кӯш то шуҳраи ҷаҳон гардӣ,
Ки нест ҷомаи зебо аломати мардӣ.
Бубарӣ моли мусулмонону чу молат бибаранд,
Бонгу фарёд барор: Яке мусулмон нест!
Хоб бисёр гашту хона бисӯхт,
Хоб то кай, даме бишав бедор.
Тариқат ҷуз аз хидмати халқ нест,
Ба тасбеҳу ба саҷҷодаву далқ нест.

Даъват ба илму маориф, бедории фикрӣ маънии асосии ин абётро ташкил медиҳанд. Мазмуни байти сеюм, ки оҳанги иҷтимоӣ дорад, агар мардумонро ба бедорӣ даъват кунад, байти охирин таъкид мекунад, ки роҳи росту дуруст ба сару либосу симои зоҳир нест, балки хизмат кардан ба халқ аст. Аз ин ҷиҳат, байтҳои мазкур аҳаммияти баланди тарбиявӣ доранд.

Бояд зикр кард, ки дар маҷаллаи «Оина» шеър дар шумораҳои аввал, агар дар оғози маҷалла ҷой дода шуда бошад, минбаъд аз оғози соли 1914 баъзе шеърҳои ӯзбекӣ дар саҳифаҳои якум дарҷ гардидаанд, шеъру мақолаҳои тоҷикӣ пурра дар саҳафоти охири маҷалла инъикос ёфтаанд. Шеърҳои ӯзбекӣ, асосан, ба мактабу маориф, талаби илм бахшида шуда, байтҳои панду насиҳатӣ, шеърҳои лирикӣ, тасвири табиат, бахшида ба иду айём низ вомехӯранд. Дар шеъри тоҷикӣ бошад, лирика, мавзӯъҳои ишқӣ, тасвири табиат дучор намешаванд. Шоирони дар атрофи маҷалла ҷамъомада вазифаи шоирро аслан аз даъват ба бедории фикрӣ, илму дониш иборат медонистанд.

Нашри «Оина» баъди ним соли баста шудани нашрияи аввалини тоҷикии Осиёи Марказӣ «Бухорои Шариф» шурӯъ гардид. Муҳаррири бесобиқаи он Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки акнун дар Бухоро ба тиҷорату табобат, тадрис, ҳамчунин, ба саёҳат машғул буд, аз нашри маҷаллаи «Оина» изҳори хушнудӣ карда, ба он шеъру мақолаҳо мефиристод. Яке аз ашъори иҷтимоии ӯ «Ёд бод!» мебошад, ки ба мавзӯи бедории афкори мардум бахшида шудааст. Шоир нахуст аз хушиҳои ҷавонӣ, кору пайкор, нашри рӯзномаи аввалин ёдовар гардида, ихтисоран меоварем:

Ёд бод, эй дил, ки бо ҳам обрӯе доштем,
Дар гулистони тамаддун рангу бӯе доштем.
Солу маҳ саъду айёми нақде доштем,
Дар тараққӣ ҷидду ҷаҳду ҷустуҷӯе доштем.
Доимо будем мо дар тавсани давлат савор,
Эмин аз қайди замону аз ҷафои рӯзгор.
Ҷаҳлу нодонӣ бубин акнун аз он авҷи камол,
Бар замин андохт моро ӯ намудаш поймол.
Рафт аз каф илму фазлу донишу иқболу мол,
Мондаем акнун парешону забуну гунгу лол.
Орзуҳо ҷумлагӣ гашта ба маъюсӣ бадал,
Дода селоби ҷаҳолат бар бинои мо халал…
Эй Худо, моро ту аз хоби гарон бедор кун,
Масту беҳуш аз фазлу карам ҳушёр кун.
Аз камолоту улуми аср бархурдор кун,
Ақлу донишро муайян, бахтро ҳам ёр кун.
В-аз карам боби тараққиро ба рӯйи мо кушой,

Бар сироти мустақими илм моро раҳкушой! [5.№2.1913,2 ноябр.с.54-55].

Дар назари аввал аз ин мисраъҳо оҳанги рӯҳафтодагӣ ҳис мешавад, сипас, роҳи раҳоӣ аз бадбахтӣ низ нишон дода шудааст. Илоҷи корро шоир дар бедории фикрӣ медонад. Дар асар ба истилоҳҳои дигари муҳимму доимии «Оина» вомехӯрем, ки яке аз онҳо «ҷаҳл» ва «ғафлат» мебошанд. Ҳарду калима дар бисёр саҳифаҳои «Оина» такрор шудаанд. Мирзо Сироҷи Ҳаким нахуст аз даврони неке, ки аз «ҷаҳлу нодонӣ», ки онҳоро «бар замин андохт»-у «намудаш поймол», безабон гаштанашон (бе рӯзнома мондан) ва ғайра шикоят мекунад. Ниҳоят, бо қатъият мегӯяд, ки боиси ин «ғафлат» аст, ки моро ба пастӣ фаровард. Аниқ гуфта наметавонем, ки ифодаи машҳури «аз хоби гарон» хестанро бори аввал кӣ дар шеър ба кор бурдааст. Аммо зикр кардан мумкин, ки ин яке аз намунаҳои нахустини шеъри форсист, ки маънии мазкур дар он ифода ёфтааст. Дар он давр - давраи ташаккули пешазинқилобӣ дар мамлакати паҳновари Россияи подшоҳӣ чунин даъватҳо зиёд ба гӯш мерасиданд. Аммо фарқи даъватҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз низ аз он иборат буд, ки дар ин ҷо даъват ба инқилоб ба шакли дархости ислоҳоти иҷтимоӣ садо медод. Ҷадидони тоҷик, аз ҷумла, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷи Ҳаким мардумро рӯирост ба инқилоби сиёсӣ даъват накарда, дар ин бобат ба мадади Худо умед бастаанд.

Шеъри Мирзо Сироҷи Ҳаким ба хонандагон таъсири амиқ расонд. Ба зудӣ дар шумораи ояндаи маҷалла ҷавобияи устод Садриддин Айнӣ бо номи «Мозӣ ва ҳол» ба нашр расид. Шеъри устод Айнӣ пеш ба вуҷуд омада ё аз Мирзо Сироҷ номаълум, дар шеъри нақизамонанди устод Айнӣ дар нашри аввал қайди «Зилқаъда, 1331: Айнӣ. Мадрасаи Кӯкалтош» ба чашм мерасад. Чи тавре ки аз баррасии «Бухорои шариф» мушоҳида мешавад, яке аз жанрҳои писандидаи шоирони аввали асри бист то солҳои сиюм нақиза, ҷавоб, татаббӯъ ва ғайра буд. Ин аст, ки шеърҳои «Ёд бод!»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Мозӣ ва ҳол»-и устод Айниро низ, ки бо имзои «Бухорӣ Сод.Айн.» дар шумораи баъдина интишор ёфтааст, метавон назираи ҳамдигар номид. Шеъри устод Айниро, ҳамчунин вокуниш ба мақолаи «Моро ислоҳи мадорис ва макотиб лозим аст»-и муҳаррир Беҳбудӣ низ донистан мумкин, ки пас аз он ҷой дода шудааст:

Ёд бод он дам зи ғафлат истироҳат доштам,
Не ғами ислому не парвои миллат доштам.
Шод будам, то зи аҳли илм будам бехабар,
Бо ҷаҳолатпешагони даҳр улфат доштам.
Баҳри хатми «Хутба»-ву «Дебоча» мекардам ҷадал,
Бо касе гар филмасал аз илм суҳбат доштам.
Аз макотиб бо сияҳчоҳе ризомандим буд,
Аз мадорис бо хароботе қаноат доштам… [5. №3.1913.15 ноябр, с.79-80].

Ба қавли муҳаққиқ Н.Ғаффоров, «дар шеъри «Мозӣ ва ҳол»… таъсири рӯзномаҳои ҷадидии «Тарҷумон» ва «Вақт»-ро дар андешаву афкори хеш» [2, с.6] мушоҳида мешавад:

«Тарҷумон»-ӣ кард аҳволи замон аз ҳоли ман,
«Вақт»-ро дар пеши худ миръоти ибрат доштам [5.№3.1913.15 ноябр, с.79-80].

Дар зернавишт устод Айнӣ баъзе калимаҳоро шарҳ додааст: «Абӯмуслим» - ба таври «номи китобест муштамил бар хурофот», «Замчинома» - «номи китобест масъала», «Зулобӣ» - «номи қаҳрамони мавҳумӣ». Фарқияти шаклӣ ва услубии шеъри устод Айнӣ аз манзумаи зикршудаи Мирзо Сироҷ дар он аст, ки шеъри Айнӣ оҳанги танзомез дорад. Ҳадафи он шикоят танқиди замони барҳадар гузашта, барномаи таълими мадрасаҳо ва даъвати ҳамватанон ба хондани нашрияҳои нав, ки афкори онҳоро бедор хоҳад кард, мебошад.

Ҷавобнависӣ (нақиза) ва шеърҳои тақвимӣ дар ашъори шоири маҳаллӣ Мирсарвари Мирҳайдарзода (Ургутӣ, гоҳо Самарқандӣ ва баъзан Кӯлобӣ) зиёд ба чашм мерасанд. Воқеан, хотиррасон бояд кард, ки баҳои устод Соҳиб Табаров ба эҷодиёти Мирсарварро мо пурра дуруст намеҳисобем, ӯ шоири маҳаллиро «дар ҳама навъҳо ба комёбӣ ноил нагаштааст», дар шеър «муваффақият насибаш нагардид» - гӯён баҳо додааст [6, с.107]. Бале, Мирсарвар Мирҳайдарзода дар ҳунари шоирӣ ба дараҷаи олӣ нарасид, дар ашъораш санъатҳои баланди адабӣ, навоварӣ, тавсиф ба назар нарасад ё кам ба назар расад ҳам, дар замонаш ва имрӯз ҳам ашъори ӯ барои омӯхтани адабиёти давр ва воқеоти муҳимми замон аҳаммияти калон дорад. Сарвар ба шеърҳои Васлӣ, ки он вақт ашъораш зиёд интишор мешуд, ҷавобе навиштааст. Аз ҷумла, дар шумораи №4, соли 1913 омада: «Ҷавоб ба Васлӣ афандӣ аз Кӯлоби Бухоро аз тарафи шоири муҳтарам Мирсарвар-афандии Самарқандӣ:

Нуфузи махзани ҷонам фидои як суханат,
Фидо кунам ҳама олам барои як суханат.
Шуда ба олам номи ту Васлӣ,

Тамоми олам аз он рӯ адои як суханат.
Намуда чанд ба фармудаи ту таърихе,
Равон бикардам ин дам ба ҷойи як суханат.
Бигашт баҳравар «Сарвар» аз суханҳоят,
Фузуд ӯ ба қалам васфҳои як суханат [5. №4.1913.21 ноябр].

Ғазали мазкур лирикист ва яке аз намунаҳои ками чунин ашъор дар «Оина» мебошад. Мирсарвар яке аз муаллифони фаъоли маҷаллаи «Оина» буда, аз Кӯлоб ва Самарқанд ба идораи маҷалла шеърҳои зиёд ирсол намудааст. Боз ду шеъри Мирсарвар бо номҳои «Тарғиб ба илм ва маориф», «Илм ва адаб» чоп шудаанд.

Яке аз далелҳои аз сабку усул ва жанрҳои пешин сарфи назар накардани шоирони «Оина» истифода моддаи таърих аст, бисёр шеърҳои Мирсарвар ба ин муносибат гуфта шудаанд. Аз ҷумла, дар шумораи нуҳуми соли 1913 шеъри ӯ бо номи «Таърихи интишори «Оина» сабт гашта, ки ба истиқболи нашри маҷаллаи мазкур иншо шудааст ва дар нашрия муаллифи он «адиб ва шоири муҳтарам Мир Сарвар афандӣ» зикр гардида:

Биҳамдуллоҳ, ки дар мулки Самарқанд,
Аҷаб «Оина» пайдо гашт, аҳсан!
Зи ҷаҳди вофири Маҳмудхоҷа,
Бувад ӯ моҳири ҳар илму ҳар фан.
Аз ин «Оина» бо ойини хубӣ,
Намуд ду адад ирсол бо ман.
Чунин оинаи софу зиёбахш,
Бидида дидаи ман гашт равшан.
Хаташ хубу иборатҳои марғуб,
Зи ахбору ҳикоятҳо чу гулшан.
Ҳама бинандааш таҳсин карданд,
Зи ҳадди Русия то мулки Ландан.
Зи ҳар ёдгоре ҷумла аҳбоб,
Ки таърихе намо гуфтанд бо ман,
Чу соли интишораш гуфт Сарвар,
Чӣ хуш «Оина» бар мо узрайн» (соли 1331) [5. №9.1913.12 декабр].

Ҳамин тавр, Мирсарвар дар он солҳо ҳамчун шоири таърихнавис ном бароварда буд ва ба ӯ дар ин бобат зиёд муроҷиат мекарданд ва мавсуф ин вазифаро аз таҳти дил иҷро менамуд ва моддаҳои таърихи хуб ҳам навиштааст. Ба вафоти маорифпарвари тотор, яке аз сарварони маънавии ҷадидони Бухоро Исмоил Гаспаринский низ шеъре иншо карда, дар он моддаи таърихи вафоти ӯро, ки соли 1914 аст, нишон додааст. Ногуфта намонад, ки таваҷҷуҳи маҷаллаи мавриди назар ба роҳбари ҷадидон ва маорифпарварони тотор, муҳаррир ва ношири «Тарҷумон» Исмоил Гаспаринский зиёд мебошад. И.Гаспаринский бо ғояву афкори худ дар байни ақвоми турк дар мустаҳкам реша давондани пантуркизм сабабгор гардид, аммо ақидаҳои маорифпарваронааш баҳри пешрафти ҷаҳонбинӣ ва ғояи омоли равшанфикрони Осиёи Марказӣ манфиат ҳам расонд. Бешак, «Оина» ҳам таҳти таъсири ӯ қарор дошт. Таъзиянома, моддаҳои таърих, шеърҳои бахшида ба мавсуф ва чопи акси ӯ далели ин мебошад. Худи М.Беҳбудӣ ӯро «падари мусулмонони пешқадами Русия» номидааст.

Мирсарвар, ниҳоят, бо таъсири мақолаву ашъори «Оина» ба шеърҳои иҷтимоӣ рӯй овард. Шеъри «Баҳри ривоҷи миллат» намунаи он аст:

Эй дӯстон, бикӯшед, чандин асар нависед,
Ҷаҳде кунед имрӯз, шому саҳар нависед.
Хонед илму фаннро аввал зи бар нависед,
Бар хат шавед комил в-он гаҳ хабар нависед.
Баҳри ривоҷи миллат илму ҳунар нависед,
Албатта, ин суханро ба оби зар нависед.
Дар мактабу мадорис фарзанди хеш монед,
Сарфи дирам намуда, аз илму фазл донед… [5.№8.1914.8 декабр].

Агар бо таъсири «Оина» Мирсарвар дар шеър ба мавзӯи иҷтимоӣ рӯй оварда бошад, баъди инқилоби октябр дар мавзӯи инқилоб низ қаламфарсоӣ намуд. Аз ҷумла, дар ин бобат ба шоири инқилобӣ А.Лоҳутӣ муроҷиат карда навишта: «Самимияте, ки пас аз хондани рубоиёти шумо ба ман рӯй дод ва раҳбарие, ки хоҳ ба воситаи худатон ва хоҳ ба воситаи асарҳоятон аз шумо гирифта будам, натиҷа бахшид, ки худам ва эҷодиётамро дигаргун сохта, онро ба манфиати меҳнаткашон гардонам» [8, с.93].

Яке аз хусусиятҳои муҳимму фарқкунандаи «Оина» баъди мақолаи пурмуҳтаво ва баҳспазир ҷой додани ашъори панду насиҳатӣ, даъват ба бедории фикрӣ, илму дониш мебошад. Дар байни мақолаҳои публитсистӣ ё илмию оммавӣ низ байту қитъаҳо ҷой дода

шудаанд, ки бештари онҳо панду насиҳатианд ва муаллифонашон зикр нагардидаанд, монанди:

Ба тифлӣ хидмати пире накардӣ,
Ба пирӣ хидмати тифлат зарур аст.
Яке он ки дар нафси худ биан мабош,
Дигар он ки дар халқ бадбин мабош.

Дар саҳифаҳои «Оина» гоҳо аз шоирони бузурги тоҷик чун Ҳофиз, Хайём, Ҷалолиддини Румӣ ва Бедил намунаҳо оварда шудаанд. Дар интихоби ашъор мутасаддиён ба мазмунҳои танқидӣ, даъваткунанда бартарӣ додаанд. Бо сарлавҳаҳои «Паёми Хайём», «Аз рубоиёти ҳазрати Мавлоно» рубоиҳои шоирон пешниҳод шудааст. Аз ҷумла:

Азбаски фасоду аблаҳӣ зод аз ман,
Дар умр даме нагашт дил шод аз ман.
Ман толиби доду ҷумла бедод аз ман,
Фарёди ман аз ҷумлаву фарёд аз ман.
Бо ҳар ду ҷаҳон ба ҷанг бояд будан,
Бо ҳайзор зи лаълу санг бояд будан.
Мардонаву мардранг бояд будан,
Варна ба ҳазор нанг бояд будан.

Соли 1915 дар маҷалла бо номи «Ҳикматлик сузлар» (суханҳои ҳикматнок) гӯшаи адабӣ таъсис ёфта. Дар як-ду саҳифа ашъори яклухт, порчаҳои панду насиҳатӣ, тарғиби илму дониш, эҳтироми волидайн аз шоирони гузаштаву имрӯзӣ, зарбулмасалу мақолҳо ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ пешниҳод гаштаанд. Гӯшаи мазкур барои чашмрасу хонданбоб шудан беҳтар ороиш ёфтааст. Намунае аз он:

Хӯрдан барои зистану зикр кардан аст,
Ту муътақид, ки зистан аз баҳри хӯрдан аст.
Балое з-ин ҷаҳон ошӯбтар нест,
Ба ранҷи хотир аст, ар ҳасту ар нест.
Мабодо, ки дар даҳр дер истӣ,
Бале, бувад пириву нестӣ.

Дар гӯшаи мазкур бо номи «Эй мусулмонони диёр!» шеъре бо имзои «Ҳ.Ҳ.» нашр гардида, ки ба мавзӯи бедории афкор бахшида шудааст:

То ба кай дар хоб мебошем эй аҳли диёр?
Хоби бисёре, ки охир кард моро бемадор.
Қофила аз огаҳӣ рафта ба манзилҳо расид,
Мо зи ғафлат ташналаб мондем дар гармӣ наҳор...

Муаллиф аз он изҳори ташвиш мекунад, ки миллатҳои дигари пешқадам барои пешравии илму маърифат раҳи иттифоқу муросоро дар ҷомеаи худ пеш гирифтаанд, вале мо байни ҳамдигар тифоқ нестем, тухми нифоқ мекорем. Ин сатрҳо имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд ва мардуми моро ҳушдор медиҳанд.

Дар бисёр шеъру мақолаҳо аҳли зиёи тоҷик аз чопи нашрияе бо номи «Оина» изҳори хушнудӣ кардаанд. Дар онҳо аҳаммияти нашрияи мазкур нишон дода шудааст:

Гар тараққипарварӣ, мекун назар «Оина»-ро,
Баски мебинӣ ба чашми худ сувар «Оина»-ро.
Шахси нобино ба оина набинад рӯйи худ,
Чун нафаҳмад то нахонад гӯши кар «Оина»-ро.
Зиштиву некӣ намоён мешавад аз оина,
Неку бадро фарқ месозад нигар «Оина»-ро.

Дар зери шеъри мазкур аз ҷониби идора хабар дода мешавад, ки муаллифи ин сатрҳои самимӣ Ғуломқодирбойбача бинни Муҳаммадраҳимбой мебошад, «Оина» аз он изҳори хушнудӣ мекунад, ки сарватмандони диёр ҳам ба шеъру нашрияҳо таваҷҷуҳ доранд. Шеъри самимии шоир Меҳрии Самарқандӣ «Мадҳи бетамаллуқ» низ ба маҷаллаи «Оина» бахшида шудааст (дар зер ишора гардида, ки «сиҷанҷал» оинаро гӯянд):

Дӯкони илмро анбар сиҷанҷал,
Баҳори фаҳмро гавҳар сиҷанҷал.
Гирифт ҷойи «Самарқанд» дар Самарқанд,
Бишуд хайрулхалаф аз сар сиҷанҷал...
Сухан кӯтоҳ кун, Меҳрӣ, мабодо,
Зи бисёрӣ нагунҷад дар сиҷанҷал.

Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» аз гузаштаи пурифтихор зиёд ёд мешавад. Чунончи, дар шеъри Хатоӣ бо номи «Гузашта ва оянда» чунин сатрҳо ҳастанд:

Буд вазъи олам тафовутпазир,
Гаҳе гардад ӯ навҷавон гоҳ пир,

Замоне басе сарфарозон будем,
Зи дониш ҳаме бениёзон будем…

Ба андешаи муаллифон, дар гузашта халқу миллати Осиёи Марказӣ дар илму маърифат, саноату фарҳанг пеш рафта буд. Аммо муаллифон ба ояндаи нек умед мебанданд, зеро замона як хел намемонад:

Гумонам, ки баъди ман ободӣ аст,
Ба мо низ ҳангоми озодӣ аст.
Маро з-ин тааммул басо шодӣ аст,
«Хатоӣ» наӣ аҳли маънӣ, хамӯш
Макун ҳамчу мадҳуш ҳар дам хурӯш.

Мавзӯи мазкур дар шеърҳои дигар низ инъикос ёфтаанд:

Гар мо ба ҳамин роҳ, ки ҳастем шитобем,
Дар саҳнаи оянда яқин дон, ки харобем.
Моро на макотиб, на масоҷид ба ривоҷ аст,
Дар зуҳд на шайхем, ба таҳсил нашитобем… **З. Фатҳиддинзода**

Ҷуз хадъаву найрангу хиёнат нанамоем,
Бо халқи Худованд, агар даст биёбем.
Гар амн намоем ба аґёр намоем,
Бо хешу бародар масали оташу обем…Бухоро: **Алмаъии Қоризода**

Ґофил аз илми замон буданамон то чанд аст?
Ҷаҳлу нодониву беҳиссимон то чанд аст?
Чашм во карда назар бо ҳама ақвом кунем,
Бехабар мондану нодониамон то чанд аст?.. **Бухоро: «Мим.Изґе»**.

Ҷоҳилам, бо илм дар олам шаҳире хостам,
Дар фасоҳат, дар балоґат беназире хостам...
Буд дар ҷойи ҷароид ҷангнома дар баґал,
Илми нофеъ чун аҷал медидаам доим маҳал… **Андиҷон: Хойиб**.

Дар чанд мисраи баъдӣ аз муҳиммияти матбуот, ҷаридаҳои даврон дар кушода шудани зеҳни мардум сухан рафта, ин аҳаммияти шеърро баланд бардоштаст: «Шукри Аллоҳ шуд ҷароид ҳоли моро тарҷумон»; «Бо ҷароид ҳар сабоҳу шом будам розвар». Бо ин роҳ матбуот дар ташаккули адабиёти навини тоҷик низ саҳмгузор гардида.

Шеъри дигари мавриди таваҷҷуҳ «Ҳубби Ватан аз имон аст» мебошад, ки дар рӯзҳои баҳорӣ чоп шудааст. Дар он омада:

Сайъ бояд кард дар роҳи Ватан,
То бувад ҳушёрро ҷон дар бадан.
З-он, ки аз хайрулбашар фармон буд,
Дар ҷаҳон ҳубби Ватан зи имон буд.
Ҳар киро ҳубби Ватан набвад ба дил,
Нест андар ҳукми имонаш саҷил...

Дар охири соли 1914 як зумра ашъори пураҳаммият дар маҷалла ба нашр расидаанд, ки ба мавзӯи тараққипарварӣ, даъват ба илму дониш иншо шудаанд. Маънавиёт, дар ҳақиқат, асли мақсади маорифпарварони охири асри XIX ва аввали асри XX буд. Кӯшиши ягонаи онҳо расидан ба зиндагии сазовор бо роҳи осоишта - илму маориф будааст. Ин равия дар аксарияти маорифпарварони насли калонсол то инқилоби октябр идома ёфт, аз ҷумла, устод Айнӣ дар ҳамин маслак буд. Далели ин яке аз шеърҳои дар ҳамин давра эҷодкардаи устод бо номи «Нидо ба ҷавонон» буда метавонад. Манзумаи мазкури устод Садриддин Айнӣ бар танзими байти:

«Ҳар сарви саҳӣ, ки боґбон кишт,
Охир ҳама ҳезум асту ангишт».

гуфта шудааст:

Ҳар сарвқаде, ки қад барафрохт,
Охир ба маґоки хок ҷо сохт.
Ҳар моҳрухе, ки рух барафрӯхт,
Охир ба шарораи фано сӯхт.
Ҳар гул, ки ба навбаҳор бишкуфт,
Охир ҳамаро хазон чу хас рӯфт.
Ҳар ҷост, ки обшору гулгашт,
Охир шуданист хушк чун дашт.
Ҳар қаср, ки сохт дасти меъмор,

Дар дасти фаност охири кор…
Гуфтам ба ту он чӣ гуфтанӣ буд,
Бод аз ту Худою халқ хушнуд **Бухоро: «Сод.Айн»** [5, 1914. - №5. 18.12.].

Дуруст аст, ки устод Айнӣ ҳамчун як маорифпарвар истифодаи оташро на ҳамчун оташи оламсӯз, балки оташи гармибахш дар назар дорад. Бар илова метавон гуфт, ки устод Айнӣ, ҳамчунин, муҳаррири «Оина» Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, ки яке аз сарварони ҷадидони Туркистон ба ҳисоб мерафт ва дар байни тараққихоҳон ақидаҳояш эътибори баланд дошт, тарафдори на инқилоби сиёсӣ, балки танҳо дигаргуниҳои маънавӣ буданд. Назари М.Шакурӣ дар ин бора чунин аст, ки: «Шояд дар маҷаллаи «Оина», ки Беҳбудӣ чоп мекард, нашр гардидани шеъри Айнӣ «Нидо ба ҷавонон» як нишонаи ҳамфикрии муаллифу ношир дар масъалаи роҳҳои амалӣ намудани фикрҳои маорифпарварӣ бошад» [10, с.226].

Дар «Оина» ба табъ расидани шеъри мазкур аз рӯҳияи ҳамондавра ва орзую омоли маорифпарварон, аз ҷумла, устод Айнӣ ва М.Беҳбудӣ дарак додааст. Дар ин бобат муҳаққиқи маҷаллаи «Оина» Г.Дадобоева низ дуруст зикр карда, ки «ҳар як сатри ин асар даъват ба иҷрои корҳои нек аст» [3, с.38]. Илова карданием, ки шеъри мазкур дар шароити душвори Бухоро то андозае оҳанги пӯшида дорад. Шоир баробари он ки манфиати ҳар ашёи олам - обу оташро зикр мекунад ва дар ин маврид ба об ҳамчун ашёи ором, сафобахшу зиндагибахш тавҷеҳ мекунад, дар охир таъкид менамояд, ки дар мавридаш метавон чу оташ буд, ҷӯш зад, навоварӣ кард. Ман «гуфтам ба ту он чӣ гуфтанӣ буд», ҳар кас ба таври худ хоҳад фаҳмид.

Аз оғози соли 1915 теъдоди шеърҳои тоҷикӣ дар маҷаллаи мазкур афзуд. Аз ҷумла, дар шумораи №8, аз 30 январи соли 1915 дар гӯшаи ашъори туркиву тоҷикӣ шеъри «Эй дило!» ҷой дода шуда, ки ашъорест дар мавзӯи анъанавии даврон-шикоят аз ноқисиҳои замона, беилмӣ ва ҷаҳолат. Чуноне қайд кардем, «Оина» танҳо ба ашъоре, ки дарди ҷомеаро ифода мекунад, таваҷҷуҳ намуда ва тараннуми ишқу муҳаббат, ишқи илоҳӣ, табиат қариб ба назар намерасад:

Эй дило, хун шав аз ин пажмурдагиву зориат,
Вай тани мискин бишав хокистар аз ин хориат.
Хок бар сар кун, ки бошад беҳ аз ин тиморият,
Худ бипӯш ин чашм чун нафъе аз ин бедориат.
Ҷоҳилон помол карданду надорӣ ғайрате,
Мисли ту бепову сар ногашта аҳли миллате!!!
Олимони ин замон дар сар хаёли ҷоҳу мол,
Доимо дар фикри он ки кай кунемаш интиқол… [5, №8.1915.30 январ].

Дар зер як байт аз Қосим Махдуми Қоризода аз Бухоро сабт гардида, ки мазмуни шеъри болоро таҳвият медиҳад:

Абрсон гирям агар ин дам ба ҳоли худ равост,
Булбулосо нолаву афғон кунам алҳаҳ сазост.

Дар яке аз шумораҳо шеъри «Эй ҳаким!»-и Ҳошимҷон ибни Муҳаммадсолеҳ Махдуми Шаҳрихонӣ бо забони содаву равон иншо шуда, ҳамчун даъват ба илму маориф садо медиҳад:

Уқдаҳои қалби мо кай боз хоҳад эй ҳаким,
Ҷоҳилон аз байни миллат дур бошанд, бал адим,
З-он ки даъвии ҷадидӣ ҷаст бо аҳли қадим,
Раҳравон гар аз дур оянд бар шаҳри азим,
Муддаои ҳар ду бошад як матоъу як гилем…

Дар шеър аз баҳси беҳудаи ҷадиду қадим, ки дар он даврон шурӯъ шуда, то ба куштор мерасид, ёдовар гардида, таъкид мекунад, ки барои ҳама таҳсили илм зарур аст ва агар фарзандон хонда бомаърифат шаванд, аз чунин баҳсҳо даст мекашанд. Дар он замон баҳси мазкур ба таври муташаннӣҷ ҷараён дошт ва аз саҳифаҳои маҷалла дар жанрҳои гуногун дар ин бобат маълумот ба даст меояд.

Ҳамчунин, ҷанҷолҳои байниҳамдигарии мусулмонон бар асари мазҳаб дар асарҳои шоироне чун Маҳмуди Тарзӣ тасвир шудаанд, ки «Оина» намунаи онҳоро аз сарчашмаҳои дигар гирифта, ба чоп расондааст. Аз ҷумла, дар шумораи 28 декабри соли 1913 дарҷ шуда:

Биншавед, эй дӯстон, ин моҷарои Ғарбу Шарқ,
Ибрате гиред аз асрорҳои Ғарбу Шарқ.
Шуд тулӯи офтоб аз Ғарбу шуд наздик ҳашр,
Фош гӯям ман туро аз розҳои Ғарбу Шарқ...
То қалам дорӣ ба каф Маҳмуди Тарзӣ дар сухан,
Огаҳӣ деҳ қавмро аз нуктаҳои Ғарбу Шарқ [5, №10.1913.28 декабр].

Шеъри дигари Маҳмуд бо номи «Ҳасад», ки дар шумораи 1 феврали соли 1914 ба табъ расида, низ ба мавзӯи норасоиҳои замон бахшида шудааст. Аз шоирони маҳаллӣ шеъри Аббосӣ (аз Самарқанд) низ мазмуни тараққихоҳона дорад. Шеъри «Ё раб» ҳам ба ихтилофҳои байнимазҳабии мусулмонон оид аст:

Ё раб, карам намой, ки дар қайди ғафлатем,
Монем ихтилофи масолик ба як канор.
Бо якдигар ҳамеша ба буғзу адоватем,
То кай ба ҷаҳл мегузаронем рӯзгор.
Охир чӣ ин ҳама? Ки ба як дину миллатем,
Инсон ба суратем ба сират на дар шумор…
Доим ба фикри бидъату фиқҳу шарофатем,
Дар ин замона ҳайф, ки мо бебасиратем.

Ҳамин тавр, мавқеи шеър дар «Оина» муҳим буда, аз се як ҳиссаи онро ташкил медиҳад. Шеърҳои маҷалла аз ҷиҳати санъат, мазмун баланд буда, ба замон мувофиқанд. Устод Садриддин Айнӣ бори аввал ашъори худро ҳамчун шоир маҳз дар ҳамин маҷалла ба табъ расондааст. Ашъори дар «Оина» интишоршуда то андозае идомаи анъанаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» мебошад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, масъалаи мазкур дар илми адабиётшиносии тоҷик хуб омӯхта нашудааст ва пажӯҳиши умдаеро тақозо дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. An Index of yina / Edited by Shimada Shizuo // Central Asian Research Series. - No. 5. - Tokyo, 2002. - 102 p.
2. Ғафоров Н. Ҷадидия ва шинохти он / Н.Ғафоров. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 160 с.
3. Дадобоева, Г. «Ойина» - родоначальник журнальной периодики Средней Азии» / Г. Дадобоева. - Д.: Ирфон, 2018. - 72 с.
4. Исомиддинов Б.Т. К истории частной журналистики Таджикистана / Б.Т. Исомиддинов. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 144 с.
5. «Оина» (1913-1915). Китобхонаи миллии Тоҷикистон, дар се ҷилд.
6. Табаров С. Сарвар / С. Табаров // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик». Ҷилди 3. – Душанбе, 2004. - С.107.
7. Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Сипеҳри орзу (Намунаи адабиёти тоҷики Самарқанд дар асри ХХ ва ибтидоии асри ХХ1) / Самарқандӣ, Ҳаёт Неъмат. – Душанбе, 2019. - 398 с.
8. Ҳошим Р. Солҳо дар саҳифаҳо. (Мақолаҳо ва ёддоштҳо) Р.Ҳошим. - Душанбе: Адиб, 1988. - 320 с.
9. Шакурӣ М. (М.Ш. Бухороӣ). Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист / М.Шакурӣ. - Душанбе: Адиб, 2003. - 340 с.
10. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 452 с.

НАМУНАИ ШЕЪРИ ИҶТИМОӢ ДАР МАҶАЛЛАИ «ОИНА»

Маҷаллаи «Оина» (20 августи соли 1913 - 15 июни соли 1915, ш.Самарқанд)-ро муҳаққиқон ифодакунандаи афкори ҷадидон номидаанд, ки бесабаб нест. Зеро, пеш аз ҳама, муаллифони нашрияи мазкур аз равшанфикрони тарафдори афкори ҷадидӣ, шахсони бомаърифат, таҳсилдида, мударрис ва адиб иборат буданд. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ашъори иҷтимоии маҷалла мавриди баррасӣ қарор гирифта, ки яке аз мавзӯъҳои муҳимми илмҳои филология ва ҷомеашиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси ҳисобҳои муҳаққиқон ва таҳқиқи муаллифи мақола гуфтан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи матлабҳои маҷаллаи мазкурро шеър ташкил медиҳад. Хусусияти муҳимтарини ашъори «Оина» аз он иборат аст, ки шеъри иҷтимоианд, дар ин бобат маҷалла, бешак, идомабахши анъанаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» (1912) мебошад. Ба назар мерасад, ки порчаҳои шеърӣ дар аввалҳои таъсиси маҷалла дар саҳифаҳои аввали маҷалла ба табъ мерасиданд. Дар байни онҳо баробари шеърҳои ӯзбекӣ ашъори тоҷикӣ низ интишор мешуд. Аммо баъди таъминан шаш моҳ шеърҳо ва умуман, матнҳо ба забони тоҷикӣ дар саҳифаҳои охири маҷалла дарҷ гардидаанд. Ҳамин тавр, «Оина» нашрияи дузабона буда, дар он туркӣ мавқеи бештар дорад. Бо вучуди ин, мазмуну мундарича ва муҳтавои маҷалла ба ҳарду забон як хел мебошад; масъалаи мазкур аз тарафи муҳаққиқони тоҷик ва ӯзбек то андозае омӯхта шудааст. Аммо масъалаи раванди ташаккули шеъри иҷтимоӣ дар маҷаллаи мазкур хуб пажӯҳиш нагардидааст. Дар асоси тадқиқоти мо маълум шуд, ки дар маҷаллаи мазкур шеърҳои лирикӣ, тасвири табиат, васфӣ ва ғайра, хусусан, ба забони тоҷикӣ қариб дида намешавад. Ногуфта намонад, ки ин яке аз хусусиятҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» низ буд. Дар байни фаъолияти ин ду нашрия фарқияти зиёди замонӣ мавҷуд нест, дувумӣ баъди танаффуси қариб нимсола ба вучуд омадааст. Шояд ба ин сабаб дар байни нашрияҳо аз ҷиҳати сабку услуб, мавзӯю мундарича монандиҳои зиёд дида мешавад, ки ин низ метавонад яке аз мавзӯъҳои таҳқиқоти алоҳида бошад. Тадқиқи ашъори дузабонаи маҷаллаи «Оина» сазовори омӯзиши васеъ мебошад.

Калидвожаҳо: шеъри иҷтимоӣ, ватан, миллат, ҷадидон, маорифпарварӣ, ҷаҳл, ғафлат, маҷалла.

ПРИМЕР СОЦИАЛЬНОЙ ПОЭЗИИ В ЖУРНАЛЕ «ОЙНА»

Журнал «Ойна» (20 августа 1913 г. - 15 июня 1915 г., Самарканд) исследователи недаром назвали выражением современных идей. Потому что, в первую очередь, авторами этой публикации были современные интеллектуалы, образованные, хорошо образованные люди, учителя и писатели. В данной статье рассматриваются особенности социальной поэзии журнала, которая является одной из наиболее важных тем в филологии и социологии. Исходя из расчетов исследователей и автора статьи, можно сказать, что треть статей в этом журнале - стихи. Наиболее важной особенностью поэзии Ойны является то, что это социальная поэма, и журнал, несомненно, является продолжением традиций газеты «Бухорои Шариф» (1912). Похоже, что стихи появились на первых страницах журнала в начале его существования. Наряду с узбекскими стихами были опубликованы таджикские стихи. Но через полгода стихи и тексты в целом появились на таджикском языке на последних страницах журнала.

Таким образом, «Ойна» - двуязычное издание, в котором турецкий язык более заметен. Тем не менее, содержание журнала одинаково на обоих языках; Этот вопрос в определенной степени изучен таджикскими и узбекскими исследователями. Однако вопрос формирования социальной поэзии в этом журнале недостаточно изучен. На основании наших исследований выяснилось, что в этом журнале практически нет лирических стихов, описаний природы, описаний и т. д. Особенно на таджикском языке. Следует отметить, что это было одной из особенностей газеты «Бухарский Шариф». Между этими двумя публикациями нет большой разницы во времени, второе пришло после почти полугодового перерыва. Вероятно, по этой причине существует много общего между публикациями с точки зрения стиля, тем и содержания, что также может быть одной из тем отдельного исследования. Изучение двуязычной поэзии журнала «Ойна» заслуживает обширного изучения.
Ключевые слова: социальная поэзия, родина, нация, современность, образование, невежество, журнал.

AN EXAMPLE OF SOCIAL POETRY IN «OINA» MAGAZINE

The magazine “Oina” (August 20, 1913 - June 15, 1915, Samarkand) was called by researchers as an expression of modern ideas, which is not without reason. Because, first of all, the authors of this publication were pro-modern intellectuals, educated, well-educated people, teachers and writers. This article discusses the features of the magazine's social poetry, which is one of the most important topics in philology and sociology. Based on the calculations of researchers and the author of the article, it can be said that one third of the articles in this magazine are poetry. The most important feature of Oina's poetry is social poem, and the magazine is undoubtedly a continuation of the traditions of the «Bukhoroi Sharif» newspaper (1912). Poems appear to have appeared on the front pages of the magazine at the beginning of its existence. Along with Uzbek poems, Tajik poems were also published among them. But six months later, the poems and texts in general appeared in Tajik on the last pages of the magazine. Thus, «Oina» is a bilingual publication in which Turkish is more prominent. However, the content of the magazine is the same in both languages; This issue has been studied to some extent by Tajik and Uzbek researchers. However, the issue of the formation of social poetry in this magazine is not well researched. Based on our research, it became clear that in this magazine there are almost no lyrical poems, descriptions of nature, descriptions, etc., especially in the Tajik language. It should be noted that this was one of the features of the Bukhara Sharif newspaper. There is not much time difference between the activities of these two publications, the second came after a break of almost half a year. Probably for this reason, there are many similarities between the publications in terms of style, themes and content, which can also be one of the topics of separate research. The study of the bilingual poetry of Oina magazine deserves extensive study.
Key words: social poetry, homeland, nation, modernity, education, ignorance, magazine.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдурахимов Бахтиёр*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, декани факултети филологияи тоҷик. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-10-85-85**

Сведения об авторе: ***Абдурахимов Бахтиёр*** - Таджикский госудаственный институт языков им. С. Улугзода, декан факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-10-85-85**

Information about the author: ***Abdurakhimov Bachtiyor*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, Dean of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-10-85-85**

УДК: 070+891.550 Х-71

МАҚОМИ ЖАНРҲО ДАР РАДИОИ ИТТИЛООТИВУ ФАРОҒАТӢ

Холов Ш.Я.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

Дар бораи жанр, хусусан жанрҳое, ки барномаҳои радиоиро аз ҳамдигар фарқ мегузорад, муҳаққиқони зиёд мақолаву рисола ва китобҳо навиштаанд. Аз олимони рус В.В. Смирнов, М.Н. Ким, А. Тертичний, олимони тоҷик, М. Муродов, А. Нуралиев, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, С. Гулов, М. Муқимов, З. Муъминҷонов ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода, андешаҳои худро доир ба он иброз доштаанд.

Муҳаққиқи рус А. Тертичний 42 жанри матбуотиро ном мебарад [14], ки 25-тои он баъд аз солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун жанр шинохта шудаанд. Донишмандони тоҷик Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов И. ва Гулмуродов У. дар китоби “Журналистикаи советии тоҷик” 17 жанри матбуотро номбар кардаанд [7, с.50]. Қайд бояд кард, ки дар китоби “Журналистикаи советии тоҷик” жанрҳое зикр шудаанд, ки маъмулан дар матбуоти чопӣ истифода мешаванд. Мисолҳое, ки барои таҳвияти фикри муаллифон истифода шудааст, аз газетаҳои даврист. Пажӯҳишгарони соҳа жанрҳои журналистика ё худ публитсистикаро вобаста ба он ки дар кадом навъи ВАО - матбуоти даврӣ, телевизион ё радио истифода мешаванд, дар алоҳидагӣ ҳам таҳқиқ кардаанд. Ба назари мо беҳтар ин аст, ки жанрҳо дар алоҳидагӣ таҳқиқ ва проблемагузорӣ шаванд. Ҳарчанд баъзе жанрҳо хусусияти умумӣ доранд, ба монанди “хабар”, аммо баръзе жанрҳо хосси як самти ВАЭ аст, монанди “гуфтори радиоӣ”, ки дар газетаву телевизион истифода намешавад.

Саидмуроди Хоҷазод ва Ализода Абдурашид Хуҷамқул дар китоби “Махсусиятҳои жанри радиоӣ” 30 жанри журналистикаи радиоиро ном гирифтаанд.

Вобаста ба тағйири сохти ҷомеа ва дастовардҳои техникӣ эҷоди журналистӣ ҳам ба таҳаввулот дучор шуд. Аз ҷумла, тақсимбандии жанрҳои журналистика баъди пошхӯрии сохти шӯравӣ ба дигаргунӣ дучор шуд ва назарияҳои нав ба миён омад. Яъне, низоми жанрҳо дар ҳама давру замон тағйир ёфта, баъзе жанрҳо кӯҳна мешаванд ва ба ҷойи онҳо жанрҳои нав ба миён меоянд ва ё баъзеи онҳо камистеъмол ва ё серистеъмол мешаванд. Ҳоло вобаста ба ташаккули бозори расонаӣ ва фаъолияти радиоҳои ғайриҳукуматӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ ва тиҷоратӣ феълан омезиши жанрҳоро мушоҳида менамоем. Ба ақидаи муаллифони китоби “Махсусияти жанрҳои р адиоӣ” бо омезиш онҳо аз байн намераванд, балки дар шакли нав зуҳур менамояд [11, с.9].

Ҳарчанд миёни олимон дар шинохти жанрҳо баъзе ихтилофҳо вуҷуд доранд, вале дар умум жанр вазифаи қолаберо иҷро мекунад, ки тавассути он журналист матлаби худро ба шунаванда, бинанда ва хонанда мерасонад. Яъне, фаъолияти эҷодии журналист бидуни жанр ғайри қобили қабул аст. Зеро ба гуфтаи профессор М. Муродов “маҳсули эҷоди рӯзноманигор маҳз тавассути жанрҳои гуногун, аз як тараф, ба низом медарояд, мавзунӣ ва мушаххасӣ пайдо мекунад, аз ҷониби дигар, ҷамъбаст мегардад” [4, с.88].

Ба гуфтаи донишманди дигари тоҷик С. Гулов “Муносибати жанр бо факт гуногун аст. Агар барои баъзе жанр (хабар) факт асос бошад, пас барои дигар жанр (мақола) таҳлили факт муҳим аст. Арзишдиҳӣ ба рӯйдод, воқеа ва факт низ аз вазифаҳои жанр бармеояд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳар жанр ба факт бо тарзи хос муносибат мекунад” [3, с.263].

Дар умум, олимони соҳа жанрҳои журналистикаро ба 3 қисм ҷудо намудаанд: жанрҳои ахборӣ ё иттилоотӣ, жанрҳои таҳлилӣ ва жанрҳои публитсистиву бадеӣ. Бархе муҳаққиқон гурӯҳи сеюмро хуҷҷатӣ-бадеӣ ҳам гуфтаанд [9, с.25].

Новобаста аз он ки доир ба гурӯҳбандии жанрҳои журналистика муҳаққиқон назари гуногун доранд, М. Муродов 6 ҷиҳатро асоси мантиқии ин тақсимбандӣ медонад:

а) предмети инъикос;
б) хислату хосияти воқеа;
в) муносибат ба предмети инъикос;
г) рангорангии инъикоси предмет;
д) дараҷаи таҳлили воқеа;
е) истифодаи методҳо ва усулҳои инъикоси воқеият [4, с.94].

Вазифаи ҳамагуна жанрҳо, ки матн ё сухани журналист тавассути он ба аудитория мерасад, таъсир расондан ба мафкура ва эҳсоси мардум аст.

Мо дар ин мақола мебинем, ки барномаҳои радиоҳои “Имрӯз” ва “Ховар” дар қолаби кадом жанрҳо сохта мешаванд.

Барномаҳои радиои “Ховар” ва “Имрӯз” бештар дар жанри хабарӣ ва таҳлилӣ омода мешаванд. Аз жанрҳои публитсистиву бадеӣ лавҳа, гуфтори радиоӣ ва ҳикояи радиоӣ ҳам гоҳ - гоҳе ба кор мераванд.

Ба ин андешаи Муқимов М. Метавон розӣ шуд, ки “Жанрҳои радиоӣ аз се сарчашма – матбуот, ҳунару адабиёт ва таблиғу ташвиқи шифоҳӣ истифода бурда, мувофиқи тақозои ҳаёт такмил меёбанд” [7, с.150].

Дар миёни жанрҳо “хабар” яке аз жанрҳои асосии матбуот, умуман расонаҳои хабарӣ ба шумор меравад. Мафҳуми расонаҳои хабарӣ ҳам гувоҳӣ он аст, ки ин расонаҳо умдатан ба кори хабаррасонӣ машғуланд. Доири мафҳуми хабар олимони хориҷиву ватанӣ андешаронихои зиёд кардаанд. Хусусияти жанри хабар навигарӣ, муҳҷаз ва фаврият аст. Фаврият ва муҳҷазбаёнӣ бояд чунин бошад, ки ҳодисаро дақиқ кунад. Суолҳои чӣ?, кай?, дар кӯҷо? ва барои чӣ? чаҳорчӯби хабарро муайян мекунад. Агар хабар ба яке аз ин суолҳо ҷавоб надиҳад, пас шунаванда ё бинандаро ба сардаргумӣ мебарад. “Танҳо ҳамин нукта кифоя аст, ки жанри хабар дар матбуоти тоҷик мавқеи хеле назаррас дорад” [2, с.256]. Баъзан дар расонаҳои хабарии кишвар мушоҳида мешавад, ки хабарро бо дигар жанрҳо омехта мекунанд ва ё чаҳорчӯбаи ин жанрро нодида мегиранд. Ба андешаи муҳаққиқ Ҷ. Муқим “Хабар аз маъмултарин жанрҳои журналистика буда, ба аудитория маълумоти мухтасари иттилоотӣ медиҳад. Хабар шунавандаро аз факт ва ҳодисаи муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ огоҳ менамояд” [8, с.4].

Дар радиоҳои иттилоотиву фароғатӣ бештар жанрҳои хабариву таҳлилӣ истифода мегардад. Жанрҳои хабарӣ ҳам дар барномаи иттилотӣ ва ҳам дигар барномаҳое, ки хусусияти иттилоотӣ доранд ба кор меравад. Дар радиои «Ховар» ҳамарӯза то 37 нашри ахбор дар шакли оригинал ва такрор пахш мешавад. Яъне, аз 2 соату 40 дақиқа то 3 соат барномаи ахбор аст. Дар радиои “Имрӯз”, ки замоне дар як шабонарӯз то 86 нашри хабарӣ садо додааст, ҳоло 7-8 барномаи хабарӣ омода мешавад, ки ҳудуди то 40 дақиқаро

дар бар мегирад. Дар ҳарду радио ҳам се шакли хабар: хроника, хабари кӯтоҳ ва хабари васеъ истифода мегардад.

Барномаи хабарӣ бо мусиқии махсус – сароҳанг оғоз мегардад, ки тавассути он нашри хабарӣ аз дигар барномаҳо фарқ мекунад. Хроника кӯтоҳтарин шакли хабар буда, қариб ҳамаи муҳаққиқон онро ҳамчун маълумот, анонс, хабари расмӣ ва хронологияи факту воқеот ҳам гуфтаанд. Муаллифони китоби "Махсусияти жанрҳои радиоӣ" сархати хабарҳоро хроника номидаанд. Ба андешаи Хоҷазод С., сархат "ба мисли хабар посухгӯ ба саволҳои чӣ?, кай?, дар куҷо? буда, таваҷҷуҳи шунавандаро ба ахбори муҳимтарини барнома ҷалб месозад" [11, с.96]. Вале ба назари мо дар сархат ҳатмӣ нест ба саволҳои чӣ? кай? ва дар куҷо? посух дод. Чунки сархат ҳамин чизро талаб мекунад. Ба ақидаи Ҷовид Муқим "Хроникаи радиоӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сару кор дорад ва чун сарахбори кулли воқеаву навигариҳо ба гӯш мерасад" [6, с.10]. Барномаҳои хабарии ҳам радиои "Имрӯз" ва ҳам "Ховар" аксар вақт бо сархат оғоз мешавад. Барои мисол чанд намунаи хроникаро дар инҷо меорем.

- Чорабинии хайриявӣ дар шаҳри Женева;
- Эксимбонки Ҳиндустон бо бонкҳои Тоҷикистон ҳамкориро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ мемонад;
- Конференсия бахшида ба Рӯзи парчам;
- Вазъи ҳавои кишвар барои имрӯз" [16].

Дар ин мисол дида мешавад анонси барномаи хабарӣ тавре гуфта шудааст, ки танҳо иттилои умумӣ дар бораи ҳодисаро фаро мегирад.

Ба суолҳои чӣ? кай? дар куҷо? мешавад дар худи хабар посух дод. Дар мисоли зер инро мебинем:

"Дар қароргоҳи СММ дар шаҳри Женева чорабинии ҳарсолаи хайриявӣ: бозори СММ баргузор гардид. Намояндагии доимии Тоҷикистон ҳам дар баробари дигар намояндагии дипломатии кишварҳои ҷаҳон дар назди СММ дар чорабинӣ фаъолона иштирок намуд. Ба меҳмонони чорабинӣ намунаҳои ҳунари миллии Тоҷикистон, хӯрокҳои миллӣ, инчунин маълумот дар бораи имкониятҳои сайёҳии кишвар пешниҳод гардид. Бояд қайд кард, ки лавҳаи Тоҷикистон дар чорабинӣ таҳти унвони "Соли 2017 - Соли ҷавонон" муаррифӣ гардида, ба тамошобинони чорабинӣ доир ба ин ташаббуси президентамон маълумот дода шуд" [16].

Дар хабари боло ровии барнома маълумот надодааст, ки ҳодиса кай шудааст. Ин нуқс дар хабари зер ҳам ба назар мерасад, ки яке аз меъёрҳои жанри хабар сарфи назар шудааст.

"Эксимбонки Ҳиндустон дар баробари таҳкими рушди тиҷорат бо ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин омодааст бо бонкҳои Тоҷикистон ҳамкориро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монад. Ин нукта дар вохӯрии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо ҳайати Эксимбонки Ҳиндустон иброз гардид. Дар идомаи вохӯрӣ муовини раиси Бонки миллӣ диққати иштирокчиёнро ба вазъи низоми бонкӣ, сохтори ташкилӣ, татбиқи ислоҳот дар соҳа, татбиқи сиёсати босамари пуливу қарзӣ, аз ҷумла ҳадафгирӣ аз мониторӣ ба ҳадафгирӣ ба таваррум, ба роҳ мондани амалиёти нав, таъсиси кумитаи суботи молиявии сатҳи меъёри фоизӣ барои қарзҳо ва амонатҳо, тартиби амонатгузорӣ ва хизматрасонӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷалб намуд" [16].

Жанри "Репортаж" ё гузориши радиоӣ баъзан дар барномаҳои хабарӣ дар радиои "Ховар" истифода мешавад. Вале дар радиои "Имрӯз" репортаж чанд сол боз ба назар намерасад. Аз ҷойи ҳодиса гузориш додан, ба гӯш расидани садое, ки ба воқеа алоқаманд аст аз хусусиятҳои ин жанр аст. Дар мисоли зер инро мебинем.

"Аз субҳи барвақт эҳсос мегардад, ки хурду калони маркази вилояти Хатлон шаҳри Қурғонтеппа бо мақсади дар сатҳи хотирмон таҷлил кардани Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҳамаҷониба дидаанд. Роҳпаймоии тамоми ташкилоту муассисаҳо аз он башорат медиҳад, ки кулли сокинон дар даст парчам гирифтаву аз ифтихори ватандории хеш башорат медиҳанд. Чун имсол соли ҷавонон аст, чорабинӣ дар майдони Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор шуд ҷавонони зиёде ҷамъ омадаву аз ҳисси ватандориву хештаншиносияшон дарак доданд. Хусусан, толибилмони муассисаҳои таълимӣ ва устодон хеле фаъол буданд" [16].

Дар идомаи гузориш хабарнигор риштаи суханро ба Солиҳа Қосимова, директори литсейи "Ориёно"-и шаҳри Қурғонтеппа медиҳад. "Агар ба саҳифаҳои таърихи башарият назар афканем, мо шоҳиди он мегардем, ки миллати сарбаланди тоҷик соҳиби парчами худ буд ва бо он ифтихор мекард... боиси ифтихор аст, ки парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ афрохта истодааст... Бигузор осмони Тоҷикистони азизи мо доимо софу беғубор бошад ва парчами давлати азизи мо дар арсаи ҷаҳонӣ баланд афрохта шавад." Ҳамин тавр, хабарнигор гузоришро идома дода, фазои

ҷашнро тасвир мекунад. Вале чизи муҳимме, ки бояд бошад садои сурнаю карнай, ё шарфаи зиёд будани одамон дар ҷашнгоҳ дар гузориш набуд. Ҳарчанд хабарнигор ҳамаи фазои ҷашнро бо сухан тасвир кард, вале як лаҳза садои зиндаи макони ҳодиса ба шунаванда таъсири бештар мерасонад ва эътимоди шунавандаро ба хабарнигору радио меафзояд.

“Баёнияи радиоӣ” ҳам гоҳ-гоҳе дар барномаҳои ҳарду радио ба назар мерасад. Баёнияи радиоӣ аз ду қисмат иборат аст. Дар қисмати аввал журналист вобаста ба мавзӯъ сухан карда аудиторияро ба шунидани иштирокчии воқеа, шоҳид, ҷонибдор ё инкоркунандаи ҳодиса омода месозад. [6, с.20]. Масалан, дар барномаи 8-уми апрели соли 2011 суханони сардори Раёсати давлатии автомобилии ВКД-и Тоҷикистон Маҳмадсаид Саидов дар бораи маргу мурдани сокинон дар садамаҳои нақлиётӣ тавассути Радиои “Имрӯз” садо дод. Дар ин нашри барнома баъд аз муаррифии мавзӯъ хабарнигор таваҷҷуҳи шунавандагонро ба шунидани суҳбати мусоҳиб ҷалб мекунад (Садои Саидов М.). “Шаҳрвандони гиромиқадр. Бо арзи салом ба шумо муроҷиат мекунем, ки аз ибтидои соли равон вазъи рух додани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт дар роҳҳои ҷумҳурӣ боиси нигаронӣ ва ташвиш аст. Тайи муҳлати сипаришуда 287 ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо 107 нафар ба ҳалокат расида 333 нафари дигар ҷароҳат бардоштаанд. Дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи ҳалокшудаҳо 35 нафар ва маҷрӯҳшудагон 31 нафар зиёд шудааст” [1]. Дар баёнияи радиоӣ метавонанд якчанд нафар иштирок кунанд. Масалан, журналист мавзӯи барномаро интихоб карда, фикри чанд нафарро дар он ҷой мекунад.

Барномаи “Чеҳраҳои мондагор”- ро аз радиои “Ховар” метавон ба жанри лавҳа нисбат дод. Вале муаллифи матн аксар вақт на журналист, балки матни барнома аз китоб баргирифта шудааст.

Аз таҳлили барномаҳои ин ду радио пай бурдан мумкин аст, ки жанрҳо омехта истифода мешавад. Ҳарчанд, дар ҳар жанр унсурҳои дигар жанрҳо мушоҳида шавад ҳам, вале журналист бояд кӯшиш кунад жанрро аз қолаби асосияш берун накунад. Ё ба таври дигар гӯем, барномаро аз чаҳорчӯбаи жанр хориҷ накунад. Мисоли инро мо дар мусоҳибаҳое, ки дар ин ду радио омода мешавад, зиёд мушоҳида мекунем. Баъзан дар ин ду радио такрори мавзӯъ ва нав набудани муҳтаво дар барномаҳое, ки дар шакли мусоҳиба омода шудаанд, ба гӯш мерасад.

Жанри “Мусоҳиба” ҳам дар радиои “Имрӯз” ва ҳам дар радиои “Ховар” ба таври васеъ истифода мешавад. Ин жанрро на танҳо дар барномаи хабарӣ, ҳамчунин гоҳе дар барномаҳои таҳлилии “Минбар”, “Имрӯзи тиб”, “Авто имрӯз”, “Меҳмони имрӯз” аз радиои “Имрӯз” ва дар барномаҳои “Тафсир”, “Нақҳати роз”, “Суруди ҳафта”, “Меҳмони Ховар”, “Бозтоб”, “Дармон”, “Гуфтугӯ”, “Мавқеъ” ва “Соярӯшан” аз радиои “Ховар” мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳаҷми мусоҳиба дар барномаҳои хабарӣ то 5 дақиқа ва барномаҳои таҳлилӣ то 15 дақиқаро дар бар мегирад.

Жанри мусоҳиба аз ду унсур иборат аст: саволи журналист ва ҷавоби мусоҳиб. Ҳамин вижагӣ ба иттилоотӣ будани ин жанр далолат мекунад. Муъминҷонов З. дар ин бора дуруст гуфтааст, ки “... мусоҳиба ин эҷоди якҷояи ҳам баранда ва ҳам мусоҳиб аст” [9, с.35]. Муҳаққиқони жанрҳои радиоӣ мусоҳибаро ба шаклҳои нақл, муколама, лаҳза, андеша ва конфронси матбуотӣ ҷудо намудаанд. Ба қавли муҳаққиқи соҳа Мукимов Ҷ.: “Мусоҳиба – муколама аз маъмултарин навъҳои жанр буда, он ҳам маълумот медиҳад, ҳам ҷойҳои тираи мавзӯъро тавзеҳ месозад” [6, с.24]. Ҳоло дар радиоҳои иттилотиву фароғатӣ ҳамаи навъҳои мусоҳиба ба кор мераванд. Дар радиои «Ховар» мусоҳибаҳо мисли дигар барномаҳо аз қабл сабт шуда, пеш аз нашр монтаж мешаванд. Дар радиои «Имрӯз» ҳам бисёре аз барномаҳои радиои пешакӣ сабт мегарданд. Барномаҳои мустақим дар дигар барномаҳои радиоҳои «Азия плюс», «Ватан», «Садои Душанбе», «Радиои Тироз» ва дигар радиоҳо вуҷуд доранд. Мусоҳиба дар барномаи “Минбар”-и радиои “Имрӯз” ҳам зиёд ба кор меравад. Қайд бояд кард ки ин барнома мустақим пахш мешавад. Барномаҳои мустақим аз баранда ё журналист маҳорати бештари касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, нутқи фасеҳ ва зуд дарк кардани масъаларо талаб мекунад. Ба андешаи Мукимов М., сифатҳои мазкур барои он зарур аст, ки журналист худро гум накарда ба мусоҳиб савол диҳад ва посухи заруриро гирад [5, с.56].

Жанри “Мусоҳибаи радиоӣ”-ро метавон дар мисоли мусоҳибаи хабарнигори радиои “Имрӯз” Сарвинози Руҳуллоҳ бо адабиётшинос Ҳафиз Раҳмонов дид. Дар барномаи мазкур хабарнигор бо Ҳ. Раҳмонов дар бораи ҷашни Наврӯз суҳбат мекунад. Чаҳорчӯбаи жанри мазкур, аз ҷумла мавзӯи мушаххас доштани он дар ин барнома риоя шудааст.

Дар ин ҷо метавон хулоса кард, дар барномаҳои ҳарду радио, ки фаъолияташон ба иттилоотиву саргармкунӣ нигаронида шудааст, омезиши жанрҳо ба назар мерасад. Гоҳе

журналистон ё муҷрии барномаҳо кӯшиш мекунанд чаҳорчӯби жанриро риоя кунанд, вале дар бисёр ҳолатҳо ин масъала ба назар гирифта намешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Авто имрӯз. Радиои “Имрӯз”, 2011. 08-04-2011. соати 07-15. Муҳаррир Умедҷони Саъдулло. - Душанбе 2011.
2. Бобоева Б. Мавқеи жанрҳои иттилоотӣ дар нашрияҳои ҳизбӣ (дар мисоли жанри хабар) / Б. Бобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. - № 4/3 (167). - С.256-258.
3. Гулов С. Жанр: назария ва амалия / С.Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2014. - № 4/1(129) - С. 262-264.
4. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистика (Китоби дарсӣ) / М. Муродов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 256 с.
5. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2013. - 160 с.
6. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар Радиои “Озодӣ” / Ҷ. Муқим. - Душанбе, 2000. - 55 с.
7. Муқимов М. Воқеияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои инъикоси он лар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ: дис. док. илмҳои фил... / М.Муқимов. - Душанбе, 2006. – 243 с.
8. Муқимов Ҷ. Дастур барои радиожурналистони ҷавон / Ҷ. Муқимов, А. Нуъмонов. - Душанбе: Озар, 2008. – 120 с.
9. Муъминҷонов З. Махсусияти жанрҳои иттилотиву таҳлилии телевизион / З.Муъминҷонов. - Душанбе, 2015. - 120 с.
10. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев ва диг. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 176 с.
11. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои радиоӣ / С.Хоҷазод, А.Ализода. - Душанбе: Балоғат, 2017. – 336 с.
12. Саъдуллоев А. Жанрҳои журналистикаи радиоӣ / А. Саъдуллоев, С. Гулов. – Душанбе, 2005.
13. Смирнов В.В. Жанры радиожурналистики / В.В. Смирнов. – М.: Аспект пресс, 2002. – 288 с.
14. Тертычный А.А. Жанры периодической печати. Учебное пособие / А.А. Тертычный. - М.: Аспект Пресс, 2000.
15. Хоҷазод С. Радиои Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: дис. номзади илми филологӣ / С.Хоҷазод. – Душанбе, 2009. - 173 с.
16. Хабар. Радиои “Ховар”, 2017. 24-11-2017. Соати 10-00. – Душанбе, 2017.

МАҚОМИ ЖАНРҲО ДАР РАДИОИ ИТТИЛООТИВУ ФАРОҒАТӢ

Дар ин мақола муаллиф дар бораи истифодаи жанрҳо дар радиоиҳои иттилоотиву фароғатӣ маълумот додааст. Ҳарчанд на ҳамаи жанрҳо дар барномаҳои радиоӣ ба мавқеъ ба кор мераванд, вале таҳлили он нишон дод, ки хабар аз ҳама жанри серистеъмол аст. Дар мақола бахусус, мавқеъ ва хусусияти иттилоотии радиои “Имрӯз” ва “Ховар” дар фазои иттилоотии кишвар нишон дода шудааст. Ҳарду радио ҳам аз нигоҳи формат ва ҳам аз нигоҳи фаъолият бо ҳам шабеҳанд. Мусиқиву иттилоъ ва фароғат ҳадафи фаъолияти ҳарду радио ба шумор меравад. Пешниҳодҳое, ки дар ин мақола оварда шудааст, метавонад барои хубтар шудани фаъолияти радиоҳо ва боз ҳам бештар шудани шунавандагон омили муҳим гардад. Дар умум ҳоло ҳудуди 30 радиои давлативу ғайридавлатӣ дар кишвар фаъолият мекунанд. Аз мақолаи мазкур инро ҳам фаҳмидан мумкин аст, ки аксари радиоҳо дар вилояти Суғд, хусусан шаҳри Хуҷанд ва атрофи он бештар рушд кардаанд. Рушд кардан ба он маъност, ки нисбати дигар минтақаҳо дар ин навоҳӣ шумораи радиоҳои маҳаллӣ бештар аст.

Калидвожаҳо: Жанр, радио, ВАО, Радиои “Имрӯз”, Радиои “Ховар”, рушди радио, иттилоъ.

СТАТУС ЖАНРОВ НА ИНФОРМАЦИОННО- РАЗВЛЕКАТЕЛЬНЫХ РАДИО

В данной статье автор приводит практические примеры как используют жанры на инфармационно - развлекатеьных радио. В статье так же указаны роль и информационный характер радио "Имруз" ("Сегодня") и "Ховар" ("Восток") в информационном пространстве республики. Можно сказать что цель деятельности этих радио - музыка, новости и развлекательные программы. Эти радио и в формате и деятельности пожожи друг на друга. Предложения, указанные в этой статье помогут улучшить работу этих радио и увеличить аудиторию слушателей. В общей сложности, в настоящее время в стране функционируют порядка 30 государственных и негосударственных радиоканалов. Из данной статьи можно сделать вывод, что большинство независимых радиоканалов были созданы и развивались в Согдийской области, особенно в городе Худжанд и его округах. Развитие подразумевает то, что в этом регионе по сравнению с другими регионами Таджикистана расположено большее количество местных радиоканалов.

Ключевые слова: Жанр, радио, СМИ, Радиои «Имруз» Радио “Ховар”, развитие радио, информация.

STATUS GENRES ON INFOTAINMENT RADIOS

In this article, the author gives practical examples of how genres are used on informational entertaining radios. In the article also listed information character radio "Imruz" ("Today") and "Khovar" ("East") in the Informatics sphere of Tajikistan. It can be said that the aim of the activity of both radio is music, news and entertainment. These radio like each other in format and activity. Suggestion in this article will improve activity these radio and increase audiences. In total, at present there are about 30 governmental and non- governmental radio channels in the country. From this article it can be concluded that the majority of independent radio channels were created and developed in the Sughd region, especially in the city of Khujand and its district. Development implies that in this region, in comparison with other regions of Tajikistan, there are more local radio channels.

Key words: Genre, Radio, Mass Media, Radio ‘Imruz’, Radio ‘Khovar’, develop of radio, information.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Холов Шодмон Ятимович*** – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, аспирант. **Суроғa:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Борбад 73а. E-mail: **shodmon11@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-446-25-39**

Сведения об авторе: ***Холов Шодмон Ятимович*** - Таджикский государственный институт искусств и культуры им. М. Турсунзаде, аспирант. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Борбад 73а. E-mail: **shodmon11@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-446-25-39**

Information about the author: ***Kholov Shodmon Yatimovich*** - Tajik State Institute of Culture and Art M. Tursunzoda, postgraduate student. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave.,73a.
E-mail: **shodmon11@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-446-25-39**

УДК: 070+891.550:82

МАВҚЕИ ОЧЕРК ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОДОН ҲАНИФ

Алишери Абдулмаҷид
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Очерк аз жанрҳоест, ки мавриди пайвастаи пажӯҳиш ва таҳқиқи олимони адабиётшинос ва муҳаққиқони публитсистика қарор гирифтаву мегирад. Дар бораи очерк ҳамчун жанри публитсистика муҳаққиқони тоҷик И. Усмонов [7], А. Саъдуллоев [4, с.5], М. Муродов [2], С. Гулов [1] ва дигарон дар осори таълимиву таҳқиқотии худ андешаву мулоҳизаҳои пуарзиш баён намудаанд. Аз ҷумла муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик А. Саъдуллоев «нишонаи асосии очеркро дар рӯҳияи публитсистӣ» [4, с.9] доштани ин жанр мебинад. Муҳаққиқ С. Гулов таъкид мекунад, ки «имконияти истифодаи воситаҳои таъсирбахши бадеӣ дар жанри очерк нисбат ба дигар жанрҳои публитсистӣ бештар аст» [1, с.104]. Аз таҳлили андешаву мулоҳизоти ин муҳаққиқон метавон хулоса кард, ки жанри очерк жанри соф бадеӣ набуда, балки жанри публитсистиву бадеӣ мебошад. Зеро дар маркази ин жанр зиндагии воқеӣ, муаммои рӯз ва инсони мушаххас меистанд. Очеркнависон лаҳзаҳои беҳтарини зиндагиву фаъолияти қаҳрамонони худро бо истифода аз тахайюли заминаи воқеидошта боварибахш нишон дода, проблемаҳои муҳимми ҳалталабро ба миён мегузоранд. Қаҳрамонони очерк одамони воқеиянд ва публитсистон фаъолияту рӯзгори онҳоро ба таври мушаххас ба тасвир мегиранд. Қаҳрамонони очерк бо хислатҳои начиб, диловариҳо ва ахлоқи ҳамидаи хеш маҳбуби дигарон шудаанд, сазовори ҳурмату эҳтиромиаъзои ҷамъиятанд. Ба дигар мазмун, дар маркази очерк образи инсони комил ва пешқадам меистад, ки ба дигарон намуна аст. Муаллифи очерк бояд ташаккули характери қаҳрамонро тасвир намояд. Ин жанр аз муаллиф дониши амиқи илмӣ, ҷаҳонбинии васеъ мушоҳидакории дақиқ, мусаввири моҳир будан ва тарзи баёни реалистиро тақозо мекунад.

Публитсистон ва очеркнависон воқеанигорони зиндагӣ буда, онҳо пештозони муҳити воқеӣ ва дарккунандагони муаммоҳои зиндагӣ мебошанд. Онҳо кашшофони ҳаёт ва тасвиргарони рӯйдодҳои ҷомеаи худ ҳастанд, ки масъалаҳои муҳимму рӯзмарраи зиндагиро таҳлил намуда, бо далелҳои дақиқ ва пероҳани бадеӣ ба хонанда пешкаш мекунанд.

Ҳаёти босуръати мо барои ҳар як адиб, алалхусус барои публитсистон ҳар рӯз як мавзӯи наверо пешниҳод мекунад. Онҳо барои омӯхтани ҳаёт ва навиштани асари тоза, ки аз тақозои замон ба миён меояд, бисёр сафарҳо мекунанд. Ҳангоми сафар бо бисёр мавзӯъҳои муҳимму ҳалталаб дучор омада, аз саргузашти қаҳрамонони ояндаи худ огоҳ мешаванд, ривоятҳои аҷиберо мешунаванд, одамон ва характерҳои навро кашф мекунанд. Ин онҳоро водор месозад, ки бо ҳарорат ва илҳоми тоза қалам ба даст гирифта, ҳаёти имрӯзаро тасвир намоянд, доир ба мавзӯъҳои мубрами ҷомеа масъалагузорӣ намоянд.

Ҳамин публитсистон буданд, ки аввалин шуда истифода бурдани оби кӯли Сарезро дар Помир ба миён оварда, бо далелу бурҳон исбот карданд, ки ин махзанро ҳамчун обанбори Норак дар оянда ба манфиати мардуми Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои дигар истифода намудан мумкин аст. Ҳамин публитсистон буданд, ки истифодаи сангҳои қиматбаҳои Бадахшонро барои сохтани ҷавоҳироти гаронбаҳо, истифодаи як навъ мармарро, ки дар Тоҷикистон захираи фаровон ва тамомнашаванда дорад, ба миён гузоранд.

Проблемаи аз худ кардани заминҳои кӯҳдоман ва аз нав обод кардани деҳоти мардумаш муҳоҷиршударо очеркнависони мо баррасӣ карда, масъалаи аз нав рӯйи кор гирифтани заминҳои бекорхобидаи ёлаҳои кӯҳ, обод кардани деҳаҳои бекасмондаи кӯҳистон ва ба манфиати мардум истифода бурдани сарвати кӯҳсорро ба миён гузошта буданд. Баъдан олимон ҳам ба ин мавзӯъҳо таваҷҷуҳ пайдо карданд. Ҳукумати Тоҷикистон ин ташаббуси публитсистонро дастгирӣ намуда, барои истифода бурдани заминҳои лалмии кӯҳистон иқдом намуд. Дар як муддати кӯтоҳ дар доманаҳои кӯҳи Фахробод, Ҳисор, Норак, Ёвон, Кофарниҳон ва ёлаҳои кӯҳҳои Ховалингу Ғарм ҳазорҳо

гектар боғҳо обод шуданд ва боиси рушди иқтисодиёти мамлакат ва боло рафтани сатҳи зиндагии мардуми кишоварзи деҳот гардид. Ҳанӯз ҳам ин иқдом идома дорад ва бисёр одамон ба кори пурманфиати ҷамъиятӣ банд шуданд, алалхусус, дар ин бобат ҷавонон, гурӯҳ-гурӯҳ нафақахӯроне, ки аз водиҳо ба кӯҳистон - деҳоти бобоии худ баргаштанд, саҳми босазое гузоштанд. Ин кор раванди ба кӯҳистон баргаштани собиқ муҳоҷиронро тезонид. Дар кӯҳистон сохтмони деҳу шаҳракҳои аҳолинишин авҷ гирифт. Публитсистон буданд, ки проблемаҳои самаранок истифода бурдани пиряхҳои кӯҳӣ, об, аз эрозия нигоҳ доштани заминҳои корам, ба вуҷуд овардани навъҳои хуби пахта ва гандумро ба миён гузоштаанд. Онҳо ҳастанд, ки навтарин кашфиёти олимонро таблиғ карда, дар ҷиҳати ба ҳаёт татбиқ кардани онҳо силсилаочеркҳо навиштаанд.

Баъди ба истиқлолият соҳиб шудани Тоҷикистон эҳсоси масъулият ва қарзи шаҳрвандии публитсистон низ боло рафт. Онҳо барои рушду инкишофи Ватани худ талош меварзанд ва ба бисёр мавзӯъҳои тоза оиди иқтисодиёт, ваҳдати миллӣ, инкишофи фарҳанг, ҳифзи табиат, тарбияи маънавӣ, ватандӯстӣ ва худшиносии мардум рӯ оварданд. Яке аз ҳамин гуна шахсон нависанда ва публитсисти шинохтаи тоҷик Шодон Ҳаниф буд. Адиб ва очеркнависи шинохтаи тоҷик Шодон Ҳаниф солҳои дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ифои вазифа карданаш жанри душвори публитсистика - очеркро сабки эҷодии худ интихоб карда буд, ки фаъолияти эҷодиаш то охири умр ба ин жанр пайвандӣ дошт. Адабиётшинос С. Табаров дар ин бора навиштааст: «Яке аз он адибоне, ки садоқати худро ба ин жанр доимӣ нигоҳ дошта ва аз рӯзҳои аввали фаъолияти эҷодиаш то кунун чандин очеркҳои ҷолиби диққати портретӣ, сафарӣ, таърихӣ, проблемавӣ ва ғайра офаридааст, Шодон Ҳаниф мебошад» [6].

Шодон Ҳаниф дар очеркҳояш ҳалли мушкилот ва ниёзҳои муҳимми мардумро рӯйи кор гирифта, онҳоро бо образҳои дилчаспи бадеӣ ва тасвири хуби табиату чеҳраи қаҳрамононаш ба хонанда манзур менамояд. Қалами вай аз як очерк то очерки дигар устувор гардида, маҳораташ такмил ёфтааст. Агар аз ин лиҳоз очеркҳои нахустини ӯ «Кӯҳдоман», «Он шаби моҳтобӣ», «Ситораи саҳарӣ», «Ҳавличае дар сари роҳ» ва ғайраҳоро бо очеркҳои баъдан навиштаи вай «Ҷилои мармар», «Пули қишлоқ», «Мураббӣ ва мураббо» ва «Эҳёи дил» муқоиса намоем, тафовути калонеро мебинем.

Агарчи ба маҷмӯаи очеркҳои Шодон Ҳаниф дар саҳифаҳои матбуот чандин тақризҳо ба табъ расидаанд, вале дар онҳо ба маҳорати очеркофарии ин адиб ва публитсисти рангинхаёл таваҷҷуҳи зарурӣ дода нашудааст. Мо дар ҷараёни кори тадқиқотии худ, ки ба таҳлил ва арзишдиҳии очеркҳои Шодӣ Ҳаниф бахшида мешавад, ҷиҳатҳои фарққунандаи маҳорати эҷодии ин адиби публитсистро нишон дода, диққати асосиро ба маҳорати эҷодӣ, тарзи баён, интихоб ва ҳалли мавзӯъ, забон ва дигар бозёфтҳои бадеии ӯ хоҳем дод.

Рӯйдодҳои ҳаётро дақиқона тасвир намудан хислат ва пешаи асосии Шодон Ҳаниф буд. Номбурда мавзӯи ҳамаи асарҳояшро аз рӯзгори мардум гирифта ва ба онҳо обу ранги бадеӣ дода, боз ба халқ бармегардонд. Мунаққид С. Табаров дар хусуси эҷодиёти ин адиб сухан ронда, аз ҷумла чунин мегӯяд: «Шодӣ Ҳаниф ба қатори он адибоне дохил мешавад, ки аз оғози фаъолияти эҷодиаш то кунун ба як жанр - ба очерки бадеӣ дилбастагӣ ва муҳаббати беинтиҳо дорад. Ин ба муаллиф барои офариниши очеркҳои нав ба нави баландмазмун ва баландсанъати ҳозиразамон ёрии калон хоҳад расонд» [6]. Ин андешаро муҳаққиқони публитсистика низ тақвият дода, Шодон Ҳанифро бо адибони публитсисти соҳибмактаб дар як радиф мегузоранд: «Ба очеркҳои ҳозира таваҷҷуҳ намуда, мушоҳида кардан мумкин аст, ки намунаи классикии тасвири хроникавии воқеаҳои таърихии рӯҳияи романтикӣ доштаро дар асарҳои ҳуҷҷатӣ Ф. Муҳаммадиев, А. Сидқӣ, М. Наҷмиддинов, Шодон Ҳаниф дучор меоем» [3, с.152].

Жанри очерк аз нависанда маҳорати баландро тақозо мекунад. Муаллиф бояд ҳар як ҷузъиёти эҷоди худро санҷад ва тарзе ба тасвир гирад, ки ба дили хонанда роҳ ёбад. Эҷодкоре, ки ба зиндагӣ бетафовут менигарад ва заҳмат намекашад, очеркнависи хуб намешавад. Ҳамчунин қаламкаше, ки навиштани очеркро кори саҳл мепиндорад, хато мекунад.

Ҳар як очерк мисли як достонест, ки онро худи мардум дар бораи кору пайкор, талошҳо, садоқату шуҷоат ва зебоиҳои офаридаи худ эҷод кардааст. Ба қалам овардани ин гуна очерк аз аҳли сухан заҳмату масъулияти зиёдеро талаб мекунад. Агар аз ҳамин ҷиҳат ба офаридаҳои Шодон Ҳаниф нигарем, мебинем, ки дар ҳар як очеркаш симои қаҳрамонони рӯзҳои мо намоён мешавад. Шодон Ҳаниф очеркҳои «Кӯҳдоман», «Диловари Вахш», «Садои чашмасорон», «Бародари калонӣ», «Ҷилои мармар», «Муҳаббат ва мураббо», «Сурхоб гувоҳ аст», «Эҳёи дил» ва ғайраро бо ҳамин равиш иншо кардааст.

Хулоса, очерк дар эҷодиёти адиби публитсист Шодон Ҳаниф мавқеи меҳварӣ дошта, муаллифро ҳамчун як эҷодкори бомаҳорат ва рангинхаёл нишон медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Гулов С. Махсусияти очерки муосири тоҷик / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 132 с.
2. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. – Душанбе, 2016. - 216 с.
3. Раҳмонова Ҷ. Усул ва роҳҳои ҳалли проблемаҳо дар асари бадеӣ / Ҷ.Раҳмонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Сино, 2014. - № 4/5(143). – С. 252-258.
4. Садуллаев А. Очерк: генезис, развитие и современное состояние / А.Садуллаев, А. Аминов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 216 с.
5. Саъдуллоев А. Ҳамосаи инсони кор / А.Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе: Пайванд, 1995. – 64 с.
6. Табаров С. Жанри мақбул / С. Табаров // Тоҷикистони советӣ. – 1976. - 26 октябр.
7. Усмонов И.К. Жанрҳои публисистика / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2009. – 139 с.

МАВҚЕИ ОЧЕРК ДАР ЭҶОДИЁТИ ШОДОН ҲАНИФ

Дар ин мақола сухан дар бораи жанри очерк ва мавқеи ин жанр дар эҷодиёти адиби публитсист Шодон Ҳаниф меравад. Дар маркази очерк образи инсони комил ва пешқадам меистад, ки ба дигарон намуна аст. Муаллифи очерк бояд ташаккули характери қаҳрамонро тасвир намояд. Ин жанр аз муаллиф дониши амиқ, ҷаҳонбинии васеъ, мушоҳидакории дақиқ, маҳорати баланд ва тарзи баёни реалистиро тақозо мекунад. Яке аз он адибоне, ки садоқати худро ба очерк доимӣ нигоҳ дошта ва аз рӯзҳои аввали фаъолияти эҷодиаш очеркҳои ҷолиби диққати портретӣ, сафарӣ, таърихӣ, проблемавӣ ва ғайра офаридааст, Шодон Ҳаниф мебошад. Ӯ дар очеркҳояш ҳалли мушкилот ва ниёзҳои муҳимми мардумро рӯйи кор гирифта, онҳоро бо образҳои дилчаспи бадеӣ ва тасвири хуби табиату чеҳраи қаҳрамононаш ба хонанда манзур намудааст. Қалами вай аз як очерк то очерки дигар устувор гардида, маҳораташ такмил ёфтааст. Агар аз ин лиҳоз очеркҳои нахустини ӯ «Кӯҳдоман», «Он шаби моҳтобӣ», «Ситораи саҳарӣ», «Ҳавличае дар сари роҳ» ва ғайраҳо бо очеркҳои баъдан навиштаи вай «Ҷилои мармар», «Пули қишлоқ», «Мураббӣ ва мураббо» ва «Эҳёи дил» муқоиса намоем, тафовути калонеро мебинем. Муаллиф ба хулосае меояд, ки очерк дар эҷодиёти адиби публитсист Шодон Ҳаниф мавқеи меҳварӣ дошта, муаллифро ҳамчун як эҷодкори бомаҳорат ва рангинхаёл нишон медиҳад.

Калидвожаҳо: публитсистика, публитсист, жанр, очерк, воқеият, бадеият, образ, муаллиф, маҳорат, қаҳрамон, характер.

МЕСТО ОЧЕРКА В ТВОРЧЕСТВЕ ШОДОНА ХАНИФА

В статье речь идет о жанре очерка и его места в творчестве публициста Шодона Ханифа. В центре очерка стоит образ совершенного и передового человека, который является примером для других. Автор очерка должен отображать формирование характера героев. Данный жанр третует от автора глубоких знаний, широкого мировоззрения, наблюдательности, высокого мастерства и реалистической формы изложения. Одним из литераторов, который доказал свою верность данному жанру и с первых дней своей деятельности создал очень привлекательные и интересные для читателя портретные, путевые, исторические, проблемные очерки, является Шодон Ханиф. Он в своих очерках изобразил проблемы и серьезные потребности общества и предложил их читателю с привлекательными художественными образами. Его перо с написания одного очерка до другого становилось все более устойчивым. Если сравнить его первые очерки «Предгорье», «В ту лунную ночь», «Утренняя звезда», «Дворик у дороги» с другими его очерками, написанными позже такими как «сверкание мрамора», «Кишлачный мост», «Воспитательница и варенье» и «Возрождение сердца», то можно заметить большую разницу. Автор приходит к выводу о том, что очерк в творчестве литератора и публициста Шодона Ханифи имеет стержневое значение и показывает автора как искусного творца и мечтателя.

Ключевые слова: публицистика, публицист, жанр, очерк, действительность, художественность, образ, автор, мастерство, герой, характер.

THE PLACE OF THE SKETCH IN THE WORKS OF SHUDON HANIF

The article deals with the genre of the essay and its place in the work of the publicist Shodon Hanif. In the center of the essay is the image of a perfect and advanced person who is an example for others. The author of the essay should reflect the formation of the character of the heroes. This genre pushes away from the author deep knowledge, broad outlook, observation, high skill and realistic form of presentation. One of the writers who proved his loyalty to this genre and from the first days of his activity created portrait, travel, historical, problematic essays that are very attractive and interesting for the reader, is Shodon Hanif. In his essays, he portrayed the problems and serious needs of society and presented them to the reader with attractive artistic images. His pen became more and more steady from one sketch to the next. If we compare his first essays "Foothills", "On that moonlit night", "Morning star", "Courtyard by the road" with his other essays, written later such as "sparkling marble", "Kishlachny bridge", "Teacher and jam" and Rebirth of the Heart, you can see a big difference. The author comes to the conclusion that the essay in the works of the writer and publicist Shodon Hanifi has a pivotal meaning and shows the author as a skillful creator and dreamer.

Key words: journalism, publicist, genre, essay, reality, artistry, image, author, skill, hero, character.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Алишери Абдулмаҷид*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи адабиёт ва журналистика. **Суроғa:** 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 918-33-44-42**

Сведения об авторе: ***Алишери Абдулмаджид*** - Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, докторант Ph.D кафедры литературы и журналистики. **Адрес:** 735340, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. Тел.: **(+992) 918-33-44-42**

Information about the author: ***Alisheri Abdulmajid*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Ph.D. candidate of the Department of Literature and Journalism. **Address:** 735340, Republic of Tajikistan, Kulyab, Str. S. Safarova, 16. Tel.: **(+992) 918-33-44-42**

УДК: 070 (575.3)

ЧАНД ШИНОХТИ МАТБУОТ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

Кутбиддинов А.Ҳ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аҳаммият, қимат, таъсир ва ҷойгоҳи матбуот дар ҷомеаи мо нисбат ба Аврупову Русия таърихи фишурдатар дорад. Матбуоти миллии мо тоҷикон аз соли 1912 бо таъсиси "Бухорои шариф" оғоз мегардад. Ин нашрия умри тӯлонӣ надошт, аммо бо 153 шумораи худ тавонист, ки нақши тақдирсозии матбуотро аз ҷониби зиёиёну равшанфикрони тоҷик маълум намояд. Маҳз, аввалин нашрияи миллии мо собит намуд, ки рӯзнома дар ҳаёти маънавию фарҳангии тоҷикон таъсири амиқ дорад. Гузашта аз ин, нақши сиёсиву иҷтимоии рӯзнома маълуму муайян мегардид ва рӯзнома баробари як ҳокимияту салтанат аҳаммият пайдо мекард. Яке аз таъсисдиҳандагони матбуоти миллии мо Мирзоҷалол Юсуфзода ба матбуот баҳои баланд дода, онро ҳукмрону давлат ва роҳнамои халқ номида буд: «Муаззамтар аз рӯзнома дар олам ҳукмроне ва давлату салтанате нест. Рӯзнома раҳнамои мулку ақвом ва давлатҳову ҳукмдорон аст» [1, с.57-64]. Рӯзнома даргоҳест, ки дар он ҷо неруҳои ақлониву эҷодии тавонманд ҷамъ омадаанд, ки дар дарки тамоми печидагиҳову мураккабиҳои ҳаёт ба одамон ёрӣ мерасонанд. Дар робита ба ин, дар ҷойи дигар вазифаи маънавию маърифатии матбуотро М.Юсуфзода чунин муайян кардааст: «Вазифаи рӯзнома иборат аз шарҳ ва баёни масоили омма аст» [1, с.57-64]. "Шарҳу баёни масоили омма" чун рисолати азалии матбуот новобаста аз интихоби васеи хонанда ҳамавақт вуҷуд дошта метавонад. Вобаста ба мавқеъ ва ҳадафмандии муаллифон ва муҳаррирони рӯзномаҳо ин тавзеҳот нақши тақдирсозиро соҳиб мешаванд. Созандагиву таъсирбахшӣ, пеш аз ҳама, ба олами маънавии инсон нигаронида мешавад, ки он пайваста мавриди нишони матбуот қарор дорад: «...Нахустин асбоби тараққӣ ва тамаддуни миллатҳо, саодат ва некбахтии онҳо ба воситаи матбуот аст» [9, с.36] гуфтани Зайнулобиддини Мароғайӣ дар оғози асри XX вазифаи бузурги матбуотро дар як давраи печидаву мураккаби дигаршавии сохтҳо нишон медиҳад. Дар ин давра матбуот ислоҳотҳоро ба вуҷуд меовард, дар худшиносии фарҳангии миллат таъсир мегузошт, ҷараёнҳоро суръат мебахшид ва рӯҳияи иҷтимоиро дигар менамуд.

Матбуот минбари муқаддаси оммавӣ аст, ки тавассути он бо халқ сухан мегӯянду муколамаву робитаҳоро ба роҳ мегузоранд. Матбуот бо муколами худ маълум мекард, ки ҷаҳон танҳо як шаҳру як давлат иборат нест ва минбаре мебошад, ки ҳар як ҷузъи ҳаёти ҷомеаро ташхису тавзеҳ медиҳад. Дар баробари "минбари афкори ҷомеа" [10, с.83] будан, матбуот даргоҳ ва мактаби омӯзишу тадрис аст. Устод Айнӣ бо фараҳмандӣ «Шуълаи инқилоб»-ро "мактаби сайёр" меномид, ки ин хеле баҳои сазовор нисбат ба матбуот дар ҳама давру замонҳост: «Барои умуми ранҷбарони форсизабон дари ин мактаби сайёр кушода монд ...» [3, с.00]. Устод Айнӣ ҳамчун шахсияти фозилу воқиф аз манфиатҳои матбуот баҳра бурдааст. Ӯ медонист, ки дар як ҳолати гузариши мураккаби иҷтимоӣ барои мардумони дур аз мактабу маориф матбуот беҳтарин василаи тарбия мебошад. Тарбияи замони нав ва ҳамоҳанг будан ба он, хабардор будан аз адабиёти пурғановати аҷдодӣ ва омӯзиши забони модариро дар хондани рӯзнома медонист. Миллатпарастиву ватандӯстиро дар авҷи муборизаҳои мураккаб ба воситаи матбуот роҳандозӣ намудан мехост. Устод Айнӣ дар шароити фаъолияти аввалин рӯзномаҳо дар шакли хитобаву даъват, ки он ҳам оҳанги матбуоти он солҳо буд, чунин гуфта буд: «Бародарон! Ҳар ҳафта як соати умратонро ба хондани ин рӯзнома сарф кунед, ба қадри иқтидоратон аз ҷаридае, ки ба забони худатон нашр мешавад, истифода намоед» [3, с.00]. Ба назари устод С.Айнӣ рӯзнома дар ҳама ҳолат фоидабахш мебошад ва дурӣ аз онро ҷаҳолату ақибмондагӣ меҳисобид.

Матбуот дар мавҷудияти худ дар ташаккули муносибатҳои сиёсӣ ва татбиқи идеологияҳо нақши устувор дошт ва дорад. Дар ин самт ҳокимиятдорон аз матбуот ба таври фаровон ҳамчун силоҳи идеологӣ истифода кардаанд. Муҳаққиқ И.Усмонов матбуотро «ифодакунандаи сиёсат» [13, с.69] меномад ва ин далели он аст, ки ҳукумату ташкилоту гурӯҳҳои сиёсӣ дар фаъолияти худ барои таъсиррасонӣ ба ҷомеа ба матбуот ҳамеша такя кардаанд ва менамоянд. Аз ҳама тамоюли равшану маълум он мебошад, ки матбуот воситаи падид овардану амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ аст. Махсусан, дар давоми сад соли охир нест ва набуд он ҷараёну ҳаракату идеологияе, ки бидуни доштани матбуот ба ҳадафе расида бошад. Матбуот дар оғоз, ҷараён ва анҷом ёфтани инқилобҳову дигаргуниҳои бузурги сиёсӣ нақш дорад. А.Нуралиев матбуоти инқилобии русро дар такя ба қавли В.И. Ленин «тарғиботчӣ, ташвиқотчӣ ва ташкилотчии ҷамъиятӣ...» [11, с.4] номидааст, ки маҳз бо ин рисолат дар ҳаракати озодихоҳӣ ва ғалабаи инқилоб нақш

гузоштааст: «Матбуоти даврӣ дар тайёр кардани инқилобҳо… нақши бузург бозидаанд» [11, с.84]. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки матбуот маркази такмили шахсиятҳо (идеологҳо) низ дониста мешавад. Матбуот зинаву ошёнест, ки дар он идеологу сиёсатмадору адиб камол ёфта, дар ҷомеа мақом пайдо менамоянд. Матбуот аввалин муаррифгари симои онҳо гардида, муайянкунандаи ҷойгоҳ ва самти ҳаракату фаъолияти мухталифи онҳо мешавад. “Матбуот Бобоҷони ҷавонро ба зиндагӣ тайёр мекард” [13, с.120] гуфтани муҳаққиқ И.Усмонов далели он аст, ки Бобоҷон Ғафуров барин шахсияти бузург ва қаҳрамони миллат қадамҳои худро дар шоҳроҳи сиёсатҳои тақдирсози миллат аз матбуот оғоз бахшидааст. Матбуот худ майдони идеологие мебошад, ки дар камол ёфтани сиёсатмадорон нақш гузошта, равандҳои сиёсиро самти нав мебахшад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки махсусан дар асри гузашта матбуот моҳияти идеологии устувортарро соҳиб будааст. Матбуот оинаи рӯзгори ҷомеа мебошад ва хислату сифати оина он аст, ки ҳақиқатро возеҳ дар худ мунъакис мегардонад. Дар такя ба принсипи ҳақиқатнигории матбуот сиёсатмадорону ислоҳотчиёни гуногун идеяҳои худро дар мафкураи аҳли ҷомеа матраҳ сохтаанд. Муҳаққиқи матбуоти тоҷик П.Гулмуродзода дар ташхиси ин принсипи ҳақгӯиву ҳақталошии матбуот мавқеи мушаххас дошта, матбуотро «инъикоскунандаи ҳаққонии воқеият...” [6, с.13-18] медонад. Шинохти мазкур дар асоси ҷанбаҳои ислоҳотпарваронаву маърифатии матбуоти қабл аз Инқилоби Октябр сурат гирифтааст, ки фаъолияти матбуоти он замон дар партави таълимоти “маслаки ҳақ” ҷараён дошт. Ҳаққонияту воқеиятро зикр кардани муҳаққиқон гувоҳи он аст, ки давлату ҳукумат пайваста ба мавҷудият ва фаъолияти он таваҷҷуҳ дорад. Муҳаққиқи варзидаи матбуоти тоҷик И.Усмонов дар мақолаи «Шуҷоат дар роҳи худогоҳӣ» вазифаи матбуотро дар такя ба мавқеи рӯзномаи таҳқиқшавандаи “Шуълаи инқилоб” чунин пеш овардааст: «Мо ҳарф мезанем, ба ҷиҳати ба даст овардани ҳуқуқи поймолшудаи мазлумин. Барои расидан ба мақсади худ, мо қалами худро тез карда, бо душманон ва мухолифин то охирин нафасамон муборизa ва ҷиҳод менамоем. Дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна мановеъ ва таҳдид заррае намеандешем. Маслаки мо ҳақ ва мо фидои ҳақ ҳастем» [12, с.11].

Халқият, ташкилочигӣ ва рисолати маънавии матбуот дар ҳаёти ҷомеа ҳар замон тағйирот ворид карда метавонад. Ин хосиятро мо дар нақши таърихии матбуоти тоҷик баръало дида метавонем. Аз ҷумла, «матбуот заминаи табдили алифборо ба вуҷуд овард» [2, с.78] гуфтани муҳаққиқи таърихи матбуоти тоҷик А.Азимов ҳокӣ аз он аст, ки сарфи назар аз паҳлуҳои мусбату манфӣ матбуоти солҳои сиюми тоҷик дар табдили алифбои нав чанд маротиба нақши калидӣ дошт. Матбуот ногузир аст, ки ба таври ҳамешагӣ дар таҳти таъсири идеологияи замон қарор мегирад. Нишондодҳо ва ғояҳову барномаҳои пешгузошташударо ташвиқу тарғиб менамояд. Бо халқияти худ дар чӣ гуна ранг гирифтани зиндагии халқ саҳм мегузорад. Раванди империясозии сохти шӯравӣ мусбат буд, ё манфӣ масъалаи дигар аст, аммо ба фикри муҳаққиқон «матбуот дар барҳам задани буҳрони маънавии солҳои сиюм саҳим буд» [2, с.7-8]. Зери мафҳуми матбуот мо, пеш аз ҳама, газета (рӯзнома)-ро мефаҳмем. Ҳамчун шакли классикии воситаи ахбор дар раванди муборизаҳо ва рақобатҳо фаъол будани он то ҳол рад карда намешавад. Ба ақидаи Қ. Шарифзода газета иттилооти катбӣ аст ва мондагории давомдори онро низ пешгӯӣ кардааст. «... газета ба ҳайси қадимтарин ҷузъи ВАО, дар муҳити рақобати шадид… ҳамоно маҳбуби алоқамандони иттилооти катбӣ аст» [14, с.5].

Афзалият ва маҳбубияту нуфузи матбуот, пеш аз ҳама, дар он аст, ки матбуот сархати аввалини шакли васоити ахбор аст. Оммавияти сухан, халқияти калом, вусъати муколамаҳо, даъвату шиор, таблиғу ташвиқ ва дигар ҷанбаҳои таъсир ба мафкураи ҷомеаро маҳз матбуот оғоз гузоштааст, ки дигар шаклҳои васоити ахбор баъдтар он ҳамаро дар худ таҷассум кардаанд. Муҳаққиқ М.Муродов бар он назар аст, ки «... матбуоти даврӣ ҳамчун воситаи классикии ахбори омма» [9, с.39] дар тавлиду ташаккули дигар навъу шаклҳои васоити ахбор саҳм гузошта, дар худ ҷузъиёти арзишмандро пайваста нигоҳ дошта омадааст. Муҳаққиқ А.Азимовро дар аксар мавридҳо хосияти омӯзишиву маърифатии матбуот ҷалб менамояд, ки он дар маҷмӯъ яке аз принсипҳои умумии журналистика (тарбияву маърифатбахшӣ) ба шумор меравад. Дар ҳақиқат, дар замоне ки ҷомеа бесавод буду дар буҳрони маънавӣ қарор дошт, матбуот василаи таҳрикдиҳандаи донишу саводомӯзӣ буд. Ин падидаро махсусан дар ҳаёти маънавии тоҷикон дар солҳои 20-30-уми асри гузашта наметавон инкор кард: «Рӯзномаҳо дар саҳифаҳои худ усули дарсдиҳӣ, барномаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ чоп намуда, семинарҳо, курсҳо ташкил мекарданд» [2, с.39].

Бо вуҷуди ҷанбаҳои маърифативу фарҳангӣ доштани матбуот наметавон аз дигар хосиятҳои маҷмӯии он сарфи назар кард. Яке аз онҳо ҳамчун як навъи истеҳсолоти сармоядорӣ будани матбуот аст. Матбуот бо сармояву тиҷорат сахт тавъам аст. Ҳамин аст, ки муҳаққиқ М.Муқимов матбуотро ба сифати “... воситаи иттилоърасониву

тарғиботӣ ва тиҷоратӣ” [8, с.78-84] мешиносад. Дар ҳақиқат, ҳатто фарҳангитарин матбуот аз масъалаи тиҷорату сармоя дур нест ва дар фаъолияти худ ҳар як навъи матбуот бо назардошти ин хусусият фаъолияти худро ба роҳ мегузорад. Яке аз муродифоти аслии рӯзнома, “газета” мебошад, ки ҳамчун як навъи асъор мавҷудияту инкишофи онро асос гузоштааст. Яъне сармоя матбуотро ба вуҷуд овард, онро нигоҳ дошт ва инкишофи имрӯзу минбаъдаи он низ низ ба сармоя марбут аст.

Тавре гуфта гузаштем, матбуот минбари фарҳангиву маънавию маърифатӣ аст, ки дар маҷмӯъ нақши тамаддунофариро дар худ касб намудааст. Тамаддуни чанд садсолаи охири ҳаёти аҳли башар ба матбуот пайванди амиқ дорад. С.Гулов аз “нақши нозудудании матбуот дар таърихи тамаддун” [7, с.9-10] ишора менамояд, ки дар пешрафту таҳаввули кишварҳои мутараққии ҷаҳон нақш доштани матбуот дар назар дошта мешавад. Кишварҳое, ки ватани пайдоиши матбуоти чопӣ (Англия, Фаронса, Олмон) мебошанд, натанҳо тамаддуни худро ривоҷ додаанд, балки ба воситаи матбуот дар пешрафти тамаддуни ҷаҳон нақш гузоштаанд. Ин тамоюл дар асрҳои XVI - XVII ба назар мерасид, ки онҳо сарфи назар аз ҳадафҳои ғаразноку холисона бо роҳҳои гуногун дар аксар мамолики ҷаҳон матбуоти худро таъсис дода, дар пайдоши матбуоти миллии он кишварҳо замина ба вуҷуд овардаанд.

Матбуотро бештар бо фаъолияти мухбир ва рӯзноманигор мешиносем. Назар ба ақидаи Н.Бозорзода мухбир ва рӯзноманигор вожаҳоеанд, ки таркиботи мафҳуми матбуотро ташкил медиҳанд: «...матбуот организми мураккабест, ки рӯзноманигор ва мухбир ҷузъе аз вазифаи мураккаби ин организмро иҷро мекунад» [4, с.42-50]. Вожаҳои рӯзноманигору мухбир то ҳадде тафовутеро дар ботини худ нигоҳ доранд ҳам, аммо дар муродифоти маъноӣ ишора ба эҷодкор будани соҳибкаломе доранд, ки ӯ иқтидори тавассути як минбар гуфтани суханро дорад. Ба як пайкари мураккаб монанд намудани матбуот асосҳои маълумеро низ дар пай дорад. Маҳз бо ин ҷиҳат, матбуот бо рӯҳи иҷтимоӣ ва доираҳои уфуқии ҳадафҳои худ дар низоми ҷомеаи муосир ҷойгоҳи амиқро соҳиб аст. Собит гардидааст, ки дар чанд садсолаи охир он як ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи башарӣ ба ҳисоб рафта, чун як таърихнигори рӯз мақом пайдо кардааст. Матбуот танҳо дар назар зоҳири сода дошта, дар асл таркиби он аз мантиқ ва равони амиқе бархӯрдор мебошад, ки ташхису ҷобаҷогузории возеҳи он душвор низ ҳаст. Ҳамин аст, ки имрӯз ҳар як навиштаи матбуот аз чанд равзана (психология, сотсиология, сиёсат, адабиёт, сабк, услуб, жанр ва ғ.) мавриди таҳқиқу омӯзишҳо қарор дода мешавад.

Дар такя ба манобеи зиёди илмиву бадеӣ муҳаққиқи тоҷик Қ.Шарифзода ба истилоҳи матбуот (рӯзнома, газета, маҷалла, ҷарида, нашрия ва ғ.) чунин тафсир додааст: «Газета (рӯзнома), ки бо истилоҳи «ҷарида», «газета», «ахборнома», «номаи рӯз» низ ном бурда мешавад, воситаи чопии матбуоти давриест, ки бо унвон, муассис, санаи табъ, маҳалли чоп, ва дигар мушаххасоти доимӣ, ҳаррӯза, ҳафтаина ва моҳе ду маротиба ба чоп расида, аз воқеаву рӯйдодҳои ҳаёти ҳаррӯза ахбори фаврӣ ва матолиби таҳлилӣ пешкаш менамояд» [14, с.4].

Дар ҳақиқат, матбуоти даврӣ дар худ нишонаҳо ва сифату хислатҳои маълумеро нигоҳ медорад. Тавре зикр гашт, яке аз шинохтҳои классикии матбуот ин хосияти иттилоотии он мебошад. Хосияти иттилоотӣ то кадом андоза даврият доштани матбуотро бозгӯ менамояд. Теъдоди зиёди нашр, қолаби нашр, шакли коғаз, даврияти чашмраси нашр, шаклу намуди зоҳирӣ, банду басти қобили қабул ва дигар ҷузъиёти аввалиндараҷа хосияту сифати матбуот ба ҳисоб меравад. Дар кишварҳои мутараққиву саноатии пешрафта, даврияти матбуот дар дараҷаи баланд қарор дошта, рақобат дар миёни худи рӯзномаҳо бо сифатҳои дар боло номбаршуда дар доираи фаврияту оҷилият пуршиддат низ ҳаст. Албатта, мубрамият, расмият, дар давраи муайян нашр гардидан, оммавияти баланд, хосияти маҷмӯӣ, оҷилияту зудпаҳншавӣ, ба ҳама дастрас будан ва чандин сифатҳои дигар чун хислати азалии матбуот боқӣ мемонанд. То кадом андоза соҳибиятро аз даст надодан нисбат ба ин сифатҳо аз чигунагии фазо ва муҳити иттилоотӣ вобаста аст. Дар ин самт оҷилияту табиати иттилоотӣ муқаддам боқӣ мемонанд: «... Танҳо даврияти чоп барои газетаҳои ҳамарӯза ба табърасанда, бартарияти онҳоро дар фаврӣ расонидани иттилоот таъкид менамояду бас” [14, с.64]. Матбуоти даврии мо аз рӯйи таъйиноту формат чандон маҳдуддоира нест. Дар тасаввури андак ва бо чашми пӯшида ҳам тасаввур кардан мумкин аст, ки кадом нашрия дар кадом қолаби нашр ба дасти хонанда расидааст. Алҳол барои фазои иттилоотии мо анъана гардидааст, ки ҳар як нашрия дар робита ба таъйиноти худ чӣ гуна қолаб (формати нашр) дошта бошад: «Дар таҷрибаи матбааҳои мо шаклҳои чопи А-2, А-3, А-4 маъмул буда, газетаҳои бо ин шаклҳо чопшаванда мафҳумҳои ғайрирасмии «газетаи ҷиддӣ» («Ҷумҳурият»- шакли А-2), «газетаи хондӣ» («Фараж»- шакли А-3) ва «газетаи бонувони хонашин» («Муҳаббат ва оила»- шакли А-4)- ро ба худ гирифтаанд» [14, с.64]. Таъйиноти шартӣ, ё раванди муқаррарии боло марбут ба ҳолати

молиявии нашрия мебошад. Дар мавриди имкон ва иқтидори молиявии нашрияҳои даврии мо ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки аз нигоҳи ҳаҷми саҳифаҳо, сифати қоғаз ва формати худи газета дар дараҷаи баланди инкишоф қарор надоранд. Ин хислат марбут ба кишварҳои пешрафта низ ҳаст, ки онҳо танҳо дар ҳолатҳои алоҳида тиражи нашри худро зиёд мегардонанд. Махсусан, дар Аврупо теъдоди нашр дар рӯзҳои истироҳат афзуда ва миқдори саҳифаҳо низ дар шумораҳои рӯзҳои истироҳат зиёд карда мешаванд. Аммо дар мо ин ҳолат хеле коста аст ва дар сатҳи мутавозун нашр гардидани рӯзномаҳову ҳафтаномаҳо гӯё ба таври қатъӣ риоят мегардад: «Ҳаҷми чопи газетаҳо аломати матбуоти даврӣ аст, ки ба каму зиёд фаро гирифтани иттилоот (маълумот) дар нашрияи муайян ишора мекунанд. Матбуоти даврии мо имрӯз аз газетаҳои 4, 8, 16, 24, 32 саҳифаӣ иборат аст. Ҳаҷми чопии эълоннамудаи газетаҳо вобаста ба санае таърихӣ ва ё таҳозои бозори реклама метавонад тағйир ёбад. Чуноне газетаи «Факты и комментарии»-и Зафар Абдуллоев соли 2009 ба ифтихори яксолагиаш, як шумораашро дар ҳаҷми 100 саҳифа ба табъ расонид ва ё газетаи «СССР», ки маъмулан аз 16 саҳифа иборат аст, моҳи охири соли 2011 ва ибтидои соли 2012 бо иловаи 6 саҳифаи реклама, 22 саҳифаӣ чоп шуд» [14, с.64].

Албатта, зуҳуроти дар боло мисоловардашуда марбут ба фаъолияти комилу доимии иттилоотии нашрияҳо нест ва он ҳама танҳо хусусияти ҷашнномаро касб менамоянд. Яъне, ба тиражи нисбатан бузург нашр гардидан, ба монанди матбуоти якшанбегии олами ғарб зуҳуроти доимӣ нест. Ҳарчанд ба инобат нагирифтани «... талаботи бозори иттилоотӣ» [6, с.13-18] нуфузи матбуотро дар миёни хонандагон ҳеҷ гоҳ зиёд намекунад, аммо раванди инкишофи ҷомеа аз нигоҳи иқтисодиву иҷтимоӣ чун як монеаи аслӣ боқӣ мемонад.

Маълум аст, ки саволи «... газета чист? Даҳҳо ҷавоб дорад ...» [5, с.10] ва наметавон дар доираи чанд ҷумлаи зоҳирӣ ба ҳамаи онҳо ҷавоб пешниҳод кард. Ҳар як шарҳу тавзеҳи ин мафҳум фарогири имкону иқтидори он дар ҷомеа мебошад. Иқтидори нахустину пойдори матбуот ҳамчун навъи классикии ахбор дар низоми иҷтимоии ҳаёт нақши иттилоотиву маълумотбахшии он аст, ки дар партави даҳҳо ҳадафу маромҳои дигар муназзам ташаккул меёбад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуқодир А. Матбуоти оғози садаи бист ва нақши он дар бедории фикрии тоҷик / А.Абдуқодир // Шарофати «Бухорои шариф». - Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2012. – С.57-65.
2. Азимов А. Матбуот ва маҳви бесаводӣ (1928-1940) / А.Азимов. – Душанбе, 2013. – 83 с.
3. Айнӣ, С. Танвири афкор / С.Айнӣ // Шуълаи инқилоб, 1919. - №23. - 7-декабр.
4. Бозорзода Н. Муносибати муаллиф ба рӯйдод ва факт / Н.Бозорзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. - Душанбе: Аржанг, 2006. – С.42-50.
5. Бюхер К. Происхождение газеты / К. Бюхер // История печати: Антология: Том II; сост. Я.Н. Засурский, Е.Л. Вартанова. - М.: Аспект Пресс, 2001. – 494 с.
6. Гулмуродзода П. Хомӯшӣ ва хурӯш дар матбуоти тоҷик / П.Гулмуродзода // Истиқлолият ва журналистикаи муосир. – Душанбе: Аржанг, 2006. – С.13–18.
7. Гулов С. «Бухори шариф» дар таҳқиқи олимони тоҷик / С.Гулов // Журналистикаи байналхалқӣ–IV. – Душанбе, 2012. – С.9-10.
8. Муқимов М. Роҳҳои нави дарёфти даромади матбуоти муосир / М.Муқимов // Журналистикаи байналхалқӣ–IV. – Душанбе, 2012. – С.78-84.
9. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.
10. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ. Китоби дарсӣ / А.Нуралиев. – Душанбе, 2001. – 224 с.
11. Нуралиев А.Н. История отечественной журналистики XX в.Часть 4. Журналистика советского периода (1917-1991). Учебное пособие / А.Нуралиев. – Душанбе: РТСУ. – 2018. – 212 с.
12. Усмонов И. Шуҷоат дар роҳи худогоҳӣ / И. Усмонов // Аввалин нашрияи тоҷикии даврони шӯравӣ (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ ба ифтихори 100-солагии рӯзномаи «Шуълаи инқилоб»). – Душанбе, 2019. – С.8-27.
13. Усмонов И.К. Журналистика. Ҷ.4 / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 474 с.
14. Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) аз таърих, вазифаҳои иҷтимоӣ, таснифот ва сохтори редаксияи он. Воситаи таълимӣ / Қ.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 104 с.

ЧАНД ШИНОХТИ МАТБУОТ АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

Дар мақолаи мазкур дар бораи нақшу мақоми матбуот дар заминаи андешаву афкори муҳаққиқони тоҷик сухан меравад. Ин шинохтро мавҷудияти зиёда аз якасраи матбуоти миллӣ шакл бахшидааст. Рисолати фарҳангиву маърифатии матбуот дар ҳаёти маънавии тоҷикон возеҳтарин падида буд. Матбуоти оғози асри гузашта барои тоҷикон ва халқҳои минтақа нақши омӯзандагиро ба дӯш дошт. Маҳви бесаводӣ ва даъват барои омӯзишу таҳсил аз вазифаҳои меҳварии матбуот ба ҳисоб мерафт. Аввалин нақшу шинохти матбуот ба ҳамин унсур робита дорад. Дар нахустин давраҳои пайдоиш матбуот бо халқият, ташкилотчигӣ ва рисолати маънавии худ дар ҳаёти ҷомеа ҳар замон тағйирот ворид менамуд. Матбуот маданияту маънавиёти навро барои ҷомеа ба миён оварда, маҳбубияту нуфузи худро бо ин роҳ устувор мегардонид. Бо ин рисолати бузург нақши таърихии он муҳаққиқонро бештар ҷалб намудааст. Матбуот дар мавҷудияти худ дар ташаккули муносибатҳои сиёсӣ ва татбиқи идеологияҳо нақши устувор дошт ва дорад. Дар ин самт ҳокимиятдорон аз матбуот ба таври фаровон ҳамчун силоҳи идеологӣ истифода кардаанд. Матбуот ба таври ҳамешагӣ дар таҳти таъсири идеологияи замон қарор мегирад. Нишондодҳо ва ғояҳову барномаҳои

пешгузошташударо ташвиқу тарғиб менамояд. Бо халқияти худ дар чӣ гуна ранг гирифтани зиндагии халқ саҳм мегузорад, ки он ба таври доимӣ дар мадди назари олимон қарор мегирад. Аз рӯйи ақидаи онҳо шинохти дигари матбуот хосияти иттилоотии он ба ҳисоб рафта, бо тай кардани зинаҳои гуногун ташвиқу тарғиб, таҳлилу хулосабарориҳо ва тарбияи маънавию ахлоқӣ ҳамчун вазифаҳои нави он маълум гардидааст. Матбуот аз ҷанбаҳои дигар ба монанди теъдоди зиёди нашр, қолаби нашр, шакли коғаз, даврияти чашмраси нашр, шаклу намуди зоҳирӣ, банду басти қобили қабул ва дигар сифатҳо низ шинохта мешавад. Мубрамият, расмият, дар давраи муайян нашр гардидан, оммавияти баланд, хосияти маҷмӯӣ, оҷилияту зудпаҳншавӣ, ба ҳама дастрас будан ва оҳанги иҷтимоии амиқ доштан ҷузъиёти дигари ин шинохтҳо ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: матбуот, таҳаввулот, маърифат, сиёсат, идеология, мавзӯъ, таҳлил, хулоса, маданият, ҷамъият, рақобат, иттилоот.

АНАЛИЗ МЕСТНОЙ ПРЕССЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В данной статье анализируется роль и место периодических печатных изданий в современной социальной жизни с точки зрения таджикских исследователей. Причиной научного интереса к данной теме служит интенсивное развитие местной прессы и ее активная роль в освещении происходящих событий в конкретное время и конкретном месте. Отмечается, что реализация культурологической и образовательной функции для таджикских СМИ всегда находилась на первом месте. Примером служит появление новых политизированных газет в начале XX века как важного фактора развития таджикской журналистики, в которых главной задачей СМИ являлись ликвидация безграмотности, призыв к получению образования и создание общества, где народ имеет возможность оказывать влияние на ход политического процесса. По мнению автора, именно данный фактор представлял прессу в глазах населения как силу, заставляющую власть быть ответственной за судьбу своего народа. Выполняя зачастую организаторскую и образовательную функции, а также функцию формирования общественного мнения, на данном этапе своего развития пресса способствовала новым изменениям в обществе. Это проявлялось в предоставлении для населения возможности получать новые знания, обогащать свою культуру, что укрепляло социальную и политическую значимость прессы в жизни общества. Пресса всегда выступала в качестве средства политических и идеологических отношений в обществе и способа достижения своих интересов, что неоднократно становилось причиной развития пристального внимания к ней всех политических сил. Подобное суждение создает представление о том, что пресса постоянно находится под влиянием идеологии, как власти, так и различных политических сил, что способствует развитию пропагандистской функции и увеличению материалов, создающих образ конкретной личности, в которой воплощается власть. Тем не менее, по утверждению автора, пресса “волшебная пуля”, которая, так или иначе, оказывает влияние на власть, при этом сохраняя статус “защитника общества”. Исходя их этого, автор ставит перед собой новую задачу: анализ информационной сущности как политического процесса, так и местной прессы. Наряду с пропагандой, анализом, воспитанием, обогащением знаний у читателей, информационная сущность во многом определяет позицию прессы в обществе. Эффективное функционирование прессы также связано с количеством тиража, дизайном, периодичностью, охватываемой территорией, формой собственности, а также подачей информации. Официальность, публичность, оперативность, территория распространения, доступность, социальная значимость также является важнейшими факторами, определяющими место и роль местной прессы в обществе.

Ключевые слова: пресса, культура, политика, идеология, анализ, цивилизация, общественное мнение, информация, конкуренция.

RECOGNITION OF THE PRESS FROM THE PERSPECTIVE OF TAJIK RESEARCHERS

This article discusses the role of the press in the light of opinions of Tajik researchers. This recognition has been shaped by the existence of the national press for more than a century. The cultural and educational mission of the press was most evident in the spiritual life of Tajiks. The press of the beginning of the last century has played the role of educator for Tajiks and the peoples of the region. A lack of illiteracy and a call to study were considered press responsibilities. The first role and recognition of the press relates to this element. In the earliest periods of its existence, the press has always made a difference in the life, organization, and moral mission of the community. The press brought new cultures and morals to the community, thereby consolidating its popularity and influence. With this great mission, its historical role has attracted more researchers. The press has a strong role in shaping political relations and ideologies. In this regard, the authorities have increasingly used the press as an ideological weapon. The press is always influenced by the ideology of the day. It encourages the promotion of ideas and programs. With people, it contributes to how people paint a life that is always in the eyes of experts. According to them, another recognition of the press is its informational nature and through its various stages of advocacy, analysis, conclusions and moral and ethical education have been identified as its new responsibilities. The press is well-known in many other respects, such as the number of publications, the format of the publication, the type of paper, the periodicity of the publication, the appearance and type of packaging, acceptable packaging and other qualities. Other details of these cognitions are: transparency, formality, periodicity of publication, high popularity, complexity, flexibility and frequency, availability and social tone.

Key words: researcher, press, evolution, education, politics, ideology, topic, analysis, conclusion, culture, society, competition, information.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail:чЫ **ADAB-75@mail.ru**

Information about the author: ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** - Tajik national University, Cand.Phil.Sci., the associate professor of the International Journalism department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ADAB-75@mail.ru**

УДК: 07 (575.3)

МАВҚЕИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Сафарова М.А.
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон

Телевизион воситаи эътимодбахши иттилоотии оммавиест, ки дар як муддати кӯтоҳ тавонистааст миёни дигар ВАО мавқеи худро устувор гардонад ва чун дастгоҳи ҳатмии рӯзгор дар ҳар хонадон маскан дорад, яъне аудиторияи васеъро фарогир аст. Ҷойи баҳс нест, ҳангоми сарҷамъона нишастани оила диққати ҳамагон сӯйи телевизион аст, барои кӯдакон телевизион дастрастарин мураббия буда, барои калонсолон мушовир, фароғатбахш, иттилоърасон, саргармкунанда ва иҷрокунандаи дигар вазифаҳои муҳим, ки самти зиндагонии шахсро муайян намуда метавонад, боз ҳам телевизион мебошад. Интернет ҳам тавонистааст дар муддати кӯтоҳ дар ҳаёти ҳаррӯзаи омма мақоми хосса касб кунад ва бо суръати ниҳоят баланди иттилоърасонӣ ҳатто аз дигар ВАО даҳчанд бартарӣ дорад. Имрӯз муҳаққиқон ба саволе ҷавоб меҷӯянд: Оё интернет ҷойи телевизионро гирифта метавонад?

Бе таъхир ва бо боварӣ гуфта метавонем, ки ҷойи телевизион ивазнашаванда аст. Гуфтаи мо бар якчанд далелҳост:

1. Ҳар навгоние, ки ба вуҷуд меояд, он аз миён нарафта, балки такмилу тағйир меёбад. Ҳамин гуна телевизион ҳам бо пайдо шудани интернет дар баробари пайдо намудани рақиби шадид, имконоти навро ба даст меорад: сомонаи худро таъсис дода, дар бораи худ маълумоти бештар медиҳад; барномаҳои телевизиониро ба тариқи онлайнӣ дар дилхоҳ ҷой ва ё сабти онро, ки дар интернет ҷойгир аст, дар дилхоҳ вақт имкони тамошо кардан ба тамошобинон дода мешавад. Муҳаққиқи соҳа Д. Бобоев низ андеша доранд, ки пайдоши интернет ВАО-ро водор намудааст, ки симои муосир касб кунанд: “Интернет боис мегардад, ки аз нав бо шакли нав ВАО-и муосир мутаваллид шавад, ба он симои нав бахшад, онро барои ҳама дастрас намояд, яъне ба нашрияҳо имкон диҳад соҳиби медиаплатформаи хусусӣ шуда, иттилоъро дастраси ҷомеа кунад” [1, с.6].

2. Вақте радио кашф шуд, эҳтимолияти аз миён рафтани матбуот ба вуҷуд омад, аммо бо вуҷуди ба миён омадан ва фаъолияти босамар доштани радио, телевизион ва ҳатто интернет ҳамоно матбуот фаъолият мекунад ва то имрӯз мардум тақдири матбуотро пурхатар меҳисобанд, аммо далел он аст, ки матбуот фаъолият мекунад ва аудиторияи худро дорад. Муҳаққиқи рус Олешко В.Ф. низ дар ин бора андешаҳои ҷолиб пешниҳод карда мегӯяд: “Ҳамаи ин баҳсҳо (дар мавриди аз миён рафтани яке аз ВАО – С.М.) давраи пайдоиши ташаккули синаморо ба хотир меорад, ки ҷонибдорону муқобилон дар мавриди аз миён рафтани театр баҳс мекарданд. Аммо магар театр мурд? ...” [4, с.12]. Пайдост, ки намурда, балки рушду такомул меёбад. Чун телевизион аудиторияи даҳчанд зиёдтар, қудрати таъсиргузории бештар ва имконоти зиёди дастрасӣ дорад, ба дарозумрӣ ва пояндагии он ҷойи шубҳа нест. Тамошои телевизион барои оммаи васею бемаҳдуд одат гардидааст, тарки одат, балои ҷон-гуфтаанд.

3. Дар телевизион нафароне кор мекунанд, ки масъулияти баланд доранд. Барои ҳар сухани гуфта журналист, ҳар навори номувофиқ наворбардору коргардон, ҳар хатогии ҷиддии идеологӣ муассис бояд ҷавоб гӯяд. Ин аст, ки аудиторияи телевизион ба ӯ эътимод мекунанд. Дар интернет ҳар кас ҳар чизе мехоҳад мегӯяд, ҳар навору садое мехоҳад ворид мекунад, аммо маводи телевизион мақсаднок аст ва инро бинанда нагз медонад. Дар асл “Бартарии телевизион нисбат ба интернет дар он мебошад, ки масъулияташ бештар аст ва аудитория низ ин масъулияти телевизионро дарк карда, иттилои онро ҷиддӣ қабул мекунад. Дар интернет касе чизе хоҳад мегӯяд, ки ин аз як ҷониб, ба аудитория писанд аст, зеро истифодабаранда бо гуногунандешӣ ва танқиду таъриф баробар рӯбарӯ мешавад. Аз ҷониби дигар, ин биссёргӯйии интернет метавонад боиси муносибати ғайриҷиддӣ ё эътимоди пурра надоштани аудитория гардад” [7, с.12-13].

Ҷиддияти аудитория ба телевизион аз як ҷониб, вобаста ба масъулияти кормандон бошад, аз ҷониби дигар, ба навор аст, ки журналист бо чашми наворбардор онро манзури бинанда мегардонад ва бинанда худро шоҳид, балки иштирокчии он воқеа ҳис мекунад. Андешаи муҳаққиқи рус гуфтаҳои моро пурра мекунад: “Қудрати тележурналист дар он аст, ки пешниҳоди ӯ диданӣ ва инкорнашаванда аст” [12, с.23]. Дар асл, навори телевизион далел аст ва воқеияти онро бинанда дар кам андар кам ҳолатҳо метавонад инкор кунад. Муҳаққиқони тоҷик А. Саъдуллоев ва М. Шоев бошанд, диданӣ будани телевизионро дар қобилияти бештари ташхис ва ташвиқ доштани он дониста, менависанд: “Аммо муҳимтарин хислати телевизион дидани чизе дар масофаест. Ин дид универсалӣ ва ҳамаҷониба буда, фосилаҳои гуногуни арзу тӯл ва вақтро фаро гирифта, чун муъҷизаи

электронӣ қобилияти ташхис ва ташвиқи ғояҳоро дорад, ки ғолибан аз тариқи шахсҳо, образҳо ба амал меояд” [9, с.6]. Дар асл, тариқи офариниши образу идеал ва ба вуҷуд овардани идеология тавассути телевизион ҳадафи муассис тарғибу ташвиқ карда мешавад. Ҳар телевизион ҳадафи худро дорад, дар баробари ин, аудиторияи телевизион низ, вобаста ба фаҳмишу дарки худ маводи журналистро якхела қабул карда наметавонанд. Аз ин рӯ, барои ба ҳадаф расидан, “диди универсалӣ” [9, с.6] доштани журналист зарур аст, то ки боварии аудиторияро ба даст биёрад. Барои боварии аудиторияро ба даст овардан маводи журналист бояд ҷолиб, диданӣ ва таъсирбахш бошад.

Муҳаққиқони дигар Д. Давронов ва Ҷ. Раҳмонова менависанд: «Фарқияти асосии радио аз телевизион дар он аст, ки радио танҳо ба узви сомеаи инсон таъсир мегузорад, телевизион бошад, ба чашм, нигоҳ, андешаю хулосабарорӣ бевосита таъсир мегузорад» [2, с.12]. Дар асл ҳамин аст, яъне таъсиргузории телевизион ба афкору андеша ва ба психологияи инсон аст, ки диққати оммаро ҷалб мекунад ва ба худ ҳатто тобеъ мегардонад. Муҳаққиқи соҳа А.Саъдуллоев таъкид медоранд, ки азбаски ВАО бо оммаҳо сару кор доранд, табиист, ки журналистон ҳангоми фаъолияти корӣ ба авзои равонии ҷомеа эътибори бештаре медиҳанд. Ба ин далелҳо имрӯзҳо телевизионро на ҳамчун дастоварди техникӣ, воситаи иттилоърасонӣ, балки воситаи тарғибу ташвиқ, таъсиррасонӣ, ё дастгоҳи асосӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ меомӯзанд. Муҳаққиқони рус Пронина Е.Е. [5], Олешко В.Ф. [4], Свик В.Л. [12]., Зелинский С.А. [3], Рошин С.К. ва дигарон дар мавриди хислати тарғиботии телевизион бо таъкид қайдҳо меоранд, ки ҷойи баҳс нест. Муҳаққиқон Ҳамидиён И. ва Абдураҳим Б. телевизионро қувваи бузурге меҳисобанд, ки дар таҳкими сулҳу суботи давлат метавонад мусоидат кунад: “Телевизион қудрати бузурге дорад, ки метавонад ба мустаҳкамии иттиҳоди миллӣ, вусъати истиқлолият, давлати ҳуқуқбунёди воқеан демокративу шаҳрвандӣ мусоидат кунад» [11, с.7]. Бо ин далелҳо аз қудрату тавоноӣ ва таъсиргузорӣ гуфта метавонем, ки мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ устувор аст. Телевизион дар муборизаҳои шадиди иттилоотӣ истодагарӣ карда метавонад. Аммо масъала дигар аст. Сол то сол шумораи телевизионҳои давлатӣ, хусусӣ, тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ зиёд гардида истодаанд. Имконоти дастрасӣ ба телевизион ҳамарӯза бештар мешавад. Чун интихоби бинанда васеъ аст, дигар дар иваз намудани шабака таъхир намекунад. Ин ҳолат кормандони телевизионро водор менамояд, то маҳорату малакаи зиёди касбӣ дошта бошанд. Ҳар дақиқаву сонияи барнома ва намоиши телевизионӣ бояд ба талабот ва завқу шавқи бинанда ҷавобгӯ бошад, вагарна ҳамон лаҳза бинанда ба шабакаи дигар рӯ меорад. Инро ба инобат гирифта, муассисони телевизион барои беҳбуди фаъолияти телевизион ва сифати хуби барномаҳо талош меварзанд, маблағи беандоза зиёд сарф мекунанд. Ҳамаи кӯшишҳо танҳо барои ҷавоб додан ба саволҳои “Чӣ шуд?”, “Кай?”, “Дар кучо?”-и тамошобинон набуда, балки ҳар кадоме ҳадафи ниҳону ошкоро дорад: тарғибу ташвиқ ва дар шуури бинанда ҷой намудани идеологияи (ҳадафҳои) ба назари муассис “мувофиқ” мебошад. Ҳар кадом телевизион вобаста ба самти фаъолият ҳадафҳои гуногунро роҳандозӣ мекунад, вобаста ба шавқу завқи аудитория ва бо назардошти низомномаи дохилии телевизион барномаву намоишҳои ҷолиб таҳия мекунад. Ҳар қадар завқу табъи бинанда ба инобат гирифта шавад, ҳамон қадар бурди телевизион аст. Дар ин маврид баъзан журналистон кӯшиш мекунанд, то сатҳи барномаро ба сатҳи фаҳмиши аудитория мувофиқ кунанд, аммо ин на дар ҳама ҳолат натиҷаи хуб ба бор меорад. Муҳаққиқони соҳа Саъдуллоев А. ва Шоев М. дар бахши дуюми китоби “Асосҳои журналистикаи телевизион”, ки бо тағйиру иловаҳо рӯйи чоп омадааст, дар ин бора чунин андеша баён намудаанд: “Телевизион ҳамеша талаб ва завқи гирандаашро ба инобат мегирад. Вале ин ҷо бояд гӯем, ки на ҳамеша чунин завқу хоҳиш қобили қабул аст. ...журналистон бояд бо амри ақл фаъолият кунанд, аз пайи завқи коҳида нараванд ва суннат, анъанаҳои аҷдодию миллиро сарфи назар накунанд” [10, с.4]. Баръакс журналист бо офаридаи худ бояд дар таҳкими пояи давлатдорӣ, пойдории анъанаву фарҳанг ва арзишҳои миллӣ саҳм гузошта, ҳисси зебоипарастӣ, инсондӯстӣ, сулҳу субот, ҳуввияти миллиро дар замири бинанда ҷой намояд.

Ба ҳамин хотир, ҳар давлат кӯшиш мекунад, ки дар самтҳои гуногун бо назардошти завқи аксарият телевизиони соҳавӣ таъсис дода, фазои холигии иттилоотиро пурра гардонад, то дар ҳама соҳа барои ҳамагон идеяи ягонаи миллӣ бо тарзҳои гуногун роҳандозӣ гардад.

Агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то даврони истиқлолият ва баъди он то 10-12 сол танҳо як телевизиони сартосарӣ фаъолият мекард, баъди солҳои 2000-ум дар баробари таҳаввулоту пешравӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаётӣ дарк гардид, ки фаъолияти телевизионҳои давлатӣ метавонанд дар пешрафти моддиву маънавии ҷомеа хуб мусоидат намоянд. Ин аст, ки 13-соли охир шумораи телевизионҳои сартосарии ҷумҳуриявӣ аз 1 ба 8 расида, дар баробари ин, ба фаъолияти телевизионҳои давлатии минтақавӣ эътибори

махсус дода мешавад. Сарвари давлат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қариб дар тамоми вохӯриҳо бо намояндагони фаъолони ҷомеа дар мавриди сифати телевизионҳои давлатӣ андешаронӣ карда, доимо журналистонро ба устуворӣ дар муборизаҳои иттилоотӣ даъват мекунанд.

Ҳашт телевизиони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои гуногун ва ҳаётан муҳимми ҷомеаро ба инобат гирифта, бо назардошти завқу шавқи бинандагон, мавқеи иҷтимоӣ ва синну сол фаъолият мекунанд. Телевизиони "Тоҷикистон" бештар ба таҳлилу баррасии мавзӯъҳои сиёсӣ, телевизиони "Сафина" ба мавзӯъҳои фарҳангӣ, "Ҷаҳоннамо" ба пешниҳоди иттилои саривақтӣ аз минтақа ва ҷаҳон, "Синамо" вобаста ба завқи дӯстдорони филм, "Баҳористон" вобаста ба завқи кӯдакону наврасон ва "Варзиш"-у "Футбол" пурра барои дӯстдорони варзиш барномаву намоишҳо таҳия менамоянд. Аммо мо гуфта наметавонем, ки фазои иттилоотии Тоҷикистонро маҳз телевизионҳо ба пуррагӣ таъмин менамоянд, зеро фазои иттилоотии Тоҷикистонро сарчашмаҳои иттилоотии бемаҳдуд фарогиранд, аз матбуот то ба радиову сомонаҳои интернетӣ, ки бо усулҳои замонавӣ, истифодаи технологияи пешрафта иттилоъро фавран манзури бинанда мегардонанд. Ин бартарӣ боиси он мегардад, ки ҷомеа ба дигар сарчашмаҳо рӯ оварад. Дар ин асно ба назари мо дар фаъолияти телевизионҳои давлатӣ як зумра камбудиҳо мавҷуданд, ки бартараф шуданашон барои устувории мавқеи телевизион мусоидат мекунад:

–Дар телевизионҳои давлатии Тоҷикистон барномаҳои таҳлилии хуб дида намешавад, ки дар мавзӯи рӯз умқан ворид шуда, хулосаҳои мушаххас пешниҳоди омма гардонанд;

–Баръакс, дар мавридҳои лозима хомӯширо аз иттилоърасонӣ авлотар медонанд. Гӯё пешниҳод намудани воқеа мардумро ба ташвиш меандозад, аммо набояд фаромӯш кард, имрӯз иттилоъ сарҳад надорад. Хабаре нест, ки ба самъи омма нарасад. Дар ин ҳол хуб мешуд, агар дар телевизионҳои давлатӣ тамоми воқеаҳо, аз диди журналистони дохилӣ пешниҳод мегардид;

–Дар телевизиони Тоҷикистон мухбирони минтақавӣ, махсусан, дар берун аз кишвар кам фаъолият мекунанд, ки ин боиси ба телевизионҳои хориҷӣ рӯй овардани аудитория мегардад. Масалан, дар Федератсияи Русия муҳоҷирони тоҷик ниҳоят зиёд ҳастанд ва табиист, ки вазъи ин кишвар барои тоҷикистониён беаҳаммият нест, аммо мухбирони тоҷик бевосита маводе таҳия намекунанд, балки хабарҳои шабакаҳои Русияро гирифта, тарҷума ва пешниҳод мегардонанд. Дар ин ҳол иттилои барои аудиторияи телевизиони Русия омодашуда ба бинандаи тоҷик пешниҳод мегардад.

–Аудиторияи телевизиони "Синамо" ва "Баҳористон" филмҳои тасвириву бадеӣ ва ҳуҷҷатии ватаниро интизоранд, аммо филми тасвирии ватанӣ дар телевизиони кӯдакона қариб, ки нест!

Бо ин мо гуфта наметавонем, ки телевизионҳои тоҷик бартарӣ надоранд, зеро ҳар кадом телевизион аудиторияи худро дорад. Телевизиони "Варзиш" ва "Футбол", аллакай, барои ҷавонон дӯстдоштатарин шабакаҳо гардидаанд. Тамоми мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавиву дохиливатанӣ дар риштаҳои гуногуни варзиш аз ҷониби шореҳони бомаҳорат инъикос мегарданд. Телевизиони "Сафина" барномаҳои хубе барои ҷавонон таҳия мекунад. Телевизиони "Баҳористон" минбари кӯдакону наврасони соҳибистеъдод гардидааст, ки чеҳраҳои навбанавро кашф мекунад. Телевизиони "Синамо" беҳтарин филмҳои баландмазмуни хориҷиро бо сифати баланд дубляж намуда, барномаҳои ҷолибу диданӣ дорад.

Чун рақобати иттилоотӣ шадид аст, ин муваффақиятҳо танҳо нисфи имконоте ҳастанд, ки телевизион ба кормандон додааст. Бояд бо истифода аз беҳтарин мутахассисони соҳа, яъне журналистони соҳибқаламу дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши баланди сиёсиву ҳуқуқӣ ва суханвару сухандон, ҳамқадами замон ва донандаи хуби технологияи муосир барномаҳои телевизиони давлатӣ сифатан беҳтар таҳия карда шаванд. Танҳо дар ин ҳол мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки телевизионҳои давлатии Тоҷикистон дар муборизаҳои иттилоотӣ истодагарӣ намуда метавонанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоев Д. Махсусияти кор дар ВА-и навин ва классик / Д. Бобоев. – Душанбе: Пойтахт, 2018. – 124 с.
2. Давронов Д. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо / Д. Давронов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе: Эҷод, 2007. - 96 с.
3. Зелинский С.А. Манипулирование личностью и массами / С.А. Зелинский. – СПб.: Скифия, 2008. - 240 с.
4. Олешко В.Ф. Психология журналистики / В.Ф. Олешко. – Екатеринбург: Изд-во Урал.ун-та, 2014. – 476 с.
5. Пронина Е.Е. Психология журналистского творчество. 2-издание / Е.Е. Пронина. – М., 2003. – 320 с.
6. Рошин С.К. Психология журналистики / С.К. Рошин. – М.: Наука, 1989. – 192 с.
7. Сафарова М.А. Таъсири телевизион ба афкори ҷомеа / М.А. Сафарова. – Душанбе, 2018. – 172 с.

8. Саъдуллоев А. Начвои начотофарин / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2008. – 112 с.
9. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.
10. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
11. Хамидиён И. Содержательное и жанровое многообразие на таджикском телевидении / И. Хамидиён, Б. Абдурахим. – Душанбе, 2019. – 256 с.
12. Цвик В.Л. Телевизионная журналистика: История, теория практика / В.Л. Цвик. – М: Аспект Пресс, 2004. – 178 с.

МАВҚЕИ ТЕЛЕВИЗИОН ДАР МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Бо пайдо шудани интернет ва дар соҳаи журналистика аз он ба таври васеъ истифода намудан атрофи фаъолияти телевизон ва дурнамои он андешаҳои гуногун миёни омма ва ҳатто муҳаққиқони соҳа ба вуҷуд омадааст. Андешаҳо дар мавриди аз миён рафтан ё ба моли таърих табдил ёфтани телевизион мутахассисони ояндаи соҳаро то ҳадде аз омӯзиши нозукиҳои кори телевизион дур намуда метавонад. Мақсад аз навиштани мақола нишон додани мавқеи телевизион дар системаи воситаҳои ахбори омма ва саҳми он дар муборизаҳои иттилоотӣ мебошад. Дар такя ба андешаи муҳаққиқони ватаниву хориҷии соҳаи журналистика устувории телевизионро дар системаи воситаҳои ахбори омма нишон дода, хулоса шудааст, ки ҷойи телевизион ивазнашаванда мебошад. Ҳар навгоние, ки ба вуҷуд меояд, ҷойи дигарро танг накарда, балки барои падидаи пештара метавонад имконоти навро муҳайё созад. Интернет ҳам барои аудиторияи телевизион имконоти фарохе ба вуҷуд овардааст. Ҳамаи ин ва дигар далелҳо мушахассан дар мақола оварда шудааст. Дар идомаи мақола аз қудрати телевизион ва вазифаи он дар замони ҷаҳонишавӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ сухан меравад. Зина ба зина мушаххасан, аз фаъолияти телевизионҳои давлатии Тоҷикистон андешаҳои муаллиф нишон дода мешавад ва то ҳадде ба фаъолияти онҳо баҳогузорӣ низ мегардад. Ишора карда мешавад, ки замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи телевизионҳои давлатии сартосарӣ зиёд шуда, ҳар кадоми онҳо дар самтҳои муайян фаъолият мекунанд. Телевизионҳои соҳавӣ ба он мусоидат мекунанд, ки мавзӯи барномаҳо мушаххас ва ҳадафҳои муаллиф яқин гардида, барои аудиторияи муайян роҳандозӣ шаванд. Дар мақола баъзе камбудиву норасоиҳо дар барномаҳои телевизионӣ гуфта мешаванд, ки асосаш ба кам будани журналистони соҳавӣ ва таҳлилгарон марбут аст. Аммо бо чунин суръат пешравӣ ва эътибори хосса аз ҷониби ҳукумати кишвар нисбат ба телевизион дурнамои он бартариҳо ва муваффақиятҳои зиёдро пешорӯ меорад.

Калидвожаҳо: телевизион, интернет, ВАО, журналистика, журналист, таъсиргузорӣ, муборизаҳои иттилоотӣ, аудитория, омма,

МЕСТО ТЕЛЕВИДЕНИЯ В ИНФОРМАЦИОННОЙ БОРЬБЕ

С появлением Интернета в нашей жизни и его повсеместного использования в области журналистики среди общества и даже ученых в этой области появились разные мнения. Опасения по поводу исчезновения или превращения телевидения в предмет истории могут в некоторой степени отвлечь будущих профессионалов от телевизионной индустрии. Цель данной статьи заключается в том, чтобы показать роль телевидения в системе СМИ и его вклад в информационную борьбу. Основываясь и опираясь на мнении отечественных и зарубежных исследователей в области журналистики, автор демонстрирует устойчивость телевидения в системе СМИ и делает вывод о том, что телевидение необходимо. Не каждый новый случай имеет место, но может предоставить новые возможности для предыдущего явления. Интернет также предлагает широкие возможности для телевизионной аудитории. Все эти и другие факты четко изложены в статье. Далее в статье описывается сила телевидения и его миссия в эпоху глобализации и информационных войн. Лестница, в частности, основана на деятельности таджикского государственного телевидения и иногда оценивается по ее эффективности. Предполагается, что за годы независимости в Республике Таджикистан число государственных телевизионных каналов по всей стране будет увеличено, и каждый из них будет работать в определенном направлении. Эксклюзивное телевидение помогает прояснить специфику и цели программы и обеспечить руководство для конкретной аудитории. В данной статье освещаются некоторые недостатки, которые в телевизионных программах, в основном появляются из-за отсутствия специализированных журналистов и аналитиков. Однако при таком быстром прогрессе и особом внимании со стороны правительства страны перспективы развития для телевидения будут намного больше.

Ключевые слова: телевидение, интернет, СМИ, журналистика, журналист, влияние, информационная борьба, аудитория, масса.

THE PLACE OF TELEVISION IN THE INFORMATION STRAGGLE

With the appearance of the Internet in our life and its widespread use in the area of journalism, different opinions have appeared among society and even scientists in this field. The ideas about of the disappearance or transformation of television into a subject of history can to some extent distract future professionals from the television industry. The purpose of this article is to show the role of television in the media system and its contribution to the information struggle. Based on the views of domestic and foreign researchers in the area of journalism, he demonstrates the stability of television in the media system and concludes that television is necessary. There is no new case takes place, but can provide new opportunities for the previous phenomenon. The Internet also offers great opportunities for a television audience. All these and other facts are clearly stated in the article. The rest of the article describes the power of television and its mission in the era of globalization and information wars. The staircase, in particular, is based on the activities of Tajik state television and is sometimes judged by its effectiveness. It is assumed that over the years of independence in the Republic of Tajikistan, the number of state television channels throughout the country will be increased, and each of them will work in certain directions. Exclusive television helps clarify the specifics and goals of the program and provide guidance for a specific audience. In this article highlights some of the shortcomings found in television programs, mainly due to the lack of specialized journalists and analysts. However, with such rapid progress and special attention from the government of the country, its prospects for television will be much greater.

Key words: television, Internet, media, journalism, journalist, influence, information struggle, audience, mass.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарова Моҳира Амиралиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **anusha-16@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-862-94-65**

Сведения об авторе: ***Сафарова Мохира Амиралиевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **anusha-16@mail.ru**. Тел.: **(+992) 93-862-94-65**

Information about the author: ***Safarova Mokhira Amiralievna*** – Tajik National University, Candidate of Philology, Senior Lecturer, Department of Television and Radio, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **anusha-16@mail.ru.** Tel.: **(+992) 93-862-94-65**

УДК: 07:492.7.09-3

КАЛИМАЮ ИБОРАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ
(дар мисоли мақолаҳои «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор»)

Мухтори Меҳроҷ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибоси калимаҳо аз як забон ба забони дигар яке аз воситаҳои мукаммал гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон ба ҳисоб меравад. Иқтибосшавии калимаҳои арабӣ ба таркиби забони тоҷикӣ аз асрҳои VII – VIII, яъне аз замони ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна ва вусъат ёфтани дини ислом дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон шурӯъ гардид.

Забони модарии мо, тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар нимаи дуюми ҳазорсолаи аввали мелодӣ, яъне дар асрҳои V-VII мелодӣ тадричан ҷойи забонҳои ба ҳам наздики минтақаи Эронзамини таърихиро (забонҳои форсии миёна, бохтарӣ, портӣ, суғдӣ ва ғайра) гирифт. Дар ибтидои истилои араб бо забони тавонои динӣ, давлатӣ ва илмии ҷаҳони ислом - забони арабӣ дар набарди ҷонсӯз пирӯз гардида, аз садаи IX мелодӣ ба забони расмӣ ва минбаъд забони илмии ин минтақа табдил ёфт [7].

Пас аз зуҳури ислом ва истилои арабҳо раванди иқтибосшавӣ шакли дигар гирифт. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои грамматикии калимаҳои арабӣ аҳаммияти беандоза дорад, зеро онҳо аз ҷиҳати сермаъноӣ нисбат ба вожаҳои тоҷикӣ фарқ мекунанд. Бояд зикр намуд, ки хусусияти грамматикии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар асарҳои устод С. Айнӣ, бахусус дар асари публитсистии «Акнун навбати қалам аст» хеле гуногун аст. Бештари калимаҳои арабие, ки устод С. Айнӣ дар ин асар истифода бурдаанд, ба тобишҳои маъноӣ рӯ ба рӯ гардидаанд. Бинобар ин, омӯзиши хусусиятҳои луғавӣ ва маънои онҳо муҳим аст.

Устод С. Айнӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи адабиёти советии тоҷик дар пешрафти адабиёт ва публитсистика саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ бо асарҳои эҷоднамудаи худ дар рушду нумуи забон ва адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Дар баробари нависанда ва шоир буданаш, ҳамчунин ӯро публитсисти номдор эътироф мекунанд. Бояд зикр намуд, ки «публитсистика ҳамаи методҳоеро меомӯзонад, ки ба маърифати воқеият нигаронида шудаанд» [4, с.37]. Устод С. Айнӣ ҳамчун публитсист бисёр масъалаҳои муҳимми ҳамон давру замон, аз қабили маҳви бесаводӣ, таъсиси мактабҳои нав, омӯзиши забони русӣ, муваффақияту корнамоиҳои заҳматкашони асри XX ва даҳҳо масъалаҳои муҳимми дигари ҷамъятиро бисёр хуб баррасӣ намудааст.

Маврид ба зикр аст, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ қариб дар ҳамаи асарҳои намояндагони адабиёти тоҷик ба чашм мерасанд. Мавқеъ ва корбасти калимаҳои арабӣ дар асарҳои публитсистии устод С. Айнӣ хеле ҷолиби назар аст, чунки дар оғози фаъолияти публитсистии худ, ки ба ибтидои асри XX рост меояд, аз калима ва иборaҳои арабӣ фаровон истифода намудааст. Мо дар ин мақола доир ба мавқеи вожаҳои арабӣ дар мақолаҳои публитсистии «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор», ки яке 13-уми июли соли 1919 ва дигаре 7-уми декабри соли 1919 дар маҷаллаи «Шуъҷаи инқилоб» чоп гардидаанд, мулоҳизаронӣ хоҳем кард.

Дар мақолаи «Оташи инқилоб» устод С. Айнӣ аз калима ва иборaҳои умумиистеъмоли арабӣ: *масъала (مسألة), дастуруламал (دستور العمل), мухлис (مُخلص), шурӯъ (شروع), муқобил (مقابل), ҳимоят (حماية), далел (دليل), таъҳил (تعطيل) ва таклиф (تكليف)* [3, с.9, 10] васеъ истифода бурдааст.

Калимаҳои иқтибосии *масъала (مسألة), дастуруламал (دستورالعمل), шурӯъ (شروع), муқобил (مقابل), ҳимоят (حماية) ва далел (دليل)* калимаҳои арабие мебошанд, ки бо маънои арабиасли худ дар забони тоҷикӣ корбаст мешаванд. Бояд гуфт, ки калимаҳои *таклиф (تكليف)* ва *таътил (تعطيل)* бошанд, дар забони арабӣ умуман ба маъноҳои дигар дар истеъмол мебошанд. Масалан, калимаи таътил (تعطيل) маънои *харобӣ, вайронӣ, корношоямӣ, инкори ҳастии Худо, бехудоӣ (атеизм) ва батаъхирандози* [4, с.818]-ро дорад. Калимаи *таклиф (تكليف)* бошад, дар забони муосири арабӣ ба маъноҳои *вогузории кор, супориш, бауҳдагузорӣ, дастур, фармон ва вазифа* ба кор бурда мешавад. Дар баробари умумиистеъмол ва оммафаҳм буданаш дар забони тоҷикӣ, ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ дар забони арабӣ ба маънои *харҷ, хароҷот (мисол: хароҷоти давлат - تكاليف الدولة), хазина ва андоз* [4, с.1080] корбаст мегардад.

Аз ин маълум мешавад, ки баъзе калимаҳои арабӣ дар натиҷаи ҳазм шудан ва умумиистеъмол гардидан аз маънои аслии худ дур рафта, ба тобишҳои маъноӣ дучор шудаанд. Барои исботи гуфтаҳои боло калимаи *таклиф (تكليف)*-ро метавон мисол овард, ки дар забони тоҷикӣ ба маънои *даъват кардан касеро ба ҷое; таклиф кардан ва даъват кардан (ба меҳмонӣ)* [6, с.295] умумиистеъмол гардидааст.

Ҳамчунин дар нигоштаҳои публитсистии устод С. Айнӣ дар баробари дигар воҳидҳои грамматикии забон, инчунин баъзе калимаю ибораҳои душворфаҳми арабӣ ба чашм мерасад, ки барои хонандаи оддӣ ва нафароне, ки аз забони арабӣ огоҳӣ надоранд, нофаҳмо мебошанд.

Ба воситаи ***афкори соиба****е, ки аз матбуот мегирем, хатти ҳаракати ҳозираи худро муайян ва роҳи истиқболи худро равшан созем [3, с.13].*

Муттафиққо Олмонро ***халъи силоҳ*** *карда ба имзо кардани сулҳи сангин ва ба бешарафӣ водор карданд [3, с.10].*

Калимаи афкор (أفكار) ҷамъи шикастаи арабӣ буда, решааш аз фикр (فكر) таркиб ёфтааст. Калимаи *соиб* (صائب) вожаи арабӣ мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки ибораҳои сифатӣ дар забони арабӣ ба воситаи мувофиқа намудани сифат бо исм дар шумора, ҷинсият, ҳолат ва эъроб сохта мешаванд. Дар ҷумлаи зикршуда асли калимаи *соиба* (صائبة) *соиб* (صائب) аст, зеро агар исм дар забони арабӣ дар шумораи ҷамъи ғайри солим (исмҳои бечон) омада бошад, сифати он дар шумораи танҳои занона, ки аломати он «тои марбута» аст, қарор мегирад. Ибораи афкори соиба (أفكار صائبة)– ро аз рӯйи маъноҳои вожаи *соиб (а)*: *дуруст, саҳеҳ, рост, хуб ва нагз* [4, с.689] дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои *андешаҳои дуруст, ақидаҳои дуруст ва фикрҳои солим* истифода бурдан мумкин аст.

Ибораи дигаре, ки дар мисоли дуюм ба чашм мерасад, аз ҷумлаи ибораҳои душворфаҳми арабӣ ба ҳисоб меравад. Вожаи *халъ* - خَلْعٌ, ки якҷоя бо мафҳуми *силоҳ* омадааст, маъноҳои *кашидан, баровардан, ҳадя кардан ва мукофот (инъом) додан*ро ифода мекунад [4, с.350]. Аз рӯйи маъноҳои он ибораи *халъи силоҳ*ро мазмунан бо ифодаҳои *бо силоҳ таъмин намудан ё силоҳ додан* корбаст намудан мумкин аст.

Ҳамчунин, дар мақолаҳои зикршуда калимаҳои душворфаҳми *мустабидда* (مستبدة), *лоҳоф* (لحاف), *тазйид* (تزييد), *муованат* (معاونة), *мутаффиқин* (متفقين), *маҷҷонӣ* (مجاني), *саман* (ثمان), *хулус* (خلوص) *ва талофӣ*(تلافي) [4, с.350] ба чашм расиданд. Ин калимаҳоро устод С. Айнӣ дар мақолаҳое, ки солҳои 20-ум ба нашр расидаанд, истифода бурдааст.

Ҳангоме, ки ранҷбарони Русия алами инқилобро бардошта моро аз асорати панҷоҳсолаи ҳукумати мустабидда халос карданд,… [3, с.12]; *… сари худро бо лиҳоф печонда мехобем [3, с.12]. Тазйиди маълумот кунонданамон лозим аст* [3, с.12]. *Аз тарафи мутаффиқин ҳимоят ва муованат мебинанд* [3, с.10].

Аз ҷиҳати маънои луғавӣ калимаҳои дар боло овардашуда маъноҳои зеринро ифода мекунанд: *мустабидда*(مستبدة) - *худком, бедодгар, ситамгар, золим, ҷафокор [4, с.94]; лоҳоф* (لحاف)– *кӯрпа, болопӯш, ҷойпӯш [4, с.1109]; тазйид*(تزييد) - *афзун (бештар) кардан, зиёд гардонидан [4, с.520]; муованат*(معاونة) - *ёрӣ, ҳамкорӣ, мадад [4, с.856]; маҷҷонӣ*(مجاني) - *бепул, ройгон [1, с.743]; саман*(ثمان) - *ҳашт, ҳаштяк [1, с.113]; хулус* (خلوص) - *самимият, сидқ, ростӣ, вафодорӣ [4, с.1127].* Калимаи *мутаффиқин* бошад, дар асоси ҷамъбандии солими мардонаи забони арабӣ сохта шудааст ва маънои *ҳампаймонҳо*ро дорад.

Маврид ба зикр аст, ки калимаҳои зикршуда дар забони ҳозираи тоҷик ҷариб ба чашм намерасанд. Ин гуна калимаҳоро ба иқтибосоти архаистӣ ворид намудан мумкин аст.

Ҳамчунин, устод С. Айнӣ дар ин ду мақолаи худ зарфҳои забони арабиро истифода намудааст. Бояд зикр намуд, ки як қисмати иқтибосоти арабиро дар забони тоҷикӣ зарфҳо ташкил медиҳанд. Профессор Бердиева Т. дар асари худ «Назарияи иқтибос» се навъи маъмули зарфҳои иқтибосии арабиро зикр намудааст [2, с.125]. Дар мақолаҳои зикршуда танҳо зарфҳое, ки ба воситаи пешояндҳои арабии بِ (би) - *бо*, فِي (фӣ) - *дар* ва عَنْ (ъан) - *дар*

бораи, аз; сохта шудаанд, ба чашм мерасанд. Ин пешояндҳо бо дигар калимаҳо якҷоя омада, ҳиссачаҳои зарфиро ташкил намудаанд:

Барои эътироз ва нафрат аз ин тааддӣ дар ҳамаи Олмон, Англис ва Итолиё шарораи оташи таъмили коргарон баланд шуд, ки ***анқариб*** *ин ба оташи инқилоби иҷтимоӣ мубаддал хоҳад шуд [3, с.10].*

Лекин мо – туркистониён умуман дар зарфи панҷоҳсола асорати ҳукумати мустабиддаи рус мактаб ва мадориси куҳнаи худро барбод дода, дорулилмҳои нав кушода натавониста, ***билкулия*** *аз илму маърифат маҳрум мондем* [3, с.13].

Дар зарфи ду сола (и) инқилоб бародарони ӯзбекамон ***филҷумла*** *ба рӯзнома ошно шудаанд* [3, с.13].

Пешоянди عَنْ (ъан) яке аз пешояндҳои серистеъмоли забони арабӣ буда, он вобаста ба мавқеаш дар ҷумла якчанд маъноро ифода мекунад. Масалан, маънои луғавии он: *дар бораи, аз;* мебошад. Ҳангоми бо дигар калимаҳо якҷоя омадан аз маънои луғавии худ каме дур меафтад. Масалан, устод С. Айнӣ зарфи ***анқариб*** (عَنْ قَرِيب)-ро, ки ба воситаи пешоянди عَنْ (ъан) сохта шудааст, ба маънои *ба наздикӣ, ба қарибӣ [4, с.980]* дар мақолаи худ мавриди истифода қарор додааст.

Пешоянди (би- بِ – *бо, ба*) низ бо дигар калимаҳо якҷо омада, зарфҳои арабӣ месозад. Он бо калимаи *кул* (كُلّ) якҷоя омада, маънои *пурра, саросар ва тамоман*ро ифода мекунад*[4, с.1077]*.

Пешоянди дигаре, ки дар боло ишора шудааст, пешоянди (фӣ -فِي - *дар*) мебошад. Ин пешоянд ҳам яке аз пешояндҳои зарфсози забони арабӣ ба ҳисоб меравад. Он дар ҷумлаи овардашуда ба маъноҳои *аз ҷумла, дар маҷмӯъ* ба кор бурда шудааст.

Хулоса, дар мақолаҳои «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор» -и устод Садриддин Айнӣ шумораи зиёди калимаю ибораҳои умумиистеъмол, душворфаҳм ва зарфҳои таркибии арабӣ ба назар расиданд, ки як қисмати онҳоро метавон ҳамчун иқтибосоти архаистӣ ном бурд. Иловар бар ин, бояд ишора намуд, ки устод С. Айнӣ дар ибтидои фаъолияти публитсистии худ аз калимаю ибораҳои душворфаҳми арабӣ бештар истифода бурдааст. Ин равиши корбасти калимаҳои арабӣ дар фаъолияти марбутаи ӯ дар солҳои 40-уми асри бист кам ба назар мерасад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь / Х.К. Баранов. -Москва: Издательство «Русский язык», 1977. – 994 с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. - Душанбе, 1991. - 128 с.
3. С. Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 9 / Айнӣ С. - Душанбе: Ирфон, 1969. – 416 с.
4. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ - тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ. - Душанбе: Эр - граф, 2010. – 1564 с.
5. Солеҳов Н. Муаммои назарияи публитсистика. (Маводи дарсӣ) / Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. - Душанбе: Эр-граф, 2015. – 184 с.
6. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (ҷилди 2). - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
7. [Захираи электронӣ]. http://kmt.tj/zaboni-tochiki-va-ravandi-chakhonigaroi [санаи истифода 15.05.2019].

КАЛИМАЮ ИБОРАҲОИ ИҚТИБОСИИ АРАБӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С.АЙНӢ

(дар мисоли мақолаҳои «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор»)

Дар ин мақола доир ба мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ сухан меравад. Муҳаққиқ дар заминаи маводҳои дардастдошта, бахусус мақолаҳои «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор» мавқеи калимаҳои арабиро таҳлил намуда, нақш ва мавқеи онҳоро дар матн нишон додааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки мавқеи калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ, бахусус дар калимасозӣ хеле муҳим мебошад. Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба мавқеи калимаҳои арабӣ дар осори публитсистии устод С. Айнӣ ва тобишҳои маънои онҳо дода шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки устод С. Айнӣ истифода намудани калимаҳои арабиро дар осори худ зина ба зина коҳиш додааст. Муҳаққиқ ёдовар мешавад, устод С. Айнӣ дар ибтидои фаъолияти эҷодии худ аз калимаву ибораҳои арабӣ фаровон истифода намудааст. Аз маводи мақола маълум мешавад, ки бо гузашти замон ва рушду густариш ёфтани забони тоҷикӣ мавқеи корбасти калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ то як андоза кам гардидааст. Бояд зикр намуд, ки дар таркиби луғавии тамоми забонҳои дунё калимаҳои бегона ба назар мерасанд, ки ин як роҳи бой гардидани таркиби луғавии забонҳо ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ ба он назар аст, ки дар мақолаҳои «Оташи инқилоб» ва «Танвири афкор» калимаҳои иқтибосии арабӣ хеле зиёд дида мешаванд, ки ин ҳолат дар мақолҳое, ки устод С. Айнӣ дар солҳои 30 ва 40-ум навиштааст, он қадар ба назар намерасад.

Калидвожаҳо: публитсистика, «Оташи инқилоб», «Танвири афкор», иқтибосоти арабӣ, душворфаҳм, умумиистеъмол, забони арабӣ, забони тоҷикӣ.

ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА И СЛОВОСОЧЕТАНИЯ АРАБСКОГО ЯЗЫКА В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ СТАТЬЯХ С. АЙНИ

(на примере статьи «Огонь революции» и «Свет мысли»)

В данной статье речь идет о месте заимствованных слов арабского языка в публицистике С. Айни. Автор на основе имеющихся данных, в частности статей «Огонь революции» и «Свет мысли», анализирует арабские слова и показывает их роль и место в тексте. Автор подчёркивает, что место арабских слов в таджикском языке, особенно в словарном запасе таджикского языка, для словообразования очень важна. В статье особое внимание уделено

месту арабских слов и их различных значений в творчестве устода С. Айни. Исследование показывает, что в своём творчесте устод С. Айни в дальнейшем последовательно уменьшает использование арабских слов. Исследователь напоминает, что в начале свого творчества писатель очень широко использовал арабские слова и выражения. Из материалов статьи следует, что по проишествию времени,со становлением и развитием таджикского языка использование арабских заимствований в таджикском языке в какой - то мере уменьшилось. Следует отметить, что в словарном запасе всех языков наблюдается использование иностранных слов, что является одним из способов обогащения словарного запаса языка. Исследователь считает, что в статьях «Огонь революции» и «Свет мысли» наблюдается использование большого количества арабских заимствованных слов, использование которых в меньшей степени замечалось в его статьях, написанных в 30 и 40-тых годах.

Ключевые слова: публицистика, «Огонь революции», «Свет мысли», арабские слова, малопонятный, общего пользования, арабский язык, таджикский язык.

ARABIC BORROWED WORDS AND PHRASES IN AINI'S JOURNALISTIC ARTICLES

(The examples from the articles "The Fire of the Revolution" and "The Light of Thought")

This article deals with the place of Arabic borrowed words and expressionism S. Ayni`s publicity works. The author of the article analyzes the Arabic words and shows their role and place in the text on the basis of the available data, particular in the articles "The Fire of the Revolution" and "The Light of Thought". The author emphasizes that the place of Arabic words in the Tajik language, especially in the vocabulary of the Tajik language, in particular for word formation is very important. The article focuses on the place of Arabic words and their various meanings in the works of S. Aini. The study shows that in his creative work the way of S. Aini subsequently consistently reduces the use of Arabic words. The researcher recalls that at the beginning of his work, the writer made extensive use of Arabic words and expressions. From the materials of the article it follows that the occurrence of time, with the formation and development of the Tajik language, the place and use of Arabic borrowings in the Tajik language has somewhat decreased. It should be noted that the use of foreign words is observed in the vocabulary of all languages, which is one of the ways to enrich the vocabulary of the language. The researcher believes that in the articles "The Fire of Revolution" and "The Light of Thought" there is observed the use of a large number of Arabic borrowed words, the use of which was less noticed in his articles written in the 30s and 40s.

Key words: journalism, "Fire of revolution", "Light of thought", Arabic words, incomprehensible, of common use, Arabic language, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мухтори Меҳроҷ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии факултаи журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: muhtor.91@mail.ru**.** Тел.: **(+992) 918-91-50-71**

Сведения об авторе: ***Мухтори Мехродж*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры иностранных языков факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: muhtor.91@mail.ru**.** Тел.: **(+992) 918-91-50-71**

Information about the author: ***Mukhtori Mehroj*** - Tajik National University, assistant of foreign languages of faculty of journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: muhtor.91@mail.ru**.** Tel.: **(+992) 918-91-50-71**

УДК: 070 (575.3)

ВИЖАГИҲОИ БАЪЗЕ САҲИФАҲОИ МАХСУСИ РӮЗНОМАИ «ҶУМҲУРИЯТ»

Раҳмонзода Фаридун Умарбек
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нашрияи «Ҷумҳурият» дар низоми матбуоти даврии муосир аз ҳар ҷиҳат бартарӣ ва афзалият дорад, ки инро метавон дар мундариҷа, ороиш, тарзи таҳия, гуногунжанрии мавод ва қобилияти нигорандагии журналистони он нисбат дод. Сарфи назар аз он ки баъзан вақт бештари маводи ин рӯзномаро қонуну қарорҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, вале муносибати он ба воқеаҳои иҷтимоӣ холисона буда, дар инъикосу баррасии муҳимтарин масоили рӯз ва ба ин васила баланд бардоштани маърифати иҷтимоии ҷомеа ҳамвора талош мекунад. Яъне, бо вуҷуди нашри матолиби калонҳаҷми сиёсиву иҷтимоӣ ва қарору қонунҳои ҳукумати кишвар, ҳуқуқи хонандагони гуногунсавияи худро поймол накарда, бо роҳу василаҳои гуногун кӯшидааст, ки мутобиқ ба завқу салиқаи ҳама қишрҳои ҷомеа матлабҳои гуогун ва ҷолибро рӯйи чоп орад. Ин андешаро муҳаққиқ М. Муродов ҳам зикр кардааст: «...нашрия ҳуқуқи хонандагонашро маҳдуд накардааст, балки ҳангоми чопи асноди расмӣ талаботи эшонро низ ба назар гирифта, ба эҳтиромашон қоил шудааст» [4, с.350]. Пеш аз ҳама, бо таъсиси гӯшаву саҳифаҳои алоҳида ва ҷустуҷӯйи усулҳои наву ҷолиб дар даврaҳои гуногун нашрия тавонистааст, ки аз як тараф, мундариҷаи мавзӯоташро мувофиқ ба завқи аудитория шакл диҳад, аз ҷониби дигар, дар низоми матбуоти даврии тоҷик нақши матбуоти гуногунтипро ба ҷо орад. Дар ин ҷода ба ҷуз аз мундариҷаи умумӣ, инчунин нақши гӯшаву саҳифаҳои алоҳидаи он, ки тӯли солҳои гуногун нашр шудаанд, барои баҳо додан ба муҳтавои нашрия, ашколи жанрӣ, рангорангӣ ва ҷолибияти мундариҷаи он кумак

мерасонанд. Агар замимаву саҳифаҳои нашркардаи рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро дар муддати 95 соли фаъолияташ як ба як номбар кунем, феҳристи калоне ҳосил хоҳад шуд. Як бахши ин саҳифаву гӯшаҳо аз нигоҳи мазмуну мундарича ба ҳам шабоҳат доранд. Биноан, мо дар ин пажӯҳиш ба мундаричаву махсусиятҳои жанрии муҳимтарин замимаву саҳифаҳои алоҳидаи нашрия ва нақши онҳо дар ҷолибсозии мундаричаи он таваҷҷуҳ мекунем.

Дар ин ҷо ба як нукта бояд таваҷҷуҳ кард, ки то замони нашри рӯзномаи «Бедории тоҷик» (15-уми марти соли 1925) анъанаи таъсиси гӯшаву саҳифаҳои алоҳида дар нашрияҳои тоҷикӣ аз ҷаридаи ҳафтавори «Шуълаи инқилоб» оғоз мегирад, ки шумораи нахустинаш соли 1919 ба табъ расидааст. Шурӯъ аз шумораи 21-ум ин ҷарида гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна»-ро ташкил дод, ки дар он фелетону памфлет, мақолаҳои ҳаҷвию танқидӣ нашр мешуд. Матолиби ин гӯша, асосан ҳаҷвию танқидӣ буда, бар зидди онҳое нигаронида шуда буд, ки нисбат ба давлату миллат хиёнату бадкирдорӣ ва ё ҳаракати ношоистае анҷом медоданд. Муҳаққиқ И. Усмонов «Тозиёна»-и «Шуълаи инқилоб»-ро «модари матбуоти ҳаҷвии тоҷик» [6, с.89] арзёбӣ кардааст. Ин нуктаро муҳаққиқ М. Муродов низ таҳвият бахшида, таъкид медорад, ки дар саргаҳи анъанаи таъсиси гӯшаҳои ҳаҷвӣ, ки дар матбуоти солҳои 1920 – 1930-и тоҷик зуҳур кард, «Тозиёна»-и «Шуълаи инқилоб» қарор дошт, ки тарҳи нави ҳаҷв – ҳаҷви матбуотиро асос гузошт [3, с.178].

Дар рӯзномаи «Бедории тоҷик», ки асосан, дар пайравӣ ба сабки рӯзномаҳои гузашта мундаричаи мавзӯоташро шакл медод, чунин гӯшаҳои ҳаҷвӣ бо номи «Торсакӣ», «Гӯшмол» ва баъдан дар «Тоҷикистони сурх» иловаи ҳаҷвиии «Калтак» падид омаданд. Муҳтавои матолиб ва тарзи ороиши ин гӯшаҳо ба он сабки саҳифаҳои алоҳидае, ки рӯзномаҳои қаблии тоҷикӣ доштанд, шабоҳат дорад. Як сабаби монандии ин гӯшаву саҳифаҳо ин буда метавонад, ки он замон шароити матбааҳо ба мисли замони имрӯз имкони дар қолабҳои гуногун ороиш додану чоп кардани рӯзномаро надошт. Сабаби дигар он ҳам буда метавонад, ки аксар дастандаркорони рӯзномаи «Бедории тоҷик» нафароне буданд, ки таҷрибаи фаъолият дар рӯзномаҳои дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро нашрмешударо доштанд. Бинобар сабабе, ки дар бастаҳои солҳои аввали рӯзнома на ҳамаи шумораҳояш маҳфуз мондаанд, дар хусуси баъзе аз гӯшаҳои он, аз қабили гӯшаи ҳаҷвии «Торсакӣ» мо танҳо аз нигоштаҳои баъзе муҳаққиқон ва хотираҳои кормандони собиқи он мехонем. Вале саҳифаи ҳаҷвии «Гӯшмол» нисбат ба дигар гӯшаву саҳифаҳои зикршуда маъруфияти бештареро касб карда, мундаричаи он матолиби зиёдеро ҳам фарогир мебошад.

Яке аз саҳифаҳои хосса, ки дар солҳои аввали нашри ин рӯзнома маъруфияти зиёдеро бархӯрдор гашт, «Ҷавонони ленинии Тоҷикистон» мебошад. Кормандони рӯзномаи «Бедории тоҷик» аз давраи шурӯи фаъолияти ин нашрия ниёзи ҷавононро ба матбуот дарк намуда, «Саҳифаи ҷавонони ленинӣ»- ро нашр карданд. Бори аввал ин саҳифа дар санаи 16-уми моҳи июни соли 1926 нашр шудааст. Ин саҳифа ҳафтае як маротиба мебаромад ва дар он, асосан аз ҳаёти ҷавонони тоҷик, ки дар деҳот бар зидди душманони инқилоб, хусусан дастаҳои босмачигарӣ барои ташкил ва пойдории ҳокимияти вақт муборизе мебурданд, матлабҳои гуногун нашр шудааст. Ҳамчунин баъзе аз шеъргунаҳои ҷавононро низ рӯзнома дар ин саҳифа дарҷ кардааст. Ба андешаи муҳаққиқи таърихи журналистикаи тоҷик И. Усмонов «Чизи хеле пурқимати ин саҳифа хабару мақолаҳои худи ҷавонон буд, ки дар онҳо аз кору бор ва ҳаёташон ҳикоя менамуданд» [6, с.118]. Ба ҷуз ин дар ин саҳифа қарору ҳуҷҷат ва дигар дастуру нақшаҳои созмони ҷавонони тоҷик дарҷ мешудааст. Дар умум ин саҳифа барои пешрафти ҳаёти маънавии ҷавонон, хусусан саводнок кардан ва ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб сохтани онҳо дар ин солҳои душвору тангӣ мадад кардааст.

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар нимаи дуюми солҳои 20-ум барои таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳои дигар ҳам аз лиҳози кадрӣ мадад кардааст ва ҳам барои таъсиси матбуоти мувофиқ ба ҳар як қишри ҷомеа замина фароҳам овардааст. Аз ин рӯ, устод С. Айнӣ, ки худ ходими фаъоли рӯзнома буд, онро «модари матбуоти Тоҷикистони советӣ» [1, с.323]. номидааст. Яке аз муҳаққиқони таърихи матбуоти шӯравии тоҷик Қодиров А. заминаи пайдоиши рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»-ро (5-уми апрели соли 1930) ба саҳифаи «Ҷавонони ленинии Тоҷикистон», ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» нашр мешуд, нисбат додааст [2, с.166]. Таъсиси рӯзномаи ӯзбекии «Қизил Тожикистон» (соли 1929) (ҳоло «Халқ овози») низ ба фаъолияти рӯзномаи «Ҷумҳурият» алоқаманд аст. Бо назардошти аҳолии ӯзбектабори Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи «Бедории тоҷик» баъзан бо забони ӯзбекӣ низ дар ҳаҷми як ё ду саҳифа мавод нашр мекард. «Ӯзбекони Тоҷикистон бори аввал I-XII соли 1926 ба забони модариашон аз воқеоти рӯз хабардор шуданд. Ин саҳифаи ӯзбекии «Тоҷикистони Сурх» буд, ки ба муносибати анҷумани якуми Шӯроҳои ҶМШС Тоҷикистон баромад. Дар ин саҳифа ҳуҷҷатҳои анҷумани якуми Шӯроҳо, хабарҳо аз ҳаёти Тоҷикистон чоп шуда буданд. Боз ду саҳифаи ӯзбекии «Бедории тоҷик» 6 – XII ва 21-

1 1927 интишор ёфтааст. Аввали октябри соли 1928 бошад, ҳукумат қарор медиҳад, ки ҳамчун иловаи «Тоҷикистони Сурх» ҷаридаи «Қизил Тожикистон» дар ними ҳаҷми он ташкил карда шавад» [6, с.122]. Баъди ба «Тоҷикистони Сурх» табдили ном кардани рӯзномаи «Бедории тоҷик» аз 8-уми октябри соли 1928 иловаи ӯзбекии он «Қизил Тожикистон» низ дар ҳаҷми ду саҳифа ба ин рӯзнома илова мешавад. «Дар аввал номунтазам, баъдтар ҳар ҳафта як бор ин ҷарида чоп мешавад. Муҳаррири «Тоҷикистони Сурх» дар як вақт муҳаррири «Қизил Тожикистон» ҳам ҳисоб меёфт. То ташкили ҶШС Тоҷикистон ин рӯзнома 18 шумора чоп шуд ва баъд ҳамчун органи ӯзбекии КМ ҲК (б) Тоҷикистон ва КИМ-и ҷумҳурӣ мустақилона мебарояд [6, с.122].

Дар солҳои 20-ум ва 30-юм яке аз масъалаҳои меҳварии матбуоти навтаъсиси тоҷик мубориза барои озодии занону духтарон, ҳимоя аз ҳуқуқҳои онҳо, аз ҷумла ба таҳсил ва корҳои ҷамъиятӣ сафарбар кардани бонувон буд. Рӯзномаи «Бедории тоҷик» ва баъдан «Тоҷикистони Сурх» вобаста ба муҳиммияти ин мавзӯъ дар гӯшаву саҳифаҳои алоҳидаи худ ба унвони «Гӯшаи занон» садҳо хабару мақолаҳоро чоп карда, камбудиву муваффақиятҳои ин ҷабҳаро ошкор кардааст. Дар саҳифаи «Гӯшаи занон» асосан, мавзӯъҳои хариду фурӯши духтарону занон, қалингирӣ, ки аз одатҳои куҳнаи замони феодалӣ буд, маҳкум ва масоили фаранҷипартоӣ ва ба таҳсил ва корҳои ҷамъиятӣ ҷалб гардидани занону духтарон мудом таблиғ мешуд. Дар ин солҳо рӯзномаи «Бедории тоҷик» зери шиорҳои «Мубориза ба муқобили қалингирӣ», «Фаранҷипартоӣ», «Занони озоди шӯроӣ» матолиби гуногун нашр кардааст. Таъсиси чунин гӯшаҳо агарчи, аз як тараф, василаи ғанӣ гардонидани мавзӯъ ва мундариҷаи нашрия дониста шавад, аз ҷониби дигар, ҳимояи ҳуқуқҳои ҷавонон, хусусан духтарону занони тоҷик мебошад, ки он замон рӯзгори сангинеро бар дӯш доштанд. Бо назардошти он ки дар он замон нашрияҳои дигаре барои ҳар як қишри ҷомеа, алалхусус ҷавонон ҳанӯз вуҷуд надошт, таъсиси гӯшаву саҳифаҳои алоҳида барои ҷавонон, аз он ҷумла бонувон дар рушди маънавии онон нақши муассир дошта метавонист.

Баъдан шеваи таъсиси гӯшаву саҳифаҳои алоҳида дар рӯзномаи «Бедории тоҷик» ба ҳукми анъана даромад. Дар солҳои 1926-1930, аллакай, «Бедории тоҷик» саҳифаҳои махсуси «Алифбои нав», «Гӯшмол»-ро таъсис дод, ки ҳар кадоме вобаста ба марому мақсад масъалаҳои гуногунро матраҳ мекарданд. Дар гӯшаи «Алифбои нав» хусусиятҳои алифбои лотинӣ, ки ҷумҳурӣ тағйири алифбои арабиро ба лотинӣ яке аз силоҳҳои сохтмони низоми нав ҳисоб мекард, тавзеҳ дода шудааст, ки як навъ маълумот барои омӯзиши ин хат аст.

Яке аз маъмултарин саҳифаҳои хондани дар ин солҳо гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол» аст, ки он одатан дар саҳифаи 3-юми нашрия ҷой дода шудааст. Саҳифаи «Гӯшмол» дар рӯзнома нисбат ба дигар саҳифаву гӯшаҳо ҳам аз ҷиҳати ороиш ва ҳам сабку услуби нигориш ҷойгоҳи хоссаро касб кардааст. Матолиби ин бахш, аслан дар қолаби ҳаҷви публитсистӣ таҳия шуда, дар онҳо диалогҳои нештарзан, нақлҳои аҷоиб, таъқиду танқидҳо дар васфи мансабдорон, нафарони ноуҳдабарову танбалон ва коргурез ҷой дода шудааст. Бинобар хусусияти танқидӣ доштан, маводи ин гӯша бештар бо имзои мустаор, ба монанди Ханҷар, Маданиятнок, Бедин ва монанди ин нашр шудаанд. Ҳаҷвияҳои ин гӯша дар қолаби шеър, муаммо ва баъзан матнҳои фелетонгуна эҷод шудаанд, ки танҳо ҳадафи хандониданро надоранд, балки дар онҳо аъмоли душманони ниқобпӯш, ғоратгарон, инсонҳои мутакаббир фош гардида, ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо низ тақозо карда мешавад. Масалан, 3-юми январи соли 1928 «Бедории тоҷик» дар ин гӯша як қатор шеърҳои ҳаҷвиро ба унвони «Ба муносибати соли нав» нашр кардааст, ки аз онҳо ҳадафу самти фаъолияти ин гӯшаро метавон пайдо кард.

Соли нав шуд менависад «Гӯшмол»,
Ҳаҷвҳои обдору бемисол.
Эй гурӯҳи каҷраву дӯлобкор,
Гар нагардӣ рост аз ҳаҷваш манол.

Соли нав шуд менависам ман хабар,
Мекунам ёрӣ ба «Гӯшмол» аз дигар.
Баднамоёнро зи нӯги хомаам,
Мефарорам калтаке бар фарқи сар (Ханҷар).

Як хусусияти ҳаҷви матбуоти даврии ин солҳо дар тарғиби ҳаёти нав ва танқиду мазаммати ҳаёти гузашта ва урфу одатҳои куҳна зоҳир мешавад. Ба ин минвол дар ҳаҷвиёти ин саҳифа хислату характери одамони танбалу коргурез, хушомадгӯву туҳматчӣ, майзада, ҳаннот, хурофотпараст ва мансабпараст мавриди тасвиру мазаммат қарор гирифтааст. Ба ҷуз аз матнҳои ҳаҷвӣ расму карикатураҳои ин саҳифа низ ҷолиби диққатанд. Дар умум ҳаҷви ин гӯша рӯҳияи замонаро вонамуд мекунад ва ҳар як амали

ифшошуда дар маҷмӯъ масоили доғи он замон ба ҳисоб меравад. Хусусияти дигари фарқкунандаи саҳифаи ҳаҷвии «Гӯшмол» он аст, ки дар бештари шумораҳои он бахши «Луғат ва истилоҳоти мо» ҷой дорад. Дар ин бахш рӯзнома ба хонандагон шарҳи калимаву истилоҳҳои душворфаҳми дар матнҳои ин гӯша истифодашударо нашр кардааст. Шарҳу тафсирҳо гоҳо оҳанги ҳаҷвӣ пайдо кардаанд.

Дар соли 1929 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» замимаи иловагие бо номи «Ҷаҳоннамо» таъсис медиҳад, ки дар шакли маҷалла нашр шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ И. Усмонов дар ин замима «...ба василаи расм ва матни шарҳӣ дар бораи воқеаҳои муҳимми сиёсӣ сухан меравад ва дар ин мавзӯъ коррикатура низ дорад» [5, с.118]. Худи нашрия низ дар шумораи 11-ум аз 27-уми январи соли 1929 ба хонандагон аз ба роҳ мондани нашри маҷаллаи «Ҷаҳоннамо» мужда дода, онҳоро огоҳ мекунад, ки маҷаллаи мазкур иҷтимоӣ, сиёсӣ ва илмӣ буда, ҳар моҳ як шумора бо расмҳои зебо нашр мешавад. Дар ин эълон зикр мешавад, ки «агар соҳибқаламони тоҷик бо ин маҷаллаи тоҷикӣ иштирок намуда, инчунин хонандааш бисёр шавад, албатта, мумкин аст, ки дар оянда ҳар моҳ ду бор нашр карда шавад» (Т.С. 1929. – 27 январ). Дар шумораи 139-ум аз 2-юми декабри соли 1929 рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» мактуби яке аз хонандагонашро нашр кардааст, ки он ҷо дар бораи вусъат бахшидан ба фаъолияти рӯзномаи «Тоҷикистони сурх», аз ҷумла давом додани нашри маҷаллаи «Ҷаҳоннамо» таъкид карда мешавад. Ин нома аз номи яке аз муаллимони округи Панҷакент навишта шудааст, ки дар он чунин гуфта мешавад. «Хабарҳо ва мақолаҳое, ки дар ин рӯзнома чоп мешаванд, забонашон оммафаҳм нест. Ба чӣ орзу ва ҳавасҳо як журноли «Ҷаҳоннамо» бароварда шуд ва боз хобид. Аз барои нест кардани ин камбудиҳо бояд, ки мухбирон ва мухбирагоне, ки дар Хуҷанд, Исфара, Конибодом ҳастанд, онҳо ба корҳои рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» кашида шаванд. Забони ин рӯзнома сода ва оммафаҳм карда шавад. Дар ин рӯзнома саҳифаҳои адабиёт кушода, филитунҳо навишта шавад... Инчунин журноли «Ҷаҳоннамо» ҳам аз хоб бидор карда, ба кор дароварда шавад». Маҷаллаи «Ҷаҳоннамо» дар моҳи феврали соли 1929 дар ҳаҷми 18 саҳифа аз ҷониби ҳайати кормандони рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» интишор шудааст. Дар шиносномааш худро маҷаллаи нафис ва мусаввир эълон кардааст. Аз таҳлили мундариҷаи матолиби маҷаллаи «Ҷаҳоннамо» ба чунин хулоса метавон расид, ки ин нашрия дар таърихи матбуоти тоҷик нахустин кӯшиш барои таъсиси матбуотест, ки сирф ба масъалаҳои дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ бахшида шудааст. Мундариҷаи онро мақола ва хабарҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмии бо расмҳои зебо ороишёфта ташкил медиҳад.

Гӯшаи махсуси дигари ин нашрия «Адабиёт» ном дорад. Зери ин гӯша асосан шеърҳои устод Лоҳутӣ, С. Ҷавҳаризода (бештар бо номи Суҳайлии Уротеппагӣ), Муинзода, Азизӣ ва шоирони дигари замон нашр шудаанд. Шеърҳои ин саҳифа дар диди аввал агар, аз як тараф вазъи адабиёту шоириро дар ин замон бозгӯ кунанд, аз ҷониби дигар мавзӯи онҳо, асосан оҳанги иҷтимоӣ дошта, як навъ хитобаву даъват мебошанд. Чунончи:

Будӣ ту ба сар зери фаранҷӣ зани тоҷик,
Акнун зи сар андоз шав эмин, зани тоҷик.
Дар мактаби шӯро бирав ар илму фан омӯз,
Варна зи ҷаҳолат шавӣ ғамгин, зани тоҷик.
Биншин ба сафи мард ва намо ширкати ҳар кор,
Равнақ ба ҳаёти ту бувад ин, зани тоҷик.
Як душмани ҳифзуссиҳати туст фаранҷӣ,
Месӯз ба оташ ҳама аз кин, зани тоҷик.
Бо мард ҳуқуқи ту баробар ба ҳама кор,
Дар маснади шӯроӣ ту ҳам шин, зани тоҷик.
Бовар манамо гуфтаи ҳар аҳли хурофот,
Онҳо ҳама иғвогари дерин, зани тоҷик.
Озод шуда аз шарафи фирқаи шӯро,
Аз офату номус зи тамкин, зани тоҷик
(Акбар Аббосзодаи Ғармӣ «Бедории тоҷик».– 1927.– 10 сентябр)

Намунаи дигар:

Тоҷикони кӯҳу саҳро чашми худ во карданист,
Интишори илму ирфонро тамошо карданист,
Буд чанде Тоҷикистон сайдгоҳи ваҳшиён,
Дасти заҳмат золимонро тухми анқо карданист.
Як замоне Тоҷикистон девро мулло шинохт,
Бачааш бо ӯ супурду гуфт мулло карданист.
Ном мулло дев сират бачаи бечораро,

Холӣ аз инсоният як хирси ду по карданист...

(Азизӣ, шаҳри Душанбе. – «Бедории тоҷик».– 1927.– 2 август)

Муқоисаи ороиш ва ҷобаҷогузории матнҳои гӯшаи «Адабиёт»-и рӯзномаи «Бедории тоҷик» чун дигар саҳифаву бахшҳои хоссаи он нишон медиҳад, ки он дар пайравӣ ба гӯшаи «Адабиёт»-и рӯзномаи «Овози тоҷик» таҳия шудааст. Дар ҳардуи ин рӯзнома гӯшаи «Адабиёт» дар кунҷи болои саҳифаи 3-юм дар тарафи чап ҷой карда шудааст. Ин шабоҳат ҳам ишора ба ҳамон авомилест, ки мо каме болотар онро тахмин кардем.

Дар солҳои 30-юм ва баъд аз он рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» барои ривоҷи санъату адабиёт рубрикаҳои «Адабиёт ва саноеи нафиса», «Саноеъи нафиса», «Минбари нависанда», «Нависанда ва хонанда», «Симои эҷодкор», «Барги сабз», «Саҳифаи адабиёт»-ро таъсис дода, ба ин васила дар шаклгирии адабиёти давраи шӯравии тоҷик ва рушди он саҳм гузоштааст. Дар солҳои 1970-ум рӯзнома гӯшаи «Адабиёт ва санъат»-ро таъсис дод, ки дар он матолиби зиёди адабӣ ва нақдӣ нашр гардидааст. Ҳар кадоме аз ин саҳифаҳо ҳамчун минбар барои ташаккули адабиёти тоҷик хизмат кардаанд.

Барои инъикоси фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҷамъият рӯзнома дар солҳои гуногун гӯшаву саҳифаҳои махсусро, аз қабили «Саҳифаи рӯзи якшанбе» (1945), баъдан «Саҳифаи рӯзи истироҳат» (аз солҳои 1958), «Сад сатр аз одаму одамгарӣ», «Саҳифаи зани тоҷик», «Саҳифаи ҷавонон», «Ноҳид» (саҳифаи бонувон аз январи соли 2003) ва монанди инҳоро таъсис додааст.

Нашри «Саҳифаи рӯзи истироҳат» аз ибтидои соли 1958 оғоз мегирад. Чунонки аз номаш маълум аст, ин саҳифа барои нашри маводи тафреҳӣ таъсис ёфта, одатан дар рӯзҳои якшанбе нашр шудааст. Дар ин саҳифа рӯзнома завқи хонандагонашро ба инобат гирифта, маводи ҷолибу хонданӣ, аз қабили ҳикояву шеърҳои лирикӣ ва фелетону маводи дорои хусусияти ҳаҷвию дилхушкунандаро ҷой кардааст. Инчунин, дар ин гӯша аз ҳаёти пешқадамони соҳаҳои хоҷагии халқ очерку лавҳаҳо нашр шудааст. Ҳаҷви ин саҳифаҳо масъалаҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ, оилавӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсиро фаро мегирад. Ин саҳифа баъдан ба «Саҳифаи рӯзи якшанбе» табдили ном карда бошад ҳам, шеваи фаъолияти худро тағйир надодааст. Давраи авҷи ин саҳифа ба нимаи дуюми солҳои 1960-ум рост меояд. Аз он ҷумла ду ҳикояи шоир Ғаффор Мирзоро бо номҳои «Ошиқонро азиз донед» *(Т.С., 1968.– №35)* ва «Тӯй тӯй асту рӯзгор рӯзгор *(Т.С., 1968. – №53)* дар ҳамин давра нашр кардааст. Мавзӯи ин ду ҳикоя барҳам задани урфу одатҳои замони гузашта, аз қабили духтарфурӯшӣ ва талаб кардани молу колои ҳангуфт аз домодшаванда, бо харҷи зиёдатӣ оростани тӯю маъракаҳо аз ҳисоби домодшаванда ва амсоли ин мебошад. Ба ҳамовозӣ ба ин мақола идораи рӯзнома даҳҳо мактуб аз шаҳру ноҳияҳои кишвар гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо дар саҳифаҳои рӯзнома дарҷ шудаанд. Як нуктаи дигар боиси зикр аст, ки ин саҳифа барои доираи синну соли гуногун низ мавод нашр кардааст. Аз ҷумла дар он рубрикаҳои махсус бо номҳои «Гӯшаи хурдтаракон», «Ғунчаҳои хандон» ҷой дорад, ки маводи ҷолибу шавқовари мувофиқ ба завқу салиқаи кӯдаконро фаро мегирад.

Дар солҳои 1960 низ саҳифаву гӯшаҳои «Мактубҳои меҳнаткашон», «Кори имрӯзаро ба фардо магузор» таъсис ёфтаанд. Дар гӯшаи «Мактубҳои меҳнаткашон» мактубҳои аз тамоми атрофи кишвар ба редаксия воридшуда нашр шудааст, ки мазмуни асосии онҳоро бепарвоии роҳбарон, ваъдаҳои бардурӯғ, камбудиҳои кори сохтмонҳо ва амсоли ин фаро мегирад.

Дар даҳсолаи 1970 рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» барои дарки масъулият аз ҷониби роҳбарон саҳифаи махсуси «Дар зери назорати омма»-ро таъсис додааст, ки дар он муҳимтарин камбудиҳое, ки боиси қафомонии корҳои сохтмонҳои азим, кишоварзӣ ва истеҳсолот шудаанд, ошкор ва мавриди танқид қарор гирифтааст. Яке аз машҳуртарин гӯша дар солҳои 70-ум лоиҳаи «Сад сатр аз одаму одамгарӣ» ба ҳисоб меравад. Вижагии ин гӯша дар тарзи гуфтори озод ва ниҳоят самимиву бо лаҳни зебо тасвир ёфтани қаҳрамононаш мебошад. Қаҳрамонҳояш бошад, инсонҳои одӣ ва нафарони касбу кори гуногунанд. Солҳои 1980-ум дар «Тоҷикистони Советӣ» гӯшаҳои «Нигоҳи халқ», «Назорати халқӣ» ва «Гулбоғи адаб»-ро мушоҳида мекунем, ки матолиби гуногунро фаро гирифтанд. Агар дар саҳифаи «Назорати халқ» камбудиҳои ҷомеа, алалхусус, корхонаву хоҷагиҳои деҳқонӣ ошкор шуда бошад, мундариҷаи саҳифаи «Гулбоғи адаб»-ро масъалаҳои ҳалталаби фарҳангу ҳунар, театр, навидҳои фарҳангӣ ва дигар маводи адабию фарҳангӣ ташкил медиҳад. Матолиби ин гӯша, асосан, дар шакли навидҳои фарҳангӣ, қиссаҳои хурд, шеър, ҳикоя, тақриз ва амсоли ин интишор гардидааст.

Солҳои 80-уми асри гузашта рӯзнома саҳифаи ҳаҷвии «Хоҷа Насриддин»-ро таъсис дода, дар ташаккули ҳаҷви матбуотӣ равияи тозаеро роҳандозӣ намуд. Нақши саҳифаи ҳаҷвии «Хоҷа Насриддин» дар ташаккули воқеии ду жанри хурди ҳаҷв – эпиграмма ва пародия» [6, с.89] бузург арзёбӣ мешавад. Матолиби ин гӯша ҷолиб буда, бештар дар

қолаби фелетон, суратчистон, латифа ва монанди ин таҳия шудаанд. Дар ин саҳифа ҳамчунин ҳикояҳои ҳаҷвӣ аз осори адибони хоричӣ тарҷума ва нашр гардидааст. Дар муқоиса ба матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол», ки мундариҷаашро бештар ҳаҷви танқидӣ ташкил медиҳад, матолиби гӯшаи ҳаҷвии «Хоҷа Насриддин» хусусияти танзӣ дошта, то андозае нарм ва мувофиқ ба авзои замон таҳия шудааст.

Солҳои 1990-ум давраи авҷи талошҳо барои истиқлолият ва озодии баён дониста мешавад. Ин давра барои матбуоти даврӣ низ бетаъсир набуд. Мавҷи нидоҳои озодиву истиқлолхоҳӣ бештар аз саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ садо медод. Бо истифода аз фазои ошкорбаёниву озодандешӣ нашрияҳо рӯҳияи демократиро пеш гирифтанд. Рӯзномаи «Ҷумҳурият», ки то ин замон «ёрдамчии содиқи партия» буд, вобаста ба авзои замон рӯҳияи дигарро касб кард. Нашрия, пеш аз ҳама, дар ин давра ду маротиба табдили ном кард, ҳатто сабку услуби навишти худро тағйир дод. Дар ин солҳо дар нашрия саҳифаҳои «Номаҳои мардум» (аз январи с. 1991) ва баъдан «Корвон» (аз сентябри соли 1991) падид омаданд. Дастандаркорони рӯзнома ҳадафи таъсиси гӯшаи «Номаҳои мардум»-ро «... посух ва акси садо ба чанде аз навиштаҳои дардноки хонандагон» *(Тоҷикистони Шӯравӣ.– 1991. – 31-уми январ)* арзёбӣ кардаанд. Дар ҳамин сол ҳамчун замима ба гӯшаи «Номаҳои мардумӣ» саҳифаи «Сарчашма: номаҳо!» таъсис дода шудааст, ки ҳадафи он мувофиқи муроҷиати худи нашрия «мадад расонидан ба инсони роҳгумзада, аз ноҳақиҳо болаш шикаста ва аз назарҳо дурмонда» *(Тоҷикистони Шӯравӣ. –1991.– 22-юми май)* гуфта мешавад. Дар ин саҳифа бештар мулоҳиза, дархост ва посухи масъулони идораҳои давлатӣ ба саволу масъалаҳои ҳалталаб ба табъ расидааст. Саҳифаи «Корвон» бошад, саҳифаи хоссаи донишҷӯён аст, ки моҳе як маротиба нашр шудааст. Бахшҳои ин саҳифа, аз қабили «Ниёиш», «Донишҷӯ масъала мегузорад», «Имзои мустаор», «Ман кистам», «Ошёни дидор» мувофиқ ба табъу завқи донишҷӯён мураттаб шудаанд, ки ҷолибу хонданианд. Вижагии ин бахш он аст, ки бештари маводи он ба қалами донишҷӯён таҳия шудааст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ «Ҷумҳурият» барои таъсиси замимае бо номи «Ому» талош ҳам кардааст. Аз як эълони рӯзнома дар шумораи 21-уми ноябри соли 1991 мехонем, ки навишта шудааст: «Анқариб рӯзномаи «Ҷумҳурият» – рӯзномаи ваҳдати миллӣ ва ниёзмандиҳои заҳматкашони Тоҷикистон нашрияеро ба хатти форсӣ бо номи «Ому» ба чоп мерасонад. Нашрияи «Ому» феълан моҳе як мартаба ва шурӯи соли нави 1992 ҳафтае як мартаба нашр хоҳад шуд» *(Ҷумҳурият –1991.– 21-уми ноябр)*. Нашрия ҳадафи таъсиси ин замимаро «таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ ва алоиқи нек миёни бародарони ҳамкеш ва ҳамзабон дар саросари ҷаҳон, бахусус бародарони афғонӣ ва ironӣ» арзёбӣ кардааст. Аз рӯйи эълони рӯзнома ҳарчанд ки нашрия инъикоси масоили иҷтимоӣ, адабӣ ва фарҳангиро ҳадафи худ гуфтааст, вале дар он майли дастандаркоронаш барои таблиғи ниёзмандиҳои иқтисодӣ ва як навъ талош баҳри таъсиси матбуоти тиҷоратӣ эҳсос мешавад. Чунончи дар идомаи ин эълон мехонем: «Туҷори муҳтарами Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистон ва соири кишварҳои ҷаҳон, ширкатҳо, бонкҳо, муассисоти муштараки иқтисодӣ, иттиҳодияҳо, созмонҳо, корхонаҳо ва муассисоти давлатӣ ва муассисоти илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки хостори равобити иқтисодии байнулмилалианд, аз тариқи нашрияи «Ому» хоҳанд тавонист ба ниёзмандиҳои мардум пай бурда ва дар таҳкими муносибати иқтисодӣ ва туҷҷорӣ нақш бозӣ намояд» *(Ҷумҳурият – 1991.– 21-уми ноябр)*. Бо сабабҳои вазъияти сиёсиву иҷтимоии давр ин замимаи нашрия ҳамагӣ чаҳор шумора нашр шуда, бо ҳамин мутаваққиф гардидааст.

Дар солҳои охир рӯзномаи «Ҷумҳурият» анъанаи таҳияи гӯшаву саҳифаҳои алоҳидаро идома дода, дар ин самт як равияи тозаеро миёни дигар нашрияҳои даврии тоҷик пеша кардааст. Нашрия аз моҳи январи соли 2003 саҳифаи алоҳидаеро ба унвони «Ноҳид» таъсис додааст, ки ба инъикоси фаъолияти бонувон нигаронида шудааст. Ин саҳифа ба хотири гиромидошти нақши занон ва ҷойгоҳи онҳо дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ таъсис шудааст. Агар дар матолиби «Гӯшаи занон», ки рӯзнома дар солҳои 1927 таъсис дода буд, масоили озодии занон, ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, ба таҳсил ва корҳои ҷамъиятӣ сафарбар кардани занону духтарон таъкид шавад, пас дар саҳифаи «Ноҳид» аз муваффақияту корнамоиҳои зани тоҷик, мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъоли занон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, муваффақиятҳои занони роҳбар ва амсоли ин матолиб нашр мешавад. Илова бар ин, дар ин саҳифа маслиҳатҳо ба модарони ҷавон, тавсияҳо ба кадбонуҳо, мақолаҳо дар бораи занони машҳури ҷаҳон ва шеъру сурудаҳо дар васфи корнамоиҳои бонувон дарҷ шудааст. Дастандаркорони рӯзнома дар нашри аввали саҳифаи «Ноҳид» ба хонандагон ба чунин мазмун хитоб кардаанд. «Мо саҳифаи махсуси занонро бо номи «Ноҳид» пешкаши шумо, хонандагони азиз медорем ва зиёён, хусусан аз ҷумла соҳибқаламони латиф - бонувонро хоҳиш мекунем, ки ин саҳифаро мисли худ

латифу зебо, ба нуру маънӣ, хушрозу ноз ва пурбаракат созанд. Нақши зан дар таърих ва ҷомеи мо бояд одилона кушода шавад» *(Ҷумҳурият.– 2003. – 4 январ)*.

Дар ин давра ҳамчунин рӯзномаи «Ҷумҳурият» гӯшаи «Розу ниёз»-ро таъсис додааст, ки онро метавон идомаи ҳамон гӯшаву саҳифаҳои «Номаҳои мардумӣ» донист. Дар ин гӯша, ки ҳар рӯзи сешанбе як маротиба нашр шудааст, номаҳои шаҳрвандон аз гӯшаву канори кишвар ва ҳамчунин матолиби донишҷӯён нашр шудааст. Дар номаҳо аслан камбудиву мушкилоти соҳаҳои гуногун таҳлил гардида, аз роҳбарони сохторҳои дахлдошта барои ҳалли ин мушкилиҳо даъват ба амал оварда мешавад. Сарлавҳаҳои ин гӯша ба тарзи шиоргуна ва бештар саволгузорӣ аст. Масалан «Донистани компютер ҳатмист» *(Ҷумҳурият.– 2006.– 10 январ)*, «Интернет кафе барои чист?» *(Ҷумҳурият.– 2006.– 24 январ)*, «Ба додамон расед» *(Ҷумҳурият.– 2006.– 31 январ)*.

Дар айни замон саҳифаи иттилоотию фароғатии «Шоми шанбе» яке аз саҳифаҳои ҷолибу хондании рӯзномаи «Ҷумҳурият» мебошад, ки аз соли 2015 инҷониб ҳар рӯзи ҷумъа нашр мешавад. Дар ин саҳифа матлабҳои хурд дар қолаби жанрҳои гуногуни публитсистиву бадеӣ ва ҷолибтарин навидҳои фарҳангӣ - адабӣ, шеъру ҳикоёти марғуб аз рӯзгори гузаштагону муосирон, ки бо аксу расмҳои афсонавӣ оро ёфтаанд, инчунин хабару мақолаҳои хурд дар бораи навгониҳои техникаву технология нашр мешаванд, ки хонандаро ба сайри олами андешаҳои рангину дурпарвоз ҳидоят месозанд. Матолиби «Шоми шанбе» на танҳо инъикоскунандаи ҳаёти дохилӣ, балки рӯйдодҳои аҳаммияти башаридоштаро низ фаро мегиранд. Ин саҳифа симо ва ороиши ба худ хос дорад. Пеш аз ҳама, дар шакли замонавӣ ҷой додани мавод, истифодаи аксҳо ва тарҳи сохтори саҳифа метавонад диққати хонандаро ҷалб созад. Маводи он бештар дар қолаби жанрҳои иттилоотӣ ва бадеиву публитсистӣ таҳия мешаванд. Дар ин саҳифа матолиберо ҳам метавон дучор шуд, ки дар доираи жанрҳои адабӣ омода шудаанд ва баъзеи онҳо хусусиятҳои ҳикояву порчаҳои қиссамонандро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, аз лиҳози мазмуну муҳтаво гӯшаву саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Якум, гӯшаҳое, ки ҷанбаи ҳаҷвӣ дошта, мақсади асосии матолиби онҳо ифшои хислатҳои номатлуби шахсони бадкирдор, маҳкум намудани амалҳои зишти онҳо ва ба ин васила гирифтани пеши роҳи бадиҳо будааст.

Дуюм, гӯшаву саҳифа ва замимаҳои иттилоотӣ, адабӣ ва фарҳангие мебошанд, ки аглаби маводи онҳоро матлабҳои тафреҳӣ, танқидӣ ва адабӣ ташкил медиҳанд. Ҳар кадоме аз ин гӯшаву саҳифаҳои рӯзнома аз лиҳози мазмуну мундарича, хусусиятҳои жанрӣ ва нақши онҳо дар тарбияи зебоипарастӣ, бедории маънавӣ, шинохт ва ҷаҳонбинии хонанда ниёз ба таҳқиқ доранд. Аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додани мундарича, шакл, таносуб ва ороиши матолиби ин гӯшаҳо, аз як тараф, рӯшанӣ андохтан ба як паҳлуи маърифати рӯзноманигории тоҷик дониста шавад, аз ҷониби дигар, барои тарбияи касбии рӯзноманигорони оянда низ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Осори баргузида дар ду ҷилд: Ҷилди 1. Акнун навбати қалам аст / С. Айнӣ – Душанбе: Ирфон, 1977.
2. Кадыров А. Из истории создания советской периодической печати Таджикистана (1924 – 1929) / А. Кадыров // Из истории культурного строителства в Таджикистане (сборник статей). Выпуск 1. – Душанбе, 1968. – 230 с.
3. Муродов М. Саидризо Ализода ва ташаккули ҳаҷв дар матбуот / М. Муродов // Аз се шохаи як илм. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – С.168-178.
4. Муродов М. Андар пажӯҳиши як нашрия (Нигоҳе ба як соли фаъолияти «Ҷумҳурият») / М. Муродов // Осор. (Труды) Маҷмӯи мақолаҳои илмии ПИТФИ. – Душанбе: Истеъдод, 2015. – Ҷ.2. – С.344-358.
5. Муродов М. «Шоми шанбе» - падидаи нав дар журналистика (Мусоҳибаи Меҳрангез Қодирова) / М.Муродов // Ҷумҳурият. – 2018. – 25 январ.
6. Усмонов И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Азия-Принт, 2008. – 280 с.
7. Усмонов И. Рӯзномаи ҳар кас ва ҳама кас / И. Усмонов, П. Гулмуродзода // Журналистика. Қ.2. – Душанбе: Империал-Групп, 2005. – 480 с.
8. «Ҷаҳоннамо» №1, феврали соли 1929.

ВИЖАГИҲОИ БАЪЗЕ САҲИФАҲОИ МАХСУСИ РӮЗНОМАИ «ҶУМҲУРИЯТ»

Нашрияи расмии «Ҷумҳурият» дар низоми матбуоти тоҷик яке аз собиқатарин рӯзномаҳо маҳсуб меёбад, ки умри беш аз 95-сола дорад. Ин нашрия тӯли фаъолияти худ ҳамчун мактаби эҷоди рӯзноманигорӣ, аз як тараф, дар тарбияи рӯзноманигорони касбӣ, аз ҷониби дигар, дар шаклгирии кори газетасозӣ нақши муҳим гузоштааст. Нашрияи «Ҷумҳурият» дар давраҳои гуногуни фаъолияти худ бо таъсиси гӯшаву саҳифаҳои алоҳида ва ҷустуҷӯйи усулҳои наву ҷолиб тавонистааст, ки ҳам мундаричаи мавзӯоташро мувофиқ ба завқи аудитория гардонад, ҳам дар низоми матбуоти даврии тоҷик аносири нашрияҳои гуногунтипро ба шакл дарорад. Гӯшаву саҳифаҳои махсуси ин нашрия миқдоран хеле зиёданд. Дар ин мақола бештар ба он гӯшаву саҳифаҳои махсус таваҷҷуҳ зоҳир шуд, ки аз нигоҳи мазмуну мундарича

ба ҳам шабоҳат доранд. Дар мақола омилҳои таъсиси гӯшаву саҳифаҳои махсуси нашрия амсоли «Саҳифаи ҷавонони ленинӣ», «Гӯшаи занон», саҳифаҳои махсуси «Алифбои нав», «Гӯшмол», «Адабиёт», «Сад сатр аз одаму одамгарӣ», «Саҳифаи рӯзи истироҳат» ва ғайра мухтасаран баррасӣ шуда, вижагиҳои мундаричавию жанрии онҳо нишон дода шудааст. Омӯзиш нишон дод, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар марҳалаҳои инкишофи худ вобаста ба талаби замон гӯшаву саҳифаҳои махсус таъсис додааст ва ё вобаста ба рӯҳияи давр унвони баъзе аз онҳоро дигар кардааст. Гӯшаву саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро аз лиҳози мазмуну муҳтаво ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: Якум, гӯшаҳое, ки ҷанбаи ҳаҷвӣ дошта, мақсади асосии матолиби онҳоро ифшои хислатҳои номатлуби шахсони бадкирдор, маҳкум намудани амалҳои зишти онҳо ва ба ин васила гирифтани пеши роҳи бадиҳо ташкил медиҳад; Дуюм, гӯшаву саҳифа, замимаҳои иттилоотӣ, адабӣ ва фарҳангие, ки аглаби маводи онҳоро маводи тафрехӣ, танқидӣ ва адабӣ ташкил медиҳанд.

Калидвожаҳо: гӯша, саҳифаи махсус, замима, мундарича, жанр, таҳлил, инъикос, нашрияи даврӣ, усул, ороиш, хусусият.

ОСОБЕННОСТИ НЕКОТОРЫХ СПЕЦИАЛЬНЫХ СТРАНИЦ ГАЗЕТЫ «ЉУМҺУРИЯТ»

Официальная газета «Љумҳурият» («Джумхурият») является одним из старейших периодических изданий в Таджикистане, которой более 95 лет. На протяжении всей своей истории это издание, с одной стороны, как школа журналистики играет очень важную роль в подготовке профессиональных журналистских кадров, а с другой стороны, вносит огромный вклад в дело формирования стилей и жанров газетной работы. Издание в разные периоды своей деятельности, отвечая на вызовы времени, смогло создать отдельные уникальные соответствующие запросам значимые материалы, новые и интересные способы удовлетворения контента, соответствующего интересам читателей и потенциальной аудитории и способствовало формированию основ различных форм и стилей публикаций в таджикской периодической печати. Количество и формы рубрик и страниц этого издания множественны и многообразны. В этой статье основное внимание уделено тем статьям и рубрикам периодического издания, которые схожи по своему стилю, содержанию и изложению. Факторы для создания специальных страниц и рубрик данного издания, таких как «Саҳифаи ҷавонони ленинї» («Страница ленинской молодёжи», «Гўшаи занон», («Женский уголок»), специальные страницы «Алифбои нав» («Новый букварь»), «Гушмол», «Адабиёт» («Литература»), «Сад сатр аз одаму одамгарї» («Сто строк о людях и человечности»), «Саҳифаи рўзи истироҳат» («Страница выходного дня») и подобные кратко изложены, а также более конкретно указаны своеобразие их содержания и жанровые особенности. Исследование показало, что газета «Љумҳурият» («Джумхурият») в ходе своего развития создавала конкретные стили, жанры и страницы, соответствующие боле того конкретного времени или изменяла некоторые из них, в зависимости от духа того периода. Страницы и уголки газеты в зависимости от стиля и содержания можно разделить на две группы: во-первых, уголки сатиры, - главная цель их состоит в том, чтобы выявлять дурные качества тех, кто совершает зло, осуждать их уродливые действия и таким образом предотвращать зло; Во-вторых, страницы и подборки информации, литературные и культурные приложения, составляющие основную часть их контента критического, информационного и литературного направления.

Ключевые слова: угол, специальная страница, приложение, содержание, жанр, анализ, рефлексия, периодическое издание, метод, стиль, оформление, дизайн, особенность.

SOME PECULIARITIES OF SPECIAL PAGES NEWSPAPER «JUMHURIYAT»

The official newspaper «Jumhuriyat» is one of the oldest periodicals in Tajikistan, which is more than 95 years old. Throughout its history, this publication, on the one hand, as a school of journalism plays a very important role in training professional journalistic personnel, and on the other hand, makes a huge contribution to the formation of styles and genres of newspaper work. The publication in different periods of its activity, responding to the challenges of the time, was able to create separate unique relevant pages relevant to requests, began to search and find new and interesting ways to satisfy content that corresponded to the interests of readers and potential audiences, and helped to form the basis of various forms and styles of publications in the Tajik periodical print. The number and forms of headings and pages of this publication are multiple and diverse. This article focuses on those articles and headings of a periodical that are similar in their style of content and presentation. Factors for creating special pages and headings for this publication, such as «Saifai javononi Lenini» («Lenin uouth page», «Gushai zanon», («Women's Corner»), special pages «Alifboi nav» («New primer»), «Gushmol», «Adabiyot» («Literature»), «Sad satr az odamu odamgari» («One hundred lines about people and humanity»), «Saifai ruzi istiroat» («Weekend page») and the like are summarized and also more specifically indicated the originality of their content and genre features. The study showed that the newspaper «Jumhuriyat» during its development created specific styles, genres and pages that corresponded to the will of that particular time or changed some of them, depending on the spirit of that period. The pages and corners of the newspaper, depending on the style and content, can be divided into two groups: First, the corners of satire, the main goal of their essence, is to reveal the bad qualities of those who commit evil, to condemn their ugly actions and thus prevent evil; Secondly, pages and collections of information, literary and cultural applications that make up the bulk of their critical, informational and literary content.

Key words: corner, special page, application, content, genre, analysis, reflection, periodical, method, style, design, design, feature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳмонзода Фаридун Умарбек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти факултети журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **faridun-0990@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934-59-68-10, 987-77-56-83**

Сведения об авторе: ***Рахмонзода Фаридун Умарбек*** – Таджикский национальный университет, аспирант факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе пр.Рудаки, 17.
E-mail: **faridun-0990@mail.ru**. Тел.: **(+992) 934-59-68-10, 987-77-56-83**

Information about the author: ***Rahmonzoda Faridun Umarbek*** - Tajik National University, a graduate student at the Department of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **faridun-0990 @ mail.ru.** Tel.: **(+992) 934-59-68-10, 987-77-56-83**

УДК: 621.397.62 (575.3)

ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНИ «САФИНА» ДАР ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Саидзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз принсипҳои сиёсати давлатии ҷавонон муҳайё сохтани шароити мусоид барои истифодаи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию шахсӣ ва асосноки илмӣ, комплексӣ ва муттасили сиёсати давлатии ҷавонон ва татбиқи он [1] арзёбӣ мегардад.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки баррасии мавзӯи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳаллу фасли масоили илмӣ-назариявӣ ва мавқеъгирии он дар амалия ва дар анҷом коркарди тарзу усулҳои нави густариши ин самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ нигаронида шудааст [5, с.12]. Аз ин ҷо бармеояд, ки барои дарк кардани мафҳум ва моҳияти сиёсати давлатии ҷавонон аввалан ба паҳлуҳои умуминазариявии он назар андохтан лозим аст.

Сиёсати давлатии ҷавонон имрӯз мавқею манзалати хосса дошта, дар қатори дигар давлатҳои ҷаҳон дар Тоҷикистон ба падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ табдил ёфта, барои танзими ҳаёти ҷавонон ва пешрафти давлату ҷамъият хизмат менамояд.

Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» бо мақсади амалӣ намудани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015», ғанӣ гардонидани фазои иттилоотии мамлакат таъсис дода шудааст. Ин муассиса аз 3 сентябри соли 2006 фаъолияташро шурӯъ карда, шабакаи фарҳангии кишвар аст ва самти фаъолияташ тарғибу ташвиқи сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар бахшҳои адабиёту фарҳанг ва маориф, инчунин, мусоидат ба рушди демократикунонии ҳаёти ҷомеа, тавсеаи муносибати ҷумҳурӣ ба дигар кишварҳо мебошад.

Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» бо вуҷуди махсусгардонидашуда (фарҳангӣ) буданаш, ба набзи ҷомеа кор мегирад ва масоили қишри асосии он - ҷавононро ҳам баррасӣ менамояд.

Бояд қайд намоем, ки телевизиони «Сафина» дар тарғиби арзишҳои ахлоқӣ, миллӣ ва башарӣ ва инчунин, дар инъикоси масоили гуногуни иҷтимоӣ саҳми чашмрас дорад ва меҳнати кормандони идораи «Ҷавонӣ ва варзиш» дар ин самт кам нест.

Тибқи иттилои сомонаи расмии муассиса, ин идора талқингари ҳаёти солим миёни ҷавонони кишвар, муаррифгари ҷавонони муваффақ дар ҳама соҳаҳо ва бозгӯи вазъи варзишии кишвар мебошад. Ҳайати эҷодию техникии идора комилан ҷавонон мебошанд, ки пайи таҳияи барномаҳои ҷолибу диданианд. Журналистон Ҷамшед Олимов, Лутфияи Абдулазиз, Таҳмина Худойқулова, Фирӯзи Азиз, Муҳиддин Нуров ва дигар кормандони ғайриштатӣ ва коромӯзон дар якҷоягӣ бо коргардонҳо Музаффар Раҳматов ва Алишер Қаландаров барномаҳои «Майдон»-муаллиф Ҷамшед Олимов, «Муждаи Эҷод»- муҳаррир Фирӯзи Азиз, «Тавлид»- муҳаррир Таҳмина Худойқулова, «Арзанда»- муҳаррир Муҳиддин Нуров, «Вақт»-муҳаррир Фирӯзи Азиз, «Ҷамъу тарҳ»- муҳаррирон Фирӯзи Азиз ва Муҳиддин Нуров, «Гол»- муҳаррир Аловиддин Бӯриев, «Модари ҷавон»- муҳаррир Таҳмина Худойқулова, «Ситораи торнамо»- муҳаррир Зарина Ҷаваковаро таҳия месозанд. Танзиму ороиш ва банду басти барномаҳои идораро Дилшод Раҳмонов ва Усмон Абдуқаҳҳоров анҷом медиҳанд.

Аксарияти кормандони телевизиони «Сафина»-ро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ин боиси он гаштааст, ки масъалаҳои муҳимму зарурии ин қишри асосии ҷомеа аз нигоҳи худашон баҳогузорӣ ва таҳлилу бозомӯзӣ мегардад, ки ин аз як тараф, мулоҳизакории ҷавононро нишон диҳад аз ҷониби дигар, пуштибонии сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистон талқин менамояд.

Дар шароити торафт шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ барои мо ва махсусан барои наврасону ҷавонони сарзаминамон Ватан, модар, забон, фарҳанг ва расму ойинҳои миллӣ, инчунин эҳтирому арҷгузорӣ ба рамзҳову муқаддасоти милливу давлатиамон моҳияти ҳаётан муҳим доранд [3, с.112].

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон зарурати таъриҳӣ ва объективии инкишофи давлат ва ҷомеа ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, баррасии мақоми Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳлилу мавриди омӯзиш қарор додани омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ-сиёсӣ, маънавӣ-мафкуравии рушду густариши сиёсати давлатии ҷавонон ба мақсад мувофиқ аст. Зеро,

омӯзиши сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳатталимкон таҳлили воқеиро тақозо менамояд.

Дар иртибот ба ин, бояд таъкид намоем, ки омӯзиши қонуният ва хусусиятҳои ба миён омадан ва рушду густариш ёфтани сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ҷараёни мураккаб ва душвор мебошад. Ғайр аз ин, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додани масъалаҳои мазкур ба хотири пешбурди ҷомеаи имрӯзаи мо мебошад. Аз ин лиҳоз, дуруст аст, ки сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба тарзу усулҳои ташкилӣ ва татбиқи ҳадафҳояш инъикосу идомаи худро дар самтҳои мушаххас нигоҳ медорад [2]. Дар ин хусус муҳаққиқ Ш. Ҳасанов дуруст ишора кардааст [8, с.106].

Мақсади сиёсати давлатии ҷавонон аз мусоидат ба инкишофи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию ҷисмонии ҷавонон; ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; муҳайё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ; дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии ҷавонон, инчунин ташаббусҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаи онҳо вобаста аст.

Барномаи «Таҳқиқ»-ро аз соли 2017 таҳлил мекунем. Ин барнома то ҷое тавонистааст шавқи ҷавонони имрӯзаро нисбат ба китобхонӣ ва фаъолияти Китобхонаи миллии Тоҷикистонро дар ин самт баррасӣ намояд. Қобил ба зикр аст, ки ҳам китобхонии ҷавонон ва ҳам фаъолияти Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар муддати 15 дақиқаву 11 сонияи барнома баррасӣ шудааст. Бо вуҷуди ин, дар ин муддат пурра таҳқиқ нашудани ин мавзӯъҳо муаллиф кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои асосии масъаларо матраҳ ва баҳогузорӣ намояд. Пеш аз шурӯъ гардидани сухани пасикадрии барнома бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо наворбардории касбии олӣ ба тамошобин нишон дода мешавад, ки хеле муҳташам ва диққатҷалбкунанда аст.

Барномаи «Дар ин замона», ки аз телевизиони «Сафина» пахш мегардад, бо муаллифии журналист Раҳматулло Камолов дар яке аз нашрҳои худ нуктаҳои асосии Паёмро баррасӣ намудааст, соли 2017 пешниҳоди тамошобин гаштааст.

Барномаи номбурда дар бораи семинар-машварати омӯзишие, ки дар Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардидааст, омода шуда, ҷиҳати баррасии маъалаҳои Паём дар ин семинар диққати ҷиддӣ додааст.

Дар рафти таҳлили барнома ба мо маълум гашт, ки семинармашварати мазкур масоили марбути ин марказ ва нақши ҷавононро дар соли ҷавонон оид ба таҳкими пояҳои ахлоқии ҷомеа, ташаккули афкори илмию эҷодӣ, гиромидошти арзишҳои миллию давлатӣ ва умумибашарӣ баррасӣ намудааст. Барнома 26 дақиқа идома ёфта, Раҳматулло Камолов ақидаи худро нисбат ба масъалаҳое, ки вобаста ба ҷавонон дар Паём зикр шуданд пешниҳод намуда, онро бо умдатарин проблемаҳое, ки дар семинармашварати Маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ баррасӣ шуд, мувофиқ гардонидааст. Аз наворҳои барнома бармеояд, ки дар ин машварат роҳбарияту мутахассисони соҳа, коршиносон ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок доштанд. Дар баробари андешаҳои худ нисбат ба матни Паём ва баррасии он дар гирдиҳамоии маркази миллии мониторинг ва пешгирии нашъамандӣ журналист аз иштирокчиёни семинар мусоҳиба гирифтааст, ки таваҷҷуҳи тамошобинро ҷалб менамояд ва хеле зиёду қонеъкунанда аст, яъне дар 26 дақиқаи барнома ҳашт нафар бо 24 мусоҳиба рӯйи навор омадааст, ки дар баъзан маврид як масъаларо ва дар мавридҳои дигар мавзӯъҳои мухталифро шарҳ додаанд.

Барнома бе иштироки журналист ҷараён гирифта, матни паси кадрии он асосан бо забони илмӣ баён гаштааст. Намоиш мавзӯъҳои гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгаро ва экстремизму терроризм, хатари таҳдиди гирифторӣ ба бемории нашъамандӣ ва муомилоти ғайриқонунии он аз ҷониби онҳо, меҳварӣ будани нақши илм дар ҳаёти онҳо ва баланд бардоштани сатҳи дониши муассир, қадам мондан ба ҳаёти солим, хотима гузоштан ба никоҳи хешутаборӣ, ташхиси ҳатмӣ пеш аз издивоҷ ва масъулияти падару модар барои тарбияи насли ҷавону наврас таҳлил ва баррасӣ намудааст, ки журналист онҳоро нуқтаҳои муҳимтарини Паём ҳисобида, шарҳи онҳоро аз ҷониби мусоҳибон зарур шуморидааст.

Дар рафти таҳлили барнома маълум шуд, ки муаллиф аз мавзӯи интихобкардааш ба қадри зарурӣ огоҳ аст ва масъаларо ҳам аз нигоҳи худ, ҳам аз нигоҳи омма ва ҳам аз нигоҳи мутахассисону коршиносон шарҳ дода тавонистааст, ки яке аз ҷиҳатҳои муассири барнома дар ҳамин аст.

Агар ба таърихи телевизион назар кунем, барномаҳои «Толори оинаҳо», «Муошират», «Ояндасоз», «Саҳнаи калон», «Мумтоз», «Дар ватани мо…», «Паймон», «Нигоҳи дигар», «Баҳс» ва ғайра ба инъикос ва таҳлили муҳимтарин масоили ҷавонон таваҷҷуҳ кардаанд. Хосса, таваҷҷуҳи онҳо ба китобхонӣ, савод, мусиқӣ, танзими анъана

ва расму ойинҳои мардумӣ, театр, опера, шашмақом, фалак, реп, либос, одоб, ҷараёни супоридани санҷишу имтиҳонҳо, нақлиёт, бурду бохти ҳаёти хобгоҳу иҷора ва ғайра равона гардида буд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки сиёсати давлатии ҷавонон бо ташаббус ва самимияти беповёни Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба насли наврас ташаккул ёфтааст, ки он яке аз самтҳои муҳим, афзалиятнок, мураккаб ва таҳаммулпазири сиёсати давлатии Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Ташаккули сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол дар вазъияти душвори бухрони сиёсӣ, даргириҳои миллӣ, ноустувории вазъияти сиёсӣ, зиддиятҳои гуногун ва сар задани дигар зуҳуроти номатлуб, ки садди роҳи амалӣ намудани сиёсати мазкур мешуданд, ба миён омадааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва таҳлили омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки бевосита бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми шарифи тоҷик дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар Тоҷикистон баҳри пойдорӣ ва инкишофи минбаъдаи сиёсати давлатии ҷавонон ва бартараф намудани монеаю зиддиятҳои ҷиддӣ, тадбирҳои муфид андешида шуданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – Душанбе, 2011. – 36 с.
2. Хамидов И. Имиджмейкинг и роль телевидения в его формировании / И. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе: Сино, 2017. - №4/5. – С.280-283.
3. Хонзода А. Эмомалӣ Раҳмон ҳомӣ ва раҳнамои ҷавонон / А. Хонзода, Б. Ҳамдам. – Душанбе, 2018. – 136 с.
4. Азимов А. Маҳорати журналистии таҳлилгари телевизион (воситаи таълимӣ) / А. Азимов. – Душанбе, 2013. – С.90.
5. Буриев Н. Понятие, сущность и задачи молодежной политики / Н. Буриев // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2011. – №9 (73). – С.335-340.
6. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А.Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2010. – 96 с.
7. Ходибоев Ф.А. Место и роль молодежи в социальной структуре таджикского общества: дис. ... канд. филос. наук: 09.00.11 / Ф.А. Ходибоев. – Душанбе, 2015. – 156 с.
8. Ҳасанов Ш.Қ. Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатии ҷавонон / Ш.Қ. Ҳасанов, А.А. Ашурова. – Душанбе, 2015. – 224 с.
9. Шамолов А. Масъалаҳои сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон / А. Шамолов, С. Ашӯров. – Душанбе, 1999. – 221 с.
10. Хамидов И. Информационная безопасность Таджикистана/ И. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – 2013. – №4/2 (109). – С. 245-248.

ҶОЙГОҲИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНИ «САФИНА» ДАР ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН

Муҳиммияти мақола бо он асоснок мегардад, ки аз миёни масъалаҳои зиёди иҷтимоии дар ҷомеаи муосир мушоҳидашаванда, масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавонон ҷойгоҳи хоссеро касб менамояд. Дар миёни масъалаҳои актуалии назария ва амалияи журналистикаи муосир, ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи хос зоҳир мегардад. Таҳқиқи саҳми ҷавонони Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат, хосса инъикоси ин мавзӯъ дар телевизион, на танҳо аҳаммияти назарраси илмию назариявӣ ва амалӣ, балки сиёсиро низ дорост. Гуфта мешавад, ки дар шароити муосири рушди муносибатҳои васеи сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, ҷавонон ба омӯзиши донишҳои умдаи сиёсӣ ва иқтисодӣ зарурат доранд. Дар мақола роҷеъ ба таъмини шароити хуб ҷиҳати инкишофи ҷисмонию равонии насли наврас, ташкили шароити нави корӣ ва дастгирии оилаҳои ҷавон аз барномаҳои телевизионӣ мисолҳои мушаххас оварда шудаанд. Зикр мегардад, ки арзиш ва мавқеи неруи инсонӣ ва гиромидошти он дар шароити муосир – замоне, ки тағйироти мураккаб ва шаклгирии дохилии низом ва ҷараёнҳои ҷаҳонӣ сурат мегирад, беш аз пеш афзоиш ёфта, ҷойгоҳи хосса касб мекунад. Дар барномаҳои телевизиони «Сафина» мунтазам таъкид мегардад, ки бар дӯши ҷавонон масъулияти бузурге вогузор гардидааст, ки арзишҳои миллиро гиромӣ доранд, давлати неруманди пуриқтидори демократӣ бунёд созанд, ояндаи давлату миллатро дар даст дошта бошанд, амният ва осоиштагии мамлакатро таъмин намоянд ва ҷиҳати эҳёи муқаддастарин анъанаю арзишҳои миллии ниёгони мо талош намоянд. Таҳлили омили мазкур аз нуктаи назари илмӣ аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Калидвожаҳо: телевизион, Тоҷикистон, «Сафина», ҷавонон, сиёсати давлатии ҷавонон, барнома, иҷтимоъ, таҳлил, намоиш, комплекс.

МЕСТО ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ПРОГРАММ «САФИНЫ» В АНАЛИЗЕ СОСТОЯНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Актуальность статьи исходит из того, что среди сложного, многогранного комплекса проблем, которые отчетливо проявились в нашем обществе, вопросы государственной молодёжной политики занимают особое место. В этой связи среди актуальных вопросов теории и практики современной журналистики одно из приоритетных мест отводится проблемам молодёжи. Исследование вклада молодежи Таджикистана в общественно-политическую, экономическую и культурную жизнь, особенно освещение данной проблемы на телевидении, имеет не только большое научно-теоретическое, практическое, но и политическое значение. Показывается, что на современном этапе развития широкомасштабных политических, экономических, научных и культурных отношений, молодежь нуждается в политических и экономических знаниях. Даются конкретные примеры из телевизионных программ по обеспечению всех условий для морального и физического развития молодого поколения, создания новых рабочих мест и поддержания молодых семей. Отмечается, что, ценность

высокоинтеллектуального человеческого потенциала особенно возрастает в наши дни, когда происходят сложнейшие и внутренне противоречивые трансформационные и глобальные процессы, бурная интеллектуализация труда и вообще социальной деятельности, стремительное развитие взаимозависимости мира и даже переоценка многих устойчивых норм и ценностей. Обсуждаются следствия данного положения. В программах телевидения «Сафина» постоянно отмечается, что на плечи молодого поколения возложена огромная ответственность за упрочение устоев национальной государственности и построение сильного демократического государства, за судьбу и будущее нации, за безопасность и спокойствие страны и за возрождение самых сакральных ценностей великой цивилизации наших предков. Анализ данного фактора с научной точки зрения имеет большое практическое значение.

Ключевые слова: телевидение, Таджикистан, «Сафина», молодежь, государственная молодежная политика, социум, анализ, программы, комплекс.

THE PLACE "SAFINA" TV PROGRAMS IN ANALYSIS OF THE STATE YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN

The urgency of the article is based on the fact that among the complex, multifaceted complex of problems that have clearly manifested itself in our society, the issues of state youth policy occupy a special place. In this regard, among the topical issues of theory and practice of modern journalism, one of the priority areas is given to the problems of youth. The study of the contribution of Tajikistan's youth to the socio-political, economic and cultural life, especially the coverage of this problem on television, has not only great scientific, theoretical, practical, but also political significance. It is shown that at the present stage of development of large-scale political, economic, scientific and cultural relations, young people need political and economic knowledge. Specific examples are given from television programmes to ensure all conditions for the moral and physical development of the younger generation, the creation of new jobs and the maintenance of young families. It is noted that the value of highly intellectual human potential is particularly increasing in our days, when there are complex and internally contradictory transformation and global processes, rapid intellectualization of labor and social activities in General, the rapid development of the interdependence of the world and even the reassessment of many stable norms and values. The consequences of this provision are discussed. In television " Safina" permanently marked, on the shoulders of the young generation has a great responsibility in strengthening the foundations of national statehood and building a strong democratic state, the fate and future of the nation, for the safety and tranquility of the country and for the revival of the most sacred values of the great civilization of our ancestors. The analysis of this factor from the scientific point of view are of great practical importance.

Key words: TV, Tajikistan, «Safina», youth, stat youth policy, socium, analysis, program, complex.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шодона Саидзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, факултаи журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Шодона Саидзода*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры ТВ и радиовещания факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

Information about the author: ***Shodona Saidzoda*** - Tajik National University, post-graduate student Department of TV and broadcasting journalism faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **oyandasoz@mail.ru**

УДК: 070 (575.3)

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ОРОИШИ «ЧАРХИ ГАРДУН» ҲАМЧУН НАМУНАИ МАТБУОТИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ

Ҳайдарова Л.А.
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

«Чархи гардун» аз аввалин намунаи матбуоти хусусӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки мавқеи худро дар низоми матбуоти ғайридавлатӣ то ба имрӯз нигоҳ медорад. Дар шумори омилҳое, ки боиси нигоҳдории рейтинги ин нашрия ҳастанд, мазмун ва муҳтаво, даврияти нашрро метавон ном бурд, аммо ба назари мо, ороиш ва дизайни ҳафтаномаи мазкур низ услуби ба худ хос дорад.

Ҳадафи асосии журналистика таъмини аҳли ҷомеа бо иттилооти аҳаммияти умумидошта аст. Ин мақсад аз тариқи воситаҳои ахбори омма ба даст меояд. Радио, телевизион, матбуот, шабакаҳои иҷтимоиро метавон воситаҳои иҷтимоии мухобироти одамон номид. Гарчанде ки асоситарин воситаи иртибот, албатта, забон бошад ҳам, аммо нақшу нигор ва ороиш ҳам аҳаммияти хеле калони иртиботи байни одамонро иҷро мекунад [ниг.: 1, с.11; 4, с.10]. Табиист, ки номгӯйи чунин воситаҳо дар анвои гуногуни ВАО характери инфиродӣ дорад, ки матбуот ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми иттилоърасонӣ аз ин орӣ нест.

Дар байни воситаҳои мухобирот бо хонанда дар матбуот ороиш мавқеи хосса дорад. Масъалаи ороиш аз пайдоиши худи рӯзнома ҳамчун масъалаи мавриди таваҷҷуҳи нашрияву матбаа дар маркази диққат аст. Аз ин рӯ, он мавзӯи нав нест, лекин куҳнашаванда низ нест. Бахусус, аз сабаби он ки имрӯз таваҷҷуҳ ва дастрасии мардуми

олам ба Интернет бештар аст ва таҳдид барои камхаридор гардидани рӯзнома низ ҷой дорад, матбуотчиёнро лозим мешавад, ки ҳамаи роҳу усулҳои ҷолибсозии рӯзномаро истифода намоянд. Аз ҷониби дигар, худи пешрафти илму техника низ имкониятҳои нав ба навро баҳри ороиш ба вуҷуд меорад. Рӯзномаҳо низ аз ин имкониятҳо истифода намуда, барои ҷалб намудани хонанда тамоми қувваро истифода мекунанд.

Муҳаққиқи рус Головко Е.Б. дар як тадқиқоташ таъкид мекунад, ки «…*дар саромади илми оид ба ороиши рӯзнома хизмати олими рӯзноманигор Керженцсев П.М. бо асараш «Газета. Ее организация и техника» (1919) хеле калон аст*» [1, с.4]. Муҳаққиқ дар муқаддимаи тадқиқоташ силсилаи тадқиқотеро сар аз солҳои 20-уми асри ХХ то ба имрӯз ном мебарад, ки ба масъалаи ороиши рӯзнома бахшида шудаанд.

Амалияи фаъолияти рӯзномаҳо, аз ҷумла «Чархи гардун» нишон медиҳад, ки дар назди кормандони рӯзнома дар шароити фаъол гардидани интернет вазифаҳои хеле душвор меистад. Рӯзномаро мисли пештара бо қолабҳои анъанавӣ саҳифабандӣ кардан кифояткунанда нест.

Бо ворид шудани ВАО ба низоми интернет ва таъсири он ба самтҳои гуногуни пахши ахбор талаб мекунад, ки ҳангоми сҳифабандии рӯзнома махсусияти аудиторияе, ки бештар ба хондани иттилоъ аз интернет таваҷҷуҳ дорад, ба назар гирифта шавад. Пас, вақте ки дар шароити кунунӣ идораи рӯзнома ороиши саҳифаро ба нақша мегирад, бояд аз назария ва амалияи иртиботи иттилоотию эстетикӣ ба хубӣ огоҳ бошад. Зеро, имрӯз дар шароити Тоҷикистон рӯзномаҳои давлатию ҳизбӣ аз тариқи обуна паҳн шуда, ба рақобати бозорӣ рӯ ба рӯ нашаванд ҳам, рӯзномаҳои ғайридавлатӣ, ҷамъиятию сиёсӣ бояд ба рақобат тобовар бошанд. Солҳои навадум, вақте ки «Чархи гардун» нав таъсис ёфта буд, дастрасии мардуми Тоҷикистон ба интернет хеле кам буд ва ҳатто ҳанӯз сухан дар бораи гирифтани иттилооти оммавӣ аз интернет намерафт. Дар ҳамин гуна шароит «Чархи гардун» тавассути муҳтавои ҷолиби худ ба дили ҳазорҳо хонанда роҳ ёфта тавониста буд. Солҳои навадум давраи аз ҳама серхонандатарини «Чархи гардун» буд.

Метавон гуфт, ки баробари истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон шумораи рӯзномаҳои ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ якбора афзуд. Табиист, ки ин рӯзномаҳо дар қабули навгониҳо чи дар мундариҷа ва чи дар шакл нисбат ба матбуоти расмӣ хеле озод ҳастанд. Матбуоти расмӣ матбуоти эҳтиёҷманди бозор нест. Он ба тариқи обуна паҳн карда мешавад. Аз ин рӯ, кормандони он таваҷҷуҳи асосиро ба ороиш намедиҳанд ё аниқтараш ороиш онҳоро чандон ба ташвиш намеорад, аммо матбуоти ғайрирасмӣ, ки ҳастиаш аз мавқеи дар бозор пайдокардааш вобаста аст, маҷбур аст, ки аз роҳҳои зиёди ҷалб намудани хонандагон истифода намояд. Махсусан, ки имрӯз хонандаи рӯзнома бештар рӯ ҷониби интернет меорад, матбуоти ғайридавлатиро зарур аст, ки аз тарзи ороише кор гирад, ки то ҳадди имкон тарзи ороиши интернетиро дар худ ҷо дода тавонад. Агар мо аз ин нуқтаи назар ба ороиши «Чархи гардун» нигарем, дар ороиши он дигаргунӣ хеле кам мебинем. Дар мавриди ороиши умуман матбуот чанд масъалае ҳаст, ки дар алоҳидагӣ арзёбӣ талаб мекунанд. Аз ҷумла, яке аз ҷиҳати муҳим андозаи нашрия аст. Маъмулан, рӯзномаҳо дар ду формат А2 ва А3 нашр мешаванд. Албатта, формати дигар – А4 низ мавҷуд аст, ки он хосси рӯзномаҳои кӯдакона, интишороти рекламавӣ, сканворду гороскопҳо аст. Аз рӯйи анъана андозаи рӯзнома вобаста ба мақоми сиёсӣ-иҷтимоиаш интихоб мешавад. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» – ҳамчун намунаи рӯзномаҳои расмӣ, рӯзномаи «Фараж» ҳамчун намунаи рӯзномаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, рӯзномаи «Азия-Плюс» ҳамчун намунаи рӯзномаи сиёсӣ-тиҷоратӣ ва як навъ инъикоскунандаи фарҳанги рӯзноманигории русӣ-тоҷикӣ, «Чархи гардун» намунаи рӯзномаи тиҷоратӣ, рӯзномаи «Ману ту» ҳамчун намунаи рӯзномаи хоссаи тиҷоратӣ интихоби андозаҳои муайян доранд.

Ороиши «Чархи гардун» воқеан ҷолиби диққат аст. Ин ҷолибият на ба муҳтаво, балки бештар ба ташаккули касбияти ҳайати эҷодӣ вобастагӣ дорад. Агар мо рӯзномаро дар солҳои гуногун аз назар гузаронем, мебинем, ки махсусан саҳифаи аввал дигаргуниҳои назаррасро паси сар кардааст. Албатта, мо дигаргуниҳои ороишии ҷолиби таваҷҷуҳро дар саҳифаҳои дигари рӯзнома низ мебинем, вале саҳифаи аввал, ки симои рӯзнома аст, таваҷҷуҳи махсус талаб мекунад.

Мо барои муқоиса нишон додани ҷараёни таҳаввул дар ороиши саҳифаи аввал шумораҳои солҳои 1997, 2010, 2018, 2019-ро аз назар гузаронидем.

Логотипи рӯзнома дар шакли выворотка калимаи «чарх» - калима бо ҳуруфи сафед дар фони сиёҳ ва подложкаи калимаи «гардун» - калима бо ҳуруфи сиёҳ дар фони сафед омода шудааст [дар бораи выворотка ва подложка ниг. ба: 5, с.78]. Дар паҳлуи калимаи «чарх» тасвири чархи даврзананда ҷой дода шудааст. Умуман саҳифаи аввал дуранга – сиёҳу сафед аст.

Дар зери унвони рӯзнома паспорти он ҷой дода шудааст. Саҳифаи аввали рӯзнома дар соли 1997 аз нигоҳи фарогирии мазмун ва муаррифӣ хеле вазнин аст. Дар ин саҳифа

иттилои ниҳоят зиёди тасвирӣ ва матнӣ ҷой дода шудааст, суратҳо, тасвирҳои гуногун аз маводе, ки дар дохили рӯзнома ҷой дода шудаанд, дар саҳифаи аввал оварда мешаванд. Кормандони рӯзнома хостаанд, ки тамоми муҳтавои дар 16 саҳифа ҷойдоштаро дар саҳифаи аввал диҳанд. Ин чанд ҷиҳати нохуб дорад, аввалан, хонанда ва бинандаро хаста мекунад, тасвирҳо ва матнҳо - анонсҳои аз ҳад зиёд чашми бинандаро мезананд, дуюм, тамоми иттилоъ, ки дар саҳифаи аввал ҷой дода шуд, хонанда зарурати кушода хондани онҳоро намебинад.

Ба қавли профессор А. Саъдуллоев: *«Тасвир дар газета ахборест, ки хонанда аввалтар аз ҳама ба он аҳаммият медиҳад»* [5, с.35]. Ҳайати рӯзнома бояд муқаррар кунанд, ки кадом типи мақолаҳо бо чӣ гуна сурат бояд чоп карда шаванд, дар акси ҳол мақолаеро, ки хонанда дар он тасвире дидан мехоҳад, аммо намеёбад, нуқсдор, ахбори нопурра мепиндорад. Тасвири анонсҳои саҳифаи аввали шумораҳо бо муҳтавои дохили саҳифаҳо гоҳо мувофиқат намекунанд. Суратҳо, тасвирҳои ниҳоят зиёд паси ҳам гузошта шудаанд, ки хеле хастакунандаанд, ба замми ин дар ҷойҳои холии бесурат матнҳо, ки онҳо низ хусусияти анонсӣ доранд, ҷой гирифтаанд. Чунин ба назар мерасад, ки мутасаддиёни рӯзнома мехоҳанд, ки ҳамзамон тамоми иттилоъро дар саҳифаи аввал ҷой диҳанд.

Аммо муқоисаи солҳои баъдина нишон медиҳад, ки кормандони рӯзнома батадриҷ ин норасоиро ислоҳ мекунанд. Мо, аллакай, дар шумораҳои солҳои 2000 чунин сарбории зиёди иттилоъро дар саҳифаи аввал намебинем. Саҳифаи аввали рӯзнома хеле тағйир ёфтааст. Аз қисмати чердаки рӯзнома танҳо як сурати андозаи калон, ки бо усули “крупный план” гирифта шудааст, аз қисмати чапи саҳифа анонсҳо аз маводи шумора ҷой дода шудаанд. Логотип ва сурати саҳифаи аввал бо ранги кабуд, сиёҳ ва сафед ороиш ёфтаанд. Умуман, тарзи навишти номи рӯзнома дар таърихи ташаккули «Чархи гардун» як маротиба дигаргун карда шудааст. То солҳои 2010 он як хел аст, бо гарнитураи якхела навишта мешавад, аз боло калимаи «чарх» бо кеглҳои хурдтар ва аз зери он калимаи «гардун» бо кегли калон ва соядор навишта мешавад. Пас аз соли 2010 ҳар ду ҷузъи сарлавҳаи газета бо кеглҳо ва гарнитураи якхела навишта мешавад. Гоҳо он бо ранги сиёҳ дар фони сафед ва гоҳо бо ранги кабуд ё сурх дар фони сафед навишта мешавад. Ранги ҳуруф гоҳо тағйир меёбад: сиёҳ, кабуд, сурх. Ҳамин се ранг ҳамеша дар номи рӯзнома дар давоми солҳои гуногун ҳамдигарро иваз мекунанд. Ранги сурх бештар дар мавриди иду ҷашнҳои миллию давлатӣ гузошта мешавад.

Рӯзномаи «Фараж», ки ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҳисоб мешавад, низ масъалаи ороиши логотипро аввалиндараҷа намеҳисобад. Рӯзнома аз соли 2006 ин ҷониб нашр мешавад. Логотипи он дар фони сиёҳ (выворотка), баъдан кабуд оварда мешавад. Ҳамагӣ як маротиба ранги логотип ва сарлавҳаҳои саҳифаи аввалу охири худро соли 2008 аз ранги сиёҳ ба ранги кабуд иваз намудааст. Аагарчи ин ранг махсус маъное надошта бошад ҳам, ин рӯзномаро дар нигоҳи аввал аз дур аз баъзе рӯзномаҳои дигар, масалан «Миллат», «Озодагон», «Азия-плюс» ҷудо мекунад. Аз ҷониби дигар, мувофиқи сухани худи кормандони ҳафтанома, номи рӯзнома бояд сафеди барҷаста бошад, аммо дар фони сиёҳ чандон он ба чашм намоён намебарояд, ранги сиёҳ гоҳ равшан ва гоҳо хира меояд ва номи ҳафтанома барҷаста намоён намегардад. Ба андешаи мо, ин иқдом бо ҳамин гуна мақсад пеш гирифта шудааст ва мутасаддиён ба ҳадафашон ҳам расидаанд. Он дар формати А3 нашр мешавад. Формати мазкур барои хондан мувофиқ аст. Гоҳо дар саҳифаи аввали рӯзнома суратҳои пуррасозандаи мазмуни маводи таҳлилии рӯзнома ба андозаи калон – 12х14 чоп карда мешаванд. Ин дар ҳамаи шумораҳо ба назар намерасад. Ин ҳолро мо бештар пас аз мавридҳое мушоҳида мекунем, ки дар ҳаёти мамлакат ягон ҳодисаи калони сиёӣ, иқтисодӣ рух дода бошад. Парвандаҳои пурмоҷарои ҷиноятӣ баррасӣ мешаванд. Ин ба хонанда ҳушдор додан аст, ки ин шумораи рӯзнома шумораи махсус аст. Умуман, дар аксар рӯзномаҳои ҷаҳон ҳамин хусусият ба назар мерасад, ки маводи ҳангомаҷӯёнаро ҳатман бо суратҳои калонҳаҷм, сарлавҳаҳо бо ҳуруфи калон чоп мекунанд.

Масалан, агар ороиши рӯзномаи расмии давлатӣ - «Ҷумҳурият»- ро барои муқоиса мисол оварем, мебинем, ки аз соли 1992 то ин ҷониб дар логотипи худ чандон дигаргуниҳо ворид нанамудааст, формати он комилан устувор аст, бо формати А2 нашр мешавад, зеро аз сабаби рӯзномаи обрӯманд ва ҳукумати Тоҷикистон буданаш формати худро устувор нигоҳ медорад. Чунин формат хосси аксари рӯзномаҳои расмии кишварҳо аст.

Дигаргуние, ки дар ороиши саҳифаи аввали «Ҷумҳурият» ба назар мерасад, асосан аз он иборат аст, ки гоҳо дар болои саҳифа аз мақолаҳои асоситарин, ки иборат аз 3-4-тоанд, бо сурати муаллифон, мусоҳибон, қаҳрамонони очерк анонс бо зикри номи мақола ё қисмате аз номи ҳамон мавод оварда мешавад. Гоҳо ҳамин анонсҳо ба муддати як моҳ, сол, гоҳо бенизом партофта мешавад.

Як хусусияти барои хонанда мушкилқабулшаванда дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» саҳифаҳои пур аз қонун ё баромадҳои тӯлонӣ аст. Ҳамин чопи қонунҳо аз як тараф, аз

тарафи дигар, формати калон талаб мекунад, ки андозаи калонкаҳо низ калон-калон бошад. Ба андешаи мо, вақте ки чунин қонунҳо ё баромадҳо ба табъ мерасанд, бояд замимае барои онҳо пешниҳод карда шавад.

Дар ороиши саҳифаҳои «Чархи гардун» муҳтавои мавод низ роли муҳим мебозад. Азбаски қисме аз маводи рӯзнома ба мавзӯъҳои фарҳангӣ бахшида мешаванд, махсусан дар ҷашнҳо ва идҳои миллӣ саҳифаҳои идонаи рӯзнома ранга ороиш дода мешавад. Албатта, мо «Чархи гардун»-ро дар коғази "глянцевый" намебинем, аммо шумораҳо ва саҳифаҳои идона ранга чоп мешаванд.

Ороиши саҳифа ба муҳтавои мавод сахт вобастагӣ дорад, агар мавод дар бораи шахсони воқеӣ, ҳунармандон, намояндагони илму фарҳанги тоҷикӣ бошад, бештар акси онҳо ҷой дода мешавад. Мавод агар дар бораи ҳаёт ва фаъолияти намояндагони фарҳанг бошад, суратҳои гуногун аз зиндагии қаҳрамонон, лаҳзаҳои хотиравӣ, таърихӣ ҷой дода мешаванд. Дар бисёр мавридҳо иттилооти таҳлилиро тасвирҳои аз манбаъҳои гуногун гирифташуда ҳамроҳӣ мекунанд, ки манбаашон нишон дода намешавад. Масалан, дар шумораи 11.02.2010-и рӯзнома таҳти рубрикаи «Ҷиноят ва ҷазо» маводе бо номи «Вақте ки ҳама дар хоб буданд» (муаллиф Бахтиёр Маҳмудов, корманди прокуратураи ш. Душанбе ва Ҷалолуддин Садриддинов муовини котиби матбуотии ВКД) маводе чоп шудааст, ки аз қисмати байни мавод сурате бо нишон додани чеҳраи як зан ва як марди чеҳраашон аврупоӣ ҷой дода шудааст. Дар ин тарзи ҷой додани сурат чанд чизро бояд таъкид намоем. Аввалан, онҳо бо ҳодисаи дар мақола шарҳёбанда мувофиқат намекунанд, дуюм, чеҳраи ҳам зан ва ҳам мард аврупоӣ аст, сеюм, симоҳои дар сурат овардашударо равшан бе ретуш кардани чашмон овардаанд, ки хилофи ахлоқи касбии рӯзноманигорӣ мебошад, чаҳорум, манбаи сурати овардашуда нишон дода намешавад.

Дар ороиши рӯзнома саҳифаи рекламавӣ низ нақши муҳим дорад. Азбаски худи реклама як масъалаи баҳси ҷудогона аст, бинобар ин, дар хусуси саҳифаи рекламавӣ ин ҷо чизе зиёд гуфтанӣ нестем. Танҳо ҳаминро қайд менамоем, ки ороиши маводи рекламавӣ аз ҷониби идораи рӯзнома сурат намегирад. Онҳо танҳо рекламаҳои мизоҷон пешниҳоднамударо дар саҳифа ҷой медиҳанд, аз ҷумла рекламаҳои ширкатҳои мобилӣ, корхонаҳои сохтмонӣ, фурӯши хонаҳо бо рекламаҳои рангаи тасвирдор ҷой дода мешаванд.

Ҳамчунин саҳифае, ки бо ороиши махсус фарқ мекунад, саҳифаи гороскоп аст, ки он як навъ ороиши қолабӣ дорад. Мавод дар рамкаҳо ҷо дода мешавад, саҳифаро тасвири коинот, занҳои зебо, тасвири рамзии "знаки зодиак"-ҳо ташкил медиҳанд. Аслан ороиши ин саҳифа низ аз саҳифабанди рӯзнома заҳмати зиёд талаб намекунад, дар он қолабҳои маъмулӣ аз интернет аз сомонаҳои гуногун гирифта мешаванд.

Паспорти рӯзнома дар саҳифаи охир оварда мешавад. Бояд гуфт, ки рӯзномаҳои гуногун ҷойи паспортро дар саҳифаҳои гуногун муқаррар мекунанд, масалан рӯзномаҳое, ки маводи рекламавӣ бештар доранд, паспортро дар охири саҳифаи рекламаҳои ҷолибтар дошта ҷой мекунанд. Барои онҳо шиносонидани худашон бо хонанда, истеъмолкунандаи реклама низ муҳим аст.

Хулоса, ороиши рӯзномаи «Чархи гардун» чун намунаи рӯзномаҳои дигари ҷамъиятӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ далели он аст, ки ҳанӯз фарҳанги ороиш дар рӯзноманигории тоҷик ба андозаи кофӣ рушд накардааст. Зеро то ҳанӯз ҳам бисёр қоидаҳои ороиши рӯзнома пурра риоя карда намешаванд. Шояд ба ин масъала бознигарии қонунгузорӣ дар мавриди ҳуқуқи муаллифӣ мусоидат намояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Василик, М.А. Основы теории коммуникации: Учебник / М.А. Василика и др. - М.: Гардарики, 2003. - 615 с.
2. Головко Е.Б. Дизайн российских газет: генезис, современное состояние и тенденсии развития: автореф. дисс… канд. филол. наук: 10.01.10 / Е.Б. Головко. - М., 2011. – 22 с.
3. Кашкин, В.Б. Введение в теорию коммуникации: Учеб. Пособие / В.Б. Кашкин. - Воронеж: Изд-во ВГТУ, 2000. - 175 с.
4. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 255 с.
5. Саъдуллоев, А. Саҳифабандӣ ва чопи газета / А. Саъдуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 128 с.
6. Садъдуллаев, А. Техника и технология средств массовой информации / А. Садъдуллаев, Н. Салихов. - Душанбе: Ирфон, 2009. - 244 с.
7. Полетаев, Э.Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ / Э.Э. Полетаев. – Душанбе, 2005. – 280 с.
8. Усмонов, И.К. Жанрҳои публисистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
9. Усмонов И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.К. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе, 2008. - 365 с.

МАНБАЪ

1. Чархи гардун – 1997г.-№№1-25.
2. Чархи гардун -2010г.-№№1-25.
3. Чархи гардун – 2018.-№51.

МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ ОРОИШИ «ЧАРХИ ГАРДУН» ҲАМЧУН НАМУНАИ МАТБУОТИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ

Мақола ба таҳлили ороиши яке аз рӯзномаҳои хусусӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф рӯзномаи «Чархи гардун» аз шумори рӯзномаҳое мебошад, ки дар ташаккули маҳорати рӯзноманигорӣ дар ҷомеаи рӯзноманигории тоҷик нақши муҳим дорад, зеро маҳз ин рӯзнома яке аз намунаи беҳтарини матбуоти хусусӣ дар Тоҷикистон аст, ки мавқеи худро чи аз нигоҳи муҳтаво ва чи аз нигоҳи ороиш то ба имрӯз нигоҳ медорад ва инкишоф медиҳад. Рӯзномаи «Чархи гардун» бо ороиши махсуси худ аз матбуоти даврии дигар фарқ мекунад. Муаллиф барои исботи назари худ дар муқоиса ороиши рӯзномаҳои дигарро низ меоварад. Дар баробари ин, муаллифи мақола чунин мешуморад, ки дар саҳифаҳои «Чархи гардун» барои ороиш суратҳои аз манбаъҳои гуногун гирифташуда истифода мешаванд, ки сарчашмаашон нишон дода намешавад. Ин талаб мекунад, ки меъёрҳои ахлоқи касбии рӯзноманигорӣ риоя гардад ва дар қонунгузории кишвар масъалаи мазкур ба таври махсус қайд карда шавад. Муаллиф дар таҳқиқи худ ба сарчашмаҳои гуногуни илмӣ такя мекунад ва аз методҳои муқоисавӣ, контентаналӣ истифода мебарад.

Калидвожаҳо: дизайн, ороиш, андоза, логотип, шиноснома, рӯгардон, досафед.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О ДИЗАЙНЕ «КРУГОВОГО КОЛЕСА» НА ПРИМЕРЕ НЕПРАВИТЕЛЬСТВЕННОЙ ПРЕССЫ

Статья посвящена анализу оформления одной из самых первых частных, неправительственных газет в Таджикистане. По словам автора, «Чархи гардун» является одной из ведущих газет таджикского журналистского сообщества, поскольку она является одним из лучших и успешных примеров частной прессы в Таджикистане. Дизайн и оформление периодических изданий в условиях Таджикистана находятся еще в стадии развития. Газета "Чархи гардун" отличается от других периодических изданий особым дизайном. Для того, чтобы доказать свои позицию и мнение, автор приводит примеры дизайна и других таджикских периодических изданий. В то же время автор утверждает, что на полосах газеты «Чархи гардун» используются фото из разных источников без указания на источник, что является свидетельством нарушения этических норм журналистской деятельности. Данная ситуация требует и внесения в некоторых местах законов Республики Таджикистан о СМИ и авторских правах. В своих исследованиях автор опирается на различные научные источники и использует методы аналогии и контент-анализа.

Ключевые слова: дизайн, формат, логотип, паспорт, выдача.

REFLECTIONS ON THE DESIGN OF THE “CIRCULAR WHEEL” ON THE EXAMPLE OF A NON-GOVERNMENTAL PRESS

The article is devoted to the analysis of the design of one of the very first private, non-governmental newspapers in Tajikistan. According to the author, “Charkhi Gardun” is one of the leading newspapers of the Tajik journalistic community, as it is one of the best and most successful examples of the private press in Tajikistan. The design and design of periodicals in the conditions of Tajikistan are still under development. The newspaper Charchi Gardun differs from other periodicals in its special design. In order to prove his position and opinions, the author gives examples of design and other Tajik periodicals. At the same time, the author claims that on the pages of the newspaper Charkhi Gardun, photos from various sources are used without indicating the source, which is a violation of the ethical standards of journalistic activity. This situation also requires the introduction of laws of the Republic of Tajikistan on mass media and copyrights at some points. In his research, the author relies on various scientific sources and uses the methods of analogy and content analysis.

Key words: design, format, logo, passport, issue, waist patches.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳайдарова Лола Абдулҳакимовна*** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30. Тел.: **(+992) 907-79-44-99**

Сведения об авторе: ***Хайдарова Лола Абдулхакимовна*** – Российско-Таджикский (славянский) университет, соискатель кафедры отечественной и международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. Тел.: **(+992) 907-79-44-99**

Information about the author: ***Haidarova Lola Abdulhakimovna*** - Russian-Tajik Slavic University, applicant for the department of domestic and international journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. M. Tursunzade, 30. Tel**.: (+992) 907-79-44-99**

УДК: 891.550:002

ДУ ИҚДОМИ НАҶИБИ РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Абдураҳимов Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таҳлили замина ва сабабҳои зуҳури ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидии Осиёи Марказӣ дар охири асри XIX ва аввали қарни XX, баъдан пайдоиши матбуоти тоҷик дар даҳсолаи аввали асри XX собит месозад, ки мавзӯи маориф дар онҳо ҷойи аввалиндараҷаро ишғол мекунад. Аз ин бармеояд, ки ташаббускорон ва муассисони нашрияҳои аввалини тоҷикӣ маорифпарварон ва ҷадидоне буданд, ки ҳадафи асосиашон ислоҳоти маориф ба ҳисоб мерафт. Дар ҳақиқат, «тамоми муддати давомоти «Бухорои шариф» мавзӯи ислоҳоти мактабу маорифи кишвар масъалаи марказӣ буда, муҳтаво ва дарунмояи ин нашрияи мунавварфикрони тоҷикро баён менамояд» [6, с.41]. Соҳаи маориф

будани мавзӯи асосии нашрияҳои нахустини тоҷикӣ аз тарафи илми таърихшиносӣ ва филологияи тоҷик пурра собит гардидааст, аммо омилҳои асосӣ - сабаб ва шаклҳои инъикоси он пурра омӯхта нашудаанд. Дар ин бобат корҳои анҷомдодаи муҳаққиқи ҷараёни ҷадидияи Осиёи Миёна Нуъмонҷон Ғаффоров қобили қайданд. Аз ҷумла, дар рисолаи «Таърихи фаъолияти фарҳангӣ-маорифпарварии ҷадидон дар Аморати Бухоро» (ба забони русӣ) [6, с.66-92] оид ба фаъолияти ҷадидон дар масъалаи ташкили мактабҳои усули нав ва ташкили ҷамъияти «Тарбияи атфол», дар мақолаи «Инъикоси масоили мактабу маорифи миллӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» [5, с.41-50] дар бораи мазмуну мундариҷаи баъзе мақолаҳои соҳаи маориф дар рӯзномаи мавриди назар маълумоти кофӣ дода шудааст. Ҳадафи мақолаи мо бошад, аз баррасии мавзӯю мундариҷаи матолиби рӯзномаи «Бухорои шариф» дар бораи маориф пешниҳодҳои муфиди он, аҳаммияту натиҷаҳои онҳо маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки инъикоси масъалаи маориф дар матбуот нахуст аз рӯзномаи «Бухорои шариф» (1912) шурӯъ гардидааст. Аз сармақолаи аввалини рӯзнома «Ғояи омол» бармеояд, ки дар байни равшанфикрон андешаи ташкили рӯзнома замоне ба миён омад, ки ба маориф зарурат пайдо шуд: «Пас бар ҳасби авқот ва азмина пояи улуми маорифро бояд тараққӣ дод! Аз ҷумлаи асбоби тараққии маориф (бар ҳасби авқоти ҳолия) ҳамоно интишори рӯзномаҷот аст, ки ахбори ҳама ҷоро ба ҳама кас медиҳад!.. Мухтасар ин ки рӯзнома беҳтарин асбобест дар нашри таъмими маориф ва муовинати баннӣ навъи инсонӣ бидуни ҳоҷат ба хилтаву омезиши зоҳирӣ… Чун алҳол матбаа ҳозир, уламо ва маориф ҳаводору муаввин… вақти нашри маориф расида» [4, №1.1912, март, с.1]. Боиси қайд аст, ки дар ин чанд ҷумлаи хурд калимаи «маориф» панҷ маротиба такрор ва ҳатто, боре ба маънои «рӯзнома» истифода шудааст. Пас, маориф объект ва мавзӯи асосии рӯзнома мебошад. Ҳатто, истилоҳи «маориф»-ро баъзан дар радифи «рӯзнома» ба кор бурдаанд. Ин ҳолат дар сармақолаи шумораи дувум «Ифтитоҳ» низ мушоҳида мешавад, ки калимаи «маориф» борҳо такрор ва гоҳо ба маънои «нашрия» истифода шудааст. Зикр мешавад, ки «Нашриёти мо иборат аз масоили мухталифа ва маълумоти мутафарриқа хоҳад буд. Вале бояд ба тартиби вазъи таълим ибтидо намуд» [4, №2.1912, с.1]. Дар мақолаи мазкур оид ба хусусиятҳои маорифи кишвар андешаҳои ҷолиб баён гардида, қайд мешавад, ки усули таълимро аз Ғарб бетағйирот нусхабардорӣ кардан ҳам нашояд.

Дар мақолаи «Тартиб лозим аст», ки дар шумораҳои 5, 6, 7 ба чоп расида, Мирзо Ҷалол роҳҳои самарабахши таълимро ҷустуҷӯ намуда, пешниҳод мекунад, ки аз ҳисоби ихтисор кардану барҳам додани мавзӯъҳои нодаркор афзун намудани малакаву ихтисосмандии толибилмон имконпазир аст. Нуктаи аз ҳама муҳим дар мақола баёни марому мақсади «тараққихоҳон ва миллатпарастон» дар бораи бо иҷозати «ҷаноби олӣ ташкили ҷамъияти «Нашри маориф» дар Бухорои шариф» мебошад. Ҳадафи асосии ҷамъияти мазкур дигар кардани низоми маориф, ба роҳ мондани мактабҳои усули нав буд. Вобаста ба ин, муҳаққиқон пайдоиши ҷадидияро ҳамчун ҷараёни пешқадам ва идомабахши кори маорифпарварони давраи аввал ба мактабҳои усули нав, яъне «усули ҷадид» алоқаманд медонанд [2, с.66]. Ин иқдоми аввалин ва назарраси рӯзнома ба пешравии афкори мардуми Бухоро таъсири назаррас гузошт. Мирзо Ҷалол медонист, ки бе такя ба ҳукумат ва уламо мақсад амалӣ намегардад. Бинобар ин, онҳоро «падарон» номидааст: «Эй падарони муҳтарам!!! Бар ҳоли мо раҳм оред, мо авлоди шумо ҳастем». Бо ин ҳукуматдорон ва зимомдорони давр дар ин кор масъул шуморида шудаанд. Такрор ба такрор зикр мекунад, ислоҳи маориф хоҳиши амир аст. Агар «раисон, урафо ва ришсафедон» ин пешниҳодро писанданд, ба идораи рӯзнома иттилоъ диҳанд; вазъи «узвият, кайфият, ташкил, маромномаи ҷамъият, низомномаи он»-ро ӯ тартиб хоҳад дод. Умед менамояд, ки дар ин кор бояд «ғараз, мараз, иноний, такаббур, ҳасад ва амсоли ин сифоти разиларо аз худ дур намуд» [9, №7.1912, март, с.1].

Мақола байни хонандагон вокуниши зиёд пайдо кард. Ин гувоҳи дар Бухоро зиёдии рӯзномахонҳо мебошад ва хулосаи мафкурачиёни шӯравиро дар бораи саросар бесавод будани мардуми маҳаллӣ рад мекунад. Аз ҷумла, дар мактуби беимзо бо номи «Кӯшиш ва талош» масъалаи масъулияти волидон ба миён гузошта шудааст. Таъкид мешавад, ки калонсолон ҳар ҳафта як маротиба бояд аз ҳоли тифлон бохабар шаванд, ки: «дар зарфи як ҳафта тифл чӣ таҳсил карда ва таҳсили ӯ дар ҳафтаи оянда чӣ хоҳад шуд» [4, №5. 1912, 16 март, с.2]. Ҳамчунин, муаллифи нома ифтитоҳи мактаби духтарона ва «ба муаллимаҳои онҳо таъйин кардани маош»-ро тақозои замон донистааст [4, №5.1912. 16 март, с.2]. Нома баэҳсос аст: «Эй бародарони динӣ, чӣ тавқиф мекунед? Дар чӣ интизор ҳастед? Бархезед, иқдом намоед, аз барои ташкил намудани ҷамъияти «Нашри маориф» аз барои интишори илм дар миёни авлоди ватани мо ва нагузорем ин фурсатро, ки фавт шавад ва илло пушаймонӣ суд нахоҳад кард» [4, №5. 1912, 16 март, с.3]. Хонандаи дигар Акмал Назаруф хотиррасон карда, ки чанде пеш барои беҳбудии кори таълим ба муаллимон маош ва

барои тафтиши макотиб нафареро маъмур ва нозир таъйин намудаанд. Ногуфта намонад, ки оид ба ин масъала аз ин пештар маорифпарварон ва ҷадидони Бухоро ба амир ариза навишта буданд ва баъдтар Абдурраҳуфи Фитрат дар мақолааш «Иқдомоти ислоҳи коронаи ҳукумати Бухоро» дар маҷаллаи «Ойина» [10, №15. 1914. с.1-2], дар ин бора изҳори назар кардааст.

Муаллифи мақолаи «Дар лузуми ҷамъияти «Нашри маориф» тафсил лозим аст» «Син.Айн» хонандагони рӯзномаро ба ду қисм ҷудо карда: бохабар ва бехабар. Дувумӣ аксарият аст, аз ин рӯ, барои онҳо тафсири масъала, «хулоса, таърихи натиҷаи чандсолаи ҷамъиятҳои ҳозираро ба тарзи ҳикоя дар назари хонандагон бояд гузошт». Муаллифи мактуби «Маорифхоҳӣ ё худ касби иттилоъ» ба хушнудӣ навишта, ки «агар ин матлаб, яъне ташкили ҷамъияти «Нашри маориф» ва ислоҳи макотиб ва тарбияи атфол ба зудӣ ба вуҷуд ояд, боиси як дуо дар ҳаққи ҷаноби олӣ ва вазоратпаноҳ қушбегӣ хоҳад шуд». Дар мактуби дигар бо номи «Лузуми қироатхона ва китобхона» омада, ки яке аз вазифаҳои ҷамъияти «Нашри маориф» ташкили китобхона бояд бошад. Имрӯз дар ягон мадраса як ҷилд китоб нест. Муаллифи мактуби «Иллати мо чист?» пешниҳод карда, ки рӯзнома ҳарчӣ «зудтар маромномаи ҷамъиятро ба моён бифаҳмонад!»

Сипас, ташаббускори асосӣ Мирзо Ҷалол дар мақолаи «Таҷдиди матлаъ» дар бораи маъною мазмуни ҷамъият чунин изҳор дошта, ки «ин ҷамъият аз (аҳли) маориф ва бузургон ва сарватдорони ҳар мамлакат ташкил ёфта, асли маромиҳо онҳо иборат аз тарбияти авлоди ватан ва фикри ояндаи эшон мебошад». Мақсади асосии он аз ду ваҷҳ вобаста аст: шахсӣ ва умумӣ. *Шахсӣ* ин барои таҳсили фарзандони баистеъдоди мардуми камбизоат ёрии моддӣ расондан, *умумӣ* ҷомеаро ба хондану таълим додани атфолашон ташвиқ намудан аст. Ба фикри муаллиф, агар бо сабабе ҷамъият ташкил нашавад, ӯ тайёр аст бо ҳамроҳии «ҳаваскорони илм ва ирфон» ҷамъияти хурде созмон дода, низомномаи онро тартиб диҳад ва сипас, ба таъсиси як мактаби махсус шурӯъ кунанд, ки панҷоҳ-шаст нафар хонандаро дар бар гирад. Вақтро аз даст надода, бояд аз ҳамин рӯз ба кор шурӯъ намуд, «ки сад гуфта чун ним кирдор нест. Аз ҳамин имрӯз бояд ба фикр афтод ва корро ба фардо нагузошт» [4, №15. 1912. 28 март]. Мақолаи мазкур, ки барномаи амали Мирзо Ҷалол ва ҳамфикронашро ташкил медиҳад, дар се шумора (№13, 14, 15) ба табъ расидааст.

Дар мақолаи «Лузуми ҷамъияти нашри маориф» қайд шуда, ки маромнома ва низомномаи ҷамъиятро навишта нашр намуда, «аз аҳли сарват ва маорифпарварон пул ҷамъ карда, қироатхона ва китобхонаҳо боз кунанд, атфоли толибилмро роҳнамоӣ ва атфоли фуқароро ба харҷи ҳамон ҷамъият таълим намоянд» [4, №16. 1912, 29 март]. Бо дархости хонандагон оид ба баъзе маълумотҳо иттилоъ дода: дар Боку ҷамъияти «Саодат» ҳаст, ки мактаб дорад, аз фаъолияти Ҷамъияти ҷуғрофии Рус ҳама бохабаранд, ба омӯзиши кишварҳо, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ машғул аст. «Ҳамаи инҳоро барои тараққии миллат ва мамлакати худ мекунанд» [4, №16. 1912, 29 март].

Дар мақолаи «Такрор» низ оид ба хоҳиши хонандагон дар мавриди навиштани маромномаи ҷамъият ҷавоб дода шудааст, ки манзури онҳо низомнома мебошад, яъне, донистан мехоҳанд, ки онҳо «чӣ тавр бояд ташкил бишаванд, чӣ тавр узв бишаванд, чӣ гуна кор бикунанд, ҷиҳати моддиро чӣ ҷур таъмин намоянд ва ҳоказо». Вобаста ба ин, идораи рӯзнома фарқиятҳои луғавӣ ва маъноии маромномаю низомнома, шаклу вазифаҳои онҳоро ба тафсил шарҳ додааст.

Ногуфта намонад, ки ҷамъияти «Нашри маориф»-и «Бухорои шариф» дар ҷойи холӣ пайдо нашудааст. Аз ин пештар ҷадидони Бухоро баъди аз тарафи амир баста шудани мактабҳои усули ҷадид дар моҳи декабри соли 1910 ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол»-ро ташкил карда буданд, ки дар муддати ду-се сол чандин кори назаррасро анҷом дод [5, с.76]. Аммо фаъолияти он аз чашми мардум то андозае пинҳон буд. Ташаббускорони «Бухорои шариф» ҷамъияти худро ба таври ошкор ва расман ба қайд гирифта, фаъолияташро ба роҳ монданӣ буданд. Аз ин рӯ, ба муқобилати сахт рӯ ба рӯ гашт ва ичро нашуда монд.

Гуфтугузорҳо дар мавриди ҷамъияти «Нашри маориф» ду моҳ идома карда, баъд хомӯш шуд, сабабашро фишори ҳукумати подшоҳӣ донистан мумкин аст. Аз ҷумла, дар як хабари ҳамин рӯзнома омада, ки «Идораи маҳаллии Семиречинск ба полисмейстери Олмоато чунин таклиф кардааст, ки дар бораи макотиби усули ҷадиди исломӣ, китобҳо ва муаллимҳои онҳо ва муаллифини он китобҳо маълумот ахз намояд. Чанд ҷамъияти хайрия, нашри маориф ва таовун доранд ва аъзо ва руасои онҳо киянд? Кадом китобҳо фурӯхта шуда ва фурӯшандагони онҳо киянд ва маслакашон чист?» [4, №27. 1912. 11 апрел]. Аз ин бармеояд, ки ҳукумати подшоҳии Рус пешравӣ, таолӣ, нашри маорифи аҳли бумии Туркистон ва Бухороро тарафдор набуд. Дар хабари дигар дар зери рубрикаи «Ахбори дохила» омада, ки 19 феврал аз тарафи губернатори ҳарбии Семиречинск ба полисҳо амр шудааст, ки «дар макотиби усули ҷадид муаллим бояд ҳатман аз аҳли ҳамон

қабила бошад (масалан, атфоли тоҷикро тотор ва ғайра наметавонанд дарс бидҳанд). Бояд дар он мактабҳо дарси русӣ низ хонда шавад, маромнома ва асомии кутуби тадрисияро ба ҳукумат нишон бидҳанд. Дар макотиби усули қадима бе ҳеҷ ваҷҳ набояд ба усули ҷадида тадрис бишавад. Дар макотиби усули қадима низ муллоҳо бояд аз аҳли ҳамон қабила бошад. Муллоҳоеро, ки аз қабилаи дигар ҳастанд, бояд берун кард». Муҳаққиқ Нуъмонҷон Ғаффоров баста шудани мактаби аввалини ҷадидии Хуҷандро аз тарафи сардори уезд дар соли 1910 низ аз ҳамин сабаб медонад [6, с.62-63]. Ҳамчунин, далелҳои дигари зиёд мавҷуданд, ки ҳукуматдорони рус ва уламои маҳаллӣ намехостанд, ки муаллимону журналистони пешқадами мусулмони қисмати Русия ба Осиёи Марказӣ омада фаъолият баранд [17, с.162]. «Ҳамин тавр, бо талаби бевоситаи рӯҳониёни Бухоро ва дахолати каме рӯйпӯши ҳамон Агенти сиёсӣ мактабҳои ҷадидӣ бори дувум ва бебозгашт баста шуданд» [5, с.81].

Донишманди маъруф Абдуррауф Фитрат дар яке аз мақолаҳои муҳимми публитсистиаш «Истиқбол» зимни исботи он ки рушди соҳаҳои муҳимми ҷомеа: тиҷорат, зироат ва санъат аз муассисоти илмия (яъне, мактабҳо ва мадрасаҳо) вобастаанд, қайд мекунад, ки дар ин бобат, мутаассифона, чизи намоён надорем: «Аввало аҳволи ҳозираи мактабҳои худро мулоҳиза бикунем: имрӯз дар даруни шаҳри Бухорои мо тахминан сесаду шаст мактаб мавҷуд аст, ки ин худ зоҳиран бояд хеле боиси дилхушӣ ва ифтихори мо бошад. Лекин ҳамин ки аҳволи ин мактабҳои миллии худро аз назд(ик) бештар тадқиқ мекунем, он қадар ҳақиқатҳои ғайри қобили инкор зоҳир мешавад, ки мушоҳидааш дили ҳар дӯсти беғаразро хун менамояд. Аз ҷумла, муддати таҳсилияи ин мактабҳо ҳафт сол аст, яъне аз барои ин ки авлоди ватани мо дар ин мактабҳо даромада хатту саводи зарурӣ бароранд, ҳафт сол лозим мебошад! Ин худ барои бесавод мондани аксар авлоди миллати мо сабаби бузурге аст» [4, №103. 1912. 17 июл]. Фитрат оид ба ислоҳи соҳаи маориф пешниҳодҳои муҳим ироа кардааст. Хонандагони рӯзномаи «Бухорои шариф» ва нашрияҳои дигар ҳар як мақолаи ӯро интизорӣ мекашиданд. Ғайр аз ин, ҳар як пешниҳоди ӯ вокуниши ҳукуматдоронро ба миён меовард [2, с.220]. А.Фитрат дар мақолаи мазкур менависад, ки дӯкондор фарзандашро ба мактаб не, ба дӯкони шахсиаш гузорад, фоидаи бештар мебинад, зеро муддати таҳсил дар мактаб зиёд аст ва касбе ҳам ёд намедиҳад. Усули таълими давлатҳои дигарро мисол меорад, ки чӣ тавр муддати таҳсилро кӯтоҳ карда, барои ба наврасон омӯзондани фанҳои дар зиндагӣ зарурӣ мекӯшанд. Муаллиф бештар ба низоми маорифи давлатҳои мусулмонӣ таваҷҷуҳ кардааст. Масалан, тамоми муддати таҳсил дар Миср ва Истанбули Туркия аз дувоздаҳ сол зиёд нест. Оид ба кишоварзӣ пешгӯӣ карда, ки: «панҷоҳ ё сад соли дигар аҳволи деҳқонони мо бадтар аз имрӯз хоҳад шуд,… кишту кори ин ҳама заминҳои зарбахши мо ба дигарон хоҳад гузашт!» Дар ҳақиқат, аз рӯзномаи мавриди назар маълумотҳое пайдо кардан мумкин аст, ки садҳо, ҳазорҳо деҳқони муҳоҷири рус дар кишвари Туркистон заминҳоро ба муддати то сад сол ба иҷора гирифта, наҳрҳо кофта пахтаву гандум коштаанд [1, с.127].

Зарурати ташкили ҷамъияти «Нашри маориф» дар чанд сафарномаи Мирзо Ҷалол низ таъкид гардидааст. Дар мақолаи «Дар Ишқобод» менависад, ки «як рӯзу ду шаб дар Ишқобод таваққуф намудам. Мардумонаш рағбат ба маориф доранд…». Аҳолӣ маблағ ҷамъ намуда, мактабҳоро таъмир кардааст. Барои мактаб «ҳавлӣ ва иморати бисёр лоиқ ва босалиқа харидаанд». Мактаб тоза ва толибилмонаш боадаб буданд.

Дар идомаи сафарнома (№28, 12 апрели 1912) Мирзо Ҷалол оид ба ҷамъияти нашри маориф дар Боку маълумот додааст. Аз фаъолияти ҷамъиятҳои хайрия маълумот медиҳад, ки баъзе барои дастгирии камбизоатон буда, дигарашон махсуси таълиму тарбияти атфоланд. Барои шогирдони камбизоат намоишномаи театрӣ гузошта, аз ҳисоби он зиёда аз як ҳазору дусад сӯм ҷамъ кардаанд, намоишномаи дигарро ҳам омода карда истодаанд, аллакай, ба понздаҳ ҳазору сесад сӯм чипта фурӯхтаанд, тахминан якуним ҳазор сӯм фоидаи соф мемонад, ки ба манфиати толибилмони камбизоат масраф мешавад. Дар зимн оид ба театр, манфиати он маълумот дода шудааст.

Дар сармақолаи калони «Саодат» нахуст маънии ин калимаи арабӣ шарҳ ёфтааст: «Саодат» ва «мусоидат» иборат аз фароҳам шудани асбоби дилхушӣ ва рафъ гардидани мавонеи хушвақтӣ аст. Гуфта мешавад фалон кас масъуд аст, яъне асбоби дилхушии ӯ ҷамъ аст. Ё фалон оқо дар фалон хусус ба банда мусоидат фармуданд, яъне рухсат ва изн доданд, ки бидуни монеъ бар ҳасби дилхоҳи худ коре бикунам ё ҳарфе бизанам. Мухтасаран ин ки маънии лозимии саодат дилхушӣ ва хушбахтӣ ва айши гуворо аст» [4, №36. 1912, 22 апрел]. Андешае баён шуда, ки дар мактаб шароити таълими илмҳои динӣ ва дунявӣ бояд муҳайё гардад. Бори аввал ба насли наврас баробари омӯхтани илми дин омӯхтани касби маош низ пешниҳод шудааст, то онҳо дар ҳар ду дунё ба саодат расанд [7, с.68].

Фарқияти асарҳои Мирзо Ҷалол ва дигар муаллифони асосии рӯзномаи «Бухорои шариф» дар он аст, ки онҳо бо эҳсоси баланд ва оҳанги бадеият навишта шудаанд. Аз ҷумла, дар мақолаи мавриди назар чунин сатрҳоро мехонем: «Ба воситаи касрати ҷонсӯзе, ки дорем, ҳанӯз ҳазор як дарди дилро наметавонем изҳор намоем. Дардҳои аҳолии исломи мунҳасири як ва даҳ ва сад нест, ки ба эҳмол ва ихтисор битавон бо ин қалами оҷизона таҳрир намуд!» Ин ҷо калимаву ибораҳое чун: «арза бо шоху барг, «касрати ҷонсӯз», «дарди дил», «қалами оҷизона» истифода шудаанд, ки хосси асари бадеӣ мебошанд. Дар мақолаҳои публитсистӣ кам воқеъ мегардад, ки чунин усул ба кор равад. Истифодаи калимаву ибораҳо ва порчаҳои бадеӣ, ба шакли ручӯи лирикию публитсистӣ яке аз хусусиятҳои мақолаҳои публитсистии «Бухорои шариф», дар умум, тамоми матбуоти пешазинқилобӣ ва солҳои аввали баъди инқилоб ба шумор меравад, ки ин ба ташаккули адабиёти тоҷик низ мусоидат кард [13, с.63]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар инъикоси масъалаҳои маориф дар рӯзномаҳои аввалини тоҷикӣ саҳми шоирон ва нависандагон калон мебошад, зеро «бештарини таблиғгарони ҷадидия шоиру нависанда буданд ва онҳо кӯшиш доштанд, ки ба воситаи шеъру адаб мардуми ғафлатзадаро талқини бедорӣ намоянд» [6, с.29]. Ҳамин тавр, адибон дар тарғиби илму маориф, ислоҳоти маориф бо қувваи эҷодиёти худ нақши намоён гузоштанд. Бинобар ин, омӯзиши саҳми шоиру нависандагон дар танвири афкор, тарғиби маориф бо мақолаҳои публитсистӣ ва ашъори таъсирбахш аз аҳаммияти баланд барҳӯрдор аст.

Мирзо Ҷалол ва А.Фитрат дар мақолаҳояшон борҳо аз як ҳошияхонӣ иборат будани барномаи таълимро сахт танқид кардаанд. Ин нуқси таълимро баъдтар Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар «Оина» (солҳои 1913-1914), муаллифони дигар дар «Шуълаи инқилоб» ва устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» [2, с.263] низ мавриди танқид қарор доданд.

Дар шумораи дигар дар мақолаи «Татмими саодат» Мирзо Ҷалол ба мақолаи пешинаи «Саодат» ишора карда, зикр менамояд, ки шояд уламо эътироз мекунанд, ки қабл аз тавсияи шумо ҳам мо чандсад мадраса ва мактаб доштем ва чӣ таврe ки дар яке аз шумораҳои аввали рӯзномаатон омадааст, шаш ҳазор талаба дорем, «дар як шаҳр аз ин бештар чӣ метавон кард?» Муаллиф ба ин ҷавоб додааст, ки «Оё ин вазъ дар ҳамон қадар муассисаҳои мо таъмин аст?» Дар идома тавассути муҳокимаронихои фалсафӣ сабаби пӯшида шудани нури саодатро ифшо менамояд. Аз рӯйи эҳтиёт изҳор медорад, ки мақсади мо «на ин аст, ки асоси исломиятро бардошта асосе аз нав бигзорем» [4, №38. 1912, 24 апрел]; таъкид сохта, ки манзури мо аз олоиш тоза намудани ҳар чизест, ки пеши нурро мегирад. Бо камоли хоксорӣ изҳор медорад, ки шояд дар муҳокимаронияш нуқсе бошад, бинобар ин, уламо метавонанд бо далел ва бурҳон онро ислоҳ намоянд. Мо бояд ба ин ҳолат розӣ набошем, ки исломият ба ин дараҷа «маглуби зулмоти авҳом ва шакук бимонад». Рӯзномаи «Бухорои шариф», чӣ таврe ки дар маромномаи он таъкид гардидааст, дар равияи динӣ буд ва инро пинҳон набояд дошт [15, с.63]. Ин аз як тараф, мувофиқи талаботи замон бошад, аз тарафи дигар, рӯҳияи динии рӯзнома хусусияти маърифатию аҳлоқӣ дошта, аз ин ҷиҳат аз нашрияҳои динии мамолики Шарқ, ҳамчунин, рӯзномаҳои динии тоторони Назди Волгаву Қафқоз як қадам ба пеш буд [11, с.63]. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои муайян кардани роҳи ислоҳ ҷаноби қозикалон даҳ-бист нафар уламои ҳар илмро ҷамъ намуда, ҷамъияте ташкил намоянд. Ин ҷо фарқияти байни ин ҷамъиятҳо шарҳ дода шудааст: «Ин ҷамъият ғайр аз ҷамъияти нашри маориф аст, ки мукаррар гуфтаем ва хоҳем гуфт. Ин ҷамъият ҷамъияти илмия аст. Ҷамъияти нашри маориф, ки гуфтем ва мегӯем, ҷамъияти моддия аст» [4, №38. 1912, 24 апрел]. Эзоҳ дода шуда, ки вазифаи ҷамъияти нашри маориф бо пулу мол муовинат намудани илму таълим, фарзандони мардуми камбизоатро маҷҷонӣ таълим додан мебошад, аммо ҷамъияти дувуме, ки бояд ташкил шавад, вазифаи муовинати маънавиро дорад. Он дар фикри ислоҳи тариқи таълим ва таҳсил мебошад, яъне ба забони имрӯза барнома ва методикаи таълимро таҳия менамояд, ба ин кор танҳо олимони соҳаҳои илм ҷалб мешаванд. Дар ҷамъияти «Нашри маориф» бошад, ҷиҳати моддӣ, ки ба уҳдаи тоҷирон, мансабдорон, сарватмандон мебошад, мавқеи асосӣ дорад. Мутаассифона, баробари ҷамъияти «Нашри маориф» ҷамъияти илмия низ ташкил нашуда монд.

Аҳаммияти мақолаи Мирзо Ҷалол «Таҷаддуди тазаккур» аз он иборат аст, ки дар он бори аввал иқдоми дуюм - ташкили ҷамъияти хайрия ба миён гузошта шудааст. Қайд мешавад, ки «Имрӯзҳо дар идораи мо таҷдиди музокираи ҷамъият муносиб дида шуд, ки феълан дар Бухорои шариф ба ташкили «Ҷамъияти хайрия» ишора ва ихторе навишта шавад. Дарвоқеъ, ба мулоҳизаи баъзе авзоъ ташкили ин ҷамъият воҷибтар аз ташкили ҷамъияти «Нашри маориф» аст. Ҷамъияти хайрия иборат аст аз иҷтимоъи таовунӣ» [4, №44. 1912, 1 май]. Сипас, Мирзо Ҷалол масъалаи мазкурро аз нуқтаи назари динӣ матраҳ намуда, далел меорад, ки «пас таъсиси чунин ҷамъияте аз ҷумлаи фароиз мебошад» ва

умаро ва сарватмандон онро ичро хоҳанд кард. Таовун дар давраи халифаҳои рошиддин ҳам будааст, аз ин рӯ, имрӯз дар аксари мамолики исломӣ дар пайравӣ ба он ҷамъияти таовунӣ ташкил шудааст. Арманиҳо ва яҳудоне, ки шумораашон хеле кам аст, тариқи чунин ҷамъиятҳо миллионҳо сӯм ҷамъ оварда, ба корҳои хайрия масраф мекунанд. Мо, ки таовун фарзияамон ба ҳисоб меравад, дар ин кор сустӣ мекунем.

Бояд гуфт, ки вокунишҳо дар мавриди ташкили ҷамъияти дувум низ зиёд буданд. Аз ҷумла, дар шумораи №47, аз 6 майи соли 1912 бо имзои даҳ нафар талабаи шаҳр ба идораи рӯзнома мактуби миннатдорӣ дарҷ гардидааст. Дар он омада, ки шогирдони мактабу мадрасаҳо ташаббуси ташкили ҷамъияти хайрияро дастгирӣ мекунанд. Аз муҳаррири рӯзнома хоҳиш менамоянд, ки зудтар маромномаи ҷамъиятро пешкаш карда, аз пайи кор шаванд. Аз тарафи идора ҷавоб навиштаанд, ки хуб аст, ки як зумра аҳли улум ба ҷамъият таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, бо хоҳиши бародарон маромнома ва низомнома тартиб дода, баъди иловаву ислоҳҳои аҳли илм пешкаш карда хоҳад шуд.

Ташаббускорон - кормандони рӯзномаи «Бухоро шариф» дар мавриди ҷамъияти хайрия ба хулоса омаданд, ки ташкили он ҳам аз ҷиҳати динӣ ва ҳам замонӣ осон хоҳад буд. Дар идомаи мақолаи «Таҷаддуди тазаккур» манфиати ҷамъияти хайрияи мазкур аз ҷиҳатҳои диниву дунявӣ шарҳ дода шудааст. Изҳори бовар шуда, ки ҳукумат ба ин ташаббус ҳамовозӣ хоҳад кард, зеро ҳадафи он ободии Ватан аст.

Мақолаи «Боиси тараққӣ»-и Мирзо Ҷалол низ дар таҳвияти масъалаи ташкили ҷамъияти хайрия мебошад. Аз ҷумла, аз маросиме дар мамлакати Русия бо номи «Гули сафед» ёд меоранд, ки тавассути он миллионҳо сӯм ҷамъ гардида, барои шифои беморон масраф мешавад. Ҷамъияте барои табобати бемории қалб низ ташкил шуда, ки танҳо аз ҳисоби тақдими гули сафед (ромашка) ним миллион сӯм ҷамъ кардааст. Аҷобати кор дар он аст, ки гулфурӯшон асосан аз ҳисоби занони сарватманд ва мансабдоранд. Баробари ин, имрӯз дар мамлакатҳои пешрафта ҷамъияту ташкилотҳои хайриявие ҳастанд, ки ба камбизоатон на танҳо нону маош, балки касбу кор ёд медиҳанд, то корашонро худ ба роҳ монда зиндагиашонро пеш баранд [4, №46, 1912. 4 май].

Мутаассифона, ҳар ду иқдом шурӯъ ба амал накарда, хомӯш гашт. Сабаби инро «М.С.» (Мирзо Сироҷи Ҳаким) дар мақолаи «Ангушти шашумӣ», ки баъди як моҳ чоп шуд, то андозае равшан кардааст. Қайд мешавад, ки дар атрофи ҷамъияти хайрия нафароне ҷамъ омадаанд, ки на танҳо хомӯш, балки бар зидди он кор мебурдагӣ шуданд. Дар ҷамъият боз ҳамон ду-се нафаре монданд, ки ташаббускор буданд. Аз чӣ бошад, ки як зумра дӯстон аз он канор гирифтанд; онҳоро муаллиф «ангушти шашум» номидааст, ки «агар қатъ карда, аз худ дур бикунӣ, дард карда, озорат медиҳад, агар бимонӣ монеи тамоми корҳост: Зинҳор аз рафиқи бад зинҳор!» [4, №72. 1912, 4 июн]. Чунин рафтори дӯстон Мирзо Сироҷро ба навиштани шеъри «Мусоҳиба» водор карда, ки бо мақолаи зикршуда якҷо чоп шудааст.

Бо вуҷуди ин ки ташаббусҳо натиҷа надоданд, гуфтугузорҳо оид ба паҳлуҳои дигари соҳаи маориф идома ёфтанд [11, с.61]. Чунончи, Мирзо Ҷалол дар мақолаи «Чӣ хоҳад шуд?» баъди шарҳи баъзе масъалаҳои давлатдорӣ зарурати ислоҳи низоми маорифро таъкид кардааст. Ба ақидаи ӯ, касеро муаллим бояд гуфт, ки вазъ ва услуби улумро ба ваҷҳи саҳл ва осон битавонад ёд диҳад. Дар бораи маънии калимаи «таълим» маълумот дода, мегӯяд, ки «агар маънӣ ва вазъи таълим дуруст фаҳмида шавад, муаллим шудан зудтар мумкин ва осон хоҳад буд» [4, №92. 1912, 27 июн]. Дар ин қисмат дар бораи усулҳои таълим, ба маънии имрӯза методика маълумот дода, қайд мекунад, ки «таълим як қонуни махсусе дорад». Зикр менамояд, ки агар донишманд муаллим шудан хоҳад, бояд ба «дорулмуаллимин» даромада таҳсил намояд, яъне бояд «қонуни таълимро ҳам бидонад!» Дар ин мақола бори аввал ба истилоҳи «педоғужӣ» вомехӯрем. Сипас, дар бораи истеъдод, хулқ, рафтор, нармӣ, ҷиддият барин хусусиятҳои муаллим ибрози назар мекунад, чунончи менигорад, ки муаллим «бояд ҳам виқори худро нигоҳ дорад, ҳам ба забони лутф ва хушӣ ба таломиза ёд диҳад». Маслиҳатҳое додааст, ки имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд: «Шогирдонро мисли падар меҳрубон, навозиш карда худаш ҳам падарона виқори худро нигоҳ дорад». Дар мавриди китобу дастурҳои таълимӣ фикреро баён сохта, ки то имрӯз аз аҳаммият холӣ нест: «Китоберо унвони дарс ва таълим қарор дод, ки шахси муаллими таҷрибакоре навишта бошад на ин ки марди фозил ва муҳаққиқе!» Яъне, Мирзо Ҷалол одами донишманд ва муаллимро аз ҳам ҷудо кардааст ва пешниҳод намуда, ки китоби дарсии мактабро шахси дар касби муаллимӣ таҷрибадор бояд нависад на олим. Чунончи, ӯ таълим аз рӯйи китоби «Шарҳи мулло»-ро, ки дар он замонҳо дар мадраса таълим медоданд, дуруст намеҳисобад, зеро он барои муҳаққиқин аст на барои талаба. Дар мавриди «Гулистон»-и Саъдӣ иброз дошта, ки аксар вақт барои таълими забони форсӣ муаллимон аз он истифода мебаранд. Аммо китоби мазкур аҳлоқист. «Забон ёд додан дигар аст, ахлоқ ёд додан дигар! Агар дар зимни ахлоқ забон низ ёд дода шавад, ки

як тиру ду нишон ирода кунанд, саҳв кардаанд». Мулоҳизаҳо дар мавриди таълими якҷояи фанҳо ҳоло низ қобили мулоҳиза буда метавонанд. Зеро дар ин ҳолат, ба қавли Мирзо Ҷалол, «қувва ва истеъдоди бача кӯр шуда, аз ҳар ду маҳрум мемонад» [4, №92, 1912. 27 июн].

Пешниҳодҳо дар бораи масъалаҳои маориф дар байни хонандагон баҳсу вокунишҳоро ба вуҷуд овардаанд. Чунончи, дар яке аз шумораҳо зикр шуда, ки агар талабагон дар назди қозикалон аз ҷониби нозири таъйинкардаи амир санҷида шаванд, ба нафъи хонандагон ва муаллимин хоҳад буд. Дар шумораи баъдина нозири маориф пешниҳоди мазкурро ғаразнок шуморидааст. Дар шумораи дигар хонандае ҷавоб менависад, ки пешниҳоди хонандаи рӯзнома бар ғараз нест, балки ба манфиати тараққӣ мебошад. Таъкид шуда, ки аз муаллимин ва шогирдони онҳо бояд дар назди қозикалон аз тарафи нозир имтиҳон гирифта шаванд.

Ҳарчанд иқдомҳои наҷиби рӯзномаи «Бухорои шариф»- ташкили «Ҷамъияти нашри маориф» ва ҷамъияти хайрия амалӣ нагаштанд, кӯшиши ташкили чунин ҷамъиятҳо дар танвири афкори шаҳрвандони Бухоро ва Туркистон нақши муҳим бозиданд [5, с.93]. Гуфтан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои барҳам додани рӯзномаи мазкур ба ин монанд иқдомҳо буданд; торафт густарда гаштани фаъолияти рӯзнома, аз тарафи аҳолӣ дастгирӣ ёфтани иқдомҳои он ҳукумати аморати Бухоро ва намояндагии Русияи подшоҳиро ба ташвиш оварда метавонист [2, с.92]. Ногуфта намонад, ки ҷамъияти ба ин монанд - Созмони толибилмони Бухорою Туркистон ҳамон солҳо ба таври пинҳонӣ «Ҷамъияти нашри маориф ва ёрмандии Тӯрон»-ро ташкил кард ва бо маблағи худ чанде аз ҷавононро ба хондан ба Туркия ва мамлакатҳои дигар фиристод [6, с.84]. Аммо фаъолияти он чун иқдомҳои зикршудаи «Бухорои шариф» назаррас набуд ва дар байни халқ ба таври густарда ҳамовозӣ пайдо накард.

А Д А Б И Ё Т

Нашрияҳо

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби дувум / С. Айнӣ. - Душанбе: НДТ, 1963. - 506 с.
2. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / С. Айнӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. - Душанбе: СИЭМТ, 2010. - С.201-308.
3. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х. Асозода. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.
4. «Бухорои шариф» (1912)
5. Гафаров Н. История культурно-просветительской деятельности джадидов в Бухарском эмирате (начало XX века) / Н.Гафаров. - Худжанд, 2000. - 160 с.
6. Ғафоров Н. Ҷадидия ва шинохти он / Н.Ғафоров. - Душанбе, 2013. - 160 с.
7. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А.Маҳмадаминов. - Душанбе: Сино, 1998. - 210 с.
8. Набавӣ А. «Бухорои шариф»-сароғози матбуоти миллӣ / А.Набавӣ. Душанбе: Бухоро, 2012. - 182 с.
9. «Овози тоҷик» (1924-1928)
10. «Ойина» (1913-1914)
11. Рустамзода М. Нахустматбуоти соҳаи маориф / М.Рустамзода. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 174 с.
12. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 1.: муаллифон Х.Мирзозода, А.Сайфуллоев ва А.Абдуманнонов. – Душанбе, 1985. - 225 с.
13. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И.Усмонов, Д.Давронов. - Душанбе: Маориф, 1997. - 160 с.
14. Усмонов И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008. - 280 с.
15. Ҳошим Р. Сухан аз устодон ва дӯстон / Р.Ҳошим. - Душанбе: Ирфон, 1983. - 272 с.
16. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Равшангари бузург / Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. - 340 с.
17. Шукуров М. (М.Ш.Бухороӣ). Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шукуров. – Душанбе, 2006. - 456 с.
18. «Шуълаи инқилоб» (1919-1921)

ДУ ИҚДОМИ НАҶИБИ РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Дар тадқиқотҳои соҳаҳои таърихи журналистика ва адабиётшиносии тоҷик мавзӯи инъикоси соҳаи маориф дар нашрияҳои аввалини тоҷикӣ, аз ҷумла, «Бухорои шариф» зиёд хотиррасон шуда бошад ҳам, пажӯҳиши нисбатан пурра вуҷуд надорад. Сабаб, омил ва роҳҳои инъикоси соҳаи маориф дар нашрияҳо тадқиқ нашудаанд. Танҳо дар рисола ва мақолаҳои муҳаққиқи ҷадидияи Осиёи Миёна Нуъмонҷон Ғаффоров ин масъала то андозае, ба таври мухтасар ва умумӣ мавриди назар қарор гирифтааст. Мақолаи «Ду иқдоми начиби рӯзномаи «Бухорои шариф» кӯшишест баҳри ба таври густарда ва аниқ равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур, аз ҷумла, ташаббусҳои неки аҳли нашрия бо мақсади ба роҳ мондани ислоҳоти маорифи кишвар. Бо ин мақсад дар тадқиқоти мазкур мақолаю мактубҳои зиёде, ки ба масъалаи таълиму тарбия, ислоҳоти соҳаи маориф бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Муаллифони «Бухорои шариф» баробари ба миён гузоштани масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маориф, таҳлили барномаю китобҳои дарсӣ, усули таълим, вазъи таълим, вазифаи муаллим ва хонанда, волидони шогирдон ва ғайра бо мақсади ҳалли мушкилоти мазкур бо ду ташаббуси нек баромад карданд, ки дар таърихи илму маорифи халқи тоҷик беназир мебошад. Ҳамчунин, онҳо диққати хонандагони зиёдро, аз зумраи равшанфикрон ва мардумони одӣ, ба масъалаи мазкур ҷалб карда тавонистанд. Ҷамъияти «Нашри маориф» ва сипас, ҷамъияти хайрия ташаббусҳое мебошанд, ки баъди мушоҳидаю омӯзиши соҳаи маорифи

кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла, Русия ва мамлакатҳои Шарқ аз тарафи дастандаркорони рӯзномаи «Бухорои шариф» ва муассисону маорифпарварони дар атрофи нашрия гирдомада ба миён омадааст. Иқдомҳои мазкур ва фаъолияти муассисони он баҳри баланд бардоштани худшиносӣ, танвири афкори мардуми Бухоро ва Туркистон хизмати бузург карданд. Ҳарчанд ин ташаббусҳо мавриди амал қарор нагирифтанд, дар оянда ба бедории шуури мардуми Бухоро таъсири бузург гузоштанд. Тадқиқоти анҷомдода маҳз ба ин масъала бахшида шудааст, аммо ҷанбаҳои омӯхтанашуда ҳоло ҳам мавҷуданд.

Калидвожаҳо: маориф, маорифпарварӣ, ҷамъияти «Нашри маориф», ҷамъияти хайрия, маромнома, низомнома, танвири афкор.

ДВЕ ИНИЦИАТИВЫ ГАЗЕТЫ «БУХОРОИ ШАРИФ»

Хотя исследования в области истории таджикской журналистики и литературной критики были сосредоточены на освещении вопросов образования в первых таджикских публикациях, включая «Бухорои шариф», относительно полных исследований нет. Причины, факторы и способы освещения системы образования в публикациях не изучены. Только в трактатах и статьях современного среднеазиатского исследователя Нумонжона Гаффорова этот вопрос рассматривается в некоторой степени, кратко и в целом. Статья «Две больших инициативы газеты «Бухорои шариф»» является попыткой пролить свет на эту проблему, в том числе на хорошие инициативы сотрудников издания, с целью реформирования системы образования страны. С этой целью в исследовании было рассмотрено много статей и писем об образовании и реформе образования. Наряду с поднятием вопросов реформы образования, анализа учебников и учебных планов, методов обучения, условий обучения, роли учителей и учеников, родителей учеников и т.д. Авторы «Бухорои шариф» выступили с двумя хорошими инициативами для решения этих проблем. Образование таджикского народа уникально. Они также смогли привлечь внимание многих интеллектуалов и простых людей к этому вопросу. Издательский дом «Публикация образования», а затем Благотворительное общество - это инициативы, возникшие после наблюдения и изучения образования в соседних странах, в том числе в России и на Востоке, со стороны основателей газеты «Бухорои шариф», а также основателей и просветителей вокруг публикации. Эти инициативы и деятельность его основателей в значительной степени способствовали развитию самосознания, имиджа народа Бухары и Туркестана. Хотя эти инициативы не были реализованы, они оказали большое влияние на пробуждение народа Бухары в будущем. Исследование посвящено этой проблеме, но есть еще неисследованные аспекты.

Ключевые слова: образование, воспитание, издательство «Образование», благотворительное общество, устав, положение, издание.

TWO GREAT INITIATIVES OF NEWS PAPER «BUKHOROI SHARIF»

Although research in the field of the history of Tajik journalism and literary criticism has focused on the coverage of education in the first Tajik publications, including "Bukhoroi Sharif ", there is no relatively complete research. The reasons, factors and ways of covering the education system in publications have not been studied. Only in the treatises and articles of the modern Central Asian researcher Numonjon Gaforov, this issue is considered to some extent, briefly and in general. The article “Twogreat initiatives of the news paper" Bukhoroi Sharif" is an attempt to shed more light on this issue, including the good initiatives of the publication's staff, in order to reform the country's education system. To this end, the study reviewed many articles and letters on education and education reform. Along with raising issues of education reform, analysis of textbooks and curricula, teaching methods, teaching conditions, the role of teachers and students, parents of students, etc., the authors of "Bukhoroi Sharif " came up with two good initiatives to address these issues. The education of the Tajik people is unique. They were also able to draw the attention of many readers from the intelligent person and the common people to this issue. The Publication of Education Publishing House and then the Charitable Society are initiatives that have emerged after the observation and study of education in neighboring countries, including Russia and the East, by the founders of the "Bukhoroi Sharif "newspaper and the founders and educators around the publication. These initiatives and the activities of its founders have greatly contributed to the development of self-awareness, the image of the people of Bukhara and Turkestan. Although these initiatives did not materialize, they had a profound effect on the awakening of the people of Bukhara in the future. The research is devoted to this issue, but there are still unexplored aspects.

Key words: education, publication of “Education”, publishing house, Charity society, charter, regulations, publication.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдурахимов Бахтиёр*** - Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, декани факултети филологияи тоҷик. **Суроғa:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиева, 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-10-85-85**

Сведения об авторе: ***Абдурахимов Бахтиёр*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, декан факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-10-85-85**

Information about the author: ***Abdurakhimov Bachtiyor*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, Dean of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. E -mail: **vorisonisomoni@mail.ru.** Tel.: **(+992) 904-10-85-85**

УДК 070:061.235

ПРЕССА БЛАГОТВОРИТЕЛЬНЫХ ФОНДОВ РОССИИ КАК СПОСОБ ПРИВЛЕЧЕНИЯ МАССОВОЙ АУДИТОРИИ К СОЦИАЛЬНОЙ ПРОБЛЕМАТИКЕ (на примере информационного портала «Такие дела»)

Дементьева К.В., Мареева И.М.
Национальный исследовательский Мордовский государственный университет им. Н.П. Огарёва

На сегодняшний день благотворительность в России находится на этапе восстановления. Так, в целях повышения осведомленности населения в вопросах филантропии, 2006 год был объявлен в стране годом благотворительности, а 2018 год – годом добровольчества (волонтерской деятельности).

Действие, связанное с благотворительностью, эксперты в области некоммерческих организаций (далее – НКО) обозначают термином «фандрайзинг» (от англ. fundraising – привлечение и сбор средств). Несмотря на буквальный перевод термина, фандрайзинг – это не только «привлечение средств», но и обеспечение благотворительной организации всеми нужными ресурсами. Например, волонтерами или медикаментами.

Благотворительность не может существовать без средств массовой информации. Информирование общества является неотъемлемой частью любой благотворительной деятельности. Поэтому появилось такое явление как «фандрайзинговая журналистика». Данный формат направлен не столько на освещение благотворительных мероприятий или деятельности различных фондов, сколько на прямое социальное участие в решении конкретной проблемы (сбор денег, организационная помощь и др.).

Фандрайзинговая журналистика в России почти не изучена. Исследователи выделяют непосредственно социальную журналистику, не говоря о фандрайзинге, как об особом виде журналистской работы.

Близким к определению фандрайзинговой журналистики является такое понятие, как «журналистика соучастия», изученное И. М. Дзялошинским [4, с. 56]. Согласно его концепции, главной особенностью журналистики соучастия является ее ориентированность на самопрезентацию в качестве площадки для диалога. Второй основной особенностью журналистики соучастия является активное использование таких форм организации информационного потока, как акции и информационные кампании [4, с. 56].

Процессы влияния СМИ на общество, а также возможности социальной журналистики рассмотрены в работах Н. Н. Богомоловой [3], М. А. Бережной [2], И. Г. Катеневой [6]. Исследователь Р. Г. Иванян разрабатывает вопросы взаимосвязи журналистики и социальной работы [5], В. Ю. Малугина занимается вопросами социальности прессы [8]. Степень научной разработанности темы фандрайзинга достаточно низкая. Исследованию фандрайзинга посвящены работы Д. С. Артамонова [1], Т. В. Скрипник [9].

Таким образом, тема благотворительности и социальной журналистики привлекала широкий круг исследователей. Но аспект фандрайзинговой журналистики, рассматриваемый в данной статье, не имеет четко выявляемой академической традиции.

Эмпирическую базу исследования составили материалы интернет-издания «Такие дела» за период с мая 2018 года по апрель 2019 года [10]. Данное издание выбрано для исследования ввиду наибольшего количества в нем фандрайзинговых материалов.

На сегодняшний день в России сформировалось большое благотворительное сообщество, состоящее из различных некоммерческих структур. По данным Росстата [11] на конец 2016 года в России зарегистрировано 91 285 некоммерческих организаций. Из них благотворительных фондов – 7 952.

Современная благотворительность – это специальные фонды, которые представляют известные личности. Среди них знаменитые актеры, бизнесмены, патриарх и даже президент России. Но для формирования позитивного мышления личности необходимо постоянное наличие соответствующей информации о пользе благотворительности, значит «первую скрипку» будут играть средства массовой информации.

В последнее время СМИ все чаще призывают общество к участию в благотворительных акциях, тем самым развенчивая миф о бесполезности небольшой благотворительной помощи. Наряду с этим в СМИ появилось словосочетание «токсичная благотворительность». Под это определение попадают подозрительные и мошеннические сборы денег. То есть журналисты вводят в замешательство аудиторию, призывая в одном материале людей к действиям, а в другом говоря о бесполезности этих действий.

По теме благотворительности в СМИ преобладают событийные инфоповоды. В первую очередь это связано с акцентированием внимания на повседневной жизни фондов, превалировании информационных жанров, нейтральной оценкой фактов, выделении полезности конкретных действий как основной идеи текста. Такая информационная модель явления показывает, что проблематика благотворительности продолжает утверждаться в медиапространстве, укрепляться в общественном сознании.

Современные фандрайзинговые издания можно условно поделить на два типа – издания, направленные на адресную помощь и издания, помогающие непосредственно благотворительным фондам.

К первому типу изданий можно отнести интернет-портал «Милосердие.ru». Он существует с 2004 года и является одним из проектов православной службы помощи «Милосердие». Тематика СМИ ориентирована на социальные проблемы. Основные направления помощи: дети-сироты, старики, больные и инвалиды, дети-инвалиды, зависимые, бездомные, заключенные, добровольцы. Автором «Милосердия» может стать любой желающий освятить ту или иную проблему безвозмездно. Сайт функционирует на благотворительные пожертвования.

Ко второму типу относится электронный журнал о благотворительности «Филантроп» с онлайн-сервисом для сбора частных пожертвований в пользу некоммерческих организаций «Благо.ру». Журнал «Филантроп» работает с 2010 года. Цель – продвижение идей филантропии в России. Издание освещает деятельность 111 благотворительных организаций из 18 регионов страны. Автором текстов также может стать любой желающий. «Филантроп» принадлежит НКО «CAF Россия».

Таким образом, основной тенденцией современной благотворительной журналистики является акцентирование внимания на оказание помощи НКО. СМИ также стимулируют социум к проявлению доверия к благотворительным организациям. Тема благотворительности в СМИ – это, прежде всего, отражение в журналистском тексте социальных проблем и, впоследствии, их решение посредством концентрации внимания читателя на необходимости оказать нуждающемуся помощь.

Также большой вклад в поддержку и развитие общественных, социально значимых и благотворительных инициатив в стране вносит благотворительный фонд «Нужна помощь». На базе фонда в 2015 году был создан информационный портал о благотворительности «Такие дела» [10]. Целью данного проекта является привлечение внимания общества к социальным проблемам. Одна из задач портала – системное решение социальных проблем с помощью поддержки и развития сектора некоммерческих организаций. Инструментом такой поддержки являются текстовые, а также аудио- и видеофайлы. Работа портала финансируется за счет средств фонда – деньги на функционирование сайта можно пожертвовать.

На портале работает 36 человек, а помогают им 757 внештатных авторов из разных регионов России. Все внештатные корреспонденты получают гонорары за статьи. Такое количество «внештатников» связано с большим региональным разнообразием историй. Внештатные авторы могут сами выбирать тему своего материала.

Название портала связано с романом известного американского писателя Курта Воннегута «Бойня № 5, или крестовый поход детей», в котором авторский комментарий «Такие дела» («So it goes») встречается 106 раз. Автор использует фразу по поводу смерти героев в произведении.

На сайте «Таких дел» 21 тема, в каждой из которых размещены материалы, направленные на поддержку различных категорий нуждающихся: инвалиды, бездомные, жертвы насилия, беженцы, страдающие хроническими и неизлечимыми заболеваниями, волонтеры, дети-сироты, зависимые, мигранты, пожилые, нуждающиеся в медицинской помощи, а также направленные на поддержку НКО, образования, помощи животным, психологической, социальной и юридической помощи. Темы определены в четыре категории: «Герои», «Драмы», «Контекст» и «Случаи».

Материалы представлены в 15 разных жанрах: репортажи, фотоистории, расследования, колонки, портреты, интервью, монологи, инструкции, заметки, комментарии, мультимедиа, сюжеты, книги, видео, спецпроекты.

В 2017 году была проведена реорганизация структуры отчетности, поэтому теперь портал «Такие дела» публикует отчеты отдельно от фонда «Нужна помощь». За 2018 год объем полученных средств составил 97 362 587 рублей. В 2017 году было пожертвовано на 83 765 941 рубль меньше.

Согласно представленной на сайте организации статистике, средний размер пожертвования фондам составляет 395 рублей. По информации на май 2019 года, всего на сайте

отмечено 192 272 благотворителя, за все время существования фонда собрано 738 674 665 рублей.

Сбор пожертвований в интернет-издании «Такие дела» происходит с помощью специального блока, который располагается в конце каждой статьи на сайте в графе «Помогаем». Эта графа посвящена проектам, которые создаются для сбора средств на определенные благотворительные фонды. На май 2019 года в графе «Помогаем» числилось 143 проекта.

Каждый отдельный блок в графе «Помогаем» содержит в себе фандрайзинговые журналистские тексты, цель которых – сбор средств для заявленного фонда. Под каждым текстом расположена информация о том, сколько средств уже собрано для фонда и о том, сколько еще нужно денег.

По словам заместителя главного редактора Владимира Шведова, на сайте медиа деньги лучше не собирать, а отправлять аудиторию на страницу сбора. Оформить пожертвование можно с помощью встроенного сервиса CloudPayments или через PayPal. Можно оформить единовременное пожертвование или делать пожертвования регулярно (ежемесячно), не заходя каждый раз на сайт для ввода данных банковской карты.

Для анализа материалов при помощи систематической выборки были отобраны популярные темы. Метод основывается на количестве пожертвовавших и на той сумме, которую они собрали. Также учитывалось количество материалов, написанных в период с мая 2018 года по апрель 2019 года. Это показатель наглядно демонстрирует насколько тема популярна у авторов, так как внештатные авторы издания имеют право выбирать тему на свое усмотрение.

Больше всего благотворителей (58 876) пожертвовали на тему «Медицинская помощь» (313 854 201 руб.). По этой теме на платформе «Такие дела» создано 30 проектов. На втором месте по значимости тема «Хронические и неизлечимые заболевания» – 31 825 человек пожертвовали средства. Им удалось собрать 148 930 761 руб. В этом разделе 24 проекта. Тема «Социальная помощь» занимает третью позицию – 16 710 благотворителей. Они собрали 74 334 863 руб. Запущено 14 проектов.

Для анализа в указанных темах мы подсчитали публикации за исследуемый период в графе «Помогаем». То есть, сколько действующих фандрайзинговых текстов представлено здесь на конец апреля 2019 года.

В графе «Помогаем» среди новых проектов 55, еще в 55 проектах осталось собрать небольшие суммы. На начало мая 2019 года завершены 83 проекта.

Для анализа текстов были использованы три фактора, которые привлекают аудиторию: заголовки, герои и способ призыва к действию. По результатам исследования определятся ключевые особенности фандрайзингового текста.

Рассмотрим подробно каждый из трех факторов:

Заголовочный комплекс. Как утверждает исследователь А. В. Колесниченко: «Функций у заголовка две – информативная и контактная: сообщить, о чем текст, и побудить его прочитать» [7, с. 45].

Подавляющее большинство репортажных заголовков на портале не являются информативными. Жанр позволяет использовать название, не передающее содержание, а лишь намекающее на него. Каждый материал при этом оформлен заголовочным комплексом, куда входит заголовок, лид и фотоиллюстрация. Часто в лиде называются герои и частично описываются проблемы. В совокупности заголовочный комплекс дает примерное представление, о чем пойдет речь в том или ином материале.

Заголовок в комплексе выполняет экспрессивную функцию, побуждая читателя «кликнуть» публикацию. В составлении заголовка активно используются риторические приемы. Так, например, часто используются аллюзии.

Интересным является тип заголовка, который можно назвать диссонансным. Он включается в заголовочный комплекс и диссонирует с другими его элементами, наиболее часто – с иллюстрацией: заголовок «Не обижайся на меня» – и фотография счастливой пожилой пары.

Таким образом, заголовок в фандрайзинговом материале не является информативным, а выполняет экспрессивно-апеллятивную функцию. Для достижения главной цели авторы фандрайзинговых текстов используют различного рода риторические приемы.

Герой. Слоган портала «Такие дела» – «Вернем в журналистику человека». Исследования давно доказали, что огромное значение при восприятии информации имеет сам источник информации. Это явление называют персонификацией. В интернет-СМИ персонификация информации проявляется наиболее ярко, так как одним из главных свойств онлайн-

журналистики является интерактивность, которая построена на диалоговой форме коммуникации журналиста и аудитории, то есть на выражении авторской позиции.

Призыв к действию. «Концовка трендовой статьи делается яркой. Это – третья по важности часть текста после отложенного лида и основного абзаца» [7, с. 148–149]. Концовка-мобилизация – это такая концовка, которая призывает читателя действовать. Она начинается в последних абзацах статей – как правило, с пояснений о работе фонда, о котором идет речь в материале. Далее автор переходит к побудительным конструкциям и даже просьбам, таким как: «пожалуйста, подпишитесь на ежемесячное пожертвование», «давайте поможем». В концовке также могут содержаться предупреждения: «На горячую линию паллиативной помощи каждый месяц звонят не меньше четырехсот человек. Я не хочу вас пугать, но однажды позвоните и вы»; «Если вы оформите даже небольшое, но регулярное пожертвование, вы поможете Детскому хоспису „Дом с маяком" отправить детей в школы. Кроме нас с вами этого не сделает никто».

